# СОРБОН

## КУЛЛИЁТ

ҶИЛДИ

I

ДУШАНБЕ
«ЭҶОД»
2009

ББК 84 тоҷик 7-4
С-75

**Муаллиф аз саҳмгузорони чопи «Куллиёт»
Абдухалил ва Комрон сипосгузор аст.**

Муҳаррир:
***Салими Зарафшонфар***

***Сорбон.*** **Куллиёт.** *Ҷилди I.* — Душанбе: «Эҷод», 2009.
- 488 с.

**ISBN 978-99947-39-83-7**

**© Сорбон, 2009.**

# РОВИИ АМОНДАРА

Қадам ба чордаҳ монда будам, ки бо ӯ дар шаҳри Панҷакент вохӯрдам. Дар як омӯзишгоҳ, дар як донишгоҳ, дар як факулта бо ҳам дарс хондем. Дар шӯъбаи адабию драмавии Кумитаи радио ва телевизион ҳамкор будем. Устодонамон ва дӯстонамон яканд. Беш аз панҷоҳ сол аст, ки аз аҳволи ҳамдигар бохабарем. Рӯзҳои шодиву ғам бо ҳамем. Дар арафаи шастсолагиаш аз рӯйи ихлос ва сидқи бародарӣ чанд байтеро манзум карда будам:

*Сорбоно, корвон манзил ба манзил меравад,*
*Дар раҳи ҳар манзиле як пораи дил меравад.*
*Чун бирафт аз байни мо он Лоиқи хунинҷигар,*
*Зиндагӣ нуре надорад, нури маҳфил меравад.*
*Ғамшарику ғамгусори мо туӣ дар ин ҷаҳон,*
*Душман аз меҳре, ки дорӣ, пой дар гил меравад.*
*Гар надонистанд қадрат нотавонбинони даҳр,*
*Афсару навкар намонад, кулли ҷоҳил меравад.*
*То ту бошӣ ҳамнишину ҳамзамону ҳамсафам,*
*Киштии умрам зи соҳил то ба соҳил меравад.*
*Боз агар рӯзе қазо моро рабуд бо худ, чӣ бок?*
*Бе ту лекин чун тавонам гуфт: маҳмил меравад?!*
*Сорбоно, корвон манзил ба манзил меравад,*
*Дар раҳи ҳар манзиле як пораи дил меравад.*

Аз нахустин чопи ҳикояҳояш то тозатарин навиштаҳояш огоҳам. Аз барораш меболаму аз нобарориҳояш ғамгин мешавам. Вақте ки яке аз ҳикояҳои нахустинаш бо номи «Хокистари ишқ» соли 1966 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» чоп шуд ва адиби номии тоҷик Ҷалол Икромӣ онро дар анҷумани Иттифоқи нависандагон, агар ба истилоҳи дар он солҳо маъмул бигӯйем, ба зери тозиёнаи танқид гирифтанд ва муаллифи ҷавонро ба тарғиби ғояҳои афтодарӯҳӣ, яъсу ноумедӣ муттаҳам намуданд, дар дил эътироз кардам ва онро аз рӯйи инсоф надонистам. Агар ин нависандаи соҳибтаҷриба қаламкаши ҷавонро барои каммаҳоратӣ ва бетаҷрибагиаш дар кори офариниши, аз ҷумла дар норавшании баён ва тасвир дар ҳикояи номбурда эрод мегирифтанд, қабул доштам, аммо он кас аз рӯйи қолабҳои идеологии маъмули он замон мулоҳиза ронданд.

Он солҳо расм шуда буд, ки ҳар адиберо, ки дар наср ва ё дар назм аз худ истиқлол нишон дода, кӯшиши қолабшиканӣ мекард, бо ҳамин гуна «гуноҳҳои кабира» мутаҳҳам менамуданд. Инро

бисёре аз ҳамқаламону ҳамқадамони Сорбон, аз қабили зиндаёд Лоиқ, Бозор Собир, Кӯҳзод, Ғоиб Сафарзода, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон аз сар гузаронидаанд. Ин қаламкашон дар он солҳо аз ин қабил «хатоиҳо ё лағзишҳои идеологӣ» бисёр содир мекарданд. Онҳо, ба таъбири Лоиқ, нияти нав кардани тору пуди назму насри адабиёти муосири тоҷик, ба замона ва суннатҳои асили адабиёти ҳазорсолаи форсии тоҷикию адабиёти умумиҷаҳонӣ ҳамсозу ҳамнаво гардонидани онро доштанд.

❂ ❂ ❂

Аксарияти навиштаҳои Сорбон (зиёда аз 140 ҳикоя, 15 қиссаи хурд, 11 повест, 5 роман, ёдномаву сафарномаҳояш) мустақиман бо зодгоҳаш деҳаи Амондара вобаста мебошанд. Нависанда дар онҳо аз табиати нотакрори ин диёри зебоманзари кӯҳистони тоҷик ва саргузашти ибратомӯзи мардумони сода, вале наҷиби он ривоят мекунад. Ҳакиму Ашӯра («Санги сипар»), Норҷону Кампири Чинӣ («Ҷӯгӣ»), Сабо («Сабо»), Бурҳону Биёдгор (китоби якуми «Зарафшон»), Усто Қодиру Шарифа ва Моҳбӣ (китоби дуюми «Зарафшон»), Миру Гулсимо («Гови Мир»), Саидабону («Табари хунолуд»), Муҳаммадшариф («Осиёи навбат»), Боҷӯрабой («Боҷӯрабой») ва дигарон имрӯз дар радифи чеҳраҳои адабии мондагори адабиёти кунунии тоҷикӣ, монанди Гулбибию Ёдгор, Қорӣ Исмат, Гулнору Ёдгор, Умархон, Холи Ворухӣ, Диломканиз, Муҳаррами Ғарч, Ҳасану Абдулатиф, Усто Оқил, Носир Аббос, Хиромон, Исфандёр, Диловару Даврон, Холдори Чилдурӯғ, Кампири Осуда, Шераки Хол, Бобои Баҳром, Фармони Мурод, Шошо ва дигарон ҷой гирифтанд.

Ӯ ҳар пастиву баландӣ, ҳар кӯҳу пушта, ҳар шебу фарози он, ҳар печу хам, ҳар шаху ҷар, ҳар санг, ҳар ҷӯю ҷӯйча ва ҳар сою сойчаи он, ҳар гулу буттаи он, ҳар ниҳолу дарахти онро медонад. Вай медонад, ки онҳо дар фаслҳои гуногуни сол, ҳатто дар рӯзҳову моҳҳои муайян чӣ рангу бӯйе ба худ мегиранд. Нависандаи номии тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев дар сӯҳбате дар замина гуфта буд, ки «мо то ҳол намедонистем, ки аз навишта бӯйи деҳа, бӯйи гулу гиёҳ, бӯйи бедаву дарав ва хирману дона ояд». «Баҳор.— навиштааст нависанда дар қиссаи хурди «Пули заррин». – Шамол бӯйи сабзаҳои навхези кӯҳсор, бӯйи ҳаловатбахши ҳулбӯйи лаби ҷӯй, бӯйи хоки намнок, бӯйи қоқуйи боғҳо, бӯйи шукуфа ва барги дарахтонро ба машом меовард. Об дар баҳорон одатан лой шавад ҳам, оби сойи деҳа мусаффо буд. Шамол баробари бӯйи хуш овози обро пасту боло меовард, зеру бамҳоро ба ҳам соз оварда якнавохт мекард, шамолхӯракро дар ҳаво бозӣ медошт. Адиру талҳо, ҳамвории доманаи кӯҳи деҳа махмалӣ буд». «Ин деҳа хурд, вале чунон зебост, ки аз он тарафи дарёи Зарафшон нигаред, гумон мекунед, ки гулфурӯше чанд даста гулро даруни сабад гузошта

нигарони харидор аст. – омадааст дар қиссаи дигари адиб бо номи «Буд, набуд»...– Сафедорҳои баланд-баланд ва чормағзҳои парешоншохи азим аз наздик ба гулдастаҳо монанд шудан намехоҳанд. Теппаи Гили Бӯта тарафи шарқии деҳаро печонида ва дар доманаи он каме даст гардонидааст. Гӯё ин даст як умр деҳаро дошта меистода бошад ва дар ҳамон ҷо, ки мисли оринҷак шакл гирифтааст, ду дарахти туғ ва як бурси дерсола ҳаст... Ин бурси дерсола шохҳои сабз ҳам дорад, шохҳои хушк ҳам. Шохи рости теппааш хушки қоқ ва дар кадом фасле, ки дар он паррандае омада шинад, аён мегардад».

Асарҳои нависанда хонандаро бо мавзеъҳои гуногуни Амондара шинос мекунад, аз қабили Сурхнова, адирҳои Сафедхоку Сурххок, Кафтархона, Сойи Калону Боғи Гарон, шаххҳои Шахи Сафед, Шахи Сиёҳ, Гаҳвора, Чукка ва Ҳисор, кӯҳи Яккабурс, ҷари Хокканак, теппаи Шоён, фарози Зонушикан, Алафпая, Дашт, Санглох, Хонақо, Таги Ғор, ғори Кафтор, Камари Дукчӣ, Харсанг, Говхона ва ғ.

Сорбон зодгоҳашро дар ҳолатҳои гуногун: дар хушию хурсандӣ, дар ғаму ғусса, дар мотам, дар мусибат, дар шодию нишот, тӯю сур, дар фоҷиа ва ғ. ба қалам овардааст. Замони инқилоби болшевикӣ, босмачигирӣ, колхозӣ, ҷанги Гермон, ҳаёти осоиштаи баъдиҷангиро тасвир намудааст. Ва бештар аз ҳама дар давраи ҷанг ва баъди он, зеро ин замон ба замони бачагӣ ва навҷавониҳои муаллиф рост омад ва хотираҳои давраи бачагӣ фаромӯшнашавандаанд.

Тасодуфӣ нест, ки нависанда ба саволи адиб ва рӯзноманигори варзидаи тоҷик Фотеҳи Абдулло «Зодгоҳ чист?» ҷавоб гуфтааст, ки «барои он ки ба пурсатон ҷавоб гӯям, ҳама асарҳоямро бояд аз нав баланд-баланд хонам, то шунаванду донанд, ки зодгоҳ маро чист ва онро то куҷо дӯст дорам?»

Манзараҳои Амондара ва тарзи гуфтору рафтори аҳли он қариб дар ҳамаи асарҳои нависанда ҳузур доранд. Меҳри деҳа ва бошандагони он аз овони бачагӣ дар тану ҷони адиб ҷо гирифтааст ё чунонки мегӯянд, ба хун даромадааст.

Ба деҳа, ба зодгоҳ, ба ватани кӯчаки худ дилбастагии зиёд доштани ин ва ё он қаламкаш, дар айни замон Сорбон дар асл бадӣ надорад. Аммо ин падида дар нақди адабии тоҷикӣ дар солҳои 60-70-ум ва каме дертар низ номатлуб шуморида мешуд. Мунаққидони «патриоти» тоҷик шоирону нависандагон, алалхусус ҷавононро бештар ба васфи ватани бузург – Иттиҳоди Шӯравӣ даъват мекарданд. Шояд бар асари ҳамин гуна дастурҳо («установкаҳо») буд, ки дар вақташ баъзе аз роҳбарони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Сорбонро мутаҳҳам бо он карда буданд, ки воқеа ва ҳодисаҳои қариб ҳамаи асарҳои ӯ дар як мавзеъ, дар як минтақа, яъне дар Амондара ва давру бари он мегузаранд ва ин гӯиё боиси маҳдудияти фаъолияти эҷодии вай гардидааст. Онҳо

ба адибони ҷавон рафтан ба сохтмонҳои бузурги асрро, аз қабили Норак барои ҳаётомӯзӣ маслиҳат медоданд ва як-ду нафареро намуна меоварданд, ки рафтанд ва асарҳои замонавӣ офариданд. Ҳатто Лоиқ ва Бозор Собир дар ҷавоб ба чунин даъватҳои беохир ва дилбазан ва гумон меравад то андозае барои бастани даҳони чунин ҷорчиён мутаносибан яке силсилаи «Нуристони Норак»-ро навишт ва дигаре чанд шеъри худро ба корхонаи арзизи шаҳри Турсунзода бахшид. Дар омади гап бояд бигӯем, ки ин асарҳои ба ном «замонавӣ» аз сусттарин навиштаҳои ин ду шоири тавонои тоҷик ба шумор мераванд.

Хушбахтона, Сорбон ба якмизоҷие, ки ба ӯ хос мебошад, мисли пешина дар гирди Амондараи худ ва сокинони он чарх мезаду чарх мезад. Деҳаи хурди Амондара имрӯз ба шарофати истеъдоди худододи фарзанди бузургаш ба ормондеҳ табдил ёфтааст ва рамзи дараи амонӣ, макони муқаддаси одамони наҷиб шудааст. Мисли он ки дар вақташ «канори оби Рукнободу гулгашти Мусалло» ба шарофати Ҳофизи бузургвор, Санкт-Петербург бо ҳиммати Ф. Достоевский, Дон бо иродати М. Шолохов, водии Ҳисор ба туфайли устод Мирзо Турсунзода, деҳи хурди Мазори Шариф бо бузургвории Лоиқ, Сӯфиён тавассути Бозор Собир, Яхч бо шеъри Гулрухсор ва ғ. машҳур шуданд.

Писанддараи Кӯҳзод ва Сармаддеҳи Баҳманёр, ки маҳсули хаёли ин ду адиб аст, низ аз ҳамин қабил деҳаҳои ормонӣ мебошанд. Танҳо фарқ дар он аст, ки агар Сорбон ва адибони дигар деҳу мавзеъҳои воқеиро ба макони ормонӣ табдил дода бошанд, Кӯҳзод ва Баҳманёр баръакс Писанддара ва Сармаддеҳи ормониро макони воқеии қаҳрамонони худ интихоб намудаанд.

Рафтору гуфтори сокинони Амондара барои Сорбон дар тамоми асарҳояш, аз он ҷумла дар он асарҳое ҳам, ки воқеаҳояшон дар дигар макон мегузарад, маҳаки асосии одаму одамгарӣ, ватандӯстию ватандорӣ ва ташхиси маънии зиндагии инсонӣ мебошад. Ӯ қаҳрамони ҳикояву қиссаву повесту романҳояшро аз рӯйи ҳамин меъёрҳо интихоб менамояд ва таҳқиқ мекунад. Ромиз аз романи «Актёр» агарчи дар шаҳри Душанбе кор ва зиндагӣ мекунад, аз табори бошандагони Амондара мебошад. Қаҳрамонони ҳикояи «Пирамард», қиссаҳои хурди «Кабӯтари сафед» ва «Гап дар дил», қиссаи «Занги аввал», романҳои «Зарафшон» ва «Кадевар» низ аз ҳамон тоифа мебошанд.

❁ ❁ ❁

Сорбон вуқӯъгӯй аст, яъне реалист ва асосан чизи дида, دониста ва аз сар гузаронидаашро менависад. Хотираи қавӣ, чашми тезбин ва мушоҳидакор, он чи ки барои нависандаи асил хос аст, дорад. Бисёр шудааст, ки ҳар ду шоҳиди як воқеае будем, вале вақте ки ӯ он ҳодисаро пасон дар мавриде бозгӯйӣ мекард, ба ӯ қоил мешу-

дам. Вай дар навиштаҳояш низ мисли дастгоҳи аккосӣ, пурбини ситорашиносону синамогарон, заррабини зистшиносон рӯйдодҳои зиндагӣ ва одамонро бо тамоми ҷузъиёташ дурусту рост бозтоб медиҳад. Аммо ӯ суратгир, коргардон, ситорашинос ва зистшиноси одӣ нест, он рӯйдодҳо ва шахсиятҳои бисёр ва гуногунро сара мекунад, ба ҳам пайванд медиҳад ва дар ниҳоят аз онҳо як чизи воҳид ва нав меофарад. Вай ровӣ, қаввол, ҳикоягӯйи ҳунарманд буда, дар миёни адибони имрӯзаи тоҷик камназир аст.

Нависанда дар ҳошияи номаи пажӯҳишгари эронӣ Сапедабону ошкор намудааст, ки «тору пуди асар (манзураш китоби якуми романи «Зарафшон» аст – А.С.) аз рӯзгори хонаводагии бобову момо, падару модар ва худи ман фаро омадааст... Ҳама чиз аз они ман аст ва хурдтарин ҳодиса, воқеа, муҳит, расму русум, обу ҳаво, роҳу пайроҳаҳо, гулу гиёҳ, ҷойи исти сангу дарахтон, рӯдхонаҳо; бӯйи гулу шукуфа ва дар кадом фасл чӣ бӯй овардани баргу хазони гиёҳу дарахтон шиносу ошноянд маро». Дар хусуси он ки дар фасли аввали китоби якуми «Зарафшон» дар чеҳраҳои Бурҳон ва зани вай маҳз сурату сирати падару модари хеш – Ҳамроҳи Қодир ва Биёдгорро нигоштааст, муаллиф дар мусоҳиба бо Фотеҳ Абдулло низ ишора намудааст. Ман, ки ифтихори ошноии наздик бо волидайни бузургвори муаллифро доштам ва хушбахтона борҳо аз сӯҳбатҳояшон баҳра бурдаам ва ба Амондара сафарҳо зиёд кардаам, вақте ки он саҳифаҳоро мехонам, пеши назарам он чеҳраҳои азизу он манзараҳои шинос бо тамоми зебоӣ ва барҷастагӣ зинда намудор мешаванд.

Сорбон агарчи таъкид кардааст, ки «ҳама асарҳоям асоси воқеӣ доранд» ва ман ба дурустии ин гуфтаҳои ӯ ҳеҷ шак надорам, ба назари камина беҳтарин навиштаҳои ӯ маҳз ҳамон асарҳое мебошанд, ки нависанда дар онҳо аз хусуси ҳодиса, шахсият ва ҷойҳое ҳикоят мекунад, ки худ шоҳиди бевосита будаасту аз наздик мешинохтааст ва он ҳамаро аз чархи ҳаллоҷии инсонӣ ва ҳунарии худ гузаронидааст. Имтиёзи ҳикояҳои «Хоб», «Сайёд», «Гови Мир», «Халифа», «Одаму Ҳавво», қиссаҳои хурди «Оташбасар» ва «Кушиш», қиссаҳои «Ҷӯгӣ», «Шинел», «Сабо» ва «Чархи эҳтиётӣ», оғози китоби якум ва чаҳор боби аввали китоби дуюми романи «Зарафшон» нисбат ба навиштаҳои дигари ӯ низ дар ҳамин аст. Инро ба таври ғайримустақим худи нависанда низ эътироф кардааст ва гуфтааст: «Аммо гоҳе ки аз диёр дур меравам, таровати гум мешавад, гӯйӣ ғозаву гулгуна мемолам ба рӯйи қаҳрамонони хеш, бетароват, беназокат, бегона метобад».

Сорбон танҳо аз дида, дониста ва мушоҳидаҳои бевоситааш сухан намекунад. Вай аз шунидагиҳо ва хондагиҳояш низ асар офаридааст, аз ҷумла аз он қиссаву ривоят ва достонҳое, ки аз падари бузургвораш ва устоди шикораш эшони Рустамхон шунидааст, аз он чизҳое, ки аз сарчашмаҳо хондааст ва ё аз шоҳидо-

ни он воқеаҳо омӯхтааст, масалан дар ҳикояҳои «Нақши марди ланг», «Осиёи навбат», «Лола» ва «Бораи сагкуш», қиссаҳои хурди «Корвон», «Марди танҳо» ва «Якгӯша», қиссаҳои «Занги аввал» ва «Буд, набуд...», китобҳои якум, дуюм ва сеюми «Зарафшон» («Ниёз-кончӣ», «Шарифа» ва «Туғрал»), «Достони писари Худо» ва «Кадевар» ва ғ. Ин асарҳои муаллиф саҳифа ва фаслу бобҳои ҷолиб ва чеҳраҳои ҳунарии воқеан ҳунармандона офаридашуда бисёр доранд, аммо инсоф он аст, ки ҳанӯз ба дараҷаи амондараномаҳои ӯ нарасидаанд.

Сорбон дар «Лоиқнома» вақте ки дар омади гап аз деҳаи Мазори Шариф, арчазори турбати Хоҷа Муҳаммади Башоро, кӯҳи Чилмеҳроб ва чӣ гуна гузаштани бачагиҳои Лоиқ ёд меоварад, эътироф мекунад, ки: «Ин чизҳоро хубтар аз ҳама бародар Қоришариф медонад: мо шунидаем, ӯ дидааст». Дар воқеъ, ӯ дуруст мегӯяд. Нависанда дидагиҳояшро хубтару беҳтар ба қалам овардааст. Аз миёни адибони машҳури дунё, ки Сорбон ба онҳо эътиқод ва алоқамандии зиёд дорад, И.С. Тургенев низ ҳамин хислатро доштааст ва вай бо ифтихор изҳор медоштааст, ки: «Ман вуқӯъгӯй мебошам... Ман ҳеҷ вақт аз сарам офарида наметавонистам... Ман барои он ки ягон шахси хаёлиро биофарам, бояд шахси зиндаро тасвир намоям, ки бароям хатти роҳнамо хоҳад шуд» («Я реалист... Я никогда не мог творить из головы... Мне для того, чтобы вывести какое-нибудь вымышленное лицо, необходимо избрать живого человека, который служил бы мне ведущей нитью»). Ин нависандаи бузурги рус ба Флобер ва Золя аз ин нигоҳ эрод гирифтааст ва навиштааст, ки «На барои он ки онҳо истеъдод надоштанд,... балки онҳо аз роҳи дуруст намераванд – аз ҳад зиёд мебофанд. Аз адабиёти онҳо бӯйи адабиёт меояд» («И не то чтобы у них не было таланта,... но идут они не по настоящей дороге – и уж очень сильно сочиняют. Литературой воняет от их литературы»).

Адиби номии русӣ Юрий Бондарев, муаллифи романҳои маълуми «Барфи сӯзон» ва «Соҳил» дар хитоб ба хонандагони худ гуфтааст, ки «агар нависанда таҷрибаи зиндагӣ (биография) надошта бошад, ӯ наметавонад, ки онро ба таври сунъӣ бисозад». Ба андешаи ӯ, «санад ва рӯйдод танҳо вақте ба ҳақиқати бадеӣ табдил мешаванд, ки агар онҳоро нависанда аз «ҳаллоҷии» худ гузаронида бошад». Гумон меравад, ки нарасидани маводи кофӣ ва зарурӣ ва алалхусус ҳанӯз ба моли худи муаллиф бадал нагардидани он мавод, ҳазм нашудани он аз тарафи ӯ имкон надодааст, ки дар китобҳои якум ва сеюми романи «Зарафшон» («Ниёз-кончӣ ва «Туғрал») ва «Кадевар» ба ин чиз муваффақ гардад. Ин ҳолат дар романи «Достони писари Худо» низ ба назар мерасад, зеро муаллиф бо вуҷуди он ки аз маводи фаровони илмию адабии ватанию хориҷӣ истифода намудааст ва дар замина таҳқиқи ҷиддӣ ҳам дорад, он маводи фаровонро моли худ карда натавонистааст. Дар ҳаллоҷии он душворӣ кашидааст.

Сорбон дар ҷодаи таҳқиқи маводи нав пайгирона фаъолият дорад ва ба сарҳади камоли маҳорат наздик мебошад. Ҳунари асили нависандагӣ он аст, ки вай ҳам дар тасвири воқеаҳои дида, дониста ва шоҳиди ҳол будааш, ҳам дар шунида, хонда ва омӯхтагиҳояш даст ёбад. Нависандаи бузурги рус Л.Н.Толстой дар оғози повести «Ҳоҷӣ Мурод» навиштааст: «Ва маро як таърихи деринаи қафқозӣ ба ёд расид, ки қисме аз онро ман дидам, қисмеро аз шоҳидон шунидам, қисмеро ба худ тасаввур намудам. Ин таърихе, ки дар хотираам ва тасаввурам танзим шуд, чунин аст». Толстой дар ҳунари нависандагӣ ба ҳадде расида буд, ки барои вай чизҳои шунидагӣ, дидагӣ, хондагӣ ва тасаввуриаш як хел буданд. Феълан Сорбон ба ҳамин марҳалаи мурод дар кори офариниши оҳиста-оҳиста наздик мешавад.

Сорбон бо мурури замон ва баробари дар навиштани навъҳои бузургтари наср малака ва маҳорат пайдо кардан аз маҳдудаи маконӣ ва замонии Амондара берун баромада, назар ба таърихи дуру наздики водии Зарафшон (китобҳои якум ва дуюми «Зарафшон», «Кадевар» (2006), «Туғрал» (2007) ва Тоҷикистони таърихӣ («Достони писари Худо» (2006) кардааст. Муаллиф дар ин асарҳояш ҳамчун муаррих ва муҳаққиқи нуктасанҷ амал карда, аз миёни анбӯҳи ҳодисаву воқеаҳои он давраҳо онҳоеро интихоб намудааст, ки ба биниши ҳунарӣ ва сабки нигорандагиаш мувофиқ ва муносиб мебошанд.

Сорбон дар асоси нақлу ривоятҳо ва ёддоштҳои мухтасар, канда-канда ва маълумоти номукаммал ва пур аз тазоди сарчашмаҳову таҳқиқоти донишмандон ривояти худро дар замина офаридааст. Ба сухани дигар, онҳоро аз ҳаллоҷии тафаккуру эҳсоси худ гузаронида, моли худ кардааст. Аз ин сабаб ҳам Искандари ӯ ба Искандарҳои дигар монанд нест. Искандари ӯ бештар ба Искандари таърихӣ мувофиқат дорад. «Дар адабиёти ҷаҳонӣ, – навиштааст Сорбон, – дар ин мавзӯъ панҷ ҳазор номгӯй асар навишта шудааст. Искандарро аз лашкаркашӣ то пайғамбарӣ ва писари Худо будан кашидаанд. Искандари воқеӣ, заминӣ, мустабид ва хунхорро фаромӯш кардаанд».

Агарчи ҳамаи он чи Искандари нависанда ва қаҳрамонони асарҳои дигари ӯ, монанди Ниёз-кончӣ, Туғрал, Абдулҳамиди Абдухолиқ мегӯянд ва амал мекунанд, дар асл чунин набудааст. Ин қаҳрамонон мисли дигар шахсиятҳои адабии ӯ нусхабадали шабеҳаҳои таърихӣ ва воқеии онҳо нестанд. Онҳо бофтаҳои нависандаи тоҷик ва маҳсули хаёлоти бадеии ӯ низ мебошанд. А.Сайфуллоев яке аз аввалин мунаққидонест, ки романи «Достони писари Худо»-ро муфассал баррасӣ намудааст, дар замина навиштааст, ки шахсиятҳои адабие, мисли Онаниюс, тоҷири отинӣ ва духтари ӯ Тойис, Эрис, Сосони ҷосус, Бижани Бобулӣ, духтари Доро Гулгун, Пирони табиб, моҳигири пир маҳсули тахайюли

адиб мебошанд. Ин гуна қаҳрамонони тахайюлӣ дар романҳои «Зарафшон» ва «Кадевар» низ ҳастанд. Адибони ҳунарманд дар ҳамаи давру замон дар офаридаҳояшон воқеаҳои зиндагиро ба танзим даровардаанд, такмил додаанд, каму зиёд кардаанд ва пасон ба қалам овардаанд. Ва ҳодисаву воқеаҳои зиндагӣ, чеҳраҳои шахсиятҳои воқеӣ зеботару равшантар, гӯётару хонотар намудор шудаанд. Сорбон аз ин қатор истисно нест.

❁ ❁ ❁

Руҷӯъ ба таърих кардани Сорбон идомаи суннати адабиёти кунунии тоҷик мебошад. Ин корро аз ҷумла устод Садриддини Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Ҷумъа Одина, Кӯҳзод ва дигарон карда буданд. Маъмулан онҳо инро дар вақтҳое кардаанд, ки аз тасвири бевоситаи ҳақиқати воқеӣ бар асоси мулоҳизае худдорӣ мекарданд, муҳофизакор буданд, аз баёни ошкоро бим доштанд, меҳаросиданд. Яке аз ангезаҳое, ки Сорбонро ба навиштани романҳои «Кадевар», «Туғрал», «Достони писари Худо» водор намудааст, дар ҳамин мебошад. Саргузашти Искандари Мақдунӣ, Туғрали Аҳрорӣ ва Абдулҳамиди Абдулхолиқ ба ӯ имконият додааст, ки андешаҳояшро дар бораи ҷанги девонавори тоҷикон, табаддулоти болшевикии Бухоро (дар таърих бо номи «инқилоби сурх» ёд мешавад) ва солҳои охирини ҳукмронии ҳизби коммунисти шӯравӣ баён намояд. Таърих барои нависанда воситаи баёни масъалаҳои доғи рӯз гардидааст.

Дар байни асарҳои Сорбон, ки асоси таърихӣ доранд, романи «Достони писари Худо» аз ҳар ҷиҳат фарқ дорад. Агар китобҳои якум ва сеюми романи «Зарафшон» – «Ниёз-кончӣ» ва Туғрал» сирф ба таърихи дуру наздики ватанӣ бахшида шуда бошанд, «Достони писари Худо» ба таърихи дури Юнон ва Тоҷикистони таърихӣ, ба лашкаркашиҳои Искандари Мақдунӣ ба кишварҳои шарқӣ, аз ҷумла ба сарзамини бостонии мо бахшида шудааст. Сорбон, тавре ки худ дар муқаддимаи романаш ёдовар шудааст, заҳмати зиёдеро ба худ раво дидааст ва осори илмӣ, адабии фаровонеро мисли як муҳаққиқи асил омӯхтааст, то чеҳраи воқеии онро дар адабиёти бадеӣ ба вуҷуд биёрад. Адиб эътимод бар он дорад, ки дар тамоми асарҳои адабии то имрӯз дар Шарқу Ғарб таълифгардида чеҳраи воқеии Искандар бозтоб наёфтааст. Дар ин амри савоб, вале бағоят заҳматталаб ва фурсатталаб ба ӯ таҳқиқоти донишмандони таърихшинос ва адабшинос, монанди китоби аллома Бобоҷон Ғафуров ва Сибукидис «Искандари Мақдунӣ ва Шарқ», Шахермайр «Искандари Мақдунӣ», Абулкаломи Озод «Куруши Кабир» ва ғ. ёрӣ расонидаанд. Ва ӯ муваффақ шудааст, ки чеҳраи воқеии Искандарро мушаххас созад.

Низомии Ганҷавӣ ишора ба он намудааст, ки гузаштагони мо ба Искандари Мақдунӣ аз се нигоҳ нигариста буданд:

*Гурӯҳе-ш хонданд соҳибсарир,*
*Вилоятситон, балки офоқгир.*
*Гурӯҳе зи девони дастури ӯ*
*Ба ҳикмат навиштанд маншури ӯ.*
*Гурӯҳе зи покиву динпарварӣ*
*Пазиро шудандаш ба пайғамбарӣ.*

Вале ӯ агарчи ба ҳукми анъана ҳам аз подшоҳӣ, ҳам аз ҳакимӣ ва ҳам аз пайғамбарии Искандар сухан кардааст, диққат ва таваҷҷӯҳи асосиро ба зӯри хирад, ақл, дониш ва маонии қаҳрамонаш равона кардааст. Ойина сохтани Искандар, афсӯс хӯрданаш аз куштани Доро, ҷонибдори дини дуруст буданаш, китобҳои форсӣ, ҳикмати мардумони дунёро гирд овардан, тарҷума кардан ва бурдани онҳо ба Юнон, майл ба шунидани афсонаву ҳикоят доштанаш, дар суроғи оби ҳайвон ба олами зулмот рафтани ӯ, ҷустуҷӯйи шаҳри ободе, ки ҳаргиз намирад дар он ҳеҷ кас, сабақ гирифтанаш аз донишмандон, шунидани хираднномаҳои онҳо, мӯҳтоҷи дониши онҳо буданаш ва ниҳоят расидани вай ба пайғамбарӣ тасдиқ бар он мебошад.

Аммо Низомии Ганҷавӣ, ки ҳадафи аслиаш аз офаридани чеҳраи рӯҳонии Искандар таъкиди ғояи бақои давлат дар дониш ва маърифат буд, ё фаромӯш кардааст ва ё нахостааст, ки аз нигоҳи чаҳорум ҳам, ки гузаштагони мо ба ин шоҳи истилогар намуда буданд, ёд оварад. Онҳо ба ӯ лақаби «Гуҷастак» (лаънатӣ)-ро низ дода буданд барои он ки китоби муқаддаси «Авесто»-ро сӯзонида, хокистарашро ба об партофта буд ва қароргоҳи шоҳони сосонӣ – айвони Мадоинро ба харобазор табдил дода буд. Барои ворисони ориён Искандар набояд чеҳраи дигаре дошта бшад. Агар Сорбон маҳз аз ҳамин нигоҳ ба аъмоли ин шоҳи вайронкору ҷоҳил ва мутаассиб менигарист, асари ӯ аҳамияти бештареро соҳиб мегардид.

❁ ❁ ❁

Бо фосилаи муайяни замонӣ тасвир намудани воқеоти рӯз дар қиссаҳои хурди нависанда «Корвон», «Марди танҳо», «Якгӯша», романи нави ӯ «Росу» низ ба назар мерасад. Бешак, барои ҳазм, таҳлил ва таҳқиқи воқеа ва ҳодисаҳои замони муосир фосила зарур аст, махсусан барои навиштани навъҳои калони насрӣ, монанди повест ва роман. Аммо фосилагириҳои аксарияти нависандагони тоҷик одатан ба даҳсолаҳо тӯл кашидааст. Чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи онҳо аз рост гуфтан ва рост навиштан меҳаросанд, агарчи дилашон мехоҳад, ки ҳақиқатро дар гармогармиаш нависанд. Бо тамсилу рамз ва пардапӯшона сухан гуфтани онҳо низ аз ҳамин ҷо маншаъ мегирад. Аз адибони тоҷик аз ин ҷиҳат устод Лоиқ истисно буд. Вай тамоми гуфтаниҳояшро дар гармогармии ҳодисоти рӯз гуфту рафт. Албатта, дар ин маврид аз табиати хоссаи шеър набояд фаромӯш кард.

❁ ❁ ❁

Кӯшиши дар мавзӯи рӯз асар офаридан ва дар он инъикос додани чеҳраҳои муосирони хеш аз аввал дар эҷодиёти Сорбон вуҷуд дошт. Қиссаи хурди «Гап дар дил», ки дар нахустин маҷмӯаи адиби ҷавон бо ҳамин ном ҷой дошт, «Пиндор», «Кабӯтари сафед», «Хонаи нав», романи аваллинаш «Актёр», ҳикояҳои «Одаму Ҳавво», «Панҷ сол», «Раис», «Чашмони фурӯзони шаб», «Нақши марди ланг», «Нақши рӯйи барф», қиссаи «Чархи эҳтиётӣ» ва ғ. ба истилоҳ, асарҳои замонавии адиб мебошанд.

Диққати ӯро аз мавзӯъҳои муосир баёни қиссаҳои ишқу ошиқии ҷавонон, саргузашти одамони заҳматкаш, аҳли ҳунар ва тоифаҳои дигари ҷомеаи тоҷик ба худ ҷалб намудааст. Ва ӯ дар офаридани чеҳраи муосирони хеш муваффақ шудааст, монанди Мағфирати комбайнрон, раиси колхози «Чорбоғ» Мустафо Ҳасанов, муншии ҳизбӣ Муҳаммадзариф, коргари савдо Истад, ҳунармандон Ромиш, Мулкия, Шакаршо, ҷавонони саодатманд Сомон ва Сайёд ва ғ.

Дар байни асарҳои замонавии Сорбон қиссаи «Чархи эҳтиётӣ» аз ҳар ҷиҳат мақоми хосса дорад. Нависанда таҳқиқи сабабҳои фасод шудани ахлоқи ҷомеаро дар замони шӯравӣ мавзӯи асосии асари хеш қарор додааст ва бо ҳамин ишора ба яке аз сабабҳои асосии фурӯпошии сохти шӯравӣ кардааст. Дар маркази қисса саргузашти як коргари соҳаи савдо Истад, роҳҳои ба зудии зуд аз зинаҳои поёнӣ ба мартабаи болоӣ – раиси савдои ноҳия расиданаш қарор гирифтааст. Ин зани ҷавон аз рӯзҳои аввали ба кор омаданаш аз пайи ба даст овардани дили раиси идорааш мешавад, худро орову торо дода ҳар рӯз бо ҷилваву ишва бо ҳар баҳонае ба назди раисаш медарояд ва оқибат раисашро ба доми худ меафтонад, ки дар занакабозӣ ном бароварда, чанд зердастонашро ба роҳи ҳаром бурда буд ва барои рӯпуш кардани бадахлоқиҳояш санад ҳам сохта буд. Дар натиҷа, тавре ки нависанда гуфтааст: «Чанд муддат гузашт, узви партия гашт, бо кӯмаки раис маълумоти олӣ ҳам гирифт, ҷонишин ҳам шуд» ва вақте ки раисашро ба мансаби баландтаре таъйин карданд, раис ӯро ба ҷойи худ пешбарӣ намуд. Истад агар пештар ба ҷонишини котиби аввали ҳизби ноҳия равуо дошт, ҳоло бо худи котиб алоқа барқарор кард. Ҳар қадр ки дар мансаб боло мерафт ва бо калонони ноҳия робитаҳояш наздиктар мешуд, ба ҳамон андоза ҳирси пул ғундоштанаш бештар мегардид. Вай ба чизе имон надошт, на ба билети партиявӣ ва на ба тӯмори эшони Нур, ба ҷуз пул. Вай имон дошт, ки дар зиндагӣ пул ҳама мушкилро ҳал мекунад, ба воситаи он дили ҳамаро – котиби ҳизбӣ, додситону додгустар, муаллиму духтур, милисаро ба даст метавон овард. Шакаршои рассом, ки дар як мавриде бо Истад шинос шуда буд ва «зиндагии ин тоифаро донистан мехост», пас чанде аз шиносоияш бо Истад ва атрофиёнаш чунин андеша ме-

ронад: «Наход пул касро ин қадар бетамиз, худбину худбовар ва лоқайд гардонад?... Модоме ки ин нерӯ тарбиятгарро аз роҳ баровард, органро харид, сардорро муттаҳам кард, раҳнаморо ба роҳи дигар андохт, чаро қувваи бузург набошад... Зеро ҳама гуна ҷиноятро, ҳама гуна қабоҳатро, разолатро бо ин рақамҳо рӯпӯш кардан имон дорад».

Истад ва ҳаммаслаконаш ҳар қадр ки серпултар мешуданд, ба ҳамон андоза бадахлоқтар, фосиқтар, ноодамтар, бераҳмтар мешуданд. Истад бо бадахлоқиҳояш аз шавҳараш Калонхон, духтарчааш Сунбул ва хешовандонаш батадриҷ дурӣ меҷӯяд. Шавҳар маҷбур мешавад, ки шаробӣ шавад, бемор шавад ва бимирад. Вай парвои чизе ва касе надошт, ба ҷуз он ки чӣ тавр маъшуқи наваш – Шакаршоро пеши худ нигаҳ дорад ва кайфу сафо намояд. Нависанда дар шахси Истад ва Шакаршо тазоди маънавиёт ва моддиётро таъкид намудаст ва беоқибатии моддиётгароиро гӯшзад кардааст. Барои ҳамин ҳам дар ниҳоят Истади пулпараст на танҳо аз шавҳараш, балки аз Шакаршо ва аз ҳама муҳимаш аз хазинаи пулаш, ки дар дохили чархи эҳтиётии мошини газ 24 буд ва ӯ ҳамеша дар ғами ҳифзи он буд, маҳрум мегардад.

Қиссаи «Чархи эҳтиётӣ» бо худро овехтани Калонхон, аз даст рафтани хазинаи пул ва беҳуш шудани Истад, ки «маълум набуд, ки зиндааст ё мурда... чашмонаш чизеро ифода намекарданд» ба охир расидааст. Афсӯс ки Сорбон ҳалли нави низоъро пайдо накардааст. Ҳалли ӯ ҳалли низоъ дар «Марги судхӯр»ҳи устод Садриддин Айниро ба хотир меорад.

Сарфи назар аз ин чунин эҳсос мешавад, ки Сорбон ба инъикоси бевоситаи мавзӯъҳои рӯз ва тасвири чеҳраҳои муосирон камтар таваҷҷӯҳ дорад. Шояд иллаташ боз ҳамон бошад, ки агарчи он ҳодисаҳо дар замони ӯ мегузаранд ва он шахсиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабӣ ҳамдаврононаш мебошанд, ҳанӯз онҳоро аз ҳаллоҷии ҳунариаш нагузаронидааст.

Барои мисол, тамоми чизе, ки ӯ дар романи нахустинаш «Актёр» мегӯяду менависад, воқеият дорад. Аксарияти шахсиятҳои адабие ҳам, ки дар ин роман амал мекунанд, шабеҳаҳои воқеӣ доранд, аз Ромиз қаҳрамони асосии асар, ки шабеҳааш ҳунарманди дар зоти худ якто шодравон Маҳмуди Воҳид буд, то шахсиятҳои дигари он. Сорбон на танҳо Ромиз – Маҳмуди Воҳидро, балки қаҳрамонҳои дигарашро низ аз наздик мешинохт, бо онҳо дӯстӣ дошт, бо ҳам нону намакхӯрда буданд. Бо вуҷуди он тасвири онҳо ва саргузашташон он тароватеро, ки асарҳои дигари нависанда доранд, надорад.

Ба вуҷуд омадани романи тамсилии «Росу» шаҳодат аз он медиҳад, ки ҷустуҷӯйҳои Сорбон дар таҳқиқи замони муосир идома дорад. Ин дафъа ӯ барои тасвири масъалаҳои доғи рӯз на аз таърих, балки аз тамсил истифода кардааст. Гумони яқин он

аст, ки ангезаи ба тамсил рӯ овардани нависанда он шудааст, ки соле чанд пеш аз ин тамоми кӯчаву паскӯча, роҳҳову ҷӯйборҳои шаҳри Душанбе пур аз калламушон буд. Он вақтҳо рӯзномаҳо дар бораи он менавиштанд, ки калламушон дар биноҳои бисёрошёна низ пайдо шудаанд ва гӯё дар баъзе аз ҷойҳо ба тифлони гаҳвора таҳдид намудаанд. Ҳама аз пайи ҷустуҷӯйи роҳҳои наҷот аз ҳамлаи калламушон буданд. Он «мулки ҷангзадаро», ки дар он «навое намонда буд, то мушон ғорат кунанд... Мардум кӯч бастанд аз ин маҳал ё ба мамолики дигар ғарибкорӣ рафтанд» ва он шаҳреро, ки тахту маснади Росу – мири мушон дар «пояи ҳайкале буд, ки дар ҷанги гузашта балвогарон дар гарданаш таноб андохта, кашида, ба хок афкананданд», шаҳре, ки дар он замоне «касе пайдо нашуд, ки мурдаҳои гузаргоҳҳои зерзаминӣ, роҳравҳо ва роҳҳои мошингарди хиёбонро гирад», шаҳре, ки дар ҳама ҷо посҳо гузошта буданду аз ниқобпӯшон пур буд ва ғ. ва ҳ.к., нависанда Сангистон номидааст.

Сорбон бо тамсили ҳамлаи мушон ба мулки ҷангзада ва баёни ғоратгарӣ, қатлу куштор, ҷабру зулми бераҳмонаи онҳо дар ин мулк тамоми он худсариҳо ва қонуншиканиҳо, ғоратгарӣ ва қатлу кушторе, ки замоне дар ҷумҳурӣ аз тарафи силоҳбадастон ва дастаҳои ғоратгар суратгирифта буд, шадидан маҳкум намудааст. Ҳодисаи манфур ва ғайриинсонӣ будани ҷанги бародаркуши солҳои навадумро дар Тоҷикистон таъкид намудааст.

Воқеа дар романи «Росу» бо баёни қатли ом фармудани шаҳрдор мушонро ва гурехтани мири мушон ба канори Сайҳун ва ҳангоми гузаштанаш аз нақби Ганҷ Росуро балъидани мор ба охир расидааст, ки рамзист. Ва маънии онро дорад, ки Тоҷикистон ва миллати тоҷик дар ҳама ҳолат ба ҳамлаи бегонагон зарбаи ҳалокатовар хоҳад дод, чунонки ба «лашкари қатаған» - Росу дод.

Нависанда дар асари наваш, ки бидуни шубҳа аз бозёфтҳои адабӣ дар адабиёти муосири тоҷикӣ мебошад, як силсила чеҳраҳои тамсилӣ ва воқеии тозае офаридааст, монанди Росу, Ҷосу, Раммор, Сепо, Мушгир, Гулоб, Саврӣ, Фолбин ва дигарон. Дар романи тамсилии «Росу» ҳайвонҳо мисли одамон ва одамон мисли ҳайвонҳо сухан мекунанд ва амал менамоянд.

❂ ❂ ❂

Сорбон аз ҳикоянависӣ сар карда, баъд ба повестнависӣ гузаштааст ва сипас романнависиро пеш гирифтааст. Аввал дар ҳикоянависӣ даст рост карда, баъд навиштани қисса – повестро аз худ намудааст ва танҳо пас аз ин романнависиро пеш гирфитааст. Се ҳикояи аввалаш соли 1965 дар маҷаллаи «Тоҷикистон» чоп шуда буд. Ҳикояи «Хоб» дар «Садои Шарқ» нашр гардид. Нахустин китоби нависанда низ маҷмӯаи ҳикояҳояш «Гап дар дил» (1969) буд. Баъдан ҳикояҳои ӯ дар китоби «Занги аввал» (1970),

маҷмӯаҳои «Кабӯтари сафед» (1981), «Аз барфрезӣ то барфхезӣ» (1986) ва «Мағзреза» (2008), ҳикояи «Хӯшаи қисмат» дар китоби дуввуми «Зарафшон» (1996) ба табъ расидаанд. Нависанда 5 сол машқи ҳикоя карда, повести нахустинаш «Занги аввал»-ро соли 1970 навишта буд. Баъд яке аз паси дигаре повестҳои ӯ ба вуҷуд омаданд: «Санги сипар» (1972), «Ҷӯгӣ» (1973), «Буд, набуд» (1975), «Шинел» (1978), «Сабо» (1980), «Қумрӣ» (1986), «Дашти морон» (1987), «Чархи эҳтиётӣ» (1987), қиссаҳои хурди «Пиндор» (1995), «Марди танҳо» (2003). Романи нахустини адиб «Актёр» мебошад, ки соли 1981 таълиф шудааст. Баъд романҳои дигари ӯ «Зарафшон» (китоби якум дар соли 1988, китоби дуюм 1997), «Достони писари Худо» (китоби якум ва дуюм 2000, 2006), «Кадевар» (2006), «Туғрал» (2007) ва «Росу» (2009) ба табъ расиданд.

Ҳамин тавр Сорбон 5 сол машқи ҳикоя, 11 сол машқи повест ва 10 сол машқи роман кардааст. Нависанда дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо агарчи таваҷҷӯҳи бештар ба як навъи адабӣ намудааст, аммо ҳеҷ яке аз онҳоро ба таври доимӣ қатъ накарда, ҳамзамон таълифро дар навъҳои адабии гуногун идома додааст. Ҳоло ӯ дар навиштани ҳикоя ва повест мушкил надорад. Дар онҳо маҳорти комил ҳосил намуда, дар марҳилаи такомули жанри роман қарор дорад.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо вижагиҳои услубии худро дорад. Агар дар марҳилаи аввал, тавре ки худи адиб эътироф дорад, бештар ба зикри ҷузъиёти назаррас, гапҳои кадучадору маънои таҳтонидор диққат дода бошад, дар марҳилаи дувум таваҷҷӯҳи ӯ бештар ба чеҳраҳову шахсиятҳои воқеӣ ва нотакрор ва дар марҳилаи саввум ба ҷанбаи таҳлилӣ, андешаронӣ ва фалсафаи зиндагӣ будааст.

❂ ❂ ❂

Сорбон нисбат ба зиндагӣ ва рисолати адабиёт назари хосси худро дорад. Вай рисолати аслии адабиёти бадеиро дар бозтоби воқеаҳо, ҳодисаҳо, чеҳраҳо – характерҳои нотакрор ва барҷаста дидааст ва дар асарҳояш маҳз дар бораи зиндагӣ ва саргузашти ҳамин гуна одамон сухан ронда, воқеа ва ҳодисаҳоеро ба қалам овардааст, ки фавқулода мебошанд.

Вай фавқулоданавис мебошад, ба воқеа ва ҳодисаҳои муқаррарӣ ва рӯзмарра камтар диққат медиҳад, одинавис намебошад. Эстетикаи ӯ ҳамин тавр аст. Ин чиз қариб дар ҳамаи асарҳои хурду бузурги Сорбон вуҷуд дорад, аммо дар қиссаи «Дашти морон» ба тамомӣ зуҳур намудааст. Қаҳрамонҳои ин асар ҳама фавқулода мебошанд: Сангиной ҷавонзане мебошад, ки ба хотири он ки шавҳари гурезааш – Зукурро пинҳон нигаҳ дорад, худро ба девонагӣ задаст ва ба баҳонаи ҳезумчинӣ дар Дашти морон, ки пур аз мору каждум аст, ба гумони аҳли деҳа, якҷо бо деву париҳояш мегардад. Зукури тарсу аз хизмати аскарӣ дар солҳои

ҷанг ҳангоми ба қатора савор кардани наваскарон «зими сиёҳ» мезанад ва аз хидмати аскарӣ зиндагӣ дар ғорро афзал медонад. Дар ғори Амбал бо гурезаи дигаре, ки дар асар бештар бо номи Ваҳшӣ ёд мешавад, рӯбарӯ мезанад. Ваҳшӣ ҳамоне буд, ки дар ҳамин ғор гурезаи дигар Абдушукур – бобои Зукурро ба сабабе кушта буд. Аз ин ҷиҳат аз пайдо шудани ҷавоне, ки худро дар аввал бо номи Абдушукур муаррифӣ кардан мехост, метарсад ва бо шубҳа менигарад. Ва дар ниҳоят Зукурро низ мекушад, бо фиреб зани ӯ Сангинойро ба ғор меорад ва дар ҳолати беҳушӣ ба вай мерасад. Сангиной аз Ваҳшӣ ҳомиладор мешавад. Нависанда қиссаро низ ба таври фавқулода ба охир расонидааст. Дар Дашти морон Ваҳширо мор мегазад ва ӯ варам мекунад ва мемурад. Сангиной бача меафканад. Ва бо ҳамин муаллиф таъкид карданист, ки гуреза ва ҳар касе, ки бо вай пайванд мегирад, маҳкум ба марг мебошад.

Мавзӯи гуреза дар адабиёти ҷаҳонӣ нав нест. Махсусан ба ин мавзӯъ дар солҳои 60-70-уми асри гузашта нависандагони шӯравӣ таваҷҷӯҳи бештаре зоҳир намуда буданд, монанди Ч.Айтматов, В. Распутин ва дигарон. Гурезаҳои Сорбон аз гурезаҳои адибони дигар бо он фарқ мекунад, ки онҳо инқилоби болшевикӣ ва ҷанги бузурги ватаниро барои худ ва ватанашон бегона мешумориданд ва аз ин сабаб гурезагии худро як навъ эътироз медонистанд. Афсӯс, ки ин мавзӯъ дар асари нависанда инкишоф наёфтааст ва муаллиф ба ҳалли кӯҳнаи ин мавзӯъ қаноат намудааст. Яъне ки гурезагӣ рамзи хиёнат ба ватанро дошт ва гуреза шахси хоин ва мардуд ба шумор мерафт, ки аз ӯ ҳатто падару модар ва хешовандон ҳазар мекарданд. Барои ҳамин ҳам Зукур маҳз аз тарси ғазаби модар ва наздикони дигараш пинҳонӣ ба деҳаашон барои дидани Сангиной меомад ва худро ошкор намесохт. Агар ин ҷиҳати мавзӯъ таҳқиқ мегардид, қимати ин асар бештар мешуд.

Сорбон фоҷианавис мебошад. Ӯ қаҳрамононҳояшро дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ, дар ҳолатҳои фоҷиавӣ месанҷад. Ин ҷиҳати осори ӯро бори нахуст устод Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мақолаи «Тавоноии инсон ё яъсу ноумедӣ?» (1970) кашф карда буданд. Он кас он вақт навишта буданд, ки «Сорбон кӯшиш дорад, ки инсонро дар мушкилтарин лаҳзаҳои зиндагии ӯ тасвир намояд. Вай ба симои шахс дар дами сахтиҳо назар кардан мехоҳад». Қаҳрамонҳои Сорбон соҳиби ахлоқи ҳамида – меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, хоксорӣ, фурӯтанӣ, ватандӯстӣ буда, ҳамеша манфиатҳои умум, халқу ватанро аз манфиатҳои шахсӣ боло мегузоранд. Онҳо қаҳрамонҳои А. Чехов, И. Тургенев, Ф.Достоевский, Ч.Айтматов, Н.Думбадзе, М.Шолохов, Л.Толстой, Р.Ҳамзатов, Авижюс, Ф. Муҳаммадиев ва Лоиқро ба хотир меоранд.

Сорбон фарзанди давру замони худ аст. Дар навиштаҳои ӯ таъсири сиёсати замони шӯравӣ, тафаккури шӯравӣ: партиявият,

реализми сотсиалистӣ, қолабҳои он замон ба назар мерасад. Агарчи Сорбон гуфтааст, ки «он чи мехостам, ҳамон менавиштам» ва «партиявияти адабиёту реализми сусиалистӣ»-ро «риоя намекардам», вале дар асл дар асарҳояш сурхгӯйиҳое аз қабили «барои ватан», «колхоз», мубориза бо фашизм ва босмачиён ҷо доранд.

❂ ❂ ❂

Ҳеҷ як падидаи ба назар намоён дар насри муосири тоҷик дар 50 соли охир бе иштироки Сорбон рух надодааст. Гоҳо дар ин кор ӯ пайрави дигарон будааст, аз ҷумла пайрави Пӯлод Толис ва Фазлиддин Муҳаммадиев ва гоҳи дигар дигаронро аз паси худ бурдааст. Масалан дар тасвири деҳоти тоҷик, замони ҷанг, дар офаридани типҳо ва характерҳои халқӣ, истифодаи забони зиндаи халқӣ ва ғ.

Сорбон нависандаи баркамол аст. Вай нисбат ба худ ва дигарон сахтгир ва серталаб мебошад. Бинобар ин вақте ки Фотеҳ Абдулло аз ӯ пурсон шудааст, ки «Оё дар насри тоҷикии поёни асри бистум осоре ҳастанд, ки гирем бо осори Михаил Шолохов, Чингиз Айтматов ва Маҳмуди Давлатободӣ ҳамоварӣ кунанд?», ба як калима «На!» гуфтааст. Агар аз хоксорӣ ва фурӯтании нависанда бигзарем, баъзе аз навиштаҳои худи Сорбон («Ҷӯгӣ», «Кабутари сафед», «Пирамард», «Хоб», «Кушиш», «Оташбасар», «Гови Мир» ва ғ.) ҳамин гуна арзиш ва ҳақро доранд.

Лоиқ мақоми Сорбон – «нависандаи саркаш ва пурғурур»-ро чунин муайян кардааст: «Ман агар дар шеър як мартабае ёфта бошам, устод Сорбон дар наср... ҷояш мусаллам аст...Сорбон нависандаи воқеан боасолат аст. Ҳар чи медонад, ҳар чи мушоҳида кардааст, ҳар чи ба назари вай мерасад, барои насри бузург истифода мебарад».

❂ ❂ ❂

Сорбон аз танқиди адабӣ ва адабиётшиносӣ норизост ва ҳақ ҳам дорад, зеро дар бораи асарҳои ӯ муҳаққиқон на танҳо кам менависанд, балки бад ва рӯякӣ ҳам менависанд. Ба қавли ӯ, аҳли танқид «нозукиҳои» асарҳои ӯро фаҳм накардаанд. Бинобар ин эълом доштааст, ки «Ман кони кашфношуда ҳастам».

Муаллифи ин сатрҳо даъвои кашфи асрори асарҳои нависанда Сорбонро надорад. Ман фақат чанд мулоҳизаамро ба сифати як мухлис ва хонандаи доимии ӯ ва яке аз «дӯстони ҷамолакиаш» гуфтанӣ шудам. Агар заррае ба он муваффақ гардида бошам, хурсандам.

**Абдунабӣ Сатторзода,**
*профессор*

*Декабри 2009*

## АЗ МУАЛЛИФ

Биное, ки падар дар зодсолам пай афканда буд, дарз овард: хоки таҳкурсии сангӣ мурда, сиёҳи равғанхӯрда гашта буд ва чун рег ночаспон. Сангҳо худ аз худ рехта, тагсинҷро шинонданд ва бинои чӯбкорӣ каҷ шуд. Нав бояд кард. Лек пайи панҷаи падар чӣ шавад? Хеле андешидам ва ба хонаи қабзафурӯмони бо ҳазор орзуву ҳавас сохтаи падар даромада, назар афкандам, ки нуқсе нагирифта; якзайл барҷо буд. Кандакорӣ, нақшу нигор, қабзаи дар болор фурӯмонда, тахтаҳои нақшкандаи ҳошия ва чаҳор дарахти садаи бо ранги сабзу зарду сиёҳ дар чор самт кашида… аҷиб буд. Дасту дил наравад ба хароб карданаш. Чӣ бояд кард, то асари панҷаи падар гум нашавад? Ҳикмати халқ ёд омад: «То хонаи нав насозӣ, кӯҳнаро вайрон макун!»

«Усто, ҳамин нусхаро ба хонаи нав кӯчонидан имкон дорад?!

«Дорад».

Ва кӯчонидем. Вале кандани ҷуфтсинҷу пайвандҳо усторо дар ҳайрат гузошт. Чӣ ҳунармандона ва ҷовидона сохта будаанд. Аммо таҳкурсӣ бақо накард. Сарсинҷҳо ҷуфт буданд ва қуфлу мадангкарда: нӯги синҷҳо суфтаву комаи сӯрох доштанд (чун гӯянд дар ҳунари меъморӣ, надонам) ва аз миёни ҳам гузаронда; мехе надоранд. Устоҳои мо комаи сӯрох бурида, синҷҳо аз ҳам ҷудо карда гирифтанд. Шустанду пиростанд ва дар яке аз хонаҳо часпонданд. Сапеду тоза шуд, вале он пайванде, ки дошт, набуд. Бо гулмех рост шуд ва «Осорхона» ном гирифт.

Монанд ба ҳамин, пиндорам, ки осори то замони дигар кардани хонаи падар навиштаам кӯҳна гашта ва рандаву лос хоҳад. Гуфтаи Балзаки бузург ёдам омад: Ӯ бистарӣ буд ва аз Худованд пурсид, ки панҷ рӯз тани сиҳҳат диҳад, то ҳама навиштаҳо аз назар гузаронад… Розӣ аз Худои бахшояндаи меҳрубон ҳастам. ки тани маро солим дорад ва навиштаҳо аз нав бинам. Соли дуввум ҳаст, ки машғули ин корам ва баргузидаи осор омода ба нашр кардам; заҳмат зиёд буд, вале фараҳбахш. Кӯдакиву баччагӣ зиёд буда. Баъди таҳриру такмил хештанро хубтар дарёфтам, ки дар эҷод ҳамон ки ҳастам, будаам: ҳадаф, назар, сабк, услуб ва забони эҷод якест (аз ҳикояи «Хоб» то романи «Росу»), таҷриба ва ҳунар сахт дигар шудааст. Инчунин бодо! Армуғони ҳафтодсолагии банда Халқу Ватану Миллатро ин аст.

*24.10.09.*

# ПОВЕСТ

# ЗАНГИ АВВАЛ

*Занак ба писар либоси мактабӣ пӯшонд ва рӯ ба рӯяш сари по нишаста, ба оғӯш кашида бӯсиду бархоста «Рафтем, дадаҷон» гуфт.*

*Писарак ҷаҳида аз остона берун баромад ва баргашт:*

*— Китобҳо монд!*

*— Имрӯз бекитоб меравед, бо муаллимҳо ва талабаҳои синфи даҳ шинос мешаветон, – фаҳмонд занак.*

*Писарак завқ бурда хандид ва бо даст даҳонашро дошт, то ҷои дандони ғалтидааш намоён нашавад.*

*— Бибиҷон, гӯед, чӣ хел мешавад?*

*— Равем, худатон мебинед. Сабр кунед, дада, як даста гул гирем, ба муаллиматон медиҳед.*

*Писарак дар дасти росташ гулдаста ва бо дасти чап дасти бибиро дошта мерафт. Зудтар ба мактаб расидан мехост.*

*— Бибиҷон, ҳоло мактаб дур аст?*

*— Не, ҳоо мебинед, баччаҳо рафта истодаанд.*

*Саҳни мактаб хеле хуб оро дода шудааст. Гирдогирд курсӣ гузоштаанд. Дар курсиҳо падару модарон нишастаанд. Онҳо як-як омада баччаҳояшонро ба муаллим нишон диҳанд ва гузашта нишинанд. Дар байн талабаҳои синфи даҳ қатор андар қаторанд. Дар рӯ ба рӯи майдон дар паси мизҳои бо алвон пӯшида муаллимон нишастаанд. Дуртар аз онҳо дастаи навозандагон «Занги аввал» ном мусиқиеро менавозанд. Муаллимон навмактабиёнро як-як ба саф мемонанд, онҳо мисли тойчаҳо нооромaнд. Писарак аз бибиаш дур нашуда буд. Як мухбири радио ба онҳо нигоҳ карда қадаме пеш андохт, боз таҳаммул карда ба мӯйҳои мошубиринҷи занак, ки аз дур кабудча метофт, ба чеҳраи ботаровaт, чашмони ҳаётдидаи ӯ зеҳн монд, пас наздик шуда пурсид:*

*— Шумо модари ин писарча ҳастед?*

*— Модаркалонаш...*

*Мухбир дигар савол надода, гузаро шуд. Ба ҷои мухбир суратгире пайдо шуд ва сурати занаку писаракро гирифт.*

*— Писаратон? – пурсид суратгир.*

*— Набераам...*

*— Шумо дар бораи аввалин бор ба мактаб рафтани худатон ва набераатон ягон чиз гуфта метавонед?*

*— Инҳо хушбахтанд, – гуфт занак ва хомӯш монд.*

*Суратгир аппарати суратгириашро ба гардан овехт ва гуё рамузе гирифта нурсид:*

*— Шумо чӣ?*

## 1

— Ман гӯё дар рӯзи наҳс ба дунё омадаам. Агар маро ягон кас аз ин бахт ҷудо мекард, ман тамоман аз зиндагӣ ҷудо шуда, мисли моҳӣ дар рӯи реги соҳил метапидаму оқибат даҳон мекушодам. Зиндагӣ бо хубиаш ҳам касро менавозаду бо бадиаш ҳам. Бадиаш насиби ман шуд. Мегӯянд, ки зиндагии бад талх аст. Лекин барои ман ширин буд. Зиндагиро аз сар ширин наофаридаанд, балки оқилон онро ширин карданд, талхиашро чашидаанд, лекин гуфтанд «ширин». Бале, зиндагӣ ширин аст. Мисли занбӯри асал аз гулҳои он баҳра бурда, ба мардум асал бояд дод...

Калон мешудам. Падарам ягон бор ҳам намеомад, ҳар вақт «падарам куҷост?» гӯям, «ба шаҳри дур рафтагӣ, зоча меорад» мегуфтанд. Баъд дар тасаввурам зочаҳои зиёдеро меовардаму бозӣ мекардам ва чун аз онҳо нишоне намедидам, аз модарам мепурсидам; боз «сабр бикун» мегуфт ва рӯи гардонида бо гӯшаи рӯймол ашкашро пок мекард. Барои он ки ӯ ором шавад, худро ба гарданаш меовехтам.

«Бибиҷон, гиря накунед, худам рафта падарамро меорам» мегуфтам, вале ӯ хуб аламашро мебаровард, баъд барои дилбардории ман табассум мекард. Вале дили ман ором намегирифт: «чаро падарам намеояд, ӯ дар куҷост, моро партофтааст?» мегуфтам. Ман нигарон будам ва ҳар рӯз назди дарвоза интизорӣ мекашидам.

Дар мактаб дугонаҳоям аз ман мепурсиданд, ки «падарат куҷост?», ҷавоби модарамро мегуфтам: «дар шаҳри дур», вале намедонистам, ки номи он шаҳр чист ва дар куҷост... Оқибат ин сирро аз забони Аҳрор фаҳмидам. Модараш гуфтааст:

«Чанд марди самарқандӣ барои дидани фарзандҳояшон бо роҳи Шаҳрисабз ба Бухоро мераванд. Падари ман ҳам писараш Муродро диданӣ рафтааст. Онҳо дар роҳ ба босмачиҳо дучор омадаанд. Босмачиҳо ҳамаро сар задаанд, вале «усто Сиддиқ боз ба мо дарвозаҳои кӯқандӣ месозад» гӯён падарамро раҳо кардаанд, ки ба Бухоро равад. Нохалафе хабар медиҳад, ки усто Сиддиқ ба аскарони сурх мактуб мебарад. Босмачиён аз паси падарам асп монда ӯро дармеёбанд, аз соқи маҳсияш дастаи пулро мегиранд ва аз байни он мактуберо меёбанд, ки бояд ба аскарони сурх мерасондааст. Аспсавори сиёҳпӯш, ки ду дандони пешаш набудааст, ба як марди қоқинаи сиёҳ имои бурут кардааст. Он мард аз асп пиёда шуда, аз китфи падарам дошта, ба бероҳа тела додааст. Падарам як ба он мард нигариста оҳиста гуфтааст: «ҳамсоя, ба шумо чӣ шуд?» Марди қоқина, ки аз қаъри чашмони фурӯрафтааш хун мерехтааст, табассум карда, ӯро боз тела додааст. Падарам ҳам табассум карда қадам васеъ партофтааст.

Босмачиҳо бероҳа шуда, байни дарахтон рафтаанд ва рӯи сабзаҳои навруста қадам зада, аспҳоро ба алаф гузоштаанд ва Усторо ба танаи дарахте бастаанд.

— Усто, мактубро ба кӣ мебарӣ?

— Ин коғазро ёфтам. Аз рӯи эҳтиёт гирифта мондам.

— Ҳоло намедонӣ?

— Не.

— Ҳмм...

Марди сиёҳпӯш имои бурут кардааст. Чанд нафар даҳ-понздаҳ қадам пушт рафта, саф оростаанд. Дар дасти ҳар кадоме корд. Чашм ба марди сиёҳпӯши аспсавор медӯхтаанд. Ӯ каллаашро бо аломати амр бардоштааст. Аз рост яке кордро пеш ёзонда, дид карда ва даст пушт бурда, якбора ҳаво додааст. Корд ба ресмон расида чанд торашро бурида, ба қафо паридааст. Қафаси синаи ӯ ба пеш дамида баромадааст. Корде бар он задаанд, ки пас нишинад. Аз зарби талвосаи ҷон банд канда шудааст, боз корде расидааст. Падарам чанд қадам пеш монда ду корди сари синаашро бо ду даст дошта баланд фарёд задааст: «Ба дарҳои мадраса нависед, ки амали усто Сиддиқи Зарринқалам!» ва ду кордро ба замин рост карда ба дил афтидааст.

Марди қоқина ба Бухоро рафта, хабари кушта шудани падарамро ба Мурод расондааст. Мурод барои дафни падар ва интиқом гирифтан омадааст. Босмачиён, ки аз мактуб огоҳ будаанд, мавқеи худро дигар кардаанд ва Муродро ҳам дар ҳамон дарахт баста куштаанд.

Рӯзе, ки аз ҳавлии мо ҷуфттобут баровардаанд, ман ба дунё омадаам...»

## 2

Аҳрор аз ман се синф боло буд. Мо доим ҳамроҳ ба мактаб рафта меомадем. Нақли Аҳрор охирин умеди маро барбод дод. Ман дигар падар ва бародарамро интизор намешудам. Бояд андармонии дигаре ёбам.

Аммо чӣ гуна андармонӣ? Ёфта натавониста мисли пардамавҷҳои кӯл сим-сим рӯ-рӯи об ҷило медодаму пинҳон мешудам. Дар хона шишта наметавонистам, дилам буғз мекард, ҳамин ки аз мактаб омадам, як порча нонро мегирифтаму тозон ба кӯча мебаромадам ва ба сӯи мадрасаи Бибихоним мерафтам.

Аз ин рафтори ман касе огоҳ набуд. Мадраса як ҷои хилвате буд. Ба ман мегуфтанд, ки он ҷо даромадан мумкин нест ва агар лозим шавад, аз дари калон бояд кас чек гирифта дарояд. Маро нигоришҳои беҳамтои манори каҷ ва гунбади он ба ҳайрат гузошта буд. Як қисми гунбади мадраса футур рафтааст, вале боду борон ранги ороишҳои онро шуста наметавонад, офтоб ҳам ранги онро намебарад, хиштҳо ҳамчун оинаҳои ранга аз офтоб муҷалло мешаванд...

Ман аввал ҳаросидам, ки даруни мадраса дароям; вақте ки ба назди зинаҳои манора омадам, баданамро ларза гирифт, вале оҳиста-оҳиста кабӯтар барин ром шудам. Мадрасаро гирд гаштам ва бо зинаҳо ба манора баромадам. Аз гурс-гурси пои худам ваҳмам омад. Боло баромадам, ки шаҳрро тамошо кунам. Ҳар вақт ки имконият ёфтам, аз он баландӣ хонаамонро меҷустам, ки чӣ хел менамояд ва аз хонаҳои ҳамсояҳо чӣ фарқе дорад. Вале медидам, ки хонаи мо дар байни биноҳои болохонадор ба назар наменамояд. Пас, фақат як чиз боиси ифтихори ман мешавад, ки пас аз асрҳо дарҳои ин мадрасаро падарам аз нав сохтааст ва ин ҷо аз они мост.

Ман мехостам Аҳрорро ҳамроҳ гирам, то бар ин баландиҳо бароем. Баъд ман аз ин ҷо ба ӯ кабӯтар дошта диҳам, вале аз шарм ӯро даъват накардам. Кабӯтарон гирди сарам ҷамъ омада, «ку-ку-ку» мегуфтанд, шину хез мекарданд, хас оварда, лона месохтанд, ба чӯҷаҳояшон дон медоданд ва парвоз меомӯхтанд. Хурсанд мешудам, ки онҳо аз они мананд ва ҳамин қадар дунёӣ дорам. Ман посбони ин кабӯтаронам, касе ҳақ надорад, ки онҳоро сайд кунад. Боре аз баландӣ дидам, ки Аҳрор аз назди манора мегузарад, фарёд задам: «Аҳрор-акаа!» Вай ба атроф назар кард, соҳиби овозро меҷуст, маро надид.

«— Аҳрор-акааа!» Манора акси садо дод, дилам ба ваҳм омад. Ин дафъа худамро каме намоён кардам ва кабӯтари сафеди наволро партофтам. Кабӯтар пар-пар зада паст фаромад ва ба лаби боме нишаст. Ҳамин дам чашми Аҳрор ба ман афтод ва дастонашро ба лаб бурда гуфт:

— Дар он ҷо чӣ кор мекунӣ?!

— Бозӣӣ! – ҷавоб додам.

— Фуро, зуд фуроо, он ҷо ҷои бозӣ нее!!!

— Не, шумо ин ҷо биёед. Биёед, ман ба шумо кабӯтар дошта медиҳам!.. Зудтар!

— Не, не, худат зуд фуроо!

Садои ӯ базӯр ба гӯшам мерасид. Фаромадам. Ҳамин ки наздик омадам, «чӣ, девона шудӣ магар?» гӯён Аҳрор маро сарзаниш кард.

Ба назарам чуннн расид, ки дар зиндагӣ аз ин ҳолати пасттаре нест. Муборизон барои он хушбахтанд, ки дар роҳи бозхостҳояшон ҷон бохта, ба олам номи нек гузоштаанд. Ман ҳам он вақт ҳис кардам, ки чаро ин қадар афсонаҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Хусраву Ширин» ба кас таъсир мекунанд, чаро ин қадар афсӯс меҳӯрӣ, ки онҳо ба муродашон нарасидаанд...

Аз Аҳрор хафа шуда, чанд рӯз гапназадам. Ӯ ин ҳолати маро пай бурд магар, ки наздам омада гуфт: «кабӯтар дошта диҳам?» Ҷавоб надодам.

— Аз ман хафа шудӣ? – пурсид ӯ. – Агар ин тавр бошад, ҳамроҳат ба он баландӣ мебароям, – боз гуфт ӯ.

Алангае ба дилам расид ва беихтиёр ба лабонам табассум омад: «Меравед?»

— Меравам.

Ман аввал ӯро назди дари мадраса бурдам ва гуфтам: «хон», ӯ «ман арабиро хонда наметавонам» гуфт. «Кори усто Сиддиқи зарринқалам» тез хондам ман. Ӯ ба ман нигоҳ карда монд... Баъд даст ба даст гирифта боло баромадем. Кабӯтарон сурудашонро мехонданд. Ман аз ӯ пурсидам:

— Инҳо чӣ мегӯянд?

— Ман забони мурғонро намедонам.

— Шуморо «хуш омадед» мегӯянд, – шарҳ додам ба ӯ. Ҳар ду болои мадраса баромадем. Аз он ҷо тамоми шаҳр менамуд, чунин гумон мекардам, ки дар чаҳон касе аз мо баландтар набаромадааст. Дар ҳамин баландӣ Аҳрор мӯйҳои маро сила карда сарамро ба сӯяш кашид. Баданам ларзид, баъд тасф баровард. Кабӯтарҳо аз пеши назарам дур шуданд ва ман чашмонамро кушода, ба Аҳрор ҳам нигоҳ накарда, аз манора фаромадам.

— Ист, ист, маро бубахш, ист! Ҳамида, ист!!! – фарёд зад ӯ, вале ман худро даст гирифта натавонистам. Ӯ маро дарёфту аз китфам дошта гуфт: «Маро бубахш, дигар ин хел намекунам, ба модарат нагӯй, дигар ин хел намекунам». Ҷавобе надода рафтам.

## 3

Баҳор омад. Кори боғ баромад. Ман аз мактаб рост ба боғ меомадам, ки ба модарам ёрӣ диҳам. Вай ҳамаи кори боғро саранҷом карда наметавонист. Ман ҳам аз ӯҳдаи токбуриву каланди боғ намебаромадам. Модарам ба сари ҷӯякҳои ток менишасту мегирист, ки ин сабзаҳои дасти падару бародарат аст. Аввалин кори савоби бародарат ҳамин токҳост. Ӯ қаламчаро нигоҳ медошт, падарат об мерехту аз болояш хок мекашид. Имрӯз касе нест, ки онро аз зери хок бардорад, каланду қайчӣ кунад...

Ҳамроҳи модарам токҳоро кушодам. Токи мардум аллакай муғча баста буд, вале токи мо нав рӯи офтобро дид. Модарам хеле парешон шуд, ки ширае токро хок макида бошад, бар намедиҳад. Ман қариб буд гиря кунам. Ба боғи ҳамсоя гузашта аз Муслима пурсидам: «Собир-амак куҷо, токи моро бинанд, кирои меҳнат мекунад ё не?» Ӯ аз байни токҳо сар бардошта омад.

Модарам ибо кард, ки аз ӯ пурсад. Ман пурсидам:

— Амак, токи мо ҳосил мебандад?

Вай гӯё саволи маро намешунид, якзайл ба модарам нигоҳ мекард. Модарам парешон шуд ва ба ҷӯяки дигар гузашт.

— Амак, шираи токи моро хок намакидааст? – боз пурсидам, вале ӯ кар шуда буд. Ду-се қадам монду зери лаб ғур-ғур кард, ки чӣ гуфтанашро нашунидам. Боз пурсидам:

— Мумкин макида бошад? – гуфт базӯр ва ба модарам бадбад нигарист.

Нигоҳаш роҳзан буд. Қаҳрам омада бошад ҳам - лаб газидаму «раҳмат» гуфтам. Пушаймон шудам, ки чаро даъват кардам.

Гапи Собир - амак ба модарам ҳам сахт расид магар, ки:

— Мон гум шавад. Рӯяшро мурдашӯ бинад, – гуфт. – Духтарам, ту ҳамин ҷо шин, ман бозор рафта, ягон мардикор киро мекунам. Ҳар чӣ бодо бод! Ангур надиҳад, сабз мешавад-ку!

— Мардикор бепул меояд?

— Пул. Сабил монад, мо кай аз ишкели пул озод мешуда бошем? – гуфт ӯ. Ман чунин сукут рафтани ӯро надида будам.

Ӯ хомӯш буд ва масъалаи пулро худ ба худ муҳокима кард: «Раваму нафақаи дадешу Муродро пешакӣ гирам, медода бошанд?.. Боз мардум нагӯянд, ки мурдани онҳоро интизор будааст?..»

Дар ҳамин лаҳза ба дили сахти ман аввалин бор раҳм пайдо шуд ва ба хотирам Аҳрор омад, тохта назди модарам рафтам.

— Бибӣ, Аҳрорро рафта гӯям, ки ёрӣ диҳад?

— Не, – базӯр овозаш баромад.

— Бибӣ, вай не намегӯяд...

— Наметавонад, холо кӯдак аст...

Ман дигар сухани модарамро нагардонидам.

Бегоҳии ҳамон рӯз Аҳрорро ёфта, гапамро гуфтам. Ӯ хеле фикр карду гуфт: «Каландро даста созам, пагоҳ меоям, ба модарат нафаҳмон».

...Рӯзи дигар ба модарам «мардикор кофта нагардед» гуфтаму як нони осиёбӣ гирифта ба боғ рафтам. Аҳрор аллакай дар ҷӯякҳои ток мегашт, вале маро дида ба ҷӯя хам хӯрд: ин таъсири ҳамон бозиҳои кӯдакии мо буд, ки «рустшавакон» меномидем, гоҳ-гоҳ аз дур омадани ҳамдигарро дида монем, худро ба хамгаште кашида, якбора «ваҳ» гӯён метарсонидем. Ғайр аз Аҳрор касе бо ман чунин бозӣ намекард.

Ба он ҷое, ки Аҳрор аз назари ман хам хӯрда буд, рафтам, вале ӯ набуд, каме ҳаросидам, ки эҳтимол ба чашмонам сураташ тофта бошад. Пас бинам, токҳои ду ҷӯя каланд кардагӣ. Далертар шуда ба ҷӯяи дигар гузаштам. Аҳрор набуд. Ба ҷӯяи охирин расида будам, ки якбора аз паси кундаи ток «ваҳ!» гӯён худро ба пеши поям андохт. Як ларзидаму табассум кардам ва ба чоки гиребонам «туф-туф»:

— Тарсондед!

Ӯ хандид, вале ҷавобе надод. Хандааш якбора қатъ шуд ва рост ба чашмони ман нигарист. Нигоҳаш таҳдор ва хеле самимӣ буд.

Ман сар ба зер афкандам, пай бурд, ки шарм доштам, худаш ҳам хиҷолат кашида «бубахш» гуфта ба ҷӯяи дигар даромад.

Ҳамон вақт фаҳмидам, ки зиндагӣ бояд аз ҳурмату эҳтиром иборат бошад. Орзу мекардам, ки мардум хеле ором ва бомулоҳиза ба ҳам сухан гӯянд, мағал накунанд, зеро дар хомӯшиву оромӣ маънии гапро кас хубтар мефаҳмад ва ҷавоби мувофиқе ёфта метавонад. Ҳис мекардам, ки дар сукути шабҳо ва субҳдам овози булбулу парандаҳо ва ё суруде ба гӯш хеле форам ва маънодор мерасад ва дар байни суруд овозе ба гӯш расад, ҳаловаташ гум мешавад.

Агар касе «зиндагӣ ба дилам зад, дилам заҳр гирифт» гӯяд, мехостам гӯям, ки ба зиндагӣ дил бандад, зеро зиндагӣ сурудест, ки кас мехоҳад ҳама вақт гӯш кунад... Ҳамин дам табиати кабӯтарон ба ман маъқул омад, ки то чӣ андоза онҳо бегуноҳанд, чӣ садоқате доранд, ҷуфти худро иваз намекунанд. Кабӯтарони худро ёд кардам ва агар онҳо ҳамроҳам мебуданд, аз минқорашон мебӯсидаму ба Аҳрор ҳадя мекардам, ки ба чашмони зебои онҳо нигарад ва албатта саволе ҳам медодам, ки чаро дар афсонаҳо ин қадар аз кабӯтар сухан равад? Ин савол ба дилам монд: нахостам ӯро бо ин хел гапҳо парешон кунам. Ман мехостам мардум танҳо некии зиндагиро пеша кунанд ва мисли кабӯтарон беозор бошанд...

Садои ба санг бархӯрдани каланди Аҳрор хаёли маро парешон кард. Чашмам ба сари девор афтид. Собир-амак моро мепоид. Ҳаяҷонамро фурӯ нишонда, назди Аҳрор рафта, нонро ба рӯи токе мондам ва беихтиёр «шумо» гуфтам. Хостам аз паси ин калима боз лафзҳои дигар пайваста, ба ӯ олами нав кушоям, вале ҳамин дам модарам бо марде аз даричаи боғ даромад. Ба назарам аз рӯи Аҳрор як даста оташ бархост, рӯи ман ҳам лаввас зад. Ба ҳолати нобобе афтидам, ки чаро ба модарам чизе нагуфта ин ҷо омадам. Албатта, ба ҳамин умед омадааст, ки кор кунаду ҳақ гирад. Аз пода пеш чанг карда, ба назди модарам рафта, «чӣ лозим буд? Аҳрор ҳамаашро мекард» гуфтам. Ман гумон кардам, ки ба ин калонгапиам танбеҳ мегирам, ӯ табассум карду гуфт: «Аҳрор ҳоло кӯдак аст, токпилларо наметавонад».

— Монда набош, Аҳрорҷон! – гуфтани модарам андешаи маро бурид.

Аҳрор араќи пешонӣ бо ангушт тоза кард, пас ба модарам нигариста, «раҳмат» гуфт ва бо мардикор вохӯрӣ кард. Модарам ба ман фармуд, ки аз боғхона токбурро биёрам. Оварда ба мардикор дароз кардам, ранги мардак зард буд. Токбурро аз дастам гирифту табассум кард ва хеле паст ба гап даромад: «Ман ток бурида наметавонам, гумон кардам, бехи токро нарм кун мегӯед».

Аҳрор аллакай ҷӯякҳо ва бехи токҳоро нарм карда буд. Ҳам модарам дар хиҷолат монду ҳам мардикор. Чашмҳои ниёзманди мардикор аз ман ҳам зиёдтар модарамро парешон кард. Аз паҳлӯи

ман гузашта, «ноумед нашавед» гӯён назди ӯ рафт ва ба ошхона, ки мардум болору вассаҳояшро бурда буданд, нигариста гуфт:

— Муллоҷон, деворҳои ошхонаро лой зада мепӯшидед.

— Хуб.

Ман ҳамроҳи мардикор ошхонапӯшӣ рафтам. Модарам токбурро гирифта бо Аҳрор ба токпилла даромаданд.

— Болор ҳаст? – пурсид мардикор.

— Не.

— Чӣ катӣ мепӯшем?

Ман «ана ин сафедорҳоро мебурем» гуфтам, вале дилам таҳ нишаст, ки модарам ҳеҷ гоҳ ба буридани ниҳоли сабз розӣ намешавад. Назди модарам рафта пурсидам, ки «чӣ катӣ мепӯшем?» Ба фикр рафту «ноинсофҳо ҳар баҳор ташвиши моро зиёд мекунанд» гуфта, онҳоро, ки болору вассаҳои ошхонаро бурда буданд, дуо кард, баъд ба гӯшаҳои боғ нигариста, «хайр, ҳамту лой зананд, баъд худамон мепӯшем» гуфт.

— Бибӣ, сафедорҳоро бурем-чӣ?

— Не, кӣ гуфт, ки ниҳоли сабзро бур?

— Худатон мегӯед-ку, зарур бошад, раво бошад.

— Бале, зарур бошад, раво бошад. Локин онро бурида якбора ба рӯи девор гузошта намешавад: тар, вазнин.

Мардикор як қадар дур рафту «ман сафедорҳоро бинам-чӣ, коройиаш ҳаст ё не» гуфта боғро давр зад. Ду сафедори кирмғӯҷ ва як сафедори байни девор мондаро, ки ҳам ба боғи мо ва ҳам ба боғи ҳамсоя соя мепартофт, буридан хост.

— Не, муллоҷон, дутоашро бureду ба онаш даст назанед. Шоху танаи ҳаминҳо мерасад, – гуфт модарам, зеро намехост, ки дупула гап садпула ғавғо шавад.

Ман чанд нарди хушрӯйро ҷудо кардам, то барои кабӯтаронам лона созам, вале аз бими гурбаҳо дар куҷо лона сохтанамро надонистам. Мардикор рӯзи дуюм ҳам кор кард, хостам гӯям, ки барои кабӯтаронам лонае созад, вале худдорӣ кардам. Аҳрорро пурсам гуфтам, дилам об нахӯрд, зеро мехостам дар лонаи онҳо осори дастони худам бошад. Ҳарчанд барои кабӯтарон лонаи бодабдаба лозим нест, ман мехостам онҳо ҳам орому осуда, бехавфу ҳарос пару бол зананд.

## 4

Аз манора ҷуфте кабӯтарчӯҷа овардам. Онҳоро ба рӯи хона сар додам. Онҳо мисли ману Аҳрор парвоз наомӯхта буданд. Аз одам рамида гоҳ-гоҳ бол кушода рӯ-рӯи хона мегаштанд. Дону обашон медодам ва даст гирифта кӯдак барин ба синаам пахш мекардаму мебӯсидам. Яке наботранг ва дигаре сафед буд. Наботиаш ба ранги Аҳрор мувофиқ омада буд.

Аҳрорро зуд-зуд дидан мехостам. Аҳрор писари аммаам. Баччаи кобил ва бепадар. Тақдири ӯ бо тақдири ман якест. Бозору рӯзгор ба гарданаш. Баъди дарс ӯро ёфтан мушкил.

Ташвиши зиндагӣ ба сари ман ҳам фаромад. Аввалҳо аз сари зардолупаз донак ҷамъ мекардам, ки зимистон шӯрак карда фурӯшам. Оҳиста-оҳиста ба нонфурӯшӣ гузаштам.

Чӣ бояд кард? Модарам боз бихалифагӣ кунад? Не, ҳаргиз. Ман калон шудаам. Ман бояд хизмат кунам.

Баъзан ангурфурӯшӣ мекунам. Аҳволи маро Аҳрор хуб медонад ва ҳар гоҳ ба ман ёрӣ медиҳад. Ӯ аробаччаи дастӣ дорад. Сабадҳои ангурро бор мекунаду бозор мебарад, ҳамроҳ меистад, сабадҳои холиро бор карда бармегардад. Сари сина ба пеш дамонда аробаччаро тела медиҳад ва ман баробари ӯ қадам мезанам. Ӯ ором меравад. Ман гумон мекунам, ки ё аз зиндагӣ фикр мекунад ё сараш дард дорад. Қариб дар ҳар қадам ба ӯ менигараму сир бой намедиҳам, ӯ ҳам чизе намегӯяд. Гоҳе ки фароз меояд, беихтиёр аз шотуи дастаробаи ӯ медорам, то ёрӣ диҳам, вале Аҳрор розӣ намешавад, пойҳояшро ба замин тир карда тезтар мегардад. Ман гумон мекунам, ки роҳи ману Аҳрор анҷом надорад. Чархҳои аробааш «ғиҷ-ғиҷ» оҳанг мебароранд.

Аҳрор аробаччаро даруни ҳавлӣ даровarda мемонад ва ба «шин-шин»-и модарам нигоҳ накарда, «зудтар ба хона равам» мегӯяд.

Ӯ мераваду аз гулӯи ман чизе намегузарад.

Аҳрор баъд аз модарам каси наздики ман аст, вале ҳамаи гапҳоямро ба ӯ гуфта наметавонам, шояд аз шарм бошад. Аммо гапи бисёр дорам. Охир, мо ду нафар тасаллои ҳамдигар ҳастем. Ӯро намедонам, ман бисёр фикр мекунам. Ҳамин ки рӯ ба рӯ омадам, хомӯш мемонам. Барои чӣ? Намедонам.

Колхоз. Аз ин сухан модарам хеле хурсанд шуд. Вай гумон кард, ки ҳама ташвишҳо аз сари ӯ бардошта шуданд: ҳам ток гӯр кардан, ҳам кушодану токпилла ва ҳам ҳар сол боғхонаи нав пӯшидан. Фақат баҳорон баробари неш задани сабзаҳо ба боғ мекӯчему хазонрез бармегардем. На танҳо модарам, ман ҳам хурсанд шудам, ки Аҳрор ҳам он қадар азоб намекашад. Дар колхоз ҳама ба якдигар ёрӣ мерасонанд, касе танҳоӣ намекашад. «Колхоз ин шумо ҳастед. Заминҳои шумо колхозӣ мешавад, яъне аз они худатон...»

## 5

Баҳор. Модарам мисли навдаҳои дарахтон рӯҳ мегирифт. Рӯзе то аз мактаб баргаштани ман рафта, боғро хабар гирифта омадааст. На гиряаш маълум буд ва на хандааш. «Токҳоро аз хок бароварда, токпилла кардаанд...» гуфту сухан дар даҳонаш фурӯ

монд ва пас аз хеле вақт аз доманаи абрҳои ором чашм канда, «бемардӣ ҳамин-дия!» пичиррос зада ба зинаи айвон нишаст: «Босмачиашро ҳам худо гираду ҷангашро ҳам». Ман дафтарҳоямро, ки бори аввал ҳарфҳои лотинӣ машқ мекардам, ба пеши пои модарам андохтам:

— Бибиҷон, чӣ шуд?

Ба саволам ҷавоб надода сарашро ба банди дилам гузошт ва ба кабӯтарон, ки дар ҳаво парвоз мекарданд, нигарист.

— Бибиҷон, чӣ шуд?

— Сафедорҳоро буридаанд, болорҳои ошхонаро бурдаанд, - оҳиста ҷавоб дод ӯ. – Ошхонаро-ку, колхоз мепӯшад, товони сафедорҳоро аз кӣ мегирем....

Модарам ба хавозаи ҳавлӣ нигоҳ карду «вақти боғкӯчӣ шудааст» гуфт. Ман медонистам, ток, ки муғҷа баст, модарам тараддуди кӯчидан мекард.....

Аҳрор хараробаеро киро карда омад, кӯчро бор кардем. Модарам ба Аҳрор фармуд: «Аҳрорҷон, ту аробаро бо роҳи калон бар, мо боғҳоро гузашта, боғхонаро тоза карда меистем...»

Ҷуфти кабӯтар болои сари Аҳрор гирд гаштанду ба сари дасти ман нишастанд. Модарам нигоҳ карда чизе фармуданӣ буд, вале кабӯтарҳоро дида хомӯш монд. Пас оҳиста рӯй гардонда «сабадро гир, меравем» гуфт. Хам шудам, ки сабадро гирам, кабӯтарҳо баробар парвоз карданд. Хостам онҳоро дошта ба сабад андозам, вале лаби бом нишаста гирди ҳам гашта ҳув-ҳув мегуфтанд.

Ҳарчанд «беҳ-беҳ» гуфтам, дон пошидам, нафаромаданд. Сабадро монда, ба бом баромадам, онҳо парида ба хавоза нишастанд. Кабӯтарони ман ҳеҷ гоҳ суханамро накушта буданд.

— Хайр, биё, баъд омада мебарӣ, – гуфт модарам. Мо аз дар баромадем, кабӯтарҳо баланд парвоз карданд. Ман раҳораҳ аз онҳо чашм намекандам...

Мехостам ҳамроҳи Аҳрор равам, қадамзании ӯро бинам, дар роҳ хомӯш, боандеша рафтани ӯ ба ман маъқул буд. Ман медонистам, ки модарам китобҳои қадимаро хонда, «баду нек»-ро фаҳмидааст, барои ҳамин бисёр ба андеша меравад, вале сабаби андешамандии Аҳрорро пай бурда наметавонистам. Гумон мекардам, ки ӯ дар бораи ман фикр мекунад, барои ҳамин, вақте ки ҳамроҳаш меравам, ором мегардад. Магар таъсири сағирагист? Агар ин тавр бошад, ман ҳам бояд ором бошам. Баракс маро «оташ» ё «офат» меноманд. Сухани мардум маро бардор медиҳад. Панҷаҳоям худ аз худ гиреҳ мешаванд. Дари боғ. Модарам миллаашро ба пеш кашида аз нӯги он калидро гирифт, то қуфлро кушояд. Чашми ман ба сӯрохии болои дар афтод: касе чашм монда ба мо менигарист. Оҳиста модарамро ниқӣ кардам. Дастони ӯ ларзиданд, аз қуфл калидро пас гирифт ва як қадам ақиб монд. Чашм аз сӯрохӣ дур шуд. Ман рафта нигоҳ кардам, ба чашмам офтоб расид...

— Касе нест, – гуфтам ба модарам.

— Замона ганда, ягон гуреза дар боғхона паноҳ бурдагист, – гуфт ӯ. Дуртар рафта истодем, то Аҳрор биёяд...

Аҳрору аробакаш омаданд. Аз дарун садои ханда омад. Аҳрор ҷаста сари девор баромад. Боз садои ханда баланд шуд.

— Ҳа, Собир-амак, чаро механдед? – гуфт Аҳрор.

— Чӣ хел нахандам, гӯлакҳо?..

Бадани маро вараҷа гирифт. Собир ба назарам каси ба рӯй пӯстаккашида намуд ва аз пештара ҳам шумтар тофт.

Модарам Аҳрору аробакашро пушт карда, қуфли дарро кушод. Кӯчро аз ароба фаровардани будем, ки Собир-амак ба дар наздик омада гуфт:

— Ба шумо бе ҳазлу бозӣ мегӯям, ки акнун ба ин боғ ҳақ надоред.

— Чаро? – пурсид модарам.

— Колхозӣ шуд.

— Колхозӣ? Мо ҳам колхоз-ку!

— Шумо ҳам колхозу ба ман гуфтанд, ки бригадири ин ҷо ту, ба ҳамаи ҳамин боғҳо боғбон ҳам мешавад.

— Калони ин ҷо кӣ, наздаш равам?

— Акетон, – нарангушт ба сари сина расонида гуфт Собир.

Ман ба рӯи модарам нигоҳ карда натавонистам. Гумон кардам, ки ҳозир модарам «ман дар ин роҳ шавҳар ва фарзандамро қурбон кардам, боз инаш чӣ?» гуфта, ба сари Собир-амак дод мебардорад, вале ӯ сукут варзид ва якбора пас гашт

Модарам бори дигар ба зулфини дар нигарист. Аҳрор модарамро тасаллӣ доданӣ шуд. Модарам хост чизе гӯяд, вале Собир-амак Аҳрорро ҷеғ зад.

— Ука, пагоҳ ба идораи колхоз биё, як гапи муҳим ҳаст.

Мо аробаро пас гардонидем.

## 6

Фардо Аҳрор ба идораи колхоз рафт. Ӯро хату савод дорӣ гуфта, табелчии бригада таъйин карданд. Ман дар бригадаи онҳо ба кор даромадам...

Мавсими ангурчинӣ ҳам фаро расид.

Мо ба сабаддастаҳо ангур чида, сари дегҳои қатор мебурдем, ба оби ҷӯш мезадем ва то пӯла шудани донаҳои аввал медоштем, баъд бурда ба мавизҷо мерехтем.

Ман доим ҳамроҳи апаи Гулсум мегаштам. Ӯ ба ман бисёр нигоҳ мекард, чеҳрааш маҳзун, вале чизе намегуфт. Навбат ба боғи мо расид. Ман намехостам ангури ин боғро чинам. Ба ҷояш мавизак шавад, лекин наканам, мегуфтам. Нигоҳ мекардам, ки дигарон бепарво, тарс-тарс бо кордчаву дукорда думчаи сарҳои

ангурро мебуриданд, ман наметавонистам. Аз рахна ба боғи бригадир Собир-амак даромадам ва дар як лаҳза сабад пур шуд. Сабадро бурда ба сари дег мондаму як сабади холиро гирифта омада боз ба боғи ӯ даромадам. Гулсум ва чанд нафари дигар ҳам гузаштанд.

Як вақт аз таги шипанг овози Собир-амак баромад;

— Ӯ, лаънатӣ, баро аз ин ҷо!

Баъд овози Гулсумро шунидам, ки гуфт:

— Худо ту босмачии қоқро гирад!

Собир-амак омада маро тела доду фарёд зад:

— Ин боғи колхоз не, боғи ман! Дафъ шав аз ин ҷо!

Дандонҳоям газ-газ шуданд. Корд дар дастам меларзид.

— Босмачӣ, ба вай нарас! Падару бародарашро куштанат бас набуд, ки боз ӯро дашном медиҳӣ?! – бонг зад Гулсум. Собир-амак як қад парид ва хост мисли бабр худро ба сӯи Гулсум андозад, вале ман ба ӯ дарафтидам. Ӯ маро ба зарб тела дод. Байни ҷӯя ғелида рафтам. Дигар худро дошта натавонистам. Хестаму ба ӯ дарафтодам... Собир-амак «воҳ» гуфта ба замин афтид. Гулсум маро дошта: «Чӣ кор кардӣ? – гуфт.

Аҳрор давида ба назди мо омад.

Акнун ба сари ман таъна меборид: «Шуми сархӯр, ба сари худаш ҳам об рехт».

Баъд аз чанд рӯз маро бурданд. Ба хонаи пасту торике бурданд. Аввал Аҳрорро дидам. Ба назарам ба рӯи ман нигоҳ мекард. Дар паҳлӯи ӯ Гулсум менишаст: ду чашмашро аз ман намеканд. Ба дилам мадор омад. Гулсум оҳиста мижгон ба ҳам зад. Ба дилам шамъе гузошт, хонаи торик ҳам васеу равшан шуд. Ба гӯшаи чашм ба Аҳрор нигоҳ кардам: сар ба зер андохта буд. Шояд аз рафтори ман ор мекард ва ё фикр мекард, ки чӣ гӯяду чӣ кунад. Аз як тараф – вазифа, аз тарафи дигар - ман. Ман ӯро бетараф медонам. Вале дигарон чӣ? Онҳо ба ман бегонаанд. Бори аввал мебинам. Зиндагӣ ҳамин будааст. Рӯзи тӯят ва рӯзи азоят мардум ҷамъ мешаванд.

Аз нав хона торик шуд. Мисли субҳи козиб чашмро фиреб медод. Аз ваҳм ба боло нигаристам, нигоҳам ба сақфи пасте бархӯрд. Чашмонам сиёҳӣ зад. Баъд ба гӯшам саволу ҷавоби одамон даромад. Ҳамаи савол ба Гулсум буд. Ҷавоби ӯ канда-канда ба гӯшам мерасид.

— Не... Нодуруст... Ин ҳеҷ гуноҳ надорад. Агар....

— Ба ин даъвои шумо далеле нест! – овози дағале буд.

— Далелу шоҳид лозим бошад, ёфт мешавад, – овози Гулсум буд.

— Лозим!

— Зани Собир!

— Чӣ?

— Зани худашро даъват кунем?...

— Бале!...

Зани Собир-амак аз дар даромад. Ба фаранҷӣ печида буд. Якбора чашмбандро гирифт. Нигоҳаш ба ман афтид. Рафтори ин зан ғайрати аввалаи маро боз овард. Аз байн модарамро ҷустам. Нанамуд.

Қувваи ноаёне маро бардошт. Беихтиёр бархостам. Ба назарам чунин намуд, ки ангуштони зани Собир-амак чангак мешуданд ва ҳамин дам мӯи маро ғоз-ғоз мекарданд.

«Не, набояд паст оям. Хуни падарам...» аз дил гузаронидам.

Дилам танг шуд. Ба назарам, ки ҳозир чизе таркида, деворҳои хонаро пош медиҳад...

Зани Собир-амак якбора фарёд зад:

— Рост, ҳамааш рост!

Дилам ду-се бор сахт-сахт заду баъд мунтазам шуд. Аҳрор аз китфам дошта, ба ҷоям шинонд.

Марди малламӯй, ки як-як аз ҳама гап мегирифт, ба дарбони милтиқдор ишорае кард. Посбон Собир-амаки гарданбастаро пешандоз карда омад.

Гулсум ларзида рафт. Зани Собир-амак бо ду даст рӯяшро пӯшид. Собир-амак гӯё ки латтаи гарданаш гулӯи ӯро хафа мекарда бошад, каме даҳонашро кушода меистод ва дандонҳои тиллои пешаш менамуд. Чашмони барҷастааш фурӯ рафта буданд.

Собир-амак на ба занаш, на ба Гулсум ва на ба ҳайати суд нигоҳ намекард, фақат чашмаш ба ман тир шуда буд. Ба назарам чашмони ӯ ба ҳолати пешина омада, аз косахонааш барҷастанд, гӯё ёзида, ба ҷониби ман меомаданд. Ман ларзида рафтам. Гулсум банди дасти маро дошта фишурд, то қарор истам.

Раиси суд ҳам, аз афт, ин ҳолатро мушоҳида мекард, ки хеле ором истод ва баъди он ки авзои ҳамаро зери чашм кард, ба Собир-амак савол дод.

— Ҳамин духтар шуморо зад?

— Ҳаа, – базӯр овоз баровард Собир-амак.

— Барои чӣ?

— Бе сабааб.

— Ҳамида Сиддиқова, шумо барои чӣ ӯро задед?

— Маро ҳақорат кард. Тела дод. Баъд падару бародарамро...

Ман давоми гапамро гуфта натавонистам ва гиря гулӯямро баст. «Ором шавед» гуфтани раиси суд ба гӯшам расид ва баргашта, ба ӯ нигоҳ кардам. Ба коғаз чизеро навишт ва пошнаи қаламро ба рӯи миз зада гуфт:

— Боғи шумо аз дигар боғҳо чӣ фарқ дошт?

— Фарқ надошт. Боғи ман ҳам колхозӣ шудагӣ. Ман гумон кардам, ки ангураш истад, якта-нимта меҳмонҳо оянд, чашида раванд, – ҷавоб дод Собир-амак.

— Ҳм – маънодор мад кашид раиси суд ва тамоман аз бом тароша афтидагӣ барин чизи дигарро пурсид: – Вақте ки шумо бо босмачиҳо будед, занатон дар куҷо буд?

— Дар хона... лекин ман босмачӣ набудам.

— Аз шумо пештар занатон иқрор кард.

Собир ба ҷониби занаш теғ кашида нигоҳ кард: занак бо кафи дастон чашмашро пӯшид.

— Ӯ дурӯғ мегӯяд.

Занак аз шиддати аввала, ки аз дар даромада чашмбандро бардошта буд, фаромада дар назди шавҳар гунаҳгор меистод.

— Шумо дурӯғ мегӯед? – раиси суд пурсид аз занак. «Не» сар ҷунбонд ӯ ва даст аз рӯй гирифт.

Ман аз ҷасорати ин зан дар ҳайрат шудам ва ба ӯ нигарон мондам.

## 7

Ман «об ба лаби ҷӯй баробар гашт» пиндошта, боз бепарво шудам. Мактабхониро давом додам, то синфи ҳафтумро тамом бикунам.

Аз дарс баромада, хаёлӣ мерафтам, ки аз пас садое омад:

— Ҷавонмарг, чӣ кор кардӣ?! – баргашта нигоҳ кардам, тағоям. Хирссурат ба сӯям ғуррон меомад. Чашмонаш оташи ғазаб мепошид.

— Чӣ кор кардӣ?! – дандон гиз карда, мушт ларзонда, фарёд зад ӯ.

Ман аз тарс не, балки аз алам гардани худро сангпуштона дарун кашидам.

— Ба ту, сиёҳмилла, ҳеҷ гап не, лекин ба ман, ба Аҳрор...– гуфту гузаро шуда рафт. Аз пасаш нигоҳ ҳам накардам. «Чаро ба он кас, чаро ба Аҳрор? Онҳо чӣ гуноҳ карданд? Туро дар солу моҳ мебинам. Аҳрор баъд аз воқеа омада буд. Чаро ба ман ҳеҷ гап нею ба онҳо? Не... Ман ҳастам, онҳо ҷавобгар намешаванд»...

Сари роҳ ба манора баромадам, ки ба селаи кабӯтаронам суруди хайрбод хонаму аз минқорҳои гулобии чӯҷаҳояшон, аз чашмони сиёҳи тифлонаашон бибӯсам ва баъд...

Баромадам. Кабӯтарон ҷои нишаст наёфта парвоз мекарданд, баъд як чӯҷаи сиёҳ ба китфам нишаст. Манора «ҳув-ҳув-ҳув» садо дод... Дилам ваҳм кард. Тап-тапи болҳои кабӯтарон маро боз ба ҳуш овард. Ман дар нӯги манора будам. Гӯшаи рӯймол ва бари доманамро шамол мебурд. Чашмам ба зер афтид.

— Ҳамидаа.. фаро... фаро!!!

Кӣ буд, нашинохтам.

* * *

— Чаро нафаромадӣ... чаро... Ҳамида... Ҳамидаҷон!

— Росташро гӯед, барои ман шуда шумову тағоямро азоб медиҳанд?

— Хабар надорам. Кӣ гуфт?

— Тағоям.

— Бовар накун, дурӯғ. Аз ман касе...

— Бовар намекунам, – сухани ӯро бурида сар ба китфаш гузоштам. Нафасаш якбора қатъ шуд. Пас аз чанд сония нафаси дароз кашид ва кокули маро ба гарданаш ҳалқа гардонду рӯямро сила карда гуфт:

— Зебо шудаӣ.

Худро ба нодонӣ андохта чизи дигар гуфтам:

— Одам мурад, дар ҳамин хел баландӣ мурад.

— Баландӣ ҷои мурдан не, ҷои зистан аст, – гуфт ӯ ва сари маро аз китфаш ба сари синааш гузошт. Гӯё ӯ суруди дӯстдоштаи маро хонду аз ҳаловат ҳар ду сукут кардем.

Ба назарам тапиши дилам манораро меларзонд.

## 8

Аз дарвоза надаромада як паға пари наботранг аз болои девор гузашту ба мижгонам нишаст. Гирифта нигоҳ кардам ва байни лабонам гузошта, аз дар даромадам. Қариб рӯи ҳавлиро пари кабӯтар гирифта буд. Онҳо ғози мизон барин пасту баланд мешуданд, ба деворҳо расида пушт мегузаштанд. Рӯи баргҳои воиш меҷунбиданд. Кабӯтари сафед беист болои сар давр мезад. Шамоли тези болҳояш парҳоро парешон мекард.

Кабӯтар ниҳоят тез парвоз мекарду ба ҷое наменишаст. «Ин чӣ гап?» Ҳайрон шуда парҳои парешонро аз ҳаво доштан гирифтам. Ба шамоли дастам парҳо аз ман дур мешуданд. Дар атрофи кундаи ток пари зиёд ва ду панҷаи сурхи кабӯтарро дидам.

Аз сари девор гурбае ба ман бо ғазаб нигоҳ мекарду забон бароварда, лабонашро мелесид...

Кабӯтари сафед хам хӯрда маро шамол доду баланд шуда рафт. Аз назар дур шуд. Дар ҳаво гоҳ-гоҳ оинача барин менамуд. Боз ғайб мезад. Ман гумон кардам, ки инаш ҳам рафт: «Чаро кабӯтари маро неву кабӯтари Аҳрорро хӯрд? Охир, ман Наботро бештар дӯст медоштам».

Модарам аз дар баромада ҳоли маро дид ва ба насиҳат даромад:

— Духтарам, он тарафаш як мушт пар. Худатро обу адо накун.

Гарчӣ Набот барои ман як мушт пар набуд, ба модарам чизе нагуфта ба хона даромадам. Дилам месӯхт.

Чашмамро нимбоз карда, аз тиреза нигаристам, ҳоло торик буд, вале аз паси тиреза пичир-пичири марду зане ба гӯш расид. Овози занро шинохтам: модарам. Вале овози мардро нашинохтам.

— Аз ҳамин рӯз сар карда, духтарро ба мактаб намемонӣ, – шунида мешуд овози мард.

Ман ҷавоби модарамро нашунида, ҷаста аз ҷо хестам ва дурусттар нигоҳ карда тағоямро дидам. Ҳангам канд. Ӯ дастак зада ба модарам гапашро маъқул карданӣ мешуд.

— Намемонӣ, вассалом!

— Агар бародари ман бошед, ин хел нагӯед.

Ӯ бояд хонад.

— Худат хонда, чӣ шудӣ? Аҳволата бин...

Модарам хомӯш истод ва «худаш медонад» гуфту хона даромад ва маро дида, ҳангаш канд:

— Ааа... Шунидӣ?

— Не... – сар ҷунбонидам.

— Хафа нашав...

— Бибиҷон, шумо ҳам хафа нашавед...

Тағоям даромад:

— Ин сиёҳмилла шарманда аст, дигар мактаб хонданаш мумкин не... – шиддат карда гуфт ӯ ва аз дар баромад.

Рӯзи дигар ду мардро «меҳмон» гуфта овард. Яктааш ба тағоям монанд: торҳои дарози абрувонаш бар чашмони фурӯрафтааш лапар буданд. Дигаре марди кӯсаи сурхпӯсте буд. Қади ҳарду қариб баробар, миёнашон бо чанд фӯта бастагӣ.

— Аз Ҷонбой, – берун баромада, ба модарам фаҳмонд тағоям, баъд оҳиста ба гӯши ӯ чизе гуфт. Модарам ба маънии «не» сар ҷунбонд.

Ман давоми сухани тағоямро нашунида, бошаст сӯи дар рафтам, ки меҳмонҳоро пеш кунам, тағоям санҷоб барин ҷаста аз банди дастам дошт.

— Сиёҳмилла, боз ин чӣ намға?!

Бо ғазаб ба ӯ нигаристам.

— Ҷавон мурӣ, ин хел нигоҳ накун. Ман ба ҳукми падарат.

— Ҳукми падарам...

Модарам аз дастам дошта таки дарвозахона бурд ва оҳиста ба гӯшам хонд:

— Хафа нашав, омадаанд, ба пои худ мераванд.

Модарам назди «меҳмонҳо» дастархон ҳам накушод. Аз мактаб баргаштам, дар таги дарвозахона тағоямро дидам, ӯ ба дафтарҳоям бад-бад нигоҳ карда «ман чӣ гуфта будам?!» дӯғ зад ва тез қадам монда ба хона даромад.

— Агар хоҳӣ, ки бародарат бошам...

Чунин суханони ӯро шунидам ва дар пӯшида шуд. Аз тиреза ҳардушон намоён буданд. Тағоям чизе мегуфту гарданашро дароз

мекард, модарам бо аломати «не» сар меҷунбонду ба девор такя мезад.

Тағоям рафт. Модарам наздам омада гирист ва гуфтаҳои тағоямро фаҳмонд, ки кор аз нав ба суд афтидааст, ягона роҳи халосиаш чунин: ман бояд ба раиси колхози «Наврӯз» расам будааст.

Ман чизе гуфта натавонистам, фақат ба Аҳрор майл доштанамро фаҳмониданӣ шудам:

— Аҳрор ҳам суд мешавад?

Модарам мақсадамро фаҳмида гуфт:

— Аҳрор писари аммаат. Дар бораи ӯ фикр накун.

— Бибиҷон, шумо ҳам ба гапи тағоям розӣ?

— Не, – сар ҷунбонд модарам, – вале ба Аҳрор ҳам расида наметавонӣ....

Дигар барои ман ҳеҷ чиз лозим набуд. То ин дам аз байни «кӯҳҳо» роҳ мепаймудам, тарма париду пеши роҳамро гирифт. Мехостам аз рӯи «тармаҳо» ҷаста назди Аҳрор равам, вале ҳамин вақт аммаам вовайло бардошта аз дарвоза даромад. Рӯйҳояш хуншор буданд.

— Бурданд, бурданд, – мегуфт ӯ дар ҳолате, ки ба девор такя зада буд. Ӯ чашмонашро пӯшид ва дам фурӯ баст.

Модарам ба сару рӯи ӯ об пошид, ба димоғаш пиёз дошт... Чашм кушода рост ба ман нигарист. «Ойимам, рав гир» гуфт. Ҳайрон мондам. Ба назарам «олоӣ» мегуфт.

— Чиро гирам, аммаҷон?

— Рав гир, бурданд, баста бурданд.

— Бурданд? Вай дигар намеояд?...

«Ба ту ҳеҷ гап не, ба ману Аҳрор, ягона роҳи халосӣ ба раис расидан» акси гуфтаҳои тағоям ба гӯшам мондаанд. Онҳо бадани маро ба вараҷа оварданд. Ҳарду ҳам як нишон доштанд, ки бояд аз Аҳрор ҷудо бошам. Ҳоло чӣ?! Аммаам «бурданд» мегӯяд, аммо намегӯяд, ки ба куҷо?

Маълум шуд, ки барои ман шуда бурдаанд. Даъво мекарданд, ки чаро он ҷо будиву ба чунин рухдод монеъ нашудӣ? Ва ҳукм баровардаанд, Аҳрор барои бригадир шудан ин корро ташкил кардааст. Ин гапи одамоне, ки доим аз дару деворҳо мепоянд.

Тағоям боз меҳмон овард. Ҳеҷ фикр намекунад, ки... Ноумед, ба мо-ку ёриаш намерасад, чаро зарарро раво мебинад. Ин мардҳоро, ки миён бо чанд фӯта сахт мебанданд, чӣ гуфта ҳар вақт ба хонаи бемард меорад?

— Таға, ҷӯрабоз бошед, ба хонаатон баред! – оқибат кафидам.

— Ту, сиёҳмилла, сари худатро мехӯриву баъд ором мешавӣ!

Хуб шуд, ки маро рӯйинатан гуфта, «меҳмонҳо» рафтанӣ шуданд, вале тағои нобакорам баргашта ба хона даромаду модарамро ҷеғ зад:

— Хоҳар, ин ҷо биё!

— Бибиҷон!!! – ба пеши пои модарам ғалтидам.

— Хез, ҷони модар, хез! – маро бардошт модарам.

— Наравед. Додаратон босмачӣ. Ҷӯраи ҳамон Собир. Барои ҳамин ин қадар моро азоб медиҳад, наравед!

— Намеравам. Ором шав.

Тағоям боз ба дар омада ҷеғ зад.

— Чаро шумо ин қадар якрав шудед? Биё мегӯям!

— Ман дар назди номаҳрамон чӣ кор мекунам? Гапат бошад, худат биё!

— Агар дилатон ба Аҳрор сӯзад... Ту хона даро! – аз ман гапро руст карданӣ шуд ӯ, вале ман саркашӣ кардам...

— Ба Аҳрор чӣ шудааст! – тоқат наоварда пурсидам.

— Бало шудааст, бешарм! – шиддат кард тағоям.

Ба бехи ток такя карда дастонамро ба рӯй кашидам ва аз паси панҷа ба даҳони тағоям чашм дӯхтам. Аз ҳавои даҳонаш фаҳмидам, ки мегуфт:

— Розӣ шавед. Ягона роҳи халосӣ ҳамин.

— Ман аз худаш пурсам.

— Аз худаш чӣ мепурсӣ? Он тарафаш духтар-дия!

— Низомбой! – овозе тағоямро чеғ зад.

— Ҳозир, ҳама розӣ, – оҳиста гуфт тағоям. Модарам ҳарфе назад.

Ба хотири Аҳрор ман дам фурӯ бастам.

## 9

Рӯзи дигар аммаам омада пеши поям сар монд. Ман ҳам худро пеши пои ӯ андохтам ва изҳор кардам, ки ба раис намерасам. Аммаам каме худро ақиб кашид ва ба илтиҷо даромад:

— Азизакам, ҳурмати ман. Агар розӣ нашавӣ, ман умрбод ӯро гум мекунам,

— Аммаҷон... Ман... ман... Аҳрорҷона...

Аз ин гапи ман аммаам васвос барин пушт рафтан гирифт, шонаҳояш ба девор бархӯрд, каме нафасашро рост карду пеш омад ва маро ба оғӯш кашида гуфт.

— Мебахшӣ, азизам. Ман намедонистам... Бубахш... бубахш....

— Шумо бубахшед, ҳамааш аз барои ман аст... Ман...

Ӯ маро аз оғӯшаш сар доду як қадам пушт монд. Беихтиёр сар ҷунбонду гуфт:

— Дурӯғ мегӯӣ, фиреб медиҳӣ.

— Дурӯғ не, аз худаш пурсед.

Аммаам рафт. Гумон кардам, ки ҳама чизро ҳамроҳаш бурд, охирин нишонаҳои Аҳрор, табассумҳои ширини ӯ дар симои мо-

дараш часпида рафтанд. На нақши дастонаш ба дастонам монда буд, ки тамошо кунам ва на бӯи ҷавониаш дар гиребон часпида буд, ки бӯй кашам. Инак чашмонамро мепӯшаму ёд меорам... «Чаро? Охир, чаро бурданд?» «Комсомол шуда, саранҷом карда натавонистӣ» мегӯянд. Охир, ӯ набуд. Вай надидааст... Ман дар ҳолате мондаам, ки лаби рӯд оварда бошанду пулро бардошта, «гузар» гӯянд.

Аҳрорро ба ҷои ман бурданд! Бо ҳар роҳе, ки бошад, бояд халос кунам. Ҳо! Ман ҳабс кардам, бояд ман халос ҳам кунам... Оҳ, Аҳрор! Чаро дасти ҳамдигарро дошта аз манора напартофтем? Чаро?..

## 10

*— Ин писари шумост? – пурсид муаллима.*

*— Ҳа, набераам, – ба худ омада ҷавоб дод занак.*

*— Чӣ ном дорӣ?*

*— Сиддиқ...*

*— Ин ҷо биё, Сиддиқ, қатори ҳамсинфонат биист. Писарак ба бибиаш нигоҳ кард ва гулдастаро ба муаллима дода ба раддаи талабаҳои синфи якум рафт. Муаллима баргашта лаҳзае ба занак нигоҳ кард, пас қадаме дур шуд. Аппарати суратгирии мухбир шарақҷӣ садо баровард...*

Пагоҳии барвақт мактаб нарафта, хостам аз аҳволи аммаам хабар гирам. Ӯ аз дарвоза мебаромад.

— Ойимҷон, худам рафтанӣ будам, – гуфт. Чашмонаш сурх буданд. Хоб нарафта, гиристааст. Гӯр танҳоӣ шавад: дар зиндагӣ аз танҳоӣ чизи бад ва аламангезе нест.

Сарамро ба банди дилаш гузоштам ва беихтиёр «Аҳрор-ака» гуфтам. Аммаам сари маро сахттар ба банди дилаш пахш карду баъд дур андохтанӣ шуда бо дастонаш каме тела дод, боз пеш кашид ва ба қаъри чашмонам зеҳн монд. Сар ҷунбонд: «Не-не».

Вале ман намедонистам, ки ӯ чӣ гуфтанист. Аз овоз ва муомилаи аввал маълум, ки чизе гуфтан мехост, вале ҳоло фақат сар меҷунбонад.

— Оби чашмонам хушк шуданд, дигар гириста наметавонам, – гулӯяшро молида гуфт ӯ.

— Аммаҷон, Аҳрор-акемро куҷо бурданд?

— Ба тарафи вангзол.

— Гардед, рафта меёбем. Ман гуноҳро ба гардани худам мегирам.

— Не, ойимам. Ҳазор гап-як пул...

— Ибо накунед, гӯед... Аммаҷон ҳар чӣ гӯед, баҷо меорам...

— Не-не... Гап надорам. Аҳ... гап надорам.

— Аммаҷон гӯед!

— Не, ойим...

Ӯ чизе гуфтан мехост. Даҳон пур мекард, вале гуфта наметавонист. Пилки сурхшудаи чашмонашро бо нӯги қарсаш пок кард. Рӯяшро андаке гардонда гуфт:

— Чӣ хел?

— Ойимҷон, ҳамааш ба ту вобаста. Ту метавонӣ ӯро халос кунӣ.

— Чӣ хел?

— Намедонам... напурс...

— Гӯед, ман роҳашро намедонам.

— Не, лозим не. Ман... Тақдир бошад, ягони рӯз меояд...

— Аммаҷон, ин хел тақдир намешавад.

— Мегӯянд, ки кадом раис халос карда метавонистааст.

— Шумо, шумо ҳам...

— Не, ойим, ман не… Ҳамин хел мегӯянд.

— Вай чӣ хел халос карда метавонад?

— Пул доштагист-дия.

Ман дигар аз аммаам ҳарфе нашунидам. Қаъри чашмонаш мисли рӯзҳои гузаштаи ман хомӯш буданд. Пас аз хеле мулоҳиза чунин ба назар мерасид, ки гӯё он чашмҳо ташвишҳои рӯзгори куҳанро фурӯ бурда, инак сард, бепарво ва бенур шудаанд. Он чашмҳо маро таъна мезананду мегӯянд: «Душмани қаттолам шудӣ, нурам рабудӣ, чӣ беҳаёӣ, ки боз рӯ ба рӯям меистӣ. Қурбонӣ бикун». Ҳақ доред маро сӯроx кунед, эй чашмҳои сокит. Оташи шумо куҷо шуданд? Боз сари ман чӣ маломатҳоеро нигарон бошад?

Аммаам нафаҳмидааст, ки Аҳрор дар куҷо. Беҳазл, ӯ савдоӣ шудааст ва фақат мегӯяд, ки Аҳрорро «тарафи вангзол бурданд». Ӯ ин гапро аз даҳони тағоям шунидааст. Намедонам, ки чаро тағоям ин қадар ба ҳамма кор чаққа шуд. Ҳам аз худаш меҳаросид, ҳам ғами Аҳрорро мехӯрд ва ҳам маро ба ҷаҳаннам тела додан мехост. Сабаби ин қадар ҷон коҳондани як марди синну солаш ба ҷое расидаро намефаҳмидам. Ӯ чунон корҳоро дӯлоб кард ва аз омаду рафт маро ба ҷон расонд, ки маҷбур шудам барои Аҳрорро ба назди модараш баргардонидан ба Комил ном раисе расам...

Маро шабакӣ ба ноҳия, баъд ба колхоз бурданд. Мадрасаву манора як чизи сиёҳ ва бегона намуд. Ба назарам чархҳои ароба чунон суст мегашт, ки гӯё ҳаргиз ба манзил намерасида бошад. Пешопеш машъал медоштанд ва «ёр-ёр»-хонон дастафшону покӯбон мерафтанд. Аз байни шӯру хурсандӣ гоҳ-гоҳ садои нолиши чархи ароба ба гӯш мерасид ва «Чу! Дуртар, дуртар! Асп зер накунад» гуфтани аробакаш шунида мешуд.

Чархҳои аробаи нав пеш мегаштанд, гумон мекардам, ки Аҳрор ба пешвоз баромада маро беозор аз болои ароба мегирад. Ба

хаёлам ӯ ба ман даст дод... «Доред, келинро доред, нағалтанд» Чунин садоҳо маро аз Аҳрор ҷудо карданд.

Ман ба дунёи бегона афтидам. Ба назарам ин ҷо макони мору каждумҳост. Маро ба хонаи як марди бегона оварданд. Ба гумонам, ки он мард ба назди ман меояд ва ба ман хабари кай омадани Аҳрорро мегӯяд ва баргашта ба шаҳр меравам. Вақте ки ӯ аз дари хона даромад, ба ҷои саломуалейк ин суханҳо дар ботинам туғён карданд: «Кай, охир, кай халос мешавад?» Вале пурсида наметавонистам. Рӯзҳои аввал агар аз ӯ чизе пурсиданӣ шавам ва ё мавриде ояд, ба ӯ «Аҳрор» хитоб мекардам. Ӯ якбора ба қаъри чашмони ман нигоҳ мекард, баъд хафа шуда, дур мерафт. Бовар намекардам, ки ман аз Аҳрор дур шуда бошам...

Гӯшу ҳушам ба даҳони мардум буд, ки хабари омадани Аҳрорро мерасонанд. Шаш моҳ гузашт. Аҳрор наомад. Ман ҳам аз Комил чизе напурсидам.

Сари чанд вақт тағоям омада бо Комил сӯҳбат мекард ва маро «гули тағош, асали тағош» гӯён навозиш ва насиҳатҳо мекарду мерафт. Аз Аҳрор даҳон намекушод. Баъд аз Комил мепурсидам, ки ӯ барои чӣ омадааст. «Туро хабаргирӣ» мегуфт. Вале ба назари ман дигар хел менамуд. Ӯ мисли рӯбоҳи дузд омада мерафт. Баъди рафтани ӯ Комил андешаманд мешуд.

Комил ба ҳар гап ҳамроҳ намешуд, доим хаёл мекард, лекин намегуфт, ки барои чӣ хаёл мекунад. Ман ҳам намепурсидам. Вақте ки ҳар ду танҳо мемондем, аз ӯ каси дилкушоду навозишкор ва дар муҳаббат сахитаре набуд. Мӯи дарозу майдабофти маро ба ангуштонаш мепечонд. Ман гумон кардам, ки дар тӯямон ба дасташ нигин наандохтам, барои ҳамин сари чанд вақт маро таъна заданӣ шуда, мӯямро ба ангушташ мепечонад. Баъд аз бехи мӯям дошта сила карда мефаромаду ба гарданаш ҳалқа мегардонд. Баргашта ба ӯ нигоҳ мекардам, сиёҳчурда буд, чашмони мешӣ дошт. Мижгонаш дарози баргашта, қиёфааш ҷиддӣ. Лекин ба ман доим табассум мекард.

Мегӯянд, ки дубора дӯст доштан мумкин не. Шояд рост бошад, лекин барои Комил муҳаббати аввал набуд. Ӯ марди зандида, вале ман... Мо бо Аҳрор фақат дар диламон муҳаббат мепарваридем ва дар ин хусус чизе нагуфтаем.

Ман намедонам, дар байни ману Комил ин пайвастагӣ аз куҷо пайдо шуд. Шояд барои он ки ӯ аз зан наосудааст ва фарзанд надидааст. Ё ки аз ман калонсол аст ва ё ин ки ҳама эҳтиромаш мекунанд? Намедонам. Одами бамулоҳиза буд: агар модарам ба меҳмонӣ ояд, ҳафтаҳо намемонд, ки равад. Шояд бо ҳамин хислатҳояш дили маро рабуд. Баъдтар фаҳмидам, ки байни мо муҳаббат не, фақат ҳурмату эҳтиром будааст.

Ҳар гоҳ, ки аз саҳро баргашт, аспаш дар пеши дарвоза шиҳа мекашид. Ман тохта мебаромадам.

— Биё, давр занонам! – мегуфт ӯ.

— Не, айб.

— Ҷои айб не, биё. Занҳои ин ҷо ҳама асп савор мешаванд, биё...

— Не.

Баҳор омад. Бӯи дашт меомад: бӯи хок, бӯи сабзаву дарахтон, бӯи дубаргаи пахта, бӯи наҳрҳо – ҳамаро дар якҷоягӣ бӯи дашт мегуфтанд. Ин баҳори аввалин буд, ки аз бӯи баҳори шаҳр фарқ дошт. Ин бӯй касро ба дуродур, ба даштҳои васеъ, ки доманаш зери уфуқ мемонд, сайр мекунонд. Дашт сабз, ҷо-ҷо боғҳо, хонаҳои похсагӣ менамуданд. Гову гӯсолаҳо ва аспҳо мехкарда буданд. Осмонаш мисли дашт бепоён ва софу ситоразор. Ситораҳо ҷарақ-ҷарақ мекунанд. Даст зери сар рӯйболо мехобӣ, аз паси пардаи кабуд ситорае ба назар менамояду гум мешавад, менамояду гум мешавад. Нафаси дароз мекашӣ, сари дилат медамад, чӣ лаҳзаи ширин. Аз куҷо як қатра борон ба рӯй мерасад, кас даҳон мекушояд, ки боз як қатра афтад. Лекин дигар намеояд. Ана ҳамин чиз ҳама андешаҳоро дур мекунад, ки танҳо интизори он бошӣ. Шояд навозишҳои Комил ҳам мисли ҳамин қатра буд, ки ҳам бӯи баҳор, ҳам лаззати шабона, ҳам ситораҳоро дур андохт. «Боз як қатра, боз як қатра!»

— Чӣ? – маро ба худ овард Комил.

— Магар ба рӯи шумо нарасид?

— Чӣ?

— Қатраи борон.

— Не.

— Ҳозир... «Боз як қатра, боз як қатра»... Туф-туф! Бинед, чӣ хел ин ситора нақши дароз гузошт.

— Ана, ба рӯи ман якчанд қатра рехт.

— Якчанд қатра?

— Ҳа... Хунук гуфтӣ, гарм-ку....

— Ана, боз як ситора парид. Туф-туф! Аҷиб-а?

— Хеле. Лекин ин хел не...

— Биё, давр занонам!

Ман дар нӯги панҷа истода, даст дароз кардам. Маро ба пеши асп гирифт. Лаҷоми аспро гардонду «гирди деҳаро давр занонам?» гуфт. Ман розӣ нашудам. Ба дашт бурд. Бӯи дашту бӯи баҳор турфа ҳаловате дошт. Дар канори ҷӯйбор хулбӯ дамида буд. Ман аз онҳо чидам, ки ба Комил самбӯса пазам. Лекин ӯ дастамро дошт:

— Лозим шавад, худам ёфта меорам. Ҳоло бояд фақат аз зебоии дашт ҳаловат барӣ, бӯи баҳор ба димоғат расад.

— Бӯи аҷиб.

— Дар ҳақиқат. Пас аз чанд вақт ин бӯйҳо мераванду фақат бӯи ниҳоли пахта ва хоки сӯхта мемонад, дертар бӯи ғӯзапоя ва хазон...

— Шумо нохуш менамоед?

— Чаро? Нохуш мебудам, туро ин ҷо меовардам?...

— Аз пагоҳ ман ҳам ба кор бароям чӣ?

— Ба ту чӣ шуд?

— Дар хона зиқ шудам... Бекор гашта наметавонам.

Ӯ ба фикр рафт. Каме аз ман дур шуда, ҳулбӯ канда бӯ кард. Боз хам шуда як тор канд. Як даста канд. Ба ман дароз карду гуфт:

— Кор карданат ҳам нағзу ҳам бад...

— Чӣ хел?

— Нағзиаш – ба дигарон ибрат, бадиаш – раис шиками занашро сер карда натавонист, мегӯянд.

— Гуфтан гиранд.

Камил як нигоҳ карду чизе нагуфт.

## 11

Модарам омад. Комил каме бо ӯ нишаст ва баъд «дашт рафта, меоям» гуфта бархост ва берун баромада таъкид кард, ки модарамро рафтан намонам.

Комил рафт. Модарам аз кисаи яктаҳи сафедаш коғази секунҷа таҳкардаеро бароварда, ба ман дароз кард.

— Аммаат дод... Аз Аҳрор будааст.

Ман мактубро кушодам ва ба ҳарфҳояш чашм давондам:

«Салом, Ҳамида!

Намедонам, он ҷо дар бораи ман чиҳо мегӯянд. Аз рӯи шунидам, маро маҳбус мегуфтаанд. Ин хел не. Ман дар район, ҳоло ҷоямро намегӯям. Лекин чӣ тавр омаданамро мегӯям. Хоҳишмандам, ба ҳеҷ кас нагӯ. Тағоят маро ба ин ҷо гурезонд. Ба қавли ӯ ман нагурезам, суд мешудаам. Ҳарчанд хоҳиши ӯро рад кардам, нашуд. Ҳатто ба зорӣ даромад ва ашк рехт. Лекин ҳоло ҳам маънияшро намефаҳмам. Охир, ман чӣ гуноҳ карда будам?

Ҳа, аҳволи Собир-босмачӣ чӣ шуд? Ҳамин кор яктарафа шавад, меравам.

Ҳамида, хатро эҳтиёт кун. Ба модарат салом гӯй. Аз аҳволи модари ман хабар гир.

Бо эҳтиром: Аҳрор».

То хондани мактуб саҳл монд, ки дилам торс кафад. Худдорӣ кардам, ки модарам парешон нашавад. Сарам ба мисли чӯбкаду холӣ буд.

— Чӣ навиштааст?

Ин саволи модарам маро ҳушёр кард. Ба ҷои ҷавоб тағоямро ҳақорат кардам.

— Тағои беимонамро... Аҳрор ҳабс набудааст. Ӯро укетон гурезондааст.

— Чӣ?!

— Бибӣ, шумо намедонед, барои чӣ тағоям ин қадар таҳлука дорад?

Модарам ба хаёл рафт, гӯё саволи маро нашунид. Пас лабонаш ҷунбиданд. Аз ҷунбиши лабҳояш ва қиёфааш хонда мешуд, ки касеро мазаммат мекунад.

— Боз чӣ гуфтааст? – гӯё ба худ омада пурсид модарам.

— Собир чӣ шуд, гуфтааст.

— Имрӯз ё пагоҳ суд мешудааст. Шояд таҳлукаҳои ҷӯрааш ҳам тамом шавад....

— Кадом ҷӯрааш?

— Тағоят...

— Чӣ ин кас ҳам...

Шиҳаи аспи Комил сӯҳбати моро бурид. Ӯ ба дашт нарасида аз нимароҳ баргаштааст. Аз асп ҳам нафаромада ба ман хабар дод, ки ба Самарқанд меравад. Пагоҳ суд мешудааст, ӯро талаб кардаанд.

Ман пеш аз сафараш ба ӯ чизе нагуфтам. Аз роҳ ҳам надоштам. Ҳоло дуруст намедонистам, ки ӯ барои чӣ меравад. Ман ба модарам нигоҳ кардам. Ӯ аз нигоҳи ман чӣ маънӣ гирифт, ки гуфт:

— Оқибат ҳамин тағоят сари худро мехӯрад.

— Барои чӣ?

— Ҷӯраи Собир гуфта, ягон кас маълумот надиҳад, мегӯям...

Ман маънии сухан ва парешон шудани модарамро пай бурдам ва нахостам, ки кунҷкобӣ кунам. Бад ё хуб, бародар аст, Ду шабу ду рӯз дар чунин фикр будам: «Аҳрор дар куҷо бошад, ба ӯ ҷавоб нависам». Ҷавобе наёфтам ва ба ин кор модарам ҳам ёрӣ дода натавонист.

... Комил аз шаҳр баргашт. На хафа буданашро зоҳир мекард ва на хурсанд буданашро.

— Суд чӣ шуд, Комилҷон? – пурсид модарам.

— Собирро суд карданд.

— Ӯ гунаҳгор не-ку? – рамуз гирифтанӣ шуда, савол додам.

— Суд масъаларо дигар хел мондааст, ӯро ҳамчун босмачӣ суд карданд.

— Тағомуллотон ҳам дар суд буданд? – аҳволи бародарашро фаҳмиданӣ шуда пурсид модарам.

— Не, надидам.

— Дар бораашон гап нашуд?

— Шуда бошад ҳам, ҳисоб не...

Модарам парешон шуд ва хеста доман афшонд, ки меравад...

## 12

Баробари аз дарвозаи ҳавлӣ даромаданам кабӯтари сафеди танҳои ман парвоз кард. Ҳарчанд «беҳ-беҳ» гуфтам, нафаромад. Ман ӯро пазмон шуда будам, мехостам дошта бибӯсам, лекин баландтар баромад.

Ҳушу хаёлам ба кабӯтарон, ба манора ва бозиҳои ҷавонӣ, ба Аҳрор банд буд, ки аммаам даромада омад. Лоғару хаста менамуд.

Ӯ назди ман омаду карахту хомӯш рост истод. Нигоҳаш сару рӯямро паймуд.

— Чӣ шуд, аммаҷон?

— Ҳеҷ... – сар ҷунбонд ӯ. Ман сарамро хам кардам.

— Ойим, – оҳиста гуфт ӯ. Нигоҳ кардам. – Ойим, Аҳрор дар паси дарвоза, мехоҳад шуморо бинад.

Ман мурғи посӯхта шудам ва намедонистам чӣ гӯяму чӣ кунам. Сипоҳӣ кардам:

— Чаро намедароянд?

— Ойимҷон, вақт надорад меравад.

— Куҷо?

— Ҷанг.

— Ҷанг?!

Пас аз шунидани ин сухан худро гум карда, якбора сӯи дарвоза давидам: рӯ ба рӯям як пайкари зебо, вале хеле харобу лоғар меистод. Мо ба якдигар салом дода натавонистем. Ман карахт шудам. Ӯ сару рӯи маро андоза мекард. Ба назарам, ба либосҳои қимматбаҳои арӯсӣ, ба қошу тавқи зарринам лаънат мехонд. Хостам ҳамаи он зебу зинатро аз баданам дур кунам ва дар либоси оддӣ наздаш истам. Ӯ «хайр!» гуфт ва рафт, аз ман ҳарфе нашунида рафт. Аммаам аз паси ӯ баромад ва модарам ҳам, ман то беруни дарвоза баромадам ва бари рӯямро ба палладарӣ гузошта, карахт шудам.

Аҳрор ба гардишгоҳи паси девори иморате хам хӯрд.

... Чашмамро аз ҷои хамгаштаи Аҳрор наканда будам, ки зане намоён шуд. Зани тағоям, сафедии чашмони фурӯрафтааш сурх шуда, осори ашк дар пилки дида боқӣ монда буд.

— Салом, янгамулло, чӣ шуд?

— Тағоят гум. Беному нишон.

— Кай боз?

— Аз рӯзи суди Собир...

Ман ба ӯ саволи дигаре надодам ва хоҳиш кардам, ки дарояд. «Модарам ҳоло меоянд». Ӯ розӣ нашуд, ки дар хона бачаҳоро танҳо гузоштааст ва хоҳиш кард, ки Комил дарак андозад...

## 13

Ман мисли насим озод будам, чун асп сара карда ба ишкел андохтанд. Замона нотинҷ, гӯё зиндагӣ дар дами тир меистод. Ононе, ки мадори қадам задан доштанд, белу каланд, ҷуфту говрона гирифта ва ё миёнро баста ва модарони кӯдаксаридаст аз назди ҳавлии мо мегузаштанд. Ман тасаввур мекардам, ки ҳама ба ҷанг мераванд. Замона гирдбод карду ҳамаи шӯхиҳоямонро чун гард бардошт, танҳо дар рӯи роҳ ду-се сангча боқӣ монд.

Акнун Комил аз кор омада, маро пеши аспаш намегирифт, аспаш назди дарвоза шиҳа намекашид ва бештар пиёда меомад.

Ҳама аз назди дарвозаи мо ба ҷанг мерафтанду ман тамошогар будам. Худи Комил ҳам инро медонист. Ман ӯро ба ҷону ҳолаш намондам.

— Охир, ту чӣ кор мекунӣ?....

— Қатори мардум кор мекунам. Побел кунанд, побел, пахта чинанд, пахта.

Ӯ чизе нагуфт: фикр кард ва сипас ваъда дод, ки кори мувофиқ меёбад... Бегоҳ табассумкунон омад ва ба нигоҳи маънидорам савол кард.

— Шогирди тарკторчӣ шудан мехоҳӣ?

Ҳайрон шуда пурсидам:

— Дигар кор нест?

— Ҳаст, лекин тракторрониро ёд гир...

Комил ҳар чӣ метавонист, ин корро дерпарто мекард. «Ҳоло вақти кишт не» мегуфт...

Ӯ дид, ки ҷазбманди корам, гап назада, рафта, аспи ҷирани қоматбаландро савор шуда омад ва хам шуда, маро ба пеши асп бардошту лаҷомро сӯи саҳро тофт.

Дар саҳро мардум бо замин ҷанг мекарданд, бар сари он каланд мезаданд. Чанги маҳини хокро фурӯ мебурданд. Ҳама якбора рост шуда, ба мо нигоҳ карданд. Комил салому алек карда гузашт. Дар он тарафи пахтазор санглохе шудгор шуда буд, паҳлӯи шудгор трактори чархкалон меистод. Ҷавони танумande ба трактор об меандохт.

— Мулло Муҳаммадӣ, монда нашавед!– хитоб кард Комил.

— Саломат бошед,– мундирро бардошта гуфт ӯ.

— Ба шумо шогирд овардам!

Тракторчӣ як нигоҳ карду чизе нагуфт. Ман хиҷолат кашидам ва худро аз асп партофтам. Комил нӯхтаи аспро ба чархи трактор баст.

Дасту рӯи тракторчӣ равғанолуд буд, либосҳояш ҳам. Бо дастмол дастонашро пок мекард.

— Мулло Муҳаммадӣ, азоб не? – пурсид Комил.

— Не, – оҳиста ҷавоб дод ӯ ва пас аз фурсате илова кард: – Дандонҳои плуг нағз намегиранд.

— Кунд шудаанд. Ҳоло замин намдор, он қадар азоб не-куя, баъдтар душвор мешавад... Хайр, гап ҳамин, Мулло Муҳаммадӣ, ин кас ба шумо шогирд меистанд, – ба китфи ман даст монда гуфт Комил.

— Э, раис-ака, монед аз давлати шумо...

— Ҳозир мо ҳама бояд ҷангем. Хоҳиши худашон ҳам ҳамин...

Ман бо аломати тасдиқ сар ҷунбондам.

Муҳаммадӣ обу равғани тракторро диду оҳиста қоматашро бардошта ба раис нигоҳ кард, пас аз сандуқчаи трактор тасмаи резиниро гирифта, назди мотори трактор омад. Як нӯги гирехкардаи тасмаро ба тири чархи мотор андармон кард ва ду печ гардонд. Як қадам ақиб истод ва тасмаро башаст кашид: «фир-фир». Мотор дар нагирифт. Муҳаммадӣ ҳамин корашро боз такрор кард. Ин дафъа мотор «тип-тип-тип» карда монд. Сару рӯи Муҳаммадиро арақ пахш кард.

Комил ба Муҳаммадӣ наздик шуд ва гуфт:

— Аз афташ, фақат плуг не, трактор кӯҳна шудааст. Сабил монад, чоруқ набошад, ки пеши усто барию гӯӣ, ки так банд... Ваъда дода буданд, ки тракторi нав медиҳанд, ана акнун ҷанг. Ба ҷои трактор танк баровардан лозим.

«Комил хафа шудааст» аз дилам гузашт. Ҳамин вақт Муҳаммадӣ бори дигар тасмаро сахт кашид. Якбора садои нофорами гӯшхарош баромад, баъд каме суст шуда «тап-тап-тап» кардан гирифт. Асп хӯсида чилбурро саҳл монд, ки канад. Комил аспро кушод. Трактор меларзид.

Муҳаммадӣ бо остнни равғанхӯрда арақи пешониашро пок карду ба трактор баромад. Ҷомаи кӯҳнаро қат карда ба курсии оҳании монанд ба баракбардорак гузошта нишаст. Трактор наъра кашида бо дандонҳояш заминро газида-газида пеш хазид. Плуг рӯ-рӯи замин давиду оҳиста-оҳиста фурӯ рафтан гирифт. Замини намнок чаппа шуда, зарраҳои аҷиб ба чашм метофтанд.

Офтоб заминро гарм кард. Буғи замини такорӯшуда мебаромад. Трактор паҳлӯи роҳи рафтаашро тай карда омад.

— Чӣ хел?!

— Хуб аст! – дастро ба лаб карнай карда ҷавоб дод Комил ва аз ман пурсид:

— Хӯш, ба назари шумо чӣ?

— Ғалатӣ, – таассуротамро лӯнда карда гуфтам ман.

## 14

Комил дигар маро гусел намекунад. Ӯ ҳам аз пайи кори худ, ман ҳам.

Пешопешам марде харсавор мерафт. Дар пояҳои хӯрҷини кӯҳна дар кӯзаҳои мундӣ об мебурд. Ду гӯшаки телпаки кӯҳнааш бозӣ мекард. Нӯги гӯшаки чапаш риштае дошт, фаши саллаи мулло барин ҳамоил.

Мардак паст-паст суруди ҳазине мехонд, танҳо оҳангаш шунида мешуд. Назди трактор истод. Ман ҳам расидам.

— Салом, отаҷон!

— А? – дасташро лапар карда ба ман нигоҳ кард ва даҳонашро кушод, гӯё бо вораҳои бедандонаш маро медид.

— Салом, ота!

— Салом. Ба шумо кӣ даркор?

— Ман коргари шумо.

— А?

— Тракторчӣ куҷо?

— Ба хонааш рафтагӣ. Имрӯз дертар меояд. Аз шаҳр... Мо тракторчӣ надорем. Ӯро аз шаҳр фиристодаанд. Аз МТС.

— Тракторчӣ ҳар шаб ба шаҳр меравад?

— Не... Дар як хафта як бор. Баъзан дар хонаи ман хоб мекунад. Одами аҷиб. Гап занед, духтар барин арақ кардан мегирад. Э, ҳаа! Фаҳмидам... Шумо хӯҷаини раисбобо?

Ман табассум кардам. Ӯ аз ҷояш хеста телпакашро гирифта ба кашаш зад ва «тракторчӣ ҳозир меояд» гуфта ба домони офтоб нигарист...

Ман ба сабзаҳои баҳор, ки дар санглох рӯида буданд, чашм давондам. Аз он тарафи трактор бӯи сабзаву шукуфаҳо меояд, аз зери по бӯи хок.

— Ҳӯу, ана, омад, – мӯйсафед ба миёни ангор назар дӯхта гуфт.

Ман ҳам ба он тараф нигоҳ кардам, ки касе бардам-бардам қадам зада меояд.

Аспро аз чархи трактор кушода дар ҷои сералаф мех кардам.

Муҳаммадӣ салом дода бо қаровул пурсупос кард ва ба ман рӯ овард.

— Шумо ҷазбманд омадед?

— Ҳа.

— Ман гумон кардам, раисака ҳазл мекунанд, – ӯ сурх шуда рафт. Ман ҳам хиҷолат кашидам, ки ба ман механданд.

Ӯ чизе нагуфт, кӯзаро гирифта, ба трактор об андохт, баъд аз сандуқча чобаи афтолро гирифт.

— Духтарам, наздиктар биёед, ёд гиред, – гуфт мӯйсафед.

Оҳиста-оҳиста пеш рафтам.

Муҳаммадӣ ба чароғаки паҳлӯи трактор карасин рехт ва тасмаро гирифта, ба парраи мотор печонду кашид, печонду кашид. Мотор ба кор даромад. Ҳалқа-ҳалқа дуди кабуд ба фазо рафт...

Ман акнун паҳлӯи ӯ менишастам. Лаҳза ба лаҳза арақашро пок мекард. Дастонаш меларзиданд. Пас аз чанд рӯз ба ёд додани трактору трактордорӣ машғул шуд. Муҳаммадӣ тамоми қисмҳои тракторро ҷудову пайваст карда наметавонист. Фақат рондан, обу карасин андохтан, плуг пайвастанро медонист. Агар трактор вайрон шавад, аз МТС ягон кас омада, соз мекард.

Ман тракторрониро омӯхтам. Вале мехостам, ки шабҳои моҳтобӣ кор кунам. Шаббода, оромӣ, аз паси нур меравӣ. Бояд дар чунин шабҳо Комил ҳамроҳам ояд. Аз кор монда шуда оям, дилбардорӣ мекунаду мегӯяд: «То ҷанг тамом шудана». Ҳамин қадараш ҳам барои ман бас буд. Ман гоҳ-гоҳ Муҳаммадӣ дар ин ҷо касе надорад гуфта ба ӯ дами гарм мебурдам. Муҳаммадӣ хиҷолат кашида, «янга, чӣ лозим?» мегуфт. Ба қароре омадам, ки Муҳаммадӣ рӯзона кор кунаду ман шабона, Муҳаммадӣ розӣ нашуд. Маро ҳурмат карда: «Шумо рӯзона кор кунед» гуфт. Муҳаммадӣ шабу рӯз дар саҳро буд. Трактор чунон метафсид, ки мӯйсафед аз об кашониран монда мешуд. Баъзан дер меомад. Ба об рафта, сари қадам набераҳояшро хабар мегирифт...

Муҳаммадӣ шалпар шуда болои замини нарм мехобид. Мӯйсафед ба об рафта буд. Аз зери садои трактор шиҳаи аспе базӯр ба гӯш расид. Ба баданам мурғак давид. Тракторро дошта, чароғашро хомӯш карда, каме чашмонамро пӯшида, кушодам. Саворе паҳлӯи трактор меистод.

— Кӣ?

Ҷавобе нест

— Кӣ?!

— Ҳамида, натарс, ман!

— Комилҷон!? Овоз диҳед, намешавад?

Аз трактор фаромада наздаш рафтам. Моҳ равшантар намуд. Ситораҳо ягон-ягон мепариданд. Комилҷон маро ёд карда омадааст.

— Ҳамида, танҳоӣ?

— Не. Муҳаммадӣ ҳооо дар он ҷо хоб аст. Қаровул ба об рафт.

Ӯ аз рӯи зин ба сӯям хам шуд:

— Маро бубахш!

— Комилҷон?!

— Ту набояд кор кунӣ.

— Чаро?

— Охир, ман туро хӯрондаю пӯшонда метавонам-ку!

— То ҷанг тамом шудана....

Чароғи тракторро афрӯхтам, Комил аспро мех карда, паҳлӯям нишаст. Аз банди дастам медошт, ман трактор мерондам. Нами замин парида, сахт шуда буд. Трактор аррос мезад...

Қаровул аз дур суруди дӯстдоштаашро хонда меомад:

«Сафедори баланд як навдаву сад барги тар дорад, Писар дар роҳи ишқ афтад, чӣ парвои падар дорад?!»

Комил ҳайрон шуд, ки чаро мӯйсафед чунин суруд мехонад. Ӯ нағз медонад, ки мӯйсафед аз фарзандонаш гила надорад. Ду нафар хурдиашон ба ҷанг рафтанд. Калониаш говбон.

Мӯйсафед об оварда, хитоб кард:

— Мулло Муҳаммадӣ, обро гиред, писарам!

Ба ҷои Муҳаммадӣ ман обро гирифтам.

— Духтарам, он кас гиранд, хуб набуд?

Ҳамин вақт асп шиҳа кашид.

— Кӣ! – хитоб кард Саид-бобо ва оҳиста ба гӯши ман гуфт: – Духтарам, боз карасиндуздҳо омаданд. Аз ҷонам безор карданд. Абтолро ҳам медузданд... Кӣ?!

— Furthermore

— Бобоҷон, парешон нашавед, вай аспи раис.

— Ээ, мулло дар куҷо?

— Дар болои трактор.

— Э, ассалому алайкум, – мӯйсафед остинҳои яктакашро болотар кашида сӯи трактор рафт.

Нисфи оби кӯзаро дам кашидаму баъд ба трактор андохтам...

Ман тракторро ба сӯи офтоббаро гардонида, хомӯш кардам. Абрҳои болои кӯҳҳо, ки хокистарранг шуда буданд, ба ларзиш омаданд. Баъд аз паси абрҳо як уқёнуси кабуди беғубор падид омад. Абрҳо гулобӣ шуданд. Панҷаи офтоб аз домани абрҳо дошт.

Ҳар ду даст бардоштем, то офтобро кафи даст гирем.

## 15

Тирамоҳ. Санглох шудгор шуд. Боз як раҳ ронда, гандуми тирамоҳӣ мекорем, вале тухмӣ ба замин наафтида Муҳаммадиро ба ҷанг даъват карданд... Ман бояд шабу рӯз кор кунам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Ман трактор мерондам. Пирамарде тухм мепошид, як ҷуфт барзагов мола мекард. Села-села кабӯтарон дон мечиданд. Қаровул кабӯтаронро «ҳой-ҳой» гуфта пеш мекард....

Пагоҳии барвақт омадам. Аз дур чанд сиёҳӣ менамуд. «Зоғон дон мечинанд» гуфтам ба худ. Наздиктар рафтам, ду духтарчаву як писарак парида хеста, калавида-калавида гурехтанд. Ҷои нишастаашонро рафта дидам. Панҷаи дасту пойҳояшон ба рӯи хоки нарм нақш баста буд. Ду-се чӯбча меистод ва ҷӯяк-ҷӯяк, гӯё чӯҷаҳо хокмолак кардаанд. Ду қадам он тараф дар роҳи гурезашон як каф гандум пош хӯрдааст. Аз қафои онҳо нигоҳ карда мондам. Паси дарахте хам хӯрданд...

Ба ман ҷавони шонздаҳсолаеро шогирд монданд. Хароб буд. Мӯи сараш расида ба гардану пешониаш фаромада буд. Чашмонаш шиша барин тоза ва ба рӯяш пашмаки шафтолу барин мӯй дамида

буд. Ягон даҳон гап намезад. Пурсӣ, хандида ҷавоб медод. Аз ман пештар мӯйсафед номашро пурсид. «Аҳрор» ҷавоб дод ӯ, якбора дилам таҳ нишасту суруди хомӯшгаштае аз нав ба гӯшам маҳин-маҳин садо дод. Дуру дароз ба писарак нигаристам. Чашмаш ба ман афтида, хиҷолат кашид.

«Не, хиҷолат накаш, номи бародари ман ҳам Аҳрор, аскарӣ рафтагӣ» гуфтам ба ӯ. Нигоҳаш меҳрубон шуд.

— Ягон кас дорӣ? – пурсидам аз ӯ.

— Ҳа.

— Кӣ?

— Модар, лекин ӯро қариб намебинам, рӯз нашуда, ба кор меравад дар торикӣ меояд. Баъзан рафтану омаданашро намебинам. Падарам бародари шумо барин ба ҷанг рафтагӣ.

— Ҷанг тамом шавад, олам гулистон, канӣ ба трактор об андоз. – Барои он ки фикру зикраш ба бадбахтиҳо банд нашавад, ӯро ба кор андармон кардам.

Рӯзи дигар қайчӣ овардам. «Аз оби гарми трактор гирифта мӯи саратро тар кун» гуфтам. Хиҷолат кашид. Мӯяшро худам тар кардам ва қайчӣ задам. Мӯяшро тарошида шудаму гуфтам:

— Акнун рафта ба наҳр оббозӣ бикун, сару гарданатро хуб мол...

Тораҳои мӯяшро аз доманам чида, ба рӯймолчае бастам... Баъд, вақте ки шустушӯ карда, нуронӣ шуда омад, мӯйро додам, ки ба каноре барад. Намедонам, қасдан кард ё фаҳмида, ки мӯйро ба пеши дандонаҳои плуг андохт.

— Аҳрорҷон чӣ кор кардӣ?

— Парво накунед, ойтӣ, замин зӯр мешавад.

Дигар чизе нагуфта тракторро рондан гирифтам. Трактор ду-се бор гашт. Аз афт, Аҳрор рамуз гирифт, ки пурсид:

— Ойтӣ, хафа шудед?

— Не.

Вай дигар чизе напурсид. Ман ҳам ором трактор рондан гирифтам. Аз дур садои даштбон омад:

«Сафедори баланд як навдаву сад барги тар дорад»…

Суруди ӯро борҳо шунидаам, тракторро хомӯш кардам, ки боз гӯш диҳам:

«Писар дар роҳи ишқ афтад, чӣ парвои падар дорад?
Ҳамон фарзанди ноқобил гиребони падар гирад,
Ҳамон фарзанди қобил пои тобути падар гирад».

— Чӣ хел нағз-а, ойтӣ?

— Нағз....

❂ ❂ ❂

... Қатраҳои борони тирамоҳ ба рӯи тунукаҳои трактор бархӯрда, паҳн мешуд. Аҳрор тоқиашро аз сар гирифт, то борон расад.

Ӯ тоқат наоварда, рост хест ва даҳонашро ба осмон боз кард: «Бирез, бирез, ҳалқам қоқ, бирез, бирез, тоқат тоқ».

— Аҳрорҷон?

— Лаббай.

— Ба ту кулча пухта будам, – кулчаи ширмолро ба ӯ дароз кардам.

— Ойтӣ, шумо...

— Гир, Аҳрорҷон....

— Ҳозир, – ӯ кулчаро нагирифта, худро аз трактор ба замин партофт ва кӯзаҳоро аз чашми хӯрҷин гирифт. Якеро ба замин гузошт, дигареро дам кашид. Пас ба ман гӯшаи чашм андохта, оҳиста аз даштбон пурсид:

— Бобо, ҳамин занак чӣ хел занак?

— Ногуфтанӣ…

Ҷавоби бобо базӯр ба гӯшам расид...

Аз доманаи саҳро саворае намоён шуд. Ман пас гашта ба трактор нишастам.

— Ойтӣ, хафа шудед?

— Не, Аҳрорҷон...

Ман тракторро сӯи савора рондам. Қаровул дасташро лапар карда дуру дароз нигаристу «раисамон» гуфт.

Дар огарди охирини замин савора наздик шуд. Тракторро боздоштам.

— Комилҷон, чаро аз ин тараф? – ҳайрон пурсидам.

— Аз шаҳр, модаратро хабар гирифта омадам.

Дигар ба ӯ чизе нагуфтам. Аз трактор ба пеши аспаш гузаштам.

— Коҳидаӣ. Акнун кор бас. Дам гир, – гуфт ӯ.

— Аҳрор тракторрониро ёд гирад... Зимистон ҳам наздик...

Ҳоло ҳам даштбон даст лапар карда ба ин сӯ менигарист.

Қади Аҳрор ба китфи ӯ мезад.

Ман кӯдак барин ба гардани Комил часпидам.

— Тракторро баргардон, ба хона меравем, – гуфт.

Ман ёли аспашро сила карда ба трактор гузаштам. Тракторро баргардондам. Аспи ӯ паҳлӯи трактор қадам мезад. Комил ба хоки нарм чашм медӯхт. Сангҳо дами дандони плугро мегирифтанд, трактор садои гӯшхарош мебаровард, ҳамчун шери жаён меғуррид. Комил чизе гуфт, нашунидам.

— А?

— Кӯҳна шудааст! – дастонашро ба лаб карнай карда гуфт ӯ.

Ба ҷавобаш сар ҷунбонидам.

Назди даштбону Аҳрор омадем. Комил онҳоро ҳолпурсӣ кард. Аҳрор ҳайрон ба мо менигарист. Ӯ пешониашро сила кард, тоқии зангораш ба пушти сар лағҷид.

— Мулло Аҳрор, трактор ронда метавонед?

— Ҳоло не.

— Ҳа, ёд мегиред,

— Хайр, падар, мо рафтем! – ба мӯйсафед рӯ овард Комил.

— Хуб, писарам...

Ман аз трактор ба пеши зини Комил гузаштам. Аҳрор тамоман ҳайрон монд.

Дар канор гандум сӯзан барин неш зада буд...

## 16

Чӯҷабарак дар осмон кабӯтари сафедро ғоз-ғоз кард магар, ки пас аз борон парҳои жӯлидаи барф рехт.

Зимистон зимистонӣ кард. Ман доим дар хона ва гоҳ-гоҳ ба шаҳр мерафтам.

Ба шаҳр рафтам. Тағоям пайдо шуда, ҳавлиашро фурӯхта ба ҳавлии мо кӯчидааст ва модарам дар ҳуҷраи хурди назди дарвозахона зиндагӣ мекунад. Хеле хафа шудам ва модарамро пурсидам, ки ба хонаи мо биёяд. «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар» гуфту монд. Дигар гап назадам. Ин хабарро ба Комил расондам. Зуд-зуд хабар мегирифт...

Ҷавононро ба аскарӣ мегирифтанд. Комил аз пасашон мегирист, ки панҷаҳои колхоз бурида мешаванд.

Аз андешаи зиёд хаста шудам. Мехостам зудтар ба трактор шинаму садояш тамоми андешаҳоро аз ман барад. Даштбону Аҳрорро ёд кардам. Ҳар лаҳза дилам метапид, ки Аҳрор қад кашида истодаасту ӯро ҳам ба аскарӣ мегиранд. Тракторрониро ёд нагирифта мемонад ва дигар сарашро сила намекунам. Фақат рӯзи рафтанаш «хайр» мегӯяму бас.

Табиат, ки хӯи рангае дорад, тақдири одамон ҳам гуногун аст. Ман дар изтироб, ки Аҳрори ҷавон ҳам дар қатори мардон ба ҷанг меравaду ғӯрамарг мешавад. Кабӯтари «Набот»-ро гурба хӯрд... боз чӣ қадар нохушиҳо... Магар аҷал йигитҳоро сарбез мекунад?

Зимистон даргузашт. Тухмӣ намонда буд, ки баҳор коранд. Ҳам пахта, ҳам гандум. Азоби саҳро ба кӯдакону зану мӯйсафедон. Гандуми дар санглох кишт кардаамон, ба бахти колхоз, шуд кард. Ман аввалин бор дос гирифтам. Аҳрор ҳам досчаашро гирифта ба дарав омада буд. Даштбон об мекашонд. Ман Аҳрорро дар паҳлӯям гирифтам. Тора-тора гандум мекандам ва байни панҷаҳоям медоштам. Хӯшаҳо аз дастам мерехт. Аҳрор нигоҳ карду «Янгамулло, мана ин хел, вақти қабза гирифтан, панҷаҳоятонро накушоед» гуфта як қабзаро печонда-печонда сахт кард ва якбора дароз-дароз дос кашиду «Ана инро «янқа» мегӯянд» гуфт.

— Ҳамин хел?

— Ҳа, ана ҳамин хел, лекин қабзаро калон гиред.

Мӯйсафедон миёни хам шудан надоштанд, шишта дарав мекарданд. Миёни ман ҳам дард кард, гоҳ-гоҳ рост мешудаму шарм мекардам, ки шинам. Аз зери абрӯвонам ба Аҳрор назар андохтам. Мардҳои тануманд барин кор мекард. Пеши доси маро ҳам янқа мезад. Чанги талхак димоғамро сӯзонд: сурфидам. Аҳрор дастаашро ба рӯи бандина гузошта, ба ман нигоҳ карду «чангаш бисёр бад» гуфт. Боз чизе гуфтанӣ буд, вале ба занҳои гирду атроф, ки ду-ду, се-се шуда, фичу куч карда, ба ман дам ба дам менигаристанд, бад-бад чашм дӯхт. Ман медонам, ки онҳо «ба ҷои ӯ ман бошам, дар сояи воиши раис мехобам» мегӯянд. Рост, бисёр духтарони шаҳр тафбоду чанги талхи саҳроро намедонанд, садои якнавохту дилбазани зиллаҳоро намешунаванд, чунонки мардуми колхоз дар гармо соялю оби сардро намебинанд. Рӯи онон аз сармо мекафад, аз офтоб мепазад. Рухсораашон сурх.

Ман имрӯз бисёр касони ношиносро мебинам. Онҳо ҳам беист ба ман нигоҳ мекунанд. Ҳама харобу лоғар менамоянд, вале ниҳоят чаққон.

Китфу пайвандҳои дастам монда шуданд, базӯр досро медорам. Қоматамро рост карда «уф» гуфта миён молидам: «Бале ба ҷонатон, мардум».

Нигоҳам ба даштбон афтод, ки бо лангари рафтани хар гӯшакҳои телпакаш бозӣ мекард, риштаи гӯшаки росташ алвонҷ мехӯрд. Ӯ ду говбанд гандумро ба об хобонда, овардааст. Вақте ки бандина мебарад, хӯшаҳои хушк хиш-хиш садо бароварда бозикунон мераванд. Гоҳе ки тар шуда меоянд, сарашон хам. Даштбон аз хар нафуромада, ҳалқаи ресмонро кушод ва ду говбанд ба замин шорид. Баъд ӯ аз хар фуромада, бандинаро зери бандҳо гузошт, то намаш напарад.

Банд-банд даҳ-дувоздаҳ хӯшагӣ ҷудо карду аз бехи хӯшаҳо ду бор ба ҳам печонида бандина сохт ва ба замин партофт. Гандумро бо гандум мебандад. Риши сафеди ӯ ҳар лаҳза ба хӯшаҳо мечаспад. Ҳар лаҳза фарёд мезанад: «Шаввозҳо[1], хорашро ҷудо кунед»!

Офтоб, ки дар доманаи уфуқ ҳошияи гулобӣ баст, ҳар кас як банд бардошта, хирманҷо мебурд. Ман ҳам як банд мебардоштам, вале Аҳрор «монед, ман омада мебарам» гӯён намегузошт.

— Ҳеҷ гап не, Аҳрорҷон, қатори мардум.

Ҳар пагоҳ меомадам, ки ҷойҳои нодарав даравидагӣ.

«Мардум хеле барвақт меоянд» аз дил мегузаронидам. Пагоҳии дигар барвақт омадам, боз ҳол ҳамин, нишонаи гузоштаам дар қафо мондааст. Тоқат накарда аз Аҳрор пурсидам:

— Аҳрорҷон, пас аз рафтани мо гандумро кӣ медаравад?

— Ҳеҷ кас.

1. Шаҳбозҳо.

— Росташро гӯед.
— Ҳамин даравгарҳо моҳтоб, ки баромад, гашта меоянд...
Аз гӯшае овози писараке садои хурӯсчӯҷа барин нагузошт, то андеша кунам:
«Аскаргирӣ шуд, акои мо аскар шуд, Тагбанди миён ба гардани дилбар шуд».

…Панҷ сол гузашт. Комил фарзанд мехост. Менишасту бо алам «ҷанг аҷалест, ки тифлонро дар шиками модарашон мекушад» мегуфт. Ишораи суханаш ҳамин буд, ки бисёрии занҳо бешавҳару бефарзанд монда буданд. Ман ин гапи ӯро талх фаҳмидаму дили оҳанамро занг хӯрд. Комил дид, ки дар чеҳраам осори нохушист, меҳрубонӣ мекарду механдид: «Ҳамааш мешавад, сарамон амон бошад» мегуфт.

## 17

Хоб дидам, ки аммаам дар аспи безин нишастаасту «дар ин ҷаҳон ҷангу ҷидолҳо ба ман нафорид» гӯён аспро тозиёна мезанад ва рӯй пӯшида меравад. Ман асп мемонам, ки ӯро баргардонам. Сари аспам ба сағрии аспаш баробар шуду аспам пешпо хӯрда афтид ва аспи ӯ паси уфуқ пинҳон шуд. Бедор шудам. Комил болои сарам меистод.
— Хез, ба шаҳр меравем.
— Чӣ гап? – парешон шуда пурсидам.
— Ҳеҷ гап не.
Ба шаҳр омадем, вале лаҷоми аспро сӯи ҳавлиамон нагардонд.
— Комилҷон, ба куҷо?
— Амма... амма, – гуфт ӯ ва боз хомӯш шуд.
Пеши назарам хоби дидаам омад. Чашмамро пӯшидам... Аз гаҳвора то тобут як қадам будааст....
— Амма, амма... тири ҷанг ба шумо хам расид, амма... – гиря мекард Комил. Ба гӯши ман чунин мерасид, ки Комил неву Аҳрор мегиряд: – Бевафоӣ кардед, амма, ҷанг ба марги шумо маътал буд магар, амма...
Сиёҳам сафед нашуда буд.
Аз байни баргҳои ток офтоб чашмак мезад. Дар сояи болои кати чӯбӣ ҷо-ҷо дарбеҳи заррин буд. Кӯрпача лаганда мекардам. Таги дилам оташ гирифт. Кӯрпачаро ҷамъ кардам, ба хаёл рафтам, вале сарам сад тақсим буд. «Ҳамин хел хам мешудааст-дия, як ҷуфт кабӯтар аз як ҷинс... Табиат саховате дорад, ки якеро зор мекунаду дигареро безор...»
Тақ-тақи дарвоза шуд.
— Кист?

— Ман, Аҳрор.

«Аҳрор? Кадом Ахрор?» - ба худам савол додам ва тохта ба дарвоза рафтам.

— Салом, янгамулло.

— Салом, Аҳрорҷон, дароед.

— Не, –сарашро хам карда, – раис фиристоданд, – гуфт ва ҳалқаи дарвозаро дошт. – Чакка медодаед, – гуфту рафтанӣ шуд.

— Чакка? Раис дар куҷо?

— Дар идораашон.

— Аҳрорҷон, шуморо ранҷонданд?

— Не.

— Чаро хафа?

Ӯ сар бардошта рост ба чашмонам нигарист ва боз сарашро хам кард. Дилам таҳ нишаст.

— Ба шумо ягон гап шудагӣ? – кунҷкобӣ кардам.

— Ба ман ҳеҷ гап намешавад.

— Шаб раис ба шумо повестка омадагӣ гуфтанд?

— Ба худи раис повестка омадагӣ...

— Ахрорҷон, ин чӣ гуфтагиатон? Истед... Чаккаро баред.

— Худатон баред...

Ӯ сӯи идораи колхоз не, ба муқобили он роҳ паймуд. Дар хайрат мондам. «Аҳрор ин хел набуд-ку? Ӯ мулоҳиза дошт, гап занӣ, сурх мешуд...»

Ӯ рафт. Надонистам, ки чаккаро бо кӣ фиристам. Комил дар ин гармо дӯғоб хӯрданист. Ман медонам, ки ӯ танпарвар не, вале ҷигараш сӯхтааст. Як коса чакка гирифтаму ба болояш нон монда ба идораи колхоз рафтам.

Зинаҳои идораи колхозро мебаромадам. Чанд бор ба тирезаи идораи Комил нигаристам, ки ҳамроҳаш кӣ бошад. Чашмам ба тиреза, нӯги поям ба зина дакка хӯрд, коса аз дастам парида ба тобасанги зери посутуни паҳлӯи зина бархӯрду шикаст ва чакка ба хок ҷӯлид. Нон ғелида рафт. Бинову таманно монда чакка оварданам чӣ шуду ба тиреза нигоҳ карданам. Зинаҳоро баргашта фуромада, нонро бардоштам.

Дари идораи раис оҳиста нимбоз шуда, касе баромада, зуд пӯшид.

— Салом, янгаой, ба шумо чӣ шуд? Наход худатон биёред. Ягон бачча, ба Ахрор медодед...

— Раис ҳастанд?

— Аз шумо пештар ба саҳро рафтанд, – гуфт раиси ҷамоат ва хам шуда, чаккаро ба нимаи косаи шикаста бардошт.

Чашмам ба тиреза афтид: пардааш ларзида рафт.

Неше ба дилам халид. Чунин вонамуд кардам, ки чизеро пай набурдаам ва ба суханони раиси ҷамоат Нозир бовар кардам.

Фаромӯш кардам, ки нонро ба ӯ диҳам. Баргаштам. Не! Тоқатам намонд. Бовариам наомад, ки раис ба саҳро рафта бошад... Ба хонаи Аҳрорино рафтам.

Аҳрор баргашта омадааст, ӯ дарро ба рӯи ман кушода, салом ҳам надод, таклиф ҳам накард. «Ин хел набудӣ-ку?» - худ ба худ савол додам.

— Модарат кучо?

— Ман модар надорам.

Ман модарандари ӯро пурсидам, вале боз сахт ҷавоб дод.

— Мумкин, ки дар хонаатон нафасамро рост кунам?

Ба лабонаш табассум омад ва яктарафа шуда, ба ман роҳ дод, ки дароям. Назди тиреза нишаста, пардаро калонтар кушодам ва чашм ба дари идора дӯхтам. Хеле вақт гузашт. Нигоҳ кунам, Аҳрор ҳоло ҳам ба паҳлӯдарӣ такя зада рост истодааст.

— Аҳрорҷон, шинед. Тирезаатон ҷои тамошо будааст...

— Ҳа, ман ҳам шуморо тамошо кардам.

— Афтиданамро?

— Не, шуморо...

Ӯ афтиданамро диду шарм накунад гуфта «шуморо» мегӯяд.

— Шумо тамошо карда шинед, ман зуд меоям, – гуфта, баромада рафт.

Аҳрор рафту хестанӣ шудам, ки дари идораи раис кушода шуд. Зане баромад. Аз зинаҳо калавида фаромад. Пештар омад: модарандари Аҳрор... «Оо худоё, ман чаро ба ин хона даромадам? Ба кучо? Ба кучо?» Даступо хӯрдам ва надонистам, ки ба кучо сар паноҳ кунам. Дари хона рӯ ба рӯи идора.

«Фалак занад маро, чаро ин ҷо даромадам?»

«Шинам ё...» Аз тирезаи паси хона офтоб ба рӯи хона чорчӯбаи сурат барин нур афканда буд. Парида хестам ва аз он ҷо худро паси хона гирифтам. Кафшҳоямро фаромӯш кардам.

## 18

Бегоҳони тирамоҳу зимистон зоғҳо сӯи шимол парвоз карда ёде аз вайронаҳо меоранд. Кас ба бемадор бол задани онҳо зеҳн монда, манзараи роҳравии пири барҷомонда ва бекасу кӯйро ёд меорад; баргҳои хазонзада, ғубори рӯи деҳот, бод, аз лаби бомҳо паридани хазону коғазҳои ба рӯяш мева хушк карда, бевазани болои бом, ки дар даст як лӯнда лой дорад, гардан фурӯ кашидани кӯдакон, аз саҳро баргаштани ҷуфтронҳоро мебинад. Зоғҳо танҳову села раванд, вале ҳеҷ кадомашон кабӯтарро намонанд. Ман ҳар рӯз кабӯтар медидам, нигоҳам ба зоғҳо бархӯрд.

Баргҳои хазони роҳравро рӯфта истода будам, ки дарвоза кушода шуда, Комил гаранг-гаранг ба ҳавлӣ даромад.

— Канӣ? Кучо? Чаро? – мегуфт.

Ман карахт шудам. Комил рӯ ба рӯям омад ва як ангушташро ишора карда, дарвозаро нишон дод:

— Ана роҳ!

Ҳарфе назадам. Ҷорӯб аз дастам афтид.

— Ҳам... Ҳамидахон, хостед, ки барои ман ягон ҳаромиро биёред? Не!... Шумо барои ҳамин маҳтобшабро дӯст медоштеду ҳамроҳи бӯзбалаҳо... А?!

Ман чизеро нафаҳмидам.

— Худро ба нодонӣ назанед, ҳамашро медонам... Кафшҳоятон канӣ?

Даст ба даҳон бурда, ангуштамро газидам, то ба ӯ ҷавобе нагардонам. Ман ӯро ҳурмат мекардам, ҳамаи рафтору кирдорашро медонистам, ӯ барои ман раис не, Комил буд. Ҳамин қадар ҷуръат кардам, ки як қадам ақиб мондам...

— Кафшҳоят канӣ?! – ларзида рафт ӯ.

Ба ҷои ҷавоб боз як қадам ақиб мондам. Ӯ ба сӯям омад. Бовар доштам, ки зӯрам ба Комил мерасад, бо вуҷуди он барои ғазабашро паст кардан:

— Комилҷон? – гуфтам.

Калавида ба ман бархӯрд. Доштам. Ба сандуқи синаам такя зад. Ба хона даровварда, хобондам. Ду-се бор фарёд зад ва мисли гӯсфанди гарданаш нимбурида ба хир-хир даромад...

Баъд Аҳрорро ҷустам, то гӯям кафшҳоямро оварад. Ӯро дар кӯча сармаст дидам, «худоё, чаро ҳама алам аз мастӣ мегиранд?» гуфтам ба худ ва ба ӯ хитоб кардам:

— Аҳрорҷон?!

Ӯ калавида, ба ман нигарист.

— Аҳрорҷон, ҳамон рӯз кафшҳоям дар хонаатон мондааст, оварда медодед.

— Янгамулло, ман дигар ба он хона намеравам, – гуфт. «Фалак занад маро». Ҳайрон мондам. Ба хона гардам ё ба назди Салима равам. «Бахт аз таваккал» гуфта ба хонаи Салима рафтам. Дар паси дар истодам, ки дарашро кӯбам ё на... Дарашро кӯфтам. Дар кушода шуд.

— Салом, ойтӣ!

— Ҳа... Ҳамидахон... Аҳрор нест...

— Ман назди шумо омадам...

— Хӯш?..

— Кафшҳоям ҳамин ҷо монда буд.

— Ҳа! Кафшҳоятон, зани бовафо? – пичинг зад ӯ. Ман ба ӯ ҷавобе надодам.

— Кафшҳоятон чаро ин ҷо мондааст? Охир, шумо назди ман меомадед, боз кафшатонро пӯшида мерафтед.

— Ойтиҷон, ман ҳозир ба шумо ҳеҷ чиз гуфта наметавонам. Ягон рӯз мегӯям...

— Ман кафши шуморо надидаам.

— Шумо надида бошед, ба Комил кӣ гуфт?

— Ман ба Комили шумо гапбару гапбиёр не-ку?! Гапатонро дониста занед! Сарҳангиро кӣ кунад? Ғар!

Дасту поям ба ларза даромад ва чашмонам сиёҳ заданд, худдорӣ кардам. Шукр, ки дар давраҳои духтариам ба чангам назад. Тоқат наоварда, сухани худашро такрор кардам.

— Бале, ойтиҷон, сарҳангиро кӣ кунад? Ғар!

Ӯ наздик шуд. Аз даҳонаш бӯи арақ меомад.

— Шумо маро ғар гуфтед?

— Не, ойтиҷон, ин гапро ба домоди шумо часпонанд ҳам, намеистад. Худатон хуб медонед, ки ғар киву порсо кӣ.

— Ба ман пичинг назанед, ман палонҷатон не.

— Шояд бошед?

Ӯ қадами пеш партофтаашро ақиб гирифт.

— Ойтиҷон, кафшҳои маро диҳед. Комил дар хона танҳо.

— Кафшатон... Кафшатон чӣ хел ин ҷо омад?

— Ҳозир ин чизро ба шумо гуфта наметавоиам. Вақташ ояд, мегӯям...

— Ҳозир...

— Наметавонам. Моҳтоб барои шаб аст.

❂ ❂ ❂

— Кафшат канӣ? – пагоҳӣ пурсид Комил.

— Дар хона, – сачокро паҳлӯи дастшӯ овехта ҷавоб додам. Ӯ рост ба чашмонам нигоҳ кард ва тарсакӣ ба баногӯшам зад.

— Чаро дурӯғ мегӯӣ?!

— Дурӯғ не.

Зарбаи дасти ӯро писанд накарда ба хона даромадам ва кафшҳоро пеши пояш партофтам. Ӯ боз дар ғазаб шуд ва хост занад. Дасташро доштам ва дандонҳоямро ба ҳам фишурдам, ки аз байнашон чунин садое баромад:

— Ман Салима не.

— Чӣ гуфтӣ?

— Чизе, ки шунидӣ!

Ӯ башаст дасташро кашид ва боз хост занад. Боз дасташро доштам.

— Чӣ мурод дорӣ?!

— Куштан!

Тозон ба хона даромадам, кордро баровардаму дароз кардам. Кордро башаст аз дастам рабуд. Интизори зарбаи корди ӯ будам, ки аз сутуни воиш садое баромад.

Корд ба сутун халида буд.

## 19

Кабӯтарҳоям чанд рӯз бедарак шуданд. Хазон мерӯфтам, ки дар фазо садои болафшонии кабӯтар баромад. Чашм ба фазо дӯхтам. Кабӯтари зоғча кабӯтари кабуди даштиро ҳамроҳ овардаасту ба бом нишонда наметавонад. Кабӯтари даштӣ гарданкашӣ мекунад. Зоғча ба паст майл мекунад, вале кабӯтари сафед нест.

Нахостам ба онҳо халал расонам, ҷорӯбро дар роҳрав партофта, ба хона даромадам. Сояи деворҳо ба бадани дарахтҳо афтид, зардии офтоб нӯги дарахтонро абрешимӣ кард. Ҳоло ҳам кабӯтарон гирд мегаштанд. Офтоб нишасту кабӯтарҳо ба лаби бом фаромаданд. «Ҳув-хув» намегуфтанд. Ҳамин ки ба лона даромаданд, даричаро пӯшидам ва пагоҳ дошта болашонро буридам. Кабӯтари даштӣ рамида парвоз карданӣ шуд, болҳояш кӯтаҳӣ карда, ба зери бом афтид.

Баъд мардум гап бофтанд, ки маро гуноҳи кабӯтарон гирифтаасту барои ҳамин... барои ҳамин ҳам... Не, инро намегӯям, инро ҳама медонанд...

Агар ман ҳамчун зан ба зарбаҳои Комил ҷавоб медодам ё ситеза карда баромада мерафтам, чӣ мешуд? Ба қавли мардум ман кабӯтарбоз, беҳаё, шабҳо ҳамроҳи ҷавонҳо трактор меронам. Боз чӣ? Барои ҳамин ҳам худо ба ман... Не...

Намедонам, ки чаро дар як мавзӯъ пайваста фикр карда наметавонам, хаёл маро боз ба ҳар диёр мебарад. Дилам танг шуду ба кӯча баромадам. Аз дур касе тез қадам зада меомад,

— Салом, ойтиҷон.

— Салом, Аҳрорҷон!

— Хайр, ман ба аскарӣ...

— Чӣ хел?

— Шаб повестка доданд, бо шумо хайру хуш кардан омадам.

— Хайр, роҳи сафед...

Ин ҳам рафт. Одамоне, ки дили маро мефаҳманд, зуд аз наздам мераванд.

Комил барин марди вазнину ҳалим, ки бевафоӣ кард, аз дигарон чӣ гила? Гила ҳам не... шояд ҳамин хел чизҳо зарурате дошта бошад. Аз мансаб, вазифа. Не! Инҳо сабаб шуда наметавонанд. Комил чизи дигар мехост. Шумо инро аз ман хубтар мефаҳмед. Ман ҳам мехостам, ки ӯ фарзанд дошта бошад...

❁ ❁ ❁

Сарам чарх зад… Аз дарвоза баромадам. Лекин намедонистам, ба куҷо равам. Салима пеши чашмонам меомаду ғайб мезад. Сӯи хонаи ӯ рафтам. Аз паси шохаҳои бараҳнаи дарахти бед пеши наза-

рам омад, ки Комил аз хонаи Салима мебарояд. Чаро чашмони ман якбора равшан шуданд. Комил ба идора не, сӯи канал рафт.

Хостам баргардам, вале пойҳоям пеш рафтанд. Ба хонаи Салима. Пушти дар истодам. Дилам гуп-гуп зад. Гумон кардам, касе аз дарун дарро мекӯбад. Беихтиёр кушодам. Салима бараҳна буд. Маро диду шах шуд.

Ҳар ду рӯ ба рӯ будему мижа намезадем. Салима якбора ба ҷунбиш омад ва куртаашро напӯшида сӯи тиреза ҷаст ва аз он ҷо корд гирифт. Корд дар даст сӯи ман меомад.

— Ма, куш...

Ӯ ҳамин қадар гуфту рӯй тофт. Ман пеш нарафтам. Баъд ӯ фарёд зад.

— Гир, аз барои худо гир!

Дидам, ки ӯ мардонагӣ дорад ва ба гуноҳаш иқрор аст, паст наомадам...

Кордро аз дасташ гирифтам.

— Зан, ба ҳурмати худо зан!

— Ба худам занам?

— Не... Ҳамидахон, не!

— Салимаой, ман донам, ки Комил дар хонаи шумо будааст, намеомадам. Ман омадам, ки сабаби ин ҷо мондани кафшҳоямро гӯям.

— Аз барои худо лозим нест. Медонам...

— Шумо, ки ба ҳамааш иқрор ҳастед, мо бояд дигар хел рафтор кунем... Шумо Комилро дӯст медоред?.. Чаро ҷавоб намедиҳед?

— Чӣ, шумо аз ӯ рафтанӣ?

— Агар лозим шавад. Лекин шумо бо ӯ...

— Ба худатон насиб кунад...

❁ ❁ ❁

Аз танӯр нон мекандам, ки модарам омад. Ба чашмонам нигоҳ карда гирист.

— Чаро хароб шудаӣ?

— Не, бибиҷон, ман нағз, кор бисёр, монда шудам, – гуфтаму модарамро ба хона даъват кардам.

— Не, духтарам, ман бармегардам... Нон сӯхт... кан, баъд гап мезанам...

Пай бурдам, ки модарам аз ҳама чиз бохабар...

— Туро бинам гуфтам, ин вақтҳо хабар намегиретон, парешон шудам.

— Домодатон серкор,

— Бетоб шудӣ?

— Не, бибиҷон.

Гуррӣ бод омаду чангу хазонҳои бомро парешон кард.

— Бибиҷон, хона дароед, шамоли шайтон...

— Не, духтарам, ту даро, ман нонатро меканам.

Ман модар нашуда будам, вале ба қадри модар мерасидам. Рафтори модарам ба ман зиндагӣ омӯхта буд, маро насиҳат мекард ва дар зиндагӣ ҳама чиз шуданаш мумкин мегуфт: ҳо, ҳама чиз. Бевафоӣ, ки шуд... Акнун модарам насиҳат намекунад. Сукут меварзаду «калон шудӣ, ҳоҷати гап не» мегӯяд. Ҳо, ҳоҷати гап не. Воқеаро ба модарам шарҳ надодам ва напурсидам, ки ба ҷои ман шумо мебудед, чӣ мекардед? Не. Ман пешакӣ медонам, ки ӯ чӣ ҷавоб медиҳад: «Сабр». Лекин дар паси ин сабр чӣ ҳаст, медонам.

— Духтарам, ман меравам...

— Домодатон биёянд...

— Не.

— Бибиҷон!!! Мардум мегӯяд, ки гуноҳи кабӯтарон гирифт.

— Не, духтарам, кабӯтар гуноҳ надорад, ки туро гирад... Ҳоло ҷавон ҳастӣ. Ман падару бародаратро ҷуфттобут гӯрондам. Агар ба сарат санги осиёб гардад ҳам, тоқат кун. Хурсандӣ сад ман борро мебардорад, вале хафагӣ сад ман бар сарат мезанад. Ҳамаи гапҳоямро гуфтам, худо пешониатро кушояд.

Модарам хаставу парешон рафт.

Омадани модарамро ба Комил нагуфтам. Ӯ имрӯз шалпару бемадор омаду хӯрок ҳам нахӯрда хоб рафт. Аз зери мижгон маро мепоид. Гумон кард, ки ман аввала барин дасту пои ӯро молида мехобонам. Ман паҳлӯи дастархон, ки барояш кушода будам, ҳалқа задам. Ӯ маро интизор буд, ки наздаш меравам. Ман ӯро интизор будам, ки чизе мегӯяд. Хоб бурд. Худамро сабук ҳис кардам. Бедор шудам, ки рӯи дастони Комил истодаам. Ӯ лаб мегазид. Чашмонаш ашколуд.

Маро ба сандуқи синааш пахш кард.

— Монед! – бегонаҳо барин дасту по задам. Беозор ба замин гузошту як бор бинӣ кашид. Боз оғӯш карданӣ шуд. Тела додам. Истод-истоду як тарсакӣ ба рӯям зад ва рафтанӣ шуд.

— Чаро мезанед?

Боз як тарсакӣ зад ва хомӯш бар остона нишасту гулӯяшро молидан гирифт...

Бегоҳӣ барнагашт. Дилам шӯр гирифт. Дарро қуфл задаму роҳбонӣ кардам, ки аз кадом сӯ меояд. Духтарчаи ҳамсоя ғаш мекарду «нон» мегуфт. Моҳ гӯё ки нонро нав аз танӯр канда ба дарё андохта бошанд, зери абрҳои тунук шино мекард. Ман сояи беқарори худро медидам. Дер гоҳ қадамзанӣ кардам. Деҳа ором шуд. Аз гӯшае, гӯшҳоям чеғ заданд ё рост буд, садои мӯйсафед омад:

«Сафедори баланд як навдаву сад барги тар дорад, Писар дар роҳи ишқ афтад, чӣ парвои падар дорад».

Ман дар дилам мисраи ӯро ислоҳ карданӣ шудам: «Чӣ парвои дигар дорад». Лекин бовар надоштам, ки ин рафтори Комил ишқ бошад. Ба назарам, ин як ҳавас намуд ва дурусттараш, аз ман халос шудан мехост. «Пас аз чанд вақт воқеа ранги дигар мегирад ва ман «безурриёт» эълон хоҳам шуд. Э фалак! Ғӯра дар дарахт аст, ё бипазад, ё бодрезакаш бикун» гуфтам ба худ.

Шӯри дилам кундаалоби шаби тӯйро мемонд, ки гоҳ-гоҳ ба он равған мерехтанд: боло мешуду паст. Субҳи козиб барин пеши чашмонам равшану тор мегашт. Аз зулфини дар доштам, ки то ба рӯз бихобам, вале бод хазону чанги роҳро рӯфта, ба ман мезад. Гумон кардам, ки зулфинро раҳо карда, ба ҷое наравам, хазонҳо ҷамъ шуда маро гӯр мекунанд. Бигузор афсонаи «Шоҳдухтар» барин то миён даруни хок бошаму сагбаччаҳо пистони маро бимаканд... Не... не... Ба худо, ки не... Ман зулфинашро раҳо мекунам, меравам... Эй шабҳои тӯфонӣ, эй шӯри зиндагӣ, табл бизанед, ки пӯсти он аз пӯсти одам аст. Бизанед, ки ҳамроҳи хазонҳо рақс кунам... Эй баргҳои хазонзада, раҳгузаред, шумо ҳамроҳи ман наед. Биҷаҳед, шуморо ё оташ интизор аст, ё ҷоҳе... Вале ман ба сӯи дигар меравам, ба сӯе, ки бод шуморо меорад. Биравед аз пеши ман, тароватиি шуморо дидаам...

Садои мӯйсафед наздик омад ва «фах» гуфтани гурбае ба гӯшам расид. Гумон кардам гурба зери сумҳои хари мӯйсафед монд.

— Падар, писарҳоятон аз ҷанг баргаштанд? – беихтиёр хитоб кардам сӯи ӯ. Нашунид. Боз хитоб кардам. Боз нашунид. Аз кӯчаи паҳлӯ гузашту рафт.

Беихтиёр қадам задам. Хазони пеши дарвозаро пахш карда гузаштам. Пеши Салима меравам.

Деҳа торик ва хомӯш аст. Дари Салима аз берун қуфл. Дари идораҳо ҳам баста. Ба назарам, дар шаб ба ғайр аз дари осмон, ки ба пешвози хуршед боз аст, ҳама дарҳо баста мешаванд. Ҳатто дари хонаи худам ҳам баста аст. Ба куҷо? Ба моҳ, ба ситораҳо? Шабонгаҳ онҳо касро сӯи худ мехонанд. Чашмак мезананд, интизор мешаванд. Вале мо хокием...

«Чаро маро доштӣ, Аҳрор? Чаро аз сари манор доштӣ?!» Хотирам ба гузашта заду хостам ба ӯ нафрат кунам, вале... Барои чӣ? Не, нафрат ба худам... Акнун ман марги марг ҳастам: «зиндагӣ ширин»...

## 20

Комил се рӯз наомад. Се рӯз ҳам ба дари Салима рафтам, ки қуфл. Шояд рафта бошанд, вале аз касе напурсидам, ки Комил куҷо рафтааст. Рӯзи дуюм ва сеюм дидам, ки аспи ӯро саройбон ба об мебараду мебиёрад. Маълум, ки дар ин ҷо нест.

Рӯзи чорум Комил омад. Лоғар. Шаҳр рафта будааст. Ба ман бепарво ва бегона буд. Ҳатто чой наҷӯшондам. Фаҳмад, ки ман ҳам дил дорам, ман ҳам қадр дорам.

Боз чанд рӯз ба хонаи Салима рафтам: қуфл. «Аҷабо! Охир, чаро ба хонаи ягон каси дигар нею ба хонаи ӯ меравам?»

Сарам ғавғо дошт; гап ба гап намепечид. Ба куҷо рафтанамро худам намедонистам. Ногоҳ ба дари Салима расидам. Қуфл набуд. Оҳиста дарро кӯфтам. Ҳалқаи дар бардошта шуд. Ҳалқаи нав. Рӯ ба рӯям Салима, мӯяш гирди тоқии нав чанбар аст.

— Ба дилатон ҳам задам, – ба ҷои салом гуфтам ба ӯ.

— Не, – гуфт оҳиста.

— Чанд рӯз боз меоям, нестед.

— Ҳа... як ба шаҳр рафта будам, – хеле парешону хаста ҷавоб дод ӯ, вале хоҳиш надошт, ки дароям.

— Ба шумо гап доштам.

— Гӯшам ба шумо.

Чашмам афтид, ки дар рӯи хона як той махмали сурх истодааст. Ба дарҳо пардаи махмали нав. Ҳоҷати ба хона даромадан не.

— Дар остона наистем, берун...

— Ба хона дароед.

Ноилоҷ даромадам. Дар паҳлӯи хариди нави ӯ мӯзаи хироми мардона меистод. Дар сари мех ҷомаи беқасабу тоқии чустӣ. Хонаи ӯ хонаи наварӯс барин.

— Ойтиҷон, – мурочиат кардам ба ӯ, – ман дигар тоқат надорам. Биёед ошкоро гап занем... Маро ҳарчӣ гӯед, мардум ҳарчӣ гӯянд, майлашон. Аз шумо хоҳиш дорам: бо Комил як ҷо шаветон, ман назди модарам равам. Ман гуноҳро ба гарданам мегирам...

Ӯ ба гапи ман чавоб нагуфта, дари хонаи дарун кушода шуд ва Комил баромад. Маро дида, дасту по хӯрд. Сӯи Салима нигарист. Баъд сараш хам шуд,

— Не... не. Саратонро бардоред. Ман гунаҳгорам. Ман... – дастамро аз дасташ раҳо карданӣ шуда ба шаст кашидам.

Ӯ сахттар дошт.

— Акнун ҳамин хел шуд...

— Ман ҳеҷ чиз нагуфтаам-ку!

— Ҳар ду бояд муросо кунед.

Салима нафас намебаровард. Як қадам сӯи дар мондам.

— Биист!

— Ман ҳамаашро ба Салима гуфтам. Ман мехоҳам, ки шумо хушбахт шавед.

Девонаҳо барин аз дари ӯ баромадам. Комил аз пасам тохта омад.

## 21

Гумон кардам, ки ҷанг тамом шуду мо тинҷ мешавем. Ҳама орзуям монанди оташи хас дар як он хомӯш шуд. Ба сарам санги осиёб гашт.

Ман, ки айбро ба гардан гирифта будам, боз ба рӯи бори айб сарборӣ гирифта, ба миёна даромадам: Салима зани никоҳии Комил шуд. Вале ӯ ба хонаи мо наомад. «Рафтуомад мекунем, ман ҳамин ҷо мешинам» гуфт.

Рӯзҳои аввал чунин намуд, ки ман ҳамчун навниҳол дар баҳорон аз нав сабз шудам. Вале ҳис мекардам, ки ҳамчун дарахти бесамар сар мекашаму тирамоҳ, ки расид, шохҳои он дарахтро шикаста, ба охури моли парворӣ мепартоянд.

Ману Салима барои Комил ҳамчун мурғони даштиву хонагӣ будем: Салима дили васеъ дошт, дар хонаи танг ҷой мегирифт, вале ба дили ман дунё тангӣ мекард.

Боз ба сари рул нишастам. Дашт ба назарам ниҳоят васеъ шуда буд ва агар дуртар трактор ронам, мӯсафеди даштбонро намедидам. Лекин бозии гӯшаки телпакаш, харсавориаш доим пеши назарам буд. Гумон кардам, ин марди танҳо – соҳиби дашти васеъ, дилфигорро, ки писаронаш аз ҷанг барнагаштаанд, дигарбора нахоҳам дид. Мо дар як дашти паҳновар ду танем. Ӯ ба дарди худ, ман ба ғами худ. Ӯ ба ман дар зарфи махсусе, дар қумқумаи аз ҷанг овардаи додарзодааш, ки ҳамчун ёдгорӣ гирифта мегашт, об меовард. Ман дар рӯи трактор обро якбора дам кашида, ба ӯ раҳмат мегуфтам ва ба риши сафедаш нигоҳ мекардам. Вай табассум карда «эй духтарҷоне» гуфта меомад. Чунон аст, ки дар зиндагӣ ба ғайр аз маркабаш чизи дигар пеши назараш наменамуд. Ё шояд барои андармонии худ доим ёли онро сила мекард ва гардану сағриашро мемолид.

Ин баҳор баҳори бахосияте буд магар, ба ман шогирди нав омад: Ҳабиба. Дар хонаи баччагони шаҳр тарбия ёфтааст. Духтари ором. Хатхон, вале таҷрибаомӯз. Ба ҳар ҳол ҳамроҳ. Вале ман кӣ ва чӣ будани ӯро дуруст надониста, моҷарои дигаре сар шуд:

Ман вақту бевақт хонаи Салима намерафтагӣ шудам. Аз шаҳр модарам ва ду кампири дигар омаданд, ки хонаи Салима равем...

Меҳмондории Салима раисона буд. Вале ман хостам, ки боз як чиз илова шавад. Дар кодоки болои дар чанд сар ҷуворӣ овезон буд. Аз Салима хоҳиш кардам, ки бирён кунад.

Ӯ ҷуворӣ бирён кард. Шукуфтаашро дар лаълие овард ва дар ҳован чизеро кӯфт.

Ман ба корҳояш ёрӣ диҳам гуфта ба ошхона гузаштам. Дар тақсимча кӯфтаи ҷуворҳои ношукуфта меистод. Як каф гирифтам, тахир. Ӯ як бо гӯшаи чашм нигаристу боз ба кор андармон шуд.

— Ойтӣ, ин барои кӣ?

— Барои Комил-акетон... Каме сӯхта тахир шудааст.

— Хайр... – ҳазл кардам ба ӯ ва боз ду-се каф болои ҳам хӯрдам. Ӯ гаштаву баргашта менигарист. – Ёрӣ диҳам?

— Нее, не, ҳамааш шудагӣ. Гузашта шинед...

Сари дастархон. Сарам чарх зад, дилам беҷо шуда, аз даҳонам гуп-гуп оташ баромадан гирифт. Тохта, берун баромадам. Сарам гашта ба дар задам. Ҳамин қадараш дар ёдам ҳаст, ки Салима тохта омаду садои «чӣ шуд, чӣ шуд»-и модарам дар гӯш монд...

## 22

Баъди як моҳи табобати духтурон шифо ёфта, аз бемористон баромадам. Комил ҳама рӯз меомад. Баъд ҳам омада, узру маънӣ гуфт. Вале дигар ҳаваси ҷоҳу ҷалоли Комил накардам. Ба ӯ як даҳон ҳам гапи бад нагуфтам. Аз чеҳрааш маълум буд, ки ба чунин аҳвол гаштани ман марги ӯст. Ӯ зорӣ мекард, ки баргардам:

— Ҳамида, баргард, маро дубора накуш!

— Не, Комилҷон, шумо хушбахт шавед!

Модарам як даҳан рав ё нарав нагуфт. Вале тағову янгаам заҳр мезаданд, ки равам. Заҳрро заҳр давост. Ман, ки заҳролуд шуда будам, ин чизҳо ба ман таъсир накард, вале баъд ба андеша рафтам... Сарамро сари зонуи модарам мондаму гиристам. Ӯ ашкамро бо гӯшаи қарси сафедаш пок карда, «гиря накун, кирои гиря намекунад» гуфт. Қатраи ашкаш ба рӯям шорид. Оҳиста аз зери пардаи ашк ба ӯ нигаристам, ки мегиряд. Ашкамро зуд пок карда:

— Не, бибиҷон, не, кирои оби чашм не, – гуфтам.

Ӯ боз сарамро оғӯш карда, ба сари синааш пахш кард. Давраеро ёдам меовард, ки синаи ӯро макида хобам мебурд.

— Бибиҷон, боз равами?

— Не... Не... – у маро сахттар оғӯш кард, гӯё аз нав ба дилаш ҷо карданӣ буд. – Не, дигар, ҳеҷ куҷо намеравӣ.

Чашмонам сиёҳӣ заданду саҳрои фарох, трактор, мӯйсафеди даштбону Ҳабибаи навшогирд пеши назарам омада, зуд ғайб заданд ва баъд як села кабӯтарон ба дуродур парвоз карда, аз назар нопадид шуданд.

Рӯзҳо мисли рӯди кӯҳӣ шитоб доштанд. Ҳар гаҳ ман ба чашмони модарам менигаристам ва ӯ ба чашмони ман, чашмони ӯ олами бесеҳре буданд, вале ба мисли рӯзгори пурошӯб. Ӯ дурудароз ба чашмонам менигарист ва номаълум сар меҷунбонд. Ҳарфе намезад, рӯ ба дигар тараф метофт. Ман мефаҳмидам, ки дар нигоҳи ӯ ҳасрате ҳаст.

Ҳис мекардам, ки хеле нотавон шудаам, гӯё аз пистони модар заҳр макидаам, акнун ба устухонам кора мекунад.

Боз ба мадрасаву манора омадам, ки кабӯтарҳои худро бинам. Мадоре надоштам, то ба манора бароям. Нақли Аҳрор ба ёдам омад, ки ҳамин мадрасаро Бибихоним пӯшондааст... Ба фикр рафтам: «Мо чӣ?» Ба саволи худ ҷавоб ёфта натавониста, ду-се қадам боло баромадам. На садои кабӯтар буд ва на худаш. Писараке шапкаашро ба рӯи абрӯвонаш кашида, дар даст камонғӯла омадани кабӯтаронро мепоид. Гӯшҳоям чеғ заданд. Гӯшҳоямро доштам. Гумон кардам, ки маро касе чеғ мезанад. Ба қафо нигаристам, касе нест. Воҳима гирифт. Қафо гаштам.

Зани тағоям маро субҳдам бедор карду ангуштариҳои тиллояшро аз ангуштонаш кашида, ба даруни пиёлаи ҷигдагул андохт ва нон рост карда пухту сабади нонро ба фарқи сарам гузошт. Ман аз дарвоза берун қадам мондаму мардеро дидам, ки теғ кашида нигоҳ мекард.

«Не!» - беҳушона фарёд кардам ва сабади нон аз сарам парид.

— Натарс, натарс, ба ту корам не, – мегуфт он мард ва нонҳоро чида ба сабад меандохт.

Зани тағоям тохта баромад, ки нонҳо пош хӯрдаанд.

— Шумо мебахшед, – гуфт он мард ба зани тағоям. Дурусттар нигоҳ кунам, он мард Комил аст.

— Тӯтиой, ман ба Ҳамида гап доштам, – гуфт Комил.

— Ҳа, марҳамат, ба хона дароетон, тағомуллотон наздатон рафтанӣ буданд, – гуфт зани таға ва ба гирду пеш чашм давонд, ки Комил ягон чиз овардааст ё не. Чизеро надид, кайфаш гурехт ва ба ман ало нигоҳ кард. Ман ба дарвозаи ҳамсоя чашм дӯхта гӯё нигоҳи заҳролуди ӯро намедидам.

— Домод, дароед! – боз таклиф кард ӯ.

— Раҳмат, ман меравам, ба Ҳамида гап дорам.

— Медаромадед… тағомуллотон омада мемонанд, – гуфту паси дарвоза шуд...

Комил аз бағалаш чизи коғазпечро бароварда ба ман дароз кард:

— Ма!

— Не, раҳмат!

— Гир, аз они худат. Пули меҳнатат. Колхоз дод, аз они ман не.

— Не, ба ман ҳеҷ чиз лозим не.

— Гир, одам ин хел намешавад, – гуфта ба дастам гузошт. Гӯё ман холо ҳам итоаткори ӯ будам, ки гирифтам. – Хайр!

Ӯ дигар чизе гуфта натавонист. Тоқат накарда тез-тез қадам монда рафт ва ман «хайр» ҳам нагуфтам....

Дарвозаро сахт кушодам. Аз паси он овози касе баромад.

Даромадам.

Ӯ сарашро дошта «уф-уф» мегуфту чашмаш ба коғази дасти ман буд.

— Вай чӣ? – тоқат накарда пурсид ӯ.

— Ҳуҷҷат! – гуфтаму ба ҳуҷраи модарам рафтам.

— Ӯӯ! Нонро намебарӣ-чӣ?! – фарёд кард ӯ. Ман ба ӯ ҷавобе надода коғазпечро байни кӯрпаҳо гузоштаму сабади нонро тори сар карда бозор рафтам... Аз байни одамон чашмонам касеро меҷустанд. «Агар Комил бинад, ки нон мефурӯшам, якбора ҳамаи нонҳоямро мехараду... Ҳо, не, ман дигар бо ӯ рӯ ба рӯ намешавам, ӯ бо ман ҳамгап не...»

— Нонатон чанд пул?

Овози дупӯстаи марде маро ба худ овард. Аз ҳаяҷон ба рӯяш нигоҳ карда мондам.

— Чанд пул?

Нархашро гуфтам.

— Ин қадар қимат? – гуфту ба нони ҳамсоя гузашт. Ман чизе ҷавоб дода натавониста, зани тағоямро ҳақорат кардам. Хостам нонро бардошта барам, боз мулоҳиза кардам. «Ҳамин дафъа фурӯшам, дигар намеоям»...

Он мард баргашта омад. Ин дафъа ба нон не, ба ман нигоҳ мекард. Дергоҳ зеҳн монд. Одамон ба ману ӯ менигаристанд. Ба куртаи ман кайк даромад.

— Одам гум кардед? – худро аз хиҷолат баровардани шудам ман.

— Не. Номатон чӣ?

— Коратон чӣ?

— Лозим. Шуморо ба як кас монанд карда истодаам, лекин... – гуфт мард ва даст ба пешониаш бурд. Пас аз фурсате пурсид: – Шумо Аҳрорро мешиносед?

— Кадом Аҳрорро?

— Аҳрори ҳамсинфи маро... Ман Нусрат, нашинохтед?

— Не. Тамоман дигар шудаед.

— Ҳа, пас аз ҷанг....

— Шумо Аҳрорро дидед?

— Ӯ аввалҳо ба ман хат мекард, баъд якдигарро гум кардем, лекин кадом рӯз бо як кас вохӯрдем, гӯё Аҳрорро дар Душанбе дидааст.

— Дар Душанбе? Ростӣ?!

— Ҳамин хел гуфт... Боз аниқ кунам, ба шумо дарак медиҳам...

Дар таги сабад як нон монд. Дергоҳ нигоҳ кардам, ба фурӯш нарафт. Сабадро бардошта рафтам. Зани тағо гирифта шумурду «Нархи як нон кам-ку?» гуфт.

— Нон дар сабад. – ҷавоб додам..

— Як нонро фурӯхта натавонистӣ? – таъна кард ӯ. Ҷавобе надода, ба ҳуҷраи модарам рафтам. Паҳлӯи ӯ нишастам. Чашмам ба янга афтид, ки рӯи ҳавлӣ парешон мегашт ва лаби поёнашро газида, лаҳза ба лаҳза ба дару тирезаи мо менигарист. «Наход барои як нон... Пул нашуд, баччаҳо мехӯранд» гуфтам ва хеста коғазпечи Комил овардаро аз байни кӯрпаҳо гирифта кушодам. Аз байнаш китоби хурд, ки онро модарам «китоби ғазал» мегуфт ва чанд яксӯмиву сесӯмӣ баромад. Дар ҳайрат афтодам... «Наход ноумед маро фиреб кард?» – гуфтам ва аз тиреза ба берун нигаристам. Янга худашро мисли мурғи аз об баромада афшонда, сӯи мо омад. Дарро кушода даромада «Ӯӯ, Ҳамидаой, пулатон будааст»-а гуфт.

— Лозим бошад, гиред,– гуфтам. Ӯ каме худро қафо кашида:

— Не, ба ман чӣ лозим. Ба худатон лозим мешавад, – гуфт.

Модарам болиштро бардошта, «китоби ғазал»ро наёфт ва «китоби ман канӣ» гуфт. Янга боз каме худро қафо кашид.

— Канӣ, китобро ба ман те, дар қабаташ як сӯм буд, – гуфт модарам ва китобро гирифта кушода, – китоби ман ҳамин, чӣ хел он ҷо рафтааст? – гуфта ба янга нигарист.

— Ягон вақт ба домод дода бошед, оварден-дия, – ҳайрати моро парешон карданӣ шуда гуфт ӯ.

— Ҳамин пагоҳӣ дар таги сарам буд.

— Комил ин хел фиреб намедиҳад,– гуфта аз модарам пурсидам: – Бибӣ, ба хона кӣ даромада буд?

— Ба хонаи шумо кӣ медаромад? – таъна кард янга. Ҷаҳлам омаду худдорӣ кардам. Модарам ҳам ҷавобе надод.

Янга як «ҳуъ» гуфту ҷилва карда, баромада рафт. Ман аз тиреза ба ӯ нигоҳ мекардам. Рӯи ҳавлӣ истод, нохуни нарангушташро хоидан гирифт.

— Биб, пул додани Комилро янга аз паси дарвоза поида, дида буд, шояд...

— Дар ҳақи як кас гумони бад накун, духтарам, – гуфт ӯ ва ба фикр рафт. Ман ҳам хаёл карда мондам: «охир, чаро ман ин қадар боандеша, чаро ин қадар худро таҳқир мекунам, паст мегирам? Нони даҳони маро мегиранду шояд... шояд... гуфта мешинам».

— Бибиҷон, ба худо, ки ин кори янга.

— Ором шав, кас барои пулу чиз ҷанҷол намекунад.

Сухани модарамро нашикастам.

## 23

Дастам даруни кафки собуни тағора, ҳушам ба кабӯтарҳо рафт, парвозу нигоҳашон пеши назарам омад ва якбора гум шуд. Ҷои онҳоро чеҳраи ҷиддии Аҳрор гирифт: «Наход рост бошад? Ӯ зинда? Набошад, чаро ба Самарқанд барнагашт? Ҳа, ранҷидагӣ... баъд

аммаам... Дурӯғ. Хати сиёҳаш омада буд... Ин мардак аз ман чӣ мехост. Аз афташ, аз хати сиёҳи ӯ хабар надорад. Ё шояд...» гуфтам ба худ ва фикрам ба дигар тарафҳо парешон шуд. Симои мардонаи зани Собир, ятим мондани баччагони ӯ ба ёдам расид. Аҳд кардам, ки ҷомашӯиро тамом карда, рафта онҳоро мебинам, вале орзую хаёл ва нияти маро овози дағалу баланди зани тағоям вайрон кард:

— Ҳамидаой, шумо пулдор шудеду мо дузд!

— Кӣ гуфт, янгамулло?

— Худо хайри раисро диҳад, ки ранги рӯятон даромад.

— Оҳиста, янгамулло, ба шумо чӣ шуд?

— Чӣ мешуд? Боз чӣ шавад? Ман пули шуморо дуздидам?

— Кӣ гуфт?

— Ман чизи безурриётро намегирам...

Осмон чарх зад. Чашмонам чизеро надиданд. Хостам тағораи мағзобаро ба сараш занам. «Не, агар ӯ аз безурриёт ҳазар кунад, ман ҳам ба ин хел одамони паст даст расонданро ор медонам». Ҷавобе надодам. Дастонамро ба сачоқи назди тағора пок карда ба хона даромадам, ки чизҳоямро гирифта, аз ин ҷо баромада меравам.

Модарам омад. Сурати воқеаро гуфтам.

— Куҷо меравӣ, ман чӣ кор мекунам?

— Ҷой ёбам, шуморо ҳам мебарам, – гуфтаму рафтам. Ба куҷо? Худам ҳам намедонистам... Ба трамвай нишастам, маро ба вокзал овард. Бинам, поезди «Москва-Душанбе» ба сафар омодааст. Сухани Нусрат диламро аланга гиронд. Радио ҳам такрор кард: «Москва – Душанбе». Ба назди поезд омадам. Мардум бетартибӣ доштанд. Ҷойҳои ҳар кадомашон маълум. Албатта, бояд як говзӯрӣ кунанд.

Ҷавонзани тахминан сисола тифли парпеч дар даст ба ҷавонмарде чашм медӯхт. Он ҷавонмард китф мезад, ки ба ман роҳ кушояд. Мардум тира мекарданд. Ман ҳам баробари ҷавон китф задам ва кӯдакро аз дасти ӯ гирифта боло бардоштам. Зан ба худ омада «Чӣ бесарусомонӣ» гуфт ва кӯдакро аз дастам гирифг.

Занак маро наздаш шинонд. Поезд ба роҳ даромад. Давр гаштани чархҳои поезд саргузашти маро такрор мекард. Чашмонамро пӯшидам, ки девори дудахӯрдаро набинам.

Поезд фарёд мезад. Ба назарам Самарқанд дар таги кадом абри дури гӯшаи осмон монд. Садои зарби чархҳо ғал гаштанҳои чархи тракторро ба хотирам овард.

*— Бибӣ, бибиҷон, хезед!*

*— Ҳоло барвақт, ҷонакам. Хобат набурд?*

*— Не.*

*— Ин ҷо биё!*

*Ҳамида Сиддиқро аз нав ба ҷогаҳаш даровард. Писарак сар ба сақфи синаи ӯ гузошта, дароз-дароз нафас кашид.*

*— Бибиҷон!*

*— Ҷон!*

*— Имрӯз ҳам бекитоб меравам?*

*— Не, имрӯз китоб мебарӣ.*

*Сиддиқ завқ карда хандид, Ҳамида ба хаёл рафт,*

— Ҳама билет доранд? – фарёд зад кондуктор. Ман ба ҷои «не» мисли чӯҷаи сармохӯрда гардан фурӯ кашидам. Кондуктор ба баччаи ҳамроҳонам зеҳн монда дӯстдорӣ кард, пас ба ман нигарист.

— Куҷо меравед?

— Душанбе...

Чизе нагуфту гузаро шуд.

— Апа,– ӯро ҷеғ задам, – ман билет нагирифтаам.

— Чаро?

— Фурсат набуд.

— Хайр, ҳеҷ гап не.

Ман акнун бо одамҳои хуб дучор омадам. Не, дурӯғ нашавад. Ҳама одамҳо хуб буданд. Ба ғайр аз тағоям ва Собир. Ҳамсафаронам маро одами худ донистанд, вале ман ба онҳо ҳоло чизе нагуфтаам. Фақат гуфтам, ки ба Душанбе меравам.

«Меравам. Гапи Нусратро умед карда меравам. Шояд рост бошад ва шояд ҷустуҷӯ карда Аҳрорро ёбам... Ӯро бинам, мешинохта бошам? Ӯ низ маро мешинохта бошад? Пас аз шиносоӣ ман ба ӯ гӯям, ки... не, намегӯям... Пурсад ҳам, намегӯям. Ӯро як бор мебинаму «баргашта Самарқанд меравам» гӯён аз ӯ дур мешавам... Ин гап дурӯғ. Ӯ зинда мебуд, аввал ба Самарқанд меомад. Ба сари гӯри модараш рафта фотиҳа мехонд... Кӣ медонад, шояд мурдаи модарашро шунида, дигар дар он ҷо касе надорам, гуфта нарафта бошад. Шояд... шояд... Ҳумм... Ман ӯро бинам, чизе гуфта наметавонам. Агар ӯ донад, ки ҳамаи ин барои халосии ӯ буд ва ман ба доми фиреби тағоям афтидам. Баъд чӣ? Ҳа, баъд фақат як чиз мемонад, ки ман... ман мисли дарахти бесамар мисли ҳамон бед, ки Комил ба рӯи сабзавот соя мепартояд, гуфта бурида буд... Ҳамааш ҳамин. Лекин Аҳрор ба ман чӣ мегӯяд? Гӯям, ки туро ҷуста омадам. Не... ин хел намегӯям. Беҳтараш ман ӯро на...»

Садои баланди поезд маро ба худ овард, баъд ба ҳамроҳонам муроҷиат кардам:

— Ман бори аввал ба Душанбе меравам. Ҳеҷ касро намедонам...

— Парво накунед, дар Душанбе одам гум намешавад. Хоҳед, ҳамроҳи мо меравед. Хоҳари ман ҳамон ҷо, як оилаи аҷиб, ки... Шавҳараш ҳам меҳмондӯст. Ҷои кори калон-ба кор мекунад...

Поезд нафасҳои дароз кашида, истод. Душанбе. Ман як ҷомадони онҳоро бардошта фуромадам. Интизори мошин шудем.

Аз вагони шафат аскарбаччае фуромад. Аз назди мо гузашту боз омад. Чашмаш ба ман афтод. Лабонаш меҷунбиданд. «Ҳамида...» гуфтанашро шунидам ва давомаш дар даҳонаш монд.

— Шумо аз Самарқанд не?

— Аз Самарканд.

— Номатон Ҳамида?

— Ҳа.

— Нашинохтед?

— Не...

— Шумо тракторчӣ?

— Аҳрор... Аҳрорҷон!!!

Ҳамсафаронам ҳайрон монданд. Хурсандии ман интиҳо надошт.

Ин чӣ рӯзест, ки гузашта такрор мешавад. Ман боз Аҳрорро дидам. Аҳрори дӯюмро. Суруди қадимае, ки гӯё ман дар зери осмони кабуд мехондам, аз нав садо дод. Беихтиёр ба офтоби мисли оҳани гудохта сурх чашм дӯхтам. Офтоб гӯё дар укёнуси кабуди беканор ғарқ мешуд. Кабӯтарон зуд-зуд аз байни чашми ману офтоб гузашта, диққатамро рабуданд. Дар ин шаҳр ба назари ман аз ҳама бештар кабӯтар расид.

— Ойтӣ, рафтем, – гуфт Аҳрор ва нигоҳи маро аз он манзараи зебо ва селаи кабӯтарони бозигар барканд.

— Ба куҷо меравем, Аҳрорҷон?

— Ман дар ин шаҳр шиносе надорам... Ба назарам ҳеҷ ҷо ба мисли меҳмонхона бемалол нест, – гуфт Аҳрор ва ба ронанда фармуд, ки ба меҳмонхона барад.

Дар шаҳр маҷлиси машваратӣ мерафтаасту ҳама ҷойҳо банд. «Шумо ҷойгир мешудед, ман дар кӯчаҳо ҳам қадам зада, шабро рӯз мекардам» гуфт Аҳрор, боз назди кассир рафт, ки ҷой пурсад. Дар назди касса касе намонд. Аҳрор боз он ҷо рафт.

Кассир сарашро набардошта пурсид:

— Шумо зану шӯ?

Аҳрор ба ман нигоҳ кард. «Ҳа, гӯед» – чашмак задам ман.

— Ҳа! – ҷавоб дод Аҳрор.

— Паспорт.

Аҳрор боз ба ман нигарист.

— Ана, марҳамат, – ман паспорти худамро, ки ҳоло Комил аз қайди он набаромада буд, дароз кардам. Кассир коғазчаро дароз карду «ошёнаи сеюм, хонаи бисту якум» гуфт.

Нигоҳ кунам, ранги рӯи Аҳрор канд ва дастонаш ба ларза даромаданд.

Ба хона даромадем. Як кат, як курсӣ ва як тумба буд.

Аҳрор сарашро хам карда меистод. Ман ҳам намедонистам чӣ гӯям ва чӣ кунам.

— Шумо хоб кунед, ман кӯчаҳоро қадам мезанам, – гуфт Аҳрор.

— Дар шаҳри бегона шабона гаштан хуб нест.

— Ҳеҷ гап не.

— Не, Аҳрорҷон. Шумо хоб кунед. Ман дар курсӣ мешинам... Аҳрор розӣ нашуда, дар курсӣ нишаст, вале ман наметавонистам дароз кашам. Ман ба кат нишастам.

— Чаро ба Самарқанд нафаромадед? – пурсидам аз ӯ.

Ҷавобе надод. Ман ҳам хомӯш шудам. Гуё ӯ мегуфт: ҳамаашро медонӣ, боз чӣ мепурсӣ? Саволро дигар кардам.

— Аҳрорҷон, дар Душанбе монданӣ ҳастед?

— Эҳтимол. Дар аскарӣ мактаби шофёриро тамом кардам...

Аҳрор орому хомӯш шуд. Гумон кардам, ки ӯ ба хоб рафт.

Оҳиста нигоҳамро ба сӯяш тофтам. Ба берун, ба торикӣ менигарист. Оҳиста телпакашро гирифта, дар шишаи тиреза худашро медид магар, ки ба мӯяш панҷа зад.

Фикр кардам. Сар бардоштам, ки субҳ дар домони хомӯшӣ ва оромӣ тавлид мешавад, вале ин субҳ аз паси тирезаи мо, ки ҳоло ҳам чароғ фурӯзон буд, аҷиб намуд. Гӯё бунафшазоре буд, ки рангаш фазоро оро медод. Ин манзара оҳиста-оҳиста ба гандумзори тиллоранг бадал шуд, ки аз зери чарххои трактори ман рӯида буд...

— Акнун куҷо рафтан мумкин? – пурсидам аз ӯ. Сарашро аз курсӣ бардошту гуфт:

— Шумо аз тиреза шаҳрро тамошо карда шинед. Ман иҷоракобӣ меравам Хона ёбем, ман ба кор медароям...

Аҳрор соатҳои дуи рӯз омад. Хеле хафа буд. Ҳамроҳ хӯрок хӯрдему боз ба иҷоракобӣ даромадем. Мо мисли соиле ҳар дари ношиносро мекӯфтем. Чеҳраҳо кушод, лабҳо пури табассум, вале афсӯс мехӯранд, ки барои иҷора хона надоранд. Аҳрор дареро оҳиста-оҳиста тақ-тақ кард. Арӯсе баромад. Хона пурсидем.

— Шумо зану шӯ? – пурсид ӯ.

— Ҳа, – базӯр овоз баровард Аҳрор.

— Шаб мардакро пурсам...

— Пагоҳ биёем? – пурсид Аҳрор.

— Ҳамин хел...

## 24

Мо иҷорашин шудем. Дар паҳлӯи дарвоза як ҳуҷрача буд. Соҳибаи ҳавлӣ «хона ана ҳамин» гуфт. Чашмам ба холи рухсораш афтид. Дурусттар нигоҳ кардам: чашмонаш бозӣ мекард.

Ману Аҳрор ба ҳам нигоҳ карда мондем: «Чӣ бояд кард?»

— Як магазинҳоро давр занем-чӣ, – гуфт Аҳрор. Ҷомадонро ба рӯи хона гузошт, ман ҳам кӯлвори худро болои он мондаму баромадем.

...Кати сафарӣ ва як кӯрпайи рӯ. Он чизе, ки дар иҷорахонаи мо зиёд шуд. Ин шаб ҳам мо намедонистем, кӣ бояд куҷо хоб кунад.

Аҳрор берун рафт. Пас аз чанд дақика шақар-шақари садои оҳанпораҳо баромад. Аҳрор ду пояи кати кӯҳнаро овард ва аз паси он соҳибаи хона даромад. Ба кӯрпаву кати сафарӣ хуб нигоҳ карду:

— Ба ин ду кас хоб рафта наметавонад, – гуфт ва баромад. Аҳрор нардбони катро овард ва пояҳояшро рост карда ба пешгоҳ гузошт: «Барои шумо» гуфт ва кати сафариро таги тиреза паҳн кард.

— Кӯрпаро гиреду хоб кунед.

— Шумо...

— Ғами маро нахӯред.

Хуб, ки ӯ ба ман ҳамроҳ буд, вале барои ман азоб мекашид, нағз не. Ӯ «шинеламро ба болоям мегираму мехобам» гуфт. Ман чизе гуфта натавонистам.

Боз соҳибаи хона дарро кушода, як лӯла ва як кӯрпача овард.

— Шумо...

— Ҳеҷ гап не, – суханамро бурида, дилбардорӣ кард. Соҳибаи хона гоҳ ба кати кӯҳна ва гоҳе ба кати сафарӣ нигоҳ кард. Ба хаёл рафт. Ман кӯрпачаро болои кати сафарӣ партофтам. Ӯ ҳайрон аз дар баромад.

Имшаб сахт хоб рафтам. Пагоҳ бедор шудам. Шинел аз рӯи Аҳрор афтида буд. Шинелро бардошта, болояшро пӯшидам...

Аҳрор коркобӣ рафт. Соҳибаи хона «Манзура» гуфта худро ба ман шинос кард ва оҳи сарде кашиду таассуфомез гуфт:

— Бахтатон хандидааст.

Ман ҳайрон ба ӯ нигоҳ кардам.

— Чӣ хел бахт?

— Бахт аз ин зиёд намешавад, ки кас чунин ҷавонашро ёфта гирад.

Ман чизе нагуфтам. Дилам фишор хӯрд, ба назарам, дуди ғализе аз димоғам берун рафт. Бахте, ки доштам, ба занак нагуфтам, бо баҳонаи кӯрпаро дуруст кардан рӯямро гардондаму тамоми буғзамро зери лаб пуф кардам.

— Аҳрор кор ёфта тавонад хуб-куя! – гуфтам, гапро ба дигар тараф кашиданӣ шуда.

— Хафа нашавед, кор наёбад, худам дар паҳлӯям мегирам.

— Чӣ хел дар паҳлӯятон?

— Дар магазин, шогирд меистад...

— Не, ӯ шофёр. Ман ҳам бояд кор кунам.

Ӯ гӯё гапи маро нашунид. Пас аз хеле сукут гуфт:

«— Имшаб ман магазинро қабул мекунам. Агар хоҳед, ҳамроҳ меравем, мебинед.

— Аҳрор биёяд-чӣ!

— Аҳрорро ҳам мебарем, аз он тараф бевақттар меоем. Шавҳаратон намераванд?

— Не, он кас ҳавсала надоранд.

Аҳрор сухани Манзураро нашикаста, ҳамроҳ омад. Чизҳои вазнинро болои тарозу мегузошту мегирифт, бочкаи равғанро ғелонда меовард, халтаи шакару биринҷро мебардошт, аз яхдон ҳасибу равғани зард мегирифт. Бар мекашиданд, боз ба ҷояш мебурд. Ман баъзан тамошо мекардам ва баъзан ба шумурдани консерва, чою гӯгирд, шакалоду шишаҳои холӣ ёрӣ медодам.

— Аҳрорҷон, садта мезанед? – гуфт Манзура.

— Не, ман арақ наменӯшам.

— Сӯфӣ гӯед!? Иди занҳо наздик, менӯшидагистед?

— Ҳеҷ вақт нанӯшидаам.

— Барои Ҳамидаой ҳам?

— Барои ҳеҷ кас.

То ин дам барои ман фарқ надошт, ки чанд бор бо Аҳрор ба ном занушӯ шудем, лекин акнун гӯё ба худ омадам: «Худоё, ин чӣ номи даҳшатовар, ин чӣ берӯӣ... Не-не. Ман бояд ба ӯ фаҳмонам, ки зану шӯ не, апаю додарем.»

— Ҳамидаой, ба шумо чӣ шуд?

— Ҳеҷ чиз не, ойтиҷон.

— Хафа нашавед, ҳозир меравем.

— Манзура дона ба донаву грамм ба грамм ҳисоб мекард.

— Ба шӯчетон кори хуб ёфт шуд... Саришта карда тавонанд, мошини ширкашони нағз, – гуфт Манзура.

Ӯ «шӯчетон» гуфту бадани маро варақа гирифт. Бо вуҷуди он чизе нагуфтам.

Манзура шабҳои навбатдиҳиву навбатгирӣ Аҳрорро ҳамроҳ мебурд ва рӯзҳои дар хона буданаш маро ба ёрӣ ҷеғ зада хӯрокҳои бомазза тайёр мекарду «Аҳрор биёяд» гуфта интизор мешуд.

Шавҳари каллакалони ӯ ҳама вақт маст меомад.

Дандонҳои тиллои Манзура бо холи рухсора ва табассуми дилфиребаш як олами ҳусну назокат буд. Муомилааш бо ман дигар шуд: пичингомез савол намедод. Акнун илтимос мекард, ки шабҳо ҳамроҳи ӯ як ҷо бошам. Ваъда дод, ки маро ба шогирдӣ мегирад...

«Аз афташ, Аҳрор гуфтааст, ки мо зану шӯ нестем. Хуб кардааст: кайҳо гуфтанаш лозим буд».

Шавҳараш дар як хона, ману Манзура дар хонаи дигар, Аҳрор дар иҷорахона.

Манзура маро ба шогирдӣ гирифт. Соати ҳафт мерафтему даҳ меомадем. Ҳамин ки омадем, аз шавҳараш ҳам пештар Аҳрорро дидан мехост, вале чӣ шуд, ки Аҳрор якбора ҳаваси Норак рафтан кард. Манзура ҳарчанд хост ва гуфт, ки дар ҳамин ҷо кори хуб ёфтан мумкин, Аҳрор қабул накард.

— Эҳтимол, мо ба дилатон зада бошем? – гилаомез пурсид Манзура.

— Ин хел нагӯед.

— Шумо меравед, Ҳамидаой чӣ?

— Ҳамидаой ҳамроҳи шумо мемонанд... Ман тез-тез хабар мегирам.

— Не, ба ҳеҷ куҷо намеравед! – қатъӣ гуфт Манзура. Аммо Аҳрор аз роҳаш нагашт. Ба Норак рафт ва ман шогирди Манзура шудам. Аҳрор рафту худро, бо вуҷуди он ки Манзура ҳамроҳи ман аст, танҳо ҳис кардам. Аҳрор дер-дер хабар мегирифт. Пай бурдам, ки Аҳрор тамоман аз ман дур шудан мехоҳад. Аз ҳамроҳии мо гармиву сардие набуд. Ман мехостам ӯ бахташро ёбад ва шояд ман аз ҳавлии Манзура равам, ӯ дигар ин ҷо наояд. Ҳамин андеша буд, ки аз Манзура пурсидам:

— Ойтӣ, чӣ хел хона ёфтан мумкин бошад?

Ӯ ҳайрон шуд ва сонӣ:

— Чӣ, хонача маъқул не? – гуфт ва илова кард: – Иҷорапулӣ напурсидаам-ку, бемалол зиндагӣ кардан гиред. Хонаи ман не, хонаи худатон.

— Ойтиҷон, ман аз шумо беҳад миннатдор.

Гӯё гапи маро нашунид, ки:

— Як ҷо як хонача ҳаст, пул лозим, – гуфт.

— Чӣ хел?

— Як шинос аз ин ҷо рафтанӣ. Хонаашро мефурӯхтааст. Намедонам, чӣ карду чӣ не, хонаро ба номи ман қайд кард ва гуфт, ки «ҳазор сӯм афтид».

— Ойтиҷон, ман ин қадар...

— Ҳамидаой, парво накунед. Шумо як хоҳарам. Пули ман ба шумо намесӯзад. Зиндагӣ кардан гиред, пул ёбед, медиҳед

Ӯ сари маро ба осмон расонд.

## 25

Дар оинаи хонаи танҳо акси худро дидам: дар мӯйҳоям сафедӣ афтидааст. Оҳе баровардаму аксам дар оина гум шуд. Баъд дидам, ки нафаси сардгаштаам ҳавр бароварда, ба рӯи оина задааст. Ҳаврро пок карда, аз нав ба оина нигаристам, ки рост аст ё дурӯғ. Рост будааст, дар мӯям сафедӣ афтидааст, саволҳои пай дар пай ба сарам заданд. Чаро ин қадар барвақт мӯят сафед шуд? Чӣ дидӣ аз ин зиндагӣ? Магар зиндагӣ ҳамин аст, ки дидам?.. Не, ин хел

набудагист?... Ё шояд ҳамин тавр асту ман хеле чизро аз даст додаам? Бале, чунон ки мегӯянд, умр офтоб нест, ки баргардад. Умр мисли рӯд аст, як ҷӯш мезанаду бебозгашт меравад. Ҳамин ки мисли равғани чароғ кам шудан гирифт, ҳама чиз ба «шояд»-у «эҳтимол» мегаштааст...

«Хайр, дар зидагӣ ҳеҷ чиз-ку надидӣ, вале чӣ кардӣ? Ниҳол сабз кардӣ? Фарзанд... Худоё худовандо... забонам намегардад, ки гӯям... Ҳеҷ чиз накардӣ, занак, ҳеҷ чиз! Аз дастат чӣ меояд? Ана мебинӣ, мӯйҳоят сафед шудаанд. Маълум... Ба як кас пинҳонӣ некӣ кардан ҳам некӣ ҳаст? Магар он барои ҳама?... Ҳама мефаҳмад? Агар фаҳмад, вай некии умумӣ мешавад? Баъд мегӯянд, ки фалон занаки бе... ҳамин хел некӣ кардааст? Не. Ба гӯшаи гумони касе намерасад. Дар ҳамон вақт ҳам касоне ёфт мешаванд, ки болои мурда сад чӯб, таъна мекунанд. Агар аз дастам меомад... Ҳаа... Агар ҷавонӣ медонист ва пирӣ метавонист...»

Дилам буғз кард. Танҳоӣ ба дилам зад. Дилам мехост, ки ҳамроҳ дошта бошам. Аммо чӣ хел? Ягон кӯдакро гирифта калон кунам? Дер нашуд? Фикр кардам, фикр кардаму ба хулосае омадам, ки ба хобгоҳи студентон мераваму ягон духтари бекасро меёбам ва ҳамроҳ мегирам. Бегоҳ, вақте ки офтоб монанди лаълии аз оташ бардошта дар охири кӯчаи рост хам мехӯрд, ба хобгоҳи студентон рафтам. Дари хонаи духтаронро кӯфтам.

— Ба ман ҳамроҳ лозим, –гуфтам. Ҳайрон ба ҳамдигар нигоҳ карданду чизе нагуфтанд. Баъд яке аз онҳо пурсид:

— Барои ёрӣ?

— Не, ҳамхонаву ҳамхоба.

— Шумо танҳо? – пурсид яке ва дигаре пои ӯро зер кард. Ман фақат сар ҷунбонидам. Онҳо хомӯш шуданд. Ман ҳам чизе нагуфтам.

— Мо ду кас равем, майлаш? – пурсид боз ҳамон духтар.

— Майлатон...

Хурсанд шудам, ки якбора ду духтари наврасу зебо дорам. Ҳокима ва Гулӣ. Дигар ба ман ҳеҷ чиз лозим набуд. Ман мехостам ба онҳо хизматгор шавам. Вале одамӣ шири хомхӯрда. Ҳамон солҳо қоидаи нав баромад, ки студентон ҳам хонанд ва ҳам синфҳояшонро шабҳо рӯфта шӯянд. Духтарҳо ҳам гоҳ-гоҳ ба синфшӯӣ мерафтанд. Шабе ҳамроҳашон рафтам, то ёрӣ диҳам ва аз он тараф ҳамроҳ оям. Онҳо нороҳат шуданд. Ман гумон кардам, ки аз ташвиши ман дар хиҷолат монданд.

Шаби дигар навбат гирифтаму ба хона омадам, ки дарҳо қуфл ва дар болои кат як саҳифаи дафтар: духтарон ба ман хатча гузоштаанд:

«Ба ҳамааш раҳмат. Мо ба хобгоҳ рафтем»...

Боз ману хонаҳои танҳову тор. Гоҳ-гоҳ ҳамсоязан Шарифа меояд. Худам хафа шавам, пеши Манзура меравам. Ӯ Аҳрорро

мепурсад. «Мумкин дигар наояд» мегӯям. Оҳ мекашад. Ман аз ӯ зиёдтар маҳзунам, вале... Шинели ӯ бо ман аст. Хунук хӯрам, ба рӯй мекашам, набошад ҳама вақт зери сарам.

Аз ҳама чиз безор шудам. Фақат мехостам як бор модарамро дида, буғзи диламро кафонам. Вале чӣ хел? Ба тағобаччаам мактуб навиштам, ки модарамро гирифта ояд. Пас аз чанд вақт ҷавоб гирифтам, ки «Онамуллом касал, рафта наметавонанд, худатон як омада равед» навиштааст.

Ҳуш аз сарам парид. Навбатамро супоридаму ба назди модарам рафтам.

Модарам маро дида ҳаракати хестан кард ва мисли мошини дами чархҳояш баробар сардода фурӯ нишаст. Дар назди ӯ ба зону афтидам ва ба оғӯш кашидам. На ӯ чизе мегуфт ва на ман. Фақат ҳис мекардам, ки бо дастони бемадораш маро ба сари синааш пахш мекунад... Ӯ маро сар доду ба рӯям дида давонд, баъд ба мӯи сафедам нигарист ва сар ҷунбонд: «Не... не-не-не... не!!!»

## 26

Панҷ рӯз назди модарам истодам. Модарам хар рӯз чанд бор, гӯё ки ба гапи ман бовар намекарда бошад, аз кору борам мепурсид. Як рӯз ниятамро гуфтам: «Танҳоӣ ба дилам зад, ягон касро писархонд мекунам». Ба фикр рафт ва оқибат гуфт, ки агар ин тавр кунам, ҳам худо розӣ мешаваду ҳам банда. Дар дилам хурсанд шудам. Ба назарам дар ин муддат ӯ маро дида, як қадар беҳтар шуд. Иштиҳояш омад. Ба пои худ равон шуду ба ҳолам нагузошт:

— Духтарам, аз корат мондӣ, рав, аз ман хавф набар. Ман нағз. Насиб бошад, то нн дафъа омаданат тамоман шифо меёбам. Худо ёрат, – гуфт.

Ӯ бо дастони ларзон гардан маро оғӯш карду ба сӯяш кашид ва бо лабони камҳарораташ чашму рӯямро бӯсида, табассум кард: «Хайр, то дафъаи дигар ман шифо меёбам. Хайр...»

Садои орому бемадори модарам мисли аллаҳояш ба гӯшам сурб барнн рехтанд... Ин садои охирини ӯ буд, ки ман шунидам...

## 27

Ҷавоне сад грамм ҳасибу як дона чой пурсид.

Дилам шуввӣ карда рафт. Ин қадар монанд, пешонаи васеаш, рӯи гандумгунаш тамоман Аҳрор барин. Чӣ гуфтанро надониста, нигоҳ карда мондам. Ӯ ҳам хеле нигоҳ кард, дурусттар бинам Аҳрор не, монанд кардаам. Ҳасибу чояш додам. То назди дар рафту баргашта омад.

— Оча, бубахшед, пурсидан айб нест, ягон ҷо хонаи иҷора намедонед? – гуфт оҳиста. Хонакобини худаму Аҳрор ба хотирам омад.

— Шумо танҳо?
— Не...
— Як хона ҳасту маъқул намешавад-дия.
— Сарпаноҳ бошад, мешавад.
— Пагоҳ ҷавобашро мегӯям.

Ваъда додаму баъд ба ёдам зад, ки хона хонаи ман не, хонаи Манзура. Баъди кор назди Манзура рафтам: хуб бӯсиду:

— Ҳамидаой, ба шумо чӣ шуд? – гуфта пурсид.
— Тинҷӣ, Ойтиҷон.
— Ҳар рӯз чашмам ба дар, ки шумо ё Аҳрор медароед.
— Ойтиҷон, кор бисёр, Аҳрор чанд вақт боз наомадааст. Аз танҳоӣ ғусса мехурам. Барои маслиҳат омадам. Як ҷавон хона мекобад, зан доштааст.
— Ҳамроҳ оварданӣ?
— Чӣ мегӯед?
— Нағз бошад...

Он шаб Манзура нагузошт равам. Ҳамроҳ хобидем.

Ҷавон гашти пешин омад... Ӯро ба хона овардам, «мешавад» гуфт. Рафту як ҷомадон китоб бардошта омад. Ҳамсояҳо байни худ овоза карданд, ки ман ба ҳамин ҷавон расидаам.

— Ҷои айб нест, занҳои бева донишҷӯёнро мепоянд.

Ин овози Шарифа буд, дугонаи аз ҳама наздики ман. «Дили раҳмин - ҳамеша ғамгин».

Аввал хафа шудам. Хонаро ба ҷавон гузошта, назди Манзура рафта, хоб карданӣ шудам. Вале «оча» гуфта, муроҷиат кардани ҷавон маро боздошт. Аз ҷавон номашро пурсидам: – Ҳамдам, – гуфт.

Ҳамдам ҷавони қобил, рафтору кирдораш Аҳрор барин: ба чашми кас нигоҳ карда гап зада наметавонад, гапат аз даҳон набаромада, матлабатро мефаҳмад. Баъди ду-се рӯзи ҳамзистӣ ба назарам чунин намуд, ки ӯро аз тифлиаш медонам, рӯи дастонам гирифта калон кардаам... Ба Ҳамдам дил бастам.

Ҳамдам дар мактаби олӣ мехонд. Пас аз даҳ рӯз ба ноҳия рафта занашро овард. Хонаам равшан шуд. Ҳаросам гурехт. Рӯҳ гирифтам, ҷавон гаштам. Ба ҳама маломатҳо бепарво шудам. Ба назарам, ки таровату ҷавонии ман ба ӯ гузашта буд. Ӯ ҳам маро бо забони ширин «оча» гуфт. Ман аҳд кардам, ки ба ин ном сазовор бошам.

Нозгул хонаро сомон мекард. Ҳамдам мехонд, ман кор мекардам. Бегоҳ як ҷо мешудем. Ман ба ҳар дуи онҳо нигоҳ мекардаму дар дилам «ёфтам, кабӯтарҳоямро ёфтам» мегуфтам, пас мисли даравгари шалпаршуда орому бепарво хоб мерафтам...

Ҳамин тавр чанд рӯз гузашт. Як бегоҳ дар сари хӯрок, бинам, Нозгул аз зери абрӯвон週дида ба ману шавҳараш нигоҳ мекунад. Кабкчӯҷаи сӯр барин худро ақиб кашад. Ҳайрон шудам. Фикрҳои парешон ба сарам заданд.

## 28

Монда шуда ба хона омадам, ки Ҳамдам болои кат дароз кашидааст рӯяшро китоб мепӯшад. Нозгул зери айвон, чашмонаш сурх ва табъаш хира. Нигоҳ ҳам накард. Салом ҳам надод. Ман намехостам, ки дар вақти ҳомила буданаш ӯ гиря кунад.

— Чӣ шуд? – пурсидам аз ӯ. Ҷавобе надод, рӯй гардонд. Ҳайрон шудам. Ба лаби суфа паҳлӯи ӯ нишастам.

Ҳамдам сурфида баромад.

— Ҳамдамҷон, ранҷондӣ-чӣ?

— Гапи беҳуда...

— Беҳуда мебуд, ӯ гиря намекард.

— Намедонам, кадом ҳамсоя чӣ, ки гуфтааст.

— Кӣ, келинҷон? Чӣ гуфтанд?

Ӯ боз ба гиря даромад, вале чизе нагуфт. Ба сарам дард даромад. Даст ба пешонӣ бурда, ҷо ба ҷо нишаста мондам. Ҳамдам парида хест:

— Оча, ҳеҷ гап нашудааст, аҳамият надиҳед!

Ӯ сару рӯи маро дастмол кард. Ман бо гиря буғзи диламро бароварда, ба Нозгул дурусттар нигоҳ кардам, ба абрӯвонаш усма кашида буд ва мӯи сараш чилбофт. Кокулҳояш ӯро оғӯш карда буданд. Як парандаи зеборо мемонд.

Баъд фаҳмидам, ки Нозгул ба хонаи Шарифа мӯйбофӣ рафта будааст у ӯ маро хуб навохтааст: сабукпо гуфта, Аҳрору Ҳамдамро ба ман ошиқ нишон додааст. Акнун маънии аз зери абрӯ поида нигоҳ кардани Нозгулро фаҳмидам.

— Азизакам, кас ин хел зудбовар намешавад, – гуфта ӯро ба оғӯш кашидам, вале ӯ худро канор гирифт. Кӯча баромадам ва рост назди Манзура рафтам. Ӯ хеле хурсанд шуд ва «келиндор шудӣ» гуфта, маро муборакбод кард.

Шаб ҳамроҳи Манзура мондам.

— Зиндагӣ кирои ғам хӯрдан не, Ҳамидаой, умрро хуш гузаронидан лозим, – насиҳатомез гуфт ӯ.

— Ҳа, – кӯтоҳ ҷавоб додам.

Баъд ӯ маро ба зиёфати зодрӯзи касе даъват кард:

— Шиноси хуб, мудири магазини даруни бозор, – фаҳмонд ӯ. – Тӯрақул. Ҳӯӯ ба магазин меомад-ку?

...Манзура як рӯзи дароз тайёрӣ дид: мурғу самбӯса пухт ва бегоҳ ду шиша коняк ҳам гирифта «тӯҳфа» гӯён ба сумка андохт.

Поям намекашид:

— Манзурахон, мебахшед, ман рафта наметавонам...

— Чаро?

— Ду шаб боз хона набудам, писарам...

— Ҳеҷ гап не...

— Не, намеравам, мебахшед.

— Ҳамидахон, шумо кӯдак не, ки...
— Не, наметавонам, келинам вазнин, маҳаш даромадагӣ...
— Ҳамин тавр? – маънидор ва миннатомез пурсид Манзура. Ман хомӯш мондам.
Ӯ дигар чизе нагуфта, тез-тез қадам зада, бехайрухуш баромада рафт... Гӯё вай не, ман соҳибхона будам.
Ман низ баромадам. Ӯ дар роҳ такси дошта меистод.
— Шинед, – боз гуфт ӯ.
Некиҳои Манзура ҳамчун хун пеши чашмамро гирифт. Лекин дилам раг зад...
Такси моро ба канори шаҳр, паҳлӯи биноҳои навсохт бурд. Манзура «биё» гӯён ба ошёнаи саввум баромад ва занги дари ростро пахш кард. Марде дарро кушод. Як ҷавонмарди дигар дар ошхона сабзӣ пора мекард. Дигар ҳеҷ кас набуд. Ман ба маънои «дигарон куҷо?» ба ӯ нигоҳ кардам. Ӯ чашмак зад, ки шинам.
Ду ба ду нишастем.
Мардҳо ҳамсоли мо метофтанд. Вале дар байнашон ман калонсол метобам – мӯям сафед...
Онҳо мардони ғабғабадор, сафедрӯ буданд. Маълум буд, ки фақат хандидан мехостанд. Чунон муомила мекарданд, ки мо шиноси дерина бошем.
Хеле нишастем, касе наомад.
— Хайр, дер шуд, дигарон наомаданд, – гуфт марде, ки дар ба рӯи мо кушода буд, – сар мекунем. Мана имрӯз Қобилҷон тавлид шудиян, – гӯён ба қадаҳҳо коняк рехт, ки чандин лаҳҷаро омехта гап мезад. – Мехоҳам, ки Қобилҷон умри дароз бенанд!
— Раҳмат! – изҳор кард Қобилҷон.
Онҳо қадаҳ бардоштанд. Ман хомӯш будам.
— Канӣ, меҳмон! – ба ман рӯ овард соқӣ.
— Ман? Не...
— Ин хел намешавад, Қобилҷонро хафа накунед, – хоҳиш кард ӯ.
— Раҳмат, ман сухани Манзурахонро нашикаста омадам.
— Миннатдор, – гуфт Манзура, – барои боз маро камтар ҳурмат кардан нӯш!
— Манзурахон, ман сухани шуморо ду намекунам, лекин дар ин бора не.
Мардҳо ба Манзура нигоҳ карда, гӯё мепурсиданд: «Ин чӣ гап?»
Манзура сурх шуд: ӯ нӯшад, рухсораҳояш ба ранги гулобӣ мегашт, вале ҳоло аз хиҷолат сурх шуд... Маро хеле илтимос карданд, ки нӯшам, розӣ нашудам. Фақат фикр мекардам: «Чаро мо ду ба ду? Наход, ки Манзура бо ягон нияти бад маро ин ҷо оварда бошад? Наход?... Наход?... Наход ки...» Андешаи маро сухани Тӯрақул, ки оҳиста ба Манзура гуфт, бурид:

— Киро пеши мо овардӣ?

Манзура ҷавоб надод ва хафа шудаги барин аз ман рӯй тофт. Ман гӯё сухани ӯро нашунидам, вале таҳқири ӯ ба такрор ба гӯшам садо медод: «Киро... киро... киро?...» Ман на хеста рафтанро медонистам ва на шиштанро. Садои мусиқӣ баромад: ба назарам, ки дар гӯшҳои ман менавохт. Тӯрақул ба Манзура даст дароз кард. Ӯ бархост, сонӣ аз баногӯши ман сухани Қобилҷон баромад:

— Танса мехоҳед?

Ман ноилоҷ хестам. Ӯ дасти рости маро ба кафи дасти чапаш гирифта ва дасти росташро аз камари ман гузаронида, гӯё маро оғӯш кард. Ман кӯдак набудам, вай ҳамин хел тасаввур мекард... Баданамро вараҷа гирифт... Дидам, ки Тӯрақул оҳиста ба Қобилҷон чашмак зад. Дасти ӯ мисли каждум дар миёни ман мехазид ва ӯ маро ба худ ҷафс кардан мехост. Сари синаи ӯ боз пештар медамид. «Кай тамом мешуда бошад?» Мусиқиро дар назар доштам. Қобилҷон кӯшиш мекард, ки ба қаъри чашмони ман нигоҳ кунад. Ва ман гӯё ки чизеро пай намебурда бошам, ба сурати бараҳнаи зане, ки дар болои диван ба девор задаанд, чашм медӯзам. Пойҳои рақснаомӯхтаам дар ҳар гашт пои ӯро мекӯбанд. Вале ӯ бар ивази ин маро боз ҷафс кардан мехоҳад...

Мусиқӣ тамом шуд, ман оҳи дароз кашидам, гӯё оҳи ман давоми мусиқии дилбазан буд. Қобилҷон ба ман таъзим кард...

«Ман чӣ қадар пасмонда, ақаллан рақси аврупоиро намедонам. Арақ намехӯрам. Ҳақиқатан бемаданият, пасмонда... Ҳум...»

— Механдӣ? – пурсид Манзура.

— Барои бемаданиятиам. Ин кас як бори дигар бо ман рақс кунанд, бепанҷа мешаванд...

Суханамро тамом накарда Қобилҷон ба гап даромад:

— Сад панҷа садқаи сари шумо.

— Ин хел нагӯед, як панҷа ҳам лозим мешавад.

Ман кӯшиш мекардам, ки онҳоро хафа накунам, хандида гап мезадам... Ду бор ба рақс хестам, дафъаи саввум не...

— Набошад, чӣ-ба омадӣ?! – якбора фарёд зад Манзура.

— Худатон биё гуфтед-ку?!

— Модом ки омадӣ, нӯш, танса кун, хурсандӣ...

— Аз ин зиёд боз чӣ хурсандӣ?

— Ту духтарча не-ку!

Ман чӣ ҷавоб гуфтанро надонистам. Як дарду алам дар қафаси синаам туғён мекард. Рӯйҳоям тафс баровард. Дандон ба дандон мондам.

— Ман туро одам гуфта овардам, – боз ғур-ғур кард ӯ.

— Акнун одам набуданамро фаҳмидед? – заҳра кардам ман.

Вай ҳам дандон месоид. Гӯё аз ман ҳам бадқаҳртар менамуд, мисли хирси захмӣ.

— Хайр, ман меравам, – бархестам.

— Дафъ шав! – бо ғазаб гуфт Манзура, ки гӯё тамоми нақшаҳояшро ман барбод дода бошам.

— Ҳамааш маълум, Манзурахон, вале...

— Чӣ маълум?...

— Худатон медонед, ман аз шумо миннатдор...

Манзура ба ҷои ҷавоб қадаҳе нӯшид ва назди ман омад.

«Кӯрнамак!» - аз зери дандонҳои фишурдааш ин сухан баромад. Дандонҳои ман низ фишурда шуданд. Мо ба ду мусичае монанд будем, ки каллаамонро хам карда ҳуҷуми ҳамдигарро мепоидем. Ӯ даст дароз карда аз гиребони ман гирифт, кашид. Дасти ӯро тела додам.

— Гузар, шин! – хитоб кард ӯ, гӯё ки ман дастнигари ӯ бошам.

— Не, ман меравам. Ба писарам нагуфта омадам...

— Ҳуъ... писарам...– пичинг кард ӯ.

Ман тоқат наоварда, дарро кашидам. Кушода нашуд.

— Эээ, аз осмон афтида бошӣ ҳам, – гӯён Тӯрақул маро аз пушт оғӯш карда, бардошта бурданӣ буд. Бо шаст силтав дода худро раҳо кардам.

— Чӣ мехоҳед? – фарёд задам. Тӯрақул хандид ва:

— Ин қадар сода нашавед, – гуфт.

— Ман шуморо намешиносам, гапам бошад, ба ин кас мегӯям,– ба Манзура ишора кардам.

— Гӯй ҳозир!

— Не, дар ҳушёриатон.

— Мана маст гумон кардӣ? Ҳоло туро хӯрам ҳам, ақламро гум намекунам.– Дар ҳақиқат Манзура ҳамин хел як зани бақувват буд. – Медонам, ту чӣ мегӯӣ...

— Донед, хуб.

— Кушо дара! – ба Қобилҷон хитоб кард Манзура.

Гӯё ки касе аз паси дар таъқиб мекарда бошад, зинаҳоро башаст фаромадам ва ба сари роҳи калон тохтам. Ба ҳар мошине, ки рост ояд, даст мебардоштам. Вақте ки ронандаи такси «Ба куҷо барам?» гуфта пурсид, баъд ба худ омадам.

— Ба гузари «Умед», ҷавоб додам ба ӯ ва фикр кардам, ки ба Ҳамдам чӣ ҷавоб диҳам. «Ду шабу ду рӯз куҷо будӣ?» гӯяд, чӣ гӯям?...

## 29

Дар рӯи ҳавлии магазин норинҷ мефурӯхтанд. Мудир аз ман хоҳиш кард, ки ба Эшмат ёрӣ диҳам. Чаро Эшмат? Вазифаи ӯ посбонӣ-ку? Чӣ ҷои савол?...

Ман норинҷ бармекашидам, Эшмат пул мегирифт. Мудир ду-се тарозу баркашидани маро дида, «нее, Эшмат, худат гир»

гуфт. Ман «пулашро ҳам худатон гиред» гуфтаму назди духтарон даромадам. Онҳо «ойтӣ, чаро рангатон зард шудааст?» гуфта маро миёнагир карданд. Ҳамин дам Ҳамдам аз паси шишатирезаи магазин гузашт.

«Ваай, ойтӣ! Чи хел писаратон хушрӯй!» - гуфтанд духтарон. Ман ба Ҳамдам бо ҳайрат нигоҳ кардам, ки ягон гап нашуда бошад.

— Шаб шуморо як кас кофта омада буд, Аҳрор ном доштааст, – гуфт ӯ.

— Куҷо рафт?

— Гашта рафт.

— Ҳеҷ чиз нагуфт?

— Як бинам гуфта, омадааст...

— Вай акаат мешавад, даро нагуфтӣ?

— Гуфтам, надаромад. Як шинелаш будааст, бурд.

— Бурд?!

Гуё ман писари сарнахустамро гум кардам... Чаро ман ин қадар ҳама чизро зуд гум мекунам? Дер меёбаму зуд гум мекунам...

Ҳамдам дигар чизе нагуфт, аз магазин баромад. Ман ҳам нагуфтам, ки норинҷ гирифтам, ба хона бар. Аз пасаш баромадам. Ҳамроҳ хона рафтем.

...Дари ҳавлиро касе бе тақ-тақ кушод: Сайёд – писари аз ҳама хурдиам. Дар айвон тӯрхалтаи норинҷро диду «баъд салом мекунем» гуфта ҳамон ҷо нишаст.

— Апа, чандто-чандто мехӯранд? – гуфт.

— Бачем, як донаашро чанд кас мехӯранд, – гуфта хестам ва рафта ӯро бӯсидам.

Омадани ӯ вазъияти мисли ҳавои гирифта нохуши моро аз миён рабуд. Нозгул ҳам аз ҷояш парида хест, чой монд. Сайёд ҳам як норинҷро пӯст гирифту чор тақсим кард ва як-як ба даҳони ҳамаамон гузошт. Ӯ ҳамаро оштӣ дод, вале худаш нафаҳмид.

Сайёд қариб нисфи норинҷи тӯрхалтаро хӯрда, сонӣ:

— Апа! Ҳаминро ба ягон лаълӣ гирифта, рӯи дастархон мондан мумкин не? – гуфт.

— Бе лаълӣ ҳам рӯи дастархон рехтан мумкин, – гуфтам.

— Ҳа, мумкин, – гуфт ва ба Нозгул хитоб кард: – Янга, ош пухт?

Ҷавобе нагирифт. Ба ман нигоҳ кард:

— Чӣ шуд?

— Ҳеҷ чиз... Нашунид.

— Янга!

— Лаббай!

— Ош пухт?

— То чой нӯшидан мепазад.

Нозгул зуд ба ошхона даромада, сабзиву пиёз гирифт. Ман ба ӯ ёрӣ додам. Ҳамдаму Сайёд ҳарду ба китоб часпиданд... Онҳо касоне буданд, ки ману Нозгулро низ китобхон карданд.

Ҳамдаму Сайёд зуд-зуд рӯзномаву маҷалла бардошта меомаданду гап назада рӯи миз мегузоштанд. Ман онҳоро варақ мезадам. Дар саҳифаҳо номи онҳоро дарёфта, дар боли кабӯтарони гумшуда нишаста, ба осмон парвоз мекардам. Сайёд шеър менавишту Ҳамдам – ҳикоя.

Акнун ҳар куҷо шинам, бо фахр писаронам – фалониҳо мегуфтам ва гумон мекардам, ки ба синаам ханҷар хӯрам ҳам, дигар ашкам нарезад.

## 30

Дар қиёми тафсои тобистон директори магазин ба истироҳат рафт, директори муваққатӣ омад. Мудир низ пас аз панҷ рӯзи директор ба истироҳат баромад. Ба ҷояш маро гузошт ва таъкид намуд: «Эшмат бесарӣ накунад, ба вай орду биринҷ деҳ, фурӯшад, савдо мешавад. То соати дувоздаҳ ҳам кор кунетон, зарар надорад...» Ба Эшмат орду биринҷу се қуттӣ чой, арақ додам. Мефурӯхту пулашро намесупурд. Пурсам, «ҳозир» мегуфту мерафт. Маст шуда омад. «Фурӯхтам» гуфту боз чиз гирифт. Пас аз як моҳ муфаттишон омаданд. Гӯё ононро касе дидаву дониста, қасдан фиристода бошад, ба сарам осмонро фурӯ нишонданд. Таку боло заданд: донаҳои счётро ҳазор бор ба ду тараф гардониданд ва донаҳоро кам карда, гуфтанд, ки шумо ҳазору ҳафтсад сӯм қарздор ҳастед. Ҳуш аз сарам парид, ба хонаам ақаллан донае тухм набараму ин қадар қарздор шавам, гапи куҷо? Нисфи қарзро медонистам, ки пулаш ба гардани Эшмат аст, вале ба ӯ чӣ шудааст, ки се рӯз боз дар кор нест. Ин чизро ба ревизор Наташа гуфтам, вале аз ҳушам рафтааст, ки сандуқи оҳанинро хабар гирам.

Рӯзи дигар мадори ба магазин рафтан намонд. Калиди сандуқро ба Ҳамдам додам, ки бурда ба директору ревизор диҳад. Ӯ калидро бурду омада «камтар пул будааст, худи муфаттиш ба идора бурда супурд» гуфт. Хостам ба хонаи Эшмат равам, натавонистам. Боз Ҳамдамро фиристодам, ки ҳам ба фурӯшандаҳо аз такхона мол диҳаду ҳам директори нав Ҳалимовро гӯяд, ки биёяд.

Ҳалимов омад. Такси ёфта ҳамроҳ ба хонаи Эшмат рафтем. Ӯ аз таъсири шароби шаб ҳоло ҳам ба худ наомада буд ва моро писанд накарда, «Холаам аз истироҳат баргардад, баъд гап мезанем» гуфт.

— Охир, молро ман ба шумо додам, на холаатон! – гуфтам ба ӯ.

— Э, ту кӣ? Холаи ман директор-ку?!

— Пулро бароред, муфаттиш омадагӣ, – гуфт Ҳалимов.

— Як тин надорам.

— Пулҳо куҷо шуданд? – пурсидам аз ӯ.

— Кадом пул?

— Пули молҳои гирифтаатон.

— Аҳаҳаҳа! Пул...

Ҳамин вақт зани Эшмат аз кӯча омад ва муомилаи моро дида ҳуш аз сараш парид. Масъаларо фаҳмонидем ва гапҳои шавҳарашро гуфтем. Як шаппотӣ ба баногӯши шавҳараш фароварду «нағмаат пеш-пешу худат аз қафо, бар фурӯш!» – гуфта, ба болои пианинои сиёҳ як мушт зад...

Пианинoро фурӯхтанд. Боз чорсад сӯм қарздор шуд. Эшмат забонхат дод, ки пас аз ду моҳ ёфта медиҳад... Мӯҳлат гузашт. Наовард.

Моҳонаи аввалини Ҳамдаму Сайёдро гирифта ба қарз додам. Ҳар ду «гонорар гирифтем» гӯён боз пул оварданд. Ман аз давлат қарз надорам, вале дар назди ӯ гунаҳгор. Роҳбарон маро чун бузи кушта чанд рӯз дар об тар карда ба майдони бузкашӣ партофтанд.

Бемор шудам, бемадор шудам... Шифо ёфта варақаи бемориро гирифта ба идораи савдо рафтам ва ба шӯъбаи кадрҳо даромадам. Маълумам карданд, ки ман аз кор озод шудаам.

Ману сарсониву ҳайрату ғам чорёр будем.

— Рафиқ Мӯъминов, мумкин? – дари раиси комитети маҳаллиро кушода, иҷозат пурсидам.

— Хӯш, чӣ хизмат?...

— Маро аз кор холӣ кардаетон...

— Ман намедонам... Бехабар.

— Охир ман ба истироҳат меравам.

— Рафтан гир!

...Пас аз бекорию беморӣ панҷуми феврал боз ба идораи савдо омадам. Гӯё пешониам ба санг зад, ки бо ҳуқуқшинос Парнос вохӯрдам.

— Рафиқ Сиддиқова, шуморо аз кор холӣ карданд, – гуфт ӯ.

— Асос ё ҳуҷҷат...

— Не-не-не...– тез-тез гуфт ӯ, – пагоҳ, пагоҳ...

То рӯзи дигар дар ин бора фикр ҳам карда натавонистам. Ҳар ҷо равам, Ҳамдам мисли асои пир ҳамроҳам буд ва ваъдаҳои хушку холии онҳоро дида, ба хашм меомад ва «рафтем, оча» гӯён дилшикаста садо мебаровард.

— Не, бачем, ба дод додрас ҳаст...

Аввалин бор ғайрати ҷавониам баргашту мисли аспи сахтсар ба пеш ҳамла кардам...

...Рӯзи дигар назди Парнос омадам. Суханҳояш парешон ва худаш ошуфта буд, гӯё худаш нею каси дигар гап мезад. Гапро кашол дод – кашол доду оқибат буғзашро кафонд:

— Агар ман шуморо бозмонам, ҳама мегӯянд, ки пора гирифт... мефаҳмед? Пора... уммм... Ман ин масъаларо ба таври юридикӣ дида баромадам, намешавад... Боз кӣ медонад? Балки ягон роҳаш будагист? – гӯён китф дарҳам кашид ва ду дасташро косача карда, пеш ёзонд. «Худат фаҳм» гуфта табассум кард.

❂ ❂ ❂

«Маҷлиси якҷояи комитет» шуд. Шаш нафар иштирок карданд. Дигар кас мумкин набудааст. Дар ин маҷлиси «махфӣ» директор – Обидов, ҳуқуқшинос – Парнос, ревизор – Наташа Белоконитова, директори муваққатии магазин Ҳалимов ва мани гунаҳгор иштирок доштем:

Сиддиқова:

— Ман камомад накардаам, фақат ба сабаби бад будани аҳволам фаромӯш кардаам, ки дар сейф пул будааст.

Парнос:

— Ҳуҷҷатҳо ба прокуратура супорида шуд, чунки мо делои чунин ҷинояти зӯрро насупорида наметавонистем. Барои ин гуноҳ бояд Сиддиқова...

Сиддиқова:

— Барои чӣ шумо камомад навиштед? Охир, пул дар магазин буд-ку? Инро ҳама медонанд!

Парнос:

— Худам ба прокуратура рафтам, ки Сиддиқоваро... аммо нашуд. Мо вазифадорем, ки шуморо аз кор холӣ кунем.

Ревизор:

— Ревизияро ман кардам. Сиддиқова бемор буд. Аз ӯ пурсидам, ки пул ҳаст? «Ҳаст» гуфт. Пулро бурда супоридам. Рӯзи дигар ӯ гуфт, ки сейф аз ҳушам баромадааст. Дар ҳақиқат вақте ки мо сейфро кушодем, пули камбуд он ҷо будааст.

Ҳалимов:

— Мумкин, гап занам?

Мӯъминов:

— Не!

Маҷлис қарор кард:

«Рафиқ Сиддиқова бо моддаи «47» аз кор озод карда шавад.»

...Ман аз маҷлис хандида баромадам. Ҳамдам, ки то ин дам маро интизор буд, табассуми лабони маро дида, хушҳол наздам омад. Ҳамон лаҳза Сайёд пайдо шуд... Болҳои тавонои ман, кабӯтарони зебои ман, ду асобағали даврони нотавониам ҳамроҳам, акнун баландтар механдам. Пас аз он ки воқеаро гуфтам, қиёфа ва рӯҳияи писаронам табассуми лабони маро гум карданд:

— Фелетон менависем, – гуфт Сайёд.

— Сабр бикун, дар зиндагӣ аз пайи кори бад марав! Вазифаи онҳо ҳамин аст: як касро аз кор мегиранд, каси дигарро қабул мекунанд, то даме ки...

— Вазифаи мо ҳам ҳаст.

— Медонам, азизам, сабр бикун. Пагоҳ назди директор дароям-чӣ...

❁ ❁ ❁

Ман ба писаронам фаҳмонидам, ки иҷораи дигар ёфта мекӯчем. Ҳамдам ҳайрон шуда пурсид:

— Ин хонаи кӣ?

— Хонаи Манзурахон... Сайёд, писарам, ба магазини Манзурахон рафта гӯй, ки омада, хонаро дида, қабул кунанд. Пурсанд, гӯй, ки ба мо хона доданд.

— Оча, камтар сабр кунем, ба наздикӣ ба ман хона медиҳанд, – гуфт Ҳамдам.

— Не, писарам, бояд кӯчем...

То омадани Сайёд мо бор бастем. Нозгул китобҳоро даста карда мебаровард.

Манзура ҳамроҳи Сайёд омад. Ман гумон кардам, ки ӯ фиғон мебардорад. Ба Ҳамдам, ба Нозгул салом дод ва аз дасти ман гирифта «гап дорам» гӯён ба кӯча кашид. Ман дастҳои чанголудамро бо сачоқи паҳлӯи дастшӯ пок карда ҳамроҳи ӯ баромадам ва ба Сайёд:

— Писарам, рафта мошин биёр! – гуфтам.

— Не! Як дам ист! – хитоб кард Манзура ва камтар дур рафта ба гап даромад: – Шаб Аҳрор омада будааст. Ман аз кор баргаштам, ки ӯ дар хона, – гуфт ӯ ва хеле хомӯш монда, аз ман гап гирифтанӣ шуд. Ман ҳам якто-якто қадам зада хомӯш мерафтам. Боз гуфт:

— Ҳамидаой, бубахш! Ҳамон шаб ту ба ман дарс додӣ... Хатоямро фаҳмидам... То ин дам дар бораи пул, чиз, айшу нӯш фикр мекардам. Акнун дар бораи қадри одам, шарафи зан фикр мекунам...

Ман хомӯш мерафтам. Ба кӯчаи калон баромадем. Паҳлӯи меҳмонхонаро гузаштем... Дар тани ман либосҳои чанголуд буд...

Парвое надоштам... Фақат аз дил мегузаронидам: «Агар гапат рост бошад, боз ба ту дил мебандам»... Ӯ низ хомӯш мерафт. Ман ба гап даромадам:

— Манзурахон! Хислатҳои мардонаи шумо маро асир карда буд. Лекин... лекин он шаб...

— Бубахш, Ҳамида... Худам пушаймон шудам... Вале ту... Ҳамидаой! Хона ба ман лозим не. Аз ин хона нарав... Медонам, ки ба шумо хона надодаанд, хонагирӣ осон ҳам не. Ту сари ҷаҳл меравӣ.

— Не, хона доданд, – гуфтам ба ӯ.

— Дода бошанд ҳам, нарав, писарату келинат раванд, ту нарав.

— Ман бе онҳо зиндагӣ карда наметавонам.

— Аз барои худо нарав. Ман аз дасти писарат калидро нагирифтам. Хайр, ман соати чор бояд назди директор равам... Магазини нав мекушодаанд. Аз афташ, маро директор таъин карданӣ. Директор шавам, наздам мебарам. Меоӣ-а?

То хона фикр кардам. Фақат ба хотира некиҳои Манзура. Вале...

❂ ❂ ❂

— Куҷо метозӣ, Сайёд?

— Оча, тез дароед, янга... духтур чеғ мезанам...

— Оча, набераро чӣ ном мемонед? – пурсид Ҳамдам.

— Надонам бачем, бобову бибиаш аз ноҳия биёянд- чӣ.

— Онҳо «худатон ягон ном монетон», гуфтаанд, ману келнн маслиҳат кардем, ки шумо ном монед.

— Сайёд чӣ мегӯяд?

— Сайёд номаша Сиддиқ мон мегӯяд.

— Номи дадема?

— Ҳа.

Ҳаяҷон роҳи нафасамро гирифт, аз чашмонам ашки шодӣ таровид.

## 31

*Садои занги аввал сухани Ҳамидаро бурид. Писарак дар даст зангӯла ҳамроҳи ҷавоне, ки микрофон медошт, давраро гирд мегашт, занг мезад. Дасташ монда шуд. Зангӯларо дудаста дошт. Забонаи зангӯла ба канораҳо бармехӯрд, вале садояш намебаромад.*

*— Ана аз думчааш дор, – ба вай наздик шуда, гуфт муаллимаи кӯҳансол. Баъд ба Ҳамида нигарист. Ӯ завқ мекард. Ба рухсорахояш сурхӣ пайдо шуда буд. Сиддиқ механдид ва бо дасти чап даҳонашро медошт, ки дандони навдамидаашро касе набинад.*

*— Давоми ҳикоятам лозим набудагист?*

*— Чаро?*

*— Дар барои одамҳое, ки гап мезанем, шумо мешиносед...*

Пас аз се моҳ маро ба идора даъват карданд. Рафтам. Дар даромадгоҳ бо Манзура вохӯрдам. Ӯ ба қаъри чашмонам нигарист. Гӯё ки аз матлаби ҳамдигар огоҳ бошем. «Биё» гӯён ба назди директор даровард. Симои шинос. Ҳа, ба ёдам омад: «Тӯрақул» хаёл кардам.

— Марҳамат, шинед! – бо садои нарм гуфт ӯ. Ман шарм карда нашиштам.

— Шинед, шинед! – боз хоҳиш кард ӯ.

Нишастам. Манзура баромад. Ман ба хаёл рафтам, ки гапҳои Манзура дурӯғ, ӯ аз роҳаш нагаштааст.

— Шинохтед? – яке пурсид директори нав.

— «Ҳа». Сар ҷунбондам ман.

— Ба шумо ҳазор бор раҳмат, хоҳар. Манзурахон ҳамаашро ба ман гуфт, – гуфт ӯ ва хеле хомӯш монд. – Шумо ба мо сабақ додед. – Ӯ ҳам айнан фикри Манзураро такрор кард ва хеле хомӯш монда нимовоз ба ман муроҷиат кард:

— Шуморо ба кори дигар гузаронидани ҳастам, назди Манзурахон фиристоданӣ. Мудири шӯъба. Боз фикри шуморо донистанӣ шудем. Ба хаёлам, бад намешавад. Ба он кас ёрӣ додан даркор.

— Аз ӯҳдааш мебаромада бошам?

— Ҳа, бемалол.

— Ба боввариатон ташаккур, бародар!

Ман аз назди директор рост ба ҷои кори нав рафтам.

— Сайёду Ҳамдам писарони шумоянд?

— Ҳа.

— Ман онҳоро хуб мешиносам.

— Ин хел бошад, бегоҳ ба хонаи мо марҳамат, пагоҳ Сиддикҷон ҳафтодсола мешавад.

— Албатта... Албатта, меоям.

*Сиддиқ зангӯларо ба директори мактаб – марди болобаланди сафедрӯ супорид.*

— Оча, аз Самарқанд меҳмон, – дарро дошта гуфт Ҳамдам.

— Гӯй, дароянд... Ба рӯзи таваллуди Сиддикҷон... Саидамак?!

— Ҳа, ман, духтарам.

— Марҳамат, хуш омадед! Танҳо?

— Ҳа, духтарам... Маро Комил фиристод, ки...

— Комил? Чаро?... Барои чӣ?

— Аз занаш ҷудо шуд.

— Барои чӣ?

— Баччааш бетартибӣ кардааст. Комил як шаппотӣ задааст. Салима ба сари Комил дов кашида гуфтааст: «Аввал кӯшиш кун, ки аз ту фарзанд шавад, баъд ба сараш мушт бардор». Комил тоқат наоварда ҷоҳу ҷалолашро ба Салима гузошта рафт.

— Ба куҷо?

— Ба деҳаи дигар... Эҳтимол ба назди шумо ояд...

— Не, не, ба ӯ гӯед, ки Ҳамида акнун танҳо нест. Писару набера дорад... Ҳамин қадар гӯед, бас...

***7 июни соли 1968***

# САНГИ СИПАР

***Ба падарам Ҳамроҳи Қодир ва модарам Биёдгор мебахшам.***

## 1

*— Колхоз дигар одам наёфт, ки ману шуморо фиристод?*

*— Ба мо бештар бовар кардааст.*

*— Не, шумо гапи маро нафаҳмидед. Ман гуфтаниам, ки шумо навдомод, ман пир, нӯҳ бачча дорам...*

*— Шумо бисёр рафтагӣ, раҳу рӯро медонед, фақат ба сари баччаҳо «ҳа» гӯед, мешавад.*

*Мошинҳо аз сарҳади ноҳияи Панҷакат гузашта, ба қитъаи вилояти Самарқанд дохил шуданд. Ронанда – ҷавонмарди зардина-мӯй пас аз гапи пирамард хомӯш гашт ва бо диққат ба пеш зеҳн монда, мошин меронд, гӯё роҳ хеле ноҳамвор менамуд. Ӯ гаштаву баргашта ба оинаи гирдаи паҳлӯи чапи мошин нигоҳ мекард, ки аз пас мошини дигар меояд ё на. Боз ба мароми аввал мошин меронд. Пирамард ҳам гӯё зиёдтар аз ӯ ба хаёл рафта буд. Телпакро каме ба пушт тела дода, бо кафи дастони шахшӯл ва мисли рафида кушод араќи пешониашро пок кард ва ба гирд гаштани майдонҳои барфпӯши канори роҳ назар дӯхт. Рӯи росташ ба тиреза бархӯрд. Ҳис кард, ки ҳавои кабина камӣ мекунад.*

*— Таго, каме шишаро фурорам? – гуфт ба Шавкат, ки номи тагои раҳматиашро дошт.*

*— Майлатон. Гарм шудед?*

*— Ҳа, одами дар дашти кушод одаткарда...*

*— Ман то Регистон роҳро медонам. Он тарафаш ба ихтиёри шумо.*

*— Ҳа, ба Регистон, ки рафтед, ба чап мегардед, ба сӯи Китоб, Шаҳрисабз, Бойсун... Агбаро, ки гузаштед, он тарафаш гелида рафтан мегиред.*

*— Шумо ҳар сол меоед-а?*

*— Ҳа, аз соле, ки говҳо шулхахӯр шудаанд. Вале имсол гумон надоштам, ки маро мефиристанд. Илтимоси ҳамун хуҳарам – му-аллима намешуд, қадам намезадам. Хайр, барои вай хуки ёвоӣ не-ку! Барои колхоз, барои халқ. Ӯ надонад, дигарҳо медонистагистанд. Ӯ гумон мекунад, ки мудири ферма шудан маънии фармон додан аст ва ихтиёрӣ ҳар кор кардан. Қассоб гӯсфандро магз мезанад, вале дарду ҷонбозии ҳайвонро ҳис намекунад... Мошини Нуриддин ҳам меояд? – пирамард аз тирезаи пушт ба пас нигарист ва илова кард, – гӯё шумо ба маслиҳат меоед. Нуриддин ҳам чилланок, шумо ҳам, таго.*

*— Зангирӣ мавсими шудагӣ. Ҳама туйҳои колхозҳо пас аз иди Ноябр. Мардум мисли мӯрчаҳо донро, ки гун овардаанд ва гами зи-*

*мистонро хӯрданд, аз саҳро ба хонаҳо медароянд. Бекор, ки шуданд, гумбур-дия!*

*— Таго, бовар кунед, замона дигар шудааст... писарҳои маро қиёс кунед: мотосиклҳо баробар оянд, кӯчаҳо меларзанд... Хуб тинҷ шудем-куя. Лекин ҳамин давлат ин кадар чашмтангӣ мекунад. Охир, шип-шип мошинро барорад, одамон гиранд. Бовар кунед, таго, зӯри ҳар коргар мерасад... Лекин ман ба як чиз ҳайрон: ба назарам, духтар кам барин. Пеш сетагию чортагӣ зан мегирифтанд, мерасид, ҳозир яктагӣ ҳам намерасад. Ҷавонҳо – бӯйдоқ. Занмурда зан намеёбад, ба як сайиба сад кас даҳан меандозад... Таго?*

*— Лаббай!*

*— Духтурҳо аз ваҷҳи бефарзандӣ когаз намедоданд?*

*— Доданд, амак, зани ҳозираам розӣ буд, ки ба болои Орзу гирам, вале Орзу не гуфт. Бо розигии ҳамдигар ҷудо шудем. Даҳ сол интизор шудем, чӣ кор кунем?...*

*Касе гулӯи мошинро бугӣ кардагӣ барин зӯр зада овоз мебаровард. Ронанда нав таклиф карданӣ буд, ки Ҳакими куҳансол афсона ё саргузаште сар кунад, акнун ҳоҷат не, матал ҳам ба гӯш намедарояд. Булдозерҳо фақат як мошингузар роҳро тоза кардаанд, ду канор мисли камари осиёб аст, ки гӯё донаҳои гандум парида хол-хол карда бошанд. Садои занҷири чархҳо базӯр ба гӯш мерасад: «шақ, шақ – шақара шақ».*

*— Сабил монад, вақти айлоқ, ба ёди ягон кас намерасад, ки... Ҳа не, ба ёд мерасаду вақт канӣ, кӣ бекор?– худ ба худ саволу ҷавоб мекард пирамард, – Таго мегӯм, то пахтаро чида тамом накунанд, шулха ҳам намешудагист?... Ҳа, барои ҳамин фақат зимистон. Колхози «Зарафшон» куҷову Душанбе куҷо? Ман намефаҳмам, таго, ҳама-ку барои давлату ҷамъият кор мекунем, шарт аст, ки мо аз даруни ҳамин кӯҳҳо мошин кашола карда равем? Ана вай ферматирмизак раваду ба калонҳои республика гапзанон кунад, аз Душаибе мошин диҳанд. Мо бо поезду самолёт рафта, шулхаро бо он мошинҳо кашонда, ба вагон бор кунем, тамом ки шуд, мошинашонро супорида, бемалол омадан гирем... Ё ман ин чизҳоро намефаҳмам?*

*— Амак, инҳо ҳам беташвиш шавад, мегӯянд-дия.*

*— Ҳа, таго, ташвишро кӣ нагз мебинад... Мошинро доред, таго! Ҳооо дами агбаро бинед: сиёҳ-сиёҳ.*

*— Аз афташ, роҳ вайрон, амак, мошинҳоро бинед.*

*— Боз ин чӣ қисмат?*

*— Бадиаш, қафо ҳам рафта намешавад. Агар ин ҷо монем, корамон мешавад.*

*Пирамард чандин сол аст, ки бо ҳамин роҳ ба Душанбе рафта, ба вагонҳо шулха бор мекард. Вале ин хел сармои сахтро дучор наомада буд. Акнун ҳоҷати шишаҳои кабинаро фуровардан не, агар печкаи мошин набошад, ях кардани рул, дарҳо ва ҳатто тунукаҳои мошин аз эҳтимол дур нест. Мошин базӯр меҷунбид. Мадори пои*

*ронанда ҳам суст шуд. Вале пирамард бепарво менамуд. Аз афташ, ҳеҷ хавферо ҳис намекунад. Ва чунон ки бисту ҳафт сол муқаддам, вақти ҷанг рафтан, «се фарзанди ман чӣ кор мекунад?» гуфта хун мехӯрд, гами нӯҳ фарзандро намехӯрад. «Онҳо акнун калон шудаанд, мисли уқобчаҳо болу пар баровардаанд ва тифли гаҳвора ҳам рӯзашро мебинад», фикр мекунад ӯ...*

*Пирамард ба ронанда мадад карданӣ шуда, сӯяш нигарист, вале қиёфаи гамгирифтаи ӯро дида, ба риши мундааш оҳиста даст бурд, сипас аламангез ба пеш зеҳн монд. Хаёлаш гурехт, ба гузашта, ба гузаштахои пуразоб парвоз кард. Азоби ҷанг не, балки рӯзҳое, ки аз ҷанг баргашта аз сар гузаронида буд, бори дигар пеши назар омаданд.*

Ӯ баъд аз якуним соли анҷоми ҷанг ба деҳааш баргашт. Шабонгаҳ омадани ӯро касе надид. Вақте ки дар паси дари ошхона ҳозир шуд, садои марғӯладори мардеро шунид, ки бо зане баҳс мекард.

— Азоби ҷанг акнун маълум мешавад, – овози шинос ва хеле тағйирёфтаи зан шунида шуд.

— Ҳа, ҳама кулфат ба сари мо, – ҷавоб гардонд овози ношиносе.

Ҳаким сурати девор шуда, дар танаш мадоре намонд: «Интизор нашудӣ?» ба фикри худаш ба зан савол дод. Оҳиста аз роғи байни дару паҳлӯдарӣ нигоҳ кард: занак хам шуда оташи зери дегро пуф мекард. Тахтапушти паҳни марде пеши чароғи сиёҳи сари ошдонро мегирифт. Духтарчаи кокулдоре байни онҳо мисли зоча менамуд. Духтарча ҳам ғаши Ҳакимро овард. «Пуффф, сабил мон!» – ба танг омада гуфт занак ва қоматашро рост кард.

— Нафасатон намерасад? – гуфт «мард» ва зонуҳояшро ба замин гузошта, чӯбу саргини дуд карда истодаро пуф кард.

Лахчаҳо аз дами ӯ сурх шуда, оташдонро равшан карданд ва Ҳаким назаре як бари рӯи занро дид. Ва пай бурд, ки ӯ тағйир ёфтааст.

Мардак боз дароз-дароз оташро пуф кард. Оташ лаппӣ даргирифт ва зуд хомӯш шуд. Зан пеш лағжида оташро домон зад.

Ҳаким дар паси дар интизор буд, ки як назар рӯи «марди ношинос»-ро бинад. Дар партави чароғи хирасӯз ва лухи оташ ҳамин қадар пай бурд, ки дар тани мард шинели аскарист. «Касе бошад, аз ҷанг баргаштааст, – аз дил гузаронд ӯ ва хотирпарешон шуд, – ҷанг акнун бояд сар шавад. Ман шуморо гуфта омадам, шуморо гуфта ба тири душман тан надодам, шуморо гуфтам, шуморо...»

Гулӯи ӯро буғз панҷа зад ва беихтиёр сурфид.

Онҳо ба дар нигоҳ карданд. Ҳаким мардро нашинохт. Вале ҳароси онҳоро пай бурд.

— Кӣ? – садои дупӯстаи мард баромад. Ҳаким ҷавоб надод.

— Кӣ! – пурсид зан.

Ҳаким хост пас гардад, вале мадоре надошт. Ӯ худро ба даст гирифта, як бори дигар сурфид.

— Кӣ?! Кӣ?! – пурсиданд онҳо. Ҳаким ба ҷои ҷавоб дарро тела дод.

Онҳо баробари дидани қиёфаи марди бегона ба воҳима афтода, бархостанд. Духтарча ба банди пои занак часпид.

Ҳаким дарро кушода ба марди шинелпӯш нигарист ва як ҷавони танумандеро дид, ба танаш ҷон давид ва пурсид:

— Интизор набудед?...

— Мардак? – хеле вақт дамаш дарун зада пурсид занак.

— Додо, додоҷон!!!

Ҷавон худро ба сӯи Ҳаким андохт.

— Алӣ куҷост? Ғанӣ канӣ? – пас аз Валиро бӯсу канор кардан пурсид ӯ. Валӣ ба очааш нигарист.

— Дар хонаи тағояш, – ҷавоб дод зан ва шарму ҳаёи шарқӣ роҳ надод, ки дар назди фарзанд худро ба гардани шавхараш овезад. Духтарчаашро сари даст бардошта ба ӯ дароз кард.

— Росташро гӯй.

— Росташ.

— Валиҷон, рафта, гирифта биёр, – аз писараш хоҳиш кард Ҳаким.

Валӣ то остона рафта, бозистод. Занак сар ба зер афканда буд. Ҳаким ба Валӣ нигарист:

— Чаро истодаӣ?

— Онҳо ин ҷо нестанд.

— Куҷоянд?

— Дар район, дар хонаи баччагон.

— Дурӯғ!

— Рост! – оҳиста гуфт зан.

— Зиндаанд ё не?! – дандон ба дандон монда пурсид ӯ.

— Рост мардак, рост. Валӣ ҳам он ҷо буд. Тағош рафта иҷозат гирифта овард.

— Ту куҷо будӣ?!? – пурсид аз зан.

— Ҳамроҳи мӯйсафедон, занону кӯдакон. Мо ҳам ҷанг мекардем. Дар он ҷо ҷанг тамом шуд, вале дар ин ҷо, дар мо ҳоло ҳам давом дорад. Пагоҳ мардум омадани шуморо фаҳманд, худатон ҷангро мебинед: ҷанги ботинии одамони шод, ки фарзандонашон омадааст ва онҳое, ки барои мардони барнагашта азо медоранд...

— Акнун барои ту ҳам ҷанг тамом... Лекин барои чӣ Валӣ «ҳама азоб ба сари мо» гуфт?

— Мардак, солҳои аввал захираҳову гарди хамбаҳо мардумро ба по медошт, баъд мардум ба алафхӯрӣ гузаштанд: тотину оҷизу ширешак ҳамаро варам кунонд. Ин аҳвол ҳоло ҳам давом дорад.

Ҳарчанд ба ӯ мегӯям, ки ҷанг тамом шуд, ҳама хуб мешавад, ба серӣ мерасем, бовар намекунад. Акнун шумо фаҳмонед.

— Очаат рост мегӯяд, писарам. Пагоҳ ту рафта, додаронатро гирифта меорӣ. Мо якҷоя зиндагӣ мекунем, кор мекунем, ҳамааш хуб мешавад.

— Валиҷон, рав ба тағоят гӯй, ки додом омаданд.

Валӣ аз дарвоза баромад. Бону тавқи гардани шавҳар шуд...

## 2

*— Амак, дар ҷанг аз ин зиёдашро дидагистед? – ронанда ӯро аз банди хаёл дур кард.*

*— Э, тагое, ин чӣ? Дар дасти худатон. Хоҳед, дар даруни мошин хоб меравед, хоҳед, то рӯз медавед. Вале дар ҷанг ҳама вақт як фикр «ё ба душман тир мезанам ё худам тир мехӯрам».*

*— Ман соли аз ҷанг омаданатонро ёд дорам, амак, одам аз хирс ҳам тобовар будааст. Мардум кунҷора намеёфтанд, ки хӯранд, акнун барои хӯроки гов ин қадар даву тоз.*

*— Ҳа, таго, шабе, ки ман аз ҷанг баргаштам, Бону дар дег тотин буғ мекард, акнун тотинро ба гӯсфанди парворӣ медиҳад, ки иштиҳояш биёяд... Ҳаа, таго, ҳамон вақт барои оянда ҷонбозӣ мекардем, ҳозир ҳам барои оянда ташвиш мекашем. Имрӯз гузашт, гап гапи фардо. Одамӣ ба умед аст, ки рӯз аз рӯз нектар ва беҳтар мешавад.*

*— Шуда истодааст, амак.*

*— Ҳа, таго, гузашта ба сари худ монд: ҳамту фикр кунам, қариб тамоми умрам дар роҳ ё сари по гузаштааст: дар ҷанг, дар сари ҷуфт ва боз дар шарокату шири фермаро кашондан...*

*Ҳакимбой хомӯш шуд, гӯё Шавкат гӯши шунидан надошт, сипас рост ба булдозере, ки бо чашмҳои фурӯзонаш барфи роҳро об кардан мехост, нигарист. Булдозер наъра мекашид, ки барфи лагжидаро аз роҳ бар занад.*

*Ҳакимбой боз ба фикр рафт.*

— Ҳакимбой, ҳамроҳи Сангинмурод рафта будӣ, ӯ куҷо шуд?

— Салимро асир гирифтанд?

— Абдуҳаким, навишта будӣ, ки Аваз дар рӯи дастони ту ҷон дод, кӣ ӯро кушт?

— Кошкӣ, Нозими ман мисли додои Азим бепо бошад ҳам, бармегашт.

— Самандар як моҳ пеш аз ту омад.

— Бигӯ, писари ман меояд?

— Амак, додои маро надидаед?

Ҳаким фақат ба саломи онҳо ҷавоб гаронд ва бо ҳамин сараш хам шуд, намедонист, ки ба саволҳои мӯйсафедон, пиразанон,

баччагони падарпурсӣ омада чӣ ҷавоб диҳад. Хонаи ӯ пур аз одам, вале дастархони кушодаш – холӣ. Аҳволро кӣ намедонад? Рӯи дастархон фақат дар ду косаи сафол ҷурғот ва дар лаълие тутмавизу чормағз ҳаст. Ҳаким гӯё ба ҷои ҳамаи онҳое, ки барнагаштаанд, омадааст.

Аз ҳама охир раиси колхоз ва бригадир ӯро диданӣ омаданд. Бригадир бо як даст ӯро оғӯш кард ва гириста, ба бехи гӯшаш гуфт:

«— Ба ман гуфта буданд, ки ту мурдаӣ. Дар фронт. Лекин ба баччаҳоят «меояд» мегуфтам».

«— Як ту не, ҳама «мурд» мегуфтанд».

Дари хона боз шуд ва писари калонии Ҳаким Валӣ сар халонда, салом дод. Пас ба пушт гашта, «даро-даро...» гуфт. Вале касе намедаромад, фиқ-фиқи гиря шунида мешуд. Ҳаким бархоста баромад. Ду писари ӯ фиғон бардошта, қафо гурехтанд.

«Моро партофта рафтӣ, холаи муаллима намешуд, мемурдем» – гӯён паси дарахти хартут пинҳон шуданд.

— Алиҷон, Ғаниҷон, додот, нагурезед! – мегуфт Бону.

— Бечора баччаҳо, аз ман домангир, – гуфт Ҳаким ва баргашта хона даромад. – Баччаҳое, бегона шудаанд, – ба раису бригадир фаҳмонданӣ шуд ӯ ва илова кард: – Хайр, ҷанг тамом. Лекин аҳволи шумо чӣ тавр?

— Аҳволи мо, Ҳаким, чандон нағз не. Бовар кун, ки ҷанг акнун ба ин ҷоҳо таъсир карда истодааст. Колхоз ҳам бо одам будааст. Бисёр мардон баргаштанд. Аҳволамон беҳтар мешудагист... Анбор холӣ. Зимистон ғӯлунги Боғи Гаронро тақсим мекунем, – гуфт раис ва пас аз мулоҳизаи зиёде илова кард: – Намедонам, ба ту ёрӣ дода метавонам ё не... Имрӯз ташвиш дорӣ, пагоҳ як даро, шояд илоҷе ёбам...

Ҳамин вақт фиғони писарони Ҳаким баромад:

— Хола, холаҷон!!!

Дар берун хеле ғурунг-ғурунг шуд, баъд муаллима аз дар ларомад. Ҳаким намедонист бо ӯ чӣ хел вохӯрад. «Муаллимахола намешуд, мо мемурдем» садо дод гӯшаш ва ба пешвози Ашӯра омада, аз пешонии ӯ бӯсид.

Ашӯра пас гашта берун баромад ва ашки чашмонашро хушк карда, боз даромад. Алӣ ва Ғанӣ аз ду паҳлӯи ӯ дошта даромаданд.

Аз паси онҳо як даст ду нонро аз дар дароз кард. Ҳаким ҷаста хест ва аз дасти занаш нонро гирифта ба рӯи дастархон гузошт. Баъд як табақ атолаи кочӣ ва як зағора омад. Туппайи бардорак омад, угро омад... Рӯи дастархон пур шуд. Мардум ва ёру дӯстон, ҳаққу ҳамсояҳо меҳмондорӣ мекарданд. Маълум, ки деҳа ҳоло бапо будааст.

— Муаллима, онҳо писарони шумо будаанд, бо ман пурсупос накарданд, – хандида гуфт Ҳаким, вале аз ларзиши лабҳо ва ҷунбидани парраҳои биниаш маълум буд, ки дилаш ганда шудааст.

Баччаҳо ба Ашӯра ҷафстар шуданд. Ба рӯи муаллима хун давид, баъд рангаш сафед шуда рафт.

— Ман хушбахтам, ки онҳо маро ҳурмат мекунанд.

— Шуморо ҳама ҳурмат мекунанд, муаллима, – гуфт раис. – Ёд доред, ки ман ҳам аз пешонии шумо бӯсида будам? – ҳурматашро изҳор карданӣ шуд бригадир.

Ашӯра сар хам кард Мушаки зери абрӯи чапаш ду-се бор парид. Баъд аз дастони баччаҳо бардошт, ки хеста берун бароянд.

— Хайр, баъд бафурҷа гап мезанем, – гуфт раис ва онҳо бархостанд. Муаллима ҳам бархост.

— Шинед, муаллима, – хоҳиш кард Ҳаким.

— Кор бисёр, боз меоям, – гуфт ва баччаҳоро бӯсида рафт...

— Ман гумон намекунам, ки ҳамин занак орди гирифтаашро чашида бошад. Ба мо, ба хонаводаи ин бригадир ва ба мӯҳтоҷон медод. Баччаҳоро ҳам ҳамин ба хонаи баччагон бурд. Хонааш обод шавад, камол ёбад.

— Ордро аз куҷо меёфт?

— Ба номи муаллимҳо дар магазин орд меомад...

Баччаҳо оҳиста-оҳиста ба падар ром мешуданд.

Рӯзи дуввум аст, ки Ҳаким офтоби сарзаминашро мебинад: сурх, бузург ва пурҳарорат, ба кас рӯҳ бахшад, хаёт диҳад. Вай аз паси кӯҳҳои саргаҳи Зарафшон чунон бе парво боло мешавад, ки гӯё чизе тағйир наёфтааст, рӯди зиндагӣ бо маром ва маҷрои аввал равон аст, ҳамчун наҳри Зарафшон. Фақат вақти селоби баҳор ва вақте ки аз гармо пиряххо об мешаванд, вай туғён мекунад ва боз тамоми фаслҳои сол аз зери пулҳои Дупула ҳамвора ҷорӣ мешавад. Зиндагӣ ҳам гӯё гоҳ-гоҳ туғён дорад ва мардонро сарбез мекунад.

Ҳаким пеш аз он ки назди раис равад, паси хона гузашт ва ба боғи зери адир баромад, то тамошо кунад. Ду дарахти тути балхӣ ва пахтасеби пир набуданд, вале дарахти чормағзи азими бехи харсанги сафед ба як қабат пӯст рост меистод. Танаи ӯ мисли новаи рост буд. Гӯё шогирди беҳунаре ба он ҳазор теша зада, вале лайс тарошида натавонистааст: захми теша мисли помонакҳои кӯҳи мушкилбаро пайи ҳам боло мерафт. «Ҷанг ба ин дарахтҳо ҳам захм гузоштааст» – аз дил гузаронд Ҳаким ва гӯё ҳаваси тамошояш пир шуда, андӯҳгин баргашт.

— Дарахтро кӣ ин хел тарошид? – пурсид аз занаш.

— Ман... Дилам нашуд, ки тамоман бурам, ҳамин хел кам-кам тарошида, қаҳратунҳоро паси сар кардем... Маҷбур будам. Баъд Валӣ хорчаву шибоғ мекашондагӣ шуд...

— Хайр, як халта те.

Ҳаким халтаи сатини рах-рахро гирифта байни чанголаш ҷамъ кард.

— Як дам истед,– гуфт Бону ва тозон рафта аз сандуқ ҷомаи беқасаби домодии ӯро овард: «— Чандин бор маҷбур ба фурӯш монданӣ шудам, вале дилам нашуд, – сар хам кард ӯ. Дастонаш ба пеш ёзида ҷомаро медоштанд.

Ҳаким бари рӯи чапи Бонуро сила кард:

— Ҳоло бурда мон, ҳамин мешавад,– гӯён бари шинелро дошт ва оҳиста-оҳиста қадам монда аз дарвоза баромад.

Шинели дароз қариб то буҷулаки по мезад. Ҳангоми гаштан аз чоки ақиби домани шинел соқҳои мӯзааш менамуд. Телпаки хокистарранги ӯ, ки шаби дароз дастгираки писаронаш шуд, гӯё бар гӯши росташ вазн андохта буд. Бону то ба хамгашти кӯча пинҳон шудани ӯ нигоҳ кард, баъд ба хона даромад.

— Ассалому алайкум, раис!

— Марҳамат, – чашм аз мусоҳибаш – устои чорукдӯз наканда гуфт ӯ.

Ҳаким ба усто ҳам салом дод ва даст ёзонд. Мардак каме ко-вок шуда, бо ӯ вохӯрӣ кард, баъд ба пои чагиш вазн андохта интизори сухани раис шуд. Ба назари Ҳаким чунин расид, ки рӯи усто дуд кард, усто гӯё гапашро гуфта натавониста бархост ва ланг-лангон рафт.

— Ин ҳам тӯҳфаи ҷанг аст?– бо рамуз ба пои ланг ва асои дасти усто ишора кард Ҳаким.

— Не, потеша задааст... Соли чилу дуюм. Фақат панҷаҳояш нест. Акнун ҳар вақт мебиёд, ки ба ман ягон кори сабук ёфта деҳ. Намефаҳмам, ки кори сабуки ӯ чист... Ин мардак, агар шарм накунад, дар ҷанг ҳамин хел шуд гуфта, чиҳое даъво намекунад. Канӣ гардед, як назди мудир равем...

Раис пешопеш ва Ҳаким аз дунболи ӯ сӯи анбор равон шуданд. Аз пули рӯд гузаштанд. Хомӯш мерафтанд.

— Ассалому алайкум,– ба пешвоз баромад мудири анбор ва дасти рост, ки ду ангушти байн набуд, ба раис дароз кард ва ҳамчу одоб дасти мундаи чап бар соиди росташ гузошт. Бо Ҳаким низ ҳамчунон вохӯрӣ кард.

Раис аз дари кушоди анбор дохил шуда, ба чор тараф нигарист, баъд ба мудир мурочиат кард:

— Муҳаммадсиддиқ, дар таги анборатон ягон чиз монда бо-шад, ба Абдуҳаким…

— Раис, дар анбор ба ғайр аз бӯи муш дигар чиз нест... Ма-гарам, ки ба осиёб...

— Ҳа-ҳа, ба як коғазча нависед.

Муҳаммадсидик қаламро байни лабонаш гузошта, аз зери ма-тои сурхчаи рангпарида ва сиёҳирехтае, ки ба рӯи сандалии кӯҳна партофта шуда буд, коғазпораеро кашида, сарангушт, ангушти ишорат ва ангуштакро ба гирди қалам печида, навишт:

«Усто Нормуҳаммад! Ба Ҳакимбой аз ҳаққҳои осиёб чойрек орд диҳед. Бо иҷозати раис. Мудири анбор».

Коғазро ба дасти Ҳаким дароз кард ва аз кисааш носкаду бароварда гуфт:

— Инро ҳам гиред. Шоҳид. Вай фиреб хӯрдагӣ, бовар намекунад. Баъд носкадуро ба писаратон диҳед, меорад.

Ҳаким ба анбор чашм давонда чаҳор равзана ва як тарозуи бекорро дид ва аз дар баромад. Қад-қади рӯд садои оби чандин сол аз гӯшҳояш дур шударо бо ҳавас шунида, қадам мепартофт. Санги сиёҳи азим, ки ҳезумкашон ба рӯи он нишаста табар санг мезананд, ҳоло ҳам барҷост, селу обхезҳо набурдаанд ва гоҳи ҷанг рафтанаш ҳамин зайл буд. Гӯё касе дар тӯли солҳои охир ба он санг табар тез накардаст. Ва болотар аз он даҳонаи ҷӯи Боғи Гарон ҳам вайрон аст ва гӯё дар зарфи солҳои ҷанг касе ба он дарахтони пир об намонда бошад...

Ҳаким ба зери дарахти туғи рӯ ба рӯи осиёб дергоҳ ба парраҳои чархи осиёб нигарист. Ба шасти тамом ба чарх бархӯрда ва аз моҳихона ором ҷорӣ шудани обро дида, «Ҳамон ист, ҳеҷ чиз дигар нашудааст» гуфт ва сангпарҳоро парида, ба баландии осиёб баромад.

Усто Нормуҳаммад ӯро дар пеши дар хушнудона пешвоз гирифт ва вақте ки Ҳоким коғазу носкадуро баровард, ранги рӯяш тағйир ёфт.

— Камтар сабр мекунед... Дина ҳатто орди камарро рӯфта додам, ҳоло ҳақ наафтидааст. Ана бинед, аз ин муштаққҳо чӣ ҳақ мерӯяд.

— Осиёби боло ҳам ҳамин хел бошад?

— Осиёби боло соли аввали ҷанг хоб рафта буд. Парраҳояшро мардум бурда сӯхтанд... Ба ҳамин як санг ҳам бор ёфт шавад, хуб.

Садои ба парраҳо бархӯрдани об, ҳамвора бо як оҳанг гирд гаштани санг, шақшақи сагаки ларзон ва чанг-чанг ба камар пош омадани орди зери санг касро ба ҳолате меовард, ки сар ба каф гирифта сукут варзад ва ё ба назди оташдон ғунча шуда хоб равад...

— Азоб, ако!

— Ээ, Нормуҳаммаде, ин чӣ азоб аст, даруни орду ғалла магар азоб? Ин ҷаннат, додарам, – гуфт Ҳаким ва табассумкунон аз дар баромад.– Хайр, бегоҳ Валӣ омада мебарад...

### 3

Ду рӯз қабл аз иди Наврӯз мардум дар доманаи деҳа ба ҷуфтбаророн ҷамъ омаданд. Ҳар кӣ бозёфташро оварда ба рӯи шоли густурда мегузошт. Муаллима Ашӯра ҳам дастархон карда овард.

Ба ҷои падараш овард. Мардон давра нишастанд. Шохаҳои тути қатори лаби ҷӯй аз баччаҳо вазн оварда буд. Онҳо баччаҳое буданд, ки дастархон бардошта овардаанд ва ё ба ҷои падар омадаанд, ё танҳо ҳаваси бозӣ доранд ва ё тамошо. Ҳама омадани раисро интизор буданд. Ӯ савори аспи сиёҳмушкин аз Лалм фуромада омад. Баъд мардуми ба пешвозаш бархостаро нишонд... Дастархонҳоро кушоданд. Раис «ба баччаҳо диҳед» гуфт ва баччаҳо мисли тут аз шохи дарахт ба замин рехтанд. Дар дастархонҳо нон ҳам буд, қалама ҳам буд, чормағзу тутмавиз, равғани зард, қурут ҳар касе, ки ба ин рӯзи нав ягон чизро пасандоз карда бошад, дар рӯи ин дастархон фаро омада буд. Гӯё ҷанг ҳеҷ чизро набурдааст. Имсол мардҳои нав ҳам хастанд.

— Мушкилиамон ҳамин баҳор, ин ҳам гузашт, гӯед. Мева пазад, ғалла расад, тинҷ мешавем, – гуфт раис ва ба мӯйсафеди рӯзгордида ва зиёда аз сад бор чунин баҳорро пешвоз гирифта ишора кард, то нон гирад.

Дар паҳлӯ бар гардани ҳафт ҷуфт барзагов юғ андохта буданд. Говҳо кафша мекарданд ва дар офтоби баҳор мӯи тахтапушташон ҷило медод. Гови пири каллахам ва барзагови маллаи сумдароз як ҷуфти ба ҳам тир буданд. Суст мегаштанд: бамеъёр ва аз субҳ то шом. Ҳатто пушти гӯшашон арақ намекард ва ба онҳо марде лозим буд, ки мағзи устухон ва мадораш баробари ин барзаговҳо дошт дода тавонад.

Як ҷуволи ало дар сари вот меистод, ки гӯё сарчашмаи уммед ва мояи рӯзгори одамон буд.

Ба дастархон барака талабиданд ва раис бархоста, даҳони ҷуволи алоро кушод. Мӯйсафеди хамидақомат фӯтаашро пешгирак карда ба сари ҷувол омад, гӯё ки кафсанг металабида бошад. Раис ҳавучашро пур карда ба пешдомани ӯ гандуми баҳорӣ андохт ва мӯйсафед ба замини корам даромад. Кафашро пур-пури гандум карда «Баракати деҳқон!» гӯён ба замин донаҳои тиллорангро пош дод. Пешдоманро холӣ карда, боз сари ҷувол омад.

— Бобо, шумо сари замин истед, ман бо ғалбер мебарам, – гуфта Ашӯра аз замин ғалберро бардошт ва ба даҳони ҷувол гузошт. Шогирдони ӯ бо ҳайрат ба муаллима нигаристанд.

Ҷуфти сумдарозҳо Ҳакимро насиб шуд. Ӯ аз паси мӯйсафеди Муҳаммадӣ ба замин огард зад. Дур ҳай карда «бо, парч!» гӯён ҷуфтро гардонд ва давр зада омад. Ҷуфтгарон омочҳоро ба сари сина тир карда ба замин фурӯ медоданд. Нидоҳои «Чу! Боо, парч!» пайи ҳам боло мешуданд. Гӯё ҳар сол аз ҳамин рӯз зиндагии нав оғоз меёфт. Барои Ҳаким ҳам, барои муаллима ҳам, барои раису бригадир, барои ҳама: барои деҳа ва колхоз ҳам нав буд. Ва аз ҳамин рӯз иборат Ҳаким отанг дар китф, говрона дар даст кӯчаи канори рӯдхонаро мераваду меояд. Аз нав марди рӯзгор шудааст.

Пагоҳиҳо шохбандеро гирди миён печида меравад ва дар бозгашт як пуштора шибоғ мебиёрад.

## 4

— Абдуҳаким, ширкатро худат мекашонӣ, пас аз воқеаи порсола ба ҳар кас бовар намекунам,– гуфт бригадир, маъюс ба дасти маҷрӯҳаш нигарист ва идома дод: – Нашунидаӣ?

— Не.. Чиро мегӯӣ?

— Ширкаткашони порсоларо.

— Не..

— Ман ба Холи Мурод бовар карда ширкатро ба ихтиёраш супурдам. Даҳ хар гандумро рост ба Фалғар ҳай кардааст. Нотарсия бинед, ба баъзе одамони дар роҳ дучор омада фаҳмондааст, ки аз заготзерно ҳамин хел фармон шуд. Ман бовар накардам. Аз пайи ӯ шудам. Тамоми Заҳматободро давр гаштам, вале касе дарак надод. Баъд хабар доданд, ки ба тарафи Мастчоҳ рафтааст. Лекин аз худи Заҳматобод дошта гирифтем.

— Ҳаа, хоин фақат дар ҷанг намешавад... Ин хел бошад, то ҳар бори рафта омаданам дилат гуп-гуп мекардагист?

— Не... ту бошӣ, не... охир, вай лаънатӣ як бору ду бор набурда буд,– бригадир нигоҳашро аз паҳнои дашт баргирифта рӯ ба кӯҳҳо овард ва баъд ба Ҳаким кори ояндаро шарҳ дод:

— Имрӯз гандуми Чорифро аз бод мебароранд. Шабакӣ мекашонем ва пагоҳ ту ширкатро мебарӣ. Танҳо метавонӣ?

— Писарам калон-ку, ҳамроҳ меравем.

— Ҳа, ба писарат ҳам рӯзи меҳнат медиҳем...

— Биргад!– аз тангкӯча баромада хитоб кард Ҳасан,– Ман дигар харамро намедиҳам!

— Чӣ шудааст?

— Тамоми баҳор пору кашонд, тухмӣ бурд, лекин як рӯзи меҳнат надорад. Вақти ба саратон мушкилӣ омадан рӯзе ба ҳар хар ним меҳнат гуфта будед...

— Тез нашав, Ҳасан, саҳв шудагист.

— Чӣ хел тез намешавӣ, ба ман хар лозим. Савор шуда ба дарав равам ва аз он тараф ду банд алаф ё ҷорӯб биёрам, фоида нест? Лекин кори колхоз пеш равад, гуфтам.

— Ман медонам, ту одами хуб, сабр кун. Табелчӣ ҷавон...

Бригадир Ҳасанро тасаллӣ дод ва ба Ҳаким фармуд, ки рафта аз оғили колхоз харҳоро пешандоз ба Чориф барад. Ҳаким тахтапушташро ба танаи сада, ки то ин вақт такя зада менишаст, такон дода бархост ва сӯи говхона равон шуд. Харҳоро ҳай карда овард. Ҷуволҳоро ба харе бор карда, бо ресмон кашид ва фикр кард, ки бо роҳи Сафедхок равад ё бо роҳи Сурххок. Роҳи Сафедхокро ҳамвортар дониста, харҳоро пеш андохт. Ба саргаҳи Сафедхок

баромада, гӯё тамоми водии Зарафшонро аз назар гузаронд. Дар дуродур, тахмин дар наздикиҳои шаҳри Панҷакат, Зарафшон ба шохобҳои зиёде тақсим мешуд, шохобҳо мисли морҳои сафедча печу хам хӯрда мерафтанд, айнан роҳи Сафедхок барин. Офтоб андаруни Зарафшон ғайб зад. Вале аз сари Сафедхоки Калонӣ менамояд, ки офтоб даруни уқёнуси ороме мисли лаълии мисини гудохта шино мекунад. Оҳиста-оҳиста кӯҳи сиёҳе пеши онро гирифт.

Ҳаким беихтиёр «их» гӯён хари зерашро пошна зад ва чашм аз манзараи дури наздикнамо барканд. Пеши чашмаш торик шуд, баъди шом ба сари хирман расид. Аспе аз сари хирман шиҳа кашид ва касе аз рӯи чоши гандум хест.

— Омадӣ, Ҳаким?

— Ҳа... Биргад? Шумо чӣ хел пеш омадед?– дар ҳайрат афтода пурсид Ҳаким.

— Ман бо роҳи Сурххок омадам.

Ҳаким харҳоро дуртар аз чош ронда, ҷуволҳоро ба сари хирман партофт ва аз бригадир пурсид: «Танҳоӣ?»

— Не, Амаки Равшану Амонулло сари чашма фуромаданд.

— Хайр, то онҳо омадана, – гӯён ҷуволро ба лаби чош хобонда, гандумро бардоштан гирифт.

Амаки Равшани бодгар ва хирманбон Амонулло дар кӯзаҳо об оварданд. Онҳо ҳам ҷуволҳоро ба лаби чош хобонданд. Акнун дуду гандум мебардоштанд. Бригадир бо дандонҳояш лаби ҷуволро медошт ва бо дасти рост гандумро баробари Ҳаким мебардошт.

Ҳама хомӯш буданд, гӯё ба чашмакзании ситораҳо ва ба садои ба ҳам соидани донаҳои гандум халале расондан намехостанд. Ҳакиму бригадир чуволро бардоштанд ва Ҳаким аз миёнбандаш шавнӣ (даҳонбанд) гирифта, даҳони ҷуволро баст.

— Ширкат набошад, ҳамин гандуми Чориф халқро бас,– оҳиста гуфт Амонулло ба гӯши амаки Равшан.

— Бе ин намешавад, Амонулло, қарз, додан даркор. Агар тухмӣ аз худи колхоз мебаромад ва шартнома намешуд, мумкин буд.– Эзоҳ дод мӯйсафед.

— Оҳиста-оҳиста ҳамааш дуруст мешавад, – фаҳмонд бригадир.

Вале Ҳаким намедонист, ки ба онҳо чӣ ҷавоб диҳад, корзор ва рафтори Холи ширкаткашон аз лавҳи хотираш гузашт. Харҳоро бор бастанд.

— Дар зери дарахти сада ҷуволҳоро рах зану зуд баргард,– гӯё ба писарбаччае ёд медод бригадир Сафо. Вале Ҳаким ба ин аҳамият надод.

Харҳо аз Сафедхок нишеб шуданд. Зери пои харҳо «гум, гум, гум» садо мекард, гӯё зери роҳ ковок бошад. «Дар ин хел ҷойҳо кӯзаи тилло мешавад, мегӯянд» аз дил гузаронд Ҳаким... Харҳо

хамиеро гузашта, ба Сафедхоки Хурдӣ расиданд ва дар ҳамин ҷо пордуми харе канда шуда, ҷувол аз гарданаш парид. Ҳаким харҳои дигарро аз роҳ надошт. Ресмони хари бӯрро кушод ва ҷуволро рост кард, баъд бардошта ба рӯи харсанге гузошт. Харро аз поён уреб монда, хам шуда ҷуволро оғӯш кард, вазнашро бар зонуи росташ партофта, боз аз поёнтари ҷувол даст гирифт, сипас бо ёрии зону ҷуволро бардошта ба пушти хар гардонд. Аз вазни ҷувол миёни хар хам хӯрд ва саҳл монд, ки ҷувол афтад. Ҷуволро ба мизон овард ва палтар кашида сахт пордум гирифт ва як халачӯб ба думғозаи хар зад. Хар як уреб шуд ва ба роҳ баромада тез гашт. Ҳаким харҳои дигарро дар даромадгоҳи деҳа дарёфт. Бори хари сафед ба гарданаш фуромада буд. Ҷонвар сар боло карда бо зӯри гардан ҷуволро медошт

Харҳо худ аз худ назди сада қарор гирифтанд. Ҳаким чуволҳоро фароварда рӯи суфа рах зад ва шаббони мактабу магазинро фарёд зада гуфт:

— Ана, ҳафт ҷувол гандум, ба ихтиёри ту...

— Чаро хар шаштаю ҷувол ҳафта?

— Чӣ хел?... Як, ду, се, чор, панҷ, шаш... як, ду... панҷ, шаш.. як... шаш… ё тавба, хари ту ҳаст, хари Амонулло ҳаст, хари Шодиву Шариф ҳам ҳаст... Ээ, хари Ҳасан нест. Худо гирад вай луссака... Ин тараф-ку нагузаштааст?

— Не, нагузаштааст, – ҷавоб дод шаббон Юнус ва лангидалангида лаби суфа нишаст.– Хайрият, ки шумурдам, вагарна худо мезадам.

— Охир, хар қатӣ гум, ба ту ҳеҷ чиз намешуд, лекин ба ман... Бригадир бисмиллояшро хонда буд-а... ман канори роҳро бо диққат нигоҳ карда омадам, дар роҳ намондааст. Хонаи соҳибаш нарафта бошад? Каме нигоҳ кун, ман як хабар гирам...

Ҳаким то дарвозаи Ҳасан тохт ва дарвозаро кӯфта фарёд кард:

— Ҳасан, ҳоо Ҳасан!

— Ҳӯӯ!– ҷавоб дод марде.

— Харат наомадааст?:

— Не! Гург хӯрд, гӯй! – дарвозаро кушода гуфт Ҳасан.

— Нее, гург хӯрад, беҳтар буд. Бо ҷуволи гандум гум. Ман андак қафо мондам, деҳа фароям, нест. Гумон кардам, хумор карда омадааст... Бекор бошӣ, биё кобем...

— Чоруқҳоямро пӯшам... Рафтан гир...

— Ман Валиро аз хона ҷеғ мезанам!..

Ҳаким ба хонааш рафта писарашро «зуд сари кӯча биё» гуфта баргашт. Ӯ ба назди сада нарасида, писараш тозон омад. Ҳасан ҳам омад.

— Харҳоро аз паси мо ҳай гӯ, – фармуд Ҳаким.

Ҳакиму Ҳасан аз пули байни деҳа гузашта бо ду канори роҳ шуданд, Валӣ харҳоро бо роҳ меронд. Хеле рафтанд. Сиёҳие набуд. Пас Ҳасан лақаби харашро гирифта, чеғ зад. – Беҳ-беҳ! Бучча, беҳ-беҳ-беҳ! Ҳар-ҳар-ҳар! Беҳ, Бучча, беҳ! Ҳӯӯӯ беҳ-беҳ-беҳ!

Ӯ ҷавобе нашунид

Онҳо ҳамон зайл то Чориф баромаданд. Ҳасан ҳоло ҳам «беҳ-бех» мегуфт. Вале Ҳаким фикри дигар дошт: «Чаро розӣ шудам, чаро? Агар сериву пурӣ мебуд, гапи дигар буд. Ҳоло ҳатман гумонашон аз ман. Не, ҳеҷ гоҳ ба як ҷувол гандум худро намефурӯшам... Магар одамоне, ки дар бехи ҳар пояи гандум як қатра арақ резонидаанд, ба ин гап бовар мекунанд?..»

— Ҳар-ҳар-ҳар, беҳ-беҳ-беҳ!– хаёли ӯро Ҳасан парешон кард:

«— Ҳоҳо ҳоой!... Ҳаким!..»

Садои бригадир ҳам омад. Дили Ҳакимро як шамоли сард расида гузашт. Овози Сафо бад расид, гӯё дашном медод, таҳқир мекард. Баъд дар зери равшании моҳ қомати баланди бригадирро дид, ки болои карчи моҳ баромада фарёд мезад. Ӯ аз теппаи коҳ фаромада пеши харҳоро гардонд, то ба кафа дарнаафтанд.

— Ин қадар дер кардӣ?– гуфт бригадир ба Ҳаким.

— Ман чанд ҷувол гандум бурда будам? – пурсид Ҳаким

— Ҳафт ҷувол! – ҷавоб дод Сафо.

Ҳаким сар ба зер афканд. Нӯги тези халачӯбро ба рӯи пояш зер кард.

— Чӣ шуд?– пурсид бригадир ва харҳоро шумурд: – Шаш хар овардӣ-ку?

— Хари ман гум, биргад! – арз кард Ҳасан.

— Чӣ хел? – боз пурсид бригадир.

— Ман ба Юнус «ҳафт ҷувол, қабул кун» гуфтам, вай ҷуволҳоро шумурда «шашта» гуфт. Баъд харҳоро шумурдем, хари Ҳасан намерасид. Дар роҳ бори хари бӯр гашт. Каме истода, онро аз нав бор кардам. Гумон мекунам, ки ҳамон вақт...

Касе чизе нагуфт. Ҳама хомӯш буданд. Бригадир ҳам ба хаёл рафт. Хеле фикр кард. Дасти сеангушта ба рӯй бурда, каме молиш дод, баъд оҳиста:

— Меёбам, – гуфт.

— Не, Сафо, дигар намеёбӣ, – гуфт Ҳаким ва пас аз хеле фурсат гапашро давом дод: – Аз ман дигар хоҳиш макун. Ин кор кори ман не, беҳтараш ман ҳамроҳи мӯйсафедон дос мекашам. Агар лозим донӣ, Валиро бо ягон кас ҳамроҳ мекунам, шартнома мекашонад... Ман не...

— Девонагӣ накун, Ҳаким!

— Не, Сафо, ман аз халқ шарманда, ҳам аз Ҳасан...

— Гапро бисёр накун! Меёбам, гуфтам-ку! Ҳамту Холи нобакорро ёфтему...

— Ягон роҳгузар сӯи Фушун намерафт-ку? – оқибат ба гап ҳамроҳ шуд амаки Равшан.

— Надидаам, – ҷавоб дод Ҳаким.

— Хайр, зуд бор кунед, дер шуд, – хоҳиш кард Сафо. Валӣ харҳоро гардонда овард. Ҳакиму Амонулло даст дода, ҷуволро бардоштанд. Ҳасану Валӣ ҳам. Бригадир бо як даст ҷуволи ба рӯи дастҳои онҳо хобидаро тела дода, ба пушти харе гардонд. Амаки Равшан ба Ҳакиму Амонулло ёрӣ медод. Онҳо се бор ба ҳам даст доданд. Ҷуволҳоро бор карда, ресмон кашиданд ва харҳоро сӯи деҳа нишеб карданд

— Ту ғами хари маро нахӯр, Ҳаким, ба вай колхоз кафил аст... Гум шавад, пулашро медиҳад, – вақти рафтан ба бригадир расонда гуфт Ҳасан.

— Ту хари худатро фикр мекунӣ, лекин хуни деҳқонон – ҷуволи гандумро фикр намекунӣ. Ҳатто он ҷувол ҳам касона, баробари хари ту меҳнат мекунад. Вай ҳам аз колхоз ҳақ мехоҳад. – Каме тез шуд бригадир.

— Фикр мекунам, ҳамаашро медонам, агар намефаҳмидам, харро ба ту дода, ба пуштам ҳезум намекашондам. Ба кори колхоз рафта, пиёда намеомадам.

— Харро ба ман надодаӣ, ман колхоз не. Гапро кам кун. Ман гумон кардам ба ёрӣ омадӣ,– хурӯши ӯро паст карданӣ шуд бригадир.

— Гумонат дуруст. Ман барои даъво наомадаам. Беному нишон равад ҳам, даъво намекунам. Ту биргад бошӣ, оҳиста гап зан, забони ширин морро аз хонааш баровардааст!

— Хайр, ман ба ту чӣ гуфтам, Ҳасан?

— Ба ёрӣ наомада, ба чӣ омадам? Ҳошокалло, «харамро ёфта деҳ» гуфтам? Барои як хари ҳаром бо ту муштбагиребон шавам?

— Не, Ҳасан, ман туро медонам... зӯри худамро ҳам медонам ва медонам, ки дастам ба гиребони касе намерасад.

— Биргад, хайр, ман даъвои хар накардам, лекин гандуму ҷувол чӣ мешавад?

— Ҷуволи ало бисёр, Ҳасан, гандум ҳам кам не... Лекин...

— Ана ҳамин «лекин» ганда,– гуфт Ҳасан.

— Инро мо медонему худо, овоза накунед, касе намефаҳмад, – гуфт амаки Равшан.

— Юнуси шаббон аллакай ба сад кас нагуфту?

Ҳасан ва Ҳакиму писараш харҳоро пеш-пеш карданд. Бригадир ҳам аспро савор шуда, ин даъфа бо Сурххок не, балки ҳамроҳи онҳо рафт. Хомӯш мерафтанд Аз Сафедхоки Хурдӣ аён буд, ки ягон-ягон шуои чароғҳои деҳот аз байни баргҳо метобанд ва қадам ба қадам паси баргҳо нопадид мешаванд. Вале моҳтоб баландтар мебаромад ва пеш меомад, то деҳаро равшан гардонад. Чор-панҷ километр дуртар аз деҳа шохобчаҳои Зарафшон нуқрафом метофт

ва гӯё моҳи мунир ва ситораҳои бешумор ҳама ба тамошои ранги зебои дарё баромада буданд ва ё роҳи харкоронро равшан мекарданд ё худ хару ҷуволи гандуми гумшударо мекофтанд. Фақат моҳу ситораҳо не, Ҳаким, Ҳасан ва бригадиру Валӣ низ мекофтанд. Ин дафъа ҳам дар сари роҳи онҳо чизе дучор наомад: на хар ва на ҷувол.

— Ман аз ту як хар ва як ҷувол гандум қарздор, – гуфт Ҳаким баъд аз ҷуволҳоро рах задан, – гӯё музди меҳнатамро пешакӣ аз колхоз рӯёндам… дигар харкорӣ намекунам.

— Девонагӣ накун, – оҳиста гуфт Сафо ва ресмони ба китф партофтаи Ҳакимро кашида гирифт.

— Не, лозим бошад, Валӣ ба ягон кас ҳамроҳ мешавад, лекнн ман не.

— Валӣ ба худат ҳамроҳӣ мекунад, аз ҳад наёз! – андаке тез шуда гуфт бригадир...

## 5

Офтоб теғ накашида садои бригадир баромад. Аввал дарвозаи Насими Соҳибро кӯфт, баъд ба дарвозаи Ҳаким омад.

— Ҳозир аз наздат омадам, боз чӣ мегӯӣ? – дарвозаро кушода гуфт Ҳаким.

— Зуд биё, дер шуд! – ба рафтани Ҳаким бовар карда гуфт бригадир ва ба ҷавоби ӯ интизор нашуда рафт.. Садояш аз кӯчаҳои дигар баромад.

Харҳоро ҷамъ оварданд. Тарозуи «Ъ» - шакл ба рӯи домани кушодаш ҷуволҳоро мебардошт. Бригадир Сафо дувоздаҳ харро омода кард, ки ҷуволҳоро бор кунанд... Се-чор ҷуволро бор карда буданд, ки Валӣ омад.

— Канӣ додот? – пурсид Бригадир.

— Намерафтаанд.

— Тозон рафта гӯй, ки ҳама ба дараву бод рафтаанд, гандумро ба заготзерно бурдан ба ӯҳдаи шумо будааст, – ба Валӣ фаҳмонд ӯ ва аз китфаш дошта ба пеш ҳидоят кард.

Валӣ тохт ва пас аз фурсате бо ҳамон шаст аз кӯчабоғ намоён шуд ва назди онҳо омада, «меоянд» гуфт.

Бригадир табассум кард.

Баробари ба саҳро домон густурдани офтоб харҳо қатор шуданд. Ҳаким як ба одамон нигарист, ки чӣ нигоҳе доранд. Ба назараш ҳама ба ӯ бо шубҳа нигоҳ мекарданд.

Ҳаким аз паси харҳо қадам партофт. Писараш нисфи харҳоро пеш-пеш меронд. Ҳаким гаштаву баргашта ба роҳи Сафедхок менигарист, ки зоро хари Ҳасан намоён шавад.

— Их-э!!! – садои писараш ӯро ба худ овард.

Сози ноҷӯри наъли харҳо аз деҳа, аз дашт, баъд аз Дупулаи Зарафшон дур шуда, бо соҳили чапи дарё мерафт. Ҳаким ҳамвора фикр мекард: «ягон ҷуволи дигар гум нашавад, ки корро бало занад». Ба ду канори роҳ, ба пеш ва баъзан баргашта, ба пас менигарист...

Андар даромадгоҳи шаҳр садои пуршасти сумҳои асп хотири ӯро парешон кард. Ҳаким ба қафо нигарист: аспи шинос гӯё парвоз карда меомад.

— Ҳа, Сафо, боварат наомад? – баробари наздик шудан пурсид Ҳаким.

— Не, Ҳаким, накладнойро фаромӯш кардаем. Бе ин қабул намекунанд.

— Хуб шуд, ки омадӣ, бори аввал сарҳисоб ҳам намерафтам, – хурсанд шуд Ҳаким.

— Ҳа, йигит, монда нашудӣ? – ба Валӣ рӯ овард бригадир.

— Не! – ҷавоб дод Валӣ.

— Сафо, хари Ҳасан ёфт нашуд? – пурсид Ҳаким.

— Мон акнун, як хар будаст-дия! – лаҷоми аспро кашида гуфт Сафо. – Монда шуда бошӣ, биё камтар савор бишав.

— Не, саллот дар чунин роҳҳо монда намешавад, инро ту хуб медонӣ.

— Медонам, Ҳаким, медонам, лекин ҳамаашро фаромӯш карданиам, ҳатто ба ягон кас дар он бора сухан гуфтанӣ ҳам нестам, бигзор фаромӯш шавад. Ман ба ҳеҷ кас намегӯям, ки то омадани ман бачаам мурд, занамро фирефта, ба дигар кас доданд. Намегӯям, ба ҳеҷ кас намегӯям. Ҳатто ягон кас шарҳи ҳоли маро навиштанӣ шавад ҳам, намегӯям. Мегӯям, ки дар ҷанг будам, вале намегӯям, ки дасти маро теғи ҷанг бурид.. Ту ҳам намегӯӣ, Ҳаким, ман медонам, ки намегӯӣ. Охир... ба ту ҳатто пораҳои асколка ҳам нарасида аст, ҳамин тавр не?

— Ҳамин тавр, Сафо, ҳамин тавр.

Валӣ баргашта нигарист. Сафо гӯё ки тобаки шикам гирифта бошад, бар қоши зин хам шуда ба Ҳаким нигоҳ мекард.

— Валӣ, харҳоро бо ин тангкӯча гардон, писарам! – каме рост шуда. хитоб кард ӯ ва мақсадро ба Ҳаким баён кард: – Ин роҳ наздик: гузари Сӯзангарон, Қайнар, баъд Заготзерно...

## 6

Ба гуфти раис шартнома акнун нисф шуд. Аз бригадаҳои дигар ҳам ҳар рӯз харҳо мисли корвони шутур қатор шуда шартнома мекашонанд. Баъзан ду аробаи қӯқандӣ пайи ҳам лангар хӯрда меравад. Ва аз Дупула, ки гузашт, Қашқоии он тарафи дарёро базӯр мебароянд. Асп аробаи пурборро пеш мекашад ва вазни ҷуволҳо гӯё чархҳоро ба ақиб тела медиҳад.

Гандуму ҷавҳои лалмӣ қавра накунад гуфта, даставвал ба Лалму Чорифу Себак дос андохтанд ва шартномаро ғаллаи лалмӣ нисф кард. Деҳқонон хурсанд, ки нисфи зиёди ғаллаи обӣ ба музди меҳнати онҳо мерасад ва пас аз ҷанг аввалин бор нони серӣ мехӯранд.

Вале пас аз чанд рӯз дар сари дарав раис маҷлисча гузаронд.

— Дӯстони азизи ман, ёди ҷанг ба ин наздикиҳо хотирҳоро ҷамъ намекунад. Касе, ки майдони ҷангро дидааст, гумон мекунад, ки ҳоло ҳам он майдонҳо дуд мебароранд, ҳоло ҳам танкҳо месӯзанд, ҳоло ҳам биноҳо вайронанд. Мо бояд зиёда аз план, зиёда аз шартнома, ба давлат ғалла супорем, фикри шумоён чӣ?

— Чизи гумшударо ёфтан мумкин, – ба гап даромад бригадир, – хонаҳои вайронро обод кардан мумкин, вале сарҳои рафта, дастҳои бурида ва пойҳои арракардаро баргардонидан мумкин нест. Мо ин фикрро тарафдорӣ мекунем, ҳар кас ҳам бояд ин фикрро тарафдорӣ кунад. Ҳар соҳибдил, ҳар...

— Агар Ҳаким ҷувол-ҷувол гандумро гум намекард, бештар ёрӣ мешуд, – овози зани Ҳасан баромад.

Бригадир ба сӯи овоз нигарист, зани Ҳаким ҳам ба соҳиби овоз нигарист, вале чизе нагуфт.

Насими дарёобод сарҳои гандумро сила карда гузашт, баъд хӯшаҳо ба синонбозӣ даромаданд. Рӯи дарёободро ғуборе гирифт ва шамоли боди рӯд онро зуд парешон кард.

Дар зиндагӣ ҳама ба як савол якбора «ҳа» ва ё «не» гуфта наметавонанд. Дар ин маҷлис ҳам. Фақат луқмаи зани Ҳасан занони сари по ва мардони чорзону нишастаро ба ҷунбиш овард....

— Мамлакат обод бошад, шиками мо сер, – оҳиста гӯё худ ба худ гуфт Бону.

Раис аз нигоҳи мардум маъниҳо дарёфта, аспро савор шуда рафт.

Ҳама хомӯш буданд. Хиш-хиши пояҳои гандум, ба санг бархӯрдани досҳо даравгаронро ба хомӯшӣ одат кунонидааст. Зиллаҳо аз хӯшаҳои пеши досҳо парида дуртар мерафтанд ва мисли «зузу»-и баччагони деҳ мусобиқаи «нафас» карда «ҷииз, ҷииз» садо мебароварданд.

Сурфаи Сайрам – зани Ҳасан хомӯshиро пахш кард, вале аз овози зиллаҳо зӯрӣ карда натавонист. Боз хомӯш шуд. Ба касе чизе мегуфтагӣ барин, гулӯ равшан кард. Баъд ба зани дар паҳлӯяш буда чизе гуфта, шунид ва бо овози баланд «ба вай фарқ надорад, хонааш пури гандум» гуфт. Мусоҳибаш ба Бону нигарист. Бону аз паси дастаи гандум нигоҳи ӯро дид ва қоматашро рост кард. Қабзаашро ба болои дастаҳо гузошт, худро ба нодонӣ зада аз нав қабза гирифт.

— Дар хонаи ман ҳам як ҷувол гандум мешуд, гандуми саҳроро баред мегуфтам, – баландтар овоз баровард Сайрам,

— Ту чӣ ин қадар худ ба худ бӯ гирифта истодаӣ? – тоқат наоварда кафид Бону.

— Аз гапи ту як ман не, ҳама бӯ гирифтанаш мумкин...

— Ту аз номи ҳама гап назан, муддаоят бошад, гӯй...

— Муддао надорам, дар ҳамин солу замона шӯи ту хари моро беному нишон хӯраду ман бӯ гирам, а? – сухани ӯро бурида даъвогар шуд Сайрам.

— Дар хонаи касе, ки ҷувол-ҷувол гандум бошад, ба хар хӯрдан чӣ ҳоҷат?

— Ҳоҷаташ бисёр, – даст афшонда гуфт Сайрам,– аз дасти шӯи ту ҳар кор меояд...

— Инашро ту надонӣ, ман намедонам...

— Вай харкор не, хархӯр!

— Шӯят даҳон надорад чӣ, ту даъвогар шудӣ? Ё..

— Чӣ мағал доред, занҳо? – аз моҷаро пай бурда, пештар омад бригадир.

Касе ҷавобе надод.

— Чӣ шуд? – боз пурсид Сафо.

— Шӯи ман хари Сайрамро хӯрдааст, –буғзи гулӯяшро фурӯ бурда, гуфт Бону ва бо остини саргирак оби чашмашро пок кард.

Бригадир дергоҳ хомӯш монд, баъд лаби поёнашро бо дандонҳо соида-соида оҳиста гуфт:

— Ман аз гапи шумо метарсидам-ку... Ҳай занҳоя, гап ба шумо нарасад, – баъд овозашро баландтар кард: – Ба ин чизҳо кордор нашавед, кори худатонро бинед!

— Чӣ хел кордор намешудаем?! – арбада кард Сайрам, – бечора мардак харро ба шумо дода, ба пушташ хор кашонаду боз шарик нашавем? Ҷаро хари биргад гум нашуд, хари Собир гум нашуду аз они ман гум шуд!

— Хайр, аз они ту гум шуд, акнун чӣ мекунӣ?

— Товонашро мегирам!

— Хуб, мегирӣ, – ҷавоб дод бригадир ва як дасташро пешу пушт ҳаракат дода, аз назди даравгарон дур шуд.

Боз хомӯшӣ. Вале зиллаҳо хомӯш намешаванд.

## 7

*Садои занҷири чархҳои мошин торафт тез мешуд. Ҳаким телпакро гирифта сарашро дастмол карда як ба Шавкат зеҳн монд, баргашта ба роҳ нигарист.*

*— Таго, ҳушёр шавед, акнун нишеб меравем, – гуфт ӯ ва пойҳояшро сахттар пахш кард, ки мошинро бозмедошта бошад.*

*Ронанда дудаста аз рул дошта сари синаи худро ба он такя кунонд, пой аз газ гирифта ба помонаки тормоз гузошт, баъд дар*

*ҳар гардишгоҳ чарогро куштаю гиронда меронд. Дар нури чароги мошин рӯбоҳе пайдо шуда, пешопеш мегурехт...*

*— Таго, ба вай нигоҳ накунед,– маслиҳат дод Ҳаким. Рӯбоҳ дар гардишгоҳҳо гум мешуд ва боз дар нури чарог пайдо мегашт. — Рӯбоҳ ба хаpакӣ вомехӯрад. Милтиқ мешуд... – гуфт ӯ ва аз тирезаи қафо нигарист, ки мошини Нуриддин меояд ё не. Хотирҷамъ шуда, рӯ ба пеш гардонд: – Таго, мегӯм, вақти ширкаткашонии ман ин мошин куҷо буд, то ин қадар азоб намекашидам, пойҳоям обила намекард.*

*— Ҳамин мошинҳоро ба ивази обилаҳои пои шумо баровардаанд, амак.*

*— Рост, таго, рост, одамони нек намехоҳанд, ки ба пои касе хор халад. Ҳама чиз барои одам: замину осмон ҳам. Ҳозир гӯянд, ки фалонӣ оламро дида омадааст, касе таааҷҷуб намекунад...*

*— Осмонро гӯед, амак.*

*— Ээ, тагое, афсӯс, ки умр бақо намекунад, чӣ чизҳоро одам надида меравад. Ҳа-а-а... дарахтро мешинонданд, ки меваашро дигарон хӯранд…*

— Биргад, ман нагуфтам, ки ҳамин шартномаро ягон каси дигар кашонад.

— Боз чӣ шуд?

— Дирӯз занҳо дар сари дарав беобрӯйӣ кардаанд, – хафа шуда гуфт Ҳаким.

— Ба кори занҳо ҳамроҳ нашав, эътибор ҳам надеҳ. Аз аввал то охирро бунёд мекунанду боз дар ягон азо ё рӯбинон чап-чап ҳамдигарро мучӣ карда, оштӣ мешаванд. Хуб, ки дили занҳо ба мисли дили мардон бадкина нест...

— Пураш рафту камаш монд. Имсол то охир мекашонам. Ҳар чӣ гӯянд, майлашон, лекин ба ҷои Валӣ ягон кас ёбед, фардо мактабаш сар мешавад.

— Кӣ ба ту маъқул?

— Барои ман фарқ надорад.

— Ин хел намешавад. Писари Абдуқодир мешавад?

— Мардон?

— Ҳа.

— Додош барин чилдурӯғ набошад?

— Не, писари хуб.

— Мешавад.

Ин дафъа чунин рост омад, ки Ҳаким хурӯсбонг харҳоро бор баст. Ва аз Мурғхона гузашта буд, ки хурӯсҳо бори сеюм фарёд заданд. Дупуларо паси сар карда, ба Дашти Малла баромад. Писари Абдуқодир – Мардон ба мисли Валӣ ором намерафт, дар ботинаш хурӯше дошт, ҳар гоҳ ба думғозаи харе зада «ихе, ҷонвар!» ва ё «беҳ, ҳа балота гирам» – гӯён фарёд мезад. Мардуми канори

роҳ ва дар боғҳо ё сари дарав хобидаро огоҳ карданӣ мешуд, ки касе аз роҳ мегузарад. Вале овози бемавриди ӯ ба Хаким хуш наомад. Ӯ сурфид, то садои ҷавонро пахш кунад, ба дилаш воҳима афтод, худ аз худ харро зада «их, чуқ-чуқ» карда забон ба ком бозӣ доронд. Баъд қадамҳояшро кушоду бардам гузошта, хомӯш рафтан гирифт. Дар сараш моҳ мисли як нони калони самарқандӣ, ки гӯё аз орди гандумҳои пеш аз ин кашонида пухта ба об андохта бошанд, лапида, баробари ӯ пеш мерафт. «Ихе, дардат занад!» боз хитоб кард Мардон, баъд садои «тарсӣ» ба рони хар бархӯрдани халачӯби ӯ баромад. «Одамӣ махлуқи аҷиб аст, дар як лаҳза ҳам навозиш мекунад ва ҳам чӯб мезанад» аз фикр гузаронд Ҳаким ва дид, ки аз як дашти фароху бедарахт гузашта, ба торикии анбӯҳи дарахтони даромадгоҳи деҳаи Сӯҷина дохил шуданд. Харҳо хомӯшии деҳаро вайрон карданд. Садои рӯди Муғ ба гӯш расид. Харҳо ба пули он доира зада гузаштанд, ба шаҳри Панҷакат ворид нагашта, рӯз шуд. Шарокаткашии имрӯза барои Ҳаким дигар хел намуд. Гӯё ӯ ба ин кор ҷазбманд набуд, касе ӯро тела дода мебурд...

Вақте ки мудири анбори заготзерно аз ӯ «Писаратон канӣ?» гӯён пурсид, Ҳаким ба ташвиш афтод ва:

— Мактаб рафт,– гуфт.

— Ин бачча кӣ?

— Писари Абдуқодир, – изҳор кард Ҳаким, гӯё ки он мард Абдуқодирро медониста бошад.

— Ба шумо кӣ мешавад?

— Ҳамдеҳа, ҳамроҳ...

— Як маслиҳат, агар маъқул шавад, «ҳа» гӯед, маъқул нашавад, гап байни ҳардумон монад... Гап ин хел: ман медонам, ки шумо ҳам зиндагӣ доред, биргад ҳам. Шумо бо биргад маслиҳат кунед, як раҳ гандумро накладной накунад. Шумо гандумро биёред. Он тарафашро ман ҳал мекунам. Хар чӣ хоҳед, мегиред, хоҳ аз магазин ягон чиз хоҳед, хоҳ пул. Бовар кунед...

— Шумо имони комил доред, ки ягон гап намешавад?

— Ҳа... фақат гап дар ҳар дуи шумо...

Ҳаким сар ба зер афканд. Баъд ба лаби поёнаш дандон зад. Қадам монда аз анбор дор дур шуд.

— Маъқул нашуд?– аз пас овоз баровард ӯ.

— Не, маъқул, – ҷавоб дод Ҳаким, – лекин биргад ин хел одам не... Мардон, харҳоро ҳай кун!..

## 8

— Биргад, ҳамин кор тилло дошта бошад ҳам, дигар як раҳ намеравам...

— Оббое, як сол ширкат мекашонам гуфта, мӯямро сафед кардӣ!

— Устухонат сафед шавад ҳам, дигар намеравам, медонӣ, ман ба он нокас нигоҳ карда наметавонам...

— Хайр, мо розӣ нашудаем-ку?!

— Дуруст, мо розӣ нашудаем... Аммо он ҷо фақат мо намеравем-ку?! О нокас-е, о нобакор-е! Маълум, ки гурги борондида... Чӣ хел метавонанд-а?

— Ҳаким, ҷанг ба ту асар гузоштааст, асабҳоятро вайрон кардааст.

— Не, биргад. Ҷанг асабҳои маро зӯр карда буд. Ҳозир вайрон шудааст. Оқибаташро намефаҳмам. Ба асабҳо нобакорон зиёда аз ҷанг таъсир мерасонанд...

— Ту, бо ин феълат, дар ҷои ман бошӣ, як ҳафта ҳам дошт намедиҳӣ. Арзиши матои бадошт зиёдтар аст, – изҳори фазл кард бригадир.

— Дуруст мегӯӣ... Ба ман раҳм кун, дигар наметавонам. Ана ин хару ҷуволҳоят. Ман аз ту як хар, як ҷуволи холӣ ва як ҷувол гандум қарздор.

— Ту ҳамин хел гап мезанӣ, ки он чизҳо моли ман бошад...

Аз санглох саворае намоён шуд ва онҳо суханашонро қатъ карда, ба ӯ нигаристанд.

— Ҳасан нест? – пурсид бригадир.

— Ҳасан! – ҷавоб дод Ҳаким. – Биргад, хари буччааш-ку! – қадаме ба пеш монда гуфт ӯ.

Хари бучча йӯрға карда, зуд ба назди онхо расид.

— Аз куҷо ёфтӣ, Ҳасан? – ба ҳаяҷон омада, пурсид Ҳаким.

— Аз пушти Бурсак. Писари подачӣ гуфт, ки аз тарафи дехаи Фушун гурехта омад.

— Хайрият, аз ту халос шудам, – оҳ кашид Хаким.

— Ин қадар заифнолӣ мекунӣ? Ман аз ту хар талаб кардам?! – сахт гуфт Ҳасан.

— Дар ҷои ман бошӣ, мефаҳмӣ. Ту паҳлавони ғолиб барин гап мезанӣ, вале сари ман мисли мағлуб хам аст.

— Акнун ширкатро давом додан мумкин будагист? – ба гап даромад бригадир.

— Мумкин, лекин бе ман, – арз кард Ҳаким.

— Раис ҳамроҳ нашуда, бурдан гир.

— Ба раис худам мегӯям, – гуфт Ҳаким ва баргашта ба Ҳасан хитоб кард: – Ҳасан, сабр кун! – баъд ба Сафо рӯ овард: – Шояд Ҳасан розӣ шавад?

— Вай розӣ шавад ҳам, ман намемонам.

— Хайр, рав! – барои аз роҳ боздоштанаш узр хостагӣ барин гуфт Ҳаким.

## 9

Пас аз ҷанг Ҳаким аввалин бор садои «унға»-и кӯдакро шунид. Бар ивази он қадар садои таркишҳои зиёди тиру тӯп як овози бемадори навро шунид садои нав, ҷаҳони нав, рӯзи нав.

Чанд сол аст, ки пирон ва пиразанҳои деҳ таваллуди одами навро интизор буданд ва мегуфтанд, ки ҷанг дар байни наслҳо фосилае гузошт. Ва дар он солҳо таваллуди одами навро беҳуда ва хатто бори гарон медонистанд. Сонитар фарзанди панҷуми Ҳакимро ҳам сарборӣ донистанд, гӯё ки аз ин азоби оила зиёда мегашт. Вале Ҳаким писари панҷумро ҳам мисли дигар фарзандҳояш қабул кард. Ҳар бор, ки банди шибоғро аз пушт ба замин монда, отангу говронаро дар шохи тути каҷ овехта, хона медаромад, сари гаҳвораи ӯ мерафт ва агар занаш ӯро печонда ба офтобрӯяи айвон нишаста бошад, ҳамчун адои қарз нигоҳе афканда, сипас аз паси кори рӯзгор мешуд.

Бархилофи Аливу Валиҳояш номи навзодро Ҳаёт гузошт, ки дар таки ин – ҳаёти нав ва умри дубораи худро дар назар дошт.

«— Худо ҳам аҷиб, ба фарзандталабон фарзанд намедиҳад, ба нодорҳо қатор мекунад» – ба гӯши Ҳаким боре ин сухан расид, вале ӯ ба пиразане, ки духтарчаи ӯро «фисин» гӯён сарзаниш карда гузашту баъд ин гапро гуфт, ҷавобе надод.

Дар дил «дорои ин кӣ бошад?» гуфта лабханд кард ва аз гурбадави хона досҳоро гирифт, ки бурда чарх дорад...

Ҳангоме ки аз дари устохонаи оҳангарӣ даромад, бӯи оҳани гудохта ба димоғаш бӯи ошно, вале баду ғашоварро овард, гӯё бӯи тиру тӯпҳо, танкҳои сӯхта ва бӯи борут роҳи нафаси ӯро мегирифт. Ӯ рӯй турш кард ва панҷаи чапашро фишурд.

— Ассалому алайкум, – гӯё ҳама чизро фаромӯш карда гуфт ӯ.

— Ваълайкум ассалом, биё, Ҳаким, – таклиф кард Мухтори оҳангар ва тешаи пешбастаашро ба оби тағора андохт. – Дос овардӣ?! – пурсид.

— Ҳа, дарав наздик, юнучқаи боғҳо ҳам даравӣ шудаст.

— Бишин, кори дунё мешавад. Наменамоӣ, намедароӣ? – даст ба пешдоман пок карда гуфт Мухтор.

— Ҷуфт дина тамом шуд.

Мири асптоз дами дар нишаста ресмони дамро мекашид. Аз нафаси дам манқал лух мегирифт ва шарораҳо пош мехӯрд. Ӯ ба сӯҳбати Мухтору Ҳаким гӯш дода, дамро оҳиста-оҳиста кашид. Лухи оташи кӯра ҳам паст мешуд Дар оташ оҳанҳо сурх шуда буданд. Мухтор бо анбӯри дароз як оҳани гудохтаро гирифта, рӯи сандон гузошт ва бо чаккуш зад, пас ба ҷои пайкардаи чаккуш зарби гарони путки шогирдаш расид. Мухтор анбӯрро тоб дода гӯё пушт ва паҳлӯҳои оҳанро медошт ва зарби гарони путки шо-

гирд онро ҳамвор ва нафис карда, ба шакл медаровард. Оҳиста оҳиста сурхии оҳан дур шуда, аввал рӯи онро пардаи хокистарӣ гирифт, баъд сиёҳ шуд. Аз зарбаҳои путк шарораҳо мепарид ва сафедча гашта пеши пои Мухтор мерехт. Оҳан аз зарби чаккушу бодкон ба шакли ҳилол омад. Усто онро зада-зада қат кард ва наъл сохт.

Дам дароз-дароз пуф мекард. Пеши назари Ҳаким шабе омад, ки занашу писараш ба навбат пуф карда, оташро афрӯхта наметавонистанд. Садои чаккуш ӯро ба худ овард, баъд:

— Мухтор, Валиро шогирд гирӣ, чӣ мешавад?– гуфт.

— Мон, ҳамин чаќу чуќро,– эътироз кард Мухтор, – аз ин кор дида тракторчӣ шавад, беҳтар. Трактор дуто шавад, ҷуфт ба ту ҳам намерасад.

— Кӯҳ, ки дорем, бе ҷуфт намешавад,– ҷавоб дод Ҳаким.

— Ҳа... Ҳаким, лаънатии Гитлер агар ба қомати нав ростшудаи мо ана ин хел путк намезад,– гуфта Мухтор ба оҳани сурх чаккуш зад,– ин қадар азоб намекашидем.

— Ба дами оҳангариат зеҳн монда, корҳои ҳамун лаънатӣ ба ёдам мерасад. Мисли ҳамин дам пуф-пуф гуфту нафасаш гашта, хомӯш шуд. Вале мо ин оҳан барин сурх шудем, ба сарамон кӯфтанд, сард гашта, боз оҳан шудем..

— Ин гапҳоя мон, имсол буз медиҳӣ, ки чорта «ҳу» гӯем? – гапро ба дигар тараф кашиданӣ шуд Мири асптоз.

— Ээ, маст, бузро ғами ҷону қассобро ғами чарбу.

— Намур, акнун, тӯйи Валиро ҳоло ҳам таъриф мекунанд.

— Мон, Мирмаҳмад, тинҷтар шавем, хоҳӣ, худамро ҳам аз нав тӯй мекунам, ҳамин хел не, Мухтор?

— Рост, Ҳаким, қомат рост кардан лозим, – тасдиқ кард ӯ ва аз зери оташ табари оташинро ба анбӯр бардошт ва боз ба Ҳаким муроҷиат кард:– Ҳамин табарро чинам, баъд навбати чарх.

Ӯ ба табари пешгашта чаккуш зад. Шогирд арақи пешониашро бо ангушт виреч кард. Аз нӯги ангушташ арақ шорид, сипас китфони фарохашро бардошта путкро бар асари чаккуши устод зад. Ҳарчанд оҳан гудохта буд, базӯр пай мешуд. Табар ҳамвор нашуд, боз ба оташ гузошт.

— Каме дам гир, – ба шогирдаш гуфт Мухтор ва чархро аз назди сутун гирифта, аз дар бадар шуд. Чархро ба ду мехе, ки дар дами дар кӯфта шуда буд, устувор кард ва тасмаи чармиро ба тири чарх печонд ва худ сари чарх нишаст. Ҳаким аз он тараф гузашта аз ду нӯги тасма гирифт ва ду по ба ду мех тира карда тасмаро кашид. Дастони Ҳаким пешу қафо мешуданд чун пойҳои марди равӣ. Ӯ ба як меъёри муайян чарх мекашид, гӯё шину хез мекард. Мухтор досро ба чарх дошт: досу чархсанг «ғав-ғув, ғиз-ғуз, тизтуз» садо мебаровард ва шарораҳо медурахшиданд.

— Мебинӣ, Ҳаким, оҳан фақат ба оташ таслим мешавад! – аз садои чарх баландтар овоз кард Мухтор. Ҳаким «ҳаа» гуфта чарх мекашид. Тасма дар рави чарх бозӣ мекард, ба чапу рост мепечид, кушода мешуд. Ҳар ду дар ду тарафи чарх тануманд менамуданд, мисли гурззанҳо буданд ва гӯё тамоми кори саҳро ва кори колхоз маътали онҳо буд...

— Ман аз ту қарздор, – Мухтор, – шикастадил гуфт Ҳаким.

— Не, Ҳаким, ба ин кор колхоз ба ман рӯзи меҳнат медиҳад, бемалол рафтан гир, вақтат шавад, даро, чақ-чақ мекунем. Имрӯз корам бисёр.

— Хайр, саломат бош! Вақт шавад, медароям.

— Салом, ако! – аз пас овози зане шунида шуд.

— Салом, муаллима! Аҳволат?

— Раҳмат, нағз. Баччаҳо саломатанд?

— Раҳмат, хуҳарам! Туро ҳар вақт мепурсанд. Камнамо шудаӣ?

— Мактаб аз нав сар шуд, ако, аз саҳар то бегоҳ дарс, монда мешавам. Ин вақтҳо ба колхоз ҳам ёрӣ дода наметавонам.

— Ман акнун ба ҷои ту ҳам ёрӣ медиҳам. Валӣ ҳам..

— Ҳа, Валӣ калон шудааст. Обу алови рӯзгорро саришта мекунад.

— Хуҳарам, ба ту ягон чиз лозим нест? Ҳезум ё...

— Не, ако, ҳеҷ чиз... Агар илоҷаш бошад, баъзан Бунафша биёяд. Дилам аз танҳоӣ вахм мекардагӣ шудааст.

— Хуб, хуҳарам, Бунафшаро мефиристам...

Муаллима ду гӯшаи рӯймоли сафедро таги гулӯ гардонда, сари китфон партофта буд. Зани зебои нуронӣ менамуд. Рӯймоли сафед ба ӯ мегуфт ва ӯро зебову дилкаштар нишон медод. Миллаҳои сиёҳаш бар қадди шилшилаи рӯймоли ғиҷими сафед чанг мекард. Кафшу маҳсӣ пӯшида буд ва дафтару китобро ба синаи чапаш пахш карда роҳ мерафт. Ӯ мехиромид, чашмони мардони деҳ аз паси ӯ метофтанд, вале касе намеёрист, ки ба ӯ ҳарфи ноҷо занад...

— Бунафша, муаллима - холаатро дидам. Гуфт, ки Бунафшаҷонро мучӣ бикун, баъд гӯй, ки ба хонаи ман биёяд, меравӣ?– ба духтараш гуфт Ҳаким.

— Ҳа, додо, муаллима-хола нағзак.

— Ҳа, ту бамаънӣ бишав, рӯи ҳавлиро рӯбу чин бикун, бегоҳ ҳамроҳи Алӣ меравӣ.

— Ниниҷон чӣ?

— Ниниҷон калон шавад, ҳамроҳи ту меравад.

— Хайр, дада, ман пеши муаллима-холем мерам.

## 10

— Додо, муаллима-холем аз мактаб мераванд, – Алӣ аз хонаи Ашӯра чунин хабар овард.

— Куҷо мерафтааст?

— Намедонам, Бунафшаро дӯстдорӣ карда, «маро дигар муаллима-хола намегӯӣ, ман муаллимиро бас мекунам, вале ту имсол мактаб меравӣ» гуфтанд. Баъд кокули ӯро кушода аз нав бофтанд. Ва гуфтанд, ки Бунафша меистад, ту рав,– ба падар фаҳмонд Алӣ. Ҳаким андаке ба хаёл рафт, такдири Ашӯраро фикр кард. «Шояд яке аз ҷавонҳое, ки аз ҷанг барнагаштанд, бахши ӯ буд... Шояд...»

Вале ҳеҷ кас намедонад ва дар ягон сӯҳбат сухане нарафтааст, ки Ашӯра касеро дӯст дошта бошад. Ҳама медонанд, ки ӯ дар ҳавлии падарандар нағунҷид ва ба мактаби муаллимии шаҳр рафта, пас аз ду сол баргашт. Ва рӯзҳои аввали баргаштанаш ба назари мардум бегона намуд, ҳатто Ҳаким ҳам ба ӯ бо назари нек нигоҳ намекард. Ӯро бинад, дандонаш гӯё як ваҷаб меёзид. Вақтҳои аввалин бор ба синф даромаданаш касе ӯро писанд ҳам намекард. Ҷавонҳо базӯр дар партаҳо ҷо шуда, мешиштанд ва ҳатто занҳое ҳам буданд, ки кӯдак сина медоданд, беназокат ва безарофат менамуданд. Кӣ ва чӣ будани Ашӯраро медонистанд. Барои Ашӯра ҳам ҳеҷ кадоми онҳо ношинос набуд. Медонист, ки Муяссара зани кист, Шарифаи пучуқ духтари кист, Зевар модари чанд фарзанд аст, медонист, ки чаро Ёрмуҳаммади дароз фақат дар партаи ақиб менишинад, сабаби хандида шиштани писари Ёрча чист, Умари аробакаш чаро як рӯз меояд, чанд рӯз на... Ҳамаашро медонист, вале...

Агар ҷавонмардони ношинос беиҷозат аз синф бароянд, ҳарфе намегуфт ва агар қасдан дер монда, дари синфро кушода «Маълим, мумкин?» гӯянд, рад намекард. Ӯ ба ҳама корҳои онҳо тарафдор ва ҳатто касе ёд надорад, ки ба сухани ягон кас ҷавоби бад ё баситеза гуфта бошад. Оқибат, ӯ ба ҳама «духтарам-муаллима», «хоҳарам-муаллима» ва «муаллима-хола» шуд. Ӯро касе дигар Ашӯра намегуфт, вале имрӯз чӣ шудааст, ки ӯ муаллимиро тарк мекунад? Ягон кас ранҷондааст? Ё худаш фикр мекунад, ки саводаш намерасад? Муаллимҳо аз ҷанг баргаштанд ва муаллимҳои нав омада истодаанд, шояд ӯ лозим набошад? На. Фақат як чиз – тарғиботи раису бригадир ӯро ба колхоз гузаронд. Худи Ашӯра ҳам аҳволи колхозро дида, гӯё ба ёрӣ гузашт.

Ашӯра аз курсӣ ба зин гузашт. Савори аспи сафед шуд. Пешпеши подаи колхоз мерафт. Ферма ба овул мекӯчид. Тиру устухон, чанбар, чиғу намади хиргоҳу козаҳоро ба харҳо бор карда, ба фарози Сафедхок рост шуданд. Подаро ҳам ба роҳи калон мебурданд, то майсаҳои роҳро поймол накунад.

Мардуми деҳ ба тамошо баромада, ба аспсаворӣи Ашӯра ва тозиёна зада «чу!» гӯён пешопеш рафтани ӯ хандиданд, ҳамчунон хандиданд, ки давраҳои аввали муаллимиаш ба ӯ хандида буданд. Онҳо хандиданд ва баъд, гӯё ягон воқеа ба ёдашон расида бошад, ҳама хомӯш шуданд.

— Ҳаа, – мад кашид писари Абдуллобой, – як вақтҳо Сафедхокро молдорон рост шуда мебаромаданд.

— Ҳа, рафтани молҳоро медидему омадани қуруту равғанро, – ҳамроҳ шуд Собир.

— Вале ин хел пешопеш рафтани модаро надида будем, – одамонро хандонданӣ шуд Аҳмад-чатоқ.

— Мактабро таҳ карданд, колхозро маҳ мекунанд, – боз ғурунгид писари Абдуллобой.

— Намонед як кас ба роҳаш бемалол гардад! – гӯё тарафи Ашӯраро гирифта гуфт Ҳаким...

— Ҳоҳарат мешад?

— Не, хоҳарзода, – ба саволи Собир ҷавоб гардонд Аҳмад-чатоқ.

— Духтарам мешад, чӣ мегӯӣ?

— Даҳонаша бина! Духтарам гӯяд, аз даҳонаш алав мепаррад!

— Хайр фарз кардем, ки духтари ман нею духтари худи ту. Он гоҳ чӣ?

— Онгоҳ ҳеҷ чӣ. Кордро мегираму аз даҳонаш рӯбадастурӣ пӯст канд.– ҷиддӣ гуфт Аҳмад-чатоқ.

— Баъд худатро аз куҷот пӯст мекананд?

— Намедонӣ аз куҷо?.. Аҳмақ... ба ту чию? Хап носата кашида гаштан гир.

Ҳаким дигар ба ӯ чизе нагуфт ва гӯё аз гап ҳамроҳ кардан пушаймон, оҳиста аз қатор берун баромад ва дар зери дарахти сада бригадирро дид, ки ба Сафедхок чашм дӯхта, кӯчи овулро тамошо мекард. Ӯ ба назди бригадир рафта истод ва гӯё бо ӯ ҳамчашм шуда аз паси овулиён нигарист.

Говҳо хамдигарро тела дода, барозро мебаромаданд. Аммо вақте ки бегоҳон пода бо ин роҳ ба сӯи деҳа мефарояд, чанги Сафедхок мисли абри сафед баланд мешавад ва адиру деҳаро садои «бонг-бонг»-и говон фаро мегирад... Ҳоло пода мисли пирамарди мадораш рафта, ниҳоят суст ҳаракат карда, аз Сафедхоки Хурдӣ ба Сафедхоки Калонӣ мебарояд ва дар ҳар гардишгоҳе бероҳа шуда, ба сӯи майсаҳо меравад ва подабон «боо, бош!» гӯён ғурмчӯб ба пеши онҳо ҳаво медиҳад...

— Аҷаб боғайрат аст ин Ашӯра, – гӯё дар паҳлӯяш будани Ҳакимро дониста, гуфт бригадир.

— Рост...

— А? – як қад парида нигоҳ кард бригадир. – Хайрият, ҳамин хел касон ҳам ҳастанд, ки одамро шинохта баҳо медиҳанд.

— Боз чӣ шуд?

— Бойбаччаҳои гузари Боло ба Ашӯра хандида истодаанд.

— Наход дар зиндагӣ ин гапи нав бошад... Абдуҳаким, дар зиндагӣ некӣ кардан ҳамеша нав аст, вале бадӣ аз қадимулайём мондааст. Ту дидаӣ, ки ягон кас ба ягон кас «бадӣ бикун» гуфта насиҳат карда бошад? Не, албатта. Вале «некӣ бикун»-ро ҳар рӯз ва дар ҳар сӯҳбат мегӯянд. Зеро некӣ кардан аз дасти ҳар кас наояд; бадӣ, ту нахоҳӣ ҳам, миёни дасту по баромада монад. Барои ҳамин ба гапи ҳар кас эътибор надеҳ ва аз ҳар гап хафа нашав.

Пода аз саргаҳи Сафедхок ба Чориф хам хӯрд. Гӯё дигар чизи тамошобоб набуд. Сабзаи баҳор ва лолахасаку лолаарӯсак адиру пушта, боғҳо, миёни майса ва лаб-лаби ҷӯйборҳоро рангин карда буданд. Вале ҳоло дар шохи садаи деҳа булбул пайдо нашудааст. Мурғи пайғомбар гоҳе ба сари харсанги лаби теппайи болои деҳ нишаста «ҳинг-ҳӣ-ҳӣ-ҳӣ» гӯён ҷуфташро чеғ мезанад ва боз парида ба лонаи дар шохаи чанори азим гузоштааш меравад ва аз он ҷо мисли тойчаҳо шиҳа мекашад. Баъзан дар чанголаш мореро кашол карда мегузарад ва ба рӯи деҳа, ки омад, морро раҳо мекунад ва аз пасаш тез фаромада аз нимароҳ дошта боз боло мебарояд. Оқибат ба сари санг нишаста боз ҷуфташро фарёд мезанад ва пас аз фурсатҳо садои «чӣ-чӣ-чӣ»-и чӯҷаҳояш мебарояд. Мурғи пайғомбар мисли уқоб аст, вале ҳар баҳор дувоздаҳ рӯз қабл аз соли нав – иди Наврӯз омада дар ҳамин шохи чанор лона мемонад, тухм мекунад, чӯҷа мебарорад ва ҳамин ки тирамоҳ расид, парвоз карда меравад. Мурғи безарар аст ва фақат мор – бадиро нобуд мекунад. Баъзан сояаш мурғчӯҷаҳоро ба ҳарос меорад.

Чанор дар мазори пушти боғи Ҳаким воқеъ аст ва ӯ аз ҳаёти ин мурғ хабар дорад. Бачаҳои Ҳаким номи ин мурғро «аспи ҳиҳирокӣ» мондаанд.

Ин пагоҳ Ҳаким аз мурғи пайғомбар ҳам пештар хест. Пас аз ношто харро полон зада ба ҷӯйканӣ меравам гуфта буд, ки дарвозаашро касе кушод.

— Муаллима?

— Ҳа.

— Ассалому алайкум!

— Валайкум... Муаллима! Биёед...

— Ҳаким харро аз нав баста ҳамроҳи Ашӯра ба хона даромад. Бунафша «муаллима-хола» гӯён чашмонашро молида, аз ҷогаҳ хест. Ашӯра ӯро бардошта бӯсид ва хандида гуфт:

— Акнун ферма-хола гӯй.

— Не, муаллима-хола.

Ашӯра ӯро ба сари дилаш пахш кард ва хандида гуфт:

— Ҳамроҳи ман ба овул меравӣ?

— Меравам.

Ашӯра ӯро боз сахттар ба синааш пахш кард.

Ҳаким сӯҳбати онҳоро шунида, дар остона истода, табассум мекард. Бону дастҳои хамиролудашро мушт карда, аз ошхона ба саломи Ашӯра омад.

— Салом, муаллима!

— Салом, апаҷон...

— Муборак шавад, фӯрма...

— Ҳа, раҳмат, апаҷон, омадам, ки шуморо ҳам барам.

Бону ба шавҳараш нигарист. Ҳаким табассум дошт.

— Канӣ бишинед.

— Ака, омадам, маслиҳат кунем, ки ба ферма гузаред. Ҳам ба шумо, ҳам ба апем ва ҳам ба баччаҳо кор ёфт мешавад, – ба домони ҷогаҳи Бунафша нишаста гуфт Ашӯра.

— Бо калонҳо маслиҳат кунем-чӣ.

— Ҳама розӣ мешаванд, гап дар худатон...

Ҳаким ба хари бӯраш гилему кӯрпаҳоро линг баста, сандуқро сарборӣ карда ва ба хари ферма дегу табақ бор кард. Вақте ки қӯшу палтар карда аз пули поён гузашта, ба роҳи Сафедхок рафтанӣ шуд, дар кӯча ба пичинги одамон дучор омад:

— Ҳа, Уматқул, қӯшу палтар кардед? – гуфта Ҳасан ӯро ба Уматқули ҷӯгӣ нисбат дод. Ва Ҳаким бо табассум сағрии харро халачӯб зад.

— Канӣ! Фушун меравӣ, Абдуҳаким? – пурсид мӯйсафеди Муҳаммадӣ.

— Не, ако, ба фӯрма.

— Бечора, аз шир мондагӣ, – гуфт касе.

Ҳаким ӯро нашинохт. Як ба пас нигоҳ кард ва боз ба роҳаш рафт. Фарози Сафедхок аз гӯшаи бинои охирини гузари Шингиҳо сар мешуд. Борони як поси шаб борида заминро лағжон карда буд. Баъзан пои хар лағжида, ба зону мезад ва гардишгоҳ дуртар бошад, мисли лижабозон фурӯ мелағжид. Ҳаким Сафедхоки Хурдиро баромада дар хамгашти байни фарозҳо бо кадом андешае ба писараш муроҷиат кард.

— Валиҷон, бачем, акнун харҳоро худат ҳай карда бар.

— Куҷо барам, додо?

— Ба овулгоҳи Санги Сипар.

— Охир...

— Метарсӣ-а?

— Не, додо, худатон бошед, беҳтар.

— Ҳар кӣ шавӣ ҳам, тарсончак нашав. Заҳраи мард бояд каллаи хирс барин бошад.

— Тарс не, додо...

— Набошад чӣ? Ҳамроҳи ман рафтан?

Валӣ ба саволи падараш сар ҷунбонд, баъд ба нӯги пояш нигоҳ карда паҳлӯи ӯ қадам задан гирифт. Ҳаким ҳам хомӯш мерафт ва худ ба худ фикр мекард. «Ҷанг он қадар пазмон кардааст, ки бачаҳо як лаҳза дур будан нахоҳанд. Валии ман ҳам хоҳад ҳамроҳи падараш гардад. Одамон бинанд, гӯяд... Фақат Валӣ не, ман ҳам мехоҳам ҳамроҳи ӯ гардам... Ҷанг китфи кӯдаконро пахш кард, мегӯянд, коркӯфта кард, мегӯянд. Ҳумм... Шояд, лекин далер ва зуд ба зиндагӣ сарфаҳм мерафтагӣ кардааст. Баччаҳо ҳушёр. Ба ҷои падарон кор карданро омӯхтаанд...»

Харҳо ба саргаҳи Сафедхок баромаданд. Ҳаким лои сафеди мӯзаҳояшро ба сабзаи канори роҳ пок карда, боз аз баландӣ ба деҳа нигарист. Деҳа сабз буд ва нисфи деҳа зери теппаҳо монда, наменамуд. Ҳама ҷо сабз ва лолахасакҳо ҷо-ҷо қолӣ густурдаанд ва ҳар ҷо-ҳар ҷо аз байни мазраи сабз мисли ситораҳо метобанд.

Ҳаким нафаси дароз кашида, гӯё ҳамаи кӯфти кӯҳталҳоро пуф кард ва боз ба роҳ даромад. Валӣ ҳам лои чоруқҳояшро тоза карданӣ шуда рӯ-рӯи сабзаи тар мерафт.

— Чоруқҳоят нам мекашад, бо роҳ бирав! – аз пас фарёд кард Ҳаким.

Валӣ ба роҳ даромад. Ҳаким аз паси ӯ хомӯш мерафт. Чориф мисли занбӯруғи азиме менамуд, ки касе дар саргаҳи Сафедхок шинонида бошад. Болояш ҳамвор. Аз тарафи ғарбӣ зови тираи бадвоҳима, аз сӯи шимол жарфное, аз ҷониби шарқӣ Ғалчакуш ном дарае ҳаст. Ва Чориф аз байни чунин мавзеъҳо барҷаста баромадааст. Роҳи хокаи байни Чориф аз омадшуди одамон ва хару аспҳо шибба хӯрда, ба шакли нова гаштааст. Вале пеши роҳро шаххҳои сиёҳи силсиладори Кафтархона буридаанд ва роҳ бар-бари адир рафта, аз байни шахи Дарвоза мегузарад. Роҳи Дарвоза ба андозаест, ки хари ҳезум дакка мехӯрад. Дарвозаи кӯҳ аз ҳамин ҷо сар мешавад. Аз ин дарвозаи танг, ки гузаштед, гӯё синаи фарохи кӯҳ боз мегардад. Ва ҳар касе, ки аз ин Дарвоза гузашт, хоҳ-нохоҳ ин сурудро мехонад:

*Дари Дарвоза рафтам, нолиши модар ба гӯш омад,*
*Дилам сад пора гашту оби чашмам шаш қатор омад,*
*Оби чашмам рехт-рехту бар дилам занҷир шуд,*
*Косаҳои заҳр хӯрдан аз азал тақдир шуд.*

Ин шеър дили мардонн овулакӣ ва ҳезумкашонро нарм мекунад. Ҳар боре аз Дарвоза гузашта, ин сурудро мехонанд, мисли он ки як бор назди гӯристонро гузашта бошанд, ҳалим мешаванд. Вале дили Ҳаким дар ин ҷо мисли гузаргоҳи Дарвоза танг шуд.

Ҳаким хомӯш мерафт. Дар сараш як мақсад ва нақшаи дурусте набуд, гоҳе рӯзҳои рафтаи ҷангро ёд мекард, гоҳ ғами зиндагиро мехӯрд, гоҳ симои аҷибу наҷиби Ашӯраро пеши назар меовард,

аммо сирри некиҳои ӯро намефаҳмид. Шояд ягон сирр ҳам надошта бошад.

Онҳо аз даҳонаи Сирнова ва баъд аз Бурснова гузаштанд. Аз пеш Санги Сипар намоён шуд, ки ба теғи офтоб сина сипар мекард. Санги лайси сурхчатоб поя дар об гузошта, ба адири офтобрӯя қомат афрохтааст. Ин санг мисли синаҳои ҷанговарон аст, ки бар тиру сарнайзаҳо сипар мекарданд. Вале ин санг ҳадафи найзаи заррини офтоб аст. Неши оташини хуршед бар синаи ӯ мехалад, Санги Сипар устувор ва матин аст, гӯё оҳану фӯлод ба ҳам омехта тарҳи онро рехта бошанд.

Синаи мард бояд як умр сипар бошад: ҳам ба зарбаи душман, ҳам ба заҳрхандаву шакархандаи дӯст ва ҳам ба сардсеру гармсерҳо. Гӯӣ бар ин сипари сангин ягон зарбае нарасида бошад, лайс, безахму осеб метобад. Ҳар пагоҳ, вақте ки офтоб аз қуллаи Бурснова боло мешавад, Санги Сипар ба саломи вай оғӯш мекушояд ва офтоб аз даруни сандуқи синаи ӯ механдад. Ва вақти ғуруби офтоб чашмаи ашк рухсораи санги пояндаро мешӯяд. Гӯё офтоб маҳбуби ӯст, ки аз омаданаш масрур аст ва аз фироқаш гирён. Ба назар мерасад, ки меъморони пурҳавас ва ҳайкалтарошони боҳавсала ин лавҳаро аз кадом набарди таърих ба оғӯши кӯҳистон кӯчонидаанд: теғаи паҳлӯи чап монанди гурдофарини болопайкар аст, ки ин тахтасанги азимро ба теғи офтоб ҳамчу сипар медорад. Ва шаххҳои чукка ва теғадор, ки гирду паҳлӯи теғаи азимро иҳота кардаанд, ҳамчун лашкар ба назар мерасанд, ки овул ва овулиёнро посбонӣ мекунанд. Дар тарафи соярӯи соҳили рӯд ферма козаву хиргоҳ задааст ва ин козаву хиргоҳҳо дар миёни кӯҳҳои азим ҳамчун харсангҳое ҷой гирифтаанд, ки сели баҳор ба канор андохта бошад. Сабзаҳои бороншустаи адирҳо аз партави Хуршед зумуррадгун метобанд. Аз овулгоҳ Бурснова мисли манзараҳои Женева ва Париж менамоянд. Кӯҳи баланд, арчазори сабз, кӯмоду ӯған, буттаҳои вағнич ва мушаҳои аз байни бурсҳо печида баромада ва фарку заранг кӯҳро чунон зебо кардаанд, ки тамошояш серӣ надорад. Фақат нисфи танаи кӯҳ метобад. Вақте ки теппаҳои пасту баланди мисли зинаҳо ба тартиб омадаро пайи ҳам мебароед, манзараи Бурснова фарохтар намудор мегардад. Сипас аз кадом буни бутта ва ё санге кабке парида ба ҷои дигар меравад, ба сари санге баромада, фарёд мекунад, ки сайёд омадааст. Манзараи Бурсноваро хониши кабкҳо боз ҳам дилкаш мегардонад. Аз болои харсангҳои танаи кӯҳ оби чашма метаровад. Қад-қади чашмаҳо марминҷон печ дар печ аст. Ҷо-ҷо дар бехи кӯмодҳо замбӯруғҳо мисли сари синаи духтарон сап-сафед барҷаста баромадаанд. Аз зери санг ва регҳо ревоҷ панҷа задааст. Дар доманаи рези сиёҳхок хурёк рустааст, ки мисли рангинкамон раххҳои кабуду сабзу сурх дорад. Ҳамин кадар зебоии Бурснова

бар муқобили ҷилои Санги Снпар аст, ки то гашти офтоб ба ин тараф акси шуъо меандозад. Ва аз теппаҳои пайиҳами Бурснова Санги Сипарро лесида фаромадани оби чашма баръало намоён аст. Шамол садои оби сойро пасту баланд меорад ва кас гумон мекунад, ки ин садои ҳамон чашма аст, ки мисли камонак ба рӯи торҳои ғижжак мелағзад.

Ҳаким ба писараш фармуд, ки дар назди каппайи аввал харҳоро боздорад. Ин сухани дуюме буд, ки Валӣ дар ин роҳи тӯлонӣ аз падар шунид.

Аввал сагҳо ба пешвоз баромаданд ва пас ҳамчун одат тамоми овулакиҳо. Панҷ каппаву хиргоҳ рост шуда буд Аз болодасти овул хиргоҳи дигарро мезаданд.

Ҳаким бори харҳоро фароварда ба ёрии онҳо рафт. Устухони панҷарашакли хиргоҳро ба даври чаҳор мех кашида, сахт баста буданд. Баъд мардҳо қуббаи хиргоҳро ба нӯги чаҳор амуд бардошта ҳар кадомро ба нӯги чаҳор мехи атроф сахт бастанд, сипас нӯги амудҳои дигарро ба комаҳои қубба ҷо ба ҷо карда, ба сарсари даври устухонҳо тасмаҳои чармини дар сӯрохии амудҳо гузаронидаро бастанд. Баъд дар гирдогирди хиргоҳ чиғ кашида, ба рӯи хиргоҳ намадҳои сиёҳ партофтанд. Дар пешгоҳи хонаи сиёҳ ширдон ва секучак сохтанд, ки ба болояш рахти кӯрпаву болишт ва дар зераш табақҳои шир меистод. Хиргоҳ шакли гунбадро гирифт. Ин хонаи Муҳаммадмуроди гӯсолабон буд.

Ҳаким паҳлӯи каппайи Зироатро гузашта ба назди кӯчаш рафт. Сандуқро болои ду тобасанг, монда аз болояш кӯрпаҳоро рахт зад ва дегу табақро паҳлӯи сандуқ гузошта, аз болояш шоли рангаро партофт ва ҳангоми рафтан ба овулиён муроҷиат кард:

— Борон шавад, ягон илоҷ кунед.

— Парво накунед, ако, – аз болои эрганак (дари каппа) сар берун карда ҷавоб дод Зироат.

Зироат зани омада. Вақте ки раҳматии Устобобо – марди доро ва соҳиби эхтиром буд, аз деҳаи ҳамсоя Зироатро ба писараш арӯс овард. Тӯйчӣ марди хушқомати зебост. Фақат гапро хуб намешунавад ва забони ӯро ба ғайр аз падару модараш касе намефаҳмад. Зироат ҳам давраҳои аввал на ҳарфе мефаҳмид ва на фаҳмонда метавонист. Рафта-рафта одат кард ва бо имову ишора мақсади ӯро мефаҳмид ва муродашро мефаҳмонд. То зинда будани Устобобо гапи дағали Зироатро касе нашунида буд. Баъдҳо ба сари Тӯйчӣ даст мебардоштагӣ шуд ва ҳатто бори рӯзгор ба дӯшаш афтид, бозору магазинро ҳам худаш медид. Ӯ мисли занҳои деҳа аз мардон намегурезад. Қоматашро боло карда мегардад. Абрӯвони камонӣ ва чашмони муғулиаш дилкашанд. Ӯ зани қофиябоз ва базлагӯй аст.

## 11

Донаҳои паррадори ба сони парвардаву печак калон-калони жола ба Санги Сипар бархӯрда, монанди ҳаппак парида ба даруни об мезаданд, гӯё аз осмон тухми мусича борид, болои сабзаҳо сафед шуд. Болои об жола шино мекард. Ҳоло ҳам табиат бо хонаҳои сиёҳ шӯхӣ карда, ба намадаш нағора мезад. Дар саргаҳи Бурснова барқ дурахшид ва раъд ғуррид. Каппаву хиргоҳҳо ларзида рафт. Бори дигар раъд, мисле ки даруни овул заминро тарконда баромада бошад, пуршаст гулдуррос зад.

Ҷӯякҳои давродаври каппаву хиргоҳҳо аз оби жолаву борон пур шуда, ба сӯи каппайи Ҳаким ҷӯя бастанд; жола пеши обро гирифта, дар атрофи каппа дам андохт ва аз паси чиғ об даромад. Бону поҷома то зону бардошта, пои луч берун баромад ва бо бел пеши роҳи обро чок кард.

— Дугона, таги об мондӣ-чӣ? – аз дари каппа сар берун оварда фарёд зад Зироат.

— Ин арасота бин, боз омада-омада дар ин хамӣ каппа задани мардака намегӯӣ, – гӯё аз кори шавҳараш норозӣ шуда гуфт Бону.

— Жола монд, ҳозир борон ҳам бас мекунад, ёрӣ диҳам?

— Не. Ба даруни каппа об надарояд, шуд.

— Ҷои хоб тар нашавад, гӯй...

— Намурдӣ ту, фикру зикрат ҳамин, дигар гап нест? – гуфт Бону ва табассум кард, дар рӯйҳояш ҳусн пайдо шуд ва боз зеботар гашт...

Зироат ба сухани ӯ эътибор надодагӣ барин каме ба тарафи рост гардан ёзонда, гӯё аз паҳлӯи каппайи Бону ба касе нигоҳ кард:

— Омаданд, – гуфт ӯ.

— Кӣ?

— Ду кас, яке аспакӣ, дигаре харакӣ.

Бунафша пои бараҳна тохта баромад, ки савораҳоро бинад.

— Додом! – фарёд зад ӯ ва баъд илова кард: – Додому муаллима-хола.

Ғанӣ ҳам давида баромад. Борон монда буд, ки Ҳаёти дар гаҳвора хобида ҳам ба ғаш даромад.

— Бунафша, гаҳвораро ҷунбон! – аз паси каппа фарёд зад Бону.

— Оча, додом! – ба модараш ҷавоб гардонд Бунафша. Бону аз паси каппа гузашта ба савораҳо нигарист. Муаллима ба сар шинели Ҳакимро гирифта ва Ҳаким ҷуволеро ҷӯпонӣ карда ба сар кашида буд.

Бону зуд ба каппа даромада, ба оштон оташ гиронд. Аввал шоху шибба партофт, баъд кундача. Фазои каппаро дуд пахш кард.

Ҷо-ҷо жолаҳои бозмонда, об шуда, чакиданд. Ҳаври намадҳои сиёҳ баромад.

Ягон дусад қадам дуртар аз овул хари бӯри Ҳаким ҳанг зад ва тез гашт.

Пои Бунафша хунук хӯрд, ба каппа даромада ба рави эрганак пой монда баромад: «Додоҷонам омаданд» гуфта нағма кард.

Ғанӣ тохта лаҷоми аспи Ашӯраро гирифт. Ашӯра шинели тарро ба гардани асп партофт ва эҳтиёткорона аз асп фаромада ба назди Бону рафт.

— Ман мурам, Ашӯраҷон, зуд назди алоб шинед! – саломро ҳам фаромӯш карда гуфт Бону.

Ашӯра кабуд гашта буд ва меларзид, назди оташдон нишаста ба оташ шибба партофт. Оташ хомӯш шуда, дуд кард. Ашӯра каме шиббаро бардошта буд, ки гуппӣ даргирифт. Танаш роҳат кард.

Бону аз дар ба Ҳаким нигарист: ӯ хӯрҷини тарро бардошта меомад. Аз дар баромада, ҷуволи шип-шилтаро аз сари ӯ гирифта «ин чӣ азобу...» гуфта монд.

Ҳаким хандида, ба каппа даромад.

— Ассалому алайкум! – садои зане баромад, баъд аз дари каппа сар халонд. – Салом, фӯрма!

— Салом, Зироатхон, дароед, – таклиф кард мудири ферма, ки аз ҳарорати оташ аз баданаш ҳавр мебаромад.

— Не, корам ҳаст, фӯрмаҷон, ягон хӯрок пазам, ҳамин замон пода ҳам меояд.

— Тут хӯред, – таклиф кард Ҳаким, сатилро аз чашми хӯрҷин бароварда.

— Тут? Беҳтарин неъмати парвардигор... – эрганакро кушода даромад ӯ.

Як лаҳза каппаро хомӯшӣ фаро гирифт. Садои рӯд меомад. Гӯё пас аз жолаву борон тамоми паранда ва ҷонварон парида рафта буданд, садое набуд. Зироат муддате нишаст.

— Ба оташ наздик шинед, – таклиф кард Ашӯра.

— Ман гарм, – ба Ашӯра табассум карда гуфт Зироат. Ҳаким берун баромад. Ҳаво кушода, дар теғаи Бурснова зардии офтоб намудор шуда буд.

Гӯсолабон гӯсолаҳоро ҳай карда омад. Мӯи гӯсолаҳо ба баданашон часпида ва ҷӯя-ҷӯя шуда буданд. Гӯсолаҳои нимҷон меларзиданд.

Болотар аз овул баъ-бӯъи пода баромад ва аз хамгашт аввал гови навзоди кабуд намудор гашта, баччаашро садо кард. Гӯсолаи ҳафтрӯза аз чайла ҷавоб гардонд. Баъд гов давида худро ба чайла зад. Бону то расидани пода онро дӯшид.

Фарёду ҷавоби гову гӯсолаҳо дара ва овулро кӯчонд.

Имрӯз ҳам гӯсолаи дайду чашми гӯсолабонро хато карда, гурехта ба пода рафтааст. Пистони гови ало мисли лиф кашол аст ва гӯсола ҳаваси шир ҳам надорад.

— Худо ту гурезаро гирад,– гӯён Бону рафта аз гӯши гӯсола кашола карда ба гарданаш каманд андохта баст ва ба шавҳараш рӯ оварда гуфт:

— Додои Валиҷон, пагоҳ ба фӯки ин буққача сих занед-чӣ?

— Пагоҳ шавад канӣ.

Акнун аз паҳлӯи каппаву хиргоҳҳо садои ғав-ғави ширдӯшӣ баромад. Дар соғу ва хурмаву сатилҳо ширҳои гарм кафк мекарданд. Дасти ширдӯшҳо равғанӣ мешуд. Бачаҳо дар гӯсоладорӣ ёрӣ медоданд.

Аз ҳама баъд подабон омад. Шиб-шибар буд. Зироат ӯро дуокунон хест.

— Худо гирад ту афандиро, таги ягон бурс шинӣ, мемурӣ?!

— Тӣ метӣ?[1] – рӯй турш карда, лаб ҷунбондани занашро дида, гуфт Тӯйчӣ.

— Хок мегӯм, бало мегӯм! Амаки Муҳаммадмуродро бин, аз думи гӯсолаҳо буданд, хушки қоқ.

— А! Дова тӯш![2]

— Салом, Тӯйчибой! – ба назди подабон рафта фарёд кард Ҳаким.

— Аа, таом-таом! – ҷавоб гардонд Тӯйчӣ.

— Читу? – сар ҷунбонда, пурсид Ҳаким.

— Фо! – нарангушташро рост карда гуфт Тӯйчӣ.

— Ҳа, саломат бош! – гӯён гузаро шуда, барои мехгардон кардани асп рафт.

— О, худоноумед, даро, либосатро каш! – ба танг омада гуфт Зироат.

— Тӣ метӣ?

— Мур, мегӯм! Умеди ту барин мард хушк шавад, умрамро хазон кардӣ-ку!

Тӯйчӣ чакманро болои каппа партофта, дарун даромад. Мӯкиҳояшро кашида ва либосашро дигар карда, калӯши кӯҳнаро сари по гирифта баромад.

— Эй, ма тӣ туам?– ба занаш муроҷиат кард Тӯйчӣ.

— Ҳар рӯз чӣ кор мекардӣ? То додар аз мактаб омадана гӯсола медорӣ, – писарашро дар назар дошта гуфт Зироат,– бист рӯз, монд.

— Ош натадӣ?

— Ошро бо чӣ кунам? Ту мард шуда бозору мазорро надонӣ?

— Ҳээ, мон, душна-душна!

— Ҷим, фӯрма ҳамин ҷо! – шавҳарашро наздиктар хонда гуфт ӯ.

1. – Чӣ мегӯӣ?
2. – Биё мон... говро дӯш.

— Ааа, фӯма?

— Ҷим, умедхушкшуда, ҷим!

— Акаи Тӯйчӣ! – аз дари каппа чеғ зад Ашӯра.

— Фӯрма чеғ доранд? – ба гӯши шавҳараш сахт гуфт ӯ.

— Фӯма? Аааа. Таом! Фо?[1] – нарангушташро рост карда, гуфт ӯ.

— Ҳа, – сар ҷунбонд Ашӯра ва ҳолпурсӣ кард. – Монда нашавед...

— Таомат.

— Дароед, ако, дам гиред

— Аа, бад-бад, ғув-ғув омин тава, бад.[2]

— Хайр…

## 12

Ҳаким аз химчаи сиёҳдарахт сих тарошида, ба фӯки гӯсолаи дайду баст. Мисли кучан, ки ба гардани асп андозанд, аз зери фӯкаш гузаронда, ба болои биниаш нӯгҳои тезро рост карда баст, баъд ба гӯсолаҳо не, ба пода ҳамроҳ кард. Гӯсола аввал каме мулоҳиза карда ба бори зиёдатии фӯкаш диққат дод, баъд аз обканд гузашта якбора ба сӯи модараш тохт. Модараш аввал ӯро хуш пешвоз гирифт. Баъде ки гӯсола сахт шатта зад ва сихаш ба сина халид, дирик-дирик ҷаҳида, аз гӯсола дур шуд ва дафъаи дигар бачаашро шох зад. Як рӯзи дароз гӯсола ба умеди шири модар аз паси ӯ давид, на шир хӯрд ва на гузошт, ки модараш алаф хӯрад. Тақдири бачаҳое, ки бӯи шир аз даҳонашон нарафта худро баркамол пиндошта, бо ҳар роҳ модарро азоб диҳанд, ба сари ин гӯсола омадааст. Гӯё вай ор мекунад, ки ҳамроҳи гӯсолаҳо равад ва худро ба пода задааст. Кадом рӯз аз бетамизиаш аз кадом гови бадқаҳр як шох мехӯраду ҳушаш ба ҷой меояд. Ягон ҷояш лат ёфта, чор-панҷ рӯз дар офтоби гарми чайла боб шавад, қадри пои равону некиҳои гӯсолабони кӯҳансолро мефаҳмад. Шояд баъд аз ин амаки Муҳаммадмурод ҳам «дайдуи лаънатӣ, аҷина барин аз чашм ғайб мезанад, агар дорам, ҳамин калтакро дар сари сахташ майда-майда мекунам» нагӯяд. Шояд... Лекин ин хел ҳайвонҳо «пушти ману табари қассоб» гуфта, бероҳа мешаванд.

Бегоҳ. Пода омад. Ҳаким баромада, самараи амали худро дидан хост. Шиками очаву бачча ба камарашон часпида, кабурғаҳо барҷаста буданд. Гӯсола мекалавид ва аз пистони гов хун мечакид. Нӯги сихҳо ҳам хунин. Гӯсола ба модараш наздик шавад, гов мегурехт. «Ҳамин-дия, бачаи бетамиз дилбазан мешавад ва очаро

1. – Хуб аст.
2. Баъд медароям, говдӯшӣ тамом шавад, баъд.

гурезон мекунад. Ба ту шир диҳад, баччаам гушна намонда бошад, гуфта, чун ба овул наздик шуд, бонг занад, аз чашми подабону гӯсолабон пинҳонӣ макконад, боз ту ба пистони вай сих занӣ. Беадаб нашуда раве..» – худ ба худ ғур-ғур кард Ҳаким. Баъд рафта пистони говро хабар гирифт. «Муре, бачча нашуда раве» гӯсоларо ҳақорат кард ӯ. Сипас, гӯсоларо дошта назди гов овард ва баччаҳояшро фарёд зад:

— Абдуғанӣ, Бунафша! Ин ҷо биёед!.. – онҳо тохта омаданд.– Ана нигоҳ кунед. Ба синаи гов нигаред. Бинед, ки очаашро чӣ қадар азоб додааст.

— Мурад, занед, кушед, додо!– хориаш омада гуфт Бунафша.

— Не, ба куштан ҳоҷат не, ана бинед,– гуфт Ҳаким ва сихи фӯки гӯсоларо гирифта, онро сар дод. Гӯсола ба тарафи модараш рафт. Фӯк дароз карда, шатта зада макиданӣ буд, ки гов лагат андохт, баъд шох зада гӯсоларо намонд.

— Ана дидед, – гуфта Ҳаким гӯсоларо дошт.

— Монед занад, додо, ин бемаънӣ, гӯсола, – боз гуфт Бунафша.

— Агар модараш вайро пеш кунад, дигар ягон гов роҳ намедиҳад, – гуфт Ҳаким ва ба писараш рӯ овард, – Алиҷон, тохта болои Санги Сипар баро, писарам, як банд алаф дарав карда биё, гов гушна.

Алӣ як ба зардии офтоби теғаи Бурснова нигарист ва аз секучаки каппа досро гирифта, башаст он тарафи об гузашт ва ба сои Санги Сипар баромад. Пас аз лаҳзае оби чашма лой омад.

Тӯйчӣ бегоҳ хашмӣ омад ва бесалому алейк ба Ҳаким муроҷиат кард.

— Ато, чӣ тадӣ? Дов мема! Хун-хун! Аа?[1]

— Дигар илоҷ набуд. Ҳеҷ гап не...

— Нее, данда. Фӯма медана.

— Парво накун, дигар ин хел намекунем, – ба гӯши ӯ наздик шуда гуфт Ҳаким.

— Ҳаа, данда, – гапи худашро дуруст124 дониста, табассум карда, ба каппа даромад.

Алӣ банди қиёқро назди каппа гузошта, аз гӯши гов кашида, паҳлӯи каппа овард ва нисфи алафро пешаш партофт. Гов аввал гӯшҳояшро чур карда «ҳумм» гӯён баччаашро чеғ зад, баъд бо забонаш алафро бардошта ба кафша даромад. Як даҳон гирифта ба сӯи баччааш нигарист боз «ҳумм» гуфт.

Аз ҳама охир Бону ба дӯшидани вай омад. Ангуштони дар дораи (сари пистон, чоч) говҳои дигар равғанӣ шудаашро ба пис-

1. Ако, чӣ кор кардӣ Гов мемурад! Хун меравад! Чӣ кор кунам?

тонаки он расонда буд, ки гов лағат андохт. Лағаташ ба сатил бархӯрд ва сатил ба пои чапи Бону. Сатил ғелида ба рӯи об рафт ва Бону пояшро дошта вовайло кард.

Қадрношиносии гов ба Алӣ алам кард ва ӯ асои Тӯйчиро, ки ба каппа такя гузошта буд, гирифта башаст рафта, ба шохи гов зад. Гов як хез кард ва баъд сар ҷунбонд. Ҳаким писарашро сарзаниш карда, асоро аз дасташ кашида гирифт ва рафта сару гардани говро дастмол кард: «Хафа нашав, вай беақл аст, – писарашро дар назар дошта ба гов гуфт ӯ, – аз ман ҳам хафа нашав, ки ба фӯки баччаи ту сих бастам. Айби худат, бачета аз ҳад зиёд нағз мебинӣ. Ба худат одат кунондӣ. Бону мегӯяд, ки феълаш гирад, шир намефарорад, нисфи ширашро барои баччааш нигоҳ медорад. Ту ин хел накун. Баччаат алаф намехӯрад, як шир кифоя намекунад. Баъд ту медонӣ, ки колхоз аноӣ нест. Дар ин ҷо одамҳои бекора нашиштаанд. Пагоҳ ҳисобчӣ ҳам меомадааст. Акнун кадом гов чӣ қадар шир медиҳад ва кӣ чӣ қадар шир медӯшад, ҳамаашро ҳисоб мекунад. Он гоҳ ба ту нағз намешавад. Шартӣ ба гӯшт месупоранд. Аз ҳамин рӯзат ҳам мемонӣ. Ту бо одамизод ҳазл накун. Ӯ чунон махлуқи доност, ки очаи зоратро нишон медиҳад... Ту гумон мекунӣ, ки Бону туро ба ҳамин ҳол мемонад. Не-е-е, чунон қаврунашро гардонад, ки нафаҳмида монӣ. Дигар ин хел накун, хайр? Ту нағзиҳои ӯро фаромӯш накун, Ало...»

Гов боз «ҳумм» гуфт. Маълум набуд, ки аз дард нола кард ё баччаашро ҷеғ зад ва ё ба гапи Ҳаким ҷавоб дод.

Алӣ дартоз рафта сатилро аз об дошта овард ва ба модараш дод. Бону қоматашро рост карда хест, ба назди гов омад.

— Назан! – хоҳиш кард Ҳаким.

Бону даст дароз карда аз гӯши гов дошт ва сағриву гарданашро хору мол кард.

«Ба ту чӣ шуд? Хафа шудӣ? Ҳоло ист, ман асои Алиро гирифта, майда-майда мекунам. Ту ҳам нағз накардӣ... Ман азоб намедодам. Беҳуда тарсидӣ, ана бин, чӣ хел, – оҳиста-оҳиста ба замин нишаста гуфт ӯ ва сатилро байни ду зонуаш дошт,– ана дидӣ, озор намедиҳад. Моли асил, ҳеше-ҳеше-ҳеше...»

Гов боз пояшро бардошт.

«Ин хел не-дия, набошад, ман ҳам қаҳр мекунам. Ман аз ту хафа нашудам-ку! Хап ист. Ҳеше-ҳеше, алоякам, ҳеше, асалакам, ҳеше, ширинакам, ҳеше, ҳеше, ҳеше, моли асил, ҳеше...»

Баъд садои ба сатил бархӯрдани шир ғолиб омад. Гов ором шуд. Бону ҳам хомӯш гашт. Шир дар сатил кафк кард.

«Ало, ту бачетро нағз мебинӣ, ширатро боз нигоҳ доштӣ. Баҳона накун, гумон мекунӣ, ки ман намедонам. Наҳорӣ накарда бошӣ ҳам, ту сершир...» - таъриф кард Бону, баъд фармуд, ки гӯсоларо биёранд.

— Аличон, ту наздаш нарав, боз феълаш мегирад, – гуфт Ҳаким ва аз гарданбанди гӯсола дошта бурд. Очаву бачча фӯк ба фӯк шуданд. Ало баччаашро лесид. Баъд иҷозат дод, ки макад. Бону ӯро эдир кард. Аз ҳар дорааш чандқултӣ шир хӯрд. Сонӣ Ҳаким ресмони ӯро кашид, Бону аз нав дӯшид. «Ана акнун нарм шудӣ, ҳушат омад. Э ҷонвар, беҳуда ҳам худатро азоб медиҳӣ, ҳам маро».

Бону гӯё охирин қатраҳоро афшурда гирифт, баъд гӯсоларо сар дод: «Ана акнун, ҳар қадар шир туздида бошӣ, ба баччаат деҳ...»

## 13

Субҳ надамида Ҳаким бедор шуд. Роҳи Каҳкашон гӯё бо қади об боло мерафт. Ситораҳо ниҳоят бисёр ва осмон равшан. Ӯ як дам тамошо кард, ба хаёл рафт, баъд ғанабаш бурд. Оби сой шаби дароз ӯро алла гуфт, акнун насими субҳ навозиш мекунад.

Ба гӯши Ҳаким садои «ғув-ғув»-и ширдӯшӣ расид, чашм кушод, ки ситораҳо хеле кам шудаанд ва ситораҳои равшану хираи дур як-як аз чашми ӯ мегурезанд. Вале Ҳаким ба ситораҳо чандон аҳамият надода, бархост ва ба лаби об фаромад.

Зироат дастурӯ шуста сатилашро об гардонд, баъд ба дари каппааш рафт.

— Ҳоло ҳам нахестӣ-чӣ? – ба шавҳар мурочиат кард ӯ, – Худо ту карро гирад, эй, хез, охир, гӯсоларо кӣ медорад?!... Худоноумед, подачӣ шудӣ, ман аз думи ту омадам, ана акнун «фах» гуфта хоб меравӣ. Ӯй, хез! То мактаби Тӯра тамом шудана!..

Тӯйчӣ сухани ӯро намешунид. Зироат сари чаҳл ба каппа даромада, кӯрпайи рӯи ӯро кашид.

— Ҳаа?! – фарёд зад Тӯйчӣ.

— Хез, охир!

Тӯйчӣ як чашм кушода ба берун нигарист. Баъд гӯё ки Зироатро ягон шаппотӣ мезада бошад, башаст хест. Хамёза кашид ва гаранг-гаранг лаби об фаромад. Болотар Муҳаммадмурод фӯтаашро рӯи сабза густурда, намози бомдод мехонд.

— Ҳее, данак! Нон те! – пас аз подаро ба қадди об рост кардан гуфт Тӯйчӣ.

— Худат даст надорӣ, аз корсон гирифта рафтан гир-дия! – арбада кард Зироат. Вале Тӯйчӣ даст афшонда, асояшро гирифта аз паси пода рост шуд. – Ист, нон гир, девона, дар ин рӯзҳои дароз аз гушнагӣ мемурӣ. Ӯ, ба ту мегӯям! – тохта рафта, аз паси гиребони шавҳараш кашид Зироат.

— Дум тав![1] – баргашта фарёд зад Тӯйчӣ.

1. Гум шав!

— Аз гушнагӣ мурӣ, садқаи сарам! – ақиб гашт Зироат. Вале боз дилаш сӯхт. Вақте ки Ҳаким харҳоро полон зада ба ҳезум мерафт, ба дастархон нону панир оварда гуфт.

— Ако, сари роҳ ҳамин дастархонро ба отаи Тӯра дода гузаред, девона қаҳр карда рафт.

Ҳаким дастархонро гирифта, ба хари бӯр савор шуд ва хари буччаро пешандоз карда аз паси пода рафт ва соате нагузашта, ду хар зардакӣ[1] бор карда оварда, паҳлӯи ошдони ширпазӣ фуровард.

— Ба касе ҳезум лозим шавад, гирад, ман боз меорам,– гуфт ва ба Зироат рӯ овард, – хуҳарам, ту ҳам аз ҳамин ҷо гирифта сӯхтан гир, дигар тори сарат ҳезум накаш... Тӯйчӣ нонро гап назада гирифт... Нози шӯй ҳама вақт ҳаст.

Як моҳ нагузашта чаҳор ҷуволи ало, ки дар лаби марза ҳачча (поя) кӯфта, овехта буданд, аз ҷурғот пур шуда ва обаш давида, чакка гашт. Гирди онро чиғ гирифта буданд. Имрӯз Ҳаким дар паҳлӯи ҷуволҳо ду ҳаччаи дигар кӯфт ва ҷуволи нав овехт. Занҳо ҷурғоти корсонҳоро оварда андохтанд ва пас аз лаҳзае аз байни тораҳои бофта мисли ашки бевазанон зардоб зим зада баромад.

Пагоҳи дигар баъд аз подаро бурдани Тӯйчӣ занҳо гуппиҳоро дар назди хиргоҳи Муҳаммадмурод қатор гузоштанд. Баробари теғи офтоб аз деҳа зану духтарҳои зиёде ба гуппизанон омаданд: айнан расму русуми гузашта, ки ҳар молдор дар рӯзи гуппизанонаш тамоми хешу таборро хабар мекард. Баъд пиразане миёнашро сахт мебаст ва болишеро ба тори сар гузошта аввалин табақи чаккаро ба гуппие, ки оби ширгарм рехта буданд, меандохт ва ҳама баробар «ҳа-ҳууу, сӯхт» мегуфтанд. Пиразан ба гуппӣ ду-се пушкак мезаду навбатро ба ҷавонзанҳо медод. Баъд аз ин ҳар кас ҳуқуқ дошт, ки ба гуппиҳои дигар чакка андозад ва пушкак занад. Айнан имрӯз ҳам зани кӯҳансол, вале хеле бардаму нуронӣ Зубайда миёнашро сахт баста ва ба фарқи сар болиш гузошта, латтаеро дар нӯги химча оташ зада гуппиҳоро алас кард ва баъд чакка андохта пушкак зад. Аз дасти ӯ зани боқувват Зироат гирифт, меҳмонҳо ҳам дам ба дам ба гуппизанӣ гузаштанд, чаҳор гуппӣ баробар «ғав-ғув» мекарданд. Акнун хомакро (маскакро) бояд як дасти тоза гирад. Кампири Зубайда дастонашро тоза шуста ба гуппии аввал як панҷа оби хунук зад ва андаке гуппиро ҷунбон-ҷунбон кард, то равған рӯ бароял, баъд аз паҳлӯи дастаи пушкак даст андохта хомакро бароварда, ба корсон гузошт.

Ҷавонзанҳо дӯғи гуппиро дар ҷуволи нави дар байни ҳаччаҳо овехта мегардониданд.

Валӣ мактабро тамом карда омад, синфи ҳафтро. Эҳтимол барои бо модараш, падараш, додару хоҳаронаш ва бо овул хай-

1. Зардакӣ – шохҳои буридаи бурс, ки хушк ва зард шудааст.

рухуш кардан омада бошад. Ӯ ба омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳр рафта хонданист. Вале модар мегӯяд, ки аз наздам дур нарав, нури чашмонамро роҳ гирифтааст, ту равӣ, боз кай меояд гуфта, роҳбонӣ мекунам, чӯпон шав, деҳқон шав, вале аз пешам дур нарав. Аммо падараш дигар: ӯро ҷанг ҷаҳондида кардааст, бисёр чизро сарфаҳм меравад. «Ихтиёраш, аз район дуртар ҳам рафта хонад, майлаш» мегӯяд.

Валӣ ин чизро гумон надошт. Баробари тохта омадани Бунафша сатили ангури дасташро ба замин гузошт ва хоҳарашро бардошта бӯйид.

Валӣ дар даромадгоҳи овул аввал бӯи нони дегӣ, сипас бӯи ширу ҷурғотро шунид. Оқибат Бону «очаи муаллим-бачча мурад» гӯён оғӯш кушода, ба пешвозаш баромад ва ӯро сахт ба оғӯш кашида бӯсаборон кард ва пурсид:

— Тамом шуд?

— Тамом шуд.

— Боз меравӣ?

Валӣ чизе ҷавоб надод. Сар хам кард.

— Хайр, имшаб маслиҳат мекунем.

Ҳамин вақт Ҳаким харҳои ҳезумро ҳай карда омад. Валӣ тохта рафта, ба падараш салом гуфта, вохӯрдӣ кард, пас ресмони рӯкашро кушода, ҳезумро фаровард.

— Ана, дастёрро дидед, боз мегӯед, ки хондан равад, – муддаояшро фаҳмонданӣ шуд Бону.

Дасти Валӣ ларзид ва ранги рӯяш дигаргун шуд. Ҳаким ҳоли писарашро пай бурда, ба Бону чашмакӣ зад, то хап шавад.

Оби сой ва боди кӯҳ пеши гарморо гирифта натавонист, ҳаво дам зад. Зиллаҳо аз байни буттаҳои абруку сари кӯмодҳо[1] ва алафҳои лаби об фарёд мезаданд. Ҳамдигарро аз тафсои рӯз хабардор мекарданд. Гармсер аз домана то саргаҳи Бурснова забона мезад. Гуппиҳоро даруни хиргоҳ даровարданд. Баъде ки намадҳои сиёҳ ҳам тафсиданд, гуппизаниро бас карданд. «Дар гармо равған ҷудо намешавад» гӯянд гуппизанҳо...

*— Нагуфтам, таго, ҳушёр бошед! – Ҳаким гӯё ки баробари Шавкат тормуз медода бошад, по ба пеш ва тахтапушт ба қафо тира кард. – Хайрият, чӣ кардаатон пешро гирифт-дия, таго.*

*— Занҷир канда шудаст-чӣ? – ронанда шубҳа карда аз мошин фуромад ва маънии «хайрият» гуфтани Ҳакимро фаҳмида, ҳангаш канд, бошитоб занҷири чархҳои ақибро хабар гирифта хотирҷамъ шуд ва нӯг-нӯги по қадам монда, ба мошин баромад. Мошинро ақиб бурд, ба рост гардонда боздошт. Арақи пешониашро пок кард, нафаси дароз кашид. Алам аз гази мошин гирифта, педалро сахт-сахт*

1. Камол

*пахш кард. Ва ҳамчун деҳқони каландзан ба кафи дастонаш туф карда, соиш дод, баъд мошинро ронд.*

*— Барф аз нав сар кард-ку? – ба Ҳаким рӯ овард ӯ.*

*— Акнун боридан гирад, он тарафаш ҳамворӣ. Боз ҳамон гапдия, таго! Ин сарсонии беҳуда, афтобазаҳои Душанбе ин вазифаро ба зима мегирифт... Ҳоло ҳамаашро мебинед, таго: мо аз завод шулхаро ба вогзал кашонда, ба вагонҳо бор мекунем, вагонҳо то Самарқанд мебаранд. Аз он ҷо боз ба мошинҳо гардонда, то колхоз мекашонанд. Як моҳи дароз тамоми мошинҳои колхоз банд...*

*— Дилро васеъ гиред, амак!*

*— Э, тагое, дил аз водии Зарафшон ҳам васеъ, лекин имкониятҳо танг. Имкониятҳо ана ҳамин роҳ барин дур, ноҳамвор, – аз дастгираки пеш дошта гуфт Ҳаким...*

*Шишатозакунакҳои пеши мошин мисли ду дастёри чолок пагаҳои барфи ба рӯи шишаҳо нишастаро ба ду тараф рӯфта, пеши чашмро ба андозаи карчи харбуза тоза мекарданд. Гӯё Ҳаким аз паси ин дарича ба роҳ нигариста, ҳодисаҳои тобистонаи фермаро аз хотир мегузаронд.*

## 14

Гуппизанӣ тамом шуд. Ҷуволҳои қатор пур аз дӯғ ва корсонҳо пур аз равған буданд. Занони ба ёрӣ омада баргаштанд. Валӣ ҳам имтиҳонсупорӣ рафт, вале аз мудири ферма дарак набуд. Аввал занҳо нимшӯхиву нимҷиддӣ «аз гуппизанӣ гурехт» гуфтанд, баъд овул хавф бурд. Ҳаким зиёдтар дар ташвиш шуда, бегоҳирӯзӣ тангии Дарвозаро гузашта, ба деҳа рафт ва пагоҳи дигар баргашт. Ҳамроҳи Ашӯра баргашт. Серуку секучак сохта ба болояш чиғ паҳн карда ва занҳо дӯғҳоро ҷӯшонда, обашро давонда, кашк[1] сохта ба болои секучакҳо чиданд.

— Ако, рӯғанро об кунем, бурда месупоред? – маслиҳат барин пурсид Ашӯра.

Рӯзи дигар Ҳаким ба се хар шаш бидон равған бор карда, ба анбор бурда супурда омад. Рӯзҳои охир ба Ашӯра рамузгирона нигоҳ мекард ва фурсат меҷуст, то аз ӯ чизеро пурсад. Оқибат, вақте ки Бону говҳоро дӯшида омад, ба сари хӯроки шом нишастанд, Ҳаким аз Ашӯра пурсид:

— Хуҳарам-муаллима, ту аз ман руст накун, бигӯй, ки раис ба ту чӣ гуфт!

Ашӯра ҷавоб надод, гӯё саволи ӯро нашунида буд. Бону бо хайрат ба ӯ нигарист. Ҳаким боз пурсид:

— Ба гап рафтетон?

---

1. Қурут

— Ҳа, – оҳиста ҷавоб дод Ашӯра.
— Барои чӣ?
— Дар вақташ ба ҷону ҳолам намонда, фермаро ба сарам бор карда, ҳамаи ҷамарғааш (хароҷоту ташвиш) ба сари ман гуфта буд. Акнун барои хошок ҷамъ кардан одам пурсам, одамони ферма мекунанд мегӯяд. Писарони Ҳаким бас мегӯяд...
— Гуфтам! Валиро намонед, нагуфтам?! – боз худро ғолиб пиндошта партофт Бону.
— Хап шин, масъала дигар... Рост гуфтааст, хуҳарам, – ба Ашӯра рӯ овард ӯ, – рост, аз ин масъала ташвиш накаш. Ман ҳастам. Аливу Ғанӣ бекор. Лозим шавад, занҳо мебароянд. Шукри беҳад, худамон як фӯрма.. Хафа нашав, хуҳарам-муаллима, лозим шавад, худи раис ҳам хошок ҷамъ мекунад, лекин суст набиё, – маслиҳат дод Ҳаким ва ба Бону нигариста масъаларо ба ҳазл гардонд: – Ту ҳам шунидӣ?
Дар лабони Бону табассум дамид. Ашӯра ҳам каме худро сабук ҳис кард....
Якбора фарёди Аливу Ғанӣ баромад ва аз байни овул садои гулдуроси бадвоҳима гузашт. Баччаҳо тарсида худро ба дари каппа заданд. Ҳаким тохта баромад. Гови ало буққа овардааст, тамоми буққаву буққачаҳо аз думболи вай кашол.
— Мардак, дигар дар берун хоб наравед, ки буққалоч зер карда мекушад, – аз рӯи дилсӯзӣ маслиҳат дод Бону.
Ҳаким ғурмчӯбро бардошта баромад. Як буққаи сиёҳи гарданғафси бегона гови алоро соҳиб шуда пешандоз мебурд ва ақиб гашта ба навбастҳо ва буққаҳои аз худаш камзӯр шох мезад. Вале буққаи зотии зардмӯ набуд. Буққачаҳо ҳар вақт ки чашми буққаи бегонаро хато карданд, фавран ба гови ало ҳуҷум меоварданд, модагов мегурехт ва гирдогирди овул буқалоч мешуд. Буққалоч гулдуррос зада қади обро нишеб шуд. Баъд аз торикии шаб тарсида модагов ба сӯи овул баргашта омад.
Болотар аз овул садои наъраи буққаи зотӣ баромад. Вай намоён шуда, ба сӯи овул лӯкка гирифт. Мисли шере, ки бӯи хуни бегонаро шунида бошад, наъра кашида, кӯҳу дараро меларзонд. Гови ало магар имдодталаб шуда буд, ки худро ба сӯи ҳомӣ зад.
Буққаи бегона наъраи буққаи зотиро шунида, ҷавоб гардонд, ва қариб рӯ ба рӯ омад. Буққаи бегона аввал гови зотиро писанд накарда аз паси гови ало гузаштанӣ шуд. Буққаи зотӣ дастак зад, пас мисли мошинҳои «Маз», ки вақти бозистодан «пуф» гуфта чанги хокро мебароранд, шох ба замин тир карда «пуф» гуфт. Буққаи сиёҳ ҳам аз бахри гови ало баромада ва ба ҷавоби рақиби худ дастак зада, сум-сум хок партофт. Пас сар хам карда «пуф... пуф» гӯён ҷангталаб шуд... Буққачаҳо ду паҳлавонро ба ҳоли худ монда, аз паҳлӯяшон гузашта, аз паси гови ало тохтанд, акнун он ҷо хам як хунхӯрӣ мешавад.

Ду буққаи гаронвазн мисли паҳлавонҳои азимҷусса дар майдон гирд мегаштанд. Ҳарду аз дур дӯғ зада, замин канда ва шох кашида ҳамдигарро ба майдон талаб мекарданд. Буққаи сиёҳ худро бегона ҳис мекард ва буққаи зард торафт баландтар наъра мезад... Ногоҳ аз байни наъра ва «пуф-пуф»-ҳо садои пурдаҳшати ба ҳам бархӯрдани шохҳо баромад ва дар Санги Сипар танин андохта, хомӯш шуд. Гӯё ду паҳлавон дастбагиребон шуданд. Буққаҳо пешонӣ ба пешонии ҳамдигар гузошта ва пойҳояшонро ба замин тир карда ҳамдигарро тела медоданд. Бегона Зотиро як қадам тела дод, пас гови Зотӣ реб дода паҳлӯ гашт. Бегона башаст ба шиками Зотӣ шох заданӣ буд, ки гузаро шуда рафт. Ва боз баргашта, шох тир кард. Паф-пуфи тарафайн аз нав сар шуд.

Буққалоч боз поён омад.

Ҳаким даррасид, ки буққаҳоро бо чӯб зада, ҷудо кунад, вале аз дӯғу пӯписаи онҳо тарсида бозистод. Акнун Бегона зӯри худро ҳис карда чобук ва катъӣ пеш омад, ки Зотӣ бо зарбаи тамом худро ба ӯ зад. Бегона пушт рафта пойҳояш қат шуд, Зотӣ чунон зарба зад, ки садои «бӯъ» гуфтани Бегонаро Санги Сипар баргардонд... Бегона чолокӣ карда хест ва то ҷон дошт, гурехт. Зотӣ аз паси ӯ пеш карда рафт ва пас аз хеле вақт садои наърааш аз Бурснова баромад.

Ҳайвонҳо як гурезанд, дубора ба зӯровардашон наздик намешаванд. Вале одамизод дигар аст, ҳама вақт фурсат мепояд ва ҷои ниқор меҷӯяд...

Ҳоло ҳам садои буққалоч овулро мекӯчонд. Гови Ало нодӯшида монд.

## 15

— Валиҷон, нагуфтам, худатро овора накун. Ҳам як моҳат беҳуда гузашт, ҳам ба додот ёрӣ надодӣ...

— Оча, монед акнун!

— Ба шумо баччаҳои инзамона насиҳат намефорад. Ҳамаатон мехонед, баду некро медонед, чашматон кушода шудагӣ. Гап зану дар бало мон.

— Оча, дар китоби таърих навиштагӣ, ки ин замон ун замон не!

— Ун замонат кадом? Замони овулдории Каримбойро мегӯӣ?.. Бачем дар ҳамон вақт ҳам гуппии Каримбойро се рӯз мезаданд, ҳозир ҳам гуппии фӯрмаро се рӯз мезананд, чӣ фарқ доштааст?..

— Оча, ин гапатона муаллима-хола нафаҳманд, ки хафа мешаванд. Гап дар Каримбою ферма не. Аз муаллима-хола пурсед, ҳамаашро мегӯянд.

— Фақат ман нодон, дигар ҳамаатон – доно. Маҳмаддоноиатро дар шаҳр мекардӣ, қабул мешудӣ.

— Ба худо, ки шумо дуо кардед, барои ҳамин қабул нашудам...

— Акнун фаҳмидӣ, ки ризои модар чист?

— Соли дигар ризо мешавед-а, оча?

— То мурданам ризо намешавам, баъди сари ман ту дону ҳар хору хасе...

— Ман медонам, ки шумо ягон бор маро ҷанг накарда будед, барои чӣ...

— Гуфтам-ку, баъди сари ман...

— Шумо гумон мекунед, ки ман ҳеҷ чиз надонистам... Муаллим аз ман аввал номи деҳаамонро пурсид, баъд «ҳамон сафедорҳои баланд аз они кӣ?» гуфт. Ман ҷавоб додам, ки аввал боғҳои одамон буд, баъд колхоз гирифт. Оча, росташ, номи соҳиби боғҳоро надонистам.

— Муаллим дуруст кардааст. Таърих хонда будӣ?

— Ҳа.

— Дидӣ, таърихи деҳаи худатро намедонӣ, номи бобову бобокалонатро намедонӣ. Баъд амаки Муҳаммадмурод, Каримбой, Мулло Ҳасанро ном мегирифтӣ, чӣ мешуд?

— Ман гумон кардам, ки вай номи соҳиби боғҳоро медонад.

— Ҳоло бисёр гумон мекунӣ, писарам. Акнун досро гиру угроро ба хурма андохта, ба Пушти шах бар, додот он ҷо алаф медараванд. Додаронат ҳам он ҷо.

— Не...

— Ҳа, шарм мекунӣ?

— Додом хафа мешаванд.

— Ман хафа шавам, хуб-а?

— Муаллима-хола ҳам...

— Мефаҳмӣ-а? Гапро дигар ҷо мебарӣ! Муаллима-холет ҳам дар ҳамон ҷо. Ман як умр ба ӯ ҷӯрӣ шавам ҳам, қарзам адо намегардад... Тез рав, онҳо гушна монданд...

Валӣ қири миёнаро гузашта, ба дараи дигар рафт ва ба ҳамвориҳои Пушти шах роҳ пеш гирифт. Вале чун падарро дид, мадори пояш суст шуд... «Равам ё не» аз дил гузаронд ӯ ва бозистод. Ӯ аз дур дастаҳои ба мисли пойандозҳо дароз-дароз ва баробар партофтаро дида боз қадам зад. Наздик омад.

— Валӣ! – фарёд зад Алӣ ва неши досро ба замин зада, тохт.

— Хуҳарам-муаллима, нагузаштааст-чӣ? – ба Ашӯра рӯ овард Ҳаким.

— Не, Валӣ-доно...

— Ассалому алайкум! – оҳиста салом дод Валӣ.

— Ҳа, овозат пас? – пурсид Ҳаким.

— Валӣ ба ҷои ҷавоб сар хам кард ва гирист.

— Ҳай-ҳай-ҳай, ин мардакро бину, хайр, имсол не, соли дигар, – пеш омада гуфт Ҳаким ва даст дароз кард: – Биё, вохӯрдӣ кунем.

— Валиҷон, хафа нашав, худам мебарам, – пеш омада гуфт Ашӯра.

— Не, ман дигар хондан намеравам.

— Зӯр будаст-чӣ? Нагуфтам, ки сахт тайёрӣ бин.

— Не, додо, муаллим аз ман пурсид, ки сафедорҳои Боғи Гарон аз кӣ, ман аз колхоз гуфтам...

— Э гаранг, нагуфтӣ, ки аз мо... Аз афташ, муаллим хонаи нав сохта истодааст, болор лозим...

— Ман чӣ донам, қабул мекард, ман аз ин бурсҳо болор бурида мебурдам.

— Хайр, боке не, ба фӯрма одам намерасид, – гуфт Ҳаким ва досро ба китф андармон карда ба сояи арчаи лаби чашма рафт: – Хуҳарам-муаллима, биё. Ҳӯу, ако, бед! – Муҳаммадмуроди дар хамӣ алафдараврo ҷеғ зад.

— Омадӣ, писарам? – пурсид Муҳаммадмурод. Валӣ оҳиста сар ҷунбонд ва то угро хӯрда, омин кардан ғинг нагуфт.

— Писарам, – ба Валӣ муроҷиат кард Ҳаким, – ту даравро мону даҳанаи Тангӣ рафта ду говбанд пудина чин, фардо саҳари баланд банд мебандем, – алафҳои хушкро дар назар дошта гуфт ӯ.

— Мор надорад?

— Мор чӣ кор мекунад? Нарасӣ, кораш не. Мор ҳам аз ҷонаш метарсад. Дос дорӣ, дар поят мӯза.

Валӣ гумон кард, ки падараш ӯро ҷазо медиҳад. Гап назада досро гирифт ва алафҳоро чок карда, сӯи Тангӣ рафт. Ба Тангӣ наздик шуд. Бозистода, каме гӯш дод. Оромӣ, хомӯшӣ. Ҳатто садои шибир-шибири баргҳои найшакар ҳам ба гӯш намерасид. Бӯи ҳулбӯ омад. Аз поён садои аз баландӣ рехтани шаршара ба гӯш мерасид. Ӯ ҳаросид. Ба қафо нигарист. Баъд ба фикр рафт: «Наход падарам қасдан ин корро карда бошад? Наход маро имтиҳон кунад...»

Пеши пояш чизе шипир-шипир кард. Валӣ як қадам ақиб монд. Ғуке ҷаҳида, худро ба об зад. Валӣ нафаси дароз кашид. Боз ба хаёл рафт.

«Одамон мегӯянд-а, кор омад дораду ноомад. Корам-ку аз аввал омад накард, вале «болои мурда – сад чӯб» ин кори падарам чӣ маънӣ дорад? Ё... ё...»

Хаёли ӯро як говмалахе, ки аз пеши пояш ҷаста он тарафи об гузашт, парешон кард. Баъд пудиназор диққати ӯро рабуд. Ӯ гӯё худро бепарво ангошта, чанд тора ҳулбӯ канд, решаҳо лою реги зиёдеро бардошта хестанд. Пас ӯ худ ба худ хаёл карда, тораҳоро ду тақсим карда, нӯг ба нӯг печонда, бандина сохт ва якбора ба

об андохта, гӯё мор газида бошад, тохта ба пайраҳаи кӯҳнае, ки алаф пӯшида буд, гузашт ва лаб-лаби об ба овул рафт.

— Ҳа, писарам, додот ҷанг карданд? – аз омадани ӯ ҳайрон шуда пурсид Бону.

— Не...

— Барои чӣ омадӣ?

— …

— Чӣ шуд? Хурмаро ғалтонда, шикастӣ?

— Не...

— Ин не, вай не, чӣ охир?

— Дар ҳамин диққи ҳаво додом ба Тангӣ фиристоданд, ки рафта бандина чинам. Морҳои он ҷоро худатон медонед… Худи бегонаҳо барин.

— Худо ақлата нагирад, ту бо ҳамин калла боз хонданӣ рафтанӣ. Нагуфтам, баччаҳои инзамона дигар, як бор кор фармуда, ба ту бегона шуд?

— Ман ин хел...

— Ту маънии гапа мефаҳмӣ-чӣ? Додот фаҳмад...

— Ман ин хел нагуфтаам! – фарёд зад Валӣ.

— Бас кун!.. Тохта болои Санги Сипар баромада аз лаби чашма бандина чида биё. Ҳоло додотро хуб намешиносӣ...

Сояи қири миёна рӯи обро гузашта ба нисфи Бурснова баромада буд, ки алафдаравҳо омаданд. Бону ба пешвози онҳо набаромад ва мисли ҳаррӯза «мондаҳо» нагуфт. Ҳаким дар ин бора фикр ҳам накардааст, вале Ашӯра пай бурд.

— Валӣ омад? – пурсид Ҳаким.

— Назди шумо фиристода будам.

— Гашта наомад?

— Куҷо фиристода будед?

— Тангӣ.

— Дигар ҷой ёфт нашуд?

— Гапа кам кун, омад ё не?!

— Ман надидаам.

— Апаҷон, мо Тангия хабар гирифтем, нест.

— Омадагӣ, холеш, – аз паҳлуи Ашӯра гузашта гуфт Бону! Ашӯра дуздида ба Ҳаким чашмакӣ зад. Ҳаким табассум кард, боз пурсид:

— Ой занак, Валӣ канӣ?

Бону боз ҷавобе нагуфта ба коза дохил шуд.

Аз болои Санги Сипар як говбанд пудина ғелон шуда ба рӯи об фаромад. Валӣ як назар намоён шуду боз боло рафт. Пас аз фурсате чанд банди дигар ҳамроҳи оби чашмаи рӯи Санги Сипар ба паст шорид. Вале худи Валӣ дергоҳ ба овул наомад. Аливу Ғанӣ рафта ӯро оварданд.

Ӯ сар ба зер афканда сухани касеро интизор буд. Вале касе ҳарфе нагуфт. Амаки Муҳаммадмурод аз паси коза сурфида омад ва хабар кард, ки барои шом хӯрдан ба хиргоҳи ӯ гузаранд.

## 16

— Салом, акаи Тӯйчӣ, – аз паси подабон фарёд зад Валӣ. Ӯ нашунид, – Салом! Ӯй! Панг! – баланд-баланд садо дардод Валӣ. Аммо Тӯйчӣ боз нашунид. Вақте ки хари буччa аз паҳлӯяш гузашт, ӯ нигоҳ кард.

— Салом!

— Том-том! Ҳа?

— Ҳезум.

— Ота танӣ, ота?

— Алафдаравӣ.

— Алаф, ҳа, алаф... – гуфт ӯ ва таклиф кард, ки Валӣ аз хар фаромада, рӯи сабза нишинад. – Фуо!

— Не, дер мешавад, – рад кардан хост Валӣ ва дурусттар ба ӯ нигарист, ки сиёҳтарин одами деҳаи онҳо Тӯйчӣ аст. Вақте ки ба кас нигоҳ кунад, чашми чапаш ба андозае танг мешавад, ки мисли мерганҳо рост нишон гирифта, куланги камонро пахш мекарда бошад.

— Фуро, ман ёрӣ медиҳам, – бо имову ишора фаҳмонд ӯ. Валӣ фаромад.

— Титу? – пурсид Тӯйчӣ.

— Нағз.

— Матаб тӣ туд?

— Мактаб нашуд, калла кор накард!

— Ҳаа далла, аз ман ҳам, – гуфт ӯ. – Бо меӣ?[1]

— Ҳа.

— Наав. Оча хафа метад. Оча данаки фо[2]

— Рафтан даркор ако, хондан лозим.

— Тондан? Ҳа... Дани фо медирӣ.

— Надонам.

— Фо бошад, дир. Дани ман боин боша, надир.

— Чӣ-ба?

— Данда. Ҷанг. Ҳеее, не, надир...

Тӯйчӣ дигар гап назад. Пас фӯтаашро кушода «биё, нон хӯрем» гуфт.

— Не, дер мешавад, – офтоби ба қиём расидаро нишон дода, гуфт Валӣ.

---

1. Боз меравӣ?
2. Нарав. Очаат хафа мешавад. Очаат зани хуб аст.

— Инда бо! – кулчаи равғаниро шикаста, таклиф кард ӯ.
— Додо мекушад...
— Нее, ота одами фо...
— Барои шумо ҳама хуб, ягон каси бад ҳам ҳаст?
— Ҳа... Данам... Вай маа питан намена... Ту медонӣ ти-ба?
— Не.
— Худо, худо, – ба осмон нигоҳ карда гуфт ӯ, баъд забону гӯшашро нишон дод, – ҳаа, мебинам, – ба чашм ишора кард. – Ӯӯӯ, вай данда. Ту менавӣ, ти медӯд? Ҳаа, ҳатора мена[1].
— Не.
— Менавӣ. (Барои он ки вай сахт-сахт мегӯяд, ҳама мешунаванд) – бо забони гирифта ва имову ишора фаҳмонд Тӯйчӣ. – Тез, ҳӯӯ да ин нова дадатӣ битор[2].

## 17

Алафҳоро ба сарой кашонданд.

Баччаҳо ба мактаб рафтанд. Гӯё овулро як сукунат фаро гирифта буд. Алафҳо хушк шуда, аз адирҳо бӯи сӯхта меомад ва гоҳ-гоҳ гирдбод хасу хошок ва хазони кӯмоду ревочро ба осмон бардошта, аз фаро расидани тирамоҳ дарак медод. Рӯи обҳоро хазон ва баргҳои бармаҳал афтидаи фарку заранг гирифта буд. Себҳои кӯҳӣ хам пухта буданд. Кабкчӯҷаҳо пари алояшонро партофта, ба очаҳояшон монанд шуда буданд, «чу-чу»-ро гум карда, кабкона мехонданд.

Гӯсолаҳо калон, вале говҳо камшир шуданд.

Ферма фурсат наёфт, ки овулгардон кунад. Мизон дарояд, якбора аз Санги Сипар ба Сарой кӯчиданӣ ҳастанд. Вале пеш аз ҳама мудир бояд ба идора рафта, ҳисобот диҳад, ки чӣ фоидае овард. Алҳол ба анбори колхоз бидонҳои равғани зард, ҷуволҳои қурут ва чанд пӯсти гову гӯсола супурдааст...

Овул тараддуди бозгашт дорад.

Дар айёми хазон, ки одатан ҳама ҷоро ҳузн фаро мегирад ва одамиро аз як рӯзи вопасини ҳаёташ дарак медиҳад, боз ҳузн ва нолае илова кардан ба дил сахт мерасад.

Валӣ аз овул нарафтааст ва ба ягон кас ёрӣ ҳам намедихад. Дар лаби рӯд нишаста сангча ба об меандозад ва гумон мекунад, ки тамоми орзуҳояш барбод рафтаанд. Баҳорон орзуҳояш мисли сабзаҳо буд, инак монандаи хасҳои адир гаштааст.

«Сабзаҳои лаби ҷӯй, ки решаашон дар об аст, ҳама вақт сабзанд, – ба фикр рафт ӯ ва боз ба харсанги байни об санг партофт.

---

1. Ту мешунавӣ, ки ӯ маро чӣ қадар ҳақорат мекунад?
2. Хез, ҳӯӯ дар ин нова зардакӣ бисёр аст

– Аз дасти Ашӯрааш ҳам чизе наомад. Шиносам ҳаст, гуфта рафт, касе гапашро нагирифт... Акнун ман чӣ кунам? Гӯсолабонӣ? Амаки Муҳаммадмурод пир шудаанд, гӯсолаҳоро саришта карда наметавонанд, мегӯянд. Хайр чӣ? Дар ҳамин овул як ман? Дигарон кардан гиранд... Ё гумон мекунанд, ки одамони нодору миёнаҳол як умр деҳқониву чӯпонӣ кунанд. Не, ин хел гапу гапчаҳоро об бурд... Ҳарчанд панҷ ангушт баробар нест, дар замони мо ҳама баробарҳуқуқ, ҳар кор хоҳад, мекунад, фақат хиёнат набошад... Ана акнун омада-омада, ман гӯсолабон мешудаам... Ҳамаро монаму дум ба думи гӯсолаҳо гардам... Буду шуди дарсҳои омӯхтаам ҳам фаромӯш шаванд. Баъд соли оянда барои «сафедорҳо» не, барои нодониам, барои ҳатӯлиам баргашта меоям. Он вақт ягон баҳона нест... Як сол ҳел-ҳел гардам, худ аз худ ҳама чиз аз ёдам меравад...»

— Валӣ! Ҳооо, Валӣ! – фарёди Ҳаким баромад. Чанд сангча дар даст парида хест. Баъд сангчаҳоро ба оби рӯд андохта сӯи овул тохт.

— Салом, додо, мондаҳо!

— Бале!

— Ҷеғ задед?

— Ҳа... – ҷавоб дод Ҳаким ва хомӯш монд. Валӣ назди хари бӯр рафта ресмони рӯкашро кушод ва ҳезумро фаровард.

— Валиҷон?

— Лаббай!

— Ман ҳезумчиҳоро дидам, муаллима-холаат таъин кардааст, ки Валӣ зуд расида биёяд.

— Мактаб? – ҳаяҷонашро боздошта натавониста пурсид Валӣ.

— Намедонам... Шояд кори ферма бошад.

— Кори ферма бе ман ҳам мешавад.

— Мактаб ҳам бе ту мегузарад, писарам, – аз коза баромада гуфт Бону.

— Хайр, тохта рав канӣ, – ба ишораи сар роҳи деҳаро нишон дода гуфт Ҳаким. Бону ба Ҳаким бад-бад нигоҳ карда, ғур-ғуркунон лаби об фаромад. Аз чашмонаш ва нигоҳаш аён буд, ки тоқати ҷудоӣ надорад.

## 18

Моҳест, ки Валӣ ба овул барнагаштааст. Дар ин муддат мардум ҳезумҳои ҷамъоварда, саргинҳои хушк ва ҳар ҷо-ҳар ҷо тӯб кардаашон, дегу чойҷӯшҳои нодаркор ва лашулушҳоро ба деҳа бурданд... Охирин бор гуппӣ заданд ва ҳоло интизоранд, ки қурутҳои рӯи секучак хушк шавад. Ашӯра Валиро ба омӯзишгоҳ қабул кунонидааст, вале шунавандаи ихтиёрӣ. Озод. Ним сол.

Гарчӣ аз ҷамоат коғаз бурд, ки сернуфузанд, суде накард. Дарди кас ба кӣ лозим? Ашӯра баъди ин воқеа як бор омад. Ҳоло бо роҳгузарҳо, чӯпонҳо ва ҳезумчиҳо пайғом мефиристад ва ягон чиз таъйин мекунад. «Дар Сарой кор зиёд: говхонаҳо ба зимистон омода нестанд; одам намерасад», - мегӯяд… Пас аз ду рӯз овул бояд кӯчад. Шабҳо хунук, шири говҳо кам шудааст ва шибарҳо говҳоро сер намекунанд.

Субҳ. Шабнам намади козаву хиргоҳро тар кардааст ва бӯи поруро фурӯ нишондааст. Ҳавои хуш ва форам шуши касро тоза мекунад. Гӯсолаҳои кенҷа ва дерӣ гардан фурӯ кашида, аз сармо ғунча шуда меистанд. Говҳои пир ҳоло ҳам шиками вазнинашонро бар замин партофта, кафша мекунанд, дандонҳояшон ғирч-ғирч садо медиҳанд, вале ғуноҷинҳо алафҳои хӯрдаашон ҳазм шудааст, ки кафша надоранд. Бапоянд: ё баччаашонро дидан хоҳанд ва ё иштиҳои наҳорӣ доранд. Гови Ало аз болои шоххҳои дари чайла гардан ёзонда бо баччааш фӯк ба фӯк мондааст. Бону «Худо гирад, ту очаи меҳрубона» гӯён як шаппотӣ зада онро аз чайла дур мекунад.

— Зироат, сахт-сахт дӯш, овози сатилат аз Санги Сипар ояд, субҳи охирин аст, – бо оҳанги ҳасрат мегӯяд Бону. Гӯйӣ аз манзили аҷдодӣ ба ягон биёбони дур ва ношинос мекӯчида бошад.

— Гӯш кун, дугона, гӯш кун! Ман сахт-сахт медӯшам… «Рамазон ин ҷо не, ҷои дигар, кӣ мурдаву кӣ зинда, то соли дигар?» гуфтаанд.

— Бидӯш, дугона, бидӯш, – гуфт Бону ва баччаи гови Алоро аз чайла баровард.

Мардон намади козаву хиргоҳҳоро бозгирифта буданд, амуду устухон, қуббаву шиғҳои бараҳна исклети хушки одамиро ба ёд меоварданд, ки то ба ин дам хеле ва хеле хизмат карда, бад-ин аҳвол гашта бошад. Ҳамаро гирифтанд, ниҳоят аз овул пайи гирдаи козаву хиргоҳҳо, пайҷои меххо ва ошдону танӯр ва тобасангҳои сиёҳи зери ҷуволҳои чакка боқӣ монданд.

— Мардак, атрофи танӯрро бо тобасангҳо маҳкам кунед, вайрон нашавад, – гуфт Бону.

— Вайрон шавад, боз месозем, – ҷавоб дод Ҳаким ва алачуғҳоро баст.

Бо овул аз ҳама пеш пода хайрухуш кард. Пода ором ва беларво мерафт. Фақат баччаи гови Ало пешхезӣ карда худро ба пода зад. Сихҳои фӯкаш модарашро безор мекунад.

Дар ҳама ҷо ширинкоре бояд.

## 19

Мудири ферма – хафа. Такудав дорад, ки барои аъзо дар Сарой ҷой тайёр кунанд, то говдӯшҳо ҳар рӯз чаҳор километр роҳро ду

бор рафта наоянд. Ҷой бошад, ферма ферма мешавад. Раис «дигар корҳо ҳам ҳастанд» гуфта он қадар аҳамият надодааст. «Колхоз ният дорад, ки гов харад» гуфтааст. Ашӯра «барои гов шароит лозим» гӯяд, раис «фӯрмаи гӯсфанд ҳам ҳамин гапа мегӯяд, ту ҳам ҳамин гапа мегӯӣ!» дод задааст. Ашӯра «ин хел бошад, ман кор намекунам» гӯяд, раис ҳалли ин масъаларо ба маҷлиси партиявӣ ҳавола кардааст. Ҳоло гап басандааст. Танҳо дили кас ба Ашӯра месӯзад: як сару ду гӯш, ӯро чӣ зарур. Ҳар рӯз ду соат дарс дода, озода гардад, чӣ мешуд? Ҳуснаш ҳам дар байни заҳу поруҳо бенишон; роҳат ҳам надорад. Боз ҷанҷолу гапҳои пасту баланд шуниданаш сарборӣ. Гӯё Ашӯра барои худаш ин корро мекунад. Вале барои ин хел занҳои мардмиҷоз ҳусн лозим не, онҳо чандон оинаву шонаро дӯст намедоранд. Агар ба дасти ӯ тозиёна афтад, фақат ба соқи мӯзааш зада фикр мекунад, ба ферма чӣ карду боз чӣ бояд бикунад? Чизҳои лозимаро ба раис гӯяд, ганда мешавад. Охир, раис одами калон ва ба қавли худаш колхозро аз дами бенавоӣ раҳо кард, акнун гап гапи ӯст. Рост. Колхоз бенаво буд, доро шуд. Вале ба бенавоии вай одамон айбдор нестанд ва ба доро шуданаш раис кафил ҳам нест. Мардум доро карданд – Ҳакиму Ашӯраҳо. Раис ҳам медонад. Ӯ ҳам ин қадар одами бад набуд. Ҷояш ояд, ҷуфт меронд, ҷояш ояд, дарав мекард, вале ҳоло фақат мошин бошаду ману шофёрам, мегӯяд. Баъд – маишат. Дигар ин, ки роли раисҳоро тамоман бардоштаанд, ҳатто хоҳад, мактабро фармон медиҳад, хама ба саҳро мебароянд. Боз ин гапро кӣ бароварда бошад? Валӣ ҳам барои ҳамин гурехта рафтагист, ки раис ягон бор ба фӯрма омада дӯғ занад, баччаи хонда, ҳақиқатро мегӯям гуфта, ягон гапи ноҷо гуфта монад, хуб намешавад. Боз кӣ медонад, ки дар пеш киро чӣ интизор аст?

Ашӯра фикр мекунад, ки барои «девори Саройро васеътар кунем, дар як гӯшааш барои аъзо хона пӯшем» гуфтанаш раис аз ӯ хафа шуда бошад, не, раис худаш чӣ кор карданашро намедонад. Ба қавли баъзеҳо, бо кадом одами боло наздикӣ пайдо кардааст: бе маслиҳати ӯ ягон масъаларо ҳал кардан имкон надоштааст. Чунин кору кирдор ба дилаш мезанад, баъд мустақил шуда, худаш ҳал кардан мегирад.

— Хуҳарам-муаллима!

— Лаббай! – ба Ҳаким рӯ овард Ашӯра.

— Бо раис хархаша кардед?

— Не, кӣ гуфт?

— Одамон.

— Ба одамон ягон чиз гуфтан лозим, ако. Хап шинанд, мекафанд.

— Ба ҳар ҳол, сардор...

— Рост, ако, баъзеҳо мехоҳанд ҳоло ҳам ғуломдорӣ кунанд.

— Гап ин ту не, хуҳарам-муаллима. Ба гумони ман, раисамон одами бад набуд.

— Ҳоло ҳам бад не, ако. Лекин намедонам, барои чӣ бо ман сагу пишак шудааст.

— Не, ҳамту ба назаратон менамояд?

— Не, ако, ҷиддӣ...

Мошини раис назди Саройро чанг карда гузашт. Ба назари Ашӯра, чанги аз зери чархҳо бархоста аввал аз девори Сарой гузашт, баъд ба рӯи ширдонҳо, ғарами алаф, чоҳи силос ва равзанаи коҳдонҳо фурӯ нишаст.

Ашӯра бо хаёле аз дарвозаи Сарой баромада аз паси мошин нигарон монд. Аз дур ба назараш ду сурат намуд, ки гоҳ дар чанг ниҳон мешуд ва гоҳе аён. Наздик шуданд: Бону ва Зироат. Мо ҷавонзан гуфта, ҳар рӯз ду бор омада мераванд, вале холаи Зубайда дар ҳуҷраи саройбон манзил гузида, гӯё боқии умрашро саришта мекунад.

Чанги мошин оҳиста-оҳиста фурӯ нишаст ва гӯё Ашӯра ба худ омад: «Нее, – мад кашид ӯ, – ман беҳуда мекунам, бо раис баҳс карда, бадном шуда мегардам... «Баҳс макун бо арбоб, арбоб занад ба ҳар боб» гуфтаанд».

## 20

Мардум гумон мекунанд, ки аъзои ферма ҳамеша ширу қаймоқ мехӯранд. «Гург хӯрад-нахӯрад, даҳонаш сурх». Вале Бону шири шаби дар табақҳо бударо ба сатил гардонда, тамом ки кард, дасташро мелесад, Зироату зани амаки Муҳаммадмурод ҳам ҳамчунин, вале Ашӯра гӯё ки аслан ширу ҷурғот намехӯрда бошад, наздик ҳам намешавад. Аммо рафту бо касе гапаш гурезад, «ширу ҷурғоти ферма туро маст кардааст» гӯён таъна ҳам мекунанд. Табиат ин Ашӯраро чӣ хел офаридааст, ки ба чунин гапҳо аҳамияте намедиҳад ва таъзим кардагӣ барин аз мусоҳиб дур мешавад. Аҷиб, ки гапи раис аз хекиртаки[1] ӯ гирифтааст ва ҳеҷ не, ки раҳо кунад. Ӯ мисли аъзо мӯзаи резинӣ пӯшида, андаруни лою оби Сарой ва заҳу таппиҳои оғилҳо мегардад. Ва баъзан ҳангоми бар сару тахтапушташ зардобаҳои бом чакидан боз бори дигар аз раис хафа мешавад, ки аҳамият намедиҳад, ёрӣ намекунад. Соли оянда ҳатман чанд аъзои нав гирифтанист.

Ашӯра ҳар гилаву гузорашро ба Ҳаким мегӯяд. Ҳаким тасаллӣ медиҳад, ки раис серкор аст, душворӣ мекашад. Бинобар ин баъзан сари ҷаҳл ва ё фикр накарда «мешавад», «намешавад» гуфта мемонад...

1. Харной.

Ҳаким ним соат пеш барфи бомҳоро тоза карда, аз хонаи амаки Муҳаммадмурод як пиёла чой хӯрда, гарм шуд ва як назар ба Ашӯра нигариста ба оғил даромад, то зери пои говонро тоза кунад. Ҳаври гарми дами говон ба димоғ ва сару рӯйи сармохӯрдааш хуш расид. Аввал бо нӯги шоха аз байни пои говон хасу хошоки рехтаро каш-каш кард, баъд говҳоро ба сағриву думғозаашон шаппотӣ зада, беҷо карда поруро ҷо-ҷо ҷамъ овард ва аз порупарто бел-бел ҳаво дод. Баданаш гарм шуд, арақ кард. Ва Тӯйчӣ бар асари ӯ нӯшхӯрди охурҳоро бардошта, коҳу алафи хушк меандохт. Ва боз занбарғалтакро ғелонда ба силосхона мебурд.

Ашӯра аз дарвоза берун баромада ба майдони васеи барфпӯш нигарон монд. Баъд чашмаш ба сӯрохиҳои говхона афтод, ки мисли хокпартоии кӯрмуш бел-бел пору мерехт. Пору то сӯрохии порупарто дамма шудааст ва як лабаш ба ҷӯйбор мерасад. «Пеш-пеш ба саҳро бурдан лозим» фикр кард ӯ ва чашмаш ба роҳи район афтид, ки дар байни барфзор мошине мисли сангпушт мехазид. Ашӯра сӯи деҳа ба роҳ даромад. Барфи шиббахӯрда ва яхбастаи роҳ зери мӯзаҳои хироми сиёҳ ғаж-ғаж садо медод.

— Оо фӯрма!– аз дари сарой садои занонае баромад. Ашӯра баргашта Зироатро дид. Ӯ даст гардонд, ки Ашӯра баргардад.

— Куҷо меравед, фӯрма?

— Ман дар нимароҳ раисро пиёда карданӣ. Шишта-шишта ба ман алам мекунад.

— Гумон мекунед, ки пиёда мешавад? Андак мошинро қарор медораду боз ба роҳаш рафтан мегирад. Чӣ хел пиёда карданӣ?

— Фаро, ман ба район рафта, кунҷора меорам, говҳо аз гушнагӣ мемуранд! – мегӯям.

— Ба ин гап намефарояд. Ҳилаи дигар мекунем. Ман чунин мекунам, ки дард гирифтааст. Шумо мошинро дошта илтимос кунед, ки маро ба таваллудхона барад. Баъд раис, ки пиёда шуд, дароварда оғилу коҳдонро нишон диҳед. Ба тори сараш чакка занад, мефаҳмад.

— Ёфтед. Шумо зуд ба хонаи амаки Муҳаммадмурод дароед.

Мошини раис ба Сарой наздик шуд. Ашӯра даст бардошт. Мошин қарор гирифт. Дареғ, ки раис набуд.

— Раис ку? – пурсид Ашӯра.

— Душанбе рафтанд.

Дасту пояш суст шуд.

## 21

Имсол ба сари гови Ало бадбахтӣ омад. То дами охир маълум накард, ки вақту соаташ расидааст. Дар лаби ҷарӣ зоид, баччааш аз ҷар парида мурд. Ба пӯсти он коҳ ҷой карданд. Акнун ҳар

субҳу шом гови Ало бонг зада меояд, ки баччаашро бинад ва шир диҳад. Бону васак (пӯсти пуркоҳ)-ро зери пистони Ало мебарад ва бо ангуштонаш дораҳои онро эдир карда, «гӯсола»-ро пеши фӯки гов мегузорад ва то дӯшида шудани Бону Ало пӯстро лесида шир медиҳад. Ва Бонуро садои ба сатил ғав-ғув рехта кафк кардани шири гови Ало ба фикр фурӯ мебарад: «Чаро Ашӯра шавҳар намекунад? Магар ӯ бачча намехоҳад? Ин ҳайвони беақл бошад, пӯсти пуркоҳро лесида, мазмун, бӯи бaччаашро мешунавад. Шояд аз зери пӯст бӯи коҳ ояд? Не, барои коҳ не: на ҳайвон ва на инсон бачaашро ба чизу чора иваз намекунад, магар нохалаф… Чаро ин хел, чаро Ашӯра шавҳар намекунад? Ҳама инро мегӯянд. Мардак ҳам аз ман мепурсад: «Ту намедонӣ, солҳои ҷанг Ашӯра бо ягон кас гуфтугӯ дошт ё не?». Ба назарам, не. Ҳеҷ кас надидааст. Дасти сӯхта ҳам ягон вақт аз зери остин намоён мешавад. Ҳеҷ набошад, дар ягон гӯша мактуб хондани Ашӯраро бaччаҳо медиданд... Аз ҳама пеш онҳо мефаҳмиданд. Ё мактуб гирифтани ӯро...»

— Ҳеше, Алоякам, ҳеше! Ту нағз, бaччаатро нағз мебинӣ. Нигоҳ кун, вай ҳам чӣ хел боодоб. Намеҷунбад. Туро безобита намекунад. Ҷиҷиатро намегазад. Ҷим, ҷонакам, ҷим. Бaччаатро лесидан гир. Ширатро барои бaччаат надузд, ишками вай сер. Гӯр оча шавад, кабутарвор хӯрда аз ҳалқ бароварда ба бачча доданист. Ту ҳам мефаҳмӣ-а? Соли дуюм ман Валиҷонро ягон-ягон мебинам. Лекин меҳри одамӣ ҳамааш дар дилаш. Ту барин ин қадар намелесад.

— Ҳумм! – ба тарафи чайла чашм дӯхта шиква кард Ало.

— Ҳа, Алоҷон, ҳамин хел. Дидӣ, ту ҳам бачаи порсолаатро фаромӯш кардӣ, меҳрубониашро ҳам, ба синаат сих халонданашро ҳам. Лекин одамӣ ин хел не, ҳама дар ёдаш меистад. Ҳам гапи бадаш, ҳам гапи хушаш. Медонӣ чӣ, Ало? Ба гӯшат як чиз мегӯям. Барои одам ҳазор бачча ҳам камӣ мекунад. Меҳри ҳар кадомаш дигар. Вале намедонам, барои чӣ фӯрмаи ту инро намехоҳад. Ҳайфи кас меояд. Солҳои ҷавонии моро ҷанг хӯрд. Ҷавонии вай беҳуда мегузарад. Гап байни худамон, Ало, Ашӯра – ҷони одам. Ҳатто барои шумо чӣ қадар азоб мекашад... Ало, хафа нашав, бaччаат дар пешат.

— Оча! Ҳо, оча!

— Ҳа, Бунафша.

— Новаст гурехта омад!

— Кадомаш?

— Баччаи порсолаи Ало чӣ?

— Ҷонвар, очаашро ёд кардааст.

— Ҳоо, апа, мемон ома, мемон, – ба зани Муҳаммадмурод хитоб кард Тӯйчӣ ва ба роҳи деҳа даст ёзонд.

Холаи Зубайда даст бар чашм соябон карда ба роҳ нигарист. Шапкабасаре ҳамроҳи мудири ферма меомад. Ҳама банд буданд, меҳмононро пешвоз гирифта натавонистанд, фақат Бунафша дар

дари хиргоҳ ва дар паҳлӯи ӯ додараш Ҳаёт, ки дар тан як куртачаи рах-рахи кӯтоҳ дошт, меистод. Ӯ савори бегонаро дида гурехт, вале Бунафша «муаллима-хола» гӯён аз дари хиргоҳ берун омад.

Бону сатили пурширро бардошта омад, ки барои меҳмони Ашӯра ҷой дуруст кунад.

— Салом, холеш, омадед?

— Салом, апаҷон! Омадам. – Ашӯраву Бону ҳамдигарро бӯсиданд.

— Ба шумо ҷой тахт кунам, холеш?

— Ман худам... бегона не-ку.

— Ҳамтую... хайр...

Бону ширро ба бидон гардонда боз говдӯшӣ рафт. Ҷавони шапкапӯш аспҳоро дошта меистод. Тӯйчӣ омада салом дод ва лаҷоми аспонро кашида ба шибари лаби об бурд.

— Марҳамат, – меҳмонро ба хона таклиф кард Ашӯра.

— Як дам тамошо кунем, – хоҳиш кард меҳмон ва чашмаш ба Санги Сипар афтид. – Ин чӣ санг аст?

— Санги Сипар, – ҷавоб дод Ашӯра ва илова кард. – Пагоҳ вақти тулӯи офтоб тамошо мекунед.

Меҳмон лаби об фаромад. Тӯйчӣ аспҳоро душох карда, назди Ашӯра омада пурсид:

— Вай тӣ?

— Духтур-духтур.

— Ҳа, дуту, бошӣ, бошӣ ких, а?

— Ҳа, говҳо касал шаванд, ких (укол) мекунад. Хуб-а?

— Аа, фо... Ато танӣ, ато? – Ҳакимро дар назар дошта пурсид Тӯйчӣ.

— Пага меоянд, пага.

— Ҳаа, пага. Дао, дао! – ба хона таклиф кард Тӯйчӣ.

— Меҳмон биёяд. Имсол ако хиргоҳ заданд, хуб-а?

— Ҳа.

Говдӯшӣ поён ёфт. То ин вақт Ашӯра суфачаи паҳлӯи хиргоҳро об зада рӯфта, ҷой андохта буд. Давра нишастанд. Амаки Муҳаммадмурод, Зироат ҳам омада буданд. Вале Тӯйчӣ ба шапкапӯшҳо наздик намешуд. Ба каппа даромада, хоб рафт. Гӯё баробари хоби ӯ табиат ва ҳамсояҳо ҳам ба хоб рафтанд. Кӯҳсор сукут дошт. Ва моҳи пурра бар асари офтоб рафта то ба миёнаи осмон расидааст. Инак аз даводави зиёд монда шуда оҳиста мегардад ва тамоми нурашро ҷамъ карда ба рӯи овул мепошад. Ситораҳо ҳам равшан, гӯё ки бо латтаи тар оинаро пок кардаанд ва дар ин оинаи азим тамоми чароғҳои дунё аксандозӣ мекунанд. Аз тарафи Бурснова ду-се бор садои шағол баромад ва гӯё байни кадом бурси сершоху барг фурӯ рафт.

Говҳо пайи ҳам шиками гаронвазнашонро ба замин партофта як оҳи бадард мекашиданд ва баҳсобаҳс кафша ва дандонсоӣ

мекарданд. Гови Ало гӯё ҳамаро посбонӣ мекард ва дам ба дам пеш омаданӣ мешуд. Дар лаби об галагов шуд. Дар он ҷо ягон бӯи нохуб ё бӯи хунро шуниданд, ки дастак зада, шох ба замин тир карда аррос мезаданд, девона шуда буданд.

Пирамарди Муҳаммадмурод ғурмчӯбро бардошта қомати хамидаашро рост кард ва ба сӯи говҳо тохт. Онҳо аз бӯи хун девона гашта таҳдиди мӯйсафедро намешуниданд. Пас ӯ бо тамоми овоз «бош! бош!» гӯён фарёд зад ва садои ба шохи гов бархӯрдани ғурмчӯб баромад.

— Сабил монӣ, бош-э! – боз хитоб кард ӯ ва паст-паст овозаш омад: – Болои ҳамин хуна хокпӯш кунед, намешавад!

— Хуни чӣ? – оҳиста пурсид Ашӯра. Касе ҷавоб надод.

— Ягон гӯсола мурд? – боз пурсид мудир.

— Нее, аз бинии Тӯра хун омада буд, – номи писар гирифта, ҷавоб дод Зироат ва ҳама чим шуданд. – Ҳоло додош намедонад. – Худ аз худ ба гап даромад ӯ.

Пирамард говҳоро ба як сӯ ронда, ба рӯи хун хок пошид. Ва дасту рӯяшро ба оби сард шуста, андаке рӯҳ гирифта омад ва беандеша ба рӯи Зироат гуфт:

— Хуҳарам, дар оянда баччаро ин хел назан.

Зироат чӣ ҷавоб гуфтанро надониста, сурх шуд, тафсид ва як ба Ашӯраву меҳмон нигоҳ карда рамуз гирифт, сипас сар ба зер афканд. Ин дафъа садои гирогир карда, қади обро нишеб шудани сагҳо хомӯшии овулро вайрон кард. Сагҳо хеле роҳ «ак-ак» карда рафтанд ва якбора гирогирашон басанда шуд. Баъди чанд муддат «ҳе муред, шумо, беадабҳо, нашинохтед-чӣ?» гуфтани касе шунида шуд. Бону соҳиби овозро шинохта хест ва аз нав ба ошдон оташ гиронд.

— Иш-иш! – садо наздик омад.

— Аком-ку! – шинохта гуфт Ашӯра ва дар ҳамин лаҳза Зироат оҳиста бархоста ба каппа даромад.

Ба қавли худаш, қисмати Ҳаким бо роҳу сафар пайваста. Гӯё ҳама медонанд, ки ба ӯ хоб лозим набошад. Мӯкии ӯ аз фӯлод аст, суда намешавад ва ҷисму ҷони ӯро Ҳоҷикулол сохтааст. Дар ин бевақтӣ ба се хар бидон бор карда омад.

— Салом, ако! Мондаҳо! Пагоҳ меравам гуфта будед-ку? – ба пешвози ӯ хеста гуфт Ашӯра.

— Баъд фикр кардам, ки истода чӣ ҳам мекунам... Шумоён нағз омадетон?

— Ҳаа, – каме шарм карда ва андаке сурх шуда ҷавоб дод Ашӯра.

Бону зуд рафта бидонҳоро ҳамроҳи шавҳараш аз болои харҳо фаровард. Баъд оҳиста пурсид:

— Баччаҳоро наовардед?

— Боз се рӯз, – нарм ҷавоб дод ӯ ва лаби об дастшӯӣ фуромад.

Моҳ хеле ғарбтар рафта ва сояи хираи Санги Сипар бар об афтида буд.

## 22

Ҳаким гумон кард, ки худи ҳамин субҳ ширро ба деҳа мекашонад, барои ҳамин Бонуро барвақттар бедор кард, то офтоб оламро гирифта, шир дар роҳ турш нашавад.

Бону дари хиргоҳро кушода баромад.

Ҳаким кӯрпаи аз рӯи байтор афтидаро ба болои ӯ кашид ва Бону гузашта лаби об рафт. Холаи Зубайда, Зироат ва ду говдӯши нав ҳам хестанд. Роҳи Каҳкашон ниҳоят равшан ва пурситора буд. Вақте ки Бону ба даҳани бидон ширполо гузошта шири сатили аввалро холӣ кард, фазо равшан шуда буд, вале пас аз чанд дақиқа ҳаво тира гашт ва баъд субҳи содиқ фаро расид.

Ашӯра ҳам чанд гов дӯшид.

Ҳаким бо ишораҳо боло ва бидонҳоро нишон дода, ба Тӯйчӣ фаҳмонд, ки подаро ба қадди об рост карда ояд, ҳамроҳ бидонҳоро ба харҳо бор кунанд.

— Имрӯз не, ако! – фаҳмонд Ашӯра.

— Ҳа?

— Ҳоло сепаратчиҳо наомадаанд. Ду-се рӯз бардошт мекунем.

— Ҳа, хайр. Набошад, ба дегҳо андохта пазанд,– гӯё маслиҳат дод Ҳаким ва ба Тӯйчӣ фаҳмонд, ки аз пайи пода шавад.

Меҳмони ба саҳархезӣ одат накарда, аввал гирду атрофро зери абрӯ аз назар гузаронд, баъд шими таҳ карда паҳлӯи ҷогаҳ мондаро зери кӯрпа кашида пӯшид. Бархоста тасмаро сахт баст ва чашмонашро бо ангуштонаш молида ва сангпарро гузашта ба назди тарнобі чашмаи Санги Сипар рафт.

Ашӯра барои ӯ аз хиргоҳ сачоқи тоза гирифта. лаби об фуромад.

## 23

Баччаҳо ба Бурснова рафта аз дарахти дӯлона як сутун ва аз бурс як болорча бурида оварданд. Ҳамвории лаби обро кофтанд ва нӯги сутунро мисли хома пай зада, устувор карда «тир» гуфтанд ва болорчаро аз миёнааш кома кофта, бар сари тир лангар андохта «ғижжак» сохтанд. Сипас ба ду нӯги чӯб савор шуда, пой бар замин тир карда тела доданд ва ба мисли парраи осиёб гирд гаштанд. Ғижжак ба нола даромад. Мисли он ки ҷувоз кашида истода бошанд, тиру рав ғижжос мезад. Аввал каме ғангу ғунг

кард, баъд сари тир суфта ва лайс шуд, ки садояш хомӯш гашт. Тӯра ба дав боло баромад, ки лахча биёрад. Лахча овард. Бар комаи лангарчӯб лахча гузошт, боз бар сари тир гузоштанд. Садои ғижжак баланд шуд, тамоми овул мешунид.

Бунафша аз дасти Ҳаёт дошта лаби дӯнгӣ омад ва бозии писарбаччаҳоро тамошо кард. Онҳо лангар хӯрда, яке ва дигаре пой ба замин расонда, тела медод ва инак ғижжак ниҳоят тез мегашт ва торафт садояш баланд шуда дар Санги Сипар танинандоз буд ва то дандонаву падораҳои кӯҳ мерафт. Аливу Ғанӣ ончунон гирд гаштанд, ки сарашон чарх зада, тамоми кӯҳу дара ба назарашон такорӯ шуд ва ҳарду баробар «дор!» гӯён фарёд заданд. Тӯра бархоста онҳоро дошт. Онҳо аз ғижжаксаворӣ фаромада, чашм пӯшида ба худ омаданӣ шуданд, баъд ба ҳоли ҳамдигар хандиданд.

— Акнун ту савор шав, Тӯра, – гуфт Алӣ.

— Ҳамроҳи кӣ?

— Савор шав, ман давр мезанонам.

Тӯра ба як нӯти чӯб савор шуд ва Алӣ ба нӯги дигараш шикам партофта, аввал роҳ гашта баъд давид. Ғижжак ин дафъа оҳанги ниҳоят хуш ва то ин дам касе нашунидаро навохт. Баччаҳо ҳам ханда ва гапро фаромӯш карда, фақат гӯш бар садо дода буданд.

Зироат сатил ба даст ба об фаромад. Бозии баччаҳоро дида завқ кард, баъд ҳавасаш омада, ба онҳо наздик шуд. Бар миёнаи чӯби ғижжак сина андохт ва «гардонед» гуфт.

— Оча, ин хел наистед. Чӯб барояд, нӯги тир шикаматонро чок мекунад, – дилсӯзӣ карда гуфт Тӯра.

— Хайр, чок кунад, ту барин Тӯра кам-дия, – ҷавоб дод Зироат.

Тӯра сурх шуд, аз рави ғижжак фаромад ва сарашро ҳам карда шишт. Дигар баччаҳо ҳам хомӯш буданд.

«Бегона ҳамин гапро намегӯяд» аз дил гузаронд Тӯра, баъд зери абрӯ ба ҷӯраҳояш нигарист. Онҳо ҳайрон буданд. Зироат ҳам гӯё аламашро тоза карда бошад, об гирифта, ба овул баромад.

— Тӯра, ҳамин модари худат? – пурсид Ғанӣ. Тӯра сар ҷунбонд.

— Набошад, чаро ин хел мегӯяд?

— Феълаш омадагӣ.

— Нее. Ягон гап ҳаст.

— Чӣ гап мешавад?

— Набошад, чаро он рӯз зада биниатро хунӣ кардааст?

— Шумо мактабро партофта наомадед, ман омадам, барои ҳамин.

— Нее.

— Ҳа, рост.

— Ҷаҳлаш ки омад, ягон гапи дигар намегӯяд?

— Мегӯяд: «додомонанд» гуфта мезанад.

— Ана диді?

— Хайр, гуноҳи ман чӣ? Арзашро ба худо гӯяд, ки додомро ин хел халқ кардааст.

— Рост. Лекин ту аз ин ҳафа нашав. Ду соли дигар баъд назди Валӣ меравем. Валӣ ҳозир аълочии омӯзишгоҳ будааст.

— Мебинӣ, боз вақти раворав очем «не» мегӯяд.

— «Не» гӯяд, ба овул наомада, мактаб, ки тамом шуд, рост ба район меравем. Биё, савор шав.

— Не, бас, сарам чарх мезанад...

«Ӯӯ Тӯраи худоноумед, аз пушти ту давида гардам? Ин ҷо биё!» – аз дари каппа баромада фарёд кард Зироат. Ва пас аз хеле вақт садои Бону баромад:

— Алиҷонуу, Ғаниҷонуу! Биёед, хӯрок хӯред!

Онҳо лангарчӯби ғижжакро гирифта ба замин монда, рафтанд.

Бону чанд вақт ба онҳо кор нафармуд, ки мактабро тамом кардаанд, каме дам гиранд. Онҳо аз пеши худ ба гӯсоладорӣ ёрӣ медоданд. Ҳоло хӯрок хӯрда боз ба назди ҷувозак омаданд. Пас аз хеле вақт Тӯра ҳам омад.

Ҳамин вақт байтору Ашӯра ҳам аспсавор аз боло омаданд. Тӯра ҳамаро фаромӯш карда ба ҳамроҳонаш рӯ овард.

— Ум! – ишора кард ӯ.

— Чӣ ум?

— Муаллима-холаатро бин!

— Очаатро бин!

— Очаи худат!

— Чӣ фӣ-фӣ мекунӣ? Онҳо ба ҷустуҷӯи овулҷои нав рафтанд. Ту «ум» мегӯӣ.

— Ту чӣ очаат гуфтӣ?

— Хап шин, ки як бори дигар биниат хунӣ мешавад, – бародарашро пушт карда гуфт Ғанӣ.

— Ҳаа, хунӣ мешавад. Мана...

— Ҳӯ дак...

— Хап шин, Ғанӣ, – гӯён ҳамлаи ӯро боз гардонд ва баъд ба Тӯра рӯ овард: – Ту ин хел будаӣ, ки модарат мезадааст. Агар ҳамин гапатро Фӯрма фаҳмад, ҳамаатро пеш мекунад.

— Фӯрма ба шумо кӣ мешад, ки ин қадар алам мекунад?

— Ба кӣ будану кӣ шуданаш корат набошад, фисин!

— Хайр, дар ягон ҷо танҳо бинам!..

Ғанӣ дурӯғин ба замин хам шуд, ки санг гирифта ӯро занад. Тӯра пушт гардонда бо ду даст сарашро дошт, то санг назанад ва хеле вақт ҳамин зайл истод. Баъд Аливу Ғанӣ баробар хандиданд.

Тӯра ба онҳо нигоҳ карда дид, ки масхара мекунанд, зери лаб ғур-ғур карда рафт. Сари дӯнгӣ баромада, бори дигар нигарист

ва даст бар манаҳ соида, гӯё риши набуромадаашро қабза карда, ба онҳо бо ангушти ишорат таҳдид кард: «Хайр, ош накун!»

Аливу Ғанӣ ба ду сари лангарчӯби ғижжак нишаста, боз ба таронаи он гӯш доданд. Таронаи Санги Сипар – ситоиши кӯҳсори тоҷик, манзараҳои Бурснова, оҳанги найи чӯпонӣ ва суруди ҳезумкаши кӯҳистонӣ – ҳама маънӣ бар ин садо дода буданд. Садои ғижжак онҳоро андешаманд кард.

Бунафша чизеро гирифта ба тоз омад. «Муаллима-холем доданд ва гуфтанд, ки ба комаи ғижжакашон монанд» гӯён собунпораеро ба бародаронаш дароз кард.

Пас аз лаҳзае байтор нишеб шуда омад.

— Хуб ёфтетон-дия, шерҳо! – баччаҳоро таъриф кард ӯ.

— Сувор шавед, ако! – таклиф кард Алӣ.

— Не, барои мо айб.

— Айб не, ако, дар як нӯгаш шинед, мо тела медиҳем, – Ғанӣ ҳам хоҳиш кард.

— Хайр, – ба таклифи онҳо розӣ шуд ӯ ва ба нӯги ғафстари чӯб савор гашт.

Алӣ ғижжакро давр гардонда буд, ки байтор ба як тараф майл кард ва сари тир аз кома баромад. Байтор чӯбро байниронҳо дошта ба ду по ба замин зад.

Дар сари дӯнгӣ Ашӯраву Бунафша хандиданд.

— Ба ман нашуд, додар, – шарм кардагӣ барин байтор дуртар рафт.

— Ато, ҳой ато, додом ҳежум овалдан! – паҳлӯи Бунафша омада фарёд зад Ҳаёт.

## 24

*«Шақ-шақ, шақара-шақ! Шақу шақ, шақара-шақ!»*

*— Мошинро доштед, таго?*

*— Нафасамро рост кунам, ба худо, ки қариб нафасам дарун галтад. Нуриддин ҳам меояд, – ба нурҳои равшани чароги ӯ нигоҳ карда гуфт Шавкат.*

*— Субҳ хам дамида истодааст, таго.*

*— Боз чӣ қадар мегардем, амак? – дастпӯшакхои тибитиро таранг кашида пурсид Шавкат.*

*— Боз? Ягон даҳ соат.*

*— Ваҳ!*

*— Шумо бори аввал-дия, «ваҳ!» мегӯед, якчанд бор омада равед, одат мекунед. Роҳи району хонаатон барин наздик мешавад.*

*Мошини Нуриддин ҳам бозистод. Нуриддин ҷавони баландқомати хандонрӯ. Гап занад ҳам, механдад, вале ҳоло дари кабинаро кушода, абрӯ дарҳам кашида баромад. Баробари берун шудан ҳаври димогаш мисли дуди паровоз фагона зад.*

*— Ҷонатро Ҳоҷикулол сохтааст, Шавкат? Аз барои худо, ин чӣ гап? Мо ҷон ба ғарав намондаем-ку! Шумо ин роҳро медонед, мегуфтед, намешуд? – гӯё дами тамоми роҳ ба дарун гирифтаашро пайи ҳам сар дода гуфт Нуриддин.*

*— Додарам, ман сари ҷаҳл омадам,ситеза карда омадам, ба хаёлам ту инро медонӣ. Лекин ту наомада наметавонӣ, касбат, вазифаат...*

*— Касбу вазифа гуфта...*

*— Мон акнун, пураш рафту камаш монд, – ором гуфт Шавкат.*

*— Ҳа, таго, дар роҳ чойхона ҳаст, ронед!*

*«Шақ-шақ, шақара- шақ, шақу шақ!»*

«Кӯзаи навро об хунук» гуфта Ҳаким мисли навошиқ ҳавас кард, ки зудтар ба деҳа шир барад ва бубинад, ки сепараташ чӣ будааст ва чаро ин қадар ба ин чиз эҳтиёҷ карда, маҳз аз шаҳр одам овардааст, ки ин корро сомон диҳад. Бо ҳамин ният саҳари мардон хеста, бидонҳоро лаби об фароварда, тоза шушта, оварда назди хиргоҳ монд, ки ширҳоро андозанд. Ва худ рафта харҳоро полон зад.

Ширполои ба сони моҳи пурра мудавварро ба даҳони бидон гузошта, сатил-сатил шир холӣ мекарданд. Оромии субҳро танҳо садои ширдӯшӣ, садои оби сой ва садои чалп-чалп сина макидани гӯсолаҳо халалгор мешуданд ва баъзан рези ёнаро садо дода гузаштани ҷонваре, ки тамоми сагҳои овулро безобита мекард. Сипас овози кабк ва парандаҳо дарак аз фаро расидани субҳ медоданд.

Ҳаким ин пагоҳ Тӯйчиро дур рафтан намонд. Бидонҳои пурширро бо ҳам бор карданд. Офтоб теғ накашида се харро пеш андохт. Аввал ӯ шафақи офтобро дар теғаи шахи Ҳисор дид ва вақте ки Дарвозаро гузашт, офтоб ба олам паҳн шуда буд. Ҳаким мисли ҳамеша андешаманд не, балки болидарӯҳ ва андаке хотирпарешон менамуд.

Харҳо монда шуданд, ки канда-канда по мегузоштанд ва шояд аз алам ва ё гуруснагӣ бошад, ки даҳон-даҳон шибоғҳои сари роҳи Чорифро канда мехӯрданд.

Баробари аз саргаҳи Сафедхок нишеб шудан Ҳаким як навои қадимаи деҳаро шунид. «Ҳӯӯӯ ҳаҳ, ҳааа!» гӯён оҳану санг бар сатилкӯҳнаҳо зада, аз тут ва арзану гандуми нимдунбул сочу гунҷишк меронданд. Ин садоҳо банавбат такрор мешуд ва баъд аз кадом шохи дарахт садои табар ё теша мебаромад, ки тут меафшонданд. Ин як чизи муқаррарӣ, вале як оҳанги аҷиб ва халқист, ҳоҷат ба такмил надорад.

Ҳаким дар андешаи дигар аст: «Рост ба мактабхонаи кӯҳна мебаред» ба ӯ фаҳмонда буд Ашӯра. Ӯ ҳам баробари аз Пулак

гузаштани харҳо сарашонро ба рост гардонд ва дар назди дари ҳавлӣ боздошт.

Ҷавонзани болобаланди сафедрӯ аз дар баромада салом дод ва гӯё ба ҷавоби саломаш интизор бошад, лаҳзае хомӯш ба тарҳи рӯи мардак нигарист. Ҳаким овоз набароварда, боз гуфт:

— Мондаҳо!

— Бале... бале... Сепаратчӣ шумо?

— Ҳа.

— Нағз, – гӯё хурсанд шуда, гуфт Ҳаким. Пас гиреҳи ресмонҳоро кушода бидонҳоро фаровард ва як-як ба дарун бурд.

Мактабхонаи кӯҳна саҳни васеъ надошт. Гирдогирд хона буда, ҳавлӣ мисли дег менамуд. Хубиаш ҳамин, ки аз зери хонаҳо ва даруни ҳавлӣ об мегузарад. Дар синфи чаҳорум, ки Ашӯра соли охирин он ҷо дарс медод, як чизи сурхро ҷувозкунда барин устувор кардаанд. Мисли корсон дӯл дорад ва дар ду паҳлӯ ҷумак. Ҳаким як назар он чизро дид ва зуд баромад, ки бидонҳои дигарро биёрад.

Аз дари ҳавлӣ як зани миёнсоли барои Ҳаким ношинос духтарчаи чор–панҷсоларо сари даст гирифта омад. Занак салом дода гузашт. Ҳаким ҳам бидони дигарро озод бардошта даромад. Занак ба ӯ нигарист, пас ба синфи 8-ум даромад. Ҳаким ҳамаи ширро кашонд, сипас занҳо хилъати сафед пӯшида назди бидонҳо омаданд.

— Ин кас модарам, – гӯё ба Ҳаким шинос кард ҷавонзан.

— Модари ҷавон доштаед, – ҷавоб гардонд Ҳаким. Занак як табассум карду аз дар берун рафт ва як бидони холӣ оварда, дар зери як ҷуммак гузошт ва ба зери ҷуммаки дигар сатил ниҳод. Даҳони бидонро яла карда ширро ба сатил гардондан хост, Ҳаким «истед-истед!» гӯён бидонро бардошт ва ширро ба сатил гардонд. Баъд ҷавонзан ширро аз сатил ба дӯл холӣ кард. Духтарча ба дар омад.

— Духтари кӣ мешӣ? – миёнашро дол карда пурсид Ҳаким.

— Духтари очем.

— Очет кӣ?

— Ана ун кас, – ҷавонзанро нишон дод духтарча.

— Номашон чӣ?

— Адолат.

— Номи худат чӣ?

— Садолат.

— Бале, Садорати бобо, овул барам, мерӣ?

— Бивем лаван, мелам, – ба модаркалон нигарист духтарча.

Ҳамин вакт Адолат дастаи сепаратро тоб дод. Шири дӯл оҳиста-оҳиста фурӯ нишаст ва ҳамон дам аз як ҷуммак шири кабудча шорид ва фурсате пас аз ҷуммаки дигар саршир рехт.

Ҳаким ин ҳолро дида ботинан завқ бурд, «инро овул баранд, ки ҳама бинад» аз дил гузаронд. Баъд хост барояд.

Занак аз ӯ пурсид:

— Ако, ин ҷо мактабхона буд?

— Мактабхона буд. Аслаш ин ҷою манзили Мулло Турсун гуфтанӣ одам буд. Кулак шуда рафт, дигар барнагашт. Ҳавлӣ ба колхоз гузашт. Мактабхона карданд. Мактаби кори калон, ки сохтанд, ин хонаҳо бекор монд. Ба ҳисоби фӯрма доданд. Бинед, ки ба шумо насиб карда будааст...

— Мо муҷовир набошем, боз ба худатон мемонад.

— То даррад, дарраду то дорад, дорад, – гуфтаанд, алҳол аз они шумо.

— Мудиратон наомад? – пурсид Адолат.

— Овул ба дигар ҷой кӯчад, мебиёд. Хуҳарам, то ман ҳавлиро хабар гирифта омадан зарфҳо холӣ мешавад?

— Мешудагист, – нарм ҷавоб дод Адолат.

Ҳаким то аз дари ҳавлӣ баромада, харҳои дар нӯги зерсинҷҳои берун бастаро хабар гирифтан садои сепаратро мешунид. Баъд дар бораи сепаратчиҳо фикр кард. Вале хаёли ӯро рахнаи гаштаи боғ парешон кард. Ҳайвонҳо рахнаро гардонда, даромада юнучқаро сарчин ва поймол кардаанд. Савобҷӯе ҳайвонҳоро берун ронда, дар рахна шох мондааст. Ҳаким дар ғазаб шуд, зери лаб ғур-ғур карда, «манзили бекас ҳамин» гуфт. Каме ба хаёл рафт, баъд каландро аз оғил бароварда ба ҳукм сӯи сарбанд рафта лойоба баста омад. Аз воти пали юнучқа хок канда, лой карда ва рахнаро сангдевор бардошта зуд баргашт.

— Дер кардед-ку, ако? – аҳвол пурсиданӣ шуд Адолат, ки ҳамроҳи модараш бидонҳои холиро берун бароварда буд.

— Девори боғро гардондаанд, аз нав девор кардам, дер шуд. Харҳо ҳам дар офтоб қантар шуданд.

— Дар ҳавлӣ ҳеҷ кас нест-чӣ? – рамуз гирифтанӣ шуд модари Адолат.

— Ҳеҷ кас нест.

Занак худ ба худ маъное баровардагӣ барин хомӯш монд.

Ҳаким бидонҳоро гардан ба гардан баста болои полони ҳарҳо партофта палтар кашид ва ба сӯи овул роҳӣ шуд. Парешон менамуд. «Як марди каппа-калон шабу рӯз дар ин роҳ тор танӣ, ҷою манзилат валангор шавад, кӣ раҳмат гӯяд? Гӯё дигар ба он ҷо барнамегашта бошам. Дидӣ, занакхо мепурсанд, ки ин мактабхона буд? Албатта худам намегуфтам, ки ҷою манзили фалонӣ, истода-истода мепурсиданд. Худо донад, ки аз ӯ устухон мондааст ё не, лекин хонаҳояш осебе надидаанд. Кӯдакон он ҷоро ҳамчун мактабхона донанд, вале калонсолон «ҳавлии Мулло Турсун ва ё мактабхонаи Мулло Турсунӣ» гӯянд. Аз ин чӣ, алами мардак кам мешавад? Рафт, ки рафт... Их, эй ҷонвар! Ба овул расем, хуб

мехӯрӣ. Их! Ту нафаҳмӣ, ки дунё чӣ гапҳо дорад. Кӣ медонад, шояд фаҳмию гуфта натавонӣ. Мефаҳмӣ, ба худо, мефаҳмӣ. Агар нафаҳмӣ, «их» гӯянд, намегаштӣ, «иш» гӯянд, намеистодӣ. Забон надорӣ, баъд худат бевосита ягон корро иҷро карда наметавонӣ. Ғулом. Ғуломи як қабза беда… Барои ҳамин номат хар ва барои ҳамин борбардор ҳастӣ. Хафа нашав, насибат ҳамин будааст. Их, акнун дер шуд. Аз афташ дигар аз шумо ҷудой нест. Аз пасатон кашола шуда рафтан мегирам..» Ҳаким то овул фикру хаёл кард. «Ако, чаро дер омадед? Имрӯз кӯчиданӣ будем» гуфтани Ашӯра ӯро ба худ овард,

— Хуҳарам-муаллима, дар боғ девор намондааст, девор кардам. «Хонаи беодам – мазор» мегуфтанд, рост будааст. Кӯчидан бошад, пагоҳ мекӯчем. Баъд, охир, зуд баргашта намешавад, то бидонҳо холӣ мешавад, ки...

— Сепаратчиҳоро дидед?

— Ҳа, шуморо пурсиданд. Сингори худатон занҳои ҳалим. Лекин тагу тирезашонро напурсидам. Бинои, бо одам кушоду рӯшод гап мезананд.

Ҳаким хеле шалпар ва гурусна буд. Як табақ ҷурғотро паққос зад. Худро бардам ҳис кард. Баъд Ҳаётро ба сари зонуаш нишонда, ба мӯяш панҷа зада ба Ашӯра рӯ овард:

— Хуҳарам-муаллима, байтор куҷо рафт?

— Сари пода. Говҳоро дору мекардааст.

Ҳаким дигар чизе напурсид. Хомӯш монд.

Ашӯра аз сукути ӯ маънию рамуз гирифта берун баромад. Мардак Ҳаёти сесоларо паҳлӯяш гузошта ба дил хоб рафт ва фармуд:

— Писарам, пойҳоямро зер кун!

Ҳаёт бо шавқ ба рӯи пойҳои падараш баромад. Мушакҳои таранги пои ӯ аз зери дасту пои кӯдак мегурехтанд. Ҳаёт дам ба дам ба ду тараф меғалтид.

— Маҳкам ист, писарам.

— Намешад, додо. Потон меҷунбад.

— Вазнатро партофта хоб рав, писарам.

— Молам, додо?

— Майлат, писарам, майлат... Чӣ хел дастонат форам, Ҳаётҷон. Бале, шери додош. Дастат дардро набинад, бачем.

— Додо?

— Ҷон!

— Амаки духтурам мегӯн, ки ту калон шавӣ, духтарама метиям.

— Ҳа, бачем, гапи очета нагардон, ба акоҳоят гӯш кун, ароз накарда хӯрок хӯр, тез калон мешавӣ.

— Боз мегӯн, ки холет занаки нағз.

— Кадом холет?

— Муаллима-холем.

— Рост гуфтааст, бачем. Ист, бачем, ист!

Ҳаким дигар тоқати хоб кардан надошт. Ӯ рост шуда нишаст, баъд ба писараш нигарист.

— Амаки духтур дулӯғ гуфт, додо?

Садои суми асп баромад. Байтор ва баччаҳо омаданд. Аз паси онҳо пода ҳам омад. Гови Ало пешопеш меомад.

— Не, бачем, рост.

Говҳоро дӯшида нашуда зардии офтоб аз теғаи Бурснова парида буд, вале шафақи он қуллаҳоро равшан медошт ва аз нури шафақ сояи нимранги кӯҳҳо ба адирҳо афтида буд. Ҳаким тараддуд кард, ки бидонҳоро ба харҳо бор кунад. Аливу Ғанӣ ба падар ёрӣ доданд...

Ҳаким дари сепаратхонаро кӯфт. Ҷавобе нест. Ин дафъа бо таёқи дасташ кӯфт.

— Кист? – овози зани хоболуде баромад.

— Ман, Абдуҳаким.

— Кадом Абдухаким?

— Ширкашон.

— Дар ин ғояти шаб чӣ мехоҳед?

— Чӣ мехостам? Шир овардам.

Занак дигар гап назад, аз роғи дар нигарист, баъд дарро кушода, чоки гиребони куртаи шабпӯшашро дошт.

— Ин чихелин шир? Пагоҳ биёред, намешуд?

— Пагоҳ ҳам меорам...

Ҳаким бидонҳоро даровард. Занак ҳам либос иваз карда омад. Вале духтарашро бедор накард. Боз рафта аз хонаи хобашон чароғ овард ва ба токчаи паҳлӯи дар гузошта қисмҳои гирифта тоза кардаи сепаратро ҷо ба ҷо пайваст, баъд шир андохта тоб дод.

— Сепаратчӣ шумо ё духтаратон? – пурсид Ҳаким.

— Духтарам, ман онҳо танҳо гуфта омадам.

— Шӯяш наомад?

Занак каме хомӯш истод, баъд ҷавоб дод:

— Не...

Вале дар зери пардаи ларзони овозаш розе пинҳон буд. Ӯ аввал дастаи сепаратро зуд-зуд тоб дод. Оҳиста-оҳиста ба фикр рафт ва ё хушаш наомад, ки суст кард ва оқибат боздошт.

Ҳаким каме ба ӯ нигариста, табассум кард ва даст ба дастаи сепарат бурда, шӯхиомез гуфт:

— Битонҳоро зудтар холӣ кардан даркор, пагоҳ боз шир меорам.

Занак ҳоло ҳам дар майнааш дастаи сепарат мегардонд, ки «А?» гуфта як қад парид боз корашро давом доданӣ шуд.

— Не, шумо монда мешавед, рафта Адолатро бедор кунед...

— Не, ман... Адолат ҳам.

— Набошад, дам гиред, ман каме гардонам.

— Не, шумо хеле монда шудагӣ барин, зери айвон кӯрпа партоям, дам гиред.

— Охир, шумо хоболуд, саришта карда наметавонед. Ба ман дер мешавад..

Дари хонаи Адолат садо баровард.

Пас аз фурсате ӯ чашмонашро молида-молида ба дар наздик шуд. Хамёза кашид ва бо даст чашмро аз рӯшноии чароғ ҳимоя карда, ба Ҳаким салом гуфт, баъд қадам даруни остона гузошт.

— Ако, ҳамзайлин нағмаҳо ҳам ҳаст-чӣ?

— Акнун, хуҳарам, фурсат ки ёфтед, як ғанав мекунед, набошад, хомхоба мешавед.

— Ҳеҷ гап не, одат мекунем.

— Ҳа, то одат кардан, – Ҳаким сухани ӯро тасдиқ карда хест ва корро ба онҳо вогузошта зери айвон баромад.

— Хоб меравед? – аз паси ӯ баромада пурсид занак.

— Не, як харҳоро хабар гирам...

— Адолатҷон, як дам кор кун, чашм кушода наметавонам, камтар хоб равам. – Дар остона истода гуфт занак ва то дари ҳавлӣ омада, аз паси Ҳаким нигоҳ кард. Ҳаким побанди харҳоро хабар гирифт ва даст пушти бар тарафи ҳавлиаш раҳсипор шуд.

Ӯ ҳам ҳавлиашро ҳабар гирифт ва ҳам каме ғанаб рафта бо ҳамин тахмин омад, ки онҳо ширро мошин карда шуда бошанду бидонҳоро зудтар бор карда равад. Баргашта дари ҳавлиро баста дид ва боз кӯфт.

Адолат омада дарро кушод.

Ду бидон шир монда буд, вале бидонҳо пур-пури шири мошинкарда буданд.

— Охир, ба ман дер шуд, духтарам.

— Чӣ кор кунам?

— Суст меҷунбед-дия.

Аввал Адолат ранҷидагӣ барин чизе нагуфт. Баъд ба ӯ як масъалаи муҳимро гуфт:

— Ман мошин карда шудан катӣ шумо бидонҳоро бурда наметавонед-ку?

— Чаро?

— Ман ширҳоро дар чӣ мегирам? Ҷогаҳ нест!

— Ман чӣ кор кунам?

— Ман чӣ донам? Хоҳед, ба об резед.

— Чӣӣ?!

Ҳаким ба бидонҳо ҳам нигоҳ накарда харҳоро кушода пеш андохт ва Сафедхокро сарболо шуд. «Чаро ман ба вай дӯғ задам? Дар ҳақиқат гуноҳи ӯ чӣ? Инро бояд ферма донад ва раису сарони колхоз. Ман ба як одами бегона, ба як мусофир дӯғ мезанам... Иш!

Иш! Андаке ист. Ман рафта аз ӯ узр пурсам. Мардак, пир шудӣ, худата дошта натавонистӣ. Рост мегӯяд, кори ӯ нест..»

Ҳаким харҳоро ба алафзори канори роҳ монда, дартоз сӯи деҳа омад ва боз дари онҳоро кӯфт.

— Кист? – аз рӯи ҳавлӣ садои Адолат омад.

— Ман, духтарам, кушо!

Адолат занҷирро бардошта дарро ба рӯи ӯ боз кард.

— Бубахш, духтарам. Ман дар умрам ба касе гапи сахт назадаам. Кайфи хоб қатӣ ба ту дӯғ задам. Дар роҳ ба худ омада пай бурдам, ки ба ту дод задам. Ту хафа нашав.

— Не, хафа намешавам.

— Аз барои худо, хафа нашав. Ман ҳозир ба авул расида, Фӯрмаро мефиристам. Ҳамааш ҳал мешавад. Харҳоро дар роҳ мондам, сайду суйд нахӯрад...

Аз омадани ӯ харҳо хӯсида, ҳанг зада гурехтанд, баъд овози ӯро шунида, ором шуданд, вале Ҳаким онҳоро ба зудӣ як ҷо оварда натавонист. Пас хари буччаи дуртар гурехтаро савор шуда ва харҳои дигарро пеш андохта, сӯи овул рафт.

Субҳ дамид. Айнан вақте шуд, ки бояд ӯ шири саҳарро бор карда меомад.

— Ба шумо чӣ шуд, ако? – аз роҳпоӣ ба танг омада гуфт Ашӯра.

— Хуҳарам, ин коргарҳотон нашуданд. Чашмашон ғайр аз хоб чизеро намебинад. Дигараш, ки шири мошиншударо боз ба битонҳо гирифтанд. Битони холӣ нест. Шири саҳар бурдагиамро дар ҳавлии хола Фотима пухтаанд. Вале ҳайрон, ки инашро чӣ кор кунанд.

— Гапатон рост, ако. Ман бояд рафта ин масъаларо ҳал кунам.

— Хуҳарам-муаллима, гапи сахт қатӣ не!..

## 25

Ҳаким бо кори пешинааш машғул буд: хезум меовард, барои ферма алаф медаравид. Ба бозору магазин рафта меомад. Баъд Ашӯра давуғеҷ карда даҳ бидон ёфта овард. Акнун Ҳаким дар роҳи овулу мактабхонаи кӯҳна тор метанид. Ҳар боре, ки шир орад, модари Адолат бедор буд... Баромада ба ӯ ёрӣ медод, бидонҳоро ҳамроҳ мефаровард. Баъд «монда шудед» гуфта як чойник чой меовард. Ағлаб шабҳо, вақте ки аз Сафедхок нишеб мешуд, деҳа чунон ором буд, ки гӯё барги ғуллаи дарахтон тамоми садоҳоро фурӯ мебурда бошанд. Вале имшаб сагони деҳ гирогир доранд. Деҳа нооҷом барин. Ҳаким чанде бозистода ба садоҳои деҳа гӯш андохт ва якбора тез гашт, ки харҳоро дарёфт кунад, «Их!» гӯён сиёсат ҳам кард, ки харҳо тезтар гарданд. Ба хонаҳои аввалини

таги адир расида, овози занонаро шунид. Ба мактабхона наздик шуд, гиряолуд гап задани зане баръало ба гӯшаш расид. Пас пеши харҳоро боздошт.

— Ако, акоҷон, хайрият, ки омадед!

— Чӣ шуд, ҳуҳарам?

— Ин мардак маст шуда ба сари мо омадааст! – арз кард Адолат ҷавонмардеро нишон дода.

— Сироҷ?

— Ҳа, Сироҷ! – сари синаашро дамонда гуфт ӯ.

— Одам нашудӣ, нашудӣ-дия!

— …дия… Кӣ? Ман? Ӯ, мана писари Ёрчаи каллабур мегӯянд. Сарат чандта?

— Ба сари ман корат набошад. Ҳоло ба сарат нахӯрдаӣ, бачча. Хӯрӣ, мефаҳмӣ.

— Охир, канӣ ҳамун кас! Ӯ, балота гирам, ин кори мард. Мард ғайрат карда аз сархори бегона нигоҳ мекунад. Ҳаа.

Ҳаким гапҳои ӯро лаққигӣ дониста, ба ӯ ҷавоб додан нахоста, харҳоро бор зер накунад гуфта, бидонҳоро фаровардан гирифт.

— Балоша гирам... Ҳум... Ба шумо чӣ, ини шумо дард мекунад?

— Налақ, бачча, ҳоло, ки нӯхтаатро нагирифтаанд, хап рав!

— Канӣ? Кӣ мегирад?

— Ягон кас дасташро ҳаром кардан хоҳад, мегирад.

Сироҷ сӯи ӯ ҳамла кард. Ду ҷавони расида омада ӯро боздошта наметавонистанд.

— Канӣ, сар диҳед, ҳамин чӣ кор мекунад! – ба ҷавонон муроҷиат кард Ҳаким.

— Чӣ, ин духтарат мешад, занат мешад, ки ин қадар алам кард?

— Гум шаве, дак...

Адолату модараш ғарибона дар ду паҳлӯи дар меистоданд. Баробари ҳамла кардани Сироҷ ҳарду худро даруни дар кашиданд. Вале Ҳаким даст аз ресмони бидонҳо бардошта як қадам ба сӯи ӯ монд. Сироҷ наздик шуду мушт андохт. Ҳаким – марди набарддида бо ӯ саромушто рафт. Дасти ӯро ба усули самбо ба пушт гардонда, ба банди пояш зада афтонд ва ба шикамаш зонукунда зад. Сироҷ ҳиш-ҳиш карда ҷонаш ба танг омад, вале даста надод. Сонӣ аз зӯрии дард ва алам наъра кашид.

— Номард! Куштӣ!

Ҳаким лаби поёнашро газида ӯро парӯ гардонд, баъд пояшро дароз карда аз назди бидонҳо ресмонро кашида гирифт, дасти ӯро баст ва ба по хезонд.

— Ана акнун даро! – ба дари мактабхона ишора карда гуфт ӯ.

Сироҷ худро ақиб кашид.

— Даро, охир, ҳаминро мехостӣ-ку?

— Ин чӣ гап аст? – овози зане ба гӯши Ҳаким расид. Баъд наздиктар омада ба Сироҷ таъна зад: – Худо ту ғӯли биёбониро гирад! Аз дасти ту рӯз ҳаст ё не?

Ҳаким ба гапи Ашӯра эътиборе надода Сироҷро то остонаи дар кашола кард.

— Ӯро куҷо мебаред, ако?

— Ин кас назди ҳамин занҳо даромаданӣ будаанд.

— Бар падарат лаънат, бетарбият! – гуфт Ашӯра ва ба Ҳаким мадад карданӣ шуда аз паси ӯ тела дод. Сироҷ ӯро лағат зад ва пойҳояшро ба остона тира монд. Ашӯра ба бари гӯши ӯ як торсакӣ зад. Ба хашм омад ва хам шуда таёқи Ҳакимро гирифта, ба хами пои Сироҷ фаровард. Пойҳои ӯ қат шуд. Баъд ҳамчун масти беёд ба зону афтид.

— Ош накун, манҷалақӣ! – ба Ашӯра дӯғ зад ӯ, – маро Сироҷ мегӯянд.

Ашӯра дар ғазаб шуда аз пои ӯ кашид.

— Фӯрмаҷон, ин ҷо надаронед! – илтиҷо кард модари Адолат.

— Мақсади ин кас ҳамин ҷо даромадан будааст.

Сипас он ду ҷавон, ки то ин вақт худро бетараф гирифта меистоданд, наздик омада илтимос карданд. – Монед равад, дигар намекунад.

— Ин хар фақат дар гӯристон тавба мекунад, – ҷавоб дод Ашӯра ва «канӣ, аз дасту пояш бардоред», – гӯён хоҳиш кард.

— Мо чӣ кор дорем!

— Набошад, равед!

Ашӯра боз ба ғазаб омад ва аз як пои ӯ дошта кашид.

— Не, истед, хуҳарам.

Ҳаким аз миёни ӯ даст андохта, озод бардошт ва ба хоначае бурда партофт.

— Мон, чанд вақт адаб омӯзад, – гуфт, баъд берун баромада ба дар қуфл зад ва калидро ба кисаи яктакаш андохт. Рафта бидонҳоро даровард ва бидонҳои холиро ба пушти харҳо бор баст.

Сари субҳ авлоди даҳанкалонҳо аз ин асрор воқиф гашта, ба дари мактабхона ҳуҷум карданд.

— Бешӯӣ кашидед?!

— Фӯрмаатон бо ҳамин роҳ ба шӯ расиданист?!

— Ба худаш муносиб ягон мардакро ёбад!

— Вай ёлиқи Сироҷи мо не!

Бечораи занҳо чӣ ҷавоб доданро намедонистанд. Хешони Сироҷ турми дари ҳавлиро бароварда, даромаданд, «қанчиқҳо» гӯён ба занҳо дарафтиданд.

— Ба шумо хизмат мекунем гуфта гунаҳгор шудем? – гӯё ки онҳоро тела медода бошад, дастонашро пеш бурда гуфт Адолат.

— Хизмататон ҳамин? Мардҳоро бероҳа кунед, баъд ба доми бало андозед? – дод зад занаки шаттоҳсурате.

— Рӯякам сиёҳ, тӯҳмат накун! – ба гап ҳамроҳ шуд модари Адолат.

— Боз ин чӣ гап?! – аз дари ҳавлӣ даромада гуфт Ашӯра.

— Апаҷон, инҳо моро шарманда карданд! – Адолат Ашӯраро дида хориаш омад ва гирист.

— Ба инҳо баробар нашавед. Инҳо одат кардагӣ. – Адолатро ба хона даровarда гуфт Ашӯра.

— Ба мо чӣ шудааст? Ҳаромхиштак нестем-ку! – фарёд зад занак.

— Ба коратон равед. Ин ҷо ҷои ҷанг не!

— Гала қанчиқҳо як шуда Сироҷи моро куҷо бурдед?

— Ба нарсаги Сироҷатон гӯед, ки аз паси «қанчиқҳо» наояд!

— Ту ҳаф-ҳаф накун, пирдухтар, ки оби рӯта оби ҷӯ мекунам!

— Ман инро медонам. Шумо киро мақол накарда будед? Аз чархи осиёи шумо, фӯтақушқоракҳо, кӣ хушк баромада буд?!

— Ӯ, то ба фӯтақушқоракҳо баробар шудани ту думи шутур ба замин мерасад!

— Ҳа, апаҷон, ақли фӯтақушқоракҳо як умр думи шутур барин калта.

— Ақли ту дароз шуда чӣ кор кардӣ? Сарлуч шудӣ, аспсавор шудӣ, миёни мардон шудӣ, ном баровардӣ. Дигар кӣ шудӣ, чӣ шудӣ? Анаю! Ёфтӣ ба кӣ часпиданата. Сироҷи мо безан намемонад... Вай ту барин не...

— Гум шавед аз ин ҷо, ин ҷо корхона аст!

— Намеравам! То Сироҷама наёбам, намеравам!

Ҳамин вақт «иш-иш»-и Ҳаким баромад.

Занак ҳамаро монда ба вай часпид:

— Буққаи зотӣ, ширу қаймоқи фӯрма маст кард чӣ?

Ҳаким як ба ӯ нигоҳ кард ва ҷавобе надода бидонҳоро фаровардан гирифт.

— Бонуюю Фӯрма кам буд, ки боз инҳоро ҷамъ карда, маймунбозӣ мекунӣ!

Ҳаким ба гапҳои ӯ аҳамият намедод, вале Ашӯра ларзида рафт.

— Ҳолӣ ту чӣ гуфтӣ? – ба занак наздик омада, гуфт Ашӯра.– Ин қадар аз даҳонат бӯи нохуш меояд?

— Худоноумедҳо, чӣ гуфта Сироҷа қава мекунед?

— Сироҷ ба ту кӣ мешавад, ки ин қадар худатро ҳаштлахт мекунӣ? Сироҷ оча дорад, хоҳар дорад. Канӣ? Ба ту чӣ? Дар сояи ғафс нишаста гови парворӣ барин рӯған бастаӣ, мардумро намемонӣ кор кунанд. Ҳамин ширҳо туруш шавад, ҳамаашро дар гардани туву Сироҷат начӯт мекунам.

— Ман шир хӯрда одат накардаам... Баъд, Сироҷ ба ман кӣ мешаваду кӣ намешавад, кори ту набошад. Ҳаким ба ту кӣ мешавад, ки ин қадар аз думаш канда намешавӣ?

— Уӯ, хуҳарак, худатро дон, ба дигарон корат набошад,– каме рост шуда гуфт Ҳаким.

— Мардум рӯирост ҳар кор кунанд, гап не, лекин Сироҷ аз дари ин қанчиқҳо як бор «ҳой» гуфта, дар бало монд-а?

— Гап назанед, ако, меҷакад-меҷакад, монда ки шуд, меравад.

— Намерам, то ёфта надиҳӣ, намерам!

— Набошад, туро пеши вай барем?

Занак чӣ гуфтанашро надонист.

Ҳаким ҳамаи бидонҳоро даровард. Адолат сепарат гардонд. Ашӯра ҳамаро аз дар берун карда дарро баст.

Занак чӣ кор карданашро надониста, асои беруни дар мондаи Ҳакимро бардошта ба фарқи сари харҳо фаровардан гирифт. Ҳаким ин ҳолро аз роғи болои дар дида башаст баромад ва таёқро аз дасти ӯ даррабуд. Занак дод зад:

— Ёрӣ диҳед, мардаки номаҳрам маро кууушт!!!

— Ё наъузан биллоҳ! Худоё, аз тӯҳмати ногаҳону аз ин балои охирзамон нигоҳ дор!..

## 26

Ҳаким дар ин солҳои наздик ду бор сахт хафа шуд: соли гум шудани ҷуволи гандум ва имрӯз; ғазабӣ ҳам шуд ва бо як зуъм харҳоро пеш андохта ба кӯҳ рафт. Сироҷ ҳоло ҳам дар синф ба ҳукми зиндонӣ буд ва занак дар паси дари ҳавлӣ бадгӯӣ дошт.

Ҳаким ба хар савор нашуд. Кӯҳтали Сафедхокро пиёда баромад ва он қадар арақ кард, ки ҳеҷ гоҳ либосаш ба ин андоза тар нашуда буд. Шояд аз қаҳру ғазаб ва ё аз андешаҳои зиёд арақшор гашта буд:

«Ҳаа... ана мардум дар бораи чӣ андеша мекардаанд... Ман кӯрнамакӣ нашавад гуфта, ба Ашӯра ёрӣ диҳам, то танҳоиашро ҳис накунад, онҳо ӯро ба ман хушдор кардаанд. Ашӯраи бечора... Айби худаш ҳам ҳаст. Чаро шавҳар намекунад? «Туф кунӣ, ба зани бева мечаспад» мегӯянд. Бонуи ман ин гапро фаҳмад, хафа мешавад. Як гӯсолаи рихин подаро ҳаром мекунад. Як даҳан гапи занаки шаттоҳ як деҳа мешавад, баъд колхозро фаро мегирад. Ихлоси мардум аз ман гардад ҳам, айбе надорад. Ман «гандумдузд», ман «занакабоз», ман «фермаро мехӯрам»... бо тӯҳмат ҳам аз маърака берун шудан мумкин аст. Ҳатто аз пушти як Сироҷи тухмдузду бадмаст ман бадном мешавам. Худо умратро диҳад, бачча... Хайр, деҳаи мо кай аз гап холӣ буд? Одам ҳаст, гап ҳаст... Хайр, ман мард. Сироҷро мефаҳмам, ӯ маст ҳам буд, лекин ба

вай занаки шаттоҳ чӣ? Гуфти Ашӯра: «Ба ту чӣ? Занаш набошӣ, хоҳараш набошӣ, холабаччая бачеш. Боз ба замин шишта дасту по ҳам мезанад. Рӯт сиёҳ бешарм...»

Ҳаким тамоми роҳ андеша карда мерафт, худ ба худ гап мезад, баъд ба хулосае омад, ки Ашӯра биёяд, маслиҳат карда аз ферма равад...

Шабонгаҳ. Ҳаким аз сои Чуқур гузашту борон ҳам дона кард; баъдончунон борид, ки дар нишебии Сафедхок по монда намешуд; пои харҳо мелағжид, мӯзаи Ҳаким мепартофт. Ӯ асояшро ба замин тира карда, лағжидаю афтида фаромад, вале хари думкалтаи колхоз пойҳояшро дошта натавонист. Ду пои пешаш паст лағжид ва худаш мисли тулум (тюлен) ба шикам хоб рафт. Пешонаи Ҳаким сард шуд, баъд рафта харро бардоштан хост, хар талвосаи хестан карда пасттар ғечид. Илоҷи пойҳои харро қат карда хезондан набуд. Ҳаким харро то хамгашти роҳ вазза кашида, фуровард. Бидонҳо ба кӯрсангҳои роҳ бархӯрда садо мебароварданд. Ӯ нафасашро рост кард. Пешонии дардгирифтаашро араққи сард пахш кард. Ӯ гӯё бо мушкилоте дастогиребон бошад, нафасаш якка шуд. Сипас ҳангоми хам шудан як нафаси дароз бароварда, поҳои пеши харро қат кард ва аз думи калтааш бардошт. Хар як ҳамла кард. Хеста натавонист. Ӯ бо асо ба думғозаи хар зад ва бошаст аз думаш бардошта «Ихххх!» гуфт. Боз нашуд. Ресмонро кушода бидонҳоро гирифт ва харро хезонд. Хар меларзид. Либосҳои Ҳаким ба баданаш часпида буд. Ларзиши пойҳои ӯ низ ҳис мешуд. Атроф ончунон торик буд, ки Ҳаким на харҳои дигарро медид ва на садои пои онҳоро мешунид.

Ӯ аз ду гӯшаки бидони пуршир ресмон гузаронида, як гиреҳ кард, баъд бардошта ба паҳлӯи рости полон гузошт ва нӯги ресмонро зери пояш гирифт. Бидони дуюмро бо дасти рост кашида каме бардошт ва бо ёрии зонуи рост ба паҳлӯи чапи полон ва ҳамон зайл рӯи зонуяш дошта як нӯги ресмонро аз зери пой кашида, аз байни гӯшакҳо давр занонд ва ба нӯги ресмоне, ки дар зери пой медошт, баст ва каме фаровард. Сипас пордум гирифта харро ронд. Аввал хар ду-се чамид. Баъд ба роҳ даромад. Ҳаким ба сағрии вай чӯб зад, то тезтар гардад, вале роҳи лағжон имкон намедод. Ӯ тамоми тӯли роҳ нигоҳ кард, ки харҳо наафтида бошанд.

Вақте ки пули рӯи ҷӯро гузашта ба дари мактабхонаи кӯҳна омад, Рафоатро дид, ки чатр гирифта пеши харҳоро гардонда меистод. Дили Ҳаким бардошта шуд. Табассум ҳам кард.

— Раҳмат, хуҳарак, ман хеле парешон будам, ки харҳо гузашта мераванд.

— Ман медонистам, ки ҳамин вақт меоед, баромадам. Вай-вайе, тар шудед, – гуфт занак ва паҳлӯи хар гузашт, то бидонҳоро фуроранд.

— Худам мефурорам, шумо тар мешавед, – одоб кард Ҳаким.

— Ҳеҷ гап не, дукаса тезтар мешавад.

Рафоат дар зери нури равзанаи хонаи ҳамсоя як назар дид, ки аз бадани Ҳаким бухор мебарояд. Гӯё дилаш реш гашт, сар ҷунбонд. Ба духтараш садо дод:

— Адолат, Адолатҷон, дардат занад, як алови аланга кун, акот ба зери об мондаанд, оби ҷӯш ҳам мон!

Ҳаким зуд бидонҳоро даровард ва дастон ба оташ тоб дода гарм шуд. Бухори ҷомаи ӯ мисли ҳаври адирҳои аз зери барф раҳошуда мебаромад.

— Акнун ман хона рафта либосамро дигар карда меоям,– гуфта Ҳаким бархост.

— Ҳоло борон намондааст, боз тар мешавед, беҳтараш, ҷомаатонро кашида диҳед, ман хушк мекунам, – гуфт Рафоат.

— Нее, раҳмат.

— Шумо бегона ҳисоб накунед. Ана назди Садорат даромада, дам гиред. Ман либосатонро хушк мекунам.

Дар оташдони ошхонаи Мулло Турсунӣ оташ аланга мезад. Рафоат боз дар оташ зардакӣ мегузошт. Акнун худи Ҳаким ҷомаро кашида ба оташ медошт. Куртаю эзори ӯ ҳам тар буд.

— Ба ман диҳеду шумо худатонро хушк кунед, – боз ҳохиш кард занак.

Ҳаким ин дафъа сухани ӯро накушт. Акнун пушту пеш гардонда куртаву эзорашро хушк мекард.

Хомӯш буданд. Садои сепарат меомад. Гӯё бадани Ҳаким гарм шуда, ҳушаш ба сар омад, ки пурсид:

— Авбошро сар доданд?

— Не, милиса омада ба район бурд.

— Кори хуб нашудааст.

— Ҳа, аз мо хеле гап пурсид. Лозим шавед, омада мебарем, гуфт, – астари ҷомаро ба оташ гардонда гуфт занак.

— Лекин бо ин корҳо вай одам намешавад, – фикрашро баён кард Ҳаким.

Гӯё мавзӯи сӯҳбати онҳо тамом шуд. Хеле хомӯш монданд. Деҳа ҳам ором буд, фақат садои борон, овози оби тарновҳо ва шақар-шақари сепарат ба гӯш мерасид. Вағ-вағ сӯхтани зардакӣ ва қирс-қирси шохчаҳои он наздиктар аз садоҳои дигар буд.

— Қисмати духтарам ҳам айнан мисли худам шуд, – гӯё ки Ҳаким аз ӯ пурсида бошад, ба гап даромад занак. Ҳаким ҳам хомӯш истод, ки занак боз чӣ мегӯяд:

— Ягон вакт танҳо ба танҳо шинем, ҳамаашро мегӯям.

— Ҳозир ҳам танҳо-ку?

— Ҳозир дер шуд. Адолат монда шуд. Ман ёрӣ медиҳам.

— Гап занед, хуҳар, баъд ман ёрӣ медиҳам.

— Ин хел нагӯед, «хуҳар» нагӯед.

— Чӣ-ба?

— Ман... ман.. – сухан дар гулӯи ӯ печ хӯрд.

— Аз ман хавф набаред...

— Мефаҳмам. Ман бояд ба шумо як чизро гӯям... Шумо маро маломат накунед. Ман аз навозиши мард ва аз дидори ӯ сер нашудаам.

Рафоат тоқати нишастан накарда, бархост ва ҷомаи хушкшударо ба китфи Ҳаким партофта назди Адолат рафт.

— Мон…монда шудӣ, духтарам?

— Не.

— Монда шуда бошӣ, рав, хоб кун.

*— Таго, акнун гапи ман дар ферма намегузарад. Вай тирмизак нархи сабзиву пиёзро напурсида, ин хел рафтор кард, дигар ман бо ӯ маслиҳат карданӣ нестам. Лекин шумо гӯед, ки ин масъаларо ҳал кунад. Ҳал карда натавонад, ин дафъа худаш биёяд... Оҳ, чӣ хел баъзеҳо беандешаа! Наход, ки барои хеш шуда гӯру аъмолатро сӯзӣ. Як касро танг кунӣ, маҷбур кунӣ, ки аз ҷои баҳузураш беҳузур шавад... Мудири ферма нею, фарз кардем, раис мешуд. Боз ҳамин корашро мекард-дия, а, таго!*

*— Ҳамин хел, амак... Он гоҳ мудири анбор дигар мешуд.*

*— Барои чӣ? Барои чӣ ба дуртар нигоҳ намекунанд? Гӯё барои ман кор ёфт намешуда бошад. Беақл. Ашӯра мегуфт, ҳар сардор коргар гирифтан хоҳад, аввал наздиконашро ба ёд меорад. Аввал хеш в-он гаҳе дарвеш... Таго, шояд ин кор ҷои айб надошта бошад. Қонун будагист. Қонуни зиндагӣ будагист. Як кас ба каси дигар ҳеҷ бадӣ накардаасту ситорааш рост наомад. Ё ягон худширинкунак, назди сардор рафта, як ҳамкорашро бад мекунад, гапҳои набудаю нашударо ба номи ӯ мечаспонад... Ин хел роҳҳо бисёр. Одамизод махлуқи аҷоиб, таго...*

*— Шумо барои ҳамин кор хафа шудед? – аз ӯ гап мегирифтагӣ барин пурсид ронанда.*

*— Ман? Пфе, ман хафа мешудам. Охир ман ҳам одам, як шаби ҳалол хоб равам, хуб нест?.. Худо гӯед, ки саломатӣ аз даст наравад. Ман дар борам худам намегӯям, таго. Дар бораи ҳама, дар бораи ҳар кас, дар бораи одам мегӯям.*

*— Ин гап дар ҳама ҷо ҳаст, амак. Ин чизро ҳар кас медонад, ҳама мехоҳанд, ки ягон кори хайр кунанд. Лекин ҷояш ояд, танг карда меистанд. Кори аз дасташон меомадагиро намекунанд.*

*— Дар хуни одамӣ як чиз ҳаст-дия, табибон ҳаминро наёфта истодаанд, лекин меёбанд...*

Ба гуфти Ҳаким, умри ӯ дар раҳу рӯ мегузарад. Ва ҳар боре, ки дар як ғояти шаб ва ё қариби субҳдам ба овул расид, Бону шукр мекунад, ки Дарвозаву дараҳоро сиҳҳату саломат гузашта омада-

аст. Шабонгаҳ моҳу ситораҳо қадамзании ӯро мешумуранд, гоҳе як тумани тираи ғафс ӯро ҷома мешавад ва борон дар қатраҳои нуқрафом ӯро ғусл медорад. Чун харҳо дар нишебиҳо шуданд, аз ҳавзаки сарпӯши бидонҳо об мешорад. Ва ӯ тамоми роҳ фикр мекунад: дар бораи ҷанг, дар бораи зиндагӣ, кору бор, аз хусуси он, ки чандин сол гузашт, фарзандони ӯ ҳафт нафар шуданд ва ҳоло ҳам сирри гум шудани гандуми ҷуволи алоро касе намедонад. Андешаҳои ӯ мисли солаш рӯз то рӯз зиёд мешаванд; акнун андешаи гапи мардум, ки чаро дар бораи Ашӯра ин хел фикр мекунанд ва андешаи гапи Рафоат, ки ман аз навозиши мард сер нашудаам мегӯяд. Ва чаро ин хел мегӯяд, Ҳаким намефаҳмад. Тариву намии фаслҳо гӯё ба устухони сахт ва обутобёфтаи Ҳаким кора кард. Аввал буҷулаки пои росташ, ки тир зада буд ва дар госпитал ҷарроҳӣ карда, устухонрезаҳоро гирифта буданд, дард ёфта, ду-се рӯз лангид. Сонӣ бозуи чапаш варам карда, зери пӯст ба қадри донаи зардолу сангсифат ғуре пайдо шуд. Баъди азоби чандрӯза ғур сар овард. Пиёзро зери кӯр карда бастанд. Сипас аз зӯрии қувваи мардак бошад, ки аз байни захми пухта ба сони сангчаи сиёҳ оҳанпора баромад. Бону оҳанпорaро гирифта, як ба шавҳараш нигарист ва зуд аз қаймоқу орд марҳам карда ба захм баст. Ҳаким хандида меистод, ки ҳам дардро ҳис накунад ва ҳам дили занаш ганда нашавад; гӯё ҷангро кайҳо фаромӯш карда, ғами зиндагиро мехӯрад. Ду рӯз касе ширро накашонд. Рӯзи сеюм боз худаш бурд. Рафоат ӯро пешвоз гирифт ва Садорат тозон баромад.

— Бобо, бобо, чаро дер омадед?

— Дастам касал шуд, ҷони бобо.

— Ээ мурад, – дилсӯзӣ кард ӯ, момояш ба ҷои ӯ шарм дошт. Ҳаким хандид.

Рафоат ҳам пурсид:

— Чӣ хел касал шудед?

— Нишонаҳои ҷанг аз баданам рӯ зада истодааст, – ба даст ишора кард ӯ, баъд оҳанпора баромаданашро гуфт. Рафоат хеле ба фикр рафт. Гулӯяш пур аз гиря шуд, вале илоҷе карда фурӯ нишонд.

— Илоҳӣ, номи ҷанг аз ҷаҳон гум шавад;

— Шумо ҳам...

— Дадаи Адолат... Гулоб...

— Чӣ?

— Гулоб.

— Гулоб?!

— Ҳа, Гулоб, рафту аз паяш хати сиёҳ омад.

Ҳаким ба андеша рафт ва пас аз фурсатҳо пурсид:

— Ҳамун Гулоби хонанда?

— Ҳа... Шумо ӯро дида будед?

— Дида будам. Қаҳрамониашро ҳам медонам.

— Як ҷо будетон?

— Аввалҳо як ҷо будем, баъд ӯро бурданд.

— Вай ба шумо ҳеҷ чиз нагуфта буд?

— Гуфта буд, ҳамроҳ бармегардем гуфта буд.

Адолат маънии сӯҳбати онҳоро пай бурда, наздиктар омад.

— Ако, кӣ «ҳамроҳ бармегардем» гуфта буд? – пурсид ӯ.

— Дар ҷанг як ҷӯра доштам, рӯзи ҷудоӣ ҳамин хел гуфта буд.

— Ман хаёл кардам, ки дар бораи дадаи ман мегӯед.

Ҳаким ба Рафоат нигоҳ кард ва худро даст гирифта натавониста, болои ғӯлачӯб нишаст. Адолат баргашта ба сепаратхона даромад.

Рафоат аз паҳлӯи мардак гузашт ва аз пушти гардан ӯро оғӯш карда гирист.

— Ин хел накун, хуҳарак, хуб нест.

— Медонед, ман чанд сол боз ӯро интизор? Бист сол.

— Боз интизор шав.

Рафоат ӯро сахт ба танг гирифт, баъд сар дода назди духтараш рафт.

Ҳаким аз банди андеша раста, бархост. Ин дам ду зани сатилбадаст аз дари мактабхонаи кӯҳна даромаданд ва фурсате нагузашта, сатилҳоро пур аз шир карда рафтанд.

— Ин чӣ хел? – пурсид Ҳаким.

— Ҳамин хел. Акнун шири аз сепарат баромадаро ба колхозчиҳо медиҳанд.

Вале Ҳаким пас аз чанд рӯз ҳодисаи дигареро дид: вақте ки аз болои пули ҷӯй мегузашт, оби онро ба сони шир сафед дид. Ҳайрон шуд. Ба мактабхона расида дид, ки шири бидонро ба об рехта истодаанд.

— Ӯӯ, шумо чӣ кор мекунед? – бори харҳоро нафароварда дод зад ӯ.

— Ҳамин хел фармон шуд. Ҳама сер шудаанд, шири беравған ба касе лозим набудааст. Қурут дар анбор кирм кардааст, касе нигоҳ намекунад, мегӯянд. Фақат чорукдӯзак барои гӯсолаи сағирааш як сатил шир мебарад.

— Хуҳарам, хама чиз гузарон аст. Гушна будем, сер шудем, боз беҳтар мешавем, вале ношукрӣ кардан хуб нест, – гуфт ӯ ва назди харҳо рафт, то аз зери бор раҳояшон кунад. Ҳаким тафсидан ва ҳатто сурх шуданашро ҳис кард.

«Ҳу, маст-дия, маст. Мӯрча нагазидааст, – ресмони бидонҳоро кушода фикр мекард ӯ. – Наход ширро ба об резед. Ман барои ҳамин ин қадар ҷон меканам? Барои ҳамин умрамро кӯтоҳ мекунам? Ҳамин хел-а? Ман мисли дигарон одам не-дия, ба ман хоб, роҳат лозим не-дия! Лекин ба Ашӯра чӣ шуд? Наход худаш фар-

мон дода бошад? Гирад! Ман дигар шир намекашонам. Дигарон барин кор мекунам, шаб бароҳат хоб меравам... Аввал Ашӯраро бинам, баъд пеши раисаш меравам. Нашавад, ба район... Шир лозим набошад, беҳтараш надӯшанд, монанд гӯсолаҳо хӯранд. Баъд ин занҳои бечораро овора кардан чӣ ҳоҷат буд? Бе ин ҳам он қадар хурсанд набудаанд... Тавба, як фӯрма одамро овора куниву ширро ба об сар диҳӣ...»

— Чӣ гуфтед, ако? – сухани охирини ӯро фаҳмида гуфт занак.

— Ҳеҷ чиз, хуҳарак, ҳамту ба худам...

Ҳаким сари ҷаҳл бидонҳоро дароварда ва ҳарфе нагуфта баромада рафт. Ашӯраро ҷуста, наёфт. Баъд омада, бидонҳои холиро бор кард ва ҳангоми сафар, гӯё ки бо занак ҷангӣ бошад, харҳоро пеш андохта, қадамашро боздошта гуфт:

— Хуҳарак, фӯрма биёяд, гӯй, ки Ҳаким дигар шир намеорад.

— Шумо аз ман хафа нашавед. Ман ҳам инро намехоҳам.

— Не, хуҳарак, аз ту чӣ хафа мешавам, аз дасти ману ту чӣ меояд?

— Лекин шумо набояд ин хел рафтор кунед, ҳар рӯз бояд биёед...

## 28

Ҳаким чанд рӯз шир накашонд. Боз ҳезумкашонӣ кард ва занҳо дар дегҳои хурд шир пухта, ҷурғот хобонданд. Дар ин рӯзҳо ҳезумчиҳо ва роҳгузарҳо ҷурғотро серӣ диданд, вале як бегоҳирӯзӣ Ашӯра асп монда омад, довталаб омад. Ҳамин ки Ҳакимро дид, дамаш фурӯ нишаст. Пас бо овози нарм ба гап даромад.

— Ако, барои чӣ ин хел кардед?

— Хуҳарам-муаллима, аз худат гап намемонад...

— Ако, шумо бояд маро ёфта мепурсидед... Ман дар ин масъала фикр кардам, бо раис маслиҳат ҳам кардам. Гуфт, ки ба об рез. Лекин ба Адолат гуфтам, ки ҳар рӯз чӣ қадар ба об рехтанатро навис, акт ҳам мекунем.

— Хуҳарам-муаллима, ба ман ин хел нафаҳмонданд. Аз рӯи фаҳмидаам, фармон шудааст... Акнун ба мо ҷавоб деҳ. Бону вазнин...

— Ако, бе ҳамин ҳам сарам гаранг аст, чӣ кор карданамро намедонам. Ба ҷои ёрӣ...

— Ассалому алайкум, – аз дари хиргоҳ сар хаста, одоб кард Зироат. – Фӯрмаҷон хуб ҳастед? Даракатон не?

— Ғами зимистон, нав се чоҳ махлут кардем. Коҳу беда дар саҳро. Мошин намерасад. Як тележка ҳаст, ки кунғузҳо барин меҷунбад. Апаҷон, бед бидонҳоро тоза шӯем, шаб шир мебаранд.

— Як пиёла чой хӯред, баъд, – хоҳиш кард Бону.

— Баъд мехӯрем.

Ашӯраву Зироат бидонҳоро лаби об фароварда мешустанд, Зироат рамуз гирифтанӣ шуда чанд бор ба Ашӯра нигарист. Баъд:

— Коргарҳои наватон читу? – гуфта пурсид.

— Кадомашон?

— Сепаратчиҳо.

— Нағз. Лаънатии Сироҷ як шаб ба сари бечораҳо омада, ҳамаро ба бузбозӣ андохт.

— Майлаш-дия, кам мешад-чӣ?

— Намуред шумо.

— Рост-дия! Худо барои ҳамин ду ҷинс офаридааст. Набошад, зан ба зан чӣ лозим? Духтуратон ҳам дигар намеояд-а?

— Меомадагист-дия.

— Хонаашон рафт?

— Ҳа.

— Мардаки хуб барин.

— Кӣ медонад.

— Ҳаа, ҷони ширин, шумо ба мард аҳамият намедиҳед. Мард махлуқи аҷиб аст, ба ғайр аз шӯи ман ҳама мардҳо аҷиб.

— Аз ҳама шӯи шумо одами хуб, апа, ҷанг надорад, бонг надорад, худатон хӯҷаин...

— Хамин хелуу, сабил монад, боз дил-дия!

— Дилро идора кардан мумкин.

— То кай идора мекунед, як рӯз не, як рӯз мекафад.

Ашӯра дигар чизе нагуфт. Зироат ҳам. Гӯё ҳарду ба садои оби рӯд гӯш медоданд.

Пода омад. Боз садои ба сатилҳо бархӯрдани шири говҳо баромад. Гови Ало ҳам нисфи пӯсти пуркоҳро мелесид. Навбасти порсолаи ӯ гоҳ-гоҳ хумор карда аз куҷое пайдо мешуд. Овулгоҳи даҳонаи Бошахона мисли Санги Сипар он қадар зебо набошад ҳам, дар паҳлӯяш як қири баланди Хоҷа Қисматро дорад, ки теғи офтоб пеш аз ҳама ба теғаи он мезанад. Ва дар доманаи ин кӯҳ мазори Хоҷа воқест. Арчазор аст, туғу сиёҳдарахт дорад. Чун офтоб гашт кард, сояи ин теғаи баланд ба рӯи овул меафтад. Ҳоло моҳ рост ба овул нигоҳ мекунад. Дар ин шабонгаҳ овул мисле метобад, ки дар афсонаҳо ҳаст. Гӯё дар ин ҷо тоифае умр ба сар мебарад ва бозургони Ҳаким ҳар шаб ва ҳар субҳ корвон ба сафар мебандад ва бозмегардад. Имшаб ҳам корвон ба сафар баромад, вале пои Ҳаким пеш намекашад. Харҳо ҳамвора мераванд. Ҳаким ба хаёл банд буд. Дар даромадгоҳи деҳа ӯро садои роҳзане як қад парронд.

— Ҳаким?!

Ӯро касе дар деҳа ин тарз ном намебурд, ё Абдуҳаким ва ё Ҳакимбой мегуфт. Мардак хавферо пай бурдагӣ барин.

— Не, Муҳаммадмурод, – гуфт.
— Ун лаънатӣ куҷо шуд?
— Бетоб шуд.
— Толеаш будаст-дия, – гӯён таёқи гаронеро ба замин зад ва якбора Ҳакимро дар партави моҳ шинохта наъра зад:
— Ҳаад! – гӯён таёқ андохт.

Ҳаким реб дод ва чусту чолок аз банди дасти ӯ дошт. Фурсати гап нашуда, ба сурини рост гирифта ба замин зад. Сироҷ боз наъра кашид. Ҳаким пояшро ба гулӯи ӯ гузошт. Сироҷ дандон зада чоруқи пои ӯро газиданӣ мешуд, наметавонист. Баъд бо ангуштонаш рони ӯро дошта, фишурд. Ҳаким ором аз миён чилбурро кушод. Сипас дастони ӯро бо зӯрӣ якҷоя баст. Сироҷ ҳаракат мекард, ки ақаллан чизе гӯяд, наметавонист. Ҳаким бо машаққате ӯро чӯпонӣ куллук кард. Бо дасти бастааш зонуяшро оғӯш кунонд, баъд аз байни дасту хами пои Сироҷ таёқашро гузаронд. Дар зери обу арақ монд. Пас араќи пешонӣ пок карда, хест ва ба гап даромад:
— Ана акнун гургҳо хомталошат кунанд!

Сироҷ ин гапро шунида, ба худ омад:
— Акоҷон, тавба кардам, балотона гирам, умри баччаҳотона диҳад, – беилоҷ будани корашро дониста, ба зорӣ даромад ӯ.

Вале Ҳаким гӯё бераҳмтарин одами дунё бошад, лом нагуфта ӯро ба ҳолаш вогузошта рафт. Ӯ тохт, гӯё аз Сироҷ мегурехт, то назди мактабхонаи кӯҳна бошитоб омад. Зери обу арақ буд.

Ин бор ҳам Рафоат харҳоро дошта меистод. Ӯ ниҳоят нарм ва хастаҳол ба Ҳаким салом дод ва баъд илова кард:
— Ҷудо парешон кардед. Кӯҳистон, кас метарсад.
— Ҳаа, хуҳарак, кӯҳистон нокасон ҳам дорад, лекин одамонаш бисёр софдиланд.

Рафоат ба гапи ӯ сарфаҳм нарафт, ба бидонфарорӣ ёрӣ надода, ба хона даромад, то сепаратро соз кунад. То ҷунбуҷӯли ӯ Ҳаким бидонҳоро кашонд.
— Шумо шир намеоред гуфта Адолатҷон духтарчаашро гирифта ба район рафт, – танҳо буданашро фаҳмонд ӯ.
— Шумо нарафтед?
— Не, ман шумо сарсон нашавед гуфта, нарафтам.
— Аз куҷо медонистед, ки ман меоям?
— Хоб дидам. Қариб ҳар шаб хоб мебинам. Шумо бовар намекунед. Хоб мебинам, ки шумо ҳар вақт маро хабаргирӣ меоед. Меҳрубон, хандон ҳастед. Хеле бо ман сӯҳбат мекунед. Ва дар охир мепурсед, ки «Акнун ман равам, дер шуд». Ман боз кай омаданатонро мепурсам. «Ҳар вақт, ҳар лаҳза меоям» мегӯед. Лекин дар бедориам шумо ин хеле не.

Ҳаким таъбири хоби ӯро нагуфта ботинаш туғён кард. Бархоста берун шуд, рафта, харҳоро хабар гирифт, баъд пеши назараш омад, ки галаи гургон Сироҷро ба хамие кашида хомталош

мекунанд. Қалбаш сахт-сахт тапид. Боз ба дар омада ба Рафоат мурочиат кард:

— Хуҳарак, дарро занчир кунед, як чо рафта меоям.

— Ман умед доштам, ки шумо мана танҳо намемонед.

— Зуд меоям.

— Набошад, дар яла меистад.

— Не, маҳкам кунед.

Ҳаким аз дар баромад ва ба адири канори деҳа рост шуд. Ниҳоят тез мерафт ва баъзан таёқро ба замин тир карда, ду-се қадам зада, боло мебаромад. Болотар аз ӯ садое баромад. Ҳаким қарор гирифта, гӯш дод, боз пеш рафт. Сироҷ дар ҷое, ки ӯ куллук карда буд, набуд. Аз хамӣ овоз баромад, баъд садои гиря ба гӯш расид. Ҳаким наздиктар рафта гӯш дод:

— Худоё, чӣ бадӣ кардам, ки ба ин ҳол гирифтор кардӣ... Ҳаа худо, ин рӯзро ба одамони бад ҳам нишон медодӣ! Медидам, беормон мемурдам. Ин дам ягон худоҷӯ ҳам нест, ки ба ёрии ман расад. Хайр... Рӯз мешудагист... Ба дастам меафтидагист... Нобакор фиреб кард... Авлоди Ёрчаҳо ҳамту намемонад, сад пушт гузарад ҳам, қасосашро мегирад... Ӯӯӯ, ёрӣ диҳед... Дастакам шикаст, очаҷон!

Ҳаким дигар тоқат наоварда сурфид ва пеш рафта қасдан сурфид. Овози Сироҷ хомӯш шуд.

— Кистӣ? – пурсид ӯ овозашро дигар карда.

— Сироҷиддин.

— Чӣ шуд?

— Занғари Ҳаким зада ғалтонд ва куллук карда рафт.

— Кадом Ҳаким?

Сироҷ овози ӯро шинохт, ки хомӯш монд, баъд ба гап омад:

— Ёрӣ диҳед, бародар, як гуноҳу сад тавба, ки дигар ба ягон кас бадӣ кунам.

— Кӣ туро баст?

— Акоҷон, раҳм кунед, ба худо, дастам шикаст, ҷунбида наметавонам, нӯги таёқ ҳам ба замин ғӯтидааст.

— Сироҷ, қасам нахур, бадӣ ва бадмастӣ дар хуни ту ҷой гирифтааст, боз бадкорӣ мекунӣ.

— Не, ако.

— Инро ба касе гӯй, ки туро нашносад.

— Бовар кунед, акоҷон, мурдам!

— Бовар намекунам. Ту лафз надорӣ!

— Ако, модарбазино бошам, агар ба касе бадӣ кунам!

Ҳаким ба андеша рафт, баъд ба ӯ наздик омада таёқро аз хами пою байни дастони бастаи ӯ кашида гирифт. Поҳои ӯ дарёзиданд. Сироҷ як нафаси дароз гирифт ва талвосаи хестан кард. Ҳаким аз дасти ӯ бардошт. Сироҷ рост шуд. Дастонаш баста буданд.

— Сироҷ.

— Ҳа.

— Ту дар зиндагӣ чӣ фикру хаёл дорӣ?

— Ман дар зиндагӣ фикре надорам. То ин вақт фикр мекардам, ки зӯр фақат манам, касе дасти маро қат карда наметавонад...

— Агар ба роҳи худ бошӣ, ба кори худ бошӣ, касе дасти туро қат карда наметавонад.

— Чаро пештар нагуфтед?

— Гуфтам ва бисёр касон гуфтанд, гӯш накардӣ.

— Набошад, сари ҷаҳл гуфтаанд, насиҳат накардаанд.

— Шояд.

Онҳо ба мактабхонаи кӯҳна наздик шуданд. Ҳаким хоҳиш кард, ки Сироҷ дарояд. Ӯ рад кард. Ҳаким дарро кӯфт. Занак занҷири дарро кушод.

— Даро-даро,натарс, гуфтӣ-ку, гапи шуморо намегардонам? Сироҷ ноилоҷ даромад.

Рафоат дасти пешбастаи ӯро дида ҳайрон шуд ва ба Ҳаким нигарист. Мардак чашмакӣ зад. Ба сепаратхона даромаданд. Ӯ дасти Сироҷро кушод. Дар банди дастонаш чилбур нақш гузошта буд.

— Хуҳарак, чой доред?

— Ҳозир мемонам.

— Сироҷ, дастонат кор мекунанд?

— Карахт барин.

— Каме сепаратро тоб те, гиро мешаванд. Хунат камҳаракат шудааст.

Сироҷ аввал оҳиста-оҳиста дастаи сепаратро тоб дод, хеле тоб дод, баъд гарм шуда авҷ гирифт. Ҳаким ба дӯли сепарат шир мерехт.

Занак чой дам карда овард. Ӯ фурсат меҷуст, ки ба Ҳаким гӯяд: «Чаро ин авбошро овардед? Ман ба шумо гап доштам». Вале Ҳаким чунон вонамуд мекард, ки чизеро пай намебарад.

— Ако, ман доим ҳамин ҷо кор кунам-чӣ? – дар охир арз кард Сироҷ.

— Мумкин, – ҷавоб гардонд занак.

— Не, ба ту дигар кор меёбем. Ширкашонӣ маъқул не?

Сироҷ хеле ба андеша рафт, пас ҷавоб дод:

— Не, ако, ин кор ба ман намешавад.

— Хайр, кадом вақте ки маъқул шуд, биё. Ҳоло ёрӣ деҳ, ки бидонҳоро бор кунем...

Гӯё нигохи чашмони занак сару рӯи Ҳакимро ба зорӣ сила мекарданд: «Бигзор ин ҷавон равад, ту андаке ист» мегуфтанд, вале Ҳаким як марди гӯле буд, ки аз ҳаракатҳо ва ишораҳои ӯ чизе намефаҳмид.

— Шумо меравед? – оқибат худдорӣ карда натавоиист занак.

— Ҳа, то субҳ расам, набошад, шир дар бозгашт туруш мешавад...

## 29

Рӯзҳои охирини ширкашонӣ ба хулосае омаданд, ки соли оянда сепаратро ба овул баранд ва Ҳаким ҳам аз ин азоби роҳ халос шавад. Вале Ҳаким пас аз ин гуфтугӯ андаке ба хаёл рафт: «Дигар ин зан ба пешвози ман намебарояд ва наберааш ҳар пагоҳ «бобоҷон» гуфта ба сӯям наметозад. Вале духтари ҷавони ӯ чаро бетараф? Ман, ки омадам, ба сари сепарат метозад». Сипас ба муқоисаи модару духтар даромад. Рафоат зани резапайкари сафедрӯ ва аз чашмонаш оташ меборад, вале Адолат ҷавонзани гаронҷусса, парзадарӯ, фурӯтан ва дар қаъри чашмонаш як асрор ҳаст, ки дарёфтанаш амри муҳол. Ва ҳоло ҳам Ҳаким нафаҳмидааст, ки чаро Рафоат «тақдири ӯ ба тақдири ман монанд» гуфт; дар ин хусус касе нашунидааст.

Ҳаким аз Дарвоза гузашт. Теғи офтоб бо сари ӯ бозӣ мекард, гоҳ сараш зери сояи теппаҳо мемонд, гох дучори зардии офтоб мешуд. Мерафту мерафт, мисли солҳои умраш роҳ ба пас мемонд ва боз баъди соатҳо ҳамин роҳро тай карда меомад. Қадам ба қадам нигоҳ карда меомад, ки дар қолаби нақши пойҳояш ягон чиз наафтида бошад. Ҳо, фақат як чиз – умр. Вале Ҳаким онро намебинад. Мераваду меравад. Аз рафтанҳои ӯ роҳ миннатдор аст. Хоки роҳ нарм мешавад, гоҳ-гоҳ чанг мебарорад. Ва наъли харҳо суда шуда ва ё порае шикаста рӯи роҳ мемонад. Ҳаким онҳоро бероҳа мекунад ва гузашта меравад. Мераваду меравад. Ва баъзан барои худ як пайроҳаи хурд сохтанӣ шуда бо канори роҳ меравад, ки зери чанги суми харҳо намонад. Махсусан дар Чориф пайраҳа шакл гирифтааст ва ҳезумкашҳо ва роҳгузарҳои дигар ҳам бо ин пайраҳа мераванд. Дар зиндагӣ ҳам чунин: пайроҳаҳои нав пайдо мешаванд, ки аввал назарногир, баъд шоҳроҳ мегарданд. Баъзан чунин мешавад, ки роҳи кӯҳна хока ва хӯрда шудааст гуфта, бо пайраҳа бисёртар мегарданд, роҳи кӯҳна аз ёдҳо меравад ва оҳиста-оҳиста зери баргҳои алафҳо ва хасу хошокҳои канори роҳ мемонад.

Сентябр наздик аст, бачаҳои овул ҳам ғижжакбозиро бас карда бо ҳамин пайраҳа ба мактаб мераванд. Ҷасту хез карда мераванд ва чун муаллим «таътилатон чӣ хел гузашт?» гуфта пурсид, албатта якеи онҳо бори дигар ҳамин роҳро тасвир мекунад ва шояд зиракӣ карда пайраҳаи навро гӯяд.

Ҳаким ҳам бо пайраҳа меравад ва албатта фикр ҳам мекунад, ки ин рафтанҳо башумор аст. Тирамоҳ наздик, овулиён сӯи Сарой бор мебананд. Шири говҳо ҳам кам шуда истодааст, вале қай-

моқаш зиёд: чун пода ба дашт фаромада сарак, ки хӯрд, шираш ғафстар мешавад.

Ҳаким Сафедхокро фаромад ва асари рӯзи боронро дар канори роҳ дарёфт. Хеле вақт – як тобистони дароз гузашт, ҳоло ҳам нақш гум нашудааст. «Дар ин ҷо лаънатии хари калта афтид, то ҷуволи гандумро аз нав бор кардам, ки хару гандумро дуздиданд, ана инаш доғ, ҳоло ҳам доғ. Ба кӣ мегӯӣ. Наход ҳоло ҳам фаромӯш накарда бошанд? Хайр. Ба ҳар ҳол ман нахӯрдаам. Ман рост бошам, парронанд ҳам хурсанд, мемурам. Лекин ба мардум инро фаҳмонда намешавад, даҳон кушода гап занӣ, ҷуволи алоро бунёд мекунанд».

Ҳаким аз хамӣ гузашт ва дар болотари деҳа суробе ба чашмаш намуд. Баъд наздик шуда се хари баборро дид. Дар хамгашти роҳ се хар шибоғ канда мехӯрд ва се ҷувол ба пушташон бор буд. Дар назди харҳо ду писарбаччаи ҳашт-даҳсола. Марде дар канори роҳ каҷпаҳлӯ хобида буд. Баъд ба таёқаш такя карда хест. Наздик шудани Ҳакимро нигарон будааст.

— Ассалому алайкум, Абдуҳаким! – мард пеш омад.

— Ваалейкум ассалом, – таёқашро ба дасти чап гирифта ва омодаи вохӯрӣ шуда, даст дароз кард. Вале марди ношинос оғӯш кушод. Ҳаким ҳайрон шуд. Тахмин кард, ки ин мардро чандин бор дидааст, дар роҳи район, дар бозор ва баъзан дар даштҳо, аммо номаш ва кӣ буданашро хуб намедонад. Ҳаким ҳам мисли мардак таёқашро партофта оғӯш боз кард. Ҳамдигарро ҳамчу бародарон ба танг кашиданд. Чашми Ҳаким ба баччаҳо афтид, ки ҳайрон менигаристанд. Мардак сарашро аз китфи рост ба китфи чапи Ҳаким гузаронд ва чун сӯгмард хомӯш монд. Ҳакимро аз оғӯш раҳо намекард, Ҳаким хис кард, ки ӯ мегиряд. Мисли бародарони ҷоние, ки як умр ҳамдигарро гум карда, пас аз гумҷӯиҳои зиёд дар пирӣ ба дидор расида бошанд.

— Бародар, маро бубахш… – гиряолуд гуфт марди ношинос.

— Бародар, маро бо ягон кас монанд кардӣ.

— Не. Ту Абдуҳаким, ман хуб медонам. Гуноҳи маро бубахш!

— Гуноҳат чист, то бубахшам?

— Худат хуб медонӣ... Ана ҷуволи ало, ана он гунаҳгорон, – Ҳакимро аз оғӯшаш раҳо карда ва бо ишораи даст ҷуволҳоро нишон дода гуфт мардак,

Ҳаким ба ҷуволи ало нигарист. Дилаш сахт-сахт тапид. Баъд ӯ нафаси вазнин кашид. Хомӯш монд. Мард хам шуда асои Ҳакимро бардошт, асои худро ҳам гирифт ва боз ба гап даромад:

— Абдуҳаким, бародар, ман ҳамаашро медонам, ба гуноҳи ман туро хуб танбеҳ доданд, таъна карданд, ҳоло ҳам таъна мекунанд. Пайроҳаҳо кӯр шуданд. Ту ҳоло ҳам марди бадномӣ... Бовар бикун, ки ҳамин корро намекардам, инҳо мемурданд, – баччаҳоро

нишон дода гуфт ӯ. – Калониаш писарам, онаш набераам. Бовар мекунӣ-а?

Ҳаким сар ҷунбонд.

— Бовар бикун, бародар. Ана акнун, ман ва он гунаҳгорон дар назди ту. Ҳар чӣ фармоӣ, бародар; хоҳӣ, мардуми деҳаро ҷамъ овар, ман ин баччаҳоро наздашон бурда бахшиш пурсам. Хоҳӣ, худат ин ҷуволҳоро гиру баъд аз рафтани ман гӯй, ки ҳамин хел шуда будаст...

— Лозим не, бародар, ин чиз фаромӯш шуда рафт, гардонда бар.

— Ээ, Абдуҳакиме, ин чиз фаромӯш мешудааст-чӣ? Сад сол гузарад ҳам, ин гап даҳан ба даҳан меравад, матал мешавад. Ҳозир ҳама ҷо сериву пурӣ, шояд гуноҳи маро бахшанд. Лекин он солҳо мешуд, маро лахту палахт мекарданд. Ин се ҷувол кам аст, бародар... Боз аз дастам ояд, қаврунашро мегардонам. Ман нагардонам, ба ин ҷону ҷигаронам васият мекунам, ки ба ту хизмат кунанд. Ту фикру хаёли бисёр накун, Абдуҳаким. Ман худам ба зону афтида ҳамаашро ба мардум мегӯям. Наход, ки маро парронанд... Ман розӣ, ана инҳо зинда монанд, мешавад. Гард, Абдуҳаким, харҳои ту ҳам куҷо рафт, – гуфт ӯ баъд ба наберааш рӯ овард: Ҳакимҷон, пеши харҳои амаката гардон. – Бачча дартоз сӯи деҳа рафт. – Нашудагӣ кор шуд. Барои он ки ин қисса аз ёдам наравад, номи туро ба набераам мондам.

— Бародар, ман ҳамаашро мефаҳмам. Вале намехоҳам, ки халқ донад. Ман бадном шудам, бас... Фаровонӣ шудааст, дигар ба ёди касе намерасад.

— Намешавад, Абдуҳаким, нахоҳӣ, худам бе ту халқро ҷамъ карда, узр мехоҳам.

— Ҳаво гарм шуд, шир туруш мешавад, – зудтар рафтанӣ шуда гуфт Ҳаким.

— Ҳа... Писарам, ҳай гӯ! – ба писараш муроҷиат кард ӯ. Гӯё аз паси корвони ширкашон, корвони шарокаткашон ба роҳ даромад.

— Не, бародар, харҳоятро гардон, – бозистода гуфт Ҳаким.

— Азобе, ки ин қадар сол кашидам, бас аст. Дигар азоб надеҳ. Даҳони ҷуволро кушода гандумро ҳамин ҷо мерезаму баргардонда намебарам. Ман ба умед назди ту омадам, Абдуҳаким.

Ҳаким ҳарфе нагуфта қадам ба пеш андохт. Баъд раҳораҳ андешида, номаълум даст афшонд.

Дар назди мактабхонаи кӯҳна фақат хари калта меистод. Ҳаким «ҳамин ҷо истед» гуфта худ ба сӯи кӯча тохт. Писарак аз он тараф харҳоро гардонда меомад.

Ҳаким бо ёрии мард ва писари ӯ бидонҳоро фаровард ва ба хона бурд. Рафоат ба район рафтааст, барои ҳамин харҳо гузаро шудаанд.

Ҳаким бидонҳоро назди сепарат қатор гузошт, баъд баромада ба мардак гуфт:

— Бародар, шумо харҳоятонро ҳай карда, сӯи деҳаи Майкада рафтан гиред. Ман аз боғ алаф даравида пеши харҳо партофта, шуморо дармеёбам.

— Дар Майкада чӣ мекунем?

— Ба анбори колхоз бурда месупорем.

— Абдуҳаким, бародар, аввал ба халқ фаҳмон, баъд ба анбор бар. Шояд халқ ягон чиз гӯяд.

— Вай ҳаққи колхоз аст, меравем.

Ҳаким онҳоро сесад ё чорсад қадам дуртар аз анбор дарёфт.

Баъд харҳоро паҳлӯи анбор қарор дода назди мудири анбор даромад. Харҳоро то назди тарозу бурданд ва ҷуволҳоро болои тарозу гузоштанд.

— Сесаду ёздаҳ кило, – гуфт мудир, марди лӯндаи сурхпӯст. Баъд ишорат кард, ки бурда ба хоначае ҷудо резанд.

— Накладной намедиҳӣ? – пурсид Ҳаким.

— Накладнои чӣ?

— Охир, даромад шуд гуфта...

— Чӣ фарқ дорад, ако, рафтан гиред.

— Не, бародар навис, ба номи бригадири мо, ба номи Сафо навис, ӯ намурдааст, ба номаш навис. Ӯ намешуд, маро хомохом мехӯрданд...

— Ин як бозёфт, ако, мардум донанд, ки ҳамун гандумро шумо нахӯрдаед, шуд-дия.

— Не, навис, додарам, акт кун, ман имзо монам, инту намешад, – якраҳагӣ кард Ҳаким, вале марди фушунӣ ҳамчу маломатза меистод.

— Лекин, маразы чаккон омадӣ-дия!

— Чӣ! Ту бо кӣ тую ман карда истодаӣ, тиррончак? – ба хашм омад Ҳаким, – Пур камро хӯрдааст. Ман ҳиллаҳои туро медонам. Як накладной нависӣ, намемурӣ! Дастонат бутун, мисли мудири собиқ ангуштонатро тир нахӯрдааст-ку?! Дина аз тухм баромадӣ. Манро фиреб медиҳӣ. Чашм кушода дидагӣ корат ҳамин. Фиребу дуздӣ. Боз чӣ корро медонӣ?

— Акнун овозат баланд шуд-а? То имрӯз сархам мегаштӣ, гандум ёфт шуд-дия!

— Ту, тиррончак, гапатро doниста зан, ҳеҷ вақт сархам набудам, намешавам ҳам. Осмон ба сарам фурӯ ғалтад ҳам, дар назди ту барин ҳаромхӯрҳо сар хам намекунам, тирмизак! Ту маро кӣ гумон кардӣ? Ҳамту мекунам, ки аз пуштат даҳта ин хелин завхозча меафтад. Ту ин найрангатро ба дигарон мекунӣ, – сари ҷаҳл хам шуда, ҷуволҳоро гирифт Ҳаким ва ба марди фушунӣ фармуд: – Биё бародар, гандумро мебардорем. Ба ин дуздҳо хок ҳам намемонам.

Мудир дигар чизе нагуфт. Баъд ҷангӣ шудагӣ барин ба марди дигар гуфт, ки ба ӯ расонад: «Ба ӯ гӯй, монад акнун». Аммо Ҳаким гандумро бардошта, бо он мард даст дода ҷуволҳоро аз анбор берун овард.

Ба харҳо бор карда, пас гардонданд. Гашти рӯз ба сепаратхона расиданд. Ҳаким ҳамроҳи мардак ҷуволҳоро ба синфе даровардa монд ва ба дараш қуфл зад.

— Нагуфтам, бародар, беҳуда кардӣ? Гапи калон мешавад, – гуфт мардак.

— Ман ин корро ҳамту намемонам. Дар умрам ба касе бадӣ накарда будам, акнун мекунам... Адолатҷон, хуҳарам, якта чой мемондед. Бародар, туро хона барам гӯям, касе нест, ҳама дар овул...

— Парво накун, аз овул кӯчида ой, боз худам меоям.

— Хайр, ҳозир як пиёла чой... Ба ту гуфтам, гардонда бар... Ман медонистам... Бурда ба пеши говҳо мерезаму ба ин ҳаромхӯрон намедиҳам. Дидӣ, шарм гуфтанӣ гап нест, ҳӯ лаънатиҳое! Намефаҳмам, ҳар кас кӯрро ба болои кулчаи худ мекашад. Ба худо як касро надидам, ки ғами дигареро хӯрад. «Худам шавам, бас» Ё тавба. Боз «ҳама барои як кас, як кас барои ҳама» будааст.

— Абдуҳаким, як ба замин туф кун, ҳамааш гузашта меравад. Мон акнун. Ту гап назан, гап занӣ, ин кор зуд овоза мешавад. Калонҳо мефаҳманд, ягон гап шавад, мана чеғ зан... Хайр, чой ҳам хӯрдем, мо меравем, дер шуд, хайр, бародари азиз.

— Вақтат шавад, ин писарҳоро гирифта ба овул биё, тамошо мекунанд.

— Меоем. Ту ҳам роҳи деҳаи Фушунро гузаштанӣ шавӣ, даро. Хонаи Солеҳи Фушунӣ гуфта пурсӣ, ҳар кас нишон медиҳад.

— Хайр!..

## 30

*— Ман беҳуда худро зиқ мекунам, таго. Хоҳ-нохоҳ, ман дигар дар фӯрма лозим нестам. Акнун ба ширу равған кашондан ҳам ҳоҷате намондааст. Роҳи Сафедхоку Дарвозаи тангро дору монда талқон карданд. Мошинроҳа мешудааст, баъд ширро рост ба район бурда, ба завод месупоридаанд. Хуб кори нағз мешавад, таго. Шир таги пою қурут йеми муш шуда буд. Нағз, ба худо, ки нағз... Занҳои сепаратчӣ буданду мудири фӯрма буду Тӯйчӣ буду ман будаму... бинед, таго, дар як муддати кӯтоҳ чанд нафар аз фӯрма рафтанд.*

*— Зиндагӣ ҳамин аст, амак, як кас меравад, то каси дигар ояд.*

*— Таго, мегӯям, пир шуда истодем-чӣ? Акнун ба баъзе гапу гапчаҳо аҳамият медодагӣ шудаам.*

*— Не, амак, ҳоло кӯҳро занед, талқон мегардад.*

*— Шумо аз рӯи зӯри худатон ба ман баҳо медиҳед, таго.*

*— Ин гапи ман не, ҳама мегӯянд, ки Абдуҳаким ба шаст рафта истодаасту ҳоло ҳам тугмаи сари синаашро намегузаронад...*

Ҳаким дар ҳамвориҳои пушти шах гандум коштанӣ шуд. Ашӯра инро ба раис гуфт. Раис аввал хандид, баъд иҷозат дод. Ҳаким ду писарашро гирифт ва дар кӯча Сироҷро дучор омада, гуфт, ки ҳамроҳи онҳо равад. Ӯ розӣ шуд. Онҳо як ҷувол гандум ва юғу омочро ба харҳо бор карда, як ҷуфт барзаговро пеш андохта, бори дигар фарози Сафедхокро рост шуданд.

Пас аз офтоби тамуз ва тобистони дароз ҳамагӣ як бор шакарнам шуда буд, ки ақаллан ҳалқи заминро тар накард.

Ҳаким ҷуволи алоро аз пушти хар гирифта, ба сари замин гузошт ва юғро ба гардани говҳо бор карда, ресмони гарданчӯбро гузаронд ва бо отанг омочро ба тир пайваст, ба нӯки омоч оҳани наврегро ҷо кард ва «дасти ман не, дасти пири деҳқон» гӯён заминро огард зад. Замин чандон сахт набудааст. Пас ӯ аз Сироҷ илтимос кард, ки то тухмӣ пошидани ӯ омочро рост дошта, аз паҳлӯи хати кашидааш ҷуфт кунад.

Сироҷ дудаста омочро дошта, сари синаашро бар он пахш кард. «Боо, парч! Парч, боо!» гӯён ба говон говрона зад. Ҳаким фӯтаашро пешбанд карда, ба замин тухмӣ пошид, баъд ҷуфтро аз дасти Сироҷ гирифт.

— Сироҷиддин, ҷуфтрониро ёд гирифтаӣ?

— Ҳамаша метонам, лекин гарданам ёрӣ намедиҳад...

— Ёрӣ медиҳад, Сироҷиддин, омӯхта шавӣ, ёрӣ медиҳад, – гуфт Ҳаким ва говрона ба рӯи юғ зад. Барзаговҳо ба ҳаракат дароманд. Оҳани ҷуфт ба замин фурӯ рафт ва хоки сиёҳча мисли дунбаи карти кордронда ба паҳлӯи рост гашт ва гӯё дар ҷабини ин замини дерсола як чини тӯлонӣ пайдо шуд. Ин марди ҷавондил ҳамин чинҳои замини пирро бо майсаи гандум пӯшонданист. Ӯ говҳоро не, балки ба юғи паҳлӯи гардани онҳо ё ба банди омоч говрона зада садо дармедод, ки говҳо зудтар қадам партоянд: «Чу!.. Бооо, чу!.. Бооо, парч!» говҳоро ҳушёр карданӣ мешуд ӯ.

— Акнун ман ҳай гӯям, – хоҳиш кард Сироҷ.

— Не, Сироҷиддин, ин говҳо мувофиқи ман не, хеле лаванд будаанд. Афсӯси гови каллахам, беҳуда ба гӯшт доданд. Ду шабонарӯз ҳай гӯӣ ҳам, паси гӯшаш нам намебаровард. Инҳоро бин, дам карданд. Бо ин говҳо дар як ҳафта ҳам корида намешавем. Сироҷиддин, ту тоба зан, ман тухмӣ пошам. Пагоҳ омада, дукаса ҷуфт мекунем.

Сироҷ бархост ва говронаро аз дасти ӯ гирифта, дасти чап ба омоч бурд ва говҳоро зад. Гӯё дар ҳамвории дараи Пушти шах тарҳу нақшаҳои зиндагиро кашид ва Ҳаким бо донаҳои заррини гандум онро рангин кард. Мард гӯё дар як дашти беканор, дар

домани уфуқи дур дона мепошид. Ва сари синаи рустамонаи ӯ ба сӯи офтоб бардамида буд. Вале офтоб ба дуродур рафта мардакро ҳамроҳи писараш ва Сироҷ дар кӯҳи бекас гузошт. Ҳакими дилсоф ва поктинат мисли модарон, ки аз паси фарзандони ба роҳи дур рафтанашон сафедӣ пошанд, хайрияти сафари офтобро хоста ва боз омадани ӯро умед карда донаҳои заррини гандумро ба дунболи он пош медод.

— Амак, дер шуд-ку? – тоқат наоварда гуфт Сироҷ.

— Одам батаҳаммул мешавад, писар.

Дами фурӯрафти офтоб говҳоро сӯи деҳа нишеб карданд.

— Пагоҳ барвақттар омадан лозим, ки ҷону ҷонварҳо донаҳоро начинанд, – гуфт Ҳаким. Сироҷ чизе нагуфт. – Сироҷиддин, пагоҳ хабар диҳам ё худат мебароӣ?

— Худам мебароям, амак.

Ҳаким аввал Ашӯра ва баъд бригадирро ёфта боз як ҷуфт барзагов ва юғу омоч гирифт. Агар ягон-ягон касон дарди дили Ҳакимро нафаҳмида бошанд, дигар ҳама ба ҳоли ӯ хандиданд. «Гушнагия муре, дар ҳамин солу замона кори ӯро бину» ҳам гуфтанд. Вале барои мардак ин гапҳо аҳамият надорад, ҳатто гап не. Лекин пагоҳ пайдо нашудани Сироҷ димоғи ӯро сӯхт. Як ҷуволи дигар гандумро бор кард ва «ҳеҷ гап не, писарам, ҳай гӯ» гуфта, ба писараш рӯ овард.

— Додо, акомро рафта гӯям?

— Худат чӣ?

— Шумо ба ман бовар намекунед-дия!

— Барои чӣ, писарам? Бовар мекунам.

Ғанӣ сар хам кард, пас гӯё қадами кушод гузошт, ки ба назараш дар чандин чунин қадам Сафедхокро баромада, ба Пушти шах мерасид.

Ҳаким ҷуфт ба рондан омода кард, пас ба писараш рӯ овард:

— Омочро дошта метавонӣ?

— Ҳа.

— Говрона задану гардишро ҳам? Лекин зӯрат мерасад, ки омочро бардошта аз чап ба росттар монӣ, то ҷо-ҷо ҷуфт нокарда намонад?

— Ҳа.

— Набошад, аз паси ман ҳай гӯ.

Ҷуфти падар пешопеш ва ҷуфти писар аз қафо мисли ду киштие, ки акнун бодбонашро бардошта бошанд, ба ҳаракат даромад. Ҳаким бо як овози солорона ва марғӯладор «боoo, парч, боoo, парч!» мегуфт ва гӯш меандохт, ки писараш чӣ мегӯяд. Ӯ аз шарм садо намебаровард. Лекин зуд-зуд говрона ба говон ва юғу омоч мезад, то ба падараш расида гирад. Ҳаким дар огарди аввал ба писараш гӯшаи чашм карда, «Писарам, овоз барор!» – садо дардод.

— Ҳеҷ гап не, гови чапро як говрона зан, лаънатӣ писанд накарда истодааст... «Ҳа шохат шиканад!» – аз ҳамон ҷо гови чипорро пӯписа кард ӯ. Чипор каме ҳаракат кард ва юғ байни гардани ҳарду гов рост шуд.

Ғанӣ дар огард ҳамчунон кард, ки падараш карда буд: «Бооо, бооо парч!» гуфта ба юғи назди гӯши рости Чипор зад ва Чипор дар ҷояш истода, ба чап гаштанӣ шуд ва ҳамтираш Тарғил тезтар гашт, баъд дар ҷабини замин чинҳои сиёҳ пайдо шудан гирифт. Тобаҳои дирӯза тамом шуд. Ҳаким аз нав тоба гирифта тухмӣ пошид, сипас ба нонхӯрак баромаданд. Лаби об нишастанд. Ҳаким нонро ду тақсим карда ба об андохт, об нонро бурд, боздошта аз нав сар дод. Нон обро ҷафид. Пас, хӯрданд. Ғанӣ чормағз шикаста пеши падараш монд, гаштаю баргашта ба ришҳои тари ӯ нигарист, баъд ба фикр рафт.

«Чаро додои ман дар танҳоӣ ҳам бо ман сӯҳбат намекунад? Чунон ки дар китобҳо ҳаст, фикр мекунаду фикр мекунад, гӯё дунёро дигар мекарда бошад, ё ман лоиқи сӯҳбати ӯ нестам? Хайр, чӣ ҳам гӯяд, охир. Зиндагиамонро ӯ ҳам медонад, ман ҳам. Дур набошем, ки пурсупос кунем... Ин хел ҳам гуфта намешавад»...

— Ҳаа... оқибат гургзода гург шавад, – фикри Ғаниро парешон карда гуфт ӯ. Писарак ҳайрон монд, ки ӯ чӣ мегӯяд. Ҳаким ба бурдаи нони рӯи об назар дӯхта таассуфангез фикрашро давом дод: – Ҳӯ лаънатие, фиреб дода – хунаш вайрон шудагӣ, дигар дуруст намешавад. Вай набояд маро фиреб медод, ҷону дилашро бояд мебахшид. Муттаҳами гургошно. Хайр, деҳа калон не-ку, боз вомехӯрем. – Гӯё тамоми муддати ҷуфтронӣ дар бораи Сироҷ андеша ронда, ба шӯр омада бошад, ӯро хеле мазаммат кард. Баъд дастархонро ғундошта ва об хӯрда, бархост ва говҳоро аз нав ҷуфт баст.

— Монда шудӣ? – пурсид аз писар.

— Нее.

— Ҳа, йигит набояд монда шавад, – гуфт ӯ ва хоки пеши позаро бо мӯзаи нояш тоза кард. Оҳани ҷуфт мисли киштии зериобӣ оҳиста-оҳиста зери оби хокиранг фурӯ рафт.

Ҳамин хел шуд, ки муддате ферма барои Ҳаким бегона намуд. Гандум аз замини тахмин кардааш ҳам изофа кард. Бақияашро дар адир кошт. Сипас сар-сари рамаву подаҳо гашта чӯпононро огоҳ кард, то гову гӯсфандон ба замини корам надароянд. Вай хотирҷамъ ва хеле хуррам буд, ки кори савобе кард. Вале чунон ки гоҳ-гоҳе абрпораҳо рӯи офтобро гирифтанӣ мешаванд, барои ӯ ҳам абрпорае пайдо гардид. Мухбир омадааст. Ҳуҷҷат дорад. Масъалаи Ҳаким.

— Шумо худсарона дар замини давлат гандум коштаед, тухмиаш ҳам дуздӣ будааст, – даъво мекунад мухбир.

— Хӯш, чӣ хел, дар куҷо?

— Ман надонам. Шумо коштеду аз ман мепурсед? – пичинг барин гуфт мухбир.

— Ҳа, фаҳмидам, – гуфта Ҳаким бархост.

— Шумо саркашӣ карда ҷавоб намедиҳед?

— Саркашӣ не, вақт нест. Вақти хӯроки говҳо шуд.

— Гов як дам нахӯрад, намемурад, аввал ба гапҳои ман ҷавоб диҳед? – пошнаи ручкаро ба лаб бурда гуфт ӯ.

— Лозим бошад, кофта ёбед, ман дар бораи худам ба шумо чизе намегӯям. Дар халқ гап ҳаст, ки «гурги бекор хари бакорро хӯрдааст».

— Шумо мухбири советиро ҳақорат мекунед?

— Не, додарам. Шумо мана дузд гуфтед, алам накард, ҳол он ки аз ҳафт то ҳафтодсола ин қиссаро медонанд: раис, бригадир, мудири фӯрма – ҳама. Барои худам не, барои колхоз коридам. Намедонӣ, гап назан, – гуфт Ҳаким ва шохаи оҳанро бардошта ба таги работи барқад рафт, то пунбамайда бардорад.

Мухбир аз паси ӯ хеле нигоҳ кард, лекин ғурури мухбириаш иҷозат надод, то аз даъво гузашта тарафи некии масъаларо ҷустуҷӯ кунад. Кулоҳи хурдлапарро аз сар гирифта ба мӯяш панҷа зад ва аз нав кулоҳ ба сар ниҳода аз дари Сарой бадар рафт.

Вақте ки Ҳаким як қанор пунбамайда бардошта, сӯи оғил мерафт, Ғанӣ китобҳои дарсӣ дар бағал аз мактаб омад.

— Додо, ман Сироҷро дидам. Аз район як мухбир омада будааст. Аз магазин арақ гирифта, хонаашон бурд, – назди падар омада гуфт ӯ. – Онҳо раҳорах баҳс карда мерафтанд: мухбир мегуфт: «дуруст». Сироҷ рад мекард: «нодуруст».

Ҳаким ҷигот андохт, байни абрувонаш гиреҳ зад. Баъд дандон ба ҳам соида, «ноҷинс!» гуфта ба оғил даромад.

## 31

Мӯзаҳои резинии Ҳаким аз заҳу чалчиқи Сарой ранг дигар карда буд. Тарматаридҳои моҳи ҳут ба ҳама гарон омад. Коргарон аз ҷонашон сер шуданд. Таку тӯби ширдону силос монда буд. Пунбамайда ва кунҷораҳои захира ҳам кирoӣ набуданд. Ба болои ин ҳама гӯсоламурӣ шуд. Аз дили мудири ферма зардоб мечакид. Ин дафъа ӯ назди раис танҳо нарафт. Ҳаким ҳамроҳ буд. Вале Ашӯра рафтани ӯро намехост. «Ман дар назди шумо гапамро гуфта наметавонам» гуфт ӯ. Ҳаким якравӣ кард. Ашӯра савори аспи ҷаҳлу ғазаб ба назди раис рафта буд. Вале авзои раисро дида гӯё аз аспи ҷаҳл фуромад.

— Ассалому алейкум! – аз Ҳаким пеш даромада гуфт Ашӯра.

— Салом, – алейк гирифт раис ва гӯё ба мотам нишаст.

— Мо барои маслиҳат омадем! – гӯё раисро ҳушёр карданӣ шуд Ҳаким.

— Хӯш?

— Аҳвол бад, хӯрок намерасад.

— Ако, росташро гӯям, ғами кадомашро хӯрам. Мисоли гап, имсол соли наҳс будааст. Дар чӯл гӯсфанд қир шуд, боз тӯл чандон хуб не. Оқибаташ...

— Оқибаташ хуб мешавад, раис. Лекин ҳозир кӣ бояд ба ин кор роҳбарӣ кунад?

— Ферма мудир дорад, аъзо дорад...

— Раисбобо, кӣ медонад, ки ду-се рӯз баъд ҳаво чӣ мешавад. Он қадар зиёд ҳам лозим не, лекин...

— Лекин дар вақташ ғам хӯрдан лозим буд.

— Ҳамон вақт таги тути бедона набудем, раис! Захираҳоро ба чӯл кашонданд. Табиат инҷиқӣ кунад, айби ман чӣ? – арз кард Ашӯра.

— Беайб, ки бошед, он тарафаш ҳам дуруст мешавад.

— Гап задани ман нодурусту, лекин як маслиҳат: баъзе колхозчиҳо коҳу беда доранд, хонаковак карда қарз гирем, чӣ шавад?

— Ба ҳамин ҳам ман шарик шавам?

— Охир, сухани шумо куҷову сухани мо куҷо? – ӯро мулоим карданӣ шуд Ҳаким.

— Мисоли гап, ҳама корро кардан мумкин, агар дил гарм бошад.

— Як умр пичинг задед-дия, раис, кадом корро накардем? Ман сад бор гуфтам, ки гиред, ба ман ҳамин кор лозим не. Мудири ферма нею...

— Фермаро дар ин аҳвол кӣ аз дасти шумо қабул мекунад?

— Ман намедонам, ки шумо ба ман чӣ дандон доред. Нашудааст, ки ягон илтимос кунаму шумо «хайр» гуфта бошед. Шумо раис ном доред ва ман дар ин хусус ба касе забон накушодаам...

Ашӯра ҷавоби раисро интизор нашуда бадар рафт. Раис чунон вонамуд кард, ки ба ӯ дахле надорад. Ҳаким ҳайрон буд. Қасдан набаромад, ки раис чӣ мегӯяд.

— Боз ягон гап ҳаст? – оқибат пурсид раис.

— Гап нест, лекин чӣ кор...

— Чӣ кор мекардед? Мисоли гап, мурад, мо чӣ илоҷ мекунем?

— Набошад, ягон намояндаи идораатон ҳамроҳи мо равад. Худатон халқро медонед. Сад даҳан гапи ман як пул, вале як даҳан гапи намоянда – гап.

— Парторг ҳаст, мудир ҳаст, ҳисобчӣ ҳаст. Қадомаш маъқул? – даст ба гармии печка дошта гуфт раис.

— Раис, аз афташ, ҳоло мӯрча нагазидааст, – гуфт Ҳаким ва ба шаст баромад.

Ҳаким ба назди ягон калонпояи колхоз надаромад. Ашӯраро дар роҳ расонд. Ӯро дар Сарой монда, худ ба деҳа баргашта, бригадири навро ёфт.

— Додарам, ҷигар ҷигару дигар дигар. Халқро ҷамъ карда, масъаларо фаҳмон. Имон дошта бошанд, ёрӣ медиҳанд. Ман кафил.

— Ако, колхоз ҳал карда натавонад, аз дасти колхозчӣ чӣ меояд? Молу ҳоли худашон мурда истодааст...

— Не, нагӯ, додарам. Хайр, ҷамъ кун, гапамоя гӯем, раисат «мисоли гап» катӣ овора.

— Ӯ мотам дорад, ако. Гап-гап ҳаст, ки колхозҳо як мешаванд...

— Ҳаа, ман надонам, додар. Балота гирам, як илоҷ кун.

Бригадир ба табелчӣ фармуд, ки директори мактабро ёфта биёрад. Директор омад. Чор нафар шуда ба меҳмонхонаи гузари Шингиҳо даромаданд. Як марди шӯх матал мегуфт ва пардозчие ҷо-ҷо сухани ӯро пардоз медод.

— Мебахшед, Рустамхон, хеле мехостем маталро шунавем, лекин маталамон буромада истодааст; ҳамаамон як одам. Мо аз они колхоз, колхоз аз они мо. Мана мо, чор нафар, назди шумо омадем, – ишора ба ҳамраҳон кард бригадир, – аҳволи ферма ба ҳама маълум. Имсол гови зиёд хариданду ғами захира... Хайр, акнун аз дастамон меомадагӣ корро кунем... Мо ба як фикр омадем, ки ҳамаамон одами боақл, вазъиятро мефаҳмем. Хонаковак накунему аз халқ пурсем, ки ҳар кӣ ҳар чӣ дорад – хас ҳаст, хошок ҳаст, коҳ ҳаст, кафа ҳаст, беда ҳаст, ба мактабхонаи кӯҳна оварда резад...

— Худам қавруни ҳамаашро мегардонам, – гӯён илова кард Ҳаким.

Меҳмонхонаро сукути мотамие фаро гирифт, ҳезуми қашқарча чарс-чурс месӯхт. Дар зери болору вассаҳои дудахӯрда дуди кабудча сайр мекард. Аз рост истодан дуд хӯрданд, ки:

— Хайр, илтимос ҳамин, мо ба дигар меҳмонхона меравем, – гуфт бригадир ва онҳо баромаданд.

Онҳо ба меҳмонхонаи гузари Ҳисор рафтанд ва фурсате чанд баъд ба кӯча баромаданд.

Мардум гӯё бозёфт меоварданд. Сафар худаш эб надида ду банд бедаро ба писараш фиристодааст. Латиф нимҷуволаро бар дӯш бардошта меояд, Собир як қанор коҳро ба хар бор кардааст, яке аз тангкӯча мебарояд, ду говбанд ҷуворипоя дорад. Меоянд, аз тангкӯчаҳо баромада меоянд. Меоянду меоянд. Зери айвон пур аз коҳу беда шуд. Ҳоло ҳам меоянд ва Ҳаким ба табелчӣ муроҷиат карда, мегӯяд:

— Додарам, ягон кас намонад, номи ҳамаашонро навис, ин ба гардани ман қарз аст, чӣ оварданашонро ҳам навис.

Аробаи дуаспа ду рӯз коҳу бедаи дар мактабхонаи кӯҳна чамъшуда кашонд. Баъд бо аробаи охирин Ҳаким ҳам омад. Ашӯра дар назди дарвозаи Сарой Ҳакимро пешвоз гирифт. Баробари аз ароба фуромаданаш Ашӯра сӯи ӯ қадам зад ва дар гардани ӯ ҳамоил шуда, ҳарчанд ки берун аз расму русум буд, аз рухсорааш бӯсид. Ин воқеаро ҳама дид, Муҳаммадмуроди пир дид, Зироат дид, аробакаш дид, дигарон диданд ва Бону ҳам дид. Дар чашмони Ашӯра ашк давр зад. Баъд ӯ сӯи Бону омада ҳамчунон кард, ки бо Ҳаким карда буд ва дар ҷавоб Бону ҳам Ашӯраро бӯсид ва дар банди дилаш пахш кард...

Ин рӯзҳо ҳам даргузашта, баҳор омад, вале ҳоло ҳам саҳни Сарой заҳ ва чалчиқ буд.

## 32

Колхозҳо якҷоя шуданд. Бахти раис омад накард, муовин шуд.

Як марди умрдида ва таъми рӯзгорчашида раис шуд. Вале Ашӯра боз мудири ферма монд. Боз азобаш зиёдтар. Акнун гови дӯшоӣ зиёда аз ҳазор аст. Гӯсолаҳои колхози дигар хеле талаф ёфта будаанд. Гови Ало мисли модарони шӯрбахт саҳл монд, ки сари фарзанд равад. Гӯсолааш чаппа омад, Ало дар лаби об фарёд мезад, зӯр мезад. Ба назари Тӯйчӣ даҳшат намуд. Ҳарчанд ӯ мисли момоён чунин воқеаро пур дидааст, ин дафъа ба ваҳм афтод. Беихтиёр ба роҳи сӯи овул нигоҳ кард, ки касе ба ёрӣ меомада бошад. Баъд бо забони лакнатдор ва барои Ало ошно ба гап даромад: «Ҷонвар, маълум мекардӣ, ба пода намеовардам. Ана акнун ба ту ҳам азоб, ба ман ҳам. Ман медонам, ки ту баччаатро дӯст медорӣ, зинда дидан меҳоҳӣ, ӯро лесида хушк кунам мегӯӣ, бо забонам бардошта ба по хезонам мегӯӣ. Ҳо, Ало, ман одати туро медонам, борҳо дидаам, лекин илоҷ надорам. Мушкил, Ало. Ман намедонам чӣ кор кунам. Дасту пои баччаатро канда-канда гирам... ё ӯро зинда дорам. Зинда дорам, ту зинда намемонӣ: туро бояд чок кунам. Ало, не, Ало, мо шиноси кӯҳна... Фарёд назан, ҳозир-ҳозир...»

Гови Ало аз шиддати дард бархоста, ду-се қадам монд ва боз хоб рафт. Боз зӯр зад. Гӯсола мисли зардии тухм буд, ки барои онро гирифтан тухмро шикастан мебоист. Боз бархосту боз хоб рафт ва наърае кашид. Чашмонаш барҷастанд. Пойҳояшро дароз кард, гардан ёзонда сар ба рӯи сабзаҳо гузошт. Ва гӯё шикамаш дам кард.

Чашмони Тӯйчӣ ҳам аз таъсири чашмони гов берун ҷаст: «Ана ҳозир мемурад. Ало, намур, намур, Ало!» хитоб кард ӯ ва баъд даст пеш ёзонд. «Ҳозир, ҳозир... Ҳозир...» гӯён кордро аз ғилоф кашида ба рӯи сабза гузошт. Як бори дигар остинашро боло кард,

баъд даст андохт. «Не, акнун роста карда намешавад». Ба илоҷе ду пои ақиб ва нисфи гӯсола баромад. Алоро арақ пахш кард. Ӯ сар бардошта охирин қувваашро ҷамъ карда, зӯр зад.

«Саросема нашав Ало, бадани баччаат сард аст».

Ало нафасҳои дароз мегирифт.

Тӯйчӣ ҳам баробари ӯ якканафас шуда буд. Ба азобе як дасти гӯсоларо канда гирифт. Баъд дасти дигарашро ҳам канд. Сипас каллаи гӯсола баромад. Ало оҳи вазнине кашид ва дасту по дароз кард. Аз нав сар ба рӯи сабза гузошт. Магар фарзандаш ба ёд омад, ки парида хест ва баччаашро лесида, тоза кард. Сари ӯро лесид, фӯкашро, биниашро лесид, вале гӯсола сар набардошт. Ало дастони ӯро ҷудо дида наъра кашид. Кӯҳҳо наъраи ӯро такрор карданд. Тӯйчӣ дастонашро шуста аз нав назди Ало омад.

«Ҳа, Алоҷон, хафа нашав. Қисматат ҳамин будааст. Солхои охир баччамур шудӣ...» Ало боз баччаашро фӯк зада лесид, то бархезад, вале гӯсола намеҷунбид.

Қарибӣ офтобшин Тӯйчӣ подаро аз адирҳо ғун карда сӯи овул ронд. Баъд гӯсоларо ба бағал гирифта аз паси пода шуд. Ало «ҳум-ҳум» гӯён овоз андохта аз дунболи ӯ мерафт ва ҳатто аз Тӯйчӣ пеш гузаштанӣ мешуд. Подабон гӯсола ва ду дасти онро, мисле ки як бағал ҳезумро ба касе медода бошанд, сӯи Бону дароз кард. Бону ба Ало нигарист ва «бечораи Ало» гӯён гӯсоларо ба хиргоҳ даровард. «Донам, ки ин хел мешавад, васакро намепартофтам» гӯё Алоро дилдорӣ карда гуфт ӯ. Ало аз дари хиргоҳ дур намерафт ва баъзан фӯк ба намаду дар мезад.

Бону говҳоро дӯшида тамом кард. Ало дар назди хиргоҳ ҳумм мегуфт. Бону ӯро каме аз дар ронда, ба Ҳаким фармуд, ки гӯсолаи кенҷаи сағирро аз чайла ба хиргоҳ оварад. Кенҷаро ба хиргоҳ даровarданд. Бону нами бадани гӯсолаи мурда ва ҳатто хуни шонаву дастони онро ба бадан ва сару фӯки кенҷа молида бағал гирифта берун баровард. Ало як бӯи шинос ва хуни худро ҳис карда аз паси ӯ рафт. Бону гӯсоларо нишон дод ва Ҳаким зуд ба шохи гов шохбанд андохт. Бону гӯсоларо ба синаи Ало наздик овард ва маконд. Ало даҳони бегонаро ҳис карда лагад андохт, баъд дур шуд. «Ҳеше, Ало, ҳеше! Ту асил будӣ-ку? Ба ту чӣ шуд? Баччаи худат, ҳеше!» ӯро ром карданӣ шуда мегуфт Бону. Туйчӣ дар як лаганд сабӯс овард.

Ба ин ҳам нашуд. Ало баччаи худро дидан ва лесидан мехост.

Бону даҳони кенҷаро боз ба пистони гов наздик овард. Гӯсола як дораро макид. Занак эдир карданӣ шуда, дораи дигарро маконд. Ало бетоқат шуд. «Ҳеше, Ало, баччаи худат» гуфт Бону.

Ало қарор истод. Бону гӯсоларо маконд ва онро назди Ало гузошт, ки лесад. Ало як бор бӯ кард, ду-се забон лесид. Баъд бӯи бегонаеро ҳис карда, наъра кашид ва бо нӯки шох аз шиками гӯсола бардошта дур андохт.

— Худо гирад ту, ӯгая!.. Акнун ман баччаи худатро аз кучо ёбам... Чӣ фарқ дорад, лесидан гир-дия. Пагоҳ ба сари гӯрат чароғ намонад. Як сол. Баъд фаромӯш мешавад, ки ту оча будӣ... Ҳайвони безабон. Ҳозир фарзанди одам ба кас нигоҳ намекунаду, ҳоло ки гӯсола. Худат медонӣ, ки Валӣ рафт, Алиро ҳам кашола карда бурд. Ғанӣ ҳам аз ҳозир беқарор… Ту ин ҷонвари сағираро шох мезанӣ. Ман мебудам, ин хел намекардам. Ашӯра мешуд, туро айб мекард. Ало, рост мегӯям, ҳамин сағираро калон кунӣ, савоби оламро мегирӣ. Ҳайвон - ту, гапро нафаҳмӣ, ҳозир ҳамун пӯстро пури коҳ карда ба болояш чорта намак пошида, пешат монам, шабу рӯз мелесӣ, лекин аз як гӯсолаи кенҷаро сина додан ор мекунӣ. Ало, ту намедонӣ-дия, қариб нисфи бачаҳои соли ҷанг ширхораҳои Розияанд. Медонӣ, ӯ баъд аз бачааш мурдан чанд кӯдакро сина дод? Намедонӣ. Ҳасрат, Рауф, Майсара, Норбибӣ, боз чанд нафари дигар, фарзандхонди Розия. Вале ту ба як гӯсола шир намедиҳӣ. Оччаашро гурги лаънатӣ аз ҷар намепарронд, ҳоҷат ба шири ту набуд. Алои ширин, акнун ба гапи ман гӯш кун, ана ин баччаи ту мешавад... Ҳаа, ана ҳамин хел бӯй гир, назан. Ман ҳам одам, то кай гапи нағз занам, як рӯз не, як рӯз аз ҷонам сер мекунӣ, баъд ба ферма арз мекунам, ки гови бад аст, насл намедиҳад, шир надорад, ба гӯшт супор. Беҳуда мурда меравӣ. Ало, ҳоло ҳам дер нашудааст... Бин, чӣ хел кенҷа туро бо меҳру муҳаббат мемакад. Бин-дия, бин, ту ҷонваракро мезанӣ. Қурбонат шавам. Ало, ҷим ист».

Ало мисли одами гунаҳгор хомӯш монд. Баъд гарданашро яктарафа карда думғозаи гӯсоларо лесид. Кенҷа ба ноз думашро боло кард. Ало оҳиста-оҳиста ба бӯи гӯсола ошно гашта ва онро бачаи худ дониста, ба ҳавсала мелесидагӣ шуд.

Барои он ки боз Ало аз кенҷа рӯй нагардонад, Бону аз гардани гӯсола ба пои гов баста монд, то ба бӯяш ошнотар шавад.

## 33

Имсол қатори хиргоҳу каппаҳои овул ниҳоят тӯлонӣ шуда буд, агар аз козаву хиргоҳ дар гирди Санги Сипар қалъа месохтанд, як давр расида, боз зиёдӣ мекард. Навигариҳо зиёд буданд: ферма сераъзо шуд. Сепаратчиҳои аз район омада рафтанд. Духтараки синфи даҳумро тамом карда Сафӯро сепарат мегардонд ва Ҳаким ба ӯ ёрӣ мерасонд. Сафӯро ба Ҳаким хуш омад, ба занаш мегуфт, ки ҳамин духтарро ба Валӣ номзад кунанд.

Ҳаким гӯё дар ферма бекор монда буд. Ширпазӣ набуд, ки ҳезум кашонад, шир ҳам намекашонд. Акнун ҳар рӯз сари кишташ мерафт, ба сарҳои дунбули гандум даст мезад, баъд бегоҳирӯз бармегашт, ки ба Бону ёрӣ диҳад ва ҳамин ки Зироатро медид, «Хуҳарак, миёнатро бақувват кун, гандум пазад, ба дарав меравем» мегуфт. «Миён бақувват, ако» ҷавоб медод Зироат.

Дар лаби рӯд ду ғижжаки баччаҳо мусобиқа доштанд. Он кадар ғангу ғунг мекарданд, ки кас садои рӯдро намешунид ва Санги Сипар танҳо ҳамин садоро акс мегардонд, баъд рӯд онро фурӯ мебурд, ки садоҳо пешопеш гум шуда мерафтанд.

Ба овул одамони аз колхозҳои дигар ҳамроҳ шуда ҳам омаданд. Ҳоло ҳамдигарро хуб намедонанд. Вале Зироат бо ҳама ошно шудааст. Дигарон ҳам ӯро мешиносанд. Ва танҳо имрӯз пода бисёр шудааст гӯён ба шавҳари ӯ як мардаки навободиро ҳамроҳ монданд.

Чӣ хуш, ки Зироат ин вақтҳо ба шавҳараш дӯғ намезанад, ки аз паси пода гашта бегоҳирӯзӣ як пуштора ҳезум биёр. Худаш ҳар вақт як ресмонро гирифта ба Бурснова мегузарад. Қариб тамоми рӯз гум мешаваду пеш аз пода дар фарқи сар як банд шохча бардошта меояд. Шӯхиҳояш ҳам гум шудаанд. Андешаманд гаштааст. Вақту бевақт овозаш намебарояд. Овулиён ҳам ба ӯ бо тааҷҷуб менигаранд. Вақте сӯи Бурснова равад, дар хамгашт як бор баргашта ба овул менигарад ва бегоҳ, баъде ки говҳоро дӯшида ширро ба Сафӯро супурд, шалпару бефара ба ҷогаҳ даромада, нафаси дарозе мекашад. Агар нафасаш ба рӯи Тӯйчӣ нарасад, бечора чизеро пай намебарад.

Сапедадам Зироат говдӯшӣ баромад. Тӯйчӣ хунук хӯрда, паҳлӯ гашт ва пояш ба зери секучак рафт. Дар лаҳзаҳои охири хобаш хоб дид, ки ба пояш як мори сиёҳи хунук печид. Ӯ илоҷе наёфта, лағжида-лағжида назди тарма рафт ва пояшро зери ях гузошт. Мор карахт шуд... Тӯйчӣ ҳам аз ҳарос бедор шуд ва ҳис кард, ки пояш ба рӯи як чизи хунук. Даст бурд. Шикамба. Тӯйчӣ таваҷҷӯҳ кард. Пас шикамбаро пеш кашид. Даҳони шикамба мисли даҳонаи носкадуи мардоне, ки занашон бо ҳавсала аз риштаҳои ранга пӯпак сохта бошанд, даҳанбанди зебое дошт. Тӯйчӣ чунин даҳонбанди зеборо дар куҷое дидагӣ барин. Ба фикр рафт: «Дар куҷо, дар қӯши кӣ дида будам?.. Ҳа... Ҳум».

Тӯйчӣ ба занаш чунон вонамуд кард, ки чизеро пай набурдааст. Боз ду нон ба миён баст ва аз паси пода шуд. Имрӯз подаро боло не, ба Сирнова ронд. Баъд нигаҳбонии подаро ба ҳамроҳаш фармуда ба зери бурси гароне нишаст ва занашро поид, вале Зироат он рӯз аз овул берун нарафт.

Тӯйчӣ чанд рӯз ҳамин зайл кард. Подаро ба дигар дараҳо барад ҳам, так-таки дарахтон омада, зери он бурс менишаст. Ва оқибат дид, ки имрӯз рамаи гӯсфанд аз саргаҳи Бурснова намоён шуд. Қариби чоштгоҳ Зироат ҳам ресмонро гирифта, сӯи Бурснова рафт. Дар хамгашт боз ба овул нигарист ва равон шуд. Ба оби чашма дасту рӯяшро шуст. Баъд бархоста сӯи мол нигарист ва боло рафт. Тӯйчӣ ҳам аз зери бурс ба паси бурси дигар гузашт. Боз ва боз... Ба назараш, ки ҳамин лаҳза дилаш бо зарбаҳои сахт ва бо зӯрӣ сақфи синаашро шикофта мебарояд.

Зироат дар назди бурси садасурат, ки дар рӯи дара шох зада буд, қарор гирифт. Аз боло як марди чорпаҳлуи ришсиёх фуромад. Дили Тӯйчӣ ба бозӣ даромад. Ӯ ҳис накард, ки аз зери бурс берун баромаду онҳо мебинанд. «Ҳааа, ана шикамбаро дар қӯши кӣ дида будам» аз дил гузаронд Тӯйчӣ ва якбора ба сараш дард даромад.

Даҳмарда аз дасти Зироат гирифт, зери бурс шуданд.

Тӯйчӣ аз байни дарахтон гузашта, ба рӯи дара фаромад. Ба бурси садасурат наздик шуда, ҳамроҳашро чеғ зад:

— Ҳӯӯӯ Барот, ида бо!

«Мекушад, ба худо ҳардуямонро мекушад» гуфт Зироат ва чӯпон корди калонро аз ғилоф кашид. Гӯё кӯҳсор як ларзид ва тамоми даррандаҳои ҷангали Бурснова якбора садо карданд. Тӯйчӣ гӯё ки чизеро надида бошад, ба шохи бурс як таёқ заду гузашт. Зироат даст ба даҳон пахш кард, то фарёд назанад. Туйчӣ гӯё ҷонаш аз тан мебаромада бошад, баланд хандид. Сӯи овул рафт. Ӯ то овул баланд-баланд хандида рафт. Овулиён ҳама баромаданд. Вале «ба ӯ ҷин асар кардааст» гуфта касе наздик нашуд. Ӯ ресмончаи эрганаки каппаро кушода даромад. Шикамбаро баровардa ба замин зад. Шикамба кафида айрон ба замин рехт. Боз шикамбаро як лагад зада ба айрони рехта нигарист. Пас чакманашро сари китф партофт ва ба касе чизе нагуфта фаромада рафт. Ӯ ҳоло ҳам механдид.

## 34

*Акнун занҷирҳо зери чархҳои мошин, мисле ки андаруни пойафзоли кас сангчае афтода бошад, барзиёд менамуданд.Онҳо ба барфи роҳ фурӯ нарафта, балки ба рӯи мумфарши роҳ сахт буданд ва дар ҳар давр чархҳоро андаке мебардоштанд. Садои «шақ-шақ, шақара-шақ»-и занҷирҳо тамоми роҳ ба гӯши Ҳаким бад расид. Вақте ки ба шаҳр наздик шуданд, Ҳаким хоҳиш кард, ки занҷирҳоро аз чархҳо кушоянд...*

*— Ана ин кӯли «Комсомол» – шаҳрро тамошо медодагӣ барин сар кард Ҳаким, – бинед, обаш чӣ хел? Зулол барин. Дар сари ағба чӣ ҳавою дар ин ҷо чун ҳаво... Таго, пагоҳ як шаҳрро давр занед, кӯфти роҳ аз баданатон фориғ мешавад.*

*Чашмҳои равшани мошинҳо дар зери нури шаддаҳои чароғҳои сари роҳ хира метофтанд. Мошинҳо аз пули рӯи рӯди Душанбе гузашта, охирин фарози роҳи тӯлонӣ – фарозаки «Путовский»-ро баромада ба рост гаштанд. Ба корвонсарои паси бозор дохил шуданд. Барои мошинҳо ва барои худ ҷой гирифтанд.*

*— Таго, шумоён дам гиретон, ман ба хобгоҳи Валӣ рафта, бинам, ки чӣ ҳол дорад...*

Ҳаким аз деҳа хеле хафа баргашт. Вақте баргашт, ки Зироат ҳам аз Бурснова як сарвора шохча меовард.

Ҳаким харро хала кард, то ба Зироат расида, сабаби рафтани Тӯйчиро пурсад. Вале занак дар адир сарвораро ба замин гузошта гӯё дам мегирифт.

Ҳаким полони харро гирифта, онро ба шибари лаби об ҳай кард. Баъд, гӯё касе ба ӯ ин вазифаро фармуда бошад, нигарони омадани Зироат шуд.

Зироат шохчаҳо бар сар омад.

— Хуҳарак, ба Тӯйчӣ чӣ шудааст? – пурсид Ҳаким.

Зироат ҷавоб надода, гузашт ва сарвораро паҳлӯи коза партофт. Ҳаким боз наздик омада гуфт:

— Ман ӯро дар Дарвоза дучор шудам, баланд-баланд хандида мерафт.

— Аз додову бобом ӯстар, ҳамин хел шӯ бошад-чӣ, набошад-чӣ,– нафасашро рост карда гуфт Зироат ва ба коза даромаданӣ шуда, чашмаш ба айрони рехта афтид, ки сагҳо шикамбаро хӯрда даҳонбандашро ҷудо кардаанд.

Ҳаким ба хиргоҳи худ баргашта Бонуро байни ду гаҳвора дида пурсид:

— Занак, ба онҳо чӣ шудааст?

— Намедонам. Тӯйчӣ як пайдо шуда аз коза шикамбаи айронро бароварда ба замин зад ва чакманашро ба кифт партофта рафт.

Ин сирро касе нафаҳмид. Зироат ҳам ба касе нагуфт. Тӯйчӣ ҳам гап назад.

Баъде ки говҳоро дӯшида, ҷо ба ҷо шуданд, Зироат козаро холӣ дида хуб гирист. Касе гумон намекард, ки Зироат ҳам ягон вақт гиря мекунад.

Бону гиристани ӯро пай бурда наздаш даромад, ҳол пурсид, вале Зироат «ҳеҷ гап не» гуфта монд.

Пагоҳ Ҳаким аз пеши худ ҳамроҳи баччаи навободӣ подабонӣ рафт. Барот ҳам ба саволи Ҳаким ҷавоб дода натавонист, ки чаро Тӯйчӣ пода ва зану каппаашро партофта рафт. Писараш дар мактаб...

Танҳо рӯзи сеюм, вақте ки Ашӯра бо ҷигари сӯхта ба овул омад, масъала равшан шуд. Ӯ Тӯйчиро дида аҳвол пурсидааст, аввал подабон чизе ҷавоб надодааст ва чун «Ба овул рав, пода бесоҳиб» гуфтааст, Тӯйчӣ рад карда, сабаби нарафтанашро гуфтааст.

«Сирре, ки шахси сеюм донад, олам медонад» мегӯянд. Ин ҳангома аз овул ба деҳа, аз деҳа ба колхоз ва аз колхоз ба район овоза шуд. Баъд калтак ба сари Ашӯра шикаст. Ӯро ба идора ҷеғ заданд. Ҳаким ҳам подаро ба ихтиёри Барот монда аз пайи ӯ рафт, гӯё ҳамчун балогардон рафт. Аз паси дари идора гӯш андохт: «Дар ферма аҳвол ин хелу боз шумо Партшкола хонданӣ меравед?» таъна мезад касе. Овоз ба Ҳаким шинос буд.

— Хайр, гуноҳи ман чӣ, раис, – ҷавоб медод Ашӯра, – вай хостааст.

— Хостааст, мисоли гап, кӣ намехоҳад? Раҳбариро донистан ва тавонистан даркор...

— Даркор, даркор, дар ферма вабо биёд ҳам, мудир ҷавобгар, ягон кас...

— Бас! Мисоли гап, масҷид ҷои... не! – Наъра зад ҷонишини раис.

Ҳаким дар паси дар меистод. Дилаш сахт-сахт метапид. Ҳар лаҳза аз дастаи дар медошт, ки кушода дарояд, вале худдорӣ мекард. Андарун гӯё наъраи ӯ ҳамаро кушт. Хомӯшӣ. Ҳаким ҳам гӯш ба дар наздик бурд. Баъд бод андаке дарро нимроғ кард. Ҳаким худро ақиб кашида, сипас аз роғи дар нигарист: парторг ва ҷонишини раисро дид, «одамҳои шинос, ба ман мумкин набошад?» ба худ савол дод ӯ. Аз дастаи дар дошт, вале ҷуръат накард. Танҳо барои он, ки Ашӯра болои хафагиаш наранҷад.

— Гап ҳамин, мисоли гап, ин масъала дар бюрои партиявӣ ҳал мешавад, мо ҳамту сӯҳбат кардем...

Ҳаким пуршаст ба пас гашт ва паси бино ғайб зад, то Ашӯра набинадаш.

Ҳаким се шабонарӯз Ашӯраро дар овул интизор шуд, ӯ наомад. Баъд мардак фаромада ба деҳа рафт. Тӯйчиро дучор шуд. Ва гӯё чизеро намедониста бошад, пурсид:

— Чӣ, дигар ба овул намеравӣ?

Туйчӣ ба қаъри чашмони ӯ нигарист ва ҷавоб дод:

— Не, ато, намеам. А отам диам мон. Ҳуу, диам мон.

— Аз одам дилат намонад, Тӯйчӣ. Ҳама одам як хел не ва ганда ҳам не.

— Не-еғ-е, данда, данда. Тӯпон, тӯпон медонӣ? Дӯа, ман ти дӯа.

— Медонам, чӯпон ту қатӣ ҷӯра буд... Тӯйчӣ, ин гапро мон, ту бояд ба ферма гардӣ, Ашӯраро азоб медиҳанд...

— Не-е-е, ман намеам. Ашӯа бувв метуан?

— Ҳа, Ашӯраро аз кор мегиранд.

— Нее.

— Биё, пеши Ашӯра равем.

— Нее, диӣ? – досро нишон дода, боғ алафдаравӣ рафтанашро фаҳмонд ӯ.

— Хайр, рав.

Ҳаким Ашӯраро на дар хонааш, на дар идораи колхоз ва на дар сарой пайдо накард. Гуфтанд, ки ӯ ба район рафтааст, баъд дар лаби ҷӯй нишаста, то бегоҳ нигарон шуд, вале Ашӯра наомад. Айёми ғуруб ба ҳавлӣ рафт ва дару деворҳоро аз назар гузаронида, аз шохҳои қадраси зардолу чанде ғӯра чида ба фӯта баст ва сурххокро рост шуда сӯи овул рафт.

Ҳаким вақте ба овул расид, ки говҳоро дӯшида буданд. Хафа ба хиргоҳ даромад.

— Ҳа, мардак, чӣ шуд?

— Ашӯраро наёфтам. Ба назарам, ӯро азоб медиҳанд, аз кор мегиранд, боз аз хондан мемонад.

— Аз кор гиранд, қатори мардум кор карда мегардад.

— Ту намефаҳмӣ-дия, занак, худо гӯй, ки ба даҳони мардум нағалтӣ. Як одами намоёнтар туро бад гуфт, як умр бад мешавӣ. Ҳӯ, мисли он, ки дар зери ана ин кӯҳҳои сиёҳ тир мепарронию садояш аз кӯҳ ба кӯҳ меравад... Ту гумон мекунӣ, ки ба Зироат мардум нек назар мекунанд? Ҳама ба шубҳа менигаранд, одамони даҳанкалон ҳазар ҳам мекунанд. «Ҳалворо ҳаким хӯраду калтакро ятим».

— Мардак, Ашӯра чӣ дахл дорад?

— Сардор. Хуб нашуд. Ба Ашӯра хуб нашуд. Занак, дар ҳаёт ин хел одамон кам ёфт мешаванд.

— Медонам, лекин чӣ кор мекунед?

— Ту назди Зироат раву фаҳмон, ки аҳвол бад, Ашӯраро ҳимоя кардан лозим. Ба ҳар ҳол зан ба зан дарди дилашро мегӯяд. Агар худам гап занам, тарсам, ки ягон сухани ноҷо нагӯяд.

— Ман ҳам метарсам, феълаш гирад, обрӯи касро оби ҷӯй карда мемонад. Не, мардак, худатон рафта гӯед.

— Набошад, рафта гӯй, биёяд, як дам шинем гӯй.

Бону аз хиргоҳ бадар рафт ва зуд баргашта «ҳозир меояд» гуфт. Хеле нишастанд. Зироат наомад. Ҳамсояҳо хоб рафта буданд. Рӯд домони Санги Сипарро сила карда мегузашт ва садояш аз тахтасанги азим акс медод. Садои хоб рафта нафаси дароз баровардан ва кафшаи говон меомад, дигар хомӯшӣ буд. Моҳ нисф-нисфи теғаҳоро равшан карда буд ва осмон мисли қабои зарбофт заррин метофт ва пурчило буд. Роҳи Каҳкашон мисли пайроҳае метофт, ки Ҳаким дар Чориф сохтааст. Ситораҳо он чунон равшан буданд, ки гӯё офтоб дар паси кӯҳҳои Мағриб панноҳ шуда, аз оиначаҳои зиёди осмон акси худро ба замнн равона кардааст.

Ҳаким аз наомадани Зироат дилгир шуд, баъд ба дари хиргоҳ омада ба Каҳкашон нигарист ва ёдаш аз киштаи хеш омад, ки чанд рӯз боз хабар нагирифтааст. Сараш вазнин намуд, баъд ба чайлаи гӯсолаҳо наздик омад. Гови Ало аз девори чайла сар гузаронда писархондашро бӯ мекард.

Ҳаким лаби об рафт. Тоқиашро гирифта рӯи санге гузошт ва даст ба об бурд. Ҷо-ҷо андаруни об ситораҳо бозӣ мекарданд, гум мешуданд, менамуданд, нопадид мегаштанд, боз менамуданд. Ҳаким боз ба осмон нигарист. Ба назараш чунин расид, ки бод хокистари рӯи ахгаронро бардошта, дар хамроҳае ҷамъ оварда, роҳи Каҳкашон сохтааст ва аз дами бод ахгарон лух гирифта, дурахшон шудаанд. Мардак мисли кӯдак ҳарду даст ба об андохт,

то яке аз ситораҳоро бигирад, вале об лапида ситораҳо нопадид шуданд. Баъд ӯ фиреби ситорагонро фаҳмид ва ба сар об рехт. Хеле форам расид. Ҳаловат бурд. Вале алами дилаш сабук нашуд. Гӯё даруни синаи ӯ пур аз ҳавои пурғубор буд ва ин оби равон занги дили ӯро зудуда наметавонист. Ин дафъа сарашро ба об андохт. Сардии об ба мағзаш расид, сар бардошта бо фӯта пок карда ва тоқиро аз болои санг гирифта сӯи хиргоҳ рафт.

Зироат наомадааст.

Шаби дароз саги сиёҳ ба осмон нигоҳ карда уллос кашид.

Пагоҳӣ Зироат аз Ҳаким шарм дошта худро нодида ангошта гузашт.

— Салом, хуҳар! – ӯро ба гап даровардани шуда салом дод Ҳаким.

— Салом, ако!

— Корамон хуб не, хуҳарак.

Зироат хеле ба андеша рафт, баъд пурсид:

— Чӣ хел? – хавфаш аз Тӯйчӣ буд.

— Ашӯраро аз кор мегиранд.

— Чӣ-ба?

— Дар ферма корҳо хуб не, мегӯянд.

Зироат боз ба фикр рафт, ки сухан аз ваҷҳи ӯст.

— Аз дасти мо чӣ меояд?

— Аз дасти мо... аз дасти мо ҳеҷ чиз... Хоҳем, баъзе корҳо карданамон мумкин... Ту меранҷӣ-дия, наранҷӣ, як маслиҳат мекардем.

Ранги Зироат канд, дергоҳ ҷавоб надод. Сари хами Ҳакимро дида ба гап даромад.

— Намеранҷам, ако, гӯед,

— Биё, назди Бону даро.

— Ҳозир.

Зироат корҳояшро сомон карда, ба хиргоҳи онҳо омад.

— Ту гуфтӣ, ки намеранҷам-а, хуҳарак? – пиёлаи чойро дароз карда гуфт Ҳаким.

— Не...

— Не мегӯӣ... Медонӣ, Ашӯраро барои мо шуда аз кор мегиранд.

— Барои мо?

— Ҳа, барои мо, барои ман, барои ту, барои аз ферма рафтани Туйчӣ.

Хиргохро хомӯшӣ фаро гирифт. Рӯд гӯё аз даруни хиргоҳ садо карда мегузашт. Ба ногоҳ Зироат шишаи хомӯширо шикаст.

— Барои ман худам ҷавобгар, пурсанд, худам ҷавоб медиҳам. Ҳар кас тани гарм дорад, барои ин ҷавобгар аст.

— Не, хуҳарак, мо ҳама барои якдигар ҷавобгарем, махсусан сардорҳо барои коргарҳояшон.

— Ин хел шуданаш мумкин не, ман лучу гушна бошам, касе намепӯшонад, намехӯронад, барои ҳамин ҳеҷ кас барои ман ҷавобгар не. Лозим шавад, худам ҳама гапро мегӯям...

...Аз овулиён касеро даъват накарданд, ки дар бораи некӣ ва ё бадии Ашӯра гап занад. Фақат Ҳаким вақти маҷлисро фаҳмида, пушти шахи Гаҳвораро гузашта, бо кӯтали Оҳангарои давр гашта омад. Шалпар шуда омад. Дасту рӯяшро ба дастурӯшӯяки посутуни айвони идора шуста бо фӯтааш пок кард, баъд риши муттаашро даст карда, ба пушти дари идора наздик шуд. Ба гӯшаш расид, ки касе сахт-сахт гап мезанад, вале чӣ гуфтанаш маълум не. Аз дастаи дар дошт, ки кушояд, вале беодобӣ мешавад гуфта, нохун зад. Аз афташ, ҳаросида паст-паст нохун зад, ки касе дарро накушод. Боз нохун зад. Ҷалоли тӯтибурут дарро кушод.

— Ассалому алайкум, додарам!

— Салом, амак.

— Барои ба маҷлис иштирок кардан аз кӣ иҷозат гирам?

— Иҷозат? Ин маҷлиси партиявӣ аст, амак, маҷлиси умум не.

— Медонам, додарам, лекин мехоҳам иштирок кунам.

— Равед, баҳузур гардед.

— Чӣ хел баҳузур? Дар ин хел вақт ҳам баҳузур гашта мешавад?

— Намедонам, ин ҷо маҷлис, амак.

Ҷалол дарро аз паси худ пӯшид. Ҳаким хеле интизор шуд, ки ӯ баромада ягон ҷавоб мегӯяд. Дер шуд. Тоқат наоварда боз дарро кӯфт. Боз кӯфт, боз кӯфт. Дар кушода шуд.

— Шумо одамед ё не?

— Додарам, будаи мо ҳамин. Ман бояд иштирок кунам.

— Равед-е!

— Додарам, аз калонат пурс.

Дар пӯшида шуд. Ҳаким дергоҳ интизорӣ кашид. Дилаш бозӣ мекард ва нафасаш танг мешуд. Тоқат карда натавонист. Пуршаст дарро кушод. Асояшро пеш дошта даромад.

— Ассалому алайкум! – гуфт ӯ. Касе алейк нагирифт.

— Бароед! – фарёд зад ҷонишини раис.

— Шумо кӣ? – пурсид намояндаи райком.

— Ширкашони ферма.

— Чӣ мехоҳед?

— Гап дорам...

— Гапатонро баъд мегӯед, – боз гуфт ҷонишини раис.

— Не, ман бояд гапамро ҳозир, дар ҳамин ҷо гӯям.

Ҳозирон як ҷунбида монданд. Ҷалол ба ҷонишини раис нигарист. Парторг сурфид. Намояндаи райком ишора кард, ки Ҳаким шинад...

«Мо аз мудири ферма гила надорем, фақат гуфтанӣ ҳастем, ки роҳбариро суст карда, каме бепарво шудаанд. Ба назарам, барои

ин кас ин кор зӯрӣ мекунад», – гӯё хеле маданӣ ва боадабона гуфт як мард, ки Ҳаким ӯро намешинохт. Баъд аз ӯ боз як кас баромада ба ҳамин мазмун гап зад.

— Ба ман ҳам гап задан мумкин аст? – тоқат наоварда гуфт Ҳаким.

— Охир гуфтам-ку, ин маҷлис барои шумо не, мисоли гап, дар маҷлиси умумӣ...

— Он вақт дер мешавад, – давоми гапашро нагуфта қомат афрохт Ҳаким.

— Хайр, монед, гап зананд, – хоҳиш кард намояндаи райком.

Ҳаким ба гап даромад:

— Ман то ин рӯз кару гунг будам, гӯё гапи сахти касеро нашунида ва ба касе гапи сахт нагуфтаам. Вале имрӯз наметавонам хомӯш бошам! Шумо нисбат ба як зани бегуноҳ сахтгирӣ мекунед. Ҳамаи шумо сахтиву зориро надидаед. Пеши назаратон зану бачаҳо ҷон надодаанд, дасту забонатон бурида нашудааст, ҷасади мурдаҳоро зери по карда нагузаштаед. Нон гуфта кулӯхро нагазидаед, барои ҳамин ин хел рафтор мекунед...

— Акаи Ҳаким, мисоли гап, лӯнда гап зан.

— Ҷони акеш, ин мисоли гап не, тақдири одам аст. Ман ҳамин чизро ба шумо фаҳмонданӣ.

— Фаҳмидем, мисоли гап, ту мехоҳӣ, ки Ашӯра аз мудирӣ наравад.

— Не, додарам, шумо намефаҳмед. Ана раиси калон ин чизро мефаҳмад. Ӯ ҳамсоли ман аст. Ман гапамро гӯям, номаъқул бошад, номаъқул бигӯ. Намегӯям, ки Ашӯра боз мудир монад. Фақат ӯро озор надиҳед. Хайр, ҳама дил доред, имон доред, фикр кунед, ки ӯ чӣ гуноҳ дорад, хайр, айби ӯ чӣ? Ана ин мардак мегӯяд, ки роҳбариро суст кардааст. Ҳамроҳи ӯ кор мекардед, медидед, ки чӣ ҷонканиҳо дошт. Аввал андеша, баъд гуфтор...

— Шуд? – пурсид парторг.

— Хайр, шуд. Илтимос ҳамин, ки нияти Ашӯраро дуруст фаҳмед.

— Хуб, акнун шумо бароед, гап ҳаст.

Ҳаким берун баромада, то тамом шудани маҷлис интизорӣ кашид. Баъд дигарон ва Ашӯра баромаданд. Ҳамроҳи Ашӯра чанде қадам зада бо овози шикаста ва ларзон саволе ҳам дод.

— Ҳуҳарам-муаллима, акнун чӣ мекунӣ?

— Хондан меравам, ако.

Ҳаким дигар чизе напурсид, вале ҳасрат кардагӣ барин гуфт:

— Бекасӣ ҳамин, хуҳарам-муаллима. Заиф маъно набояд бемардина бошад...

— Айби шумо, ако, бояд ӯро аз ҷанг ҳамроҳ меовардед...

Ҳаким гӯё мисоли мум об шуд. Ҳамроҳи Ашӯра базӯр то хонааш омад, баъд «хайр, хуҳарам-муаллима, ман боз хабар мегирам» гуфту сӯи овул рафт. Дар овул ба касе чизе нагуфт. Лаби об фаромада паҳлӯи Санги Сипар нишаст ва гӯё аз ӯ мадад мехоста бошад, дар бораи одам, тақдири ӯ ба гӯши санг хонд:

«Ту ӯро хуб мешиносӣ, Санги Сипар, чандин бор рӯ ба рӯят истода гап зада буд, овозашро ҳам мешиносӣ, сипари овули мост. Худаш бесипар шуд. Наход тақдири одам чунин бошад, наход эътибораш ҳамин бошад? Ту медонӣ-а ӯ чӣ хел зан аст? Медонӣ. Дасти ту ҳам мисли дасти ман кӯтоҳ. Хайр, ин ҳеҷ гап не. Одамро аз кор гиранд ҳам, ҷонашро намегиранд-ку. Ҳамту гуфтам-дия. Кас ба қадри худаш, ба қадри меҳнати рафиқаш месӯзад...»

Гуфтугӯи Ҳакимро ду саворе, ки аз роҳи деҳа меомад, қатъ кард. Яке байтор ва дигаре марди ношиносе бар аспи сафеди Ашӯра савор буд. Ҳаким худро ба нодонӣ зада, тоқиашро аз сар гирифта рӯи тобасанге гузошт ва даст бар об тар карда сар молид, баъд об рехт.

Саворон ба овул даромаданд. Ҳаким омадани аспи сафедро дид, вале ин дафъа лаҷоми онро нагирифт. Қасдан нагирифт. «Некӣ ба касе кун, ки қадратро донад» гуфт ӯ ва соиду соқҳояшро бар об шустан гирифт. Ӯ дид, ки саворон дар назди хиргоҳаш аспонро лаҷом кашиданд. Бунафшаву Ҳаёт тозон баромада:

— Амак, муаллима-холем ку? – гӯён аз байтор пурсиданд.

— Кор доранд, намеоянд, – ҷавоб дод ӯ.

— Эээ, – баробар овоз бароварданд онҳо.

— Додот канӣ? – пурсид байтор.

— Нестанд, – ҷавоб дод Ҳаёт, баъд дарро пӯшид. Дигар садои касе набуд ва гӯё аз онҳо ҳаросида касе аз козаву хиргоҳ берун намеомад. Сагони ҷакида ба пешвоз баромада акнун аз дуру наздик дум меликконданд.

— Ӯӯ, ин санга бин-е! – яке чашмаш ба Санги Сипар афтида гуфт марди ношинос. Байтор он тараф нигариста «Санги Сипар ном дорад» гуфт ва дар пои он Ҳакимро дид.

— Ассалому алайкум! – ба сӯи Ҳаким овоз дод ӯ.

Ҳаким гӯё чизеро нашунид, гӯшу биниашро тоза кардан гирифт.

— Ҳӯӯ, акаи Ҳаким! – боз дод зад байтор.

Ҳаким фӯтаро афшонда дасту рӯяшро пок кард. Бад аз сангпар гузашта сӯи хиргоҳ омад.

— Хӯҷаини нав,– аз воқеаҳо бехабар марди зардмӯи тунукбурутро нишон дода гуфт байтор.

— Ҳа, биёянд, – сохтакорона овоз баровард Ҳаким. Мардро шинохт. Ин ҳамон марди барои Ҳаким ношиносе буд, ки дар маҷлис хеле «маданӣ» гап мезад. Чӣ хеле ки байтор шинос кард: «Рафиқ Бойматов...»

Ҳаким аз рӯи одамгарӣ онҳоро «меҳмондорӣ» кард, баъд дар берун ҷо андохт. Буққаҳои маст то рӯз нагузоштанд, ки мудири нав хоб кунад…

Бойматов дар ферма навигарӣ овард. Хизмати аввалааш ҳамин шуд, ки ба ҷои Тӯйчӣ подабон ёфт. Баъд ғӯлунгхоӣ карда ба Ҳаким пичингҳо мепарронд ва оқибат гуфт:

— Домулло, барои шумо дар ферма кор нест.

— Хӯш? – муддаои ӯро фаҳмиданӣ шуда пурсид Ҳаким.

— Ягон баҳона нест, ки ба шумо рӯзи меҳнат нависад.

Ҳаким дигар ба ӯ ҳарфе нагуфт. Ду-се рӯз хомӯш гашт. Ходачаҳо бурида дар сари киштааш козае сохт. Баъд ба касе чизе нагуфта хиргоҳро холӣ кард, ду гаҳвораро линг баста, Ҳасану Ҳусейнро сарборӣ кард ва ҳамзодҳои навро яктоӣ гирифта, Бунафшаву Ҳаётро пеш андохта аз хиргоҳ ба коза кӯчиданд.

— Чӣ кор кардед, мардак? – пурсид Бону.

— Дунё ҳамин аст, занак, ҳар кас қӯрро ба рӯи кулчаи худ мекашад. Фермаи нав ҳам хеш дорад, табор дорад, ба онҳо ёрӣ доданаш лозим.

Гандуми лалмӣ аз насими дара мурғак мерафт, тиллоранг менамуд. Ҷо-ҷо пояҳо вазни хӯшаҳоро набардошта афтида буданд. Хӯшаҳои сари роҳро роҳгузарҳо кандаанд ва пояҳо мисли дасти мунда метофтанд.

Ҳаким як сар хӯшаро канда кафмол кард ва бо нафас коҳашро парронд ва донаҳои заррини гандумро ба каф дошта ба Бону намуд.

— Занак, нигар, ин ҳосили ранҷи деҳқонист. Ҳеҷ гоҳ ва ҳеҷ кас ин ҳунарро аз дасти деҳқон нагирифтааст.

— Ако, як бори дигар хизмат кунед, баъд ихтиёратон.

— Хуҳарам-муаллима, медонӣ, ки ман сухани туро намекушам... Лекин... лекин... беҳуда омадӣ.

— Раиси калон омаданӣ буданд...

— Хайр, хуҳарам-муаллима, як бори дигар ба ҳурмати худат. Леиин гӯй, ки ду-се яшук себ гиранд, ба дарбонҳои заводу корчаллонҳо додан лозим. Набошад, як моҳ дар навбат меистем.

— Дар ҳамон ҷо ҳам навбат...

— Ҳа, хуҳарам-муаллима, одамон фақат барои мурдан навбат намегиранд, ҳар кас якеро пеш гузошта, худ қафо истодан мехоҳад. Дар ҳамин ҷо одамон ба якдигар ғамхорӣ мекунанд. Инро ту хуб медонӣ...

*«Шақ-шақ, шақара-шақ, шақу шаққ!!!»*

***1 декабри соли 1970***

# БУД, НАБУД

## 1

Ҳикоят мекунанд, ки дар давраҳои пеш байни қабилаҳо хунрезиҳои зиёде мешудааст, пурзӯрон камзӯронро амон надода, поймол карда, мегузаштаанд, ҳатто деҳаҳоро ба хок яксон карда мерафтаанд. Вале ҳар боре, ки ба ин деҳаи хурд, ки дар даҳони дара мисли забон метобад, расиданд, нарм мешудаанд, хайма зада, дам мегирифтаанд ва аз аспи ҷаҳлу ғазаб фаромада, амон-амон мекардаанд. Мардум ин деҳаро дараи Амонӣ ном ниҳодаанд. Сипас кадом забондон, шояд барои мизони сухан бошад, онро сайқал дода, «Амондара» гуфтааст. Ин деҳа хурд, вале чунон зебост, ки аз он тарафи рӯди Зарафшон нигаред, гумон мекунед, ки гулфурӯше чанд даста гулро даруни сабад гузошта нигарони харидор аст. Сафедорҳои баланд ва чормағзҳои парешоншохи азим аз наздик ба гулдастаҳо монанд шудан намехоҳанд, балки ҳашамат ва сарбаландии худро нигоҳ доштан мехоҳанд. Теппайи Гили Бӯтта тарафи шарқии деҳаро печонида ва дар доманаи он каме даст гардонидааст. Гӯё ин даст як умр деҳаро дошта меистода бошад ва дар ҳамон ҷо, ки мисли оринҷак шакл гирифтааст, ду дарахти туғ ва як бурси дерсолае ҳаст, ки шояд аввалин каси ин деҳа, ки баъди ҳазрати Одаму Момоҳаво ба дунё омада бошад ҳам, кай сабз шудани ин дарахтро надонад. Ин бурси дерсола шоххҳои сабз ҳам дорад, шоххои хушк ҳам. Шохи рости теппааш хушки қоқ ва дар кадом фасле, ки дар он паррандае нишинад, аён мегардад. Ва агар дар нӯги он аккае шишта «ғиш» гӯяд, гӯё ҷони мардуми деҳа мебарояд ва ҳар касе, ки наздиктар аст, «ҳо!» гуфта аккаро мепарронад... Ва баъд ба андеша рафта як қиссаи куҳанро ёд меорад, ки авлод ба авлод гузашта то ба ин рӯз расидааст. Гӯё, вақте ки кофирон пайғамбареро таъқиб карда меоянд, он кас худро ба ин каҷӣ мегирад ва дар ин лаҳза ин бурси азим мекафад ва ҳазрат даруни ин бурс медарояд. Бурс боз ҷафс мешавад. Як нӯги бари ҷомаи пайғамбари охирзамон берун мемонад ва гоҳе, ки душманон расида меоянд, акка бари ҷомаро кашида «ғишак, ғишак» кардан мегирад. Пайғамбар «Худоё, худовандо, аз даҳонат зоӣ!» гӯён аккаро дуои бад мекунад ва акка ҳамон лаҳза аз даҳон мезояд. Вай «ғишак» гуфта наметавонад. Дар ҳамин вақт душманон гузашта меравенд ва ӯ байни бурс мемонад. Мегӯянд, ки фардо «рӯзи қиёмат» пайғамбар аз байни ин бурс хоҳад баромад.

Ин як ҳикоятест дар бораи ин деҳа. Ва боз пурсед, ки ин деҳа чӣ таърихе дорад? Мегӯянд, ки ин деҳаи хурд чаҳор меҳмонхона дошт. Дар меҳмонхонаҳо ёру ҷӯраҳо гаштак медоданд, бурутгирон

ва бахиёзаи туй медоданд. Агар барфи зиёде борида, кӯрпа шавад, ёру ҷӯраҳои меҳмонхона маслиҳат карда саҳари баланд калтаку асоҳо ба даст ба лаби ду теппайи канора ҳозир мешуданд ва саф кашида, боло мерафтанд. Ҳар ҷо-ҳар ҷо дар қаравулгоҳ як-як меистоданд ва ҷавонмардҳо то сари парра рафта аз ду тараф ба ҳам вохӯрда, «ҳей-ҳей» гӯён, кабкҳоро парронда-парронда рӯи деҳа мефуровroutанд. Баъд аспакиву пиёда онҳоро дошта мегирифтанд. Касони дар лаби теппаҳо истода дар куҷо кӣ чандто кабк дошт, ҳамаашро медиданд. Бегоҳ тамоми кабкҳо дар зери айвони масҷид ҷамъ мешуданд ва ба чаҳор меҳмонхона, аз рӯи он, ки чанд одамаш баромадааст, қисмат мекарданд... Вале имрӯз меҳмонхонаҳо намондаанд...

— Боз?

Боз ҳикоят мекунанд, ки Дузди Аваз ҳафт зан доштааст. Шабҳо ҳафт ҷогаҳи қатор партофта, мехобидаанд. Ҷӯраҳо шӯхӣ карда пурсанд, ки чӣ хел саришта мекунӣ? ҷавоб медодааст, ки худо дар як ҳафта ҳафт рӯз додааст. Ва агар пурсанд, ки шаб берун барой, ҷогаҳро гум намекунӣ? ҷавоб мегуфтааст, ки номашро гирифта чеғ мезанам ва аз овозаш ёфта меравам.

Баъд чунон шудааст, ки дар деҳа ҷавонзанеро шӯй мурдааст. Ҷавонзан он қадар зебо будааст, ки дар ягон афсона тасвирашро касе нашунидааст. Қоматбаланд будааст, як қади соиди даст гардани баёз доштааст. Дар пешониаш мисли қош дурра мебастааст. Тамоми мардони деҳа ва деҳоти гирду атроф, ки ӯро дидаанд ва ё овозаашро шунидаанд, умед бастаанд, даҳон андохтаанд, вале ҳеҷ кадоме ба занак хуш наомадаанд. Ва рӯзе аз рӯзҳо ин зан худ аз худ ба хонаи Дузди Аваз омада ба болои ҳафт занаш ба ӯ расиданӣ шудааст. Омада нишастааст ҳам. Ҷӯраҳояш аз Дузди Аваз пурсидаанд, ки ту чӣ сехре дорӣ? ҷавоб гуфтааст, ки дар умрам ба зан гапи сахт нагуфтаам...

Ва боз?

Ва ин дафъа ба шумо як фоҷиаро ҳикоят карданӣ шуда, мегӯянд, ки бисёр касоне, ки ин қиссаро медонанд, ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд. Ва касоне, ки ин фоҷиаро дар кӯдакиашон дидаанд, хуб ёд надоранд ва хуб гуфта наметавонанд. Ба шумо маслиҳат медиҳанд, ки лаби рӯди Зарафшон нишинед, беҳтар аз Зарафшон касе ин қисса ва он рӯзгорро ба шумо ҳикоят карда наметавонад.

Вақте ки шумо мисли як марди заршӯе, ки пӯстак ба даст зарпора доштанӣ шуда, лаби Зарафшон нишаста ба туғёни он назар меафканед, мавҷҳо забона зада, уштулум карда, гӯё соҳилро шуста мебурда бошанд, ба канораҳо бархӯрда, сӯи Дупула мешитобанд ва дар ҳамин манзил дар зери пулҳои паҳлӯ мисли мор ҳалқа зада ором мегиранд. Дар канори пули навсохти оҳанӣ, дар ҷои тангтар ва баландтари канораҳо оҷур боқист, ки дарак аз рӯзгори кӯҳан медиҳад. Оне, ки ба хиштпораҳо менигаред, аз як зани машҳур,

ки дар аҳди Темур ин пули хиштиро сохтааст, қисса оғоз меёбад ва чун нигоҳатон ба паст рафта, ба гирдобу даҳанаи зери ин пули вайрона бармехӯрад, қиссаи дигар, як қиссаи ҳузнангез, нафратовар ва дилозоре ибтидо мегирад:

Писарбачча дастонашро ба бағал зада, чунон тез мерафт, ки гӯё аз хона, аз хешу табор, аз ҳама мегурехта бошад. Нӯги бинӣ ва гӯшҳояш аз сармо пушти гули шафтолу барин ранг гирифта буданд. Писарбачча метохту қадам мезад, метохту қадам мезад, рухсораҳояш ҳам сурх шуданд, вале дар зери ин сурхиҳо як ранги заъфаронӣ сим мезад. Ӯ бо ҳамон шасте, ки мерафт, бозистод. Дар рӯбарӯяш тағояш баромад. Ҳар қадар дар рӯяш сурхӣ буд, парид, пушти лабони ӯ ранги хокистарӣ гирифт. Ва ранги сару рӯяш ранги либоси обшуста ва офтоббардоштаро монанд шуд.

— Куҷо метозӣ? – дар ҳайрат монда пурсид тағо.

— Ҳе-ҳеҷ куҷо.

— Чаро метозӣ?

— Ҳа-ҳамту.

— Оғилро тоза кардӣ?

— Ҳҳа.

— Нӯшхӯрдашро гирифта, наҳории тоза андохтӣ?

— Ҳа.

— Говҳоро об додӣ?

— Ҳа-ҳа.

— Чаро нафасат гашта истодааст?

— Давидам...

— Барои чӣ медавӣ?

— Ҳа-ҳамту.

Писарак чӣ ҷавоб гуфтанро надониста «ҳамту» гуфту монд. Дар айни ҳол дилаш бозӣ мекард. Тағо шину хези сари сина, фароху танг шудани сӯрохиҳои бинии ӯро дид, аз қути кандааш чизеро дарк карда «гард, хона равем» гуфта пеш даромад. Чанд қадам монда, ба пас нигарист, ки писарак ҳоло ҳам карахт шуда, ба ӯ менигарад.

— Ӯ, кулӯхи баччашм, чаро шах шудӣ? Биё! – шиддат кард ӯ ва гӯё баробари садояш як даста оташ аз таги дилаш бархоста, дар ботинаш ғул-ғула андохт.

Пайкари хурди писарак ларзид. Баъд гӯё аз даҳшати хунукӣ ва ё тарси он, ки ҳолиё ба даст афтода, сирру савдо фош мегардад, дандонҳояш ба ҳам хӯрданд. Тағо манаҳ ва пайкари ларзони хоҳарзодаро дида, тааҷҷуб кард ва қадам пеш андохта, сӯяш рафт. Ба назари писари дувоздаҳсола чунин расид, ки аз тағояш гурехта, ақиб рафта истодааст. Вале тағо, марди болобаланди бадвоҳима, пурғазаб сӯи ӯ мерафт. Намудаш мисли уқобе буд, ки худро сӯи кабкчӯҷае андохта бошад. Вале дар чунин вазъу ҳол ҳам писарак дастон аз бағал намегирифт.

— Муттаҳам, ту чӣ кор карда истодаӣ?

Бачча ба ҷои ҷавоб сар ҷунбонд.

— Девона шудӣ? Забонатро хӯрдӣ?... Чӣ?!

Писарак боз сар ҷунбонд. Вале таго рафтору кирдори ӯро бардошта натавониста, чунон ба бари рӯи чапаш зад, ки пояш ба рӯи барф надошта, ба пушт афтид. Ӯ бо дасти рост бари рӯяшро медошт, вале дасти чап ҳоло ҳам зери бағал буд. Писарак фарёд назад. Аввал аз чашмонаш оташ парид, баъд ашк ҷорӣ шуд. Ӯ ба оринҷи чап ва зонуҳояш такя карда, бархост. Ба рӯяш нақши панҷаи марди пурзӯр аён буд. Писарак мисли гӯсфанди сӯре, ки ба ресмонкашии одамӣ итоат накарда, чаҳор дасту пойро тира монда, вазн ба ақиб меандозад, оҳиста-оҳиста пас-пас рафт.

— Ба дастат тир задааст-чӣ? – гӯё ҷои ҷони ӯро ёфта, пурсид таго.

«Не» – боз сар ҷунбонд писарак ва оринҷи росташро ба рӯи дасти чапаш сахттар фишурд.

— Канӣ, нишон деҳ, ягон чизи касеро дуздидӣ? – аз чизе гумонбар шуда пурсид таго.

Писарак худро гум накарда оҳиста дасташро аз зери бағал кашида гирифт ва нишон дод. Марди пурдида пай бурд, ки чизе зери оринҷи ӯ монд.

— Оринҷатро бардор!

Писарак ба ҷои фармонро иҷро кардан як қадам ақиб ҷаҳид ва рӯй тофта гурехт.

— Исто!... Наистӣ, дорам, мекушам!

Писарбачча як суст шуд, вале боз дар дилаш ғуруре пайдо гашт, ки тезтар тохт. Ҳамин вақт дар хами пояш зарби сахте расид. Бачча мувозинатро гум карда, саропо рафта, афтид. Ҳавли ҷон дастҳояшро ба замин тир кард. Дастҳо даруни барф фурӯ шуданд. Ӯ чизеро аз даруни барф бознагирифт ва то қомат рост кард, ки таго даррасида баччаро лагад зад.

— Худоноумед, барои чӣ мегурезӣ? Аз хонаи ман рафтанӣ бошӣ, рафтан гир, аммо ба ин беномусӣ не, маро шармандаву шармсор накарда рав! Ту ба ман чӣ лозим? Нонхӯри сарзиёдатӣ... Охир, куҷо мегуреезӣӣ!!! – дандонҳояшро ба ҳам фишурда, аз ду ҷониби гиребони ӯ гирифта, афшонд. Каллаи гӯё аз ихтиёр рафтаи ӯ бар гардани бемадораш бозӣ мекард, баъд телпаки аз пӯсти барраи ҷаъдмӯ дӯхта, ки имрӯз ҷо-ҷо ҷингилаҳо монда, худи он ба бузи гаргин монанд шуда буд, аз сараш парид. Марди каппа-калон боқии ҷаҳлу ғазаб аз телпаки бачча гирифтанӣ шуда, онро чунон бо лагад зад, ки қадди дарахт рост баромада, боз ба рӯи барф афтид. Ва зарби пои ӯ аз зери барф коғазеро ҳам рӯи барф овард. Аввал мардак ба он эътиборе надод, вале дид, ки чашми писарбачча ба он афтида беқарор гашт, хам шуда коғази қатгаштаро бардошт.

Писарак чӣ зайл аз дасти тағо чанг зада гирифтани мактубро надонист. Акнун тамоми бадани ӯ пурдаҳшат меларзид. Писарак яқин кард, ки ҳам худаш ва ҳам хоҳараш зинда нахоҳанд монд. Ба назараш чунин расид, ки ӯ ба ғарами беда оташ зад ва боз хомӯш карданӣ шуда, андаруни оташ монд ва пештар аз бедаҳо сӯхт...

Мардак қати коғазро кушод.

Писарак гумон кард, ки тағо дасту пойҳои ӯро аз танааш чудо мекунад, хаёле оринҷҳояшро ба паҳлӯҳо пахш карда, солим ва ё носолим будани худро санҷид..

Рӯёрӯ будани ин ду тан гургу барраеро ба хотир меовард, ки гург як бор барраро пахш карда ва дандон зада, сар дода бошад ва инак як қадам аз он дур истода, ба ҳолаш механдад, вале бар-раи бечора дар ғами ҷони худ дир-дир меларзад. Ӯ ҳам меларзаду меларзад, вале ёд надорад, ки ягон вақт ларзаи пойҳояш қарор гирифта бошад. Ҳамин ки падараш мурд ва пас аз чанд вақт мо-дараш шавҳар ёфта, ба деҳаи дигар рафт ва падарандараш ба онҳо рӯи хуш надод, тағояш Забур ор карда хоҳарзодаҳоро ба тарбияти худ гирифт. Аз ҳамон рӯз Шаҳбону ва Мурод дар хонаи тағояшон худро ятим ҳис карданд. Забур агар рӯзе як бор бо баҳонае якти-монро сарзаниш накунад, илмаш қарор намегирифт...

Мурод беҷо шудани авзои тағояшро дида, аз баҳри хотирот ва андешаҳо даргузашт ва гумон кард, ки пурдаҳшаттарин рӯзи ӯ ҳамин рӯз аст. Ӯ гӯӣ тӯри ба моҳӣ партофтаашро бо умеде аз баҳр мекашид. Дастонаш, бозувонаш ва рагу пояш пурқувват ва таранг буданд, вале моҳии азим ӯро дида якбора талвосаи ҷон кард ва тӯру худи ӯро кашида боз ба об рафт. Дастони бачча бемадор шуд ва тӯрро раҳо кард...

Вараqи дасти мардак меларзид:

— Инро ба кӣ мебарӣ? – аз бачча ҳам зиёдтар ларзида гуфт ӯ.

— Намедонам.

— Чӣ хел намедонӣ?

— Вай аз они ман не.

Забур нигарони баҳсу мунозира нашуда, бори дигар кашидаву кушода ба баногӯши Мурод зад, ки аз зарбаш худ силтав хӯрда саллааш афтид. Ва бачча базӯр як-ду бор пояшро аз даруни барфи канори роҳ кашида пушт рафт, вале қувваташ кифоя накарда ба паҳлӯи рост афтид ва оринҷаш ба барф фурӯ ғӯтид. Аммо мар-дак ба ӯ эътиборе надода, гӯё ки хонаашро оташ зада бошанд, башитоб сӯи ҳавлӣ рафт.

## 2

Ҷаҳлу ғазаб Забурро ба ҳолате оварда буд, ки базӯр нафас мегирифт; нафасаш кӯтоҳ ва якка мешуд. Ҳарчанд мехост, ки як

нафаси дароз кашида бори дилашро сабук кунад, вале роҳи нафас танг шуда буд. Гӯё ягон дона ё ширеши хунукхӯ қасдан роҳи нафасро гирифтааст. Аз ҳаври нафас дар ин сардмоҳи қаҳратун дар тораи буруташ қатраҳои яхаксурат пайдо шуданд. Фағонаи ҳаври димоғаш ҳаври нафаси аспи таковарро мемонд. Ташвиши ногаҳонӣ ва аз ҳад зиёди ӯ рӯҳи занашро парешон кард.

— Ун сияҳ…милла куҷост? – дам гирифта-дам гирифта пурсид Забур.

— Кӣ? – ҳайрон монда пурсид занак. Ӯ намедонист, ки шавҳараш духтарашонро мепурсад ва ё Шаҳбонуро.

— Модиён! Ту намедонӣ, ки кӣ? Намедонӣ, ки сияҳмилла кист?

Занак пай бурд, ки шавҳараш хито шудааст, ҳарфе нагуфта ба ошхона даромад. Мардак ҳам аз паси ӯ ба ошхона рафта, паси дар, даруни хамба ва ҳатто даруни қасабаро хабар гирифта, ҳайратзада берун баромад. Мисли сайёде, ки аз паси сайди захмдор тозад, худро башитоб сӯи рахнаи боғ андохт. Пайи пое аз рахна гузашта буд. Забур пай гирифта ба боғи дигар гузашт. Пай то лаби кӯраи боғи калони бобоияш рафт. Дили сахти Забур ба тапиш даромад, ки ҳозир ӯро андаруни кӯра пайдо мекунад ва аз миллааш дошта, рӯ-рӯи барф кашолу молон то хона мебарад. Вале пай даруни кӯра даромада ва он тараф сӯи роҳи калон рафта буд. Алҳол дар рӯи барфи боғҳо ҳамин пай ва боз пайи рӯбоҳ ё шағоле, ки шабона ба деҳа мурғдуздӣ омада бошад, нақше доshту бас. Забур пай гирифта то рахнаи кӯчабоғ рафт ва нақши пойро гум кард. Дандон соид. Ва куҷо рафтанро надонист. Хеле сари рахна истод. Ва коғази маҷақ карда ба бағал андохтаашро кушода, зеҳн монд, ки гӯё дар он хати сафари ин нақш кашида шуда бошад. Ӯ зеҳн монд, хеле зеҳн монд, вале чизеро пай набурд. Ҳарфҳои каҷукилеби рӯи коғаз ба чашмонаш мисли мижаҳои шикаста халиданд. Ӯ як бор чашмашро пок кард ва ба хат дурусттар нигарист:

«Ҳафиз! Тағоям маро ба Ҳомид-кӯрбошӣ тортуқ карданнст. Ман бечора ҳастам ва илоҷе надорам... Баъди шом ба кӯраи боғи Гарон биёед. Ман бӯғчаамро он ҷо мемонам. Мегурезем...

Шаҳбону».

Забур, гӯё касе пуршаст ба паси гарданаш фароварда бошад, якбора пас гашт ва боз сӯи кӯра рафт. Даруни кӯраи сиёҳ даромада бӯғчаро ҷустуҷӯ кард, бехи девори кӯра ва зери барфро кофт. Нишоне аз бӯғча набуд. Ӯ аз кӯра баромад, ба назар сиёҳ гашта буд, гӯё акси кӯра зада бошад. Саллаи сабзи ӯ, ки аз даҳшати ҳавои сард гӯшҳояшро ҳам фаро гирифта буд, сари ӯро танг карда, ба дард овард. Рӯи пуррааш ба назар хароб гашта буд ва чашми чапаш, ки аз чашми росташ ба андозае танг буд, аз зери абрӯйи фарохаш базӯр менамуд. Чунин мерасид, ки камонро ба сайде рост карда нишон мегирад. Манаҳаш дар зери риши мул-

лоёна қайчизада меларзид. Вале худаш ин чизро пай намебурд. Ӯ ба зери айвон ҳозир шуда. пай бурд, ки пояш хунук мехӯрад: ба даруни кафшаш барф даромада маҳсиаш об гузаронда буд. Ӯ боз аз занаш Шаҳбонуро пурсид.

— Наомадааст, – ҷавоб дод зан.

— Куҷо рафта буд?

— Ба ман нагуфтааст.

— Мурод чӣ?

— Мурод ҳам наомадааст.

Забур дастони аз сармо сурхшудаашро ба ҳам соида сӯи кӯча қадам ниҳод.

— Ба шумо чӣ шуд, мардак? – пурсид зан, вале мардак нашунида ангошта рафт. Ботинаш туғён дошт. Чунон пурташвиш буд, ки гӯё лаҳзае дер монад, аз ҳама чиз маҳрум мегашта бошад. Ба сари роҳи калон баромада, ба атроф нигарист. Ҳама ҷоро барф иҳота карда буд. Ҳам замин ва ҳам дарахтон барфпӯш буданд. Ҳатто шохҳои сабз ва хушки бурси мазор ҳам барф мебардоштанд. Забур лаҳзае пеши назар овард, ки Мурод ҳам зери барф монда, ях бастааст ва дигар ба хизмати ӯ расида наметавонад. Забур аз фикраш гашт. Мурод ӯро сахт зарур шуд. Мехоҳад, ки писаракро ёфта, мактубро ба ӯ диҳад, то бурда, ба Ҳафиз расонад. Вагарна нақшаҳое, ки пас аз номаро хондан ба сараш омада буд, барбод мераванд. Ӯ Муродро меҷуст, вале тахмин ва ё яқин карда наметавонист, ки ӯ дар куҷо буда метавонад. Мардак бе ягон фикру мулоҳиза ба дарвозаи Азиз Тахмин рафт. Аввал дуру дароз андешаю мулоҳиза карда назди дарвоза истод, баъд ҳалқа ба дарвоза зад. Азиз Тахмин қомати баландашро хам карда, аз зинаҳои болохона фаромада омад ва дар таги дарвозахона як бор сурфида, дарвозаро кушод.

— Ассалому алайкум!

— Ваълайкум ассалом! Марҳабо, Забурбек, марҳабо!

— Муроди мо ҳамин ҷоҳо наомадааст?

— Не. Мурод ягон бор ҳам ба даргоҳи мо наомадааст. Тахмин, бо коре фиристода будед?

— Не, мабодо... Маъзур...

— Марҳабо, як пиёла чой.

— Дигар вақт, кори зарур дорам.

— Тахмин, ҳамин тавр. Забурбек, шуморо ҳеҷ гоҳ ин тавр пурташвиш ва парешон надида будам.

Забур гуё гапи ӯро нашунид ва хайрухуш ҳам накарда, баргашт. Рӯз гашт карда, ҳаво хунук шуда буд. Вақти нафас кашидан парраҳои биниаш ба ҳам мечаспиданд. Ӯ бинӣ меафшонд ва боз тез-тез қадам мегузошт. Башитоб ба хонааш баргашт. Ин дафъа духтараш Норӣ ӯро зери айвон пешвоз гирифт:

— Куҷо будӣ? – худро ба даст гирифта натавониста ва ларзида пурсид Забур.

— Ҳеҷ ҷо, – ҳаяҷони зиёди падарро пай бурда ҷавоб гардонд духтар ва фаҳмид, ки ин ҷавоб падарашро қонеъ намегардонад, илова кард: – Назди Бихалифа рафта будам, дарс хондем.

— Шаҳбонуро надидӣ?

— Умм... не.

— Чӣ «умм... не»? Гӯй, ки ӯ дар куҷо?

— Намедонам. Вақти рафтанам дар хона буд.

— Рафта, ёфта биёр!

Духтар дигар гапгардонӣ накарда, аз зери айвон ба паст фаромад. Ӯ медонист, ки Шаҳбону дар назди бихалифаи мактабдор Офтобхон аст ва албатта бо ӯ ягон маслиҳат ҳам дорад; аз парешон рафтанаш ҳам маълум, вале ба падар чизе нагуфт. Донад-надонад, чизе нагуфт. Лаҳзае пеш падар бо ишоре ба Норӣ фаҳмонд, ки бо Шаҳбону чизе шудааст ва ӯро бадбахтие пеш омаданаш мумкин аст. Ӯ ба падар вонамуд кард, ки ба ҷустуҷӯи Шаҳбону меравад. Вале аз даричаи боғ баромада ҳайрон монд. Ҳарчанд ба куҷо рафтанашро медонист, аммо рафта наметавонист. Бори дигар аз даричаи кушода ба пас нигарист, ки падар рафтани ӯро нигарон аст ё не. Дид, ки падар аз пасаш меояд, қасдан бозистод.

— Чӣ истодаӣ?! – шиддат кард падар.

— Охир, намедонам, куҷо равам?

— Куҷо рафтанаш мумкин?

— Чӣ донам? Охир, куҷо рафтанашро ба ман нагуфтааст. Куҷо ҳам меравад? Равад, боз ба хонаи мо меояд.

— Не, ту намедонӣ, шояд ӯ дигар наояд... Ӯро зуд ёфтан лозим.

— Хайр, шумо ҳар ҷое, ки рав гӯед, меравам.

Забур, ки ҷоеро тахмин накарда буд, чизе гуфта натавонист ва баргашта боз сӯи кӯра рафт...

Норӣ дид, ки падар аз боғашон гузашта, сӯи боғи Калон меравад, ҷониби тангӣ раҳсипар шуд. Ҳавлии Офтобхон аз ҳавлиҳои дигар болотар – дар даҳони тангӣ ҷой гирифта буд. Девори хонаҳои ӯ аз гили сурх рост шуда буданд. Хонаҳои қатор пешайвони барқад дошт. Ӯ яке аз хонаҳои тарафи офтобрӯяро мактабхона карда, худ дар он ҷо дарс медод. Азиз Тахмин писараш Ҳафизро назди Офтобхон гузошт, ки савод барорад ва баъд ба мадрасаҳои шаҳрҳои калон рафта таълим гирад. Шаҳбону низ ҳамдарси ӯ шуд. Вале шарикдарсии онҳо дер напоид. Падари Шаҳбону қазо кард. Чанд вақт гузашту модараш ба ҷои дур ба шавҳар расид. Баччаҳоро низ ҳамроҳаш бурд, аммо дере нагузашта тағояш Забур рафта баччаҳоро овард. Шаҳбону боз ба мактаб рафт. Ҳар гоҳ дар назди Бихалифа чизеро арз карда ҳоли ӯро парешон месохт. Ин аҳвол ба дили Ҳафиз шафқат овард. Баъд ӯ ба Шаҳбону меҳру-

бон барин нигоҳ мекардагӣ шуд. Духтар ҳам аз нигоҳи ӯ рамуз гирифта, сар хам мекард, то шарикдарсонашон аз нигоҳи онҳо чизеро пай набаранд. Ҳатто Бихалифаи куҳансол ҳам аз рафтори онҳо воқиф набуд. Фақат ин дам, ки Шаҳбону гирён ҳама сирру савдоро гуфт, Бихалифа ҳайрон монд. Ӯ ҳоло чизе наандешида буд. Ва дар банди фикру хаёл буд, то чӣ гӯяд. Ҳамин вақт Норӣ аз дар даромад. Муаллима ҳаросид. Шаҳбону зуд пай бурд, ки Норӣ барои чӣ омад.

— Барои ман омадӣ, Норинисо?

— Падарам туро кофтуков дорад, фармуд, ки туро ёфта барам.

— Ҷои маро гуфтӣ?

— Не.

— Норинисо, чӣ гап шудааст? Барои чӣ Шаҳбонуро ҷустуҷӯ мекунанд? – Масъаларо равшан карданӣ шуда пурсид Бихалифа.

— Намедонам, Шаҳбону ва Муродро мекобанд.

— Муродро? Аҳҳ!! Магар... магар ӯро доштаанд?

— Намедонам, Шаҳбону! Падарам мегӯяд, ки ҳардуятонро зуд ёфтан лозим.

Шаҳбону ба Бихалифа нигарист.

— Ту акнун имшаб гурехта наметавонӣ, Шаҳбону.

— Ман ҳоло бӯғчаамро ҳам нагирифтаам.

— Ман рафта чӣ гӯям, Шаҳбону?

— Гӯй, ки наёфтам.

Норӣ сӯи ӯ бо муҳаббат ва меҳрубонӣ чашмак зада баромада рафт.

Шаҳбону ба чашмони камнур ва рӯи ботаровати Бихалифа, ки резаожангҳо дошт, нигоҳ карда монд, гӯё аз як зан – аз як зане, ки неку бадро хуб медонад ва дар хусуси он бисёр мегӯяд, имдод талаб мекард, ёрӣ мепурсид. Бихалифа низ дар ин вазъият бечора буд. Ӯ фақат метавонист чанд рӯз Шаҳбонуро дар хонааш нигоҳ дорад, ба касе нишон надиҳад. Вале масъала ранги дигар дошт. Шаҳбону бояд баъди шом ба сари кӯра равад. Ба гумоне, ки мактубашро Ҳафиз гирифта бошад ва онҳо бояд ба дидор бирасанд ва бо ҳамин ба ҳам пайвастагие бигиранд...

— Ба ҳурмати худо, ба ту ҳеҷ мадад карда наметавонам. Туро нигаҳ дорам, аз оқибаташ метарсам. Рав гӯям, ҷустуҷӯ доранд, ба даст афтӣ, кори хуб намешавад.

— Ман рафта ба ӯ мегӯям, ки имшаб чизҳоямро гирифта натавонистам, шаби дигар мегурезем.

— Маслиҳат намедиҳам, Шаҳбону, – мӯйҳои сиёҳи дар бари рӯй ҳалқа задаи духтарро сила карда гуфт Бихалифа.

— Чӣ кор кунам, Бихалифа?

— Ту бимон, ман ба ҷои ту рафта, хабар медиҳам...

## 3

— Ёфтӣ? – дар рахнаи боғ Нориро дучор омада пурсид Забур.

— Наёфтам.

— Кучҳоро дидӣ?

— Ҳама ҷоро дидам.

— Муродро надидӣ?

— Не.

Забур чунон пурхашм гашта буд, ки саҳл монд Нориро ҳам мисли Мурод шаппотӣ занад. Вале ӯ худдорӣ кард ва беихтиёр ба тангкӯчаи тарафи чап роҳӣ шуд. Дар назди дарвозаи дутабақаи сурх, ки мисли болору кодокҳои хонаҳои пурдабдаба кандакорӣ ва қабзафурӯмон дошт, қарор ҳам нагирифта ва кӯба ба дар назада, рост даромада рафт. Дар рӯи саҳн зани қоматбаландро дучор омад, ки ҷомаро ба миён зада сатили шир дар даст аз оғил баромада буд.

— Битӯтӣ, домуллоимом дар хонаанд?

— Дар хонаанд, марҳамат, дароед! – ҷавоб дод занак ва сатили ширро, ки ҳавраш баромада истода буд, ба ошхона бурд.

Забур зери айвон пойҳояшро тап-тап зада барфро афшонд ва ду-се бор сурфида, дастаи дари хонаро дошта кашид.

— Ассалому алайкум!

— Э, мулло Забур, ваалайкум! Марҳабо, марҳабо! – Домуллоимом аз рӯи сандалӣ саллаи дар гарди тоқӣ печидаро гирифта бар сар ниҳод ва даст бар сандалӣ такя гузошта хест. Даст дода вохӯрдӣ карданд. Домуллоимом ишора кард, то Забур ба бурҷак гузарад.

— Не, тақсир, он ҷо ҷои шумо. Бишинед, ман паҳлӯятон мешинам, – гуфта пешгаҳ гузашт: – Омин! Қадам нек – бало дур, такя ба Худову расул!

— Аҳвол, кору бор, Забурбек?

— Корамон чандон хуб нест, тақсир.

— Читу?

— Воқиф ҳастед, ки мо ғӯрамарги Шаҳбонуро ба Ҳомидбек тортуқ кардан хостем...

— Хуб?

— Ӯ муроди моро фаҳмида, гурехтанӣ шудааст. Боз бо кӣ гӯед, бо писари Азиз Тахмин...

— Ло ҳавла ва ло қуввата!

— Ман ана ин мактубро аз дасти Мурод гирифтам. Ба Ҳафиз мебурдааст... Шаҳбону навиштааст, ки баъди шом дар кӯраи боғи Калон вомехӯранд... Лекин Ҳафиз аз ин чиз огоҳ нест. Шаҳбону ҳам гум, ҷои накофтаам намонд, наёфтам...

Забур шикани мактубро кушода, рӯи сандалӣ гузошт.

Домуллоимом дароз шуда мактубро гирифт ва синча карда нигарист. Баъд, гӯё ки сандалӣ оташ бароварда ӯро сӯзонда бошад, худро қафо кашид.

Дили Забур ба тапидан даромад. Ӯ сари синаи худро ба рӯи сандалӣ хам кард. Интизор буд, ки домуллоимом чӣ мегӯяд, панҷаҳояшро ба ҳам қуфлу калид карда, фишурдан гирифт. Ӯ асабӣ гашта буд, ки шом наздик шуда истодаасту ягон корро сомон карда наметавонад.

Домуллоимом ҳоло ҳам ба мактуб нигоҳ мекард.

Кадбону як хокандоз лахча оварда, лаби кӯрпаи сандалиро бардошт ва дар равшании шӯълаи оташ дид, ки пои шавҳараш қӯри оташдончаро тит карда, болои он истодааст. «Поятонро кашед!» аз даруни сандалӣ овоз баровард занак. Мардак пояшро кашид. Занак оташро ба оташдонча андохта, лаби кӯрпаи гардондаашро фаровард ва берун шуд.

— Чӣ маслиҳат медиҳед, тақсир? – баробари дарро аз паси худ пӯшидани занак аз домуллоимом пурсид Забур.

— Маслиҳат ҳам дода наметавонам, Забурбек. Шумо чӣ кор карданӣ ҳастед?

— Худам ҳам намедонам, тақсир.

— Ҳоло ҳеҷ гап нашудааст. Овоза ҳам накунед. Духтарро ёфта, дар ягон ҷо қава карда монед... Рафту Ҳомидбек ба деҳаи мо надаромада, Дупуларо гузашта, рост ба Панҷакат равад?

— Ин тавр шуданаш ҳам мумкин. Хайр, тақсир!

— Ҳа?

— Ман рафта, ӯро ёбам.

— Охир, дастархон биёрад...

— Нону намаки шуморо ба нав нахӯрдаем, тақсир.

— Гап ин тур нашудааст, Забурбек, аз хонаи дӯст даҳонн хушк намераванд.

Забур кӯрпаи сандалиро, ки вақти хестан бардошта буд, бозфаровард. Ва гӯш ба қимор шуд, ки домуллоимом чӣ маслиҳате мегӯяд, вале ӯ «хӯшш» гуфта оринҷ бар сандалӣ такя дод. Забур бепарвоии ӯро фаҳмида хотираш ранҷид. «Тақсир, баъд бафурҷа чой менӯшем» гуфта парида хест. Соҳибхона ба эҳтироми ӯ оҳиста аз ҷой ковок шуд. Забур гумон кард, ки ӯ бармехезад, аз китфаш дошта «нахезед, тақсир, наҷунбед» гуфта ва оромаш карда бозшинонд ва баъд рафтанӣ буд, ки кадбону дастархон бардошта овард.

— Нагуфтам, ки ташвиш накашед… бисмиллоҳир раҳмонир раҳим!

Забур ӯро дар остона боздошта, лаби дастархонро кушода, як газ нон шикаст ва ба даҳон андохта аз ҳавлӣ баромад. Фаромӯш кард, ки ҳангоми ба ин ҳавлӣ даромадан дарвозаро кушода буд, дарвозаро воз партофта рафт. Ӯ сиёҳ гашта буд, чунон сиёҳ гашта

буд, ки гӯё касе ӯро хафа карда, гардиши хун ва нафасашро боздошта бошад. Гӯӣ бахт ва ё марги хеш дар хонааш дармеёфта бошад, бо ҳамон шитоб ва талвосаи зиёд аз тангкӯча баромада, сӯи ҳавлӣ рафт. Ӯ бовар дошт, ки ин дафъа Шаҳбонуро дар хона меёбад ва ҳар чӣ андешида бошад, мекунад. Гӯё чанголҳои ногирояшро машқ медода бошад, раҳораҳ кушода ва пӯшида, фишурда, сар медод. Шояд ӯ ин корро барои аз ҷаҳлу ғазаб фаромадан мекард? Ба ҳар ҳол ин машқ то зери айвон такрор шуд ва ин бор ҳам ӯро духтараш Норӣ дар зери айвон пешвоз гирифт...

Шом фаро мерасид. Забур мисли шағоле, ки ба деҳа мурғуздӣ омада бошад, безобита буд. Ӯ ба роҳи кӯча менигарист ва баргашта ба пайроҳае, ки сӯи кӯра меравад, бодиққат назар мекард. Аз роҳи калон умедашро канд ва рахнаро гузашта, сӯи кӯра рафт. Даруни кӯра даромада, омадани касеро нигарон истод...

Говгум шуд. Шаби аввал аст, ки моҳ пурра баромад. Нури моҳ ва сафедии барф шабро чунон равшан карда буд, ки дар боғҳо ва ё дар дашти кушоди доманаи боғҳо ва ё дар лаби теппаҳои болои деҳа ҷонзоде пайдо шавад, аён мегардид. Забур хеле интизор шуд, пойҳояш хунук хӯрд. Тоқаташ тоқ шуда рафтан хост. Пой аз кӯра берун монда, ба андеша рафт: «Шаҳбону дар мактуб “бӯғчаамро мебарам”, гуфтааст, вале бӯғчааш нест, маълум, ки намеояд... Ҳаа, ӯ бояд ояд, бояд ба Ҳафиз хабар диҳад, ки имшаб чизҳоро оварда натавонист, шаби дигар меорад...» Ӯ аз кӯра берун шудан хост. Ба назараш чунин расид, ки то ин дам боди сарде зери барфҳо монда буд ва якбора ба ҷунбиш омада, мисли гурги гурусна дар боғхо ва даштҳо ба нӯла даромад. Ва баъд пеши чашми ӯ як пайкари баланду мавзун дар ин ширмоҳтоб хиромида омад. Чӣ хеле буд, ки қадаммониаш ба қаду болояш мутаносиб намеафтод. Як пайкари харобу адо ва лоғару кӯфта сӯяш меомад. Забур худро боз даруни кӯра кашида, наздик омадани ӯро нигарон шуд. Барфи рӯбаста дар зери пойҳои ӯ як нағмаи ноҷӯр ва нохуше мебаровард. Мардак бо вуҷуди ин қадар пурхашму пуралам буданаш ба ҳамин садои нофорам бештар диққат дод. Гӯӣ садои по оташ шуда, ба ҷисму ҷонаш даромада бошад, баданаш арақ баровард. Баъд ӯ ба тасаллои хеш фаши салларо зери дандон гирифт.

Пайкари ношиноси занона ба кӯра наздик омад, попартоиаш суст шуд. Ӯ бозистода як ба атроф нигарист. Сояи нимрангаш дар рӯи барф ях баст. Сонӣ гӯӣ ба баданаш гармие расида, об кушода бошад, ба пеш лағжид. Ба сари кӯра омад.

— Ҳафизхон, Ҳафизхон! – садо дардод он пайкар. Садои паст ва ношинос имкон намедод, ки Забур соҳиби онро бишиносад. Ба ҳар тахмин ӯ аз кӯра баромад ва якбора:

— Сиёҳмилла, ту киро ба бузбозӣ андохта истодаӣ? – гуфта, ба дарафтид.

— Ааа! Не... ман... ман... ман... – худро гум кард ношинос ва мадоре наёфт, то фарёд занад. Ӯ ду-се қадам пушт рафта, гурехтан хост, вале осемасар ба рӯи барф афтид ва даст ба сӯи вай рост дошт, то наздик нашавад.

— Ин ҷо чӣ кор доштӣ, Бихалифа? – болои сари ӯ омада, пурсид Забур.

— Забурбек, худо умратро дароз кунад...

— Ин ҷо барои чӣ омадӣ, мегӯям? – дандон ба ҳам фишурда, пурсид ӯ.

— Ҳеҷ, ҳамту, роҳгузар...

— Ҳаа, гумон мекунӣ, кӣ будани туро намедонам? Мактабдор гуфта, ҳама духтарҳоро аз роҳ баровардӣ. Боз ба хонаат бурда, ба онҳо ишқбозиро ёд медиҳӣ, ҳамроҳ ҳам мекунӣ...

— Ҳой Забурбек, бад кардам, тавба кардам гӯй!...

— Ҷои тавба не, ҳамаашро медонам. Омадӣ, ки Ҳафизро аз ин ҷо ёфта назди Шаҳбону барӣ? – Забур хам шуда ӯро кашола кард. – Канӣ хез! Шаҳбону дар куҷост?

— Намедонам.

— Надонӣ, аз куҷо ба ту маълум, ки Ҳафиз бояд ин ҷо шавад? Бихалифаи пок!!!

— Тую ман накун, худо нишон медиҳад.

— Худо медонад, ки ман дар роҳи мусулмонӣ қурбонӣ мекунам.

— Дар роҳи мусулмонӣ одамро қурбон намекунанд. Қурбонӣ ба номи Худои Бузург аст!

— Ҳумм, хуб намедонистаию. Аз куҷо медонӣ, ки ман одамро қурбон мекунам?

— Инро як ман не, тамоми деҳа медонад. Сар те! – чодарро аз дасти ӯ раҳо карданӣ шуда, кашид занак.

— Хайр, гард, Шаҳбонуро ба ман бароварда деҳ, ба дигараш кор надорам.

— Ман ӯро надидаам, намедонам, дар куҷост.

— Нағз медонӣ, килла!

— Ҳӯ бар даҳанат лаънат, нарсаг! Садқаи дину шариат шав, беимон, «Чоркитоб» туро тиккаю пора кунад, ки муллобачча шуда ҳамин хел лафзи ҳаром гӯӣ! Мурӣ, беҳ аст, рӯсиёҳ!

— Шаттоҳӣ накун, – каме овозашро паст карда гуфт Забур, – ман ба ту даст нарасондаам!

— Шиканад дастат, боз чӣ хел даст мерасонӣ?!

Дастони Забур гиреҳ шуданд, дандонҳояш садо баровcovered баровараданд. Ғазабаш дар сараш намеғунҷид. Ҳам мехост Бихалифаро зери пой помол карда, хуб шатта занад ва ҳам мехост ӯро ором карда, худро як одами дуруст нишон дода, сирри дили ӯро фаҳмад ва ҷои Шаҳбонуро диниста гирад.

— Шаҳбону ба ту чӣ гуфт?

— Ман Шаҳбонуи туро надидаам, – гуфт занак ва рӯй гардонд, ки равад. Пайкари ӯ меларзид.

— Ба хонаат меравӣ, Бихалифа?

— Ба хонаи ту меравам... Наздик нашав. Худо як аст, агар расӣ, чунон фарёд занам, ки тамоми мардуми деҳа ба сарат резанд.

— Ман ба ту кор надорам, Бихалифа, ҳамроҳ ба хонаат меравам, Шаҳбонуро мегуӣ, мебарояд, вассалом. Ту медонӣ, ки вай бафотиҳа аст. Шаб ё саҳар бояд тӯй шавад, нисбаташ фаҳмад, чӣ мегӯяд?

— Барои чӣ ту ин чизҳоро аз ман мепурсӣ? Ду сол аст, ки ӯ аз назди ман рафтааст, мактаб намеояд, як-ду бор омад, худат манъ кардӣ, боз аз ман мепурсӣ! Кадом рӯз духтари худатро ҳам намегузорӣ, ки ба мактаб ояд, – илоҷи воқеаро пеш аз вуқӯъ гирифтанӣ шуда, гуфт Бихалифа.

— Инаш ба ихтиёри ман...

— Бале, ба ихтиёри ту, лекин ош накун, ман ҳам бародар дорам, қамчини ӯ низ хунин... Номусулмон... нокас... ноодам... Ош накун! – Офтобхон калимаҳоро фосила ба фосила такрор карда, қадам ба қадам дур шуда, наздики рахна омад.

Забур дид, ки занак ройгон аз даст меравад, ду-се қадам ҷаҳида аз чодари сари ӯ дошта кашид. Бихалифа ба хонаҳо наздик омаданашонро дониста, фарёд зад. Ва Забур ҳамон замон даст ба даҳони вай пахш кард.

— Ум... ум! – талвосаи ҷон фарёд заданӣ шуд занак.

— Дамата гир! Агар овозат барояд, гила аз худат...

Бихалифа гирист ва мардакро дуо кард:

— Худоё худовандо, махов шавӣ! Ту, золими беимон, читу рӯят шуд, ки ба модарат барин пиразан даст бардоштӣ?...

— Сазои ту ҳамин, пиразани беимон. Ҳамаашро ба ту гуфтам, ки барои чӣ... Акнун дамата ба дарун гирифта, пеш даро! Шаҳбонуро гӯй, ки барояд...

— Норинисоюю, ҳоо, Норинисо!!! – садои зани Забур баромад, ки бо номи духтараш шавҳарашро чеғ мезад.

Забур каме суст шуд, ӯ гумон кард, ки Шаҳбонуюю Мурод омаданд ва барои ҳамин ӯро ҷеғ мезананд. Ин фарёд ба тани Бихалифа низ мадор овард, вале хориаш омада, бо овози баланд гиря кард. Чунон бо овози баланд гиря кард, ки овозашро зани Забур шунида пеш омад. Ӯ кӣ будани занаки гирёнро намедонист, нашинохт ва сабаби гиряи ӯ барояш торик буд. Наздиктар омада ҳайрон монд.

Бихалифа худро дошта натавониста, ҳу-ҳу мегирист.

— Бихалифа, ба шумо чӣ шуд? – пеш омада пурсид занак.

— Рав, кордор нашав! – ӯро тела дода гуфт Забур.

— Мардак, магар...

— Рав, гуфтам-ку!!!

Зани итоаткори ӯ рафтанӣ шуда, ду-се қадам пушт монд, вале пойҳояш худ аз худ бозистоданд.

— Мардак, наход, ки Бихалифаро ранҷонда бошед?

— Рав гуфтам-ку, мочахар!

— Забоната ғунда газад, беимон! – аз Бихалифа шарм дошта ба хона рафт.

— Ту ҷаббор будаӣ, беимон будаӣ. Илоҳӣ, худованди карим тамоми мусибати оламро ба сарат бор кунад.

— Даҳонатро пӯш, зоғи сиёҳ!

— Ар нагӯ![1] Гумон мекунӣ, ки аз дӯғу пӯписаи ту ягон кас метарсад? Инро нағз дониста мон, ки аз дасти ту барин касони номусфурӯш ҳеҷ кор намеояд. На заҳра дорӣ ва на мардӣ. Тамоми мардуми деҳ аз нияти ифлоси ту бохабар, – далерона гуфт пиразан ва гирён ҳавлии ӯро гузашта ба кӯча баромад.

Забур каме ҳайрон монд, баъд ба худ омада, аз паси ӯ шитофт.

— Додо! Додо! – аз дари хона тозон баромад духтари ӯ.– Додо, шумо чӣ кор кардед?

Забур ба духтараш ҷавобе нагуфта, ӯро тела дод ва аз паси Бихалифа рафт.

Бихалифа ба ҳавлии худ нарафт. Аз сари пули байни деҳ ба рост ва ба тангкӯчаи масҷиди калон даромад. Вақте ки Забур дари бародарашро кушода даромадани Офтобхонро дид, қадамашро боздошт ва ба фикр рафт. Бародари Офтобхон яке аз одамони баобрӯи деҳа буд ва барои аз паси хоҳари ӯ таъқиб карда рафтан ҷавоб ҳам додан лозим меомад. Номаш ба худаш писари қозӣ, ҳоло нуфузу эътиборашро гум накардааст.

Забур саҳл монд, ки бо овози баланд ин ҷоҳу ҷалол ва Бихалифаро дашном диҳад, вале худдорӣ карда, зери лаб дашномашро гуфт ва баргашта ба хонаи Бихалифа рафтанӣ шуд. Вале пои рафт боздошт. Ва якбора ба сараш зад, ки Бихалифа метавонад аз даричаи пушти хона баромада равад ва башитоб сӯи тангӣ шуд. Чанд бор кафшҳои судашудааш дар барф лағжида ӯро ба паҳлӯҳо афтонд. Ӯ ҳар бор рост шуда остини чакмани пурбарфашро меафшонд ва ҳар чӣ ба забонаш ояд, мегуфт.

Бо вуҷуди он ки барф ҳама ҷоро ширмаҳтоб барин равшан нишон медод, Забур ҷуръати он тарафтар рафтан накард. Ҳаросид, ки торикии тангӣ мисли аждар ӯро ба комаш фурӯ мекашад. Аз нимароҳ баргашт. Баргашту раҳорах аз парвезани фикр гузаронд, ки «алами Исо аз Мӯсо» гуфтагӣ барин ба ҷои Шаҳбону зану духтари худро адабчин мекунад. Магар аз кирдори имрӯза шармаш омад, ки ба хона надаромада, рӯи боғ барф зер карда гашт.

---

1. Дод назан!

Ӯ сарморо ҳис намекард. Гӯё баробари қаҳру ғазаб аз зери пӯсти ӯ оташ мебаромад; гумонаш, хона дарояд, мекафида бошад. Ӯ тахмин ба назди ҳар дарахте чанд борӣ рафта, танаи онро даст мезад. Ба гумоне, ки дар паси якеи ин дарахтон шояд Шаҳбону паноҳ ёфта бошад. Забур паси як дарахтро хабар гирифт ва ба назару хаёлаш духтар аз зери дарахте ба паси дигараш гузашта, руст шуд. То даме, ки деҳа ба хоб нарафта буд, Забур барфи рӯи боғро аз тӯлу арз маротибаи зиёд бурид, баъд бо нияте, ки хоб равад, ба таги айвон омад. Ба гӯшаш расид, ки аз даруни дар як шевани занона мебарояд. Овози Шаҳбону пиндошт. Дарро кушода даромад, ки занаш сар бар сандалӣ ниҳода шеван мекунад ва духтараш ба ӯ такя зада нишастааст. Ин ҳолат Забурро девона кард. «Болои сӯхта намакоб», ҷароҳати пурғазаби мардак сӯхт. Пурғазаб ба зан нигарист. Занак рост истода бе сухан нигоҳ кардани ӯро дарк кард. Донист, ки чунин рафтораш ба мардак нафорида, алами ӯро зиёдтар кард. Зан як бор сар бардошта, аз нав сар бар сандалӣ гузошт ва хомӯш шуда пас аз андаке вақт «ҳа-ҳа-ҳа» ба дарун нафас кашида, оҳи дарозе баровард.

— Чӣ алам расид?

Занак ҷавобе надод. Аз фикр гузаронд: «Ҳамаашро худат медонӣ». Вале инро Забур нописандӣ гумон карда ба сараш омад:

— Ба ту мегӯм, чӣ алам расид?!

Бадани занак ларзид, вале паст намеомадагӣ барин боз наҷунбид. Нописандӣ ба Забур тир барин расид.

— Ӯ, ба ту мегӯм! – гуфта бо лагадаш занашро тела дод. Занак як калавид. Норинисо ӯро дошта фарёд зада гиря кард ва бархоста миёни онҳо даромада пеши ғазаби падарро гирифтанӣ шуд. Вале Забур чашмашро хун гирифта буд, ки духтарашро тела дода, боз занашро лагад зад. Духтарак ин дафъа ба падараш сахт часпида:

— Додоҷон, балоякатона гирам, пеши потон мурам, – гуфта ба зорӣ, даромад.

Забур аз ҷаҳлу ғазаб базӯр нафас мегирифт. Ӯ яқин кард, ки як нафаси дигар дар ин хона истад, мекафад. Берун баромад. Ба пешонии арақкардааш шамол расид. Ва гуё ҳамин боди сард ӯро ҳушёр кард. Хаёле худро нафрат хонд: «Айби инҳо чӣ?» Вале боз аз фикраш гашт, ки чаро паст ояд...

Ӯ дергоҳ зери айвон рост истод. Ғами ояндаро мехӯрд, ки «Шӯрои Исломия» дер напоид. Умедҳо барбод меравад. Оқибати даву тозҳо чӣ мешуда бошад. Ӯ риши на чандон дарози сиёҳашро аз зери манаҳ даст зада пеш тела дод ва нӯки онро ба даҳон бурда, газид ва ғӯла кардан гирифт ва баъд гӯё ки барои сухан гуфтан, тораҳои ғӯла шуда ба даҳон монда халал мерасонида бошанд, тез-тез аз сари забон пуф карда ба гап даромад: «Нее, «Шӯрои Исломия» – давлати мусулмонон намурдааст, иншооллоҳ, намему-

рад. На дар Тошкент, на дар Фарғона ва на дар водии мо. Худо нигаҳдор аст. Ҳомидбек ҳоло зинда. Агар худо ёвараш шавад, ӯ қусури ҳама бедодиҳоро мегирад... Ҳа... ӯ зинда аст. Худо ӯро фиристодааст, Худо...».

Забур бо чунин андешаҳо худро тасаллӣ дода, даст бар ҳалқаи дар бурд, то кушода, даромада хоб кунад. Каме ҳалқаро дошта истод. Дар паси дар чунон меистод, ки касе дарро ба рӯи ӯ кушода «марҳамат» мегуфта бошад. Хеле истод. Гӯё рӯи ба хона даромадан надошт. Як ба пас нигарист. Шарфаи пои ба гӯшаш расида нодуруст будааст. Бо вуҷуди он дасти ӯ худ аз худ дарро тела дод...

Зану духтараш ҳоло ҳам паҳлӯи ҳам сар ба сандалӣ гузошта буданд. Хоб ё бедориашон маълум набуд. Дар пешгаҳи хона як ҷогаҳ партофта буданд. Забур ба онҳо кордор нашуда даромада хоб рафт... Тарс-тарс задани рагҳои чаккаҳояш ӯро безобита кард. Ӯ фӯтаро, ки пеш аз ба ҷогаҳ даромадан ҳамроҳи ҷомаю салла паҳлӯи болишт монда буд, гирифта, сарро сахт баст ва чашмашро пӯшида, гӯё дар олам ҳеҷ гапу калочае набошад, ҳама чиз аз сар бадар карда худро ба хоб зад...

Дар хонаи торик пагоҳ баъди намози бомдод хест. Ва ғайрати шабонааш ҷӯш зада боз ба ҳавлии Офтобхон равон шуд. Вақте ки ба дарвозаи Офтобхон наздик шуд, назаре аз роғи дарвоза дид, ки як духтари шинос, дурусттараш, либосҳояш шинос, аз девори сархораш афтидаи паҳлӯи харсанги сафед ба тарафи Чилламазор гузашт. «Худаш» гуфт ӯ. Дарвозаро тақ-тақ ҳам накарда, фарёд ҳам назада, дохили ҳавлӣ шуд ва миёнбур гузашт. Саг фиғон карда ба сӯяш ҳамлавар шуд, вале занҷираш онро пас кашид. Шӯр гирифтани сагро шунида соҳиба зери айвон баромад. Ва Забурро дида дод зад, то Шаҳбону овози ӯро шунида, худро ба кунҷе кашад.

— Ҳой номусулмон, Забури золим, дар ҳавлии бемардина чӣ кор мекунӣ? Чаро напурсида даромадӣ?!

Забур ба суханони ӯ эътиборе надод. Ӯ дартоз ба рахнае, ки Шаҳбону гузашта буд, расид ва сари синаашро ба девор пахш карда боғро аз назар гузаронд. Ӯро надид. Сари девор баромада боғҳои дигарро ҳам аз назар гузаронд. Баъд худро ба паст партофта, дар ҷустуҷӯи духтар шуд. Фаши салла боло зада, мисли сайёде, ки сайди захмдорро дар рӯи барф аз хуни резонаш пай гирад, бар асари нақши пои ӯ рафтан гирифт. Вале дар байни нақшҳои зиёде пайи навро гум кард. Як пай боло баромада буд. Забур пай гирифта, то камари кӯҳ рафт ва беҳуда буданашро пай бурда, баргашт. Боғхонаҳоро кофт. Атрофи чанорҳои азими Чилламазорро ҳам хабар гирифта, ӯро наёфт. Баъд гӯё аз дилсӯзӣ бошад, овозашро нарм карда, ӯро ҷеғ зад:

— Шаҳбону, ҳӯӯ Шаҳбону! Қуҷоӣ, духтарам?

Ӯ хеле фарёд зад, ба гӯшаш расид, ки чанорҳо садои ӯро такрор карданд. Ҳайрон монда, ба танаи ғафс ва шохҳои чанорҳо нигарист. Баъд хоначае, ки дар гӯшаи Чилламазор сохта буданд ва дар болодариаш туғе дошт, диққати ӯро кашид. Аз рӯи ривоят ва гуфтаҳои мардум ба ин хонача даромадан мумкин набуд, гӯё ҳар касе, ки ба ин хона дарояд, қавс мешудааст. Алҳол Забур ҳама чизро фаромӯш карда рафт, аз дари хонақоҳ сар халонда, хабар гирифт, хонача торик ва хомӯш буд. Буме аз он ҷо парида баромад ва шамоли болҳояш бари рӯи мардакро лесида гузашт. Ӯ ҳаросид ва «бисмиллоҳир раҳмонир раҳим» гуфта калима гардонд. Ва пас гашт. Дар як они воҳид зими сиёҳ задани духтарак ӯро хеле ҳайрон кард. Ӯ боз ба чанори азим нигарист. Ва ин чанор ҳам беқисса набуд. Гӯё андаруни ин чанор париҳо зиндагӣ мекунанд. Ва агар ягон кас зери ин чанор омада онҳоро ҷеғ занад, нек бошад, париҳо фаромада ӯро ҳамроҳ мебаранд ва агар бад бошад, мор шуда фаромада заҳр мезананд. Забур аз зери чанор ба шохаҳои урёни он, ки барф мисли пар сабук нишаста буд, зеҳн монда худ аз худ нарм шуд ва чунон вонамуд, ки агар париҳо баромада ӯро бинанд, дар ҷаҳон аз ӯ нектар ва порсотар касе нахоҳад шуд. Ӯ даҳон пур кард, ки париҳоро ҷеғ занад, вале чӣ гуфта ҷеғ заданро надонист. Як худашро афшонд. Ӯ ба кампирҳои девонаавзоъ монанд шуда буд, ки дев ё парӣ доштанашонро ба ҳама фаҳмондаю намоиш дода мегарданд. Ба назараш намуд, ки дар шохи чанор як кабӯтари зебо лаҳзае намоён шуда, нопадид гашт. Ва ин кабӯтарро садои ба рони хар бархӯрдани халачӯби роҳгузаре аз назараш дур кард. Баъд аз кӯчабоғ дуздона гапзанон гузаштани гурӯҳе шунида шуд. Забур гумон кард, ки дар ин фасли сол тоифаи ҷӯгиён аз кадом раҳи дур кӯч баста омадааст ва инак боғхона ҷустуҷӯ дорад. Ӯ ба сари девори Чилламазор омада, нигоҳ кард, ки тоифаи ҷӯгиён не, балки як гузар аҳолии деҳа чизу чораашонро хару хингил карда, ба сафар баромадаанд. Ӯ аз паси девор нигарон монд, сабаби чунин ҳолро нафаҳмид. Сонӣ, то онҳо гузаштан аз байнашон Шаҳбонуро ҷуст, вале занеро, ки ақаллан либосаш ба либоси ӯ монанд бошад, надид.

— Ба шумо чӣ шудааст, халоиқ?! – худро аз девор ба кӯчабоғ гирифта пурсид ӯ.

Мардум мусибатзада буданд, хомӯш мерафтанд. Гӯё қасам ёд карда, дамназанон мерафтанд: мабод ки аз гапашон ононро шинохта ва пай бурда боздоранд.

— Чаро кӯч бастаед? Чӣ шудааст? – пурсид ӯ.

— Ба сарамон мусибат омадааст, Забурбек, – ҷавоб гуфт марди сиёҳриши чорпаҳлӯ Бадриддин, ки яке аз мардони обрӯманди гузари Лаби Сой буд.

— Кӣ гуфт? – боз пурсид Забур.

— Қудоят – Азиз Тахмин. Мегӯяд, ки ҳамин шабу рӯз дар деҳа шӯре бармехезад. Гапи ӯро фаҳмида одамон мегӯянд, ки Ҳомид-қӯрбошӣ дар деҳаи Ёрӣ, шаб ё саҳар ба Амондара меояд.

— Э, беақлҳо, шумо ба тахмини Азиз бовар кардед? Ба ӯ бовар мекунед, лекин ба ман не... Аз роҳатон гардед. Ҳомид-қӯрбоширо ба кӣ зиёнаш расид, ки ба шумо расад?

— Набошад, худат барои чӣ дар Чилламазор руст шудӣ? – марде ба ӯ суол кард.

— Руст нашудаам, роҳгузар будам...

— Хоҳарзодаҳоро ёфтӣ? – боз пурсид дигаре.

Онҳо гӯё ба дили Забур корд зада, гузашта рафтанд. Ӯ гумон надошт, ки аз хонааш рафтани Шаҳбону ба касе пинҳон монда бошад, барои ҳамин худро ба нодонӣ зада, тангкӯчаро нишеб шуда рафт. Гӯё аз Шаҳбону умедашро канд, вале то хонааш рафта натавониста, аз нимароҳ баргашт. Ӯ ба мазори Мулло Турсун, ки бо Чилламазор боғдармиён буд, баргашт. Дар паҳлӯи пайроҳаи назди дарвозахонаи мазор як пайи навро дид, лаҳзае шах шуда, ба он нигарон монд ва баъд мисли барзагове, ки бӯи хунро шунида бошад, ба ғурриш даромад. Оҳиста дарвозаро кушода зери дарвозахона шуд ва саросема паси дарро хабар гирифт. Нақши пой бар дарвозахона низ боқӣ монда буд. Вале дар пайроҳае, ки дирӯз намози ҷумъахонҳо сохта буданд, ин пай боз гум шуд. Ӯ зери хонақоҳ ва меҳробро хабар гирифт ва ягона ҷое, ки дар ин мазор боқӣ монд, гӯрхонаи Мулло Турсун буд. Забур он сӯ равон шуд ва нақши гумкардаашро ёфт. Аз панҷараи пеши гӯрхона ба дарун нигарист, вале касеро надид. Вай ин ҷоро гӯрхонаи авлиё пиндошта, надаромад ва бо овози паст ҷеғ зад:

«Шаҳбону... Шаҳбону!!!» – баъд нафасашро ба дарун гирифта, гӯш андохт, вале ҷавобе нагирифт. Ба гӯшаш чунин расид, ки даруни гӯрхона дилаке метапад ва акси он аз гӯри барқади гаҷӣ ба гӯрхона паҳн мешавад. Мардак ҳама чизро фаромӯш кард ва даричаи нимбози гӯрхонаро кушода, дарун даромад. Ва баробари «бисмиллоҳир раҳмонир раҳим» гуфта пой ба дарун ниҳодани мардак аз паҳлӯи гӯр як фарёди ҷонгудозе шунида шуд.

— Нeee!!! Худоё, худовандо!!!

— Ҷим, Шаҳбону, хап ист! Биё, аз ин ҷо равем, увол аст.

— Не, ман намеравам, ман бояд ин ҷо бимирам!!!

— Беақлӣ накун, гумроҳ! Халқи олам чӣ мегӯянд? Бе ҳамин ҳам...

Шаҳбону дигар фарёд назад, балки ду гӯшаи рӯймоли ба гардан печидаашро дошта, ба ду тараф сахт кашид. Забур дид, ки ӯ гурехтанӣ нест, кордор нашуд, то каме мадораш равад, баъд ҳамроҳ гирифта барад.

Духтарак сиёҳ гашт ва чашмонаш барҷаста баромаданд. Танҳо ҳамин вақт Забур наздик шуда дастонашро бо зӯрӣ аз рӯймол ҷудо кард ва худи ӯро тела дода аз гӯрхона берун баровардан хост.

— Ё ҳазрато, гуноҳи ин оҷизаро бубахш! – сӯи гӯр даст ба дуо бардошта гуфт мардак ва аз гӯрхона берун шуд.

Духтарак калавида ба рӯи барф афтид ва сараш ба кундаи чормағзи паҳлӯи гӯрхона бархӯрд.

— Хез, гумроҳ, ҳамаро шарманда кардӣ! – болои сари ӯ истода дӯғ зад Забур.

Духтар беёд мехобид ва гӯё суханони Забурро намешунид.

Ҳамин вақт аз кӯчабоғ боз як гурӯҳ одамон мағал карда гузаштанд. Онҳо чунон мерафтанд, ки гӯё тамоми молу мулкашонро тороҷ ва худи онҳоро ба ягон мамлакати дур бадарға карда бошанд. Забур худро паси дарахт кашид, то ӯро набинанд. Ва пас аз муддатҳо, ки намедонист Шаҳбону мурда аст ва ё зинда, ба ӯ наздик шуда гуфт:

— Хез акнун, айбу шарм, бин, чӣ хел мардум вовайло доранд, рӯзашон сиёҳ шудагӣ барин, хез!

Пилки чашмони Забур пир-пир парида, гӯё ӯро аз хоби гарон бедор кард. Ӯ ба худ омада, хам шуд ва духтарро бардошта ба по хезондан хост. Шаҳбону мадҳуш гашта буд. Мардак худро гум кард ва ба гӯрхона рӯ овард:

— Ё ҳазрато, ё азизу авлиё, мадад кунед! Маро шармандаву шармсор накунед!

Пас ба назди Шаҳбону ба зону нишаст ва аз дастони ӯ гирифта, ба хестан мадад кард ва хост, ки бар дӯш бардошта барад, вале дид, ки як духтарчаи резапайкари сабуквазн аст, ба рӯи даст бардошта аз мазор берун баромад. Ӯ дар беруни дарвоза ба занаки чодарпече, ки то нисфи соқи маҳсиаш барф баромада буд, дучор омад.

— Куштӣ? – якбора чунин савол дод занак.

Забур пурхашм шуд, дандон ба дандон монда саволашро ба занак баргардонд:

— Ман куштам, ё ту?

— Худоё, худовандо, ин чӣ рӯз аст? Наход, ки ин нозанин ғӯрамарг шуд?! – ларзида гуфт Бихалифа ва пештар омада, ба сару рӯи духтарак зеҳн монд. Дар рӯи духтар хун намонда буд. Ба Забур нигоҳ карда, бо ҳасрат гуфт: — Чӣ кор кардӣ?

— Айби ту, занак! Ту ба вай паногоҳ намешудӣ, баргашта хона мерафт.

— Не, ин ҳеҷ гоҳ ба хонаи ту барнамегашт. Ку, ӯро рӯи барф гузор...

Забур ба сухани Бихалифа гӯш накарда, аз ӯ рӯ гардонд ва ба роҳ даромад.

— Мардаки худсар, ӯро хобон, ман дасту пояшро молам, камтар ба худ ояд, ту мурдаро ба Ҳомидат тортуқ намекунӣ-ку?

Забур ба ӯ ваҳшиёна нигарист ва зери лабу дандон «қанчиқ, ош накун» гуфта, рафт.

Бихалифа назди дарвозаи мазор мегирист.

Шаҳбону ба худ омад, ки дар рӯи дастони ӯст, дасту по зад, Забур ӯро ба замин гузошт.

— Худоро шукр, акнун ба пои худ меравӣ, – гуфт.

Шаҳбону меларзид. Ҳамчунон меларзид, ки дирӯз бародараш Мурод аз ваҳшонияти ин мард ларзида буд. Ӯ илоҷе карда ба пас нигарист ва чашмаш афтид, ки Бихалифа ҳоло ҳам нигарон истодааст.

— Бихалифа! – фарёд зад ӯ ва Забур аз китфи ӯ дошта пеш кашид.

— Ман намеравам!

— Чӣ?!

— Ман бояд назди очаам равам.

— Биё, ман худам туро назди очаат мебарам.

— Не, ман бо шумо намеравам.

— Виғ-виғ накун, гард!

Шаҳбону рӯи барф нишаст.

— О, мардаки ноинсоф, – фарёд зада омад Бихалифа.

— Тоза ҳам занаки берӯ будаӣ, ҳамин қадар ба бузбозӣ андохтӣ, бас нест, ки боз аз думи ман кашола шуда мегардӣ? Ё туро ҳам ба Ҳомидбек тортуқ кунам?

— Ҳомидбек пеш-пешу Забурбек аз қафо, – ҷавоб гардонд Бихалифа, – Ҳоло сабр кун, даррандаи ҳаром, каси пешкаш мекардагӣ ёфт мешавад, ваҳшӣ, дарранда! Илоҳӣ, дар хунат ҷӯлида мурӣ!!!

— Сабр кун, ҳамаашро мебинӣ, – гуфта мардак аз миллаи духтар дошта кашид,– гард сиёҳмилла, барои ту шуда аз ҳамин килла гап шунавам?!

Духтарак саркашӣ кард, бехи мӯйҳояш сахт дард ёфт. Ва мисли гӯсфанди сӯре, ки дар пордуми хар баста бозор мебурда бошанд, бо зӯрӣ пеш мерафт.

— Сар диҳед, худам меравам, – ба қисмати талх тан додагӣ барин гуфт Шаҳбону.

## 4

Офтобхон илоҷе наёфт, ки Шаҳбонуро аз чанги ин дарранда халос кунад. Дилаш ончунон ба танг омада буд, ки ин мардаки қинҷири кӯтоҳришро бо як мушт ба он дунё фиристодан мехост. Вале медид, ки зӯраш намерасад, аз худои таоло мадад меҷуст ва бо ҳамин тақдири ӯро ба парвардигор ҳавола кард. Баъд, ки на аз ин ва на аз он мададеро надид, оҳи вазнине кашида ҷангномаҳоро ба ёд овард. Ӯ аз китобҳои қадим бисёр хунрезиҳо, корзорҳо ва гирудорҳоро хондааст, вале ин зайлашро не. Нахондааст, ки барои нафс шуда, хуни худро ҳаром кунӣ. Ҳатто охирин ваҳшонияти Чингизхон, ки дили тифли гаҳвораи Ҷалолиддини Хоразмиро аз

синааш барканда, пеши саг андозед, мегӯяд, ин зайл даҳшатангез нанамуда буд. Бихалифа қисмат ва оқибати ин корро меандешид. Ин зани пурдон ва пурдида як оқибати нофарҷом ва пуршӯреро ҳис мекард. Ва беҳуда нест, ки мардум гузар-гузар ва хонахез ба камари кӯҳҳо мераванд. Онҳо чунин рӯзи шум ва нокомиҳоро дидан намехоҳанд. Вале имрӯз ҳаво ҷиготгирифта нест. Офтоб баромада, барфи зери пойҳо об шуд. Тамоми ҷо пур-пури ҳавои тоза, аммо барои Бихалифа ҳаво намерасад. Ӯ намедонист, ки сарашро ба куҷо занад. Ягона илоҷаш ҳамин буд, ки назди бародараш Мир рафта маслиҳат кунад. Бихалифа аввал ба ҳавлиаш баргашта, саги Чорчашмро ҳайдав кард, дари мактабхонаро қуфл зад ва дарвозаро ҳам маҳкам карда, чодарро аз сар партофта, як ҷомаи нимдошти сиёҳро ба сар гирифта, аз саргаҳи деҳа боз нишеб шуда рафт. Ӯ бародарашро дар беруни дарвоза дид, ки лаҷоми аспи ҷиранро дошта, баргашта ба каси даруни дарвоза чизе мегуфт.

Офтобхон ба ҷои салом сурфид.

— Ҳа, апа? – ӯро парешон ва рангпарида дида, ҳайрон монда пурсид Мир.

— Назди ту омадам, додар.

— Хӯш, ягон кас ранҷонд?

Ӯ сар ҷунбонд ва илова кард:

— Хабар дорӣ, ки дар деҳа чӣ гапҳост?

— Хабар дорам.

— Мардум ба кӯҳу камарҳо кӯчида истодаанд. Мӯрчаҳои ба лонаашон об рехта барин.

— Медонам.

— Аз хонадони Забур ҳам бохабар ҳастӣ?

— Не, – ҷавоб дод ӯ ва лаҷоми аспро каме суст кард. – Чӣ шудааст?

— Ман шаб аз ҳавлиат гузашта будам. Вале ин гапро нагуфта гузаштам, ки шояд оқибаташ хуб шавад... Намешудагӣ барин. Шаҳбонуро ба Ҳомид пешкаш карданӣ будаанд. Духтарак гурехта ба хонаи ман омада буд, Забур ин пагоҳ омада ёфта бурд ва қариб буд, ки маро кушад. Намедонам, ки оқибаташ чӣ мешавад...

Мир ба фикр фурӯ рафт. Хеле ба хаёл рафт, вале ба хулосае наомада ба апааш:

— Хайр, даромада шинед, ман ҳозир баргашта меоям, – гуфта пой ба рикоб гузошт.

— Куҷо меравӣ, додар?

— Назди Замонбой. Барои маслиҳат...

— Замона хунрез, додарам, ҳушёр бош! – ба ҷои падару модарашон ба тариқи насиҳат гуфт Бихалифа.

Мир ба асп савор шуда табассум кард ва аспашро тозиёна зад. Агар кас бадиққат нигоҳ кунад, ӯ ба аспаш як навъ монандие дошт: кашидашикам, фарохсина буд ва дар ӯ як чолокие мушоҳида

мешуд. Ин зайл чолокӣ ва хушёрию чашмони зиндаро бештар дар симои мардони ҷасур ва зирак дидан мумкин аст. Вале гарданаш баръакси каллаи хурдаш пурра, баёздор ва серрагу пай буд. Агар дастонаш гиреҳ зананд, ба путк монанд мешуданд. Гӯё дар пайкари муқаррарии ӯ дастони қаҳрамонони афсонавиро пайванд карда буданд. Аз ҳама чизи зуднамои ӯ чашмони тезаш буданд. Нигоҳи ӯ зайле менамуд, ки дилу ҷигари касро сӯрох карда мегузашт.

Садои суми аспи ӯ аз байни ҳавлиҳо гузашта, ба кӯчаи калон баромад. Мир рӯ ба дашти васеъ дошт. Чашми ӯ ба як гурӯҳ мусофирон афтид, ки баръакси ба кӯҳ рафтагон даштро миёнбур карда, роҳи кадом манзили дурро пеш гирифта буданд. Лаҷоми аспашро кашида, каме боздошт ва хеле нигоҳ кард:

— Ҳа, акаи Шариф, сафар ба хайр?

— Гӯё ту «Ҳомидомад»-ро намедонӣ?! – бо лаби ҷома оби бинӣ пок карда ҷавоб дод ӯ.

— Ҳомидомад қиёмат не-ку?... «Ҳомидомад» шудааст гуфта, ҳар кас ба ҳар тараф гурезад, деҳаро кӣ ҳомӣ мешавад?

— Домуллоимом ҳаст, давлатмандон ҳастанд, Забур ҳаст...

— Онҳо деҳаро ҳимоя намекунанд, ако, балки зану духтарҳоро пешкаш карданианд, то як лаб замину як хамба гандумашон аз даст наравад.

— Онҳо замину гандум доранд, ман чӣ? Кӯдак-чӯдак, – ба саволи худ ҷавоб гардонд Шариф.

— Баргардед, ако, – хоҳиш кард Мир.

— Не, додар. Дар назарам деҳаамон мисли як хаскаппаест, ки рӯи об мелаппад. Додарам, аз баргаштану барнагаштани ман суде нест.

Деҳаро ин зайл ташбеҳ кардани мардак магар ӯро ноумед кард, ки лаҷоми аспро кашид. Ба чӣ хаёле рафта, сар ҷунбонд ва баъд сари аспро гардонд. Ҷиран аввал йӯрға гирифт, баъд гӯё ки мақсади соҳибашро пай бурда бошад, ба чорхез даромад. То назди ҳавлии Замон башитоб рафт ва лаҷом кашидани соҳибашро фаҳмида, гашташро суст кард. Мир аспро боздошт ва пой ба рикоб тира карда, ба рӯи зин рост шуд ва гардан ёзонда аз рӯи сархор ба саисхона нигарист, ки асп ҳаст ё на. Аспи саманди ӯро дар сари охур дида, фарёд зад:

— Замонбой, ҳӯӯ Замонбой!

Саги тарғили хирсҷусса пештар аз соҳибаш фиғон бардошта, чанги барфро бароварда, то зери девор омад ва овози Мирро шинохта думак зада канор рафт.

Дари даҳлез кушода шуда, Замон чакман сари китф баромад. Ва гардани баланди Мирро сари сархор дида ҳайрон шуд.

— Чаро аз дарвоза не? – парешон шуда ва салому алейкро ҳам фаромӯш карда пурсид ӯ.

— Аз ин ҷо дидам, ки аспат ҳаст ё не. Аспатро зин зада ба таги ғор рав, ман Неъмату Қурбонро ҳам хабар мекунам, гап ҳаст,– гуфт, лингак зад ва аспашро ба роҳ даровард.

Ӯ ёрони дигарро ҳам хабар карда, пештар ба таги ғор ҳозир шуд. Хеле интизорӣ кашид, пойҳояш даруни мӯкӣ хунук хӯрд. Ва ниҳоят чаҳор ёр як ҷо шуданд. Мир аз онҳо дида бузургҷусса ва болобаланд буд. Замон аз ӯ каме паст, вале шонапаҳни лӯндатар ва ду нафари дигар дар китфу бозу аз онҳо метарсиданд. Инҳо йигитҳои деҳа буданд ва гӯё ҳар коре, ки шавад, номусаш ба ин чаҳор тан мерасид. Онҳо гӯё ки ба ягон деҳа ба бузкашӣ мерафта бошанд, так-таки адир ба роҳ даромаданд. Думҳои дарози чаҳор асп гиреҳкарда буд.

— Чӣ кор кунем? – савол партофт Мир, ки гӯё масъалаи маълумро ба формула даровардан лозим бошад.

— Мирмаҳмад, мо дар миёнаи чаҳор дарё мондаем. Овозаи сурхҳо ҳасту худашон бедарак. Ҳомидаш мусулмонобод мекунам гуфта, дар деҳаҳои боло аспу йигиту духтар намонд... Ба кадомаш бовар кунем? Ба кадомаш ёр шавем?... Фикр кардан лозим, ки аз дасти мо чӣ меояд?

Ба мароми гашти аспҳо фикр карда сухан мегуфт Замон.

— Ин масъала равшан, Замонбек. Худат дидӣ, ки кофир бошанд ҳам русҳо ба касе бадӣ накардаанд, албатта, бад бошӣ, ҷазоятро мебинӣ. Вале Ҳомиди мусулмонаш чӣ кардааст? Оқсақоли Дашти Қозиро зинда ба зинда чортоқ кардааст...

— Масъала ҳоло ҳам маълум не, Замонбек? – гапи Мирро бурида ба баҳс ҳамроҳ шуд Неъмат.

— Як дараҷа, – ҷавоб дод Замонбек.

Онҳо масъалаи «Ҳомидомад»-ро чунон кашол дода, дур рафтанд, ки ҳаргиз барнамегашта бошанд. Онҳо ба сӯи Ғарб мерафтанд. Агар касе аз пас нигарад гумон мекард, ки андаруни абрҳои оташгирифтаи ғуруб фурӯ мераванд.

## 5

Забур хеле азоб кашида Шаҳбонуро ёфта овард. Ва ҳамин ки ба таги айвон по монд, мисле ки ба мурод расида бошад, дигар ба Шаҳбону эътиборе ҳам надода, ба хона даромад. Вале аз кашокашу ҳаракатҳои зиёд чунон хунаш тез гашт, ки нафасаш якка шуда, филфавр бозпас омад ва пушт бар посутуни сарсинҷи айвон такя гузошта ва барҳои чакманро ба зераш ҷамъ карда, нишаст. Чунон тафсида сурх шуда буд, ки гумон мерафт, тамоман ба ҷаҳлу ғазаб табдил ёфта бошад. Зану духтараш ҳатто аз тарси ӯ ба Шаҳбону чизе гуфта наметавонистанд. Норинисо ба ранги паридаи ӯ нигарон монд ва худдорӣ карда натавониста ба хона даромад. Модари ӯ ба ошхона рафт, вале Шаҳбону чӣ кор карданро надониста, зери

айвон ба по истода буд. Аммо Забур фикр мекард. Фикр кард, ки духтаракро аз пояш овезад; то даме, ки ҳама гуфтаҳои ӯро розӣ нашавад, аз дор нагирад. Ба ин маънӣ ӯ худ аз худ ба чӯби кафтарнишини айвон, ки ҳама вақт ду-се шировез ҳамоил меистод, нигарист. Баъд тахтапушташро як ковок карда, боз монд.

— Шаҳбону, биё даро! – худро аз дар намоён накарда чеғ зад Норинисо.

Шаҳбону ба хона надаромад, балки сӯи ошхона рафта, даме дар рӯи замин нишаст ва гиряи дар гулӯяш печидаро сар дод. Ӯ фарёд зада натавонист. Касеро дуои бад ҳам накарда, фақат гиряолуд аз зани тағо пурсид:

— Янга, Мурод куҷо рафта бошад?

— Ду рӯз аст, ки надидаам, – оҳиста ҷавоб дод зани тағо ва гиряро дошта натавониста ашк рехт.

— Ба ӯ ягон гап шудааст, янга? – тамоми алами худро фаромӯш карда пурсид Шаҳбону.

— Не, баромада рафта буд, барнагаштааст...– гӯё барои сухан ҷавобгар мешуда бошад, боэҳтиёт гуфт ӯ.

Норинисо парешон ба ошхона даромад ва хабар дод, ки падараш сандуқро кофта истодааст. Модараш ҳайрон шуд ва ба хонаи дигар гузашт. Ва Норинисо худдорӣ карда натавониста, пеши Шаҳбону ба зону нишаст ва гардани ӯро оғӯш карда гиряолуд гуфт:

— Шаҳбону, ту бояд гурезӣ. Агар падарам зулм кунад, ман ҳам ҳамроҳат меравам.

Шаҳбону аз чизе ҳаросида, сари ӯро аз китфаш дур кард ва ба чашмонаш зеҳн монда сар ҷунбонд:

— Нее. Ту бояд зиндагӣ бикунӣ. Падарат дар болои сарат мисли худо. Вале худо маро дониста, ҳазар мекунад... Ҳазар мекунад, ки ман ба номи ӯ қурбонӣ карда наметавонам, масҷиду мадраса сохта наметавонам. Ман аз моли ҷаҳон чизе надорам. Талхии рӯзгорро насиби ман гардонид. Ба бадӣ – некӣ: инак худамро ба роҳаш қурбон мекунам...

— Шаҳбону! Апаҷони ман! Бихалифа ҳама гапро ба ман гуфт...

— Ҳа, Нисои ман, ҳар чӣ аз дасташ омад, кард. Вале ӯ мисли ман бечора аст... Нисои ман, пеш аз он, ки балое ба сарам ояд, бояд як бор Ҳафизро бинам.

— Агар имконият шавад...

Падараш ба дар ҳозир шуд. Норинисо ларзида ба Шаҳбону часпид. Ӯ дар ин ҳолат мисли чӯҷае намуд, ки аз таъқиби бозе худро зери болҳои модар мегирифта бошад. Мазмун, аз азми падараш воқиф буд ва гӯё пас аз як лаҳза онҳоро абадӣ аз ҳам ҷудо мекарданд.

— Шаҳбону, хез, ин ҷо биё! – гӯё ҳарфе дар миён нагузашта бошад, хеле нарм гуфт Забур.

Шаҳбону мақсадро нафаҳмида хестанӣ шуд ва ба назараш намуд, ки Норинисо ба хестани ӯ розӣ нест. Чунон вонамуд кард, ки сухани мардакро нашунидааст.

— Шаҳбону, хез! – боз такрор кард ӯ, – Рост ист, Норӣ! – ба гардани Шаҳбону часпидани духтарашро дида, гӯӣ ба хестани ӯ халал мерасонда бошад, амр кард Забур.

— Додо, монед, ҳамин ҷо шинем, – ба рӯи падар нигоҳ карда гуфт духтар.

— Маҳмаддоноӣ накун, хез! – оташин шуд ӯ. Духтарак сар бардошт ва каме якрӯя шуда пурсид:

— Чӣ кор мекунед?

— Чӣ кор карданамро бо ту маслиҳат кунам? – хам шуда аз китфи ӯ кашид: – Хез!

— Додо!!! – фарёд зад духтар ва ба паҳлӯи рост афтид.

Забур хам шуда аз бозуи чапи Шаҳбону дошт ва мадад кард, ки бархезад. Шаҳбону ба ҳурмати номи мардро доштани ӯ бархост ва пой аз остонаи ошхона берун ниҳод ва аз зери айвон ба саҳни ҳавлӣ баромаданӣ шуд.

— Ин тараф, ба хонаи калон! – боз ӯро аз роҳаш гардонд Забур.

Гӯё ба дили духтар ханҷаре расид. Ӯ паҳлӯи посутун шах шуд. Гӯӣ Забур ба нобиное роҳ нишон диҳад, аз китфи ӯ дошта кашид, вале аҷаб буд, ки бо ӯ дағалӣ намекард:

— Ба хонаи калон!

Шаҳбону ларзону ҳаросон ба хона даромад. Ва дид, ки рахти тахмонро гирифта, дар кунҷ кӯрпаҳоро чидаанд. Аммо сандуқ дар ҷояш буд.

— Шаҳбону, боз ягон гумон накунӣ! Хоҳам, ки туро руст кунам. Баъд овоза кунам, ки Шаҳбону беному нишон ғайб задааст... Рости гап, ман туро ба писари Азиз Тахмин доданӣ нестам. Ҷихози тӯяшро гардонда фиристодам.

Аз ин гап авзои Шаҳбону беҷо ва рангаш дигаргун нашуд. Ӯ ҳамаи ин найрангҳоро медонист ва гӯё ба тақдираш тан дода буд, барои ҳамин нахост, ки бо мардак тую ман кунад. Медонист, ки хоҳ- нохоҳ Забур ӯро ба даруни сандуқ меандозад. Пеши назараш ҳавои хона тира шуд. Чизеро надид ва охирин бор аз ҳаёт ва рӯшноӣ баҳра бурданӣ шуда ба равзанаи болои дари миёна нигарист ва бо гӯшаи чашм ба дари даҳлез зеҳн монд, ки Норинисоро бубинад ва шояд аз ин нигоҳи духтарак ӯ ягон чиз дарк кунад. Норинисо аз пас омада дар кунҷи даҳлез руст шуд, вале Шаҳбону ӯро надид. Пас дар чашмони ӯ андар ин хона субҳи козиб дамид; хона равшан ва равшану торик мешуд. Сандуқи тахмон гоҳ ба чашми ӯ менамуду гоҳ на.

— Шаҳбону, даруни сандуқ даромада шин!

Гӯё касе ба шонаи чапи духтар як корд зад. Ӯ як қад парида, дилашро дошт ва сахт фарёд зада гирист: «Ҳуҳу... Очаҷонам, шӯри духтарат хушк шавад, очаҷонам!!!» Баъд бо ду кафи даст чашмон баст, то дигар ин оламу одамро набинад. Вале якбора даст аз чашмон баргирифта, ба рӯи таѓо нигарист.

— Ҳамаи ин барои чӣ, таѓо?

— Корат набошад, даро!

— Ягон гап бошад, ҳамту гӯед, ман даруни сандуқ намедаром!

— Инаш ба ихтиёри ту не! – аз китфи духтар тела дод Забур.

— Оча, очаҷон! Духтаратро зиндабагӯр мекунанд, очаҷон! Дигар духтаратро намебинӣ, очаҷон!

— Тоза булбул шудӣ-ку, дарое!!!

— Додо, додоҷон! Пеши поятон мурам, азоб надиҳед... Набошад, маро ҳам ҳамроҳи вай дар сандуқ монед...

— Бар ӯро! – ба занаш амр кард Забур.

Зани ноилоҷи ӯ, ки дар танаи девори хона такя зада, дир-дир меларзид ва аз тарс чизе гуфта наметавонист, карахт шуд ва ларзиши баданаш мисли хуни аз ҳаракат монда якбора бозистод. Рост ба сару рӯи шавҳараш нигоҳ карда монд.

— Чӣ сурати девор шудӣ?

— Барои чӣ, додош? Ба шумо дунё медиҳанд? – содамуѓамбирона пирсид занак.

— Магар ту намедонӣ, барои чӣ? – ба хашм омад ӯ ва як торсакӣ ба бари рӯи зан зад. Занак гӯё дардро ҳис накард ва лаби поёнашро зери дандон газидан гирифт. Рӯйҳои сурхина ва пурра, ришу бурути сиёҳ, китфу бозу ва дилу гурдаи хирсонаи ӯ ба назари зан безеб, дилнокаш ва нафратовар тофтанд.

— Ту намедонӣ, барои чӣ? – давоми суханашро гуфт мардак: – Ту кару кӯр, барои ин хонадон бегона, барои ҳамин мепурсӣ... Ту намедонӣ, ки ҳама чиз аз даст меравад: ҳам замин, ҳам давлат ва ҳам ҷою манзил... Он гоҳ чӣ, мочахар?

Баробари суханҳои ӯ занак лаб мехоид.

— Охир, гуноҳи мо чӣ, додо? – ларзида гуфт Норинисо. Забур ваҳшӣ гашт. Чунин намуд, ки боз як лаҳза дер монад, кор расво мешавад ва ӯ ба муродаш намерасад. Ангуштони ӯ чангак шуданд. Пай бурд, ки мушакҳои бозувони ҳеҷ гоҳ каланд назадааш мепаранд ва чанголи кори сиёҳ надидааш ҳам чандон гиро нестанд, ки духтарро бардошта, ба даруни сандуқ гузорад ва сарпӯшро ба фарқи сари ин гарданшах пахш кунад. Ба ҳар навъе, ки буд, ӯ аз аспи ҷаҳолат нафаромад. Аз гардани Шаҳбону чанг зад ва мисле ки ягон нобакор касеро аз паси гардан гирифта, сар ба об ѓӯтонда, нафасгардон карда кушад, ӯро тела дода сарашро ба даруни сандуқ пахш кард.

— Иистед – базӯр нафас баровард духтар.

— Не, даро, баъд гапатро мегӯӣ! – дандон гиз кард ӯ.

Шаҳбону худро даруни сандуқ андохт ва ҳамон дам сарпӯш ӯро пинҳон кард; ӯ пурсида натавонист, ки бо ҳамин Забур ба муродаш мерасад? Замину давлат аз даст намеравад? Мири Масчоҳ ӯро деҳхудо эълон мекунад, баъд ҳама ғуломи ӯ мешаванд? Ва боз ягон кас ёфт мешуда бошад, ки ин панҷаҳоро тоб дода тавонад? Ҳатто чунин шуд, ки ӯ дигар овоз набаровард, гӯё дамаш дарун зада мурд ва агар намурда бошад, бояд бимирад.

Норинисо тоқат наоварда фарёд зада берун рафт. Забур ба ин ҳам эътиборе надода, маданги сандукро данг-дунг садо дода, қуфл карда ва калидро ба миёнбандаш гузаронида, ба зан фармуд, то бар сандуқ кӯрпа рахт занад. Ва худ гӯӣ осуда шуда, баромада рафт. Ӯ арақ карда буд ва баробари аз дар берун шудан бод кашид. Аввал дар гармогармӣ пай набурд ва вақте ки ба сари пул расида, писари Расули оҳангарро дида ӯро ҷеғ задан хост, баробари нафаси дароз кашидан сари дилаш сих зад.

Писарак пас гашта нигарист ва Забурро дида, ба маънои «чӣ мегӯӣ» сар ҷунбонд.

— Ин ҷо биё!

Ӯ ҳайрон шуда, наздиктар омад ва салом ҳам нагуфта, нигарон истод, мардак чӣ фармояд.

— Ин ҷо биё!

Ӯ боз наздиктари Забур омад.

— Ҳафизи писари Азиз Тахминро мешиносӣ? – пурсид Забур.

— «Ҳа», – сар ҷунбонд бачча.

— Нағз мешиносӣ?

— «Ҳа».

— Хонаашро медонӣ?

— «Ҳа».

— Набошад, писари амакаш, як хизмат кун, ана хатро гиру бурда ба акаи Ҳафизат деҳ. Агар пурсад, ки кӣ дод, гӯй, ки нисбататон Шаҳбону. Фаҳмидӣ?

— «Ҳа»!

Писарак хатро гирифта, боз ба роҳаш рафт.

— Куҷо меравӣ, бачча?

— Аввал ба хона равам, баъд мебарам.

— Набошад, ба ман деҳ!

— Охир, амак, додом тараддуди кӯч дорад.

— Биёр, ту ҳам ноасил будаӣ!..

Писарак чӣ кор карданро надониста, аз паҳлӯи ӯ гузашта, «ин хел нагӯед, амак, мебарам» гуфт. Мардак гӯё дигар одами мувофиқ намеёфта бошад, якравӣ накарда, розӣ шуд ва гуфт, ки то омадани бачча ӯ дар парчи пул меистад. Ӯ тохт, дар по як мӯкии дарида

дошт, ки нам кашида ва дарунаш пури об шуда буд. Ва ба назар мерасид, ки як порча пӯсти гарми нав аз тани мол ҷудо кардаро ба пои ӯ печонидаанд. Баччаяк башитоб ба тангкӯча хам хӯрд ва дили Забур ба ларза даромад, мабод, ки писарак чапғалат зада, хатро гирифта гурезад: «Таъкид накардам, ки Азиз Тахмин ё ягон каси дигар барояд, хатро надеҳ». Ӯ беихтиёр қадам зада аз паси баччаяк равон шуд, то бозгашти ӯро зудтар бинад. Ӯ ба даҳонаи тангкӯча расида, беқарор пойҳояшро монугир кардан гирифт. Магар писаракро кадоме дошта ба гап гирифт, ки дер кард. Забур беқарортар шуд. Оқибат худдорӣ карда натавониста ба тангкӯча даромад. Баччаяк аз он тараф омад.

— Кӣ гирифт? – тоқат накарда пурсид мардак.

— Худи акаи Ҳафиз.

— Ягон чиз пурсид?

— Нее!

— Хаайр!

— Чаро ин қадар мепурсед, амак?

— Ҳамту, писарам, мабод, ки ту хато карда бошӣ, мегӯям....

Писари Расул боз тозон рафт. Вале Забур мисли мардони андешаманд мутафаккирсурат даст пушти бар гирифта, якка-якка қадам монда рафт. Сӯи хонааш роҳ пеш гирифт...

## 6

Офтоби имрӯза ҳамин кадар тавонист, ки барфи шохаҳои баландро об карда резонд. Ва аз хизмати зиёд бемадор шуда, то сари кӯҳи дури Чилдухтарон расид ва гӯё ҳамон ҷо мисли марди мусофир дам гирифт, хеле бозистод. Забур ҳам имрӯз барои худ хеле хизмат кард ва инак фурӯ рафтани офтобро интизор буд. Ӯ як бор сарпӯши сандуқро бардошта зинда ва ё мурда будани Шаҳбонуро хабар гирифт… Пеши муллоимом рафта машварат кард, бо иштиҳои кушод дами гарм ҳам хӯрд ва акнун интизор буд, ки шаб чодари сиёҳашро ба сари деҳа меандозад ва ӯ ба сари кӯра ҳозир мешавад. Ниҳоят офтоб аз ҳамаи бадиҳо, нокасиҳо ва носозиҳои одамӣ рӯй тофта, паси кӯҳ шуд ва охирин зӯр ҷамъ карда, қуллаҳои баланд ва нуқрафоми он тарафи рӯдро бо наххҳои зарди абрешиминаш зинат дод ва пас аз фурсате он наххҳоро ҳам ҷамъ карда, мисли фариштаҳои афсонавӣ нопадид гашт. Акнун Забур мисли буме, ки сиёҳ шудани рӯзро интизор шуда, ба шикор баромада бошад, саллаашро гирифта рӯи сандалӣ монд ва телпаки кӯҳнаи ҷо-ҷо пашмрехтаро ба сар ниҳода, сӯи кӯра роҳ пеш гирифт. Се йигите, ки пешакӣ таъйин карда буд, наменамуданд. Забур аввал аз паси девор сари кӯраро аз назар гузаронд ва баъд аз рахна гузашта, сари кӯра рафт. Даруни кӯра шуда, буна гирифт ва омадани сайдро нигарон истод.

Касе рӯ-рӯи барфи сафед duздона меомад. Забур чунин дуздона қадам задани касеро дида парешон шуд: «Ҳафиз бошад?» Ҳамроҳони ӯ – йигитҳо ҳозир нашудаанд. Кор нохуб барин. Марди пурчаҳли танумaнд аз зӯри ҷавонии ӯ ҳаросид. Пас худро фурӯтар кашида, дурусттар зеҳн монд, то кӣ ояд. Шинохта натавонист. Он кас бозистода ба чор тараф нигоҳ кард, рӯяшро гардонда ба роҳи омадааш зеҳн монд ва касеро наднда, хотирҷамъ шуд, ки боз пойҳояшро бардору мон карда, пеш омад ва оқибат ба роҳи ҳавлии Забур нигарон монд. Ва баъд ба кӯра наздик наомада, барфи кӯрпаро чок карда, паси девор гузашт. Дили Забур сахт-сахт тапида боз ором гирифт. Ӯ аз ҳамроҳон будани ин касро дониста, хотираш ҷамъ шуд.

Моҳи шомхӯрда аз дишаба гӯё оне дертар баромада буд, ба қуллаҳои дур ва ба ними дашт нур мепошид, дар боғот як сояи нимранг гӯё рӯи барфҳоро мепӯшид. Нӯги дарахтон моҳтоб дида буданд. Ҳаво кушода, ситораҳо аз ҳад зиёд тофтанд. Чунон тофтанд, ки ин гулҳои зеборо лаҳзае пеш борон шуста тоза карда бошад. Ҳаво кушоду сард шуд. Чунон боде бархост, ки шиками кас гурусна бошад, дандон ба дандон занонад. Забур дар кӯра пинҳон буд, ба ӯ чандон сардбод намерасид. Вале хунук хӯрд, рутубат то мағзи устухон кора кард. Як ларзид ва бод шарфаи поеро овард, ки мисли садои мӯзаи ғарч буд. Забур оҳиста сар бардошт. Аз роҳи ҳавлиаш касе меомад. Забур фаранҷӣ дурусттар ба рӯй кашид, фақат чашми росташ менамуд. Он кас рост ба сари кӯра омад ва як бор ба пасаш нигоҳ карда, даруни кӯра даромад. Забур ин касро шинохт ва баробари наздик омада, лаб кушодан фаранҷӣ ба сараш андохта, пахш кард. Он кас, ки ба зиддият кардан тайёр набуд, пояш лағжида афтид ва Забур «ҳуу!» гуфта шариконро хабар дод ва вазн андохта ӯро пахш кард. Он кас Забурро бардошта рост шуд ва боз афтид. Забур бо тамоми қувват ӯро пахш кард ва «Духтардузд туӣ? Туӣ духтардузд, а? – гӯён ба дамгаҳ ва паҳлӯҳои ӯ мушт зад. – Авлоди моро бадном карданӣ ҳастӣ, падарсаг?! Ту ҳам падарат барин тахмин карданӣ шудӣ? А, а!!» Ҳафиз на фарёд зада тавонист ва на гап задан. Ӯ аввал хуб ҷон канд, то аз чанги мардак халос хӯрда, хезад, натавонист. Баъд илоҷе карда дастон аз зери вазни мардак раҳо карда, оҳиста-оҳиста то тавонист ӯро зад. Зарбаҳои ӯ чандон зарбу озоре надоштанд. Ҳафиз кӯшиш кард, то пой аз зери ӯ раҳо карда, лагад зада ӯро дур андозад ва бархезад. Дар сари кӯра се каси сиёҳпӯш намоён шуд. Забур онҳоро пушт карда бархост ва дилпур буд, ки ҷавон намегурезад, ё зӯраш ба ӯ намерасад. Ҷавон ҳам ҳар се нафарро дид, пай бурд, ки аҳвол бад шавад, худро ба беҳушӣ зад. Онҳо ба кӯра фаромада, мисли сагони гурусна ба маслух дарафтоданд; хам шуда аз чаҳор дасту пояш бардошта, дунбаи ӯро ба девораи кӯра чанг андохтанд. Ҳафиз дид, ки мазза аз қайла мегузарад, фарёд

зад. Вале садояш боло нашуда, Забур бо кафи даст даҳони ӯро пахш кард. Ҷавон гарданак зад, то даҳон аз кафи дасти ӯ халос кунад, натавонист. Фақат садои ба девори дурушт бархӯрдани дунбаю думғозаи ӯ шунида мешуд ва баробари ҳар зарбаю садо ҷони ҷавон мебаромад: аз дард ва ҳам аз нанг. Ӯ чашмонашро пӯшида буд, гумон кард, ки бо ҳамин дарду алам хоҳад мурд. Агар пагоҳ аз дасти инҳо раҳо шуда брояд ҳам, ин нангу номусро бардошта наметавонад. Онҳо низ донанд, ки барои нарина аз ин интиқоми сахттар нест; аз ин рӯ чунин ҷазоро раво дидаанд. Мисле ки молро кушта натавонанд ва хунаш берун набаромада, дарун зада сиёҳ гашта ҳаром мурад, дами ӯ дарун ғалтид ва сипсиёҳ шуд, вале он чаҳор нафар ин чизро намедиданд ва бинанд ҳам, барояшон фарқе надошт. Онҳо Ҳафизро алвонҷ дода-алвонҷ дода, ба девора мезаданд. Чунин «қаҳрамонӣ»-ро то даме давом доданд, ки дигар Ҳафиз ба девори кӯра бархӯрдани дунбаашро ҳис намекард: мадҳуш гашта буд. Чаҳор тан ҳам ба чунин аҳвол афтидани ӯро дида, чизе напурсида, ягон чиз нагуфта, Ҳафизро ба ҳолаш гузошта рафтанд.

Ҳафиз дар ин даймоҳ рӯи барфи сард, рӯи барфи шиббахӯрдаи кӯра беёд мехобид...

## 7

Норинисо тамоми рӯз ба ҳоли Шаҳбону сӯхт. Илоҷи корро наёфта, мисли мурғи посӯхта рӯи хона, ошхона, зери айвон ва гирди сандалӣ мегашт. Баъд он қадар, ки алағда шуд ва хунук хӯрд, ба кунҷи сандалӣ нишаст. Зуд-зуд назди сандуқ омада, лаб бар маданги он гузошта мепурсид, ки аҳволи духтар чун аст. Ва чун аз зинда буданаш огоҳ шуд, андаке осуда ва хотирҷамъ гашт. Норинисо беш аз падар фаро расидани шомро интизор буд. Ӯ донист, ки падар сӯи кӯра рафт, пой аз сандалӣ берун кашида, парида хестанӣ буд, вале ба хаёл рафта зону оғӯш карда нишаст. Баъд ба хулосаи қатъӣ омада, ҷаста хест ва ба ошхона гузашта, аз модар хоҳиш кард, то як сари қадам назди Бихалифа рафта узр пурсад. Модар аввал чунин хоҳиш кардани духтарро дида ҳайрон шуд ва ба чанд тангкӯчаи фикру хаёл рафта, илтимоси ӯро рад кард. Норинисо худро пеши пои модар андохт ва зорӣ кард: «меравӣ, бояд равӣ». Модарро ба зориҳои духтар раҳм амада, назди Бихалифа рафт...

Баробари аз рахна гузаштани модар Норинисо ба хона даромад ва рахти кӯрпаро гардонд, сипас илоҷи кушодани сандуқро ҷуст. Фикре ба сараш зада, яктоз ба ошхона гузашт ва теша бардошта омад. Неши тешаро ба роғи сарпӯш андохта бардошт, зӯраш нарасид: маданг сахт қуфл шуда буд. Ӯ тозон баромада роҳи падарашро хабар гирифт, касе нанамуд. Ҳамчунон бошитоб омада, зӯр зада

сандуқро каме пеш кашид ва ба роғи пушти сандуқ неши тешаро гузаронда, бардошт. Дастонаш чандон қувват накарданд, баъд зонувон ба сандуқ тирра монда, дастаи тешаро сӯи худ кашид, мехи ошуқмаъшуқ «ғиҷиррӣ» ковок шуд. Духтарак шерак гашт ва боз тешаро бардошт, арақ кард. Аз тарсу ҳарос, мабод, ки падараш даромада ояд, дилаш сахт-сахт зад ва садояш аз сандуқ баромад. «Агар ояд, гӯям: «агар накушодам, мурда буд». Лаҳзае аз фикр гузаронд ӯ ва боз дами тешаро даруntар андохта, бардошт. Ва ҳис кард, ки Шаҳбону ёрӣ дода, бо тахтапушт сарпӯши сандуқро тела додан дорад. Ба ногоҳ гулмехҳои зангзада садо бароварда, аз чӯб ҷудо шуданд. Норинисо гумон кард, ки дар қафаси синааш дил натапад, балки касе ба сари синааш бо путк занад. Ӯ боз тозон берун баромад, боз ба роҳи падараш нигарист ва филфавр даромада сарпӯшро бардошт.

«Зудтар, Шаҳбону!» – пичиррос зад ӯ.

Шаҳбону баромад. Чун шоҳдухтар ва париҳои афсонавӣ аз сандуқ зебо, пурнур ва чашмрабою ақлбар на, балки дар партави хираи чароғи сиёҳ қутканда, лоғару бемадор намуд. Базӯр нафас мегирифт.

— Вақти андеша не, Шаҳбону, гурез!

Шаҳбону Норинисоро оғӯш карда бӯсид ва бе ҳеҷ андеша хам шуда, аз рӯи сандалӣ саллаи Забурро чанг зада гирифт ва шитобон бадар рафт. Рафтани ӯро ҷуз Норинисо касе надид. Гоҳе, ки Норинисо аз паси ӯ баромада, модарбинӣ рафтанӣ буд, аз рахна гузаштани Шаҳбонуро бори дигар дид. Ва аз ҳамон вақт то ҳол Шаҳбону ба чашми касе нанамуд. Ӯ тиҳипо баромада буд. Хунукиро ҳис намекард. Ва ба ёдаш касе ҳам намерасид, ки ақаллан як сари қадам даромада, хайрухуш кунад. Ӯ то хонақоҳи теппачаи паҳлӯи қабристон тохт ва ҳаросида, дарун надаромад. Дар лаби марзаи пешайвони хонақоҳ амонат нишаст ва саллаи Забурро, ки бо худ оварда буд, ду тақсим кард ва ба пойҳои бараҳнааш печонд. На аз барои он, ки пойҳояш хунук хӯрданд, бал аз он, ки фардо рӯз шаваду аз пояш афтанд, нақши пой нашиносанд. Ба сӯи деҳа гӯш дод, ки садое ояд ё на? Садоеро нашунид. Пас оҳиста баромада, роҳашро давом дод. Бо роҳи калон на, бо бероҳае роҳӣ шуд. Аз даруни боғот нагузашт. Пушти Боғи Гаронро давр гашта, бо дашти Ёрӣ сӯи Дупула равон шуд. Оромии шабонаи дашти васеъ ва боғоти сокиту ором ва боғхонаҳои бесоҳиб ба дили ӯ ваҳм андохтанд. Ӯ ҳаросид. Ҷон ширин намуд, дар бораи зиндагӣ, оламу одам андеша ронд. «Ғӯрамарг шудан хуб нест». Вале қадам суст накард. Боди тунде вазид ва то устухони ӯ расида гузашт. Як қад парид ва дарёфт, ки чӣ кор карданист. Гӯшҳояш ҷеғ заданд. Гӯё гурге уллос кашид. Дар баданаш мурғак давид. Пеши назараш галаи гургон гузашт. Шаҳбону тарсид ва худ аз худ пои рафт боздошт. Зуд-зуд мижа зада, ба атроф нигарист. Чизе

набуд. Боз пеш рафт. Андешид: «Чаро аз Норинисо напурсидам, ки ба Ҳафиз хабар расонд ё на?.. Наход Ҳафиз омадани маро пай набурда бошад?..» Ӯ беихтиёр ба пас нигарист. Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз набуд. Роҳашро давом дод. Гӯё боз уллоси гургро шунид: «Тамом, акнун тамом... Ин беҳтар аст... Биёед-биёед... Шумо аз ӯ беҳтар... Шумо аз баору баномустар,– васвоснамо оғӯш кушода гуфт ӯ. – Аз ман наҳаросед, омадан гиред!» Бадани араққардааш хунук хӯрд. Баъд аз рафтор монда, дар як ҷо шах шуд. Ӯ боз боғотро аз назар гузаронида, гумон кард, ҳоло аз бехи ҳар дарахт ҷонваре баромада, ба ӯ хоҳад дарафтод. «Не, шумо маро хӯрда наметавонед, шумо маро кушта наметавонед. Аҷалам дар дасти худам аст...» Гӯё ба гургҳо муроҷиат карда гуфт Шаҳбону аз паҳлӯи боғот ҳаросон гузашта, ба дашти кушод, ки мисли баҳри шир метофт, баромад. Дар паҳнои дашт садде набуд, то пеши роҳи бодро гирад. Ҳаво хунуктар ва шамол бурротар шуд. Ӯ дастони худро зери остини куртаи карбосӣ гарм кардан хоста, зери кашҳо гирифт ва хост дашти барфпӯшро миёнбур гузашта, ба роҳи калон барояд. Баногоҳ пойҳо фурӯ рафтанд ва ӯ нишаста монд. Лаҳзае наҷунбида истод ва ҳис кард, ки даме ноҷунбон истад, пойҳо кунда бикунанд. Духтарак кафи дастон рӯи барф гузошта, пойҳо аз барф кашида гирифтан хост. Дастон низ фурӯ рафтанд. Ӯ гумон кард, ки чаҳор дасту пояш даруни барф шуда, он ҷо фурӯ монад ва барфи сард риштаи умри ӯро барканад. Баъд ӯ, дар талоши ҳаёт, чунон дасту пой ба ҳаракат даровард, ки дар назар аз барф чанг хест. Духтарак барфҳоро зери пояш шибба карда, гӯё аз онҳо зинаҳо сохта ба ҷӯи чуқур ба сари вот баромад. Ин ҷо ба назари ӯ ҷарии мушкилбаро намуд. Дар сари вот нафаси дароз кашида сари дилашро пур кард: гӯӣ аз як балои азим раҳида, баргашта ба пас нигарист. Ӯ нав ширинии ҷонро ҳис кард ва дил ба бозӣ даромад. Дар ҳамин лаҳза ӯ мадад хост. Ба ин маънӣ ба сӯи деҳа чашм дӯхт. Зеро умедвор буд, ки Ҳафиз хабари гурехтани ӯро шунида ва ё дилаш гувоҳӣ дода, дунбола гирад. Вале дар назараш фақат чанд дарахти боғот ва девори атрофи он намуду бас. Фикру андеша кард. Дудила шуд; дудила шуд, ки баргардад ва ё бо ҳамин азм роҳашро давом диҳад. Ӯ мисли паррандаи афтида ба об худро афшонд; ларзид. Ларзид-ларзиду хунук хӯрд ва барои он ки гарм шавад, якбора баргашта сӯи роҳи калон қадам монд. Нақши пои ӯ дар ин роҳи барфпӯш мисли рахи огарде буд, ки ҷуфтгар пеш аз заминро рондан тоба занад.

Ӯ ба роҳи калон баромад ва ҳис кард, ки латтаи пои росташ андаруни барф фурӯ монд. Вале эътиборе надода, ба ҳукме, ки аз деҳа баромада буд, сӯи Дупула тохт. Ӯ метохт; гӯӣ мисли оташ боди тунду сардро сӯхта мегузашт. Аз нафаси тафсонаш, аз фағонаи ҳаври даҳонаш ҳавои пеши рӯяш нарм ва гарм мешуд. Духтарак метохт. Мӯи сиёҳи дар кашокашҳои имрӯза парешон шударо бод

қафо мебурд. Гӯё як даста дуде буд, ки аз оташи рӯяш бархоста ба пушт мерафт. Ва бештар ин дастаи мӯй ба алами сиёҳи мотамӣ монанд буд... Шаҳбону метохту метохту метохт ва чунин ба назар мерасид, ки охирин қувваатш сарф шуда, ба рӯи роҳ меафтад ва хунукӣ дилу ҷигарашро лесида, як умр абгору нокор гардонад. Вале зӯраш то охири роҳ расид. Наафтида то пули Калони чӯбии Дупула тохт. Мадораш намонд, бозистод. Дилаш тез зад. Нафасаш якка шуд. Мисли мурғи дар гармо сӯхта, даҳон кушода нафас мегирифт. Пиндораш, сари сина таркида, дил аз даруни он берун ҷаҳида, барфи сафеди рӯи пулро рангин мекунад. Шаҳбону чашм пӯшида, лаб сахт газид, то дили беқарори хеш боздорад. Нафас дарун кашида боздошт, ки тапиши дил ором мегашта бошад. Тапиши дил сахттар шуд. Ба назар, на дил, балки касе ба сарсинааш сахт-сахт кӯба мезад.

Шаҳбону садои пурталотуми Зарафшонро нашунид. Он наҳри серобро, ки гоҳи ҳамроҳи модар рафтан ва ҳамроҳи тағо бозгаштан дида буд, надид. Балки он рӯд набуд. Дар болотар, ки Зарафшон паҳновар шуда, баъд ду шоха гашта, аз зери пулҳои калонӣ ва хурдӣ мегузашт, об набуд. Балки ҳама ҷоро барф пӯшида, ҷӯйборе байни рӯдбори барфпӯшро бурида мегузашт, ки дар сафедии шаб мисли ресмон метофт. Ва ин об дар ин қадар хунукӣ ҳам ях набаста, дар зери пули Калон ҳавза шуда, дар бехи камар гирдоберо ташкил медод. Гӯё аз бехи камар роҳе буд, ки оби Зарафшон он ҷо фурӯ мерафт. Духтарак дар партави моҳтоб ва сафедии барф ҳама чизро як лаҳза аз назар гузаронд. Гӯё дақиқаҳои охирин буд, то аз ҳаёт баҳра бардорад. Беҳтарин лаззат ва хушие, ки дар ҳаждаҳ соли умр дида ва чашида буд, ҳамин олами барфпӯш, оби шаффоф ва ҳавои тоза буд, ки шуш ва замири ӯро барҳаво гардонда буд. Дигар ҳеҷ чиз барои ӯ вуҷуд надошт: на одаму олам, на хешу табор, на ишқу муҳаббат ва на рӯзу рӯшноӣ. Ҳа, ӯ боз як чизи зебо дид: ҳу он ҷо – дар лаби об чашмони зебо метобанд. Онҳо мисли қатраҳои калони симоб равшан ва гирдаанд, ҳатто чашмрабо. Шаҳбону то ин дам чунин чизи зеборо надида буд. Ба ӯ хуш омад ва баъд кадом афсонаҳои деву паридор ба ёдаш зада, ҳаросид. «Наход! Наход, ки онҳо маро ба пеши худ хонанд? Наход, ки ман барои онҳо лозим бошам?..» Шаҳбону ба чашмони зебои онҳо ба диққат нигарист ва хам шуда аз пои чапаш латтаи тарро кушод. Дароз дошта, ду-се қат кард ва як бори дигар ба он чашмони зебои камари рӯд нигарист. Гӯё чашмҳо ӯро безобита карданд. «Ҳозир, ҳозир назди шумо меравам». Ӯ сари пул рост истод ва латтаро ба рӯи ду каф гирифта, чунон ки ба «омин» даст бар рӯй кашанд, нисфи саллаи кабудчаи Забурро пас бурда, чашмон бубаст.

Аранге ба гӯшаш садое даромад: «Ҳе-ҳе-ҳееей... Шаҳбону-уу!!!»

## 8

Норинисо аз пайи Шаҳбону баромада, як назар аз рахна гузаштани ӯро дид. Гоҳе ки ба кӯчаи калон баромада, куҷо рафтани ӯро дидан хост, дар чашмаш нанамуд. Ӯ зайли Шаҳбону, ки бе ягон фикру андеша санглохро уреб гузашта, сӯи қабристон рафт, башитоб ба кӯча набаромад, балки тарсидаю ҳаросида қадам мемонд, ки яке падар аз пеш барояд, ба ӯ чӣ ҷавоб медиҳад. Мададгоре ё ҳилаю найранге надошт, фақат ба модар умед баста мерафт, ки шояд ба пешвозаш барояд. Ва якбора чунон ба шитоб рафт, ки гӯё ба касе хабари хуш расонда, муждагонӣ мегирифта бошад. Ӯ тохту аз дучор омадани падар ҳарос дошт. Вале айнан дар ҷое, ки падар Муродро дучор омада, найранг сохта буд, модарро дучор омад. Духтарак воқеаро баён карда натавониста, гирист:

— Оча, оча, ӯро бурданд.

— Киро?

— Шаҳбонуро.

— Кӣ?

— Мардакҳо!

— Кадом мардакҳо?

— Ношинос, ба назарам амаки Мир ҳам буданд...

— Худоро шукр, ки туро набурдаанд.

— Ман руст шудам... Ба додом мегӯем, ки мо гурехтем, онҳоро нашинохтем. Шумо нагӯед, ки ман набудам... Тарсида гурехтем, гӯед.

— Боз худат ягон кор накарда бошӣ, духтарам? Росташро гӯй!

Духтар аз ин савол каме суст шуд. Вале худро гум накарда, хушгӯӣ кард:

— Наход ба шумо дурӯғ гӯям. Наход шумо ба ман бовар накунед?

— Ман-ку бовар мекунам, лекин додот чӣ? Ӯ бовар мекунад?

Духтарак ба саволи модар ҷавоб ёфта натавонист ва гапро дигар карданӣ шуда:

— Тезтар гардем, аз додом пештар равем, – гуфт ва модарро майл ба пеш дод.

Онҳо зери айвон пой гузоштанду Норинисо беҳушу беёд шуда афтид. Модараш ӯро бардошта, ба хона дароварда хобонд:

— Тарсидӣ, Нориҷон? Аз онҳо тарсидӣ? – пурсид ва аз сатил як пиёла об гирифта, ба сару рӯи духтар пошида буд, ки касе аз зери айвон сурфид. Занак парешон шуда, аз дар нигарист ва шӯро дида дод зад:

— Ҳа, кори кардаат саратро хӯрад! – ба шӯ дарафтоданӣ шуда, чангол зад.

Забур ҳайрон шуда, ба занаш нигарист. Пиндошт, Шаҳбону даруни сандуқ мурдааст. Чун аз дар даромада, духтар рӯи хона

беёд дид, тарсиду ларзид... Сандуқ шикаста дид, як қад парид. Танҳо худ шунид, ки фарёди бесадояш гӯши фалакро кар гардонд. Хашму ғазаби ботиниаш як даррандаи хунхори лабу даҳон ва сару панҷа хунолудро пеши чашми зан овард. Зан гурехтанӣ шуд; духтари мадҳушро танҳо нагузошт. Тешаи паҳлӯи сарпӯши кашоли сандуқ Забурро кушт. Ҳуш аз сари мардак парида, дод зад:

— Чӣ фалак зад?

— Босмачиҳо омаданд!

— Кадом босмачиҳо?!

— Ман нашииохтам, мардони бегона. Фақат Нориҷон дидааст, ки дар байнашон Мир ҳам будааст.

— Ба Норӣ ҳам расидаанд? – парешон шуда пурсид Забур.

— Не,– сар ҷунбонд Меҳринисо. – Мо руст шудем. Дар оғил. Бо вуҷуди он духтар тарсид...

Забур оҳи вазнин кашид. Ва ба духтар эътиборе надода хаёлаш ба дигар тараф рафт. Ӯ оҳиставу амонат лаби сандалӣ нишаст ва бо кафи дасти рост пешонӣ молидан гирифт. Гӯё замири ӯ мегирист, вале мардак ин чизро вонамуд намекард. Занак андӯҳи вазнини шавҳарро пай бурд. Оҳ кашиданашро ҳам шунид, аммо надонист, ки аз чӣ рӯ оҳ кашид: барои Шаҳбону, барои духтар ё барои барбод рафтани нақшаҳо ва умеду армон ва ё барои номи Мирро шунидан?..

— Кадом босмачӣ мегӯӣ? – яке ғурунгид ӯ.

— Ман босмачиҳоро нашиносам, аспсавори шамшербадаст буданд.

Забур барҷаста хест. Рост шуда аз тобадон дудамаро гирифт. Ва худ ба худ ғур-ғур кард: «Ин ҳама фатвои хоҳари ӯ Бихалифа... Рафта ӯро аз дами теғ нагузаронам, номам Забур набошад...»

— Аз барои худо, пастӣ накунед! – қасдан калимаи пастиро гуфт, зоро шавҳар аз роҳ боздорад ва маҳкам аз банди дасти ӯ дошт. – Ин кор дар шаъни шумо нозебо... Рости гап, мо хуб нашинохтем, ки ӯ Мир буд ё каси дигар. Рафту Мир набошад… ба худо, хокамонро безад. Ба ӯ баробар нашавед, мардак. «Забур бо сурхҳо ёр» мегӯянд... Ана ба ҳоли ӯ нигаред,– аз бозуи шавҳар дошта ва каме рӯи ӯро ба тарафи духтар гардонд Меҳринисо ва сонӣ сари зону нишаста гирист. – Мардак, ба худо шукр кунед, ки бо Норинисо кору ҳоле нашуд... Ба номат мурам, парвардигор, нигаҳ дор, шарманда накун...

Забур чизе, касе, воқеае ва ё симои барояш хеле нафратовари Мирро пеши назар овард; чашмонаш кӯрмуш шуданд ва ӯ дасти дудамадорашро фароварда нафаси пур аз хашму нафрат баровард. Баъд, гӯё ки гунаҳгори воқеаи имшаба зан бошад, дандон гиз кард:

— Як муттаҳами берӯю риё ба хонадони ман, ба хонадони як каси номдору баобрӯи деҳа пои мурдор гузораду ман даст зери

бағал шинам, а?! Ба ту ҳамин мефорад?! Ва духтаратро чортоқ карда мебурданд, мисли ана ун Бихалифа хурсанд мешудӣ, а?! Нее! Ман ҳоло зинда. Ана ин дудамаро аз хунаш рангин мекунам. – Дудама аз наём охта, неши он ба паҳлӯдарии дари баромад зад ва ҷунбон-ҷунбон карда бозгирифт ва аз нав ба ғилоф андохта, бошитоб аз хона бадар омад.

— Мардак! – фарёд зада аз паси шӯ баромад Меҳринисо,– Норӣ ба ин аҳвол, шумо куҷо меравед?!

Забур мисли деве, ки бо нафасаш ҳамаро месӯзонда бошад, ба доду фарёди занак эътиборе надода ба ҳукм сари кӯча баромад. Ва мисли аспе, ки дар ҳукми даваш лаҷомашро кашида, чароғпоя мекарда бошанд, якбора бозистода, роҳи калон, санглох ва пайроҳаи ҷониби қабристонро аз назар гузаронд, касеро надида, боз сӯи зан рӯ гардонда, бо овози баланд пурсид:

— Ӯуй!.. Ба кадом тараф бурданд?!

— Ба ҳамон тараф! – сӯи дашт ишора кард зан. Забур то доманаи деҳа тохта, дашти фарохи барфпӯшро, ки нури моҳ рӯи онро бо ранги паст сир андуда буд, аз назар гузаронд. Хеле нигарон истод ва баъд пай бурд, ки ҳамин ранги ночиз ҳам чашмони ӯро бурданд ва Забур ноумед гашта, бо мушт чашмон молида-молида сӯи ҳавлӣ бозпас омад. Ӯ яқин кард, ки нақшаҳо барбод рафт, вале бовар надошт, ки кори босмачиён бошад, зеро ба онҳо ихлосу умед баста буд, ки ягона дастгиру ҳомӣ босмачиёнанд. «Ба сағирҳо сахт омадам, худо нишонам дод». Чунин андешаро баланд гуфта натавонист. «Не-не, найранг… Инҳо ҳама ёри Бихалифа, ёри ман Худост. Босмачӣ буд, аввал бояд маро медид. Аввал Худо, сонӣ босмачиён маро ба мурод хоҳанд расонд. Маро фиреб додан кори осон нест…»

Баъд фикре ба сараш зада, ба роҳравҳо, тангкӯча ва рахнаҳо ва саҳни ҳавлӣ нигарист, ки пайи тозаи суми асп боқӣ монда ё на? Дар роҳрав ва тангкӯча нақшҳои бетартиби суми аспҳо ва дигар ҳайвонҳоро дарёфт, вале кӯҳна ва ё нав будани онҳоро фарқ карда натавонист. Баъд хам шуда охурчаҳои барфини аз суми чорпоён дар рӯи роҳ пайдошударо даст карда дид. Девораи охурчаҳо сахт ва яхбаста буданд. Аммо дар рахнаи девори боғ ва саҳни он аз нақши сум нишоне набуд. Мисли саге, ки дар ҳамин ҷо бӯи гургро шунида бошад, сар бардошта башаст сӯи хона шитофт. Дарро башитоб кушода, вале аз паси худ напӯшида, ба хона даромад ва дудама аз ғилоф кашида, наъра зад:

— Кӣ буд вай?! Росташро гӯй, вагарна аз дами теғ мегузаронам!

Меҳринисо, ки духтари беҳушу беёдашро сари дил медошт, дар пеши пои шавҳар мисли як кундаи береша тофт. Карахт шуд. Ва баъди фурсатҳо, гӯё ба тан ҷон омада, чашм боло кард, қиёфаи тира ва ваҳшиёнаи шавҳарро дида, мижгон ба ҳам баст ва сар

ҷунбонд. Мардак ба маънии ишораи занак сарфаҳм нарафт. Баъд бо нӯги пой китфи ӯро тела дод:

— Яъне чӣ?

Занак ба оринҷи чап афтид, вале гарданн Норинисоро бо дасти рост оғӯш карда буд.

— Мардак, дурӯғ не,– сар ҷунбонд ӯ.

— Чӣ дурӯғ не? – ба болои сари онҳо хам шуда ва неши дудамаро ба сари синаи зан гузошта, бо овози пасти зери дандонӣ, вале пуртаъкиду пуртаҳдид пурсид: – Босмачиҳо?.. Мир?... Ё худатон?...

— Мардак, ягон бор ба шумо дурӯғ гуфта будам? – манаҳ ларзида-ларзида ва дандонҳояш ба ҳам бархӯрда гуфт занак.

Забур аз дамаш гашт ва неши дудамаро аз сари синаи зан баргирифта, ба зону нишаст ва духтарро ҷунбонда-ҷунбонда пурсид:

— Норичон, духтаракам, шояд ту дуруст дида бошӣ, ки онҳо киҳо буданд?

Духтарак на ҷунбид ва на ҷавобе дод...

Ҳамин вакт ба гӯши Забур садои дигаре расид. Ӯ нафасашро дар сандуқи синааш боздошта бадиққат гӯш андохт. Аз кӯча садое меомад, вале чӣ гуфтанаш маълум набуд. Дили ӯ аз кадом нохушие дарак додагӣ барин дудамаро ба тобадон партофт. Ва худ зери айвон баромада, аз буни дарахти тут, ки як кунҷи пеши айвонро деворсифат мегирифт, оҳиста нигоҳ кард. Ҳеҷ кас набуд. Боз он садо такрор шуд. Садо аз пушти девори боғ буд.

— Ҳуу, кадомӣ? – гӯё ҷавоб ва савол карда, Забур дар сари девор салладореро дид.

Забур ҳар гоҳ ба ягон чиз дурусттар диққат кардан хоҳад, чашми дурбинашро боз хурдтар ва тангтар карда, зеҳн монад. Ҳоло чашми ӯ ба сари девор ҳамин зайл дӯхта шуд. Саллабасаре аз сари девор гардан ёзонд. Забур ӯро шинохта зери лаб «Азизи Тахмин» гуфт ва худро дар паноҳи дарахти тут кашид.

Азиз Тахминро тоқат тоқ гашта буд, ки аз рахна ва ё аз дарвоза не, балки аз тори сангдевор ба боғ гузашта сӯи хона омад. Гӯё ӯ дар паси дарахти кунҷи айвон ҷо шудани Забурро дида буд. Дар дасти ӯ доси лангариаш, ки тақрибан дар тамоми ҳашарҳои дарави Забур иштирок карда буд, меларзид. Шояд Забур ҳам беқаророна ларзидани доси дасти ин марди девонаавзоъро дида, худро ақиб кашида бошад. Забур пурхашму пурғазаб ва девонаву довталаб омадани марди қоқи дарозро дида, ноилоҷ занро пеш андохт, то баромада аз набудани мардина дар хона дарак диҳад. Чунин тадбир ҳам Азиз Тахминро боздошта натавонист. Ӯ рост ба таги айвон баромад. Чунон дилпур ва хунталаб омад, ки гӯё дар паси девори боғ боз як даста ёрони хуношом маътали ишораи Азиз Тахмин

бошанд. Занак ба сухан лаб во накарда буд, ки Азиз Тахмин ба сӯи ӯ гардани дарози серрагу пояшро ёзонда наъра зад:

— Ку он нокас?

— Кӣ, ако, киро мегӯед?

— Ун ноасилро, мардаки номарди туро!

— Нестанд,– гӯё ки сари навҷавонеро шамшер зада қалам карда бошанд, занак бо ин сухани кӯтоҳ гапи ӯро бурид.

— Гурехт? Писари маро кушта, гурехт?! Ман акнун интиқомамро аз кӣ гирам? Аз ту, аз як оҷизаи нотавон?.. Нее! Ман ӯро меёбам! – мардак бо мӯҳраи дос даричаро зад. Ва пуршаст ба занак рӯ оварда илова кард: – Ман ба хоҳарзодаи ӯ зор набудам, писари ман безан намемонд. Лекин ин чӣ кирдоре буд, ки ӯ кард?!! Ту чӣ гиря дорӣ? Гиря накун, ман ба ту кор надорам...

— Не,– сар ҷунбонд занак.

— Чӣ не?

— На ба шумо шуд ва на ба мо... Ӯро дуздида бурданд.

— Кӣ?!

— Босмачиҳо.

— Босмачиҳо ҳоло ба деҳаи мо наомадаанд-ку?

— Надонам, Мир ҳам буд...

— Мир? Мири худамон? – гӯё дигар чизҳо ва барои чӣ омаданашро фаромӯш карда бодиққат пурсид ӯ.

— Ҳа, – оҳиста ҷавоб дод занак ва гирён ба хона даромад.

Азиз Тахмин дергоҳ зери айвон ҳайратзада биистод ва баъд ноумед баргашта рафт. Вале бовар намекард ва ақлаш ҳам намегирифт, ки Мир хамин хел рафтор карда бошад. «Барои чӣ? Барои чӣ Мир?.. Барои он ки ӯро пешкаш накунанд?.. Орияташ ба марди деҳа мерасад, мегӯяд?.. Шояд гапи дигар бошад? Шояд ӯ ба ман, ба писари ман дандон дошт?.. Ана акнун гуфтаи худам шуд. Шӯре бархост. Ҳомид-кӯрбошӣ наомада, кирмҳои бадани худамон ҷунбиданд...» Азиз Тахмин то назди дарвозаи Мир фикру мулоҳиза карда омад ва бо мӯҳраи дос ба дарвоза зад:

— Мирмаҳмад, ҳо Мирмаҳмад!!!

Аз дарун садои занона баромад:

— Ҳа-ю, кадомӣ?

— Мирмаҳмад дар хона?

— Не!

— Дар кӯҷо?

— Нисфи рӯз баромада рафта буданд...

Азиз Тахмин яқин кард, ки он кор кори Мир будааст ва гапро ғоз надода, ба хона баргашт.

Ҳафиз ба сина хобида, чун мотамзада «ҳу-ҳу» гиря дошт. Кирдори Забур ба ӯ чунон алам кард, ки зӯрии дард баҳона, ғел гаштаю печида, буғзи дил кафонданӣ буд. Дил ба фишор меовард,

то якбора торс кафаду аз гапу калоча ва таънаҳои мардум ва аз зери бори гарони нангу номус раҳо ёбад. Ӯ мисли мори саркӯфта ба худ мепечид ва сақфи сина ба фарш сахттар пахш мекард. Сахттар пахш мекард, то дили сода, покиза ва беғашу олоишаш зудтар таркад... Вале азобаш зӯр ва дардаш зиёда гашта, баробари ҷунбидан ҷойҳои латхӯрдаи бадан дард ёфта, сахттар нола мекард. Ӯ дар зери ин нолаҳо ҳама чизи нолоиқ: дунёю дунёдорон, пастию баландиҳо ва ҳар чизе, ки ба назараш зишт менамуд, дашном медод. Бештар Забурро ҳақорат мекард... Пурғазаб мешуд ва шоли рӯи хонаро чанг зада нохунхарош мекард. Ӯ чанде беёд буд, ҳатто надонад, ки чӣ хел ӯро аз кӯра ёфта ба ин ҷо оварданд. Ҳамин ки дар хона ба димоғаш пиёз дошта ва дасту пой ва паси гӯшҳояш молида ба ҳуш оварданд, падарашро дида хориаш омад, гирист ва оҳиста-оҳиста ба падар кирдори сари кӯраро ҳикоят кард. Падар дилдорӣ дод, то ором шавад. Азиз Тахмин худдорӣ карда натавониста, аз гурбадави хона досро гирифта рафт ва нимашаб баргашт. Ба писар чизе нагуфт, воқеаи гум шудани Шаҳбонуро пинҳон дошт.

Рӯзи дигар воқеа дар деҳа овоза шуд. Ин чӣ рӯзе буд, кас намефаҳмид; офтоб ниҳоят равшан, вале дур – дар ҷануб, дар тори силсилакӯҳи Ҳисор; саҳл монда, ки ба теға часпад. Ҳама нерӯяшро кӯҳҳои барфгир маканд ва то ин ҷо ҳарораташ базӯр расад. Роҳ рафтан ғаши касро меовард. Зеро мисли рӯзҳои хунук барф зери поҳо ғаж-ғаж надошт, балки чун лой аз зери по ба ду тараф парида, гаштро малоловар мекард. Садои шалп-шалпи пойҳо низ ногувор буд.

Касони дирӯз ба кӯҳхо гурехта имрӯз баргашта омаданд. Аз омад-омади Ҳомид дараке нест. Гӯё бахшише, ки дар ин деҳа насибаш гардад, ӯро муносиб набуд; андеша дошт, ки бо чунин пешкаш масхараю мазоқаш кунанд. Ӯ духтари одамони баобрӯ, даҳанкалон ва зеботарин духтарони деҳоти сари роҳашро мехост; акси ҳол инҳо як ятимаро пешкаш карда бо ҳамин ҷони худро раҳонидан хостанд.

Ҳафиз дар хонаи гилии падар ғел мегашт. Шабона дарду алами ӯро болин бардошта буд, рӯзона ҳамааш авҷ гирифт. Ӯ фарёд мезад, вале дард ба касе гуфта наметавонист. Дар сар хаёли Шаҳбонуро дошт, ки ҳолаш чӣ шуда бошад? Чун хабари нохуши бурдани нисбаташро шунид, чашмон аз косахонааш барҷаста баромаданд. Гӯё ҳама дард ва лату озор аз баданаш дур шуданд ва ҷои ҳамаи онҳоро як сангчаи сахт гирифт, ки андаруни дили ӯ ҷо шуда фишору озор медод. Ӯ баробари аз ҷогаҳ ҷаҳида хестан чунин дардро пай бурд ва бемадор ба тахтаи то нисфи дарича зада такя кард. Даст ёзонда табақаҳои даричаро кушоданӣ шуда дароз-дароз нафас гирифт. Нашуд. Худро бардам ҳис кард, ки аз рӯи нимдевораи тахтагин гузашт. Ҳафиз як ҷавони тануманди

серғайрат. Қаду қоматаш ба падари мӯйсафедаш монанд, вале падараш харобу ӯ пурра. Касони Азиз Тахминро медонистагӣ таърифу тавсиф кунанд, ки ӯ низ дар ҷавонӣ кӯҳро мезад, талқон мешуд. Ҳоло ҳам ғайраташ кам нест. Чи ғайрати ӯро бинию чи ғайрати Ҳафизро. Ҳафизро он чиз лозим, то донад, ки Шаҳбонуро кӣ бурдааст, он тараф илоҷи корро меёбад. Ӯ ба ҳавлӣ баромад. Падарро наёфт. Аз дари ошхона ғоз-ғоз дуд баромада, дар фазо гум мешуд. Ҳафиз лангон то ошхона рафт ва сар дарун карда модарро дид, ки лаби оташи кӯрдуд нишаста, шеван мекард ва ҳар лаҳза номи ӯро ба забон гирифта, гӯя ба даргоҳи худованд мекард ва бар ивазаш Забурро ҳам ном бурда, аз парвардигор талаб дошт, то ӯро ба балои бад гирифтор кунад: «Худованди ҳаждаҳ ҳазори олам, ба номи ширинат мурам, чандтоашро худат додию гирифтӣ. Ҳаминашро ба хуни дил калон кардам ва ин чӣ рӯзе буд, ки ба сараш овардӣ? Ман ба даргоҳи поки ту чӣ бадӣ кардам? Чӣ хато аз ман гузашт? Парвардигоро, ӯро дар паноҳат бигир, дар қатори бандаҳои бешуморат нигаҳ дор. Вай бандаи беозори туст. Чаро бандаҳои бегуноҳатро озор диҳӣ? Чаро Забур барин махлуқҳои худобехабар бандаҳои туро озор диҳанд? А? Ҳамаи ин барои чӣ? Ҳафизи маро аз ёраш ҷудо кард...»

— Оча! – аз дами дари ошхона ҷеғ зад Ҳафиз.

Занак баргашта ба дар нигарист. Писар китфи рост ба паҳлӯдарии сиёҳ такя гузошта меистод.

— Додом куҷо рафтанд, оча?

— Назди Мир. Гӯё Шаҳбонуро ӯ гирифта гурехтааст.

— А? – ҳаросида як қадам ақиб рафт ӯ.

— Хафа нашав, бачем. Мир аз барои ту ин корро кардаст.

Ҳафиз чизе нагуфт ва лангон паси хона гузашт. Модараш ба гашти як ҷавони тануманд нигоҳ карда хориаш омад. Сар ҷунбонда аз дил чӣ андешаҳое гузаронд. Баъд оҳиста «алло–аллои бекасӣ» гуфт.

Ҳафиз гапи модарашро нашунида, паси хонаро давр гашт, то кӯча баромаданашро модар набинад. Вале чун аз дарвоза бурун шуд, пиндошт, мардуми деҳа аз сари сархору бомгӯшаҳо ва буни деворҳо ӯро тамошо доранд, ки пас аз воқеаи имшаба чун шуда бошад. Ба ӯ чунин мерасад, ки касе Забурро дашном кунад ва Ҳафизро гӯяд: «Мурдани йигит беҳ!» Ӯ беруни дарвоза бозистод. Шевану нолаҳои модар дар гӯшаш садо доданд ва аз байни садоҳо ва суханҳои ӯ як сурати зебо дар гавҳари чашмонаш пайдо шуд, вале Ҳафиз фарқ накард, ки ин сурат сурати кист. Баъд диққат кард, ки дар мардумаки чашмаш сурати духтараки меҳрубонаш қолаб гирифтааст. Дилшикаста, ҳазин ва рухсораҳояш хуншор тобад ва чунон ба ӯ бонафрат нигарад, ки гунаҳгори ҳама номуродиҳост. Ҳафиз ба нигоҳи духтар тоқат оварда натавонист; то бегуноҳ буданашро Шаҳбону фаҳмад, «не-не!» гуфта, сар ҷунбонд.

Ва ҳамон лаҳза духтаракро гум карда, як қад парид ва аз ҷавобаш пушаймон шуд. Каме ҳаросида аз роғи дарвоза ба ҳавлӣ нигарист, ки модар аз паси ӯ мепоида бошад. Хаёлҳо аз сари ӯ париданд ва чамиданашро ҳам ҳис накарда, тангкӯчаро нишеб шуда рафт. Ӯ рост ба дарвозаи Мир рафт ва дар паси дар хеле нигарон истод, даст ба ҳалқаи дарвоза бурд, ки садо диҳад, вале ғур-ғури мардҳоро шунида, даст боздошт.

«— Агар рост бошад, ман рафта, гапамро гӯям?» – овози ношинос буд.

«— Ман надонам, занаш гуфт» – овози падарашро шинохт ӯ ва худро як қадам пас кашид.

Овози онҳо торафт ба дарвоза наздик мешуд:

«— Мирмаҳмад, акнун чӣ кор кунам? Арӯсшавандаамон беному нишон шудааст. Ёфт шавад ҳам, ин номусу нангро куҷо барем?.. Ӯ дигар ба мо лозим нест...»

«— Саросема нашавед, акои Азиз. Худо медонад, ки чӣ шудааст ва ӯро кӣ бурдааст».

«— Додарам, чӣ кор карданро намедонам»,

«— Мефаҳмам, ако, мефаҳмам».

Ҳафиз ҳис кард, ки дасте ба ҳалқаи даруни дарвоза расид ва гӯё садои бардошта шудани ғалақаи онро шунид, ки худро пас кашид. Вале ба роҳи омадааш барнагашта, гузаро шуда рафт ва дар хамгаште пинҳон гашт, то чашми падар ба ӯ наафтад. Ӯ бовар кард, ки чунин найрангро худи Забур бофтааст. «Шояд он мактуб ҳам сохтакорӣ буд?» аз дил гузаронд. Ӯ хост мадор пайдо карда то назди он баччае, ки барояш мактуб оварда буд, рафта, шарҳи воқеа фаҳмад. Вале натавонист. Боз аз гап тарсид. Андаке дар тангкӯча истод ва рафтани падарашро тахмин карда, оҳиста-оҳиста қадам зада, баргашт ва аз назди дарвозаи Мир нӯг-нӯги по гузашт. Чун ба тангкӯчаашон дохил шуд, зӯрии лати дишаба ва дарду алами ору номусро ҳис кард. Мисли кӯдаке, ки ба ягон тӯҳмати ноҳақ монда дарун-дарун сӯзад ва худро беҳад зиқ карда, маҷбур созад, то гулӯяшро буғз гирад; то касе пай барад, ки ӯ ҳақ аст ва ақаллан дар назди виҷдони ба найрангу фиребҳо одатнакардааш росткор будани худро исбот созад, дандон ба дандон монда, то ҳадде фишурд, ки дандонҳо ба вораҳо бозпас фурӯ раванд. Ӯ як дам бозистод. Даст ба санги осмониранги каме барҷастаи девори тангкӯча гузошта, аз он мадад хост. Лаҳзае чашм пӯшид. Ба назараш расид, ки ин тангкӯчаи каҷукилеб монанди мори чипори ниҳоят хунук аз сӯи кӯҳ хазида ба водӣ фарояд ва аз паҳлӯи ӯ гузашта, то ҷое равад, ки тамоми одамони бадимон ва нобакорро фурӯ кашад. Гӯё мададгореро дарёфта чашм боз кард ва ҳамон лаҳза кӯчабоғи ҷунбони морсурат бозистода ба шакли муқаррариаш бадал шуд. Чанд қадам дуртар садои дар барфҳои обакӣ пуршаст бархӯрдани пое баромад. Ҳафиз дар рӯбарӯ па-

дарро дида даст аз санги хунук бардошт. Сонӣ, гӯё падар ӯро ба роҳ рафтан хонда бошад, қадам партофт.

— Ту барои чӣ хестӣ, писарам? – хеле ба ташвиш монда пурсид падар.

— Ҳамту аз пайи шумо баромадам.

— Биё, ба хона равем, хоб кун. Гардӣ, канда мешавӣ. Бемории кандашуда даво падорад, бачем,– гуфт ва баргашт. – Гард!

Падар аз зери бағали писар дошта, ӯро ба роҳ даровард. Randomized? Ончунон ки дар тифлӣ шеваи роҳ рафтан омӯхта буд. Ҷомаи алочаи ӯ нимдошт шуда буд ва агар падар сахттар кашад, медарид. Падар ҳамин чизро дониста, саҳле мадад карда, гӯё як нобинои бори нахуст манзили бегона омадаро роҳ нишон медод. Ҳафиз чанд бор даҳон пур кард, ки аз падараш қисмати Шаҳбонуро пурсад, вале шарм дошта напурсид. Падар низ аз ин боб ҳарфе назад. Гумон кард, ки Ҳафиз аз ин чиз хабар надорад. Бинобар ин ӯро бурда, боз ба ҷогаҳ хобонд ва ба боғ гузашт, то дар танҳоӣ андешаву гуфтор карда алами дил паст гардонад. Барфи боғи ӯ, ки офтоб дертар ва камтар мерасид, сахт буд.

Дам-дами бегоҳ борон дона кард. Донаҳои калон-калони борон гӯё барои сӯрох кардани барф меборид. Оҳиста-оҳиста донаҳо реза шуда, борони маҳин рехт, ки аз бозмонданаш дараке набуд. Мазмун, аз фаро расидани баҳор хабар медод. Ва шабона барфи дашту боғу теппаҳоро об кард. Борон чунон барфро хӯрд, ки офтоби чандрӯза чунин барфи хамиҳо ва сояҳоро об карда натавонист. Фақат дар он тарафи наҳри Зарафшон, аз ҷое, ки аз ҳама баъдтар офтоб чашм канад, барфҳо мисли азимхирсони сафед, дар зову хамиҳои шаххои сиёҳ чилла хобидаанд. Ҷо-ҷо зери дарахтон ва буни хонаҳое, ки борон кам расида бошад, песабарф шуда буданд. Дар кӯчабоғҳо ва роҳравҳо селобаҳо ҷорӣ шуданд. Ва дар сои байни деҳа чунон селе омад, ки вақти обхези баҳорон ҷӯйбор чунин моломол гашта, ба шаҳпули пулҳои болою поён об расида ва баъзан канораҳоро кофта, девори ҳавлию хонаҳоро афтонда, ҷорӣ мешуд ва дар паҳнои дашт маҷро ҷуста, вале қолабшиканӣ карда, ҷӯшидаву дамида соҳилу киштаҳоро пахш карда, то Зарафшон мерафт. Чунин обхезиҳо, ки шаборӯз борон меборид ё жолаи сахт мезад, ба вуқӯъ меомад. Вале ин обхезии навақт мардумро парешон кард. Ва мардум онро фоли ноҷо донистанд.

Одатан баъди борон ҳаво кушояд ва бештар вақт офтоб шуда камони Рустам барояд, вале борон бошад ҳам, деҳаро як тумани ғафс печонд. Ва гӯӣ туман ба як катони сиёҳ табдил ёфта, ба гардану гулӯи мардум печида, фишор медод, ки доду фарёдашон баромад. Овози зане ҳам баромад, ки гӯӣ худро мезаду мехарошиду дод мегуфт. Азиз Тахмин ин доду фарёдро шунида гумон кард, ки баччаи кадомеро об бурдааст; занак аз ин рӯ доду фар.д дорад. Ӯ

кӯча баромад. Зану мардону баччаҳои зиёде дар парчи пул ҷамъ омада буданд. Дар ҷое, ки Забур Муродро шаллоқ зада, аз зери барф коғазро бароварда буд. Ҳолиё барф об шуда, як зан рӯи замини лой нишаста, худро мезаду мехарошид, рӯю мӯй меканд. Дар паҳлӯи ӯ Мурод дар даст асо рост истода, мегирист. Касе онҳоро басанда карда натавонист. Занак бародараш – Забурро дуои бад мекард. Ва духтарбаракро зиёдтар аз он.

«— Ооо, ман муродатро мебинам, ба тӯят меоям гуфта будамку!» – шеван мекард модар.

Аз ин нолаҳо Азиз Тахминро хорӣ омад, ки ба тамошобин як назар андохт ва қадам зада назди занак рафт ва қомати баландашро хам карда «хез, хоҳарам, хез!» гуфта ӯро ором кардан хост, вале занак лаби зерашро газида, сар ҷунбонд. Гӯё «не, гап назан, аламамро тоза накун» мегуфт. Саргираки ӯ аз сараш афтида, қарси дока ба гардан фаромада ва ҳалқа гашта буд. Аз рӯи таомул ва нишондоди дину шариат зан набояд рӯй ва сари бараҳнаи худро ба марди бегона нишон диҳад. Вале ҳоло, ки дарду алам аз сар зада, аз по гузашта буд, на дин монда буду на ҳаё.

— Хез хоҳарам, хез! – боз гуфт Азиз Тахмин.

— Хеста, чӣ кор кунам?

Аз кӯчаи ҷониби масҷиди калон садои ба кӯрсангҳо бархӯрдани наъли асп баромад. Садои пуршаст омад. Мардум парешон шуданд. Онҳо гумон карданд, ки духтарбаракҳо омаданд. Модар ҳоло ҳам рӯи роҳ нишаста буд. Паҳлӯяш Азиз Тахмини қоматбаланд ва Муроди хурд, ки қадаш дар миёни мардак мезад, меистоданд. Занак баробари онҳо рӯй ба он кӯча тофт; бало, он балое, ки духтарашро бурдааст, пайдо мешавад ва ӯ бархоста мисли даррандаи пурхашм ба аспҳо ва соҳибон дармеафтад, то духтарашро ёфта диҳанд ва ё ӯро ҳам ба назди духтар баранд.

Аз даҳони кӯча аспи ҷиран намоён шуд. Занак нашинохт, ки савори он кист. Ӯ эзоррағза пӯшида, аз болои мӯзаи нӯғаӣ почаи эзор фуроварда буд. Ҷомааш ҳам даруни рағзаэзори тибитӣ буд. Дар сар телпаки сиёҳ дошт ва гӯшакҳои онро, шояд барои шамоли асп бошад, ба рӯи гӯшҳо фароварда. Ӯ рост назди занак омада, аспро лаҷом кашид.

— Сафар ба хайр, Мирмаҳмад?! – пурсид Азиз Тахмин.

— Ҳамин ҷоҳо,– ҷавоб дод Мир.

Занак, кӣ будани он саворро донист ва парида хеста аз лачоми аспи ӯ гирифт:

— Ин ту?! – чашмонашро танг карда, пурхашм пурсид ӯ, – Ин ту духтари маро дуздидӣ?!

— Не,– сар ҷунбонд Мир.

— Як марди баномус ба босмачиён ҳамроҳ шуда тороҷгарӣ мекунӣ? Як деҳаи ҳалолро меолоӣ?

— Даҳонатро пӯш, занак! Ман на босмачиро дидаам ва на духтари туро! Ин ҳама тақали бародари худат.

— Ту рост мегӯӣ?

— Рост мегӯям!

— Ту як зани бечораро фиреб надеҳ,– гуфт ӯ ва сар ба гардани асп ниҳод.

Азиз Тахмин пеш омада панҷаҳои ӯро аз лаҷоми асп халос кард ва ба ишораи сар ба Мир фаҳмонд, ки аспро ҷилав занад. Мурод ҳам, ки то ҳанӯз танбеҳи онрӯзаи тағо аз ёд нарафта буд, аз банди дасти модараш дошта гуфт:

— Биёед, равем, оча! Нигоҳ кунед, мардум тамошо доранд.

— Механданд?

— Не, мегирянд.

— Пас аламашон аз дарди мо зӯртар.

— Механданд ҳам...

Модари карахтгашта сар ҷунбонд.

— Ханданд, хандидан гиранд, – гуфт ва каме ба худ омада ба оби лои сой нигарист.

Мурод қарси модар бардошта, сарашро панаҳ кард. Баъд саргиракашро ҳам, ки аз замин бардошта, дошта меистод, ба сари модар андохт.

— Гардед, равем, оча,– гуфт.

— Куҷо равем?

Мурод ба саволи модар ҷавоб ёфта натавониста, ҳайрон истод.

Азиз Тахмин ба писарак ёрӣ доданӣ шуда, аз дасти ӯ дошта кашид ва ишора кард, ки ба хонаи ӯ раванд. Мурод ба модар нигарист, то ӯ чӣ гӯяд. Занак гӯӣ чизеро пай набурд ва барояш фарқе надошт, ки онҳо чӣ мегӯянд. Гӯӣ яқин карда, ки ҳамин асп, ин савор духтари ӯро аз ҳама: аз ӯ, аз деҳа, аз тамоми мардуми олам бурдааст. Инак барои ба назари мардум манфур нашудан баҳона дорад, ки ба ин корҳо шарик нест.

Саргираки занак бори дигар аз сараш афтид. Баъд ӯ ба дуо даст бардошт, ки ин марди ба назари баъзе касон «худдонами худписанд»-ро сафари бебозгашт талабад: «Ҳазорсола бирав…» Вале чӣ шуд, ки дастонаш дар ҳаво бозмонданд ва лабони дуогӯяш ларзида, парраҳои биниаш парида, аз чашмонаш ашк шорида, бо раххое, ки дар ин ду рӯзи охир пайдо шуда буданд, ҷӯя бастанд. Дастони ӯ низ поён шуданд ва занак чашмони ашкгирифтаашро пӯшид. То ҳама ашкаш резад ва занак бинад, ки мард ба кадом тараф мегардад; яқин кунад, ки духтарашро ба кадом тараф бурдаанд. Ӯ бо мушт ашки чашмон пок кард, то рафтани мардро хубтар бинад. Аспи ӯ ба тарафи боғи Забур тоб хӯрд. Чашмони занак кушода шуданд ва худ дар ҳайрат афтод, ки мард якбора ба он тараф ҳамлавар шуд. Мурод ҳам аз паси ӯ тохт. Ва чун занак

аз хамгашти кӯчаи калон ба ҷониби боғи падариаш гашт, аспи ҷирани Мирро дид, ки гардан ба болои девори боғи Забур дошта, соҳибаш гӯӣ касеро нигарон аст. Асп зиёдтар аз ӯ беқарор буд. Пойҳо бардору мон мекард, дум меҷунбонд: ҳам ифодаи беқарории худ ва ҳам изтироби соҳиб ҳувайдо месохт.

Занак наздиктар омад ва шунид, ки ӯ номи Забурро гирифта ҷеғ мезанад. Мардак дергоҳ ҷеғ зад, вале касе набаромад. «Забур, ҳӯӯ Забур!» баландтар фарёд зад ӯ. Чун ин бор ҳам ҷавобе нашунид, Мир маҷбур шуд, аспро даруни боғ ронад. Ҷиран ба даруни боғи ӯ рафта назди хонааш қарор гирифт. Мир боз садо дод. Вале нн дафъа аз пас садоеро шунид.

— Боз инаш чӣ найранг? Мондагиашро ҳам бурданӣ ҳастӣ?!

Мир ба пас нигарист ва ҳамон занеро дид, ки лаҳзае пеш дар байни кӯча мисли дунёбезориён бепарво ва ба чизе эътиборе надода менишаст.

— Чӣ ин қадар меҷакӣ, занак,– ҳама хашму ғазаб ба сари занак рехтанӣ шуда, фарёд зад мардак,– як чизро нафаҳмидаю надониста, гап назан. Канӣ, акоятро ҷеғ зада баро, чорбарӯ кунам, чӣ мегӯяд!

Занак барои ҷеғ задани бародараш надаромад. Онҳо хеле чашм ба чашм истоданд, мисли сайёду хирс ҳамдигарро бо нигоҳ гурезондан хоста. Баъд «ҳуу, кадометон?» гӯён зани Забур аз паҳлӯи тути кунҷи айвон намоён шуд.

— Ку шӯи тӯҳматиат?

Занак аз саволи ногаҳонии мард дар ҳайрат монда, чӣ ҷавоб доданро надонист. Гӯё шах шуда буд. Мардак пай бурд, ки ӯ саволашро дуруст нафаҳмид, боз пурсид:

— Аз ту мепурсам, занак, ку шӯят?!

— Нестанд.

— Куҷо шудаст?

— Намедонам, ба ман чизе нагуфтаанд.

— Ту овоза кардӣ, ки ман Шаҳбонуро бурдам?!

— Ман ин хел овоза накардаам. Норинисо дидааст, ки саворҳои зиёде Шаҳбонуро гирифта бурдаанд. Гумон кардаст, ки шумо ҳам дар байни онҳо ҳастед. Шояд... шояд аз тарс ин гапро бофта, гуфта бошад,– гӯшаи қарси сафедашро зери лаб кашида гуфт занак.

— Духтарат пеш аз ин маро надида буд?

— Ман надонам, амакаш...

— Агар ӯро босмачиҳо бурда бошанд, чӣ хел ман дар байни онҳо буда метавонам?

— Ман надонам, амакаш.

— Ку, духтаратро ҷеғ зан, бароянд!

— Ин ҷо нест, амакаш. Назди Бихалифа рафтаст.

— Дурӯғ нагӯ, ман аз вай аниқашро фаҳмидан мехоҳам.

— Дурӯғ не, амакаш.

Гӯё бо ин тарзи гуфтор ва ифодаи «амакаш-амакаш» занак ягон чиз бурд мекард. Вале аз ин чиз хашми Мир фурӯ нанишаст ва ларзиши бадани Норинисо паст нагашт. Ӯ дар кунҷи сандалӣ нишаста, гуфтугӯи онҳоро мешунид ва ба худ мепечид, ки бо як даҳан гапи дурӯғ одамонро ба бало мононд ва оқибати ин ҳарфи беҷо чӣ мешуда бошад, касе надонад.

Дӯғу пӯписаи Мир ӯро ларзонд, вале чун модар барои ҷони ҳамаро халос кардан малеҳу нарм сухан кунад; дили кӯчаки ӯ фишор хӯрд; ягона илоҷи худдорӣ он, ки лаб газаду лаб. Дар муддати кӯтоҳ лабони ӯ кабуд гаштанд; на аз он, ки дандонҳо бар лаб фурӯ рафта буданд, балки аз фишори дил ва ҳаяҷони зиёд лабон сурху кабуд гашта, моил ба сиёҳӣ буданд. Ӯ чашмон пӯшида, боз лаб зери дандон кашида, худдорӣ мекард; мабод, ки аз бурҷи сандалӣ фарёди ҷонгудозе барорад. Ӯ фаромӯш карда буд, ки падар низ дар ин хона; аз баромадан тарсад, то дар деҳа моҷарои калон барпо нагардад.

Забур аз довталаб омадани Мир пай бурд, ки ӯ ба ин корҳо шарик набудаст, пас аз паҳлӯи тахмон ба духтар пурғазаб ва пурнафрат нигарист. Чашмони ӯ дар торикии бурҷи тахмон мисли чашмони гурбаи дузд дурахшиданд. Вале ин дурахши чашмони нафратовари ӯро касе надид. Дили ӯ низ мисли дили духтар тапидан дошт, ки Мир ба суханони зан бовар накарда, ба хона зада дарояд ва… Духтарак ин чизро пешбинӣ карда, тайёр ҳам шуда буд, то баробари аз дар ворид гаштани Мир худро даруни сандалӣ гирад, вале Забур пешакӣ сурати девор гашта буд ва тайёрии ба ҷои Шаҳбону даруни сандуқ шудан ҳам дошт.

Дар берун оромӣ шуд. Духтарак оҳиста гардан ёзонда аз роғи дарича ба берун нигарист... Ва дид, ки Мир пой аз рикоб бароварда, аз асп фаромад ва ба Мурод ишора кард, ки аспро дорад. Норинисо аммаашро ҳам дид ва ҳайрон монда, оҳиста худро пас кашид. Баъд ба сараш зад, ки дар ин хона падараш низ ҳаст. Сар тофта оҳиста ба ӯ хабар расонд:

— Муроду аммаам омадаанд.

Забур ангушт ба лаб бурд, ки духтар хап истад. Баъд нӯг-нӯги по пеш омада, ба духтар тақлид карда аз роғ нигоҳ кард ва дид, ки Мир ба айвон баромадааст. Дид, ки занаш ба танаи тут рост шуда ва ба хоҳари ӯ эътиборе надода, чашм аз мардак наканда, меларзад. Ба Забур чунин намуд, ки Мир ба зани ӯ дармеафтад. Ва онҳо абадӣ дар назди аҳли олам рӯсӯхта ва нафратзада мешаванд. Бинобар он бори дигар ба тобадони болои дар даст бурда, дудамаи меросиро гирифта, аз наём кашид ва ба даҳлез баромад. Вай аввал хост, ки пурхашму пурғазаб ба ӯ дарафтида, теғ занад. Вале дид, ки Мир аз лаби марзаи айвон рафтааст, пой боздошт. Ва боз ба гӯшаш сухани Мир расид:

— Хуҳарак, мардакатро гӯй, ба хубӣ барояд...

— Хӯш, ба мардаки ӯ чӣ кор доштӣ?– дасти дудамадори чапро пушт дошта, баромад Забур.

Мир ҳайрон шуда якбора ба сӯи ӯ гашт ва мисли аждаре, ки ӯро дармекашида бошад, чашмонашро танг карда ба ҷониби ӯ гардан ёзонд.

— Ту чӣ хоҳӣ аз ман? – байни айвон омада гуфт Забур.

— Ман ягон вақт аз ту ягон чиз нахостаам, лекин ту барои чӣ дар ҳама ҷо овоза кардаӣ, ки ман хоҳарзодаи туро дуздида бошам?

— Ба кӣ овоза кардаам?

— Ҳама ин гапро гӯянд. Намегуфтанд, ман пеши ту намеомадам. Қадамамро ҳайф медонистам.

— Ту! Қадаматро ҳайф медонистӣ? Ту марди беандешаи адирӣ?

Мир гардани ба ҷониби ӯ ёзондаашро мисли сангпушт фурӯ кашид ва панҷаҳо гиреҳ заданд.

Забур дид, ки Мир ба хашм омадааст, дасти росташро пушт бурда теғро гирифт ва ба маънои таҳдид ба вай нишон дод.

— Ба ту теғ чӣ лозим? Ба одаме, ки мардӣ надорад, теғ кор наояд. Теғро ана ба он бачча деҳ, аз ту беҳтар ба кор барад,– ба Мурод ишора карда гуфт Мир.

Аз ин суханони ӯ Забур пурхашмтар шуд ва қадам пеш андохт, то якбора ба ӯ ҳуҷум кунад. Мир қасди ӯро пай бурда як пой аз марза так гузошт ва ба ҳуҷуми ӯ омода шуд. Вале Забур таҳдид мекарду ҳамлавар намешуд. Аз афти кор, ҳам зӯри худ ва ҳам зӯри ӯро медонист.

— Ту ҳоло мункир ҳам мешавӣ, ки он оҷизаро набурдаӣ?

— Бурда бошам, мункир намешавам. Лекин ту беҳуда устухони маро хоӣ.

— Ман саг нестам, ки устухони туро хоям.

— Ман нафаҳмидам, ки чунин одам аз кадом саг кам бошад?

— Ту лаънатӣ, бо кӣ манша мекунӣ? Болои дуздӣ – сарҳангӣ!

— Ман чии туро дуздидам, нокас? – аз ғилофи миёнаш корди калонро кашида гуфт Мир.

Забур даступо хӯрда, суст шуд. Вале зан ва хоҳари ӯ ҳарду на ба Забур, балки ба Мир часпида, ӯро боздоштанӣ шуданд. Аз ин рафтори онҳо Забур ор кард, ки якбора фарёд зад:

— Нарасед!!! Ба он ҳазарӣ нарасед!

Қарси зани ӯ низ аз сараш афтида, ба гардан печид ва бар китфон кашол шуда буд. Аз фарёди мардак зан суст шуда худро пас кашид, вале хоҳари ӯ ба Мир часпида, ба тарафи аспаш тела дод, то савор шуда равад. Мир худро мард гирифта, занро тела

надод. Аммо дар вуҷуди ӯ чунин ният пайдо шуда буд. Хост занакро як сӯ тела дода, баъд ба Забур дарафтад ва деҳаро аз чунин касон тоза кунад; ин кори осон набуд. Барои ин кор ба қозию қозикалонҳо, ба назди мардуми деҳа ҷавоб додан лозим меомад. Махсусан барои Забур, ки бо аҳли ҷоҳ қаробат дошт ва ҳамнияту ҳаммаслак буд. Лекин аз чӣ сабаб бошад, ки ин чизҳо ба назари Мир наменамуд. Занакро тела дода аз худ дур кардан хост, нашуд. Занак ба ӯ сахт часпида буд.

— Як тараф ист,– боз занакро тела дод ӯ,– агар духтарат зинда бошад, ёфта додани ӯ тани ман.

— Ааа, – дастонашро аз пешбари чакмани Мир гирифта, даҳони худро дошт ва ба чашмони мардак нигариста ба сухан даромад: –Шумо… Шу-шумо… духтари ман… мурда?

— Не, ман ин хел гуфтанӣ нестам, ман ӯро надидаам. Ман бояд бо ин мардак дурусттар гап занам. Ман мехоҳам ҳама аз ӯ халос шавад.

— Дафъ шав аз ин ҷо, лаънатӣ!!! – ба тарафи ӯ тохта гуфт Забур. Вале Мир ба таҳдиди ӯ эътиборе надод.

— Ман лаънатӣ, ё ту? Маро ном бад, лекин ба ягон кас бадӣ накардаам. Агар ба ту барин сагон сахт омада бошам, чунин маъно надорад, ки ман бад бошам. Ту барин хуни касонро намакидаам...

— Ман ба ту, саг, баробар намешавам, вақти гап меояд.

— Медонам, ту чиро дар назар дорӣ... Намешавад… Ту аз кадом тороҷгарон мадад хостанӣ ҳастӣ?

— Дафъ шав, худозада! Ҳеҷ тороҷгар туро монад?! Ту ба ҳавлии ман чаро бепурсиш даромадӣ?!

— Ин зайл аёлмиҷоз дар бурҷи хонаат руст шуда шинӣ, ҳар кас ба хонаат дарояд. Вақти бурдани хоҳарзодаат ҳам ҳамин хел руст шуда будӣ?

— Ээ гум шав-э! – аз танаи девор калтакро бардошта таҳдид кард Забур.

Мир «ҳум» гуфта ба ӯ заҳрханда кард ва пас гашт, ки ба аспаш савор шавад. Вале боз занак ба ӯ часпид:

— Мирмаҳмад, аз барои худо гӯй, ки Шаҳбону зинда аст ё мурда?

— Ман чӣ гӯям ба ту, ман надидаам... Агар ягон ҷо дараки зинда буданаш барояд, ба дастат супурданаш тани ман.

— Не… таги лабат суст, ту медонӣ.

— Бовар кун, намедонам. Наход ман дидаю дониста туро азоб диҳам?– Мир бепарвоёна ба асп савор шуд, то ба роҳи омадааш боз равад. Ӯ лаҷоми аспро кашид, вале лаҷом аз дасти Мурод раҳо нашуд:

— Не, амак, маро бузвор тозед ҳам, сар намедиҳам. Шумо ҷои Шаҳбонуро медонед!

— Намедонам гуфтам, намедонам! Чӣ шумо маро ба бало гирифтор карданӣ?! – лаҷомро пуршаст кашид ӯ.

Дасти Мурод боз ҳам аз лаҷом канда нашуд, худи ӯ як қадам пеш рафт ва шикамаш ба нӯги пои чапи Мир бархӯрд.

— Мон ин гапҳои беҳударо, бачча. Ман омадам, то ба ин пирхук фаҳмонам: ман на ба ин ҳавлӣ пой мондаам ва на хоҳарзодаи ӯро дидаам. Ӯ беҳуда мисли саги аз гург гурехта меҷакад... Сар деҳ, бачча!

— Агар рост, маро ҳамроҳ баред, вагарна ӯ маро кушад, – пои чапи ба рикоб гузарондаи ӯро маҳкам оғӯш карда гуфт писарак. Мир хеле ба андеша рафт, вале ба ӯ чӣ ҷавоб доданро надонист.

— Не, ӯ туро намезанад, – оқибат чунин гап ёфт Мир.

— Мезанад, амакҷон, мезанад, шумо ӯро намедонед.

— Туро барам, очаат куҷо меравад?

— Очаам ҳамроҳи мо меравад, – аз зери манаҳи мардак нигоҳ карда гуфт Мурод.

Мардак боз ба фикр рафт. Ӯ намедонист, ки чӣ илоҷ ёбад.

— Хайр, биёед, – гуфт оқибат Мир.

Писарак лаҷоми аспро сар дод ва ба модараш нигарист, то чӣ гӯяд. Занак ҳангу манг монд. Сонӣ ягон даҳан ба бародар сухан накарда рафтагор шуд. Ба зани ӯ низ чизе нагуфта, қадам пеш монд. Ӯ саргираки зери марзаи айвон афтидаро гирифта, аз паси писар равон шуд. Дар чунин лаҳзаву ҳол Забур ба хулосае омад, ки онҳо ба ӯ бегона будаанд. Ба онҳо чизе нагуфт. Хоҳару хоҳарзодаро шахсони дур ҳисобида, хоҳише накард, то дар хонааш монанд. Гӯӣ аз рафтанашон хурсанд аст.

Мир рафт. Аз паси ӯ Муроду модараш роҳӣ шуданд. Мурод сархам мерафт, модараш мисли паррандаи тирхӯрдаи пару болрехта ва қаноткашолу хуншор ба худ пинҳонгаҳе меҷуст, то ба чашми касе нанамояд. Ӯ рафт-рафту дар кӯчаи калон якбора бозистод; гӯӣ ба худ омада. Ба худ омада пай бурд, ки бо як марди номаҳраму барояш бегона рафтан дорад. «Мурод!» фарёд зад ӯ. «Ман рафта наметавонам, ин ҷо биё». Мурод аз ишораи модар чизеро пай бурда пас гашт.

— Чӣ шуд, оча?

— Рост аст ё дурӯғ? Шаҳбонуро ҳамин бурдааст? – ба Мир ишора карда гуфт занак, – Мо дидаву дониста чӣ хел аз паси ӯ равем, бачем?

— Ман надонистам, оча. Ҳар ҷо, ки дилатон хоҳад, меравем.

— Ман аз паси ӯ намеравам...

Мир савора хеле дур рафта буд ва ба пасаш нигоҳ ҳам намекард, ки онҳо меоянд ё на. Ӯ ба фикру андешаҳои худ гирифтор буд. Фақат аз нокасию пастии касони нохалаф месӯхт ва ба худ

саволҳои зиёде медод. Вале ба ягон саволи хеш ҷавоби комил гирифта наметавонист. Пас ваҳшӣ гашта, мехост, ки бо шамшери гаронвазнаш ин каллаҳои кадусифати пур аз фисқу фуҷур ва пурнайрангро ҳамчу сабча сар занад. Бо чунин ният ӯ доим тайёр аст, то ба касе некие бикунад. Ӯ феъл ва хуни тези худро дониста, гоҳи ба хонаи Забур рафтан шамшери ба устои оҳангари ёригӣ созондаашро ҳамроҳ нагирифт. Ӯ умедвор, ки шамшери тез рӯзе ба кор ояд. Ҳолиё дидаю дониста дар мавриди боб ин теғи бурроро истифода кардан нахост. Ӯ ба хонааш расида пай бурд, ки ҳамроҳ дошт ва онҳо бояд аз дунболи ӯ меомаданд. Аз дер мондани онҳо ба хаёлҳои пасту боло рафта ба хоҳараш Бихалифа фармуд, баромада ба роҳ нигоҳ кунад.

Бихалифа ҳолати нобоберо ҳис карда абрӯ гиреҳ зад ва баъд сӯи дарвоза равон шуд. Гиреҳи абрӯи Бихалифа на аз омадани модари Шаҳбону, балки аз тозатар шудани алами аз дил нарафтааш буд. Ва боз гапи мардум ва бофтаи худи онҳо, ки гӯё Шаҳбонуро бародари ӯ дуздида бошад. Офтобхон фурсати зиёде беруни дарвоза интизорӣ кашид, вале аз онҳо дарак нашуд. Оҳиста-оҳиста сари кӯча баромад ва баъд танҳо баргашт...

Гоҳе ки Мир асп дар саисхона мебаст ва хоҳари ӯ роҳи Мурoду модарашро мепоид, Забур ба моҷарои нав сар кард. Ӯ тамоми алам ва қавруну қасосашро аз зан ва духтараш гирифтанӣ шуда аз шохи дарахти тут як химчаи нав обгирифтаро бо дудамааш бурид ва ишора кард, ки занаш ба хона дарояд. Зан дар ваҷоҳати ӯ нохушиеро пай бурд ва тарсону ларзон ба хона даромад. Забур яке дар айвон химчаро шамшервор ронд, садои он мисли ҳуштак баромад. Баъд ӯ нӯги дарози онро ҳам бо дудамааш кӯтоҳ кард.

Духтарак аз кунҷи сандалӣ хеста, дар назди дарича истод. Модар оринҷи рост бар сандалӣ такя гузошта нишаста буд. Забур ба зан чизе нагуфт, ҳатто ғайри чашмдошт, аз ҷой нахестани ӯро ҳам ба назари эътибор нагирифт.

— Ту ҳамаро ба маймунбозӣ андохтӣ, ғӯрамарг?! Ҳамааш кори ту буд, а?! – химчаро бар бозуи чапи ӯ зада шиддат кард Забур.

Духтар ба маънои «не, не» сар чунбонд ва рӯй ба дарича гардонд. Баъд мардак «А, ту, ин кори ту?» гуфта ба тахтапушти ӯ химча задан гирифт. Аввал духтар тоқат кард, баъд дид, ки намешавад, фарёд зад:

— Худоё, худовандо, ин чӣ рӯз аст? Оча, очаҷон! – ӯ дигар чизе нагуфт ва даст ба даҳон бурда садо ва дарду аламашро фурӯ нишондан хост.

Ҳарчанд занак медонист, ки дар байни кори шавҳараш даромадан барои онҳо мамнӯст, дандон ба дандон монда, аз дасти ӯ дошта пуршаст ба пас кашид.

— Ноинсофӣ накунед, мардак, ин тифл чӣ гуноҳ дорад?!

Забур дасти занашро бо ҳамон шаст тела дод ва ба пушти ӯ ҳам химча зад. Ин замон духтар фурсат ёфта, аз дар баромад. Ӯ ҳам ҷони худ ва ҳам ҷони модарро халос кардан хост. Забур мисли каси моргазида, ки аз ресмони ало тарсад, занакро ба ғами худ гузошта, башитоб аз паси духтар баромад. Духтар баромадани падарро медонист, ки аз зери айвон дур нарафт. Ӯ ҳам такя бар он дарахти тут зада, бозувони латёфтаашро дошта мемолид. Чун падар баромад, қарор истод. Гӯё чизе нашуда буд. Забур ҳам ба ӯ чизе нагуфта, аз айвон берун рафт ва давр зада паҳлӯи хона гузашт. Духтар аз ин рафтори падар парешон гашта, зуд назди модар даромад. Ӯро сиҳату саломат дида худро ба гардани ӯ андохт ва онҳо хуб гиристанд...

## 9

Сабза дамид. Ҳомид наомад. Хонаводаҳое, ки ба камару кӯҳҳо рафта буданд, баргаштанд. Селоби сангоби деҳа паст шуд. Ва ҳамон тагоби аслӣ ҷорӣ мешуду ҷорӣ. Сӯи Зарафшон роҳ мегирифт. Рӯдак дар рӯзи пурталотум чӣ гапҳои росту дурӯғеро ба гӯши Зарафшон бурда буд? Чӣ чизҳоеро низ расонда буд. Вале имрӯз чунон ором ва бепарво ҳаракат дорад, ки аз деҳа дил намеканда бошад; гӯӣ касе онро бо пушти каланд тела дода ба паҳнои дашт ронад. Ин оби доимӣ, ки баъзан дар чиллаи тобистон, рӯзонаҳо зери регу сангҳо шуда ва дам-дами ғуруби офтоб сим зада рӯи рег мебарояд, ҳоло ҳам хира метобад. Ҳоло ҳам гили селоби онрӯза такшон нашудааст. Аз дам гирифтанаш ва аз худро тоза накарданаш барояд, ки талотуми дигарро интизор аст. Дар ин муддат касе аз Шаҳбону дараке надод. Модари ӯ аввал назди Бихалифа омад. Аз ӯ маслиҳат пурсид ва илтимос кард, ки асли воқеаро аз додараш Мир пурсид. Бихалифа ба ӯ фаҳмонд, ки додараш ба ин кор шарик нест ва ҳар коре, ки шуда бошад, аз дасти бародари худаш – Забур аст. Занак аз хонаи ӯ низ ноумед баргашт.

Ӯ ба дунболи писараш Мурод мерафт. Ҳавоӣ мерафт; чизеро надида, дарку эҳсос накарда, дар сар низ андешае надошт, ҷуз зиндаву мурдаи Шаҳбону. Ӯ мерафт, пойҳояш ӯро пеш мебурданд. Вале, вақте ки пайраҳаи танги сари обкандро мегузашт, сараш чарх зада, саҳл монд ба оби сой афтад. Нишаст. Дастонашро ба замин такя гузошт ва баъд писарашро ҷеғ зад:

— Мурод, Муродҷон!

Писар баргашта ба модар нигарист ва ҳаросида, сӯи ӯ шитофт.

— Чӣ шуд, оча?... Чашматон сиёҳ зад?

— «Ҳа» – сар ҷунбонд ӯ.

— Бемадор шудаед, оча, чанд рӯз аст, ки ҳеҷ чиз намехӯред... Оча?

— Ҳа, бачем?
— Шумо худатонро накоҳонед, худам қаландар шуда Шаҳбонуро ёфта меорам.
— Аз куҷо меорӣ, бачем?
— Охир, ӯ намурдааст! Кӣ гуфт, ки ӯ мурдааст?
— Ба забони ширинат мурад оча, ту инро аз куҷо донӣ? Ҷои ӯро низ донӣ?
— Не, оча, ҷояшро надонам, лекин дилам гӯяд, ки ӯ намурдааст. Ӯ гуфт, ки... Ӯ мегуфт, ки...
— Чӣ мегуфт?
— Мегуфт, ки бояд Ҳафизро бинам.
— Кай?
— Ҳамон рӯз... пеш аз гум шуданаш.
— Боз чӣ гуфта буд?
— Дигар ҳеҷ чиз... Ҳа, гуфта буд, ки зудтар хатро ба Ҳафиз расонам.
— Лекин ту нарасондӣ...
— Нашуд, оча.
— Ҳаа, натавонистӣ, апаатро дошта натавонистӣ...
— Охир, ман намедонистам, бехабар мондам...
— Хайр, биё равем...

Гӯё дили ӯ ниҳоят нарм шуда буд: «кори Худованд; ба тақдир тан бояд дод…» Ба назараш бо мардум, махсусан бо бародар муросо карда, гуноҳашро бахшида метавонист… Ӯ рӯймол аз паси гардан ба сар кашид. Саргиракро ҳам ба хотир оварда, аз дасти писар гирифта ба сар андохт ва бардам-бардам қадам зада рафт. Рост ба ҳавлии бародар рафт. Вале ба хона надаромада зери айвон нишаст; нигарон буд, то соҳибони хона баромада, ӯро ба дарун хонанд. Зани хеле коҳида ва мисли ин модари шӯрбахт хастаю бемадор Меҳринисо баромад.

— Чӣ ин ҷо шиштед, апа, ба хона дароед! – ба ташвиш афтод занак.

— Ҳамин ҷо ҳам бад не. Мардакатон нест?

— Баромада рафта буданд, даромада шинед, меомадагистанд.

Норинисо тозон баромада, худро ба пеши пои аммааш андохт ва ба гиря сар кард:

— Аммаҷон, аммаҷони ман, – зонуҳои ӯро оғӯш кард ва боз ҳамон суханашро такрор: – аммаҷон, аммаҷони ман!

Ӯ дигар чизе гуфта натавонист ва сар ба банди дили амма пахш кард. Амма низ сар бар сари ӯ ниҳод; бо дастон тахтапушт ва китфони ӯро молидан гирифт:

— Нориҷони ман, ҷонаки ман, Шаҳбонуи ман.

Аз ин навозиш хории духтарак омад, ки «ҳу-ҳу» гиря оғозид. Амма пой ёзида, духтаракро ба банди дил пахш карда, уреб гирифт ва баъд ба навозиш даромад:

— Дилсӯзи амма, ҷонаки амма... Ту... ту рафтани апаат Шаҳбонуро надидӣ?

Духтар ба ҷои ҷавоб боз худро ба банди дили амма сахттар пахш кард. Занак ҳис кард, ки ҳаяҷони духтар зиёд ва нафаскашиаш тез шуд.

— А, ҷонаки ман, надидӣ? – чизеро ҳис кардагӣ барин боз пурсид амма.

Норинисо дар сақфи синаи амма сар ба ду тараф ғел гардондан гирифт: «Не».

— Ҳаа, намедонӣ, хабар надорӣ?

Духтарак боз сар ғел гардонд. Ва боз худро ба ӯ ҷафстар кард.

Духтарак ҳанӯз ба амма чизе нагуфта, падар омад.

Духтарак нахест. Амма ба ҳайкали пурраи бародар нигариста, сар ҷунбонд: «Не, наход ту ҳамин корро карда бошӣ? Не, ин хел шуданаш мумкин не». Забур ба хоҳар нигарист, вале чизе нагуфт ва худро сарбаланду бегуноҳ гирифта ба хона даромаданӣ шуд.

— Забурбек, – «додар» гуфтанро фаромӯш карда ва худро бегона гирифта, ба гап даромад хоҳар. Ва Забур қадам боздошта, ба ӯ гӯш дод. Аз оҳанги нарми апа як марҳамат ва сухани хушеро интизор шуд.

— Забурбек, баччаҳо хафа нашаванд гуфта, рафта оварданат барои ҳамин буд? – духтарро каме аз худ дур карда, қоматашро бардошта ва ба по шуда гуфт ӯ. Вале Забур ба вай ҷавобе надод.

— Барои ҳамин овардӣ, ки духтару модар рӯи гарми якдигарро набинанд? А, барои ҳамин?... Чаро гап намезанӣ? Чаро намегӯӣ, ки ба ӯ чӣ шуд? Чаро?...

Забур ба саволҳои ӯ ҷавобе надод.

Чашмони хоҳар аз хонааш ҷаст ва ӯ дам кард. То дил накафад, замину замонро ба ларза овард: «Чаро…о…о…ооо?!!»

Норинисо чашм аз падар намеканд. Пай бурд, ки падар хито шуд. Аз эҳтимол дур нест, ки Забур ба аммааш дарафтида, ӯро сахт лат диҳад. Вай ҳаросид. Пушти даст ба даҳон бурда газидан гирифт. Ва чунон хунаш ҷӯшида, тори асаб таранг шуда буд, ки ба як ҳаракати падар тоқат наоварда, фарёд заданаш аз эҳтимол дур набуд. Пушти дасти ӯ қариб хуншор шуд. Ҳоло ҳам падар гарданшахӣ карда, хомӯш меистод. Гуфта наметавонист, ки кор чунин ранг гирифт, ӯ беилоҷ монд; агар тавонад, ӯро бубахшад. Ба ҷои ин гапҳо забон мехоид; хашму ғазаб фурӯ нишондан мехост. Ва дар тӯли воқеаҳо зан бетараф буд. Шояд ӯ дар дил гапи зиёде дошт, гуфта наметавонист. Зеро аз шавҳар қадди аҷал метарсид; намеёрист дар бораи воқеаҳои рӯз пурсад. Ӯ хашмӣ шудани шавҳар ва асабӣ гаштани духтарро дида, назди Норинисо омад ва

аз китфи ӯ дошта «ба хона даро» гуфт. Нориннсо бори дигар ба амма нигариста дид, ки ӯ чун гурбаи ба хашм омада, ки думашро пахш карда бошанд, дандон гиз ва панҷа сайдгир карда ҷониби ӯ майл овард.

— Аммаамро дор, оча! – аз модараш хоҳиш кард Норинисо.

Ин суханро падар шунида, пурхашм сӯи ӯ нигарист ва лаб ҷунбонд, ки касе чизе нафаҳмид.

Мурод ҳоло ҳам мисли ятимони фармонбардор берун аз марзаи айвон истода меларзид. Шояд ларзаи бадани ӯ аз он рӯзи нобарор боқӣ монда бошад, ё аз он, ки Забур зарбаҳои ноинсофонаи худро ба дигарон низ раво дорад. Қадаме пеш ҷаҳид ӯ ва модарро боздошт.

— Мон, сар деҳ, то ин махлуқ чӣ номаъқулӣ бикунад? Сар деҳ!

Мурод аз чунин сиёсати мардак тарсида ақиб гашт ва модар ба ҳоли худ гузошт.

— Мурод, ӯро дор! – хитоб кард духтар ва бо мадори модар ба хона даромад.

— Бузбозӣ накун, ба хона даро! – ба хоҳар фармуд Забур.

— Не, аввал гӯй, ки чаро ин хел кардӣ? Ту ким-чӣ мехостӣ, а? Барои чунин ният ӯро қурбон кардан хостӣ, а? Додариро ба ҷо овардӣ... Ман ба ту бовар кардам. Чашми худам донистам. Аз шакари падарандар заҳри таға беҳ, гуфтам...

— Бас кун! Кӣ ин чизро мехост? Магар ман ин ҷо будаму ӯро надоштам?

— Маро аз ёру дӯстон дур карданат бас набуд, ки боз ба ин кори паст даст задӣ? Ман то ҳозир гумон мекардам, ки додари ман базаҳраю баномус аст...

— Бас!!! Бас кун, берӯзӣ!

— Ту маро берӯзӣ кардӣ, ту маро дар ба дар кардӣ! Акнун таъна мезанӣ? Магар давлати Миралӣ моро басанда набуд? Магар аз як лаби замини ӯ ман баччаҳоямро хӯронда наметавонистам? Ё ин корро барои он кардӣ, ки ба ту зиёдтар расад?...

— Ту девона шудаӣ!

— Ҳа, хоҳари Забурбеки овозадор девона шудааст, ӯ зери бори ору номус мондааст. Орияташ ба ту нарасад. Акнун туро ҳама шиносанд. Агар пеш нашинохта буданд, инак шиносанд, ки шумо кӣ ҳастед!

— Бас кун, ҳаром! Орияташ ба ман нарасида, ба кӣ мерасид? Ба ту, ба он Бихалифа?! Дар куҷо дидӣ, ки орияти ягон кор ба зан расида бошад?

— Шумо барин мардҳо истода орияташ ба мо расад?

— Бас кун, модиён! Нафаҳмидаву надониста, ин қадар ба ман чӣ мечаспӣ? Духтари туро ман куштам? Ягон кас дидааст?... Дили

ту сӯзаду дили ман не, а? Ҳамин тавр фикр мекунӣ, ҳамин тавр ба ту фаҳмондаанд, а? Ҳе, худо аз фарқи сарат занад!

— Худо аз ин зиёд боз чӣ хел занад?... Худо-ку маро зад, лекин ҳушёр бош, то туро назанад... Он вақт ҳам ман месӯзам, дигар ҳеҷ кас парво надорад... Лекин... лекин чаро? Намефаҳмам. Ҳама чиз барои ту аҳамият надорад... Ту Шаҳбонуро гум накардаӣ, ту маро гум накардаӣ, ту дигар чизро гум кардӣ... ман туро нағз медонам... Як қабил одамон ҳастанд, бемақсад кор намекунанд; пой дароз кунанд, донанд, ки ба куҷо расад. Додарам, ту ба онҳо бисёр монанд.

— Бас кун, гуфтам-ку! – ба тарафи ӯ ҳамлавар шуда, фарёд зад Забур.

— Ман дигар бас намекунам; баъд аз ин фарқе надорад; чизе бой намедиҳам. Ман назди марди ношинос дод намезанам, туро хуб шиносам. Ту додари ман, ҷону ҷигарам. Аз хуни Миралӣ... Лекин ӯ хуни ҳаром надошт.

— Рост мегӯӣ... Модаҳои берӯй ҳам надошт...

— Туро ҳам ёру ошно гуфта, ба шаҳрҳои бегона диҳанд, ба сарат хӯрӣ, шабу рӯз дар бораи қадри худ ва ёру дӯстон фикр кунӣ, аз модаҳо ҳам берӯтар мешавӣ. Афсӯс, ки дар таги айвонат шишта, корҳое кардӣ, ки модасаг накардаст...

Забур тоқат карда натавонист. Гап заданӣ шуд, манаҳаш ларзид ва дандонҳо ба ҳам бархӯрда садо бароварданд. Баъд худро пеш андохта, аз миллаи хоҳар гирифт, ба даст печида кашид ва ба фарқи сари ӯ як мушт зад:

— Ту дидӣ, ки ман духтаратро куштам? Ё дидӣ, ки ба ягон кас баровbooарда додам? А? А? – зарбаҳои мушташро дареғ намедошт ӯ.

— Ин беҳтар буд... Агар ин хел мекардӣ, ба ягон кас бароварда медодӣ, хубтар буд. Вале ин хел нашуд... Ин хел на... ааа!! – ба дарди бехи мӯйҳо тоқат наовард, фарёд зад ва худро ба замин партофт. Бехи торҳои мӯяш он қадар дард карданд, ки гардан ёзонда хестанӣ шуд.

— Ту маро кӣ гумон кардӣ? Ман ба ту ягон гӯсолаи ҳароммурда? Қадру қимат надорам? А? А? Нее, ман ҳоло қадру қиматамро гум накардаам. Ҳар коре, ки кардан хоҳам, метавонам. Ту аз кӣ ибрат гирифта, бо ман ин хел гап мезанӣ? Ба Мир ёр шуда, хонааш рафтӣ, ёфта дод? Гирифтӣ? Ҳааа, зан нашуда, хазон шав!... Фикр накардӣ, ки ту ҳам пушту паноҳ дорӣ, дар тани онҳо ҳам хуни гарм ҳаст, онҳо ору номус доранд...

Занак ба ҷои ҷавоб сар ҷунбондан хост, вале натавонист. Забур ҳоло ҳам мӯи ӯро сар намедод.

— Худоноумед, сар деҳ, – базӯр овоз баровард ӯ.

Забур дид, ки алами аппааш кам намешавад, ӯро тела дода, ба замин пахш кард ва бо нӯки пой ба дамгаҳаш зад, то дамаш гашта дигар нафасе набарорад.

Мурод ба ин аҳвол тоқат наоварда фарёд зад ва калтакеро аз саҳни ҳавлӣ ёфта батоз омада бар тахтапушти Забур фаровард ва пас гашт. Забур гумон кард, ки ягон кас ба ҳимояи онҳо омада ба тахтапушташ чӯб зад. Ӯ зуд баргашта Муродро дид ва наъра зада сӯи ӯ давид:

— Кӯрнамаки лаънатӣ, ин чӣ гухӯрӣ?!

Мурод барои ҳимояи худ ақиб рафта, калтак шамшервор ба ӯ меронд.

— Парто, лаънатӣ, парто! Дорам, аз сад ҷон як ҷонат халос намехӯрад!

Мурод дид, ки ӯ хеле пурғазаб таҳдид дорад, пас-пас рафта, якбора рӯй гардонда гурехт. Забур аввал аз паси ӯ тохт ва дид, ки расонда наметавонад, хам шуда, аз санглох санг гирифта, аз пасаш андохт.

— Ҷавонмарг, ба дастам афтӣ... Хайр...– риши кӯтоҳ қабза карда аз пас садо дод ӯ.

Мурод қадди санглохро рост шуда, боло гурехт, то ба ягон тангкӯча хам хӯрда аз чашми тағо дур шавад.

Модари Мурод ҳаври ҷон, ба дарди худ нигоҳ накарда, жӯлидамӯй аз паси писар баромад, то додари нобакор ягон кор накунад. Дид, ки Забур дар мобайни санглох аз паси Мурод даст афшонда, дашном медиҳад ва дуои бад мекунад. Занак ҳам ба он тараф рафт ва ба додар наздик нашуда, Забур дудаста шикам дошта, сари зону нишаст. Занак ба ӯ эътиборе надод; «ҷазояшро бинад» гуфта аз назди ӯ гузашта, писар дунбола гирифт. Вале надид, ки писар ба кадом тангкӯча хам хӯрд. Ба ҳар ҳол гузаро шуда рафт. Забур ҳам гузаштани ӯро дид, вале худро надида ангошта, ҳарфе нагуфт ва аз ҷой наҷунбид. Ва хоҳар боре ҳам ба пасаш нигоҳ накард. Ӯ дар парчи пули деҳа, ки гӯё чорсӯи зиндагии мардум бошад, қарор гирифт ва ба ҳар тараф нигарист. Муродро надид, тахмин карда сӯи хонаи Мир раҳсипор шуд. Дарвозаи ҳавлии онҳоро накӯфта, ҳамчунон ки хонаи худ бошад, даромад. Ва Муродро дар байни ҳавлии онҳо дид, ки дар назди Мир истода, сар андохта, чизе мегуфт ва гиря мекард.

Мир даромадани занакро дида, писар аз сухан боздошта ва қадам монда, сӯи ӯ омад...

— Гӯрсӯхта шуморо азоб дод? – пурсид Мир.

Чунин пурсидани ӯ бадтар аз лату заданҳои Забур расид. Чӣ ҷавоб доданро надониста ба ӯ нигарон истод; мардро чунон расид, ки занак васвос шуда, чӣ гуфтану чӣ кор карданро надонад.

— Шумо хаста шудед, ба хона дароед. Очаи Камол! – занашро чеғ зад ӯ. – Берун баро!

Занак дастони хамиролуд мушт карда аз дари ошхона нигарист.

— Биёед, хола, дароед, – даъват кард ҷавонзан.

Занак ба ӯ нигоҳ карда, овоз набароварда, ба маънии салом даст ба сари сина бурд ва хаёле таъзим карда, сар ҷунбонд.

— Биёед, холаҷон, дароед,– шоридаҳои хамири дасташро эҳтиёт карда гуфт ӯ. – Ба хонаи калон гузаред, ман хамирро печонам, меоям, – гуфта ӯро бурда ва ба рӯи кӯрпача ишораи нишастан карда, худ ба ошхона баргаштанӣ шуд.

— Ту аз пайи корат шав, мо гапзанон карда мешинем, – садо баровард Мир.

— Хуш омадед! – гуфта ҷавонзан ба ошхона баргашт. Мурод ҳам аз паси Мир даромада нишаст. Дасту по, манаҳ ва ҳатто мӯйҳои занак меларзид.

— Мирмаҳмад, бигӯй, ки ту ин найрангҳоро мефаҳмӣ, додарам? – аз мақсад гап сар кард Маҳбону.

— Ҳеҷ чиз намефаҳмам, апа. Забурро шумо аз ман хубтар медонед...

— Ӯро касе намефаҳмад. Худораҳматии додом то мурданашон мегуфтанд, ки аз ӯ одамгарӣ намебарояд... Худатон дида истодаед.

— Хафа нашавед, Шаҳбону ёфт мешавад. – Гапро дигар карданӣ шуда бархост соҳибхона ва барои дастархон овардан ба ошхона гузашт. Зан тайёр набудани нонро фаҳмонд, ки Мир сир бой надода баргашта нишаст. Ва якбора худро ноҳинҷор ҳис кард. Ба дару деворҳои хона чашм давонда, гӯё ки бори аввал медида бошад, дар тааҷҷуб афтод. Баъд аз мулоҳизаҳо ба худ омада, аз фикр гузаронд, ки чаро ин ҷо нишастааст; ҷӯраҳояш ӯро интизор мешаванд ва онҳо бояд нақшаҳои ояндаи кору бори худро кашанд, то чӣ бояд бикунад. Ӯ дергоҳ бе ҳарфу сухан хонаро аз назар гузаронд, тамоми чизҳоро аз назар гузаронд: шоли рӯи хонааш, ки аз зери гӯшаҳояш пахоли шолӣ баромада меистод, тахмонҳои камбизоаташ, таксандуқаҳои чӯбии даҳонвоз, сӯзаниҳои нимдошти тахмонҳо, сандалипӯши қуроқии рӯи сандалиро як-як монанди бегонагон зеҳнишин кард ва оқибат ба чароғи снёҳи токча, ки дудаш бар девор нақши сиёҳи ногуворе гузошта ва сақфи токчаро ҳам мисли шабҳои тира қатронӣ ва хеле дилгир гардонда буд, назар дӯхт ва ба чӣ хаёле рафт, ки дергоҳ хомӯшу нигарон истод. Шояд ӯ дар бораи маслиҳатҳои рафиқонаш ва ё оқибатҳои он андеша дошт? Шояд... ба ҳар ҳол дигаргуна гашта буд: андешаманд ва аз ҳад зиёд победанди хаёл. Ин чизро меҳмонон ҳам пай бурда буданд, ки:

— Мирмаҳмад, мо акнун равем, – гуфта занак хаёли ӯро парешон кард.

— Не, шумо шишта истед, келин нонро пазад, гапзанон карда шинетон, ман кор дорам.

Мир «ё пирам» гуфта бархост, ба ошхона даромада, ба зан чизе гуфт ва баргашта ба саисхона рафт. Лаҷоми ба рӯи ёли асп

хобидаро бардошта, аспро этак карда, аз саисхона баромада пой ба рикоб гузошт ва бо як ҳаллос задан худро пушти зин гирифт ва инони онро сӯи дарвоза гардонда, баромад... Маҳбонуюю Мурод бозгашти ӯро нигарон буданд.

## 10

Касоне, ки аз камару кӯҳҳо хотирҷамъ шуда, баргашта буданд, имрӯз боз рахти сафар бастанд. Боз гап-гапи «Ҳомидомад» деҳаро фаро гирифт. Дар ин миён Забур чанд рӯз гум шуд. Касе намедонист, ки ӯ куҷо рафтаст. Ҳар кас ба таври худ тахмин мекард: аксар мегуфтанд, ки ӯ аз пайи гумҷӯии хоҳарзода афтидааст. Вале имрӯз пайдо гашта, ба тараддуди зиёде афтид: одам монда, аз мол чанд гӯсфанд овард ва худи ҳамон рӯз пӯсти онҳоро канд. Бисёриҳо гумон карданд, ки ба арвоҳи Шаҳбонуи бедаракгашта худоӣ медиҳад. Вале ӯ ба маслиҳати ин кор хешу табор ва ҳатто Маҳбонуюю Муродро хабар накарда буд. Дар пушти сангдевори боғаш се деги сепудӣ шинонд ва гӯсфандҳои аз пӯст фаромадаро намаки ғурӯша зада, ба дегҳо андохтанд.

Имрӯз дар хонаи ӯ Муллоимом, эшон ва чанд нафари дигар, ба қавли худашон, «сарони деҳ» ҷамъ омада буданд. Онҳо гирди дегҳо гашта, як-як ба зери бодоми муғҷабаста, ки ҳамин шабу рӯз мисли чаман бояд бишкуфад, рафта баъзе муғҷаҳоро канда ва кафонда, хабар мегирифтанд, ки хунук гузарондааст ё на ва боз бӯи иштиҳоовари шӯрборо шунида, сари дег меомаданд.

— Дилу ҷигар чӣ шуд, Забурбек? – бо иштиҳои қозгир пурсид Муллоимом ва саллаи пишовариашро бо ду даст андаке ковок карда монд, ки ба каллаи калонаш ҳавои тозаи баҳор расад.

— Сӯфӣ донанд, – ходими сари дегро нишон дода гуфт Забур.

Муллоимом ба Сӯфӣ нигоҳ кард, ӯ тафсида рафт. Маълум набуд, ки аз гармии ҳавои баҳор, аз оташи дегдон ва ё дар ҳақиқат, аз нигоҳи Муллоимом тафсид. Ҷомаи рӯро кашида, чорқат карда ба зераш гузошт ва нишаст.

— Шишта мондед, Сӯфӣ? – пурсид нафаре.

— Дегҳо холӣ шаванд.

— Онгоҳ дер намешуда бошад? – боз пурсид он нафар, ки дасту дилаш он қадар ба ин корҳо намерафт.

— Чӣӣӣ?!! – чашмон шоҳкоса гашта пурсид домулло.– Чӣ гуфтӣ?

— Тақсир, ман гуфтанӣ будам, ки он гоҳ мо аз гӯшт сер мешавем ва...

— Ҳӯӯ, нобакоре, хаёл карда – хаёл карда гап мебарорӣ, а?

— Тақсир...

— Рав, ба таги деги ошхона оташ гирон! – хитоб кард Забур ва худ низ сӯи хона рафт.

Дар ҳавои баҳор ҳаври дегҳо чандон боло намерафт, саҳле аз дег боло шуда ба ҳаво медаромехт. Садои ҷӯшидани се дег мисли садои борони пушти бом буд. Як гӯсфанд ба паҳлӯи рост, дигаре ба чап ва сеюмӣ чаҳор дасту по боло ва даруни шиками чокаш пур-пури оби ҷӯш андар дегҳои қатор мехобиданд. Аз дунбаҳои сафеди яхосояшон сим-сим равған таровида, рӯи об мебаромад.

Дар танӯрхонаи паҳлӯи айвон занаке ду гӯшаи рӯймоли бари рӯй зери дандонҳо кашида, ба танӯр нон часпонида, меканд. Гӯӣ рухсораҳои аз тафси танӯр лолагун гаштаро аз мардон паноҳ медошт. Ва гоҳ-гоҳ барои паст кардани ҳарорати танӯр бошад, ки ба нонҳои сурхшуда панҷа-панҷа об мезад. Аз назди танӯр сабад-сабад нон мебурданд. Аз куҷое занҳо ва баччаҳо дар лаганду сабадҳо нон меоварданд. Ҳавлии Забур тӯйхонаро мемонд. Вале касони сарупо чандон зиёд набуданд. Гӯё Забур наздиконро ба маслиҳатошӣ хабар карда буд. Палоси рӯи ҳавлӣ ҳам барои давраи тӯй тангӣ мекард. Як шоли алои сиёҳ-сафед ва ба болояш ду пӯстаки сиёҳи барқад густурда буданд. Забур дастархони барқади қуроқиро аз шохи тут гирифта, байни ду пӯстак андохт ва рафта, аз сари танӯр як даста нони гарм оварда, ҷо-ҷо гузошт. Сипас Муллоимом калӯшашро як ваҷаб дур аз палос кашида, гузашта рӯи пӯстак нишаст ва дигаронро ҳам даъват кард, то нишинанд. Вале ба ин тӯй ва ё худоӣ хабарчӣ осӯхтаи дарозро гирифта, кӯча ба кӯча гашта ҷор наандохт; «Ҳӯ ба хонаи фалонӣ, ба худоӣ ё тӯй» нагуфт. Балки ҳама ҷим ва хомӯш. Гӯё аз ҷонибе вазидани бодеро нигарон буданд. Забур бедастёр монда буд ва ҳама корро худ мекард: нону чой овард ва инак дар чанд табақи чӯб ҷурғот ҳам овард, рӯи дастархон гузошт ва хоҳиш кард, ки аз неъмати нави баҳорӣ марҳамат кунанд. Ӯ имрӯз хеле сахӣ менамуд. Дар тамоми олам кушоддастии худро маълум карданист.

Гӯсфандҳоро ба се лаълии мудаввари калон озод гирифтанд, ки ягон ҷояш бечо нашавад ва баъде ки каме хунук шуд, ба косаҳо оби шӯрбо кашида оварданд.

Забур ҳар гоҳ ҷониби Хокканак менигарист. Чизеро чашмдор буд. Оҳиста-оҳиста бетоқат шуд; рӯи боғ гашт, ба хона даромад, ба дастаҳои нон нигарист, алағда шуда, ба занҳо ҳар гуна фармонҳо дод, ба ҳар чиз айбе ва ё баҳонае бароварда, ғаш кард ва боз берун омада, роҳи Хокканакро аз назар гузаронд. Тоқат накарда Мухторро фармуд, ки то сари Хокканак рафта, хабар гирад, ки ягон дараке ҳаст ё на. Мухтор як калтаки дарозро гирифта ба роҳ даромад. Ӯ аз Намозгаҳ гузашта, теппайи Гулбуттаро қадам зада, то баландии теппайи Муғак, ки аз он ҷо тамоми дашти Ёрӣ менамуд, баромад ва дастон лапару дурбин карда, хеле нигарист ва

баъд сиёҳие ё савореро надид, ки ба ҷониби боғи Забур бо аломати «не» даст гардонд ва боз нишаста дидбониашро давом дод.

Забур ноором шуд. Ӯ гирифтори хушомадкориҳои хештан ҳолати деҳаро намедонист. Оворагиҳои мардум, гурезогурези онҳоро пай намебурд. Шаҳбонуро ҳам фаромӯш кард. Масъалаи «тортуқ» ҳам аз сари ӯ рафта буд, танҳо бо ҳамин се гӯсфанди даруни дегҳо Ҳомидро ба даст гирифтан мехост, вале касе пай набурда буд, ки ин қадар усулу нағмаи вай аз барои чист. Шояд ӯ дар ин деҳа усули нави меҳмондориву меҳмоннавозиро ташкил кардан хоҳад; шояд бо ёрии Ҳомид худро мири Амондара хонда, водии Зарафшонро (ақаллан аз Дупула то Панҷакат) қаламрави худ гардонад. Одам чӣ тавону неруе дорад! Ӯ ҳозир аст барои фарзанди худ ҷон нисор кунад, қасрҳо созад, вале ҳолатҳое шавад, ки фарзандашро хомохом хӯрдан хоҳад. Баъзан барои нафси ҳаром ё барои як фикри тира тамоми нозу неъмати дунё ва зебоиву ширинии ҳаётро қурбон кунад; Забури худдонаму якрав дар бозорн зиндагӣ гулфурӯшӣ карданӣ шуда, гулистон сӯзад; як гули зеборо пажмурда кард ва инак гули дигарро ба харидор пешкаш карданист. Аз ин нияти ӯ касе хабардор нест, фақат вақте ки Забур ба занаш фармуд, ба Норинисо гӯяд, ки сару танашро шӯяд, дили ӯ раг зада ва ноилоҷ монда, ба духтараш фаҳмонд. Норинисо ба ин гап чандон аҳамияте надода «хайр, қатори Шаҳбону» гуфту монд. Сарашро шуст, бо модараш хандида-хандида гуфту шунид ва чунон худро бепарво гирифт, ки олам гулистон бошад.

Ба падар низ ҳарфи ноҷо нагуфт. Забур ҳам ӯро мисли Шаҳбону дар сандуқ ҷой накард,. Бовар дошт, ки Норинисо падар шарманда накунад. Духтар аз дари хона дур намерафт...

Забур то даме, ки чашмаш медид, ба теппайи Муғак нигоҳ карда, аз Мухтор даракеро интизор шуд. Чун Мухтор дар чашмаш хира намуда, рӯи деҳа, дашт ва болои Зарафшонро як пардаи хокистарӣ фаро гирифт, умед аз омади Ҳомид канд. Лаълиҳои гӯштро бардошта, базӯр-базӯр роҳ рафта, ба хона даровард. Ва хуфтан «қазохонӣ» кард. Гоҳи намоз аз дилу сари ӯ чӣ андешаҳо гузашт, худо донаду ӯ.

## 11

Саҳари дигар деҳа мотамсаро гашт; тақрибан аз ҳар ҳавлӣ фарёд мебаромад. Одамоне, ки аз ин сирр огоҳ буданд, барои чӣ доду фарёд кардани якдигарро медонистанд; касоне, ки дар адирҳо шабро рӯз карда, дар хонадонашон мусибате рух назадааст, дар ин саҳари солеҳон нолаю шевани мардумро шунида, гумон доранд, ки одамони Ҳомид ба деҳа шабохун заданд. Дар кӯчаю тангкӯчаҳо мардум даву тоз доштанд, ба ҳавлиҳои якдигар пуршаст даромада чизеро пурсида ва ҷавоби дуруст нагирифта, бо ҳамон

суръат баромада, ба ҳавлии дигар мегузаштанд; оғилу коҳдон хабар гирифта, дудаста ба сар зада, боз дар даву тоз мешуданд. Ҳанӯз офтоб теғ накашида, маълум шуд, ки имшаб духтарон аз деҳа ғайб задаанд.Чунин ҳангомаро духтароне фош карданд, ки аз падару модар ва хешу табор тарсида ба гумгаштагон ҳамроҳ нашуданд.

Духтарон барои чунин кирдор ду шаборӯз тайёрӣ дида, субҳи козиб дар таги Ғор чамъ омада, так-таки адир ба ҷонибе, ки чанд бор Миру ёру ҷӯраҳояш рафта буданд, раҳсипор шуданд; дар ин муддат онҳо хеле кӯшиш карданд, ки Норинисоро ҳамроҳ гиранд, натавонистанд…Чанд бор Қурбонбибӣ азм кард, ки даромада ба ӯ қасди духтаронро фаҳмонад, нашуд; Забур аз назди айвон дур намешуд, гӯё аз бенишон рафтани Шаҳбону сабақ гирифта Норинисоро бонӣ мекард. Дер шуд, духтарон ба азми гурез роҳ пеш гирифтанд. Онҳо гоҳ давида, гоҳе якканафас шуда мерафтанд ва гоҳе ба ҳамдигар даст дода бо мададди якдигар қадам мезаданд, ки то фаро расидани рӯз худро ба ягон паноҳие гиранд...

Чун пардаи сиёҳи сӯи машриқ чок шуда, аз паси он як пардаи ҳарири нимранге падид омад, духтарон ба ғори Амбар наздик шуданд. Ва якбора, гӯӣ офате расида бошад, ҷобаҷо шах шуданд. Дастаи савороне, ки рӯ ба рӯ омад, мисли аҷал намуд. Паноҳгоҳе набуд. Чун пешсафи саворон ба онҳо наздик шуд, чун селаи мурғони ба сӯяш калтак андохта қию чукунон ба ҳар сӯ пароканда шуданд.

— Куҷо мегурезед, духтарон? Чаро гурезед, духтарон?– овоз дод савори пеш. Духтарон нашинохтанд, ки ӯ кист ва ӯ надонист, ки ин духтарони рӯпӯш кистанд.

— Ин ҷо чӣ кор мекунед? Аз кӣ мегурезед?– боз овоз дод ҷирансавор.

— «Мир, амаки Мир» – пичиррос зад духтари қоматбаланд. Аз гапи ӯ духтарон бозистоданд. Ӯ пештар омада «Амак, ин – мо» гуфта худро ба савор шиносонд.

— Қурбонбибӣ?.. Куҷо меравед шумо? А, ба куҷо?

— Худамон намедонем, амак.

— Чӣ хел?

— Мо Шаҳбонуро меҷӯем, амак,– нафаре аз байни духтарон рӯймол яклаба карда ҷавоб гардонд.

— Шаҳбонуро шумо ёфта наметавонед. Гардед ба деҳа.

— Не, амак. Мо то наёбем, барнамегардем.

— Қайсарӣ накунед, гардед!– боз сахттар гуфт Мир ва ба ҳамроҳонаш ишора кард, ки духтаронро аз роҳашон боздошта, ба тарафи деҳа баргардонанд.

Саворон чунон ки маҳбусонро аз ҷое ба ҷое баранд, духтаронро пешандоз карданд.

— Не, амак. Зери санг мурдан беҳ аз зери нанг мондан.– Қурбонбибӣ сар нафаровarda, аз паҳлӯи асп гузашт.

— Якравӣ накун, духтар!– Неъмат аспашро гардонда пеши роҳи ӯро гирифт ва ҳамин лаҳза чашмаш ба ҷияни худ афтида ҳуш аз сараш парид. Ду-се бор зуд-зуд мижа зада, духтарро хубтар шинохт ва асп наздиктар ронд: – Ғӯрамарг, ба ту чӣ алам расид.

Духтарак ба ӯ ҷавоб надод. Неъмат боз шиддат кард:

— А! Чӣ алам расид ба ту?!

— Ҳеҷ… Қатори духтарҳо...

— Ба сари шумо ягон кас равған доғ кард?

— Амак, монед, гапро ғоз надиҳед. Аз роҳамон надоред.

— Роҳатон то куҷо мебарад?– пурсид Мир.

— Пеши Ҷаҳонгир.

Аз чунин гапи духтар Мир ҳушёр гашта, дурусттар ба ӯ нигарист ва мулоим ба сухан даромад:

— Мо аз он ҷо меоем… дар он ҷо ҳеҷ гап нест… Ҷаҳонгир ба сурхҳо ҳамроҳ шудаст, пагоҳ-фардо расида меоянд... Гардед!

Духтарон суст шуданд. Қурбонбибӣ аз онҳо дуртар рафт.

— Гард, о духтар, гард! – Мир ӯро боздоштанӣ шуда наздаш омад.

— Амак, барои ман ду дунё фарқ надорад: рафтану истоданам баробар. Кабк то дар қафас мурдана дар адир мурад, беҳтар.

— Эээ, маҳмаддоно будӣ-ку! Ҷавонони деҳа намурдаанд, ки шумо хор шавед! – аз асп пиёда шуда пурхашм гуфт Мир, вале Қурбонбибӣ ба гапи онҳо гӯш накард. Дигарон аз роҳашон гашта ба гапи саворон даромаданд, Қурбонбибӣ, якравӣ ва шахсарӣ карда ба пасаш нигоҳ накарда рафт...

## 12

Барфи имсоларо борон об кард. Гӯӣ ҳама барфу боронро ба зарфи азиме андохта бухор карданд ва бухор ва сақфи гунбади мину бархӯрда, қатраҳо шуда аз нав рехт. Дилгиру тӯлонӣ рехт. Одамон дилгазон шуда «таги ҳаво ғалтидааст» шикоят ҳам карданд. Вале Мухтор дар чунин борони қиёмат ҳам аз теппайи Мурғак нафуромада дидбонӣ кард ва оқибат хабари «хуш» овард; ба Забур хабар дод: «Ҳомид меояд!»

Забур фармуд, то лаълиҳоро бардоранд. Лаъливу дастархон бардошта, бурданд. Зани Забур – Меҳринисо аз паси онҳо баромад. Чашмаш ба қатраборони нардҳои дарахтон афтид, ки чун ашки сари мижгон қатор шуда буданд. Хаёлашро қатраҳои зиёд бурданд, вале ғавғои зиёди кӯча ва доду фарёди занони кӯча хотири ӯро парешон кард. Ӯ тохта кӯча баромад ва дид, ки шавҳарашу одамоне, ки ҳампои ӯ лаълию нонҳоро бардошта мерафтанд, дар миёни роҳи санглох бозистоданд.

Дуртар аз онҳо дар парчи пули деҳа занони зиёде ҷамъ омада буданд; дастак зада он қадар гапҳо мегуфтанд, ки як калима ҳам ҷудо карда гирифта намешуд. Ба қавле, даҳон ба даҳон монда баланд-баланд мегуфтанд, вале шуниданашон гумон буд. Касеро дашном ҳам медоданд, дуо ҳам мекарданд, вале ба гӯш намерасид, ки киро мегӯянд. Бештар фарёд мезаданд, мушт ба сари зонуҳо пахш карда, ангуштон қирс-қирс медоданд, дуояшон мустаҷоб шавад. Онҳо зиёдтар аз духтарон намуди даҳшатангезе доштанд; бештар ба модари Шаҳбону монанд буданд: сарбанду саргиракҳо ба гардан фаромада ва мӯйҳо парешон буд. Либоси тар ба танашон часпида меистод. Онҳо чунон пурғазаб метофтанд, ки чун сайд ба дом афтад, хомохом хӯранд. Ба назар Забурро дид карда буданд ва ба ӯ майли ҳуҷум ҳам доштанд. Вале ба оташи ғазаб об зада, аз шаст гашта, мисли чӯчаҳои тарсу, ки ба тори сар давр гаштани чӯчабарак дида бошанд, пароканда шуданд. Онҳо чунон пароканда шуданд, ки дар як они воҳид дар кӯча касе намонд.

Дар ҳақиқат дастаи Ҳомид кӯрбошӣ аз Хокканак мисли лошахӯрон намоён шуда ин паррандаҳои нимҷони хонагиро хӯсонда буд. Забур дар парчи пул қарор гирифт ва чашми қинҷир ба уреброҳаи фуромадгоҳи Хокканак дӯхт, то кай Ҳомид намоён шавад. Гӯӣ дар ин деҳа танҳо ӯ марди баору номусе буд, ки ба пешвози онҳо баромада, муқобилият нишон диҳад. Дастаи қӯрбошӣ аз ҳамин чиз бим карда андар даромадгоҳи Хокканак аспҳоро лаҷом кашид, вале касе ҷониби онҳо нарафт. Саворон ба суханони чанд рӯз пеш бофтаи Забур бовар карда, пеш омаданд. Чун ба он тарафи пул расиданд, лаҷом кашида аспҳоро боз доштанд. Забур фармуд, то нону намакро аз пул гузаронда, наздиктар баранд.

Ҳомид марди пастқомат буд, дар тан ҷомаи зарбафт дошт ва аз рӯи он чакмани сурхчаранг мепӯшид. Дар по чоруқи каиши сурх кашида, ҳама вақт дар рикоб тира карда медошт. Саллаи пишоварӣ ба каллаи пуррааш печопеч буда, ӯро андаке солхӯрда нишон медод. Аз сармою гармои кӯҳистон ранги рӯи ӯ сиёҳ гашта буд. Ва дигарон ҳам ба зайли ӯ сиёҳ буданд. Ӯ дар ин деҳа як оромӣ ва амониро ҳис карда, аз асп фуромад, дигарон низ ончунон карданд. Вале одамони Забур он қадар зиёд набуданд, ки ҷилави аспони онҳоро доранд. Қозикалону домуллоимом низ ба ҷилавдории аспҳо рафтанд.

Ҳомид-қӯрбошӣ, ки ба кӣ хизмат карданашро касе намедонист ва дар байни халқи авом ҳамчун ғоратгар, вале барои давлатмандону диндорон ҳамчун ҳимоятгари дини ислом овоза пайдо карда буд, инони аспашро ба каси барояш ношинос– домуллоимом дода, қадаме пеш андохт ва лаби нони Забур рӯи даст пеш овардаро шикаста ба намаки лаълии рӯи дасти Мухтор зада, ба даҳон бурд ва баъд ҳавобаландона бо шамшери ифтихораш аз дунбаи гӯсфанд порае бурида, газид. Ва ҳаққи нону намак шуд.

Ҳомид чакмани сурхчаранг аз тан канда, рӯи зини асп андохт ва дар ҷомаи зарбафти сабзтоб марди кушодчеҳрае намуд. Рӯи пурраи таранг ва сурхчатобе дошт, ки баъзе чӯпонон ва аҳён-аҳён касонро насиб гардад. Гӯё то ин рӯз ба танаш аслан дарде надарома, ки узве аз аъзои баданаш накоҳида. Чизе, ки аз ҳама пештар ба назар расад, нигоҳи ӯ буд; нигоҳаш касро кам мекард, мехӯрд.

— Марҳабо, марҳабо! – хаёле таъзим карда гуфт Забур. Ба назари Ҳомид-қӯрбошӣ чунин расид, ки чашми чапи ӯ пӯшида шуд. Ҳомид ба тамаллуққориҳои ӯ эътиборе надода бар болорчаҳои уреби рӯи пулак по монда гузашт. Ин ду тан гургу рӯбоҳро монанд, ки ҳамдигарро поида, фиреб диҳанд. Вале Забур чун навкари ҷонфидо ба Ҳомид хизмат кардан хоҳад. Ӯ ҳама чизро фаромӯш карда паҳлӯи Ҳомидро гирифта буд. Будан ё набудани ҳамроҳони дигар аҳамияте надошт.

— Ба ин тараф марҳабо,– тарафи ростро нишон дод Забур, ки роҳ бар муқобили роҳи хонаи ӯ мерафт.

Ҳомид як ба пас нигоҳ карда дид, ки ҳамроҳон низ меоянд, хотирҷамъ шуд. На аз одамони дунбол, балки аз хамгашту бунаи деворҳо ва паси сархорҳо парешон шуда, дар пӯсташ мӯр давид. Андешаманд оҳиста-оҳиста қадам монд; гӯё намехост чоруқи таккагии сурхаш аз боқимондаи борони роҳ нам кашида лакот шавад. Дудила шуд, қадамашро тамоман суст кард ва нимрӯя шуда, пурсид:

— Ба куҷо, Забурбек?

— Ба меҳмонхонаи қозикалон, тақсирам...

— Пеш кашед...

— Аз гуноҳам гузаред, тақсир.

— Марҳамат кунед. Шумо соҳибхона ҳастед.

Забур бо узру маънӣ, ду даст пеши бар, андаке пеш гузашта, ба тарафи ҳавлии Замон тоб хӯрд ва кад-қади кӯча бирафт. Ҳомид аз паси ӯ кадам зада тааҷҷуб дошт, ки чаро дар ин деҳа ҷуз онҳое, ки дастаро пешвоз гирифт, касе нанамояд. Дар дигар маҳаллаҳо мардум муқобил баромада, хунрезиҳо карданд; ғолиб наомада, қурбсн шуданд ва аз сад кас яке мегуфт, ки онҳо номуси ёру диёрро ҳимоя карданӣ шуда, қурбон гаштанд. Дар ҷойҳое, ки ғазо кардан нахостанд, кӯдакон сари девору харсангҳо омада, гузаштани дастаи Ҳомид-қӯрбоширо тамошо карданд. Вале дар ин ҷо акси ҳол буд; гӯӣ омадани дастаи Ҳомид ба ягон кас суду зиёне надошт; чун раҳгузар омадааст, боз равад. Ҳомид ҳамин чизро пай бурда, ранҷид, гӯё ҷавонмарде пайдо нашуд, ки ақаллан чанд муддат барои ӯ бозичае шавад. Чунин ҳол ӯро хуш наомад. Ба димоғаш бӯи тӯфон расида, аз чунин хомӯшии хафагир тарсид. Гӯё дар паси ин пардаи тунук як катони қатронӣ меистод, ки ҳама гуна зарба ва ҳамларо баргардонида метавонист. Бо вуҷуди он аз паси Забур то меҳмонхонаи қозикалон рафт. Ва дигарон аз

қафо. Меҳмонхонаи қозикалон рӯ ба рӯи хонаи Азиз Тахмин буд. Болохона ҳам дошт, ки як тарафи он мисли пешайвон кушода буд. Қозикалон ҳар вақте ки меҳмони қадрдоне пайдо кунад, он ҷо мебаровард: имрӯз Ҳомидро он ҷо хонд. Дигарон дар хонаи паст ҷой гирифтанд.

Ҳомид чоруқи пояшро накашида, ба рӯи кӯрпачаҳои баркади атласу беқасаб ва қуроқӣ нишаст ва ба болиштҳои пари кабк такя зад. Ӯ чаҳор нафар аз одамони худро хост. Онҳо ҳозир шуданд ва баъд соҳибон дастархон густурда, яке аз он гӯсфандонро ба рӯи лаълӣ оварда, бар дастархон гузоштанд. Як шикамба равғани зард ва фатири гарм ҳам оварданд. Забур дасту по карданӣ шуда дудамаи ҳамроҳаш гирифтаро аз ғилоф кашид, то гӯсфандро пора кунад, вале якбора даст боздошта, аз рӯи одоб дунбаро ба Ҳокимбек дароз кард:

— Марҳабо, тақсирам!

— Худатон бинед,– рухсат додагӣ барин гуфт Ҳомид. Забур аввал дунбаи гӯсфандро ҷудо кард ва пай бурд, ки дунба хунук шуда, боби хӯрдан нест. Худ аз худ кайфаш парид, ки чаро онро бори дигар гарм накарда овардааст. Баъд як сонро канда, пора кард ва даст ба ишора рӯи лаълӣ бурд, то меҳмонҳо бигиранд.

Касе аз сари девори ҳамсоя онҳоро зеҳнишин мекард. Ӯ аввал тоқӣ аз сар гирифт, то касе пай набарадаш. Баъд пешониашро аз сари девор боло карда онҳоро як-як аз назар гузаронд. Пай бурд, ки ин ҷоро хотирҷамъӣ дида дидбон нагузоштаанд ва онеро, ки такя бар болишт дошт, Ҳомид дониста, худро пас кашид. Ба қаҳдон рафт. Аз таги бандҳои беда камони душохаро баровард ва ба тир пур кардан сар кард: ӯ аз мили танги камон дору андохт, камтар коғаз монда сумма зад ва аз болояш ба қадри нахӯд яккатирро ба латтапорае печонда, бо ёрии сумма пушти дору бурд ва дилпур шуда паси девор рафт. Дасту пои ӯ ба ларза даромад: гӯё ба номи худ ва ё ба номи ӯ қуръаи марг партофт. Ӯ худро ба даст гирифта натавонист. Ва яқин кард, ки бо чунин ҳолат тир ба нишон расонда натавонад. Қадаш ҳам пастӣ кард. Аз паҳлӯи каҳдон ғӯлаи чӯби чормағзро ғелонда, зери девор овард ва ба буни он такя гузошта, баромада нигоҳ кард, баъд дароз шуда, камони ба девор такя мондаро ба даст гирифта, он сӯ нигарист; ба назараш онҳо устухонҳоро сагхой мекарданд. Чун мили камон ба сари девор баробар кард, ларзиши дасту пойҳояш авҷ гирифт, алалхусус, ки рӯи кунда ба нӯги пой меистод; пойҳо чунон ларзиданд, ки замин ҷунбида бошад. Дилаш ҳам сахт-сахт тапид. Аз рӯи ғӯла фуромада бехи девор нишаст, то ларзиши тан ва тапиши дил бозмонд. Ӯ лаҳза ба лаҳза сӯи хонаашон менигарист; мабод, ки падар ва ё модараш бинанд. Нафасҳои дароз-дароз кашида пуф кард ва худро ба мубориза омода дониста, аз паси девор

рост шуд. Аз ҳама зиёдтар Забурро парешон дид, ба назараш, ки ӯ шишта мехест, вале илоҷе надошт, то ба Ҳомид чизе гӯяд ва ё ба ӯ хизмат кунад. Маълум набуд, ки ӯ чӣ хоҳад; гӯш ба фармон, чашм ба даҳони Ҳомид дорад ва чун рӯбоҳ дум ликконад: «Биёрам тортукро?» Забур шишта, хезад. Барои Ҳомид ва ҳамроҳони ӯ ташвиши Забур маъниеро ифода карда натавонад. Ҳафизро низ. «Агар ду тир мешуд, якеро барои ин пирхук дареғ намедоштам... Ё беҳтараш, ӯро...». Ба хаёл рафт Ҳафиз. Ва пас аз мулоҳизаи зиёд оташзана (чахмоқсанг) аз кисаи халтасурати паҳлӯи куртааш баровард, то чахмоқ зада пилтаи камонро оташ диҳад. Вале ба сараш зад, ки чак-чаки ба ҳам бархӯрдани санги шарар онҳоро безобита хоҳад кард ва асрор ҳувайдо хоҳад шуд. Бинобар он Ҳафиз ба кахдон тохта, чахмоқ зада, хасҳоро оташ гиронд ва латтапораи алангагирифтаро аз шамол эҳтиёт карда, то пушти дезор овард. Рӯи ғӯла баромада, он сӯ нигарист: Ҳомид сар ба пушт майл дода гӯё дам мегирифт. Забур диккак менишаст. Дигарон мехӯрданд... Ҳафиз шохи камон қат карда мили он аз сари девор гузаронд ва пилтаашро оташ зад. Сипас нишони онро ба сари синаи Ҳомид рост кард. Ӯ хаёле ба андешаи дигар рафта, пилтаро кашида партофтанӣ шуд, вале боз ҷаҳл гирифта, дандон ба дандон монда, нафас ба дарун гирифт, то камонро наларзонад. Яке камон оташ гирифт, пеши чашмони ӯ пур аз дуд шуд... Анҷоми кор муайян накарда худро ба пас партофт. Азиз Тахмин садои тирро шунида аз хона тозон баромад ва камони дасти писарро дида, ҳуш аз сараш парид. Ва яктоз омада, камон аз дасти ӯ даррабуда, аз китфаш тела дода гуфт:

— Гумроҳ, зуд рафта таги бедаҳо руст шав!

Ҳафиз пай бурд, ки падар худро ба ҷои ӯ гузоштанист, саркашӣ кард.

— Тез рав, гумроҳ, ман ошу нонамро хӯрдагӣ! – аз дасташ дошта сӯи каҳдон кашид.

Одамони Ҳомид аз сари девори тар нагузашта, кӯчаро давр гашта омаданд. Зӯр мезаданд, то дарвозаро шикаста, дароянд. Айни ҳол Азиз Тахмин бо таваллою зорӣ писар зери бандҳои беда ҷой карда, камони душоха дар даст аз каҳдон баромад. Одамони Ҳомид тозон омада, камонро аз дасти ӯ рабуданд ва дастонашро ба пушт қат карда, ба думғозааш зонукунда зада аз дарвоза бароварданд. Аз ӯ ҳарфе напурсида, бурданд; рост ба болохонаи қозикалон бурданд. Азиз Тахмин қомати баландашро рост дошта, ба қӯрбошӣ салом ҳам надода истод.

— Ҳамин? – аз Забур пурсид қӯрбошӣ. «Ҳа» – сар ҷунбонд Забур.

Ҳомид баланд хандид ва баданашро афшонд. Тире, ки ҷомаи зарбафти ӯро сӯрох карда, ба сари синааш гузашта буд, аз зери ҷома ба замин афтад.

Азиз Тахмин як бор мижа зад ва боз як зайл истод.

Ҳомид тири пачақшударо аз лаби дастархон гирифта ба Азиз Тахмин дароз кард. Азиз Тахмин ба сӯи тир назаре ҳам накард. Ҳомид боз дасташро дарозтар кард. Ва дид, ки ин марди дарози парзадарӯ ба ӯ эътиборе ҳам намедиҳад, қулочкаш тирро ба рӯи вай зад. Азиз Тахмин ақаллан мижа таҳ накард..

Ҳомид аз ин рафтор ва пурбардоштии мардак дар ҳайрат монда пурсид:

— Ту кӣ ва чӣ ном дорӣ?.. А, кистӣ?

— Ин кас Азиз Тахмин, – ба ҷои ӯ ҷавоб гардонд Забур: – Ҳама кораш тахминӣ.

— Ҳо-ҳо!.. Ишон чиро тахмин мекардаанд? – ба сӯи ӯ гардан дароз кард қӯрбошӣ.– Ку як тахмин кунанд, ки анҷоми корашон чӣ мешуда бошад?

— Беҳтар...– якбора ҷавоб дод Азиз Тахмин.

Қӯрбошӣ як қад парид.

— Беҳтар? Ба ман тир занию боз беҳтар шавад?

— Ҳа, ҳамин тавр.

— Чӣ тавр?

— Аз рӯи шунидам, ба ту мардҳои занмиҷоз маъқул нест...

— Боз?

— Боз? Дигар ҳеҷ.

— Магар ин кори мардӣ аст?.. Паси девор пинҳон шуда, ба касе тир задан мардист?

— Ман туро парронданӣ набудам, ана ин... ин пирхуки қинҷирро, – ба Забур ишора кард ӯ.

— Барои чӣ?

— Аз рӯи шунидам, ту ҳомии дини ислом ҳастӣ ва мусулмонободӣ хоҳӣ, вале дӯстонат туро ба халқ дигар хел пешкаш карданд. Ана ин кас, – боз ба Забур нигоҳи бад афканда илова кард ӯ: – Ҳамин кас, (кинояомез). Мулло Забурбек нисбати писари маро ба ту тортуқ карданӣ шуданд.

Ҳомид рамуз гирифтанӣ шуда, ба Забур нигарист. Ӯ мисле ки ба ду кафи пояш мех кӯфта бошанд, пойҳояшро бардору мон кардан гирифт. Ҳомид гӯё ки чизеро пай набурда бошад, ба Азиз Тахмин рӯ овард:

— Чӣ хел?

— Ман ҷияни ӯро ба писарам нон шикаста будам, вале ӯ беномусӣ карда духтарро гурезонд.

Ҳомид гӯё қозиюлқуззот бошад, онҳоро истинтоқ мекард:

— Ҳамту, Забурбек?

— Не, тақсирам, ӯро нагурезондаам, якбора аз хона ғайб зад. Ба хаёлам, ки писари ӯ туздидааст...

— Магар шабе, ки ту писари маро зада нонию обӣ карда будӣ, ӯ гум нашуд? – ба Забур теғ кашида гуфт Азиз Тахмин.– Сандуқи қуфлзадаатро шикаста, ғайб задааст, мегӯянд-ку?!

— Дурӯғ! – фарёд зад Забур. – Набошад, писари ту куҷост?

— Писари ман... Писари ман... пагоҳ аз хона баромада, «нисбатҷӯӣ меравам» гуфта буд.

— Бегам ба ҷои ту писаратро гиранд-чӣ? – гӯё ба Ҳомид ақл шуда гуфт ӯ.

— Ӯ хизмати беги шуморо ба ҷо оварда натавонад, ҳоло бачча аст.

— Худат хизмат кардани ҳастӣ?

Азиз Тахмин ба ӯ ҷавобе надод. Ларзаи пойҳо монда ва фикри ӯ хуфта буд.

— Чӣ, хизмат кардан намехоҳӣ? – қасдан пурсид Забур.

— Не, ман хизматамро адо кардам. Дигар ҳоҷати гап не.

— Беҳуда мемурӣ.

— Беҳуда не, шаҳид мешавам... Аз азоби ду дунё озод...

Давраи ростои мардон хомӯш буд, касе ҷуръати сухан надошт. Азиз Тахмин лаб мехоид. Забур ҳоло ҳам беқарор буд. Дар андоми Ҳомид ташвиш ва ғазаб маъво гирифта буд. Ӯ то ин диёр дар ҳама ҷо зафар ёфта, худро ҳоким гирифта ҳукмҳо мекард ва суханаш аз теғаш бурротар буд. Вале дар ин ҷо мулзам шуд. Ӯ чӣ гуфтан ва чӣ кор карданро намедонист. Чашмаш аз чашми Забур ҳам тангтар шуд, ки аломати интиҳои ғазаби ӯ буд. Бо вуҷуди он ҳеҷ фармоне дода натавонист.

— Дар ин дунё чӣ азоб дидӣ, Тахмин? – ном не, балки лақаби ӯро дар ёд доштааст.

— Азоб не, ҳамин тавр гуфтам. Ин хел не, ки маро касе хор карда бошад, ба сари ман даст бардошта бошад. Не. Азоби ман аз дасти ин хел касон, ки худро сарвари олам гирифта пастиҳо кунанд.– Боз ба Забур теғ кашида гуфт ӯ.

— Ин тахмин карда истодааст, тақсир. – Забур дигар хел ҷавобе наёфта такрор кард.

— Ҳа, ман тахмин мекунам, вале ту аниқ. Дар тамоми олам овоза шуд, ки ба Ҳомид духтар тортуқ мекунӣ. Ягона роҳи хелосӣ ҳамин мегӯӣ, номи касони мӯътабарро паст мезанӣ. Боз ман тахмин мекунаму ту яқин, ҳамин тавр, а?.. Худо хоҳад, ба мирӣ расӣ, мири Амондара шавӣ...

— Тақсирам, ин моро масхара дорад...

— Забурбек, шумо аз ин хафа нашавед, ин мард хеле диловар намояд, афсӯс, ки пир аст, – фикру хаёл карда гуфт Ҳомид.

— Писараш ҳаст, тақсир, – боз ақл шуд Забур.

Азиз Тахмин баробари шунидани ин гап гӯё як теғи оташине дилашро чок карда гузашта бошад, яке сари сина фурӯ кашид.

Дасташ ҳам такон хӯрд, то ба банди дилаш равад, вале ӯ худдорӣ кард ва дастон ба ҳам соид.

Ҳомид ин ҳолати ӯро пай бурда, вале чунон вонамуд кард, ки чизеро дарк накардааст.

— Ҳоло писарат куҷост, Тахмин? – боз пурсид қӯрбошӣ.

— Гуфтам-ку, аз пайи ҷустуҷӯи нисбаташ рафт...

— Мо аз куштани ту чизе намегирем. Ба мо писарат лозим. Ба шарте, ки худат барин нотарс бошад. Ба ман маъқул, мард бояд ягон чиз дошта бошад, ақаллан дилу гурда.

— Тақсир, ин он қадар нотарс нест, чунон ки шумо мебинед. Ин сохтакорӣ карда истодааст. Мебинед, ки рӯзаш буд шудааст, ин хел рафтор мекунад.

Ҳомид ба суханҳои Забур эътибори ҷиддӣ дода бори дигар саропои Азиз Тахминро аз назар гузаронд; чашм ба гардани дарозу қоқи ӯ дӯхта ҳайрон шуд, ки чаро пӯсти бадани ин мард мисли чарм ғафс аст.

— Нее, Забурбек, шумо одамшинос набудаед, – гуфта ба Забур нигарист ва боз ба Азиз Тахмин рӯ овард: – Агар аз хунат гузарам, писаратро ёфта меорӣ?

— Не,– сар ҷунбонда ҷавоб гардонд Азиз Тахмин.

— Чӣӣ? Не?! Подоши некӣ ҳамин?

— Ту ба ман раҳм накун, ту ба ман некӣ накун, ман эҳтиёҷ надорам.. Ва ман ба ту ваъда ҳам намедиҳам, ки ӯро оварда ба ту месупорам. Ӯ дигар барнагардад.

— Куҷо рафтаст, ки барнагардад? Пеши урусҳо? Пеши кофирҳо, худашро бурда, пеши пои душманони мо партофтааст?! – ваҳшӣ гашта фарёд зад Ҳомид.

— Инашро намедонам, ки куҷо рафтааст, ба ман гуфт, ки аз пайи нисбатам – Шаҳбону меравам...

Ҳомид хандид. Баъд ҷомаи зарбафти аз сари китфаш шоридаро боло кашида, ба Азиз Тахмин рӯ овард:

— Писарат куҷое, ки рафта бошад, боз ҳамин ҷо меояд... Моли порагӣ аз охур дур намеравад... Лекин туро барои диловариат бубахшам. Бирав!

Азиз Тахмин аз ҷой наҷунбид.

— Бирав, бирав!.. Агар ҳамаи одамони мо мисли ту буданд, ҳоҷати йигит ҷамъ кардан набуд. Он гоҳ худо медонист, ки ман ба деҳаи шумо даромада тавонам... Он вақт ба хоки мо ҳам пои касе намерасид. Ҳоҷати фикр кардан ҳам набуд, ки чӣ хел кофиронро зада пас гардонем. Бирав, мардак, бирав!

— Не, ман намеравам, ман худро зери таънаи ҳар касу нокас мондаиӣ нестам.

Ҳомид то охир ба суханони сахту талхи ин марди якрав тоб оварда, ӯро бахшид. Вале ҳоло нописандиашро хуш накард. Ӯ ба

одамонаш ишора кард. Ӯро амр фармуданд, то аз болохона зер шавад. Азиз Тахмин рӯ гардонда, зинаҳоро фаромад ва дар саҳни ҳавлӣ, гӯё ҳукмашро хонанд, бозистод. Хеле истод.

— Боз чӣ истодӣ? Рав гуфтам, рав!

Азиз Тахмин як қад парида худро ба даст гирифт ва қадаме пеш андохт; ӯ аз дил мегузаронд, ки дар қадами навбатӣ ба тахтапушташ тир мерасад ва аз дарвозаи Забур набаромада, ҷон медиҳад… Писар фаҳмида меояд ва…«Ана, ана, дар ин қадам, дар инаш, ҳозир, қадами охирин... Қарс!» Як қад парид. Ларзид. Назди дарвоза расида, қадам боздошт. Дил дар қафаси синааш мезад. Ӯ тапиданҳои дилро боздоштанӣ шуда нафас ба дарун кашид ва қарор истод. Вале дил беист зада гӯё оҳиста-оҳиста боло меомад ва аз гулӯ берун шудан мехост. Азиз Тахмин ба фишори дили худ тоб оварда натавониста, нафаси дароз баровард ва баргашта ба пас нигарист, ки чанд мили милтиқ ва чанд тапонча ба сӯяш рост шуда бошанд.

Ҳомиди миёнақад ҳоло ҳам ҷома сари китф ба ӯ менигарист. Вале Забур бо ҳазор афсӯсу пушаймонӣ ба Ҳомид чашм дӯхта буд, ки чӣ коре кард, чаро ӯро бираҳонд? Чаро раҳми душмани ҷонашро хӯрд? Яке ба назараш расид, ки Ҳомид сӯяш сар ҷунбонд. Азиз Тахмин ҳам ба миннатдорӣ ишорае кард ва баъд рӯ тофта қадам аз остонаи дарвозаи бадхоҳ берун ниҳод. Ҳоло ҳам ваҳму ҳарос дошт; пиндорад, барои ба даст овардани писар ӯро раҳо карданд. Ба хона омад. Зуд баргашта кӯча баромад; зеро гумон дошт аз пас чашме ҳаст…

Хеле гашт. Касе кордор набуд. Пушти корро хунукшуд пиндошта ба дари коҳдон омад, то писарро огоҳ кунад, ки зинҳор ба зинҳор аз ҷо наҷунбад. Чун бандҳои бедаро титу парешон дид, ҳангаш канд: «Наход ки ӯро ёфта бурда бошанд?.. Ӯро ёфтаанд, ки маро сар доданд... Худоё худовандо, ин чӣ рӯз буд, ки ба сари мо овардӣ?!» Дили ӯ фишор хӯрд. Синаи чапашро дудаста дошта, даҳани дари коҳдон нишаст...

## 13

Баъди рафтани Азиз Тахмин Ҳомид-қӯрбошӣ ба баҳри андеша ғӯттавар шуд. Ҳанӯз ҳам ба дарвоза нигариста ва симои нотакрори ӯро пеши назар меовард.

— Ку йигитҳоят? – ғайри чашмдошти Забур пурсид Ҳомид.

— Йигитҳои боби шумо нестанд. Ҳама одамҳои ман ҳаминҳо, лозим донед, марҳамат...

— Ба ман йигит лозим, йигитҳое, ки мисли Тахмин дилу гурда дошта бошанд.

Дили Забур чун боми тосида фурӯ рафт. Ӯ аз он, ки Ҳомид-қӯрбошӣ духтарашро талаб надорад, хурсанд набуд, балки фоли ноҷо пиндошт ва хаёл кард, ки ҳама орзую омолаш барбод рафт; Забурбеки номдор шармандаи ҳарду олам гардид. Ба назари ӯ, Ҳомид-қӯрбошӣ дар ғазаб аст. Чашми чапи Забур баробари чашми Ҳомид тамоман пӯшида шуд. Агар Ҳомид ба ӯ менигарист, яқин мекард, ки масхарааш кунад...

— Ҳумм... – оҳи бадард барин мад кашид Ҳомид. – Хууб... ана ун мардаки лӯнда ва ҳоо ана ун сиёҳ ба мо ҳамроҳ мешаванд, – Мухтор ва Назари мазангро ишора карда гуфт қӯрбошӣ.

— Орзуи онҳо ҳамин буд, ки ба шумо хизмат кунанд, тақсир, – таъзим кард Забур...

Дар деҳа шӯре бархост. Тангкӯчаи пахлӯи ҳавлии қозикалон пур аз садои ба сангу кӯрсангҳо бархӯрдани наъли аспон буд. Ҳомид ҳайрон монда, аз болохона ба кӯча нигарист ва аз сари девор сарҳои фӯтаю саллабастаро дид, ки бо лангари гашти асп пасту боло шуда, мегузаштанд.

— Йигитҳо!– фарёд зад Ҳомид қӯрбошӣ ва аз болохона зер омад. Аз хаёл гузаронд, ки чунин найрангҳоро Забур сохтааст.Аз ин рӯ хуш қабул кард ва аспонашонро ба дигар ҷо бурд, то гоҳи пархош пиёда ва пеши саворагон оҷиз бошанд.

— Ин чӣ коре буд, ки кардӣ, мардак? – ба Забур рӯ овард қӯрбошӣ.

— Аз мурдани худ хабар дораму аз ин кор не, тақсирам... ларзид Забур, – Ин кори Мир будагист.

— Мираш кист?!

— Як бехудои худписанд...

— Ку, ба ман нишон деҳ.

— Шумо ташвиш накашед, худам кори ӯро мекунам.

— Не, аввал нишон деҳ, ман бинам, ки чӣ кас аст

— Ана ҳамоне, ки сарашро бо фӯта бастааст, – сари аз девор баланди Мирро нишон дод Забур.

Ҳомид-қӯрбошӣ таппончаро аз бағал бароварда як дид кард, вале чӣ фикре ба сараш омад, ки даст пас кашид.

— Инҳо яроқ доранд? – хавф бурда пурсид Ҳомид.

— Шамшеру досу калтак...

— Илоҷе кунед, ки аспҳои моро аз пушти девор ҳозир кунанд, – фармуд қӯрбошӣ.

— Хӯш тақсир – таъзим кард ӯ ва Мухтору Назари мазангро фармуд, ки аспҳоро бо тангкӯчаи пушт ҳозир кунанд.

Дар ин вақт Миру ҳамраҳонаш аз дарвоза аспакӣ зада даромаданд.

— Чаро ба мо нону намак пешкаш намекунӣ, Забур? Духтар тортуқ бикун намегӯем, нону намак,– пичинг зад Мир.

Чунин киноя ба қӯрбошӣ сахт расид ва ӯ ба пешонии сафеди аспи Мир тир зад.

Ҷиран якбора чароғпоя шуда, шиҳа кашида, дар ҳаво дастак зад. Боз дастҳо ба замин монда, аз зӯрии дард чароғпоя шудан гирифт. Аспҳои дигар аз ҷиран гузаро шуда як-як дучори тир мешуданд. Замон дар гардани аспаш овезон шуд. Мир аҳволро дида худро аз асп ба зер партофт. Аспи ӯ шиҳа кашида, ҷасту хез карда, гӯё ки алам аз кушанда мегирифта бошад, рост ҷониби Ҳомид рафт. Вай бори дигар чарғопоя шуд, ки бо ду дасти наълдораш ба фарқи сари қӯрбошӣ зада ҷо ба ҷо якмарг кунад. Вале Ҳомид баробари рост шудани асп ба зери дили он тир ҷо кард. Ҷиран бори дигар чунон пуршаст ба ҳаво рост шуд, ки пойҳои ақибаш низ аз замин канда шуда ба паҳлӯи чап афтид.

Ҳуҷуми ногаҳонӣ ва чашмдор набудаи Ҳомид барабас рафт. Мир бе ягон фикру мулоҳиза неши шамшер ба замин зад ва сӯи Ҳомид равон шуд. Даҳ-дувоздаҳ қадам аз ӯ дур истода, ишора кард, то ярокро партояд. Ҳомид хандид. Ва Мир аз написандии ӯ дар қаҳр шуда лаб газид ва баъд чунин андеша ба миён овард:

— Мо, мардон, бе ярок ҷанг мекунем.

— Мо, номардон, бо ярок.

Рафтори Мир ба қӯрбошӣ маъқул нашуд. Таппончаро сӯи ӯ рост кард ва ба йигитҳояш фармон дод:

— Гиред ӯро!

Одамони қӯрбошӣ мисли гурбаи афсунгар, ки якбора ба сӯи муш ҷаҳад, худро ба сӯи Мир андохтанд.

— Ин хел не, – ба онҳо рӯ овард Мир, – мардӣ ин хел нашудааст. Ман бо сардори шумо тан ба тан мешавам, зӯр ояд, таслим мегардам.

— Гиред! – наъра зад қӯрбошӣ. – Ҷояш ояд, тан ба тан ҳам мешавем.

Одамони Ҳомид ба зӯрӣ дастони ӯро пушт гардонда бастанд ва ба мирашон рӯ оварданд.

— Чаро номи туро Мир гӯянд? – ба нигоҳи онҳо чӣ ҷавоб гуфтанро надониста пурсид қӯрбошӣ.

— Номи хоназоди ман аст...

— Чӣ номи безебест.

— Аз овозаи «Ҳомидомад» безебу шумтар набудагист.

— Баред... Ин нобакорро бар асп барбандед!

— Мардак баҳона наҷуй, ту маро кушта натавонӣ, ман танҳо не, дар паси ман лашкар истодааст. Он ҳамаро кушта наметавонӣ...

— Гуфтам-ку! Зудтар баред!!!

Пеши назари Мир омад, ки ҳамин лаҳза ӯро ба думи асп баста, дар саҳрои кушод бароварда, пеши назари мардум тозанд. Ӯ

дандон ба дандон монда дастонашро аз ҳам ҷудо кардан хост, вале натавонист. Ӯро тела дода то назди асп бурданд ва ишора карданд, ки ба асп савор шавад. Аз ин хоҳиши онҳо вай дар ҳайрат монд, вале савор нашуд. Онҳо ба саркашии ӯ нигоҳ накарда, озод бардошта рӯи зин ба шикам хобонданд ва ресмонкаш карданд. Пас саворае лаҷоми аспи ӯро кашид. Дастаи қӯрбошӣ ба ҳукм аз деҳа баромада сӯи Хокканак равон шуд. Онҳо ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарданд, на ягон чиз гирифтанд ва на ба Забур барин касон чизе гуфтанд ва на интизори тортуқи амалдорони деҳа шуданд. Дар ин миён Забур мисли ҳайратзадагон гӯшаи фаши дастор зери дандон газида, чашмонаш аз паси онҳо тофта монд...

Дастаи Ҳомид-қӯрбошӣ сари Хокканак расида қарор гирифт. Аз он баландӣ ба паҳнои дашти Амондара ва гирду атрофи он дервақт нигоҳ карда, чизеро надид ва хавферо пай набурд. Пас онҳо яқин карданд, ки Мир «дар паси мо лашкар» гуфта ҷони худро халос карданӣ будааст.

Қӯрбошӣ ба сухани ҳамроҳонаш бовар накарда худ сари асп гардонда дуродури водиро аз назар гузаронд. Чизе ба назараш нанамуд. Чашмаш ба бодомҳои шукуфони боғоту ҳавлиҳо бархӯрда лаҳзае ором монд. Шукуфаҳои бодом нияти ӯро ба дигар тараф – ба сӯи некиҳо кашиданӣ шуданд, вале ӯ ҳама чизро фаромӯш карда, назди Мир омада, сари ӯро бо пошнаи тозиёнааш нихта кард:

— Ӯй! Ку он лашкаре, ки гуфтӣ?

Мир ҳамчунон саркашол буд, боло накард ва ҷавобе надод.

Ҳомид бори дигар сари ӯро нихта кард ва аз паси манаҳи ӯ дастаи тозиёнаро гузаронда боло бардошт

— Ӯй! Ку он лашкаре, ки гуфтӣ?

— Вақташ расид, мебинӣ, – паст наомад Мир.

— Ҳоло вақташ нарасидааст? – бо овози баланд пурсид қӯрбошӣ.

— Мерасад.

Ҳомид дигар тоқати шунидани сухани ӯро надошт, сари аспашро гардонд ва ишора кард, ки аз ин деҳа дур рафтан хоҳад. Онҳо асп монда, то боғоти деҳаи Ёрӣ рафтанд ва боғотро оҳиста-оҳиста гузашта, то доманаи деҳа – Дашти Маҳрӯ расиданд. Дар ин тохт онҳо гумон карданд, ки Мир азоби гӯрро кашида, шири модар аз даҳонаш омад. Ва акнун ҳар чӣ гӯянд, розӣ шавад ва тавба кунад.

Онҳо дар Дашти Маҳрӯ қарор гирифтанд. Бандро кушода Мирро аз асп фуровcovarданд. Ва Ҳомид ӯро рӯ ба рӯ дошта ба истинтоқ даромад:

— Ту дар бораи кадом лашкар гуфтӣ? Лашкари ислом ё лашкари кофирон?.. Охир, он кадом лашкар?.. Ту гунг нестӣ-ку, ҷавоб деҳ! Сурхҳо. Ҳамин тавр не?

— Ҳамин тавр, – қасдан гуфт ӯ, вале Ҳомид худро сипоҳ гирифта ӯро кофт.

— Чӣ хел бо он пайвастӣ?

— Ҳамин тавр...

— Чӣ тавр?

— Рафтам, қабул карданд, шинос шудем.

— Муродашон чӣ?

— Муродашон муроди шумо...

Ҳомид аз ҷавобҳои ӯ чизе нафаҳмид. Тори асаб таранг шуд. Мирро як тозиёна зад:

— Чӣ хел муроди мо барин?.. Ту гумон дорӣ, ки ман тороҷгарам, хунхорам?..

— Ман ҳеҷ чиз гумон намекунам.

— Барои чӣ ин хел гуфтӣ?

— Ҳамаи онхое, ки ба хоки дигар пои таҷовуз гузоранд, бо ҳам монанданд.

— Набошад, чаро ту сӯи мо тохтӣ?

— Ман дидам, ки Забур барин нобакорон танфӯрӯшӣ мекунанд, хостам танҳои нопокро тоза кунам ва деҳаро аз дасти нохалафҳо нигаҳ дорам... Ман надонистам, ки шумо таппонча доред... Гумон кардам, мисли ман беярок ҳастед...

— Агар беярок мебудем?

— Аз гиребонат мегирифтам.

— Он гоҳ ман забони туро аз пушти сарат мекашидам... Як марди безорӣ аз гиребони ман мегирифт, а? – ӯ боз Мирро як тозиёна зад.

Мир аз зарбаи тозиёнаи ӯ биме надошт, хафа ҳам нашуд, вале «безорӣ» гуфтанаш мисли алмос дили ӯро чок карда гузашт. Ӯ пай бурд, ки қӯрбошӣ пурғазаб шуда, косаи сабраш шикаст, дилаш андаке ларзид. Вале худро ба даст гирифт ва нахост, ки аз ранги паридаи рӯяш таслим шуданашро пай баранд. Ӯ ҳарчанд ба банд афтида буд, тан додан намехост. Рӯ ба рӯяш як марди таҳамтанро дид, ки ҳам барои гуфтану шунидан ва ҳам барои чанг ба чанг шудан арзад. Акнун ҳар муддаое дорад, бояд бигӯяду баъд мирад. Вале онҳо мақсади ҳамдигарро нафаҳмиданд. Ҳар ду ҳам даъвои ҳифзи Ватан доранд Аммо нафаҳманд, ки чию киро аз кӣ ҳимоя кунанд. Боз бо вуҷуди тезпарвозиаш ба чанголи уқоб хӯрдааст.

Ҳомид ҷуссаашро бардошта хест. Мир ҳам, ки сари по нишаста буд, худро аз ӯ кам нагирифта бархост. Ҳомид пай бурд, ки Мир тан доданӣ нест ва дар ҳеҷ бобат намехоҳад, ки аз ӯ паст ояд. Мардест, ки росто мурдан хоҳад. Худро таҳқиршуда ҳисобид ва ба дил савганд ёд кард, ки ин дафъа як гапи беҷо гӯяд ва ё ӯро таҳқир кунад, хунашро резад. Боз таги дили ӯро кофт:

— Ҳамин тавр, ба кофирҳо хизмат кунӣ?

— Бале, барои кофироне, ки ноолуда бошанд.

— Чӣӣ!

— Кофири росткор беҳ аз мусулмони бадкирдор.

Ӯ кашидаю кушода ба бари рӯи Мир тозиёна зад. Пас аз лаҳзае бари рӯи ӯ мисли тозиёнааш бардамид. Вале Мир ғинг нагуфт, гӯӣ зарбаи тозиёнаи ӯро ҳис накарда бошад, мижааш хам нахӯрд. Пас аз лаҳзае пай бурд, ки чашми чапаш мисли чашми Забур танг мешавад. Ва дар ин фурсат қиёфаи зишти ӯро пеши назар овар-да, тамоми нафрату адоваташро ба ӯ пошид. Дар дил нафратҳо карданӣ буд, ки саволи қӯрбошӣ хаёли ӯро бурид:

— Ман мехоҳам донам, ки ту чӣ мақсад доштӣ?

— Ман мақсадамро гуфтам, вале намедонам, ки ту чӣ мақсад дорӣ?

— Мақсади ман дар чор подшоҳ маълум: нахоҳам, ки ба хоки Ватанам қадами номубораки касе расад.

— Набошад, чаро ба хоки дигарон қадам мегузорӣ?.

— Магар ин хок барои ман бегона аст? Магар ин хоки ман нест? Ин хоки водии ман аст, ноасил! Ту худию бегонаро фарқ кун! Ман барои ту бегона не. Бегона мебудам, деҳаю мардуми туро ба хок яксон мекардам. Агар ту ба ман намегуфтӣ, ки дар паси ту лашкар ҳаст, аз деҳаат намебаромадам... Ту худат мефаҳмӣ, ки чӣ кор ва барои кӣ хизмат мекунӣ? Инро намефаҳмӣ. Ман барои ҳамин афсӯс мехӯрам, номурод меравӣ. Ҳайф аз буди тую сад ҳайф аз нобуди ту.

— Ҳаа, сад ҳайф аз нобуди ман... Лекин дониста бош, ки аз ту на Чингиз барояду на Темур.

— Худам ҳам инро нахоҳам. Ман хоҳам, ки Ҳомид бошам.

— Нее, аз ту каси номдор набарояд. Аз як даҳан гап ин қадар тарсида гурехтию...

— Бас!!! Ба ту чӣ мондааст, ки маро таҳқир кунӣ?!

Ҳомид дигар тоқат карда натавонист. Хуни ӯ ҷӯшид. Ғурури худписандӣ дар ботини ӯ ҷой гирифт, бардораш дод ва ӯ наъра зад:

— Канор шавед!!!

Ҳама ба канор ва паси қӯрбошӣ гузашта саф кашиданд.

Ҳомид сӯи ӯ таппонча рост кард ва дид, ки Мир айнан мисли Азиз Тахмин қоматашро рост дошта, сари синаашро дамонда ба ӯ на илтичоомез, балки пурнафрат нигоҳ дорад. Қӯрбошӣ андаке мулоҳиза карда, мили таппончаро фаровард ва яке хун ба сараш зада кулангро пахш кард.

Мир ҳатто сари синаи хунолудашро надошта, рост сӯи ӯ қадам зад. Ҳомид боз тир холӣ карданӣ буд, ки садои суми асп баромад. Қӯрбошӣ ба он тараф нигарист ва занеро дид, ки савори аспи сиёҳ

меояд. Ҳомид чанд қадам дур аз пеши пояш афтидани Мирро надид. Гоҳе ки савор аспро назди онҳо дошта, худро назди маъюб партофт, Ҳомид афтидани ӯро дид.

Занак солхӯрда, сафедмӯй, вале хеле нуронӣ менамуд. Ӯ башитоб фӯтаю ҷомаи ӯро кушода ва куртаи карбос аз гиребон чок карда, даст ба ҷароҳаташ бурд, то хун боздорад, вале хуни гарми маҷрӯҳ аз байни панҷаи занак зиҳида баромад. Занак бо ғазаб ба қӯрбошӣ ва баъд ба ҳамроҳони ӯ нигарист, вале чизе гуфта натавонист. Аз афташ, нафасгардон шуда, аз даҳонаш гап намебаромад. Ӯ лабу забон ба ҷароҳати ӯ гузошт, то хуни ӯро боздорад ва ё бо он хун даҳони қоқашро тар кунад, ки мадори сухан гуфтан шавад. Ба қотилон гапи нагуфта намонад.

Занак як бор ҷунбида дасти хунолуд ба сари синаи худ бурд, то таркиши дил боздорад, вале дасташ то сари дилаш нарасид...

Онҳо занро нашинохтанд. Баъди чанд муддат омада аз китфи ӯ дошта кашиданд. Ӯ намеҷунбид. Гӯё лаби ӯ ба ҷароҳати маҷрӯҳ часпида буд. Сахттар кашиданд. Занак аввал каме қафо омад, баъд беқувваю бемадор сар ба пои маҷрӯҳ дароз афтид...

## 14

Гулҳои қоқу рехта, ба ҷои онҳо пуфакҳо пайдо шуда буданд, ки бари домони касе расад, сабук-сабук парвоз карда, пасту баланд рӯ-рӯи замин мегаштанд. Фақат бачаҳои беғам, ки ақлашон ба азою мотам намерасид, онҳоро дунбол мегирифтанд; меканданду аз кафи даст пуф карда, аз паяшон тохта, боз ба каф овардани мешуданд. Вале калонсолон ба мотам нишаста буданд Аз ҳама сахттар дар хонаи Мир азо доштанд. Боғи Бихалифа ҳайрон монда буд. Мактабхона бекас монд. Танҳо саги чорчашми Офтобхон, ки вақти рафтанаш ҳайдав карда буд, аз як гӯшаи боғ ба гӯшаи дигар тохта, аккос мезад ва садое ё навозишеро шунида қарор мегирифт ва фӯк сӯи осмон бардошта зӯзаву уллос мекашид. Чун ба садою беқарориҳояш ҷавобе намегирифт, заминро ханҷолкаш карда, кафкаф хокро пас мепартофт ва бо ҳамин тасалло ёфта, зери айвонро гузашта, дар пеши дари мактабхонаи хусусии Офтобхон ҳалқа мезад. Ва боз навозишу гуфторҳои Бихалифаро ёд карда, гӯё ки ба боғ сайд даромада бошад, ғуррида мехест, сипас дергоҳ гирогир мекард. Ҷонвар ба умед раҳи соҳибаро мепоид. Агар медонист, ки ӯ барнамегардад, ҳатман оби чашм мекард. Вале баумед аст; ҳар гоҳ аз рахнаи паҳлӯи дарвоза берун баромада ба роҳ нигоҳ мекунад, баъд гӯё ки соҳиба аз девори пушти боғ меомада бошад, боз ба боғ медавад. Мурдаи Бихалифаро ин ҷо наоварданд, то саги бовафо бӯи маитаро шунида умедашро канад.

Мурдаи Бихалифаю бародараш Мирро аз Дашти Маҳрӯ вовайлокунон оварда буданд. Гӯё Мирро дар Дашти Маҳрӯ куштани Ҳомид маҳз аз ин ваҷҳ буд, ки мардуми гирду атроф ин фоҷиаи нохушро дида чашмашон тарсад. Оне, ки мурдаи онҳоро ба деҳа оварданд, барояшон тобут нарасид. Он рӯз ҳашт қурбонии пеши пои Ҳомидро ба гӯристон бурдан лозим омад. Тобут навбат шуд. Мардуми деҳа чор бор ҷуфттобут бароварданд. Мурдаи Миру хоҳараш Офтобхон ҳам ҷуфттобут шуд. Вале дар ягон ҷаноза Забур иштирок накард: ӯро роҳ надоданд. Ӯ тамоми рӯз аз хона берун набаромад. Аммо зери айвон нишаста «салоти ҷаноза»-ро шунид ва худ ба худ ғурунгидан гирифт: «Хайрият, ки мақсадро ба Норинисо нагуфтам... Ман чӣ донам, ки ҳамааш чунин анҷом мегирад... Шаҳбону беҳуда нобуд шуд. Модараш васвос гашт. Эй худои бокарам, ин чӣ коре буд, ки ман кардам? Худат фармудӣ… худат мефармоию баъд тамошо карда, механдӣ. Ё барои санҷиш ин корро кардӣ? Акнун ҷазо медиҳӣ, а? Хайр, бандаи бечораи ту чӣ кор кунад? Эй худо, як бандаи ҷонфидо ва банамози ту, ки ин қадар хориҳо бинад... Худоё, ман ба даргоҳат шукргузорам... Ана ҳамин дастони ларзон ба сӯят ёзида, илтиҷо дорам, ки ҳар кӯтаҳие аз ман содир шуда бошад, бубахшӣ... То ҳол дида будӣ, ки ягон махлуқи туро, ягон ҷондору ҷонвари безебтаринатро ранҷонида бошам? Не, албатта, не. Ман надонам, ки ин дарди бедаво ба ман аз куҷо часпид.. Худои ҳаждаҳ ҳазори олам, наход худат раво дида бошӣ? Бовар намекунам. Агар ин рост бошад, пас хориро ҳамаи мардумони бегуноҳ ва бечора медидаанд. Ман ба ҷумлаи одамон бовар накардам, фақат ба ту ихлос бастам, ки ба додам бирасӣ... Эй соҳиби ман, ин бандаи ту бояд ба мурод расад. Ман боварӣ дорам, ки Ҳомид бо имдоди ту ба ин ҷо бармегардад ва он чӣ ман хоста будам, ҳама муҳайё мешавад. Ӯро фиреб доданд, вале ман имони комил дорам, ки ӯ забардаст хоҳад шуд. Ман ба ин бовар мекунам...»

Риштаи андешаҳои ӯро занаш канд. Ӯ рӯзи дароз намак начашида гаштани шавҳарро медонист. Ҳарчанд ба ӯ нафраташ беандоза буд, дастархон овард. Дастархонро бехи посутун монда, аввал як ҷуволи холиро паҳлӯи пои нав дарозкардаи ӯ андохт ва аз болои он дастархонро кушода, хомӯш баргашт ва пас аз чанд вақт дар як чойнаки қадоқбинӣ чой дам карда овард. Гоҳе чойнакро рӯи дастархон гузошт, ба лаби пиёла расида садо баровард. Ин садо ба гӯши Забур хеле бад расид. Ӯ баргашта ба зан сахт нигарист. Зан хашми мардакашро пай бурда, зуд ба хона даромад. Забур гарчӣ рӯзи дароз гушна буд, гоҳ нону чой хӯрданӣ мешуд, гоҳе на. Ӯ ба дигарон ситеза кард; ба худо худро поку бегуноҳ вонамуд. Ӯ дергоҳ фикру хаёл кард ва ниҳоят ба зан ситеза карда бархост ва домон афшонда, аз сари дастархон дур шуд. Ба канори боғ рафт.

Сабзаҳои қадкашидаи сари вотро зери по карда то назди дарахти чормағз рафт ва пушти он истода ба роҳи қабристон нигарист, чанозахонҳо бозгашт доштанд. Онҳо имрӯз ҳашт чаноза хонданд. Домуллоимом худро нокор сохта, ба чаноза наомад. Мулло Турсун чанд бор оят хонд (хоҳ зинда аст, хоҳ мурда, барои Шаҳбону низ ояте бихонданд). Муллои чавон оят бихонд ва ҳама пурандӯҳ ва ниҳоят ҳалиму раҳим аз гӯристон баргаштанд.

❁ ❁ ❁

Имрӯз ҳама аз сафар баргаштанд: ҳам онҳое, ки ба кӯҳу камар рафта буданд ва ҳам онҳое, ки ба ғорҳо пинҳон шуданд. Духтарон дирӯз ҳамроҳи дастаи Мир баргаштанд, танҳо Қурбонбибӣ барнагашт.

Дар деҳа боз Муроду модараш набуданд: онҳо, ки ин рӯзҳо интизори дидори Шаҳбону буданд, пеш аз омадани Ҳомид ба хонаашон баргаштанд. Вале аз мардуми таҳчоии деҳа Ҳафизро касе надонад, ки дар кучост...

Забур аз кӯҳу камар бозомадани мардум ва аз қабристон баргаштани чанозахонҳоро дида, дилаш фурӯ рафт. Гӯӣ дилаш вазнинӣ карда қомати ӯро таҳ кашида бошад, бар қади дарахти чормағз фурӯ лағжид. Вале ӯ дили худро фиреб дод. Бо амри дил хам нахӯрда, барои аз чашми чанозахонҳо худро паноҳ доштан паст рафт. Пиндошт, ки чанозахонҳо барои қасос гирифтан рост ба хонаи ӯ биоянд. Ва ӯро дида ба сӯяш тозанд. Аз чаҳор дасту пояш гирифта, рост ба қабристон бурда, зинда гӯр кунанд. Забур ду-се қадам пушт рафт, баъд ба назараш расид, ки мардум гурехтани ӯро дида аз паяш шаванд. Ӯ рӯ гардонда тохт, вале ба хонааш надаромад, балки мисли девонагон аз боғи худ ва аз боғи ҳамсоя гузашта то сари кӯра тохт. Худро даруни кӯра андохта мисли рӯбоҳи туллак дар кунчи девори кӯра чафстар шуд ва нафас дарун кашида, гӯш ба атроф дод. Вале садое ё ягон таҳдидеро ҳис накард, пас нафаси дароз кашида, пушт ба девори кӯра гардонда такя зад ва паси сарашро пушт монда рӯйдодҳои сари ин кӯраро ба хотир овард: «Хамааш аз ҳамин чо сар зад. Ман чӣ донам, ки анчоми ин корҳо чунин шавад. Агар одам мурдани худро донад, чӣ корҳое кунад... Умеди ман дигар буд, барои ҳамин ин қадар чон кандам. Вагарна, кӣ духтари худро (чиян он тараф истад), духтари худро ба ин пастиҳо барад? Худоё, маро ба чӣ пастиҳо бурдӣ?... Ба номат сад бор шукр, парвардигор, ки ин қасдро Норинисо нафаҳмид. Мефаҳид, рӯзи Шаҳбону ба сараш меомад. Ман умре рӯсӯхта будам... Занак гуфт-а: «нофатро аз нофи ӯ бо дандон чудо мекарданд, мефаҳмидӣ». Лекин ман ба маънин сухани ӯ сарфаҳм нарафтам; гумон кардам, ки мисли ҳамеша зан асту лаққад. Вале

ӯ дигар чиз гуфта будааст...» Ба гӯшаш расид, ки касе меояд ва номи ӯро гирифта, ҷеғ занад. Ӯ ба гӯшҳояш бовар накарда, дам ба дарун гирифт ва бодиққат гӯш дод. Аммо чизеро нашунид. Тахтапушташро ба девораи кӯра силтав дода, ковок шуд ва оҳиста сар бардошта, дуздона атрофро аз назар гузаронд. Касе набуд. Боз фурӯ нишаст. Худ аз худ дар дилаш ҳиссе пайдо шуд, то аз кӯра бурун наояд. Ӯ мисли сарлашкаре, ки пас аз муҳорибаҳои зиёд тамоми сарбозҳо талаф дода, ба асирӣ нишаста бошад, ба тақдир тан дода буд. Ҳама воқеае, ки то имрӯз рух дода буд, як-як пеши назар овард ва аз нобарориҳо сад афсӯс хӯрда, андаке нарм шуд. Ба дили ӯ аз қабристон баргаштани ҷанозахонҳо нармӣ ва меҳрубонӣ ҷо кард: «Чаро? Аз барои чӣ?» Посух наёфт. Пас Шаҳбону, хоҳараш, Мурод ва марги дигаронро пеши назар оварда, дар ин лаҳза дунёбезор шуд. Ба назараш, ки кӯра аз чор тараф танг шуда ба гӯр табдил ёфт. Ва баробари танг гаштани девораҳои кӯра дили ӯ низ ба танг омад. Ӯ боз дандон ба дандон монда фишурд, ки дилаш то ҳадди таркидан расад. Ӯ ба шикам афтид ва хокҳои аз манқалу хокистар сиёҳ шударо ханҷолкаш кард. Каф-каф хокро байни панҷаҳо фишурд: «Хоки гӯри ман –шумо…» Ӯ кӯраро гӯри хеш доништа, хоки сиёҳ бар сар кашиданӣ буд. Якбора ба ғазаб омада хок ба девораи кӯра зад ва баробари фишор ёфтани панҷаҳо дандонҳо ҳамдигарро соиданд. Ду-се бор пешонӣ ба замин зад, чанд ҳалқаи салла кушода шуда, ба гарданаш фуромад. Чунон ки рӯзи сахт рӯймоли хоҳараш Маҳбону ба гардан фуромада, сарлуч гашта буд. Ва халқаи дигар пеши чашмашро гирифт. Ӯ чизеро ҳис карда, сар бардошта, ба берун нигарист. Пас чизе ба ёдаш омад, ки хокҳои мушт кардаашро боз партофта сар ҷунбонд ва ҷаста хест. Гӯӣ гапи касеро гардонида ба ӯ дӯғ мезада бошад, бо садои баланд фарёд кашид:

— Нее, ман ҳоло намурдаам!.. Ман намемурам... Ман бояд ҳаққи худро ситонам!.. Ҳомид ҳам намурдааст. Ман аз ӯ мадад мепурсам.. Худовандо, ӯро забардаст гардон!..

Тамоми раҳимию ҳалимиҳои ӯ бартараф шуданд ва зорию илтиҷояш як тараф монд. Ӯ чун мор пӯст партофта, боз дар пӯсти аввалааш ҷо шуд ва ҳаллос зада, аз кӯра баромад. Хоки сиёҳ аз либос натакконида, сӯи хонааш рафт. Ба шитоб рафт ва раҳорах фикр кард, ки чӣ зайл пеши Ҳомид равад. Дар хона ба зану духтараш ҳарфе нагуфт, ҳеҷ чиз ҳам нахӯрд. Ба хонаи азодорон «фотиҳахонӣ» ҳам нарафт. Буғз гирифташ. Ба назар, дар гулӯяш ғамбода дамида, лаҳза ба лаҳза бузургтар мегашт.

## 15

Чунон ки қатраҳои ҷудогонаи симоби рӯи лаълии азиме бо як ларзиш такон хӯрда ба ҳам оянд, духтарон бо маслиҳат, баъди деҳаро оромӣ фаро гирифтан, дар кӯчаи паси масҷид ҷамъ омаданд. Ва машварате накарда ба тарафи кӯчаи калон раҳсипор шуданд. Аз тарзи қадамгузорӣ ва худро печидаю паси ҳамдигар ҷо шуда рафтанашон аён буд, ки бо вуҷуди ин ҷадар ҷуръат биму ҳаросашон бартараф набуд. Ва онҳое, ки аз деҳа фирор карда, бо Мир дучор омада буданд, нестанд. Онҳо ба зери шаллоқ ва ранҷу азоби падару бародарон монда, аз хона берун шуда натавонистанд. Онҳое, ки имкон ёфтанд, ба ваъдагоҳ омада, Норинисоро хабаргирӣ рафтан доранд. Онҳо ба дарвоза наздик шуда фарёд накарданд. Гӯӣ пандгирифта фармудаю насиҳати устодашонро ба ҷо оваранд; саф кашида аз рахнаи боғи Забур даромаданд. Забур ҳоло ҳам ба худ наомада буд. Ӯ зери айвон нишаста, ғамбодаи гулӯяшро мемолид. Овози духтаронро шунида бархост ва аз буни айвон ба сӯе, ки духтарон гап-гап карда меомаданд, нигарист. Ӯ духтарони зиёдеро дида, ҳайрон монд ва худро пас кашид. Духтарон назди айвон омада «Норинисо! Ҳо Норинисо!» фарёд заданд. Норинисоро падар огоҳ карда буд, то набарояд. Вале Норинисо «Ҳа!» гӯён аз дарун ҷавоб гардонд. Ва Забур кашидаю кушода ба лабу даҳони духтар фаровард. Овози ӯ дар гулӯяш печ хӯрд. Лабаш кафида, аз биниаш хун омад. Норинисо ҳамон зайл, гарчӣ падар кӯча баромадани сирри хонаро намехост, даҳону биниашро дошта, берун баромад. Духтарон шах шуданд; онҳо гумон карданд, ки Норинисо аз тортуқ сар кашида, худро ба ин ҳол гирифтор кардааст. Онҳо гирди ӯро печонида, ҳолпурсӣ карданд, вале духтар чизе нагуфта ҳайрон меистод; зеро сабаби омадани духтаронро нафаҳмида буд ва пурсида ҳам натавонист. «Ҳолпурсӣ омаданд» андешид. Хуни бинии ӯ қарор нагирифт, духтарон сари ӯро хам карда, дар ҳавзаки паси гарданаш оби хунук рехтанд, пас аз хеле вақт хуни ӯ сард гашта, қатраҳои хуни бинӣ якка шуданд ва оҳиста-оҳиста бозистоданд.

— Чӣ ҳол дорӣ, Нориҷон? – гӯё ҳама бо як забон пурсиданд.

Норинисо фақат ишораи сар кард, ки хуб ё бад гуфтани ӯро духтарон нафаҳмиданд. Ӯ даст бурда хуни дар нӯги бинӣ карахш бастаро пок кард. Варами биниву лаб дида мешуд. Баъд аз ин ӯ омадани духтаронро пурсиданӣ буд, ки аз хона садои пурдаҳшати Забур баромад:

— Дунё охир шудааст, ки духтарон бесар гаштаанд?! – вай аз хона баромада ба ошхона гузашт ва аз он ҷо як калтаки дарозро бароварда, ба духтарон таҳдид кард. – А, лаънатиҳо, дунё охир шудааст-чӣ?! Шумо соҳиб доред, ё не?!

— Агар соҳиб шумо барин бошад, беҳ, ки надошта бошем! –таънаомез гуфт Каромат ном духтар, рӯй аз зери саргирак нанамуда.

— Ин рӯйинатан кист? – нашинохта, гуфт Забур.

— Кори шумо набошад ба кию чӣ буданаш.

— Духтари лаф-лафи[1] Рафоат нест?

— Бошад-чӣ?

— Агар ҳавай бошад, ба холааш рафтааст, ҳоҷати гап не...

— Боз шарм надошта, гап ҳам мезанед, а, амак? – гуфт духтаре низ рӯй нанамуда.

— Боз ин рӯсабӣ кист?

— Рӯсабии рӯсиёҳ худат, – рӯймол аз сар афканда гуфт духтарҷияни Замонбой, ки аз мурдани тағояш ба ҷон расида буд. – Холаи ӯро таъна мезанӣ, лекин аз худат бехабар. Хола номус гуфта мурд, аз дасти ту барин ваҳшиҳо... Лекин ту мард шуда чӣ кор кардӣ?

— Дафъ шаведе, қанчиқҳо! Ин чӣ шӯр аст, ки модина бо марди бегона, аз худ калон баҳсу мунозира кунад... Омадед, ки инро ҳам худатон барин берӯ кунед? Ҷанахс кунед, а? А?! Лозим бошад, гиред, баред!...– гуфта мардак асоро баланд бардошт.– Гум шавед! Рав ҳамроҳи ҳаминҳо!

Духтарҳо Норинисоро миёна гирифтанд. Асои ӯ ба духтараш нарасид.

— Гум шав, дафъ шав!

— Айбу шарм, мардак, – тозон омада, худро ба миёна андохт занак.

— Ин чӣ рӯз, ин чӣ арасот? Наход дунё охир шуда бошад?!! Гум шавед-э, дар лаҳади додотон… – Чунон ки барои гардондани пеши рама чӯпон ба гӯсфандон асо андозад, Забур пои онҳоро дид карда, асояшро ҳаво дод.

Духтарҳо як ҳаросида, бозистоданд, вале ду нафар рӯймоли фарангеро ба гардани ӯ андохтанӣ шуда пеш омаданд.

— Ба гарданаш андозу пеши оқсақол кашола кун! – овоз баромад аз байни онҳо.

— Панд нашудааст? Оқсақоли Ёрӣ чӣ шуд, ки оқсақоли шумо шавад. Гумон накунед, ки ӯ бармегашта бошад. Рафт, ки рафт, – ҷумлаи охиринро зери лабу дандон такрор карда, рӯймолро дошта аз дасти онҳо кашида гирифтанӣ шуд.

Духтарҳо фарёди талху тунд заданд.

— О, рӯякам сиёҳ-ййй! Бетавфиқи Забур моро кушт, ййй!– овози Каромат буд.

---

1. Лаф-лаф – беҳудагӯӣ.

— Дамата гир, беобрӯӣ накун, туро касе назадааст, дасти зӯрӣ накардааст. Қисмати холаат такрор нашуда, бас кун.

— Рӯзи холем ба сари ту ғалтад, бешараф!

Чунин сурат гирифтани воқеаро Забур чашмдор набуд. Ҳарфҳои духтарон ба иззати нафси ӯ расид. Пурхашм гашт. Чашмонаш суп-сурх шуданд. Дар пӯсташ нағунҷид. Дандон ба дандон монда:

— Баред! Инашро ҳам баред, унашро ҳам баред! Дафъ шавед! – гӯён хам шуда асо аз замин гирифт. Каме нафасашро рост карда, бори дигар калтакро ба сари духтарон бардошт, вале чӣ шуд, ки якбора ба посутуни айвон фаровард ва асо пора шуд, қисми дар дасташ мондаро ҳам пуршаст партофта, рахнаи боғро гузашта ғур-ғуркунон сӯи кӯра равон шуд...

## 16

Ҳомид-қӯрбошӣ яқин кард, ки ба марги Мир хунталабе набаромад ва бо ҳамин пушти қасосу никор хунук шуд. Аз ин рӯ, аз роҳи баргаштааш боз баргашт, яъне бар муқобили ҷараёни Зарафшон рафта буд, баргашта ба Ёрӣ омад. Баъд хулосае баровард: «Ту маро мекушӣ, аз паси ман лашкар истодааст, бо он чӣ кор бикунӣ?» гуфтани Мир барои халосии ҷони худ будааст. Ӯ чун дастаи пирӯз саворон аз байни деҳаи Ёрӣ гузаронд ва аз хунҷои Мир нагузашта, бо кӯчабоғҳои танги Фушон боз сӯи Амондара рафт, то ваъдаю воизи напухтаро пазонад.

*«Дар боғ будам, ғулғулаи ҷанг омад,*
*Мирбачча будам, ғурехтанам нанг омад».* -

хонд нафаре ин байтро.

— Чӣӣ?! – фарёд зад Ҳомид, ба соқи чоруқи сурхаш як тозиёна зада.

— Аслаш «шербачча» тақсир, ӯ хато хонд, – нафаре ё ҷони хамроҳашро амон доштан хост ва ё аз нофаҳмӣ ин гапро гуфт.

— Шеърро дар зарурат ва ё ба мақсади муайян дигар мекунанд. Ё ту «мирбачча» гуфта тарафи Мир буданатро фаҳмондӣ? – ба ҷавони байтгӯ рӯ овард Ҳомид.

— Асло, тақсир.

— Ба ҳар маънӣ гуфта бошӣ, ин байт дили маро фурӯ зад...

Дигар касе ба сухани қӯрбошӣ ҷавоб нагуфт. Худи ӯ ҳам аз боғот пати ғарибӣ задагӣ барин мегузашт; ҳеҷ кас ягон вақт ӯро ин зайл шикастарӯҳ надида буд. Назари байтгӯ ба ӯ нигарист, то ба қасди ҷонаш чӣ фармояд. Рӯҳи Қӯрбошӣ мурғи ба об афтидаро монад, ки ба лаби об худро офтоб дода, пару бол фахха карда бошад ва гӯӣ касе ба он мурғ санг андохт, ки бол ғунча карда

ҷаҳид. Ҳамчунон Ҳомид дар рӯи зин як қад парид ва лаҷоми аспро кашид. Аз ду тараф кӯчабоғро бурида саворагон баромаданд.

— Йигитҳо! – овозаш аз ҳарос ларзида фарёд зад Ҳомид ва филфавр panҷтираро ба сӯи онҳо рост карда тир кушод.

Ҳар ду дастаро илоҷи ҳамла набуд, майдони танг имкон намедод, ки ҷавлон зананд. Аспҳо чунон ҷафс омада буданд, ки бузкашӣ мекарда бошанд. Ёрои дастёзӣ ва шамшерзанӣ набуд. Аспҳое, ки саворашон лаҷом гардонда буданд, аз деворҳои гашта ва рахнаҳо ба боғҳо даромаданд. Дар боғҳо аскарони пиёда зиёд буданд ва йигитҳои аз рахнаҳо гузаштаи Ҳомид лаҷоми аспҳо нагардонда ба ҳалқа афтиданд.

*«Вақти зарурат чу намонад гурез,*
*Даст бигирад сари шамшери тез».* -

боз хонд он ҷавони байтгӯ. Ҳомидро чашм равшан гашта ялаққӣ сӯи ӯ нигарист. Баъд тири камон тамом шудагӣ барин шамшер болои сараш ҷавлон дод.

— О бачча, Яҳё Мирзош ҳамун каллакалонай? – онҳоро бозича пиндошта пурсид Ҳомид.

— Волло, ки донам, тақсир. Бошад, будагист, – ҷавоб дод нафаре, ки ба Ҳомид наздиктар буд ва аспашро баробари қӯрбошӣ маҳмез зад.

Ҳомид гумон дошт, ки бо як ҳамла сафи душманро дарида ба худ роҳ кушояд ва бо ҳамон қасде, ки дошт, роҳашро давом диҳад. Вале аз ҳамлаи ӯ марди байтгӯ ва ҳамроҳи паҳлӯи росташ яқин карданд, ки қӯрбошӣ ҳамон каллаи калони гуфтаашро дид карда равад. Аспи қӯрбошӣ пуршаст рафт, вале сафро дарида натавониста дар ҷояш монд. Садои тир, шамшерҳо, шиҳаи аспон, доду фарёди одамон боғотро кӯчонд.

Ҳомид то алвакт ба ягон дастаи пурзӯр ва ё лашкаре дучор наомада буд. Ба ҳар деҳоте, ки даромад, ба ӯ муқобилияти сахт накарданд. Аз ин рӯ, ҳаво гирифта буд ва мудом мисли Дон Кихот дар ҳаваси ягон занозании пурзӯре буд ва умед дошт, ки алҳақ, дар муҳорибаҳои шадид ҳам чирадастӣ кунад.

Муқобилати имрӯза аввалин зиддиятест, ки бо дастаи Ҳомид-қӯрбошӣ рух дод. Ӯ чун ҳамеша корро саҳл гирифт. Ва аз ҳамлаи аввал пай бурд, ки ба дами табар пахта бастагӣ барин. Бо тамоми нерӯ ва дилу гурдае, ки дошт, шамшер зад. Ва надонист, ки киро мезанаду ба ӯ кӣ ҳамла мекунад. Бехуду бехудо гашта, девонасурат шамшер меронд, навбате ба ҳаво мерафт, навбате бар асп ва ё саворе бармехӯрд... Чароғпоя шудани аспон, саропо рафтани ҷонварҳо, аз каллаи аспҳо паридани йигитҳо, дар кӯҳаи зин ҷон додани ҳамроҳон ва як пой дар рикоб сар ба замин задан, кашола рафтани касони нимбисмилро дида, авзояш дигар шуд. Гӯё шамшере гӯши рости ӯро лесида гузашта, каме ӯро ба худ овард.

Чунин саҳлу осон, чунин шикаст хӯрданро дид магар, ки «чу, ҷонвар, чу!» хитоб кард. Сарбозони зиндамондаи даста илоҷе карда, аз овардгоҳ сари аспон ба қафо гардонданд. Ва Ҳомид аз нав бо ҳамон шасте, ки мехост сафро дарида гузарад, аспро маҳмез зад. Аспи овозадори ӯ чароғпоя шуда, бо дастон аспҳои садди роҳашро ба ду тараф ҷудо карда, шайтонсурат аз байни онҳо гузашта, сӯи Амондара тохт. Вале асп ҳар қадар соҳибашро баланд гирифта гурехта бошад ҳам, шамшере ба китфи чапи ӯ расида, остини ҷома бо пӯсти даст виреҷ карда фаровард. Ва Ҳомид дар гармии кор ин зарбро пай набурда, зуд лаҷоми аспро ба буни хонае гардонд ва ба сӯи кӯҳ гурехт. Аскарони сурх аз паси ӯ таъқиб карданд, вале аспи Ҳомид аз чашми онҳо ғайб зад.

Омадану рафтанаш ҳамин буд.

Баъди ин аз ҷониби Амондара ва Дупула мисли мӯру малах аскар омад. Аскарҳои асосӣ. Онҳое, ки бо дастаи Ҳомид муқобилат карданд, пайгирҳо (кашшоф) буданд. Деҳаи Ёрӣ ба воҳима афтод ва ба кӯҳ кӯчид: мардум молу ҳол ва чизу чорашонро бурданд. Тангӣ ва сои калони Ёрӣ ба намоишгоҳе бадал шуда буд. Бӯғчаю гаҳвора, ҷуволҳои ғаллаю кӯзаю ишкамбаҳои равған, кӯрпаю гилем ва ҳар буду шуд дар буни харсангҳо, камар, зери дарахтон ҷо карданд. Гӯсфандҳои парворӣ, ки аз охурҳо кушода оварда буданд, аз фарбеҳӣ фарозу баландиҳоро баромада натавониста, дилак мезаданд. Гиряи тифлон, нолаи модарон, дашноми писарбаччаҳо ва дӯғу пӯписаи онҳо шунида мешуд, вале пирамардон абрӯ чин карда, аз дил чӣ гапҳоеро мегузаронданд, зери лаб ғур-ғур мекарданд, дилашон заъф мезад, чиҳое, ки мехостанд, аммо ноилоҷ буданашонро дониста, бо мушту ангушт зери чашмро пок мекарданд. Лекин ба касе вонамуд намекарданд, ки гиря доранд; ҳамин тавр кӯфти роҳ ва ташвишҳоро аз худ дур мекунанд. Ба назар ин пирамардон бори дигар ҷавон шудан хоҳанд, то қасос гиранд, вале чун дарк кунанд, ки ин хаёли ботил аст, чашм ба писару наберaҳо дӯзанд. Онҳо надонанд, ки аз кӣ гурезанд ва барои чӣ ҳар касе ва ҳар лашкаре, ки ба ин диёр дохил шавад, нохондаҳоро безобита кунанд ки ана-ана кадоме ба онҳо тохт оварад ва дар ҳамин ҳо ҳам тифлон мисли чӯҷаҳо ба фиғон оянд...

Дастае, ки аввалин бор чӣ будани ҷангро ба Ҳомид-кӯрбошӣ нишон дод, аз гурехтани кӯрбошӣ алағда шуда, ба тороҷ даромад. Ин даста нияти тороҷгарӣ надошт. Фақат хост барои он ки Мири бегуноҳро, ки чандин бор бо онҳо дучор омада маслиҳатҳо гирифта буд, дар ин диёр пеши чашмашон куштаанду эшон аз тарс мулӯҳ мондаанд, нишон диҳанд ва огаҳ кунанд, ки бо тоифаи duздоне, ки ба ин хок пой мегузоранд, набояд муросо кард. Онҳо ба хонаковак даромаданд, мисли роҳзанони бесар хонаҳоро такурӯ карданд.

Вале ғанимат ба аспҳо бор накарда, лашкари асосӣ даррасид. «Тороҷгарон» дасту по хӯрданд.

— Ин чӣ намға, Яҳё Мирзо?– ба забони шикастаи тоҷикӣ пурсид саркардаи лашкари аввал омада, марди тоторе.

— Нағма не, рафиқ Раҳматулин, барои ҳушёр кардани чашми мардум.

— Дигар роҳ набуд?... Шумо ҳушёр намекунед, балки нафрати онҳоро ба аскаронн сурх барангезед. Онҳоро ноумед кунед... Ё шумо ҳам кирми дарахт барин...

— Рафиқ Раҳматулин, бовар кунед, ки мо ҳеҷ гоҳ ин чизҳоро ба уловҳо намебастем.

— Бовар кунем?

— Бовар кунед.

— Хайр, бо дастаи Ҳомид чӣ кардед?

— Гурехт, рафиқ Раҳматулин.

— Шумо бо тороҷгарӣ машғул шавед, албатта мегурезад.

— Рафиқ комиссар...

— Хайрият, ки одамони худатон нагурехтаанд...

— Рафиқ комиссар, бовар кунед, мана аскарҳо, мо бо маслиҳат ин корро кардем, ки халқ ҳушёр шавад

— Халқро ин зайл ба худ намегардонанд... Босмачӣ «барои мири Масчоҳ андоз надодед» гуфта тороҷ кунад, лекин шумо барои кӣ? Агар шумо дар ин ҷо фарқ мекардед, кор ранги дигар мегирифт. Нее, рафиқ Яҳё...– каме ба рӯи зин ковок шуда, гуфт комиссар. – Хайр, давомаш?

— Давом надорад, рафиқ комиссар. Онҳое, ки халос хӯрданд, нокиройӣ буданд: ҳафт-ҳашт нафар.

— Ҳафт-ҳашт нафар… Ҳомид худаш чанд нафар? Инро медонед? – комиссар ба саволаш ҷавоб нагирифта худ ҷавоб гардонд. – Ӯ як даста, як лашкар, як армия. Гумон накардед, ки ӯ ба Масчоҳ рафта боз лашкар ғун орад.

— Ӯ дигар Масчоҳ наравад, рафиқ комиссар. Ӯ худро ҳокими мутлақи водии Зарафшон эълон кардааст. Мири Мастчоҳ Аҳмадҷон дар ғазаб аст...

— Тем более... Мустақил бошад, хавфаш зиёдтар..

Аскарони сурх ба деҳаи Ёрӣ намонда, бозгашт карданд.

Амондарагиҳо бозгашти онҳоро дониста, дар лаби сой дегҳоро қатор шинонданд ва фармуда, говҳоро бори дигар дӯшида, ҳар қадаре, ки шир буд ба дегҳо андохта ҷӯшонданд. Вақте ки аскарони сурх ба деҳа дохил шуданд, нону намак пеш оварданд ва баъд як коса шир ва як нони гарм ба ҳар аскар пешкаш карданд. Аскарон рӯи аспҳо нону ширро хӯрданд. Пас амондарагиҳо лаҷоми аспҳои онҳоро гирифта хоҳиш карданд, ки меҳмон шаванд. Чун

рӯз бегоҳ мешуд ва онҳо то Панҷакат расида наметавонистанд, хоҳиши онҳоро рад накарданд.

Аспҳоро ба саисхонаю гирди яккамеххо ҷо карданд ва аскаронро ба меҳмонхонаҳо тақсим. Зиёфат, ба қавли мардуми диёр, ҷигарӣ шуд.

## 17

Шаҳидонро «чил» доданд.

Дар ин муддат Ҳафиз дар ҷустуҷӯи Шаҳбону қаландар буд. Ӯ тамоми водиро гашт. Дар ҳар ҷо аз ин боб лаб кушод, нишонаҳои ӯро гуфт, дарак андохт, вале аз касе дарак нашунид. Ба деха баргашт. Ба рӯи ӯ ранги ғарибӣ ва пати мусофирӣ зада буд. Чунин намуд, ки дар ин муддат ӯ ҳаргиз дами гарм начашидааст; пӯст ба устухонаш часпида, рухсораҳо барҷаста ва чашмҳо фурӯ рафта буданд, бо вуҷуди он дар симои ӯ осори ҷавонӣ, дар чашмонаш умеди зиндагӣ боқӣ буд. Чашмонаш аз қаъри бахри пуртуғёни зиндагӣ чизеро меҷустанд. Дербоз дар ҷустуҷӯянд. Хаста шудаанду умедканда. Ҳафиз на танҳо як худ хафа буд, балки падару модарро ҳам гӯрбагӯр карда буд. Ӯ иштиҳобанд гашта ҳамаро парешон карда буд. Модари зор зориҳо дошт, ки ӯ чизе бихӯрад, вале аз гулӯи ӯ чизе намегузашт. Модар ба шир гули орд зада пеши писар овард ва хоҳиш кард, ки бо зӯрӣ биошомад. Ҳафиз як чумча ба даҳон андохта, гумон кард, ки атола ба лабу кому вораҳояш часпид. Бинобар он ба модар нигоҳ карда, сар ҷунбонд.

— Не нагӯ, биошом, писарам, биошом, мадори дил мешавад, – хоҳиш кард модар.

— «Не», – боз сар ҷунбонда фаҳмонд, ки хӯрда натавонад.

— Не нагӯ, ба зӯрӣ хӯр, – модар ва косаро наздик оварда, ҳамчуноне ки ба кӯдакони навгулахӯр шир медода бошанд, як чумча атоларо ба даҳонаш бурд.

— Аз гулӯям намегузарад, оча, – дилашро чизе фишор дод, абрӯвон чин бар чин кард ӯ.

— Баччаҷон, бе ин ҳам худам ба ҷое расидаам, азоб нате, – косаро каме пас кашида изҳор кард модар.

Ҳафиз косаро ба даст гирифт. Баъд ба модар нигоҳ кард. Модар барои он ки шасти ӯро нагардонад, ҷуссаи фарбеҳу пурраашро бардошта хест ва берун баромад. Ҳафиз мисли бистариён косаро дошта натавонист: дастонаш ларзида коса афтид ва атола ба рӯи дастархон рехт. Ҳафиз барои он ки модараш наранҷад, дароз кашид ва лаб ба атолаи рӯи дастархон гузошта чашм пӯшид ва аз бемадорӣ маҳин-маҳин фурӯ кашид. Ӯ бо зӯрӣ атоларо аз рӯи дастархон даркашид. Дигар натавонист, мондаро ба коса ҳам

бардошта натавониста, лаби дастархонро гардонд. Бо кафи даст лабони атолаолудро пок карда, паҳлӯ гашт ва дароз кашид.

Чанд фурсат гузашту модар даромад ва аҳвол чунон дида, чизе нагуфт ва дастархонро ғундошт. Гӯё то ин вақт чӣ гуфтанро фикр карда бошад, паст-паст ба гап даромад:

— Зинда монданат ба ман давлати калон, бачем... Сар бошад, тоқӣ ёфт мешавад, бачем, худатро адо накун…

Гап хуш наомад, ки паҳлӯ гашт. Модар рамуз гирифта, берун баромад.

Ҳафиз дергоҳ фикру хаёл кард, баъд атола ба ҷисму ҷонаш форид, ки хобаш бурд. Чунон хоб кард, ки субҳи дигар бедор шуд. Чашм кушода, аввал худро шинохт; зуд-зуд мижа зада, ба вассаю болорҳои кӯҳнаю ошно нигарист, баъд ҳис кард, ки рӯҳаш тоза ва фикраш кушода шудааст. Ӯ боз дуру дароз ба болорҳо нигарист. Пеши назараш омад, ки дар ҳар вассаю болор сурати зебои Шаҳбону акс ёфтаст ва ҳамчунон ҳалиму меҳрубон ба ӯ менигарад. Дергоҳ ноҷунбон аз сақфи хона чашм наканда нигарон истод, то бо ҳаракати ноҷо ӯро гум накунад. Фикри тозаи ӯ фиребаш надод. Ӯ яқин донист, ки ин Шаҳбону нест, шабаҳи назарфиреб аст… Баъди ҷустуҷӯҳо мурдаю зиндаи ӯро наёфт. Чунин лаҳзаи гуворо, вале фиребоṛо ғанимат донист. Хост табассумҳои ӯро ба такрор бинад, ақаллан ягон ишора ва ҳаракати ӯро пай барад, ки ба зинда буданаш умед бандад. Пеши чашмонаш шаклҳо гуногун буданд. Ҳалқачаҳо, ҳубобчаҳо ва қуббаччаҳо, ки парвоз карда, аз як кодок бз кодоки дигар мегузаштанд, ҳар кадом сурати Шаҳбонуро доштанд. Шаҳбону лак андар лак сурат шуда, ба сӯи Ҳафиз табассум мекард. Ҳафиз аз ин кори ӯ ҳайрон монда, ба ӯ суолҳо дод: «Чаро бихандӣ? Ҷонатро халос кардӣ, акнун ба ҳоли ман механдӣ, а?.. Механдӣ, ки ман барои ту месӯзам... Нагӯӣ ҳам медонам, ки барои чӣ механдӣ: мо кӯдак, ҳеҷ чизро намефаҳмем... Шаҳбону, зиндагӣ пуршӯр будааст, пуртуғён будааст... Саҳл монда буд, ки гирдбоди зиндагӣ маро ҳам ба ҳалқаи худ печонад. Қариб пайи ту шуда будам, ман инро мехостам, Шаҳбону, лекин куҷо рафтанамро надонистам. Надонистам, ки ба зери хок равам ё ба зери об. Шаҳбону, ту намедонӣ, ки падарам барои мо шуда қариб қурбон гашта буд. Худо ӯро нигаҳ дошт. Агар он вақт медидӣ, ки ману ӯ ба чӣ аҳвол афтода будем. Падар маро «халос мекунам» гуфта... намегӯям, Шаҳбону, туро хафа кардан намехоҳам. Шояд фаҳмида бошӣ, ақаллан хоб дидагистӣ. Ҳамин хел не? Ҷавоб намедиҳӣ. Мо аллакай бегона шудаем. Ба рӯи бегонагон ин қадар намеханданд, Шаҳбону. Маълум, ки ту маро фаромӯш накардаӣ. Хандаат мисли хандаҳои пешин: ширин, дилфиреб ва ҳоло ҳам як лаби дандони чап ба рӯи ашки чапат савор. Мезебад. Шаҳбону, ту гумон накун, ки ман зиндаю саломат гаштааму ғами туро на-

меҳӯрам.. Нее, Шаҳбону, ту ҷонатро халос кардӣ, вале пои ман дар гил фурӯтар рафт...» Дар берун гуфтугӯи ду мард хаёли ӯро пароканд ва шабаҳҳо байни вассаҳои кодокҳо ҷо шуданд. Ҳафиз дар дил онҳоро дашном дод ва пас аз чанд лаҳза сар бардошта гӯш андохт. Овози касони шинос ба гӯшаш хӯрд:

— Мегӯм, замона дигар шудаст, ки давлатмандон ба дари бечорагон меоянд?

— Хато мекунӣ, ман ҳеҷ гоҳ туро бечора нагуфта будам. Бечора мегуфтам, туро паст мезадам, ба писарат духтар намедодам.

— Дидем духтар доданатро, ҳама диданд...

— Гӯсола чаппа омада буд, дигар илоҷамон намонда буд.Ту ин хел чизҳоро аз ман хубтар медонӣ.

— Ман чиро медонам, Забурбек, ман фақат тахмин мекунам.

— Мон ин гапҳоро, ба дил нагир, кирои тую ман кардан не. Ҷояш ояд, ман барои ту месӯзаму ту барои ман. Пои тобути маро ту мегирӣ ва пои тобути туро ман.

— Ин чизро пеш андеша кардан лозим буд, Забурбек.

— Андеша кардам, ҳамин тавр кардан лозим буд, вагарна хоки ҳамаамонро мебехт...

— Хайр, мақсад чӣ? Омадӣ, ки ҷиҳози маро гардонда диҳӣ? Чаро вақте ки ба хаёли худат буҷулат асп хеста буд, ҳамин корро кардан нахостӣ? Мункир шудӣ, ки ман ба ту ҷиҳоз надодаам?

— Ту гапро намефаҳмӣ, Абдулазиз. Ман ҷиҳозгардонӣ наомадаам. Ман омадам, ки... Худат медонӣ, ки ҷои накофта намонд. Шаҳбонуро наёфтам. Коре кунем, ки девор дарун афтад...

— Чӣ хел девор?

— Ман гумон мекунам, ки Шаҳбону худро ба Зарафшон задааст, барои ҳамин дар ягон ҷо нест...

Ҳафиз андаруни хона як қад парид. Гӯшҳояш қуфл заданд Ва дар ин миён онҳо чиҳо гуфтанд, ӯ нашунид. Бархоста ба назди дарича омад ва гӯш андохт, ки Забур ҳамин замон дараки куҷо шудани Шаҳбонуро гӯяд. Гӯшбақимор шуд, вале Забур гапро аз дигар тараф сар кард:

— Абдулазиз, тақдир ҳамин будааст. Ман мехоҳам, ки писарат фотиҳагардон нашавад. Аз Шаҳбону дигар умед надорам. Ман ба ҷои ӯ духтарамро ба писарат медиҳам...

— Ту маро ғар гумон кардӣ? Гумон кардӣ, ки дигар касе ба баччаҳои ман духтар намедиҳад? Ҳафиз, худоро шукр, кар не, кӯр не, чор дасту пои солим дорад. Ту одам мебудӣ, дил медоштӣ, мефаҳмидӣ, ки гап дар чист. Ҳеҷ кас ба ту нафармуда буд ва ё маслиҳат надода буд, ки духтаратро бадном карда акнун ба бозор андозӣ...

— Чӣ мегӯӣ, занғар?! Ман духтарамро ба бозор андохтам? Ба ту, муттаҳам, дилам сӯхта, маслиҳат кардам, аблаҳ! Дар ҳар тори

мӯи духтарам сад ҷавон овезон. Ту чӣ гумон кардӣ? Гумон кардӣ, ки дунё бо ҳамин тамом шуд? Ҳукм ба дасти касу нокас гузашт?

— Не, ин хел гумон накардаам... Гумон надорам, ки замоне ҳукм ба дасти касон гузашта бошад, ҳукм ҳама вақт ба дасти нокасон аст... Барои ҳамин, пояи дарахтро баландтар карда маро овез.

— Хайр... Агар ту ҳаминро хоҳӣ...

Баҳс тамом шуд. Ҳафиз дарк кард, ки дар берун оромӣ ва хомӯшӣ шуд. Дарро оҳиста кушода баромад. Як назар дид, ки як сари хам аз дарвоза баромада рафт.

Ҳафиз зери айвон истода куҷо рафтани падарро нигарон истод, пас ду чашмаш роҳ дидагӣ барин ба болохонаи меҳмонсаройи Қозикалон дӯхта шуд. Ӯ дергоҳ нигарон монд ва баъд бори дигар тамоми воқеаҳои онрӯзаро пеши назар овард ва ба сараш зад, ки илоҷи корро аз падар пурсад. Ба умеде, ки бисёр тахминҳояш рост баромадаанд ва шояд, ки боз тахмине кунад, бо ӯ машварат оростанро авло донист. Ӯ ба ошхона гузашт. Падар набуд. Модар омадани ӯро дида, бо нӯги остини курта ашки чашмонашро пок кард.

— Додом куҷо шуданд, оча? – гиряи модарро надида ангошта пурсид Ҳафиз. — Нав ин ҷо буданд. Нестанд.

— Шояд коҳдон даромада бошанд, – гуфт ӯ ва дар дил ҳазор шукр кард, ки писар ба по шудааст.

Ҳафиз аз дари ошхона баромаду падар аз коҳдон. Онҳо гӯё ки солҳои сол ҳамдигарро надида бошанд, ба пешвози якдигар омаданд.

— Сиҳат шудӣ, бачем?

— Худоро шукр, додо, – ҷавоб дод Ҳафиз ва ба рӯи ӯ нигарон истод.

— Ягон чиз пурсиданӣ будӣ, бачем? – ҳолати ӯро пай бурда. пурсид падар.

«— Ҳа» – сар ҷунбонд Ҳафиз ва баъд изҳори матлаб кард:– Шумо медонед, додо...

— Чиро, бачем?

— Медонед, ки ӯ куҷо шудааст, чаро намегӯед?

— Кӣ?

— Шаҳбону.

— Агар медонистам, худам рафта меовардам, бачем…

Азиз Тахмин хеле хаёл кард ва пас аз муддатҳо саволомез ба писар рӯ овард:

— Рост мегӯӣ, ту ӯро кофтӣ?

— Кофтам, додо...

Падар нахост, ки бори дигар ранги паридаи рӯи писарро бинад; рӯй тофта чанд қадам аз ӯ дур шуда, каме истод ва баъд ба

ошхона даромад. Пай бурд, ки дарди писар сахт аст, илоҷе пайдо карданӣ шуда, барои маслиҳат назди зан даромад. Ҳафиз ранҷид, ки падар дар чунин ҳолат ба ӯ маслиҳате надод. Ӯ бемадор лаби марзаи айвон нишаст ва сархам ба сукут рафт. Хаёлаш ба ҳар ҷо рафта, авзоъ дигар мешуд. Андарунаш ғалаёну ғавғо мешуд ва ӯ хаёлан бадонр нобуд месохт бо камони душоха… Баъд хаёли ӯро овози падар парешон кард:

— Медонӣ-чӣ, бачем? Пагоҳӣ Забур омада буд...

Ҳафиз, гӯё гапи падар нашунида бошад, сар набардошт.

Падар боз диққати ӯро ҷалб карданӣ шуда, фармуд:

— Забур омада буд, бачем... Вай як гап зад, ба ту, намедонам, чӣ хел фаҳмонам... Мегӯяд, ки Шаҳбону гум шуда рафту ба ҷояш, барои фотиҳагардон нашудан духтари худамро медиҳам..

Ҳафиз дигар тоқат карда натавониста ҷаҳида хест ва сӯи дарвоза нигоҳ карда, ҳар қадаре, ки қувва дошт, давид...

— Ман «не» гуфтам, бачем, ман «не» гуфтам! – гуноҳашро хариданӣ шуда, аз паси ӯ тохт падар. Ва ӯро дар паси дарвоза дарёфта, илтиҷою зорӣ карда боз ба ҳавлӣ даровард.

— Бачем, ту ягон ҷо нарафта, ба модарат ҳамроҳӣ бикун, ман худам ба ҷустуҷӯяш меравам... Даро, ба хона даро, бачем...

## 18

Азиз Тахмин пас аз се рӯз баргашт. Ӯ зиёда аз чаҳор чақрим рохро тай карда то дехаи обдонҳои номӣ – Хӯҷапанҷ рафта, марди амаддору обдонеро киро карда омад, вале ба касе ин сирро нагуфта ба ҳоли худ шуд. Дуздида-дуздида ба писар нигарист, ки дар ин чанд рӯз ба чӣ ранг гашта бошад. Ба назараш, ӯ каме ҷон гирифтааст, вале ранги рӯяш ҳамон зайл – заъфаронӣ. Ӯ сар андохт. Ба писар чизе гуфта натавонист.

Ҳафиз низ дуздида ба ӯ нигарист. Хост напурсида, падар ягон хабар гӯяд, вале Азиз Тахмин гӯё ки ба мотам нишаста бошад, аз даҳонаш гап набаромад. Лаб хоид; пирона, ки дандон ба парсин нагузашта бошад, дуру дароз хоид. Аз чунин рафтори ӯ Ҳафиз пиндошт, ки мурдани Шаҳбонуро дарак ёфтааст, вале нагӯяд. Ӯ тарсида нагӯяд, то писари аз сад бало раҳида ба балое гирифтор нашавад. Ба ин ният Ҳафиз рамуз гирифтанӣ шуда, рӯ ба падар овард;

— Додо, чаро... барои чӣ..

— Ҳеҷ гап не, бачем. Ман обдон таъин кардам, фардо меояд.

Ҳафиз ба ҷои он ки як қад парида пушт равад, ба падар наздиктар шуд ва сар ҷунбонда пурсид:

— Чӣ хел, ӯ мурдааст?

— Не бачем, ба ҳар эҳтимол...

— Не, додо... ӯ мурдааст, вале шумо руст мекунед. – Гиря гулӯгираш кард ва дигар пурсуҷӯ накарда, сар ба сари дили падар монда, гирист.

— Чаро гиря мекунӣ? Мардон набояд гиря нд. – Сари ӯро сила карда гуфт падар.

— Додо, ин чиз мардию... номардӣ надорад, – ҳиқ-ҳиқ гирист Ҳафиз.

Азиз Тахмин ба гапи писараш ҷавоб нагуфта, сару гардан, тахтапушт ва нармаи гӯшҳои ӯро молида, бо навозиш ором карданӣ шуд. Дам ба дам дилаш мехост, ки сари ӯро сахттар ба банди дил пахш кунад, вале худдорӣ мекард. Дар ҳамин ҳолат ҳам писарро сахт мегирифт ва намехост, ки аз ҳад зиёд аз худ равад. Ҳуқуқи падариро аз навозишҳои модарӣ фарқ кунондан мехост. Вале дили ӯ бар хилофи ирода ӯро такон медод, ки сари писар сахттар пахш карда, меҳри падариро ба ӯ фаҳмонад... Баръакси ҳол Ҳафиз аз ҳаячону даву тоз номураттаб тапидани садои дили падарро шунид. Лаҳзае дам ба дарун гирифта, гӯш андохт ва дар тӯли нуздаҳ сол аввалин бор зарабони дилро шунид. Тапидани дили падар ба хотири ӯ садои гашти санги осиёбро овард, ки як вақтҳо ҳамроҳи падар осиёбонӣ карда, шабҳо нимхобу нимбедор чунин садоҳоро шунида буд. Ва онро беҳтарин садои зиндагӣ медонист, ки мисли аллаҳои модар касро навозиш карда хобонад, вале тапидани дили падар ӯро ба изтироб андохт. Ӯ боз сар ба банди дили падар ҷафстар кард.

Модар аз дари хона берун шуда, падару писарро дар чунин ҳолат дида, тоб наоварда хориаш омад ва баргашта даромад.

Азиз Тахмин сари писарро байни дастон гирифта, аз сари дил каме дур кард ва пеши чашмонаш дошта, ба сару рӯи ӯ нигарист ва баъд аз ду китфаш дошта ларзонд:

— Бачем, худатро бой надеҳ. Пагоҳ ё фардо ҷустуҷӯ мекунем. Агар обдон наёбад, маълум мешавад, ки зинда аст... Зинда бошаду туро дӯст дорад, ба ҳар роҳ ёфта мегирад. Вагарна ҳозир даву тоз як пул. Худатро эҳтиёт кун, бачем...

❁ ❁ ❁

Рӯзи дигар Азиз Тахмин қад-қади обрави деҳа нишеб шуда, санглохро гузашта, бо роҳи калон сӯи Дупула рафт. Ҳафиз ҳам аз паси ӯ кашола шуд. Ва мардуми деҳ, ки гап-гапи обдон овардани онҳоро шунида буданд, ягон-ягон дилсӯзон, ҳангомаҷӯёну тамошохоҳон сӯи Зарафшон шуданд. Азиз Тахмин аз пагоҳ то нисфи рӯз лаби камар нишаста, пайдо шудани обдонро нигарон истод. Гашти рӯз дар тангнои пасттари Дупула амаде намоён гашт. Бар

он марде савор буд. Азиз Тахмин аз баландӣ нигоҳ карда, кӣ будани амадчиро шинохт ва даст гардонда, фарёд зад:

— Эшон, эшон!– Ӯ бо чунин рафтор фаҳмондан хост, ки ӯро хуб интизор шудааст ва инак аз ӯ ягон хабар шунидан хоҳад.

Эшон аз паст ба ӯ даст афшонд. Амади ӯ мисли пири барҷомонда хаёле ҷунбида пеш меомад. Азиз Тахмин арақи пешонӣ пок карда ва каме қомат хамонда, даст болои чашм лапар карда нигарист ва сабру тоқат аз даст дода боз фарёд зад;

— Нишоне ҳаст?!

— Ааҳ?! – дар садои об чизеро нашунида, пурсид, то ӯ чӣ гӯяд?

— Наёфтӣ?! – ба ишораи даст боз пурсид Азиз Тахмин.

«— Не-не!» – боз ба ишораи дасту сар ҷавоб гардонд амадчӣ.

Ҳафиз, ки то ин вақт бо умед қатори падар гашта, сад бор зиёд аз ӯ азоб мекашид ва ҳар лаҳза дилаш танг гашта, дарун-дарун месӯхт, сахт умедашро канд. Ҳарчанд имрӯз аз андоза зиёд гарм буд ва пеши назари ӯ падар шашқатор арақ карда буд, бадани ӯ як арақи сард баровард ва баъд аз насими рӯд хунук хӯрда танаш фарошо гирифт. Чанд бор ларзид, вале сир бой надод. Паҳлӯи падар истода ба боло рафтани амади обдон нигоҳ мекард. Азиз Тахмин ҳар гоҳ баргашта ба писар менигарист, ки дар ҳолатҳо чӣ ранг гирад. Чанд рӯз аст, ки дар ҳолатҳои гуногун ранги рӯи писар падарро тарсонад; зеро парида ва заҳир тобад. Аз ин нигоҳ падар тарсид; дид, ки писар ларзад. Аз дасташ дошта андаке қафо кашид: «Қафотар ист, бачем, оби равон чашми касро барад». Ва баъд оҳиста-оҳиста ба суръати амади ӯ гӯё ба муқобили ҷараён рафтанд. Аз интизории зиёд дили Азиз Тахмин ба танг омад; «Эшон!» гӯён садо дардод ва даст гардонд, то боло равад. Ва худ аз дасти писар гирифта, ба сари Дупула рафт.

Дар сари Дупула одамони шиносу ношиноси зиёде фаро омада буданд. Роҳгузарон ба чӣ маънӣ будани ин ҷамъомадро донистанӣ шуда меистоданд ва пурсуҷӯ карда, анҷоми воқеаро нигарон мешуданд. Аз деҳа ҳам одами зиёд омада буд. Баччагони кунҷкоб ин «ҳангома» шунида, чу селоб сӯи Дупула рехтанд. Онҳо тохтаву пешгузарак омаданд. Чун ба сари пул расида ҳоли парешони Ҳафиз ва қиёфаи ноҷӯри Азиз Тахминро диданд, якбора дамбадарун шуданд. Пас бехи ғӯтҳо ва лаби камарҳо ҷо гирифта, интизори хабари обдон гаштанд.

Амадчӣ мисли сагобӣ, ки дар хушкӣ гардад, ҷунбида-ҷунбида то зери пули чӯбӣ рафт ва аз шахи «ҷазирача» тоб хӯрда, бо рафти ҷараён зери пули хиштӣ омад. Ӯ амадро дар хушкии лаби рӯд монда, яктаки сафедашро кашид, куртаашро ҳам. Пас эзори алочаро нифа зада ва почаҳои онро то рон бар зада, панҷа ба об тар карда, ба соиду бозувон ва сари китфҳо молида, пой даруни

об ниҳод. Сипас зери лаб ояте хонда, даст ба рӯй кашид ва хештан бар об андохт. Ба ҷои ӯ ҳубобчаҳое рӯи об баромаданд ва худи ӯ даруни об гум шуд. Чунон дер рафт, ки ҳама гумон карданд, ғарқ шуд ва дигар ҳеҷ гоҳ рӯи об набарояд. Умед канданд. Роҳгузарҳо дер шуд гуфта, рафтанд. Ҳафиз лаҳза ба лаҳза ба падар менигарист, ки обдон низ нобуд шуд. Вале падар, ки муддатҳои зиёд зери об гаштани ин авлодро медонист, ба бозомаданаш умед баста, писар ором мекард: «Парешон нашав, бачем, Эшони обдон меояд». Яке об лаппида, поёнтар аз амад тани бараҳнае рӯи об баромад. Ӯ оби сару рӯй бо кафи даст виречид ва зонувон ба ҳам ҷафс карда, сӯи онҳо нигариста, сар ҷунбонда ва дастонашро ба ду тараф боз карда, фаҳмонд, ки муроде ҳосил нашуд. Вале ҳама, гӯӣ ки ишораи ӯ бовар накарда, сукут варзиданд. Марди обдони монда ва хаставу лакот гашта ноҳол рӯи амад нишаст, то дам гирад. Каме нишаст, баъд ба тахтапушт дароз кашид. Одамони умедканда ягон-ягон мерафтанд. Вале Азиз Тахмин нигарон буд, ки ӯ барояд, то барои кулфати додааш узру маънӣ бикунад. Пас аз фурсатҳо амадчӣ сар бардошта нишаст ва чашм давонда дид, ки одамон рафтаанд. Фақат Азиз Тахмин ва чанд нафари дигар умед накандаанд. Пас ӯ каме сар хам карда, дуру дароз ба гирдоби поёни пул чашм дӯхт. Об гирд мегашту гирд ва баъзан мисли як гулдон чуқурчае пайдо шуда ва зуд гум мешуд ва боз ба назар об ҳамвор шуда мерафт: «Даҳана». Ба сараш зад. Марди обдон дида ба канораҳои сангӣ ва камари рӯдбор давонд. Нигоҳашро паст бурду боло овард. Яке ба назараш расид, ки чизе мисли сори сиёҳ боре рӯи об баромаду боз фурӯ рафт. Дигар нанамуд. «Ба чашмаш намуд». Худро тасалло дод. Нигоҳ ба дигар тараф давонд; сӯи Азиз Тахмин нигашт, вале тоқат накарда боз ба камар нигарист, дуру дароз нигарист. Боз ба чашмаш намуд, ки об як пораи каманди сиёҳро болою поён мекунад. Ӯ бархоста либосашро пӯшидан гирифт ва ҳар либосеро, ки пӯшид, ба сӯи он чизе, ки ба назараш намуд, менигарист. Яктакашро ҳам пӯшид; баъд амад ба об сар дода, аз таваккул сӯи камар ронд. Амад ба камар наздик омад. Ва ӯ андаруни оби лоҷувардӣ як даста сунбули сиёҳро дид, ки гоҳ болои об барояду гоҳе фурӯ равад. Чизи дигаре намоён набуд. Вай чанг андохта кашид. Ба дасташ як қабза мӯй омад. Ҳайрон шуд ва амадро ба канораи сангӣ ҷафс карда, хуб зеҳн монд ва амадашро гардонда, ба соҳиле, ки Азиз Тахмин ва чанд одами навомада меистоданд, равон шуд. Ӯ ба соҳил нарасида мардум ба пешвозаш фаромада буданд. Ба рӯи ӯ сурхӣ дамида буд. Ҳамин ки лаби амад ба соҳил расид, ӯ пой ба хушкӣ ниҳода қабзаи мӯйро ба Азиз Тахмин нишон дод.

— Рост? Аз ростӣ? – хурсандӣ карданӣ шуд Азиз Тахмин чу ақлбохта, вале дар паҳлӯ писарро дида авзояш дигаргун гашт.

Ҳафиз қабзаи мӯйро аз дасти мардак гирифта дергоҳ нигарист. Атрофиён гумон карданд, ки ӯ тамошо дорад, яке диданд, ки ҷавон ба қабза нигоҳ карда, гиряд. Ӯ овоз бароварда натавонист. Вале дарун-дарун мегирист. Ҳамин вақт касе якбора асп монда, аз назди онҳо дур шуда, сӯи деҳа рафт ва оби чашми Ҳафиз хушк нашуда баргашта омад.

— Хабар додам, ба тағояш хабар додам!– аз асп нафаромада гуфт ӯ.

— Туро кӣ оқсақол кард, ки ба тағои ӯ хабар диҳӣ? – дод зад Азиз Тахмин.

— Чӣ хел оқсақол? – ҳайрон шуда пурсид ҷавон ва ба суханаш ҷавоб нагирифта, чанд савори дигар аз пас расида омаданд. Байни онҳо Забур ҳам буд.

Ҳафиз қабзаи мӯйро рӯи дастон дошта, як баданаш ларзид ва фарёд зад:

— Не, ин мӯи ӯ нест!.. Мӯи ӯ сиёҳ буд!..

— Хап ист, бачем, мӯи мурда ҳамин хел мешавад, – наздик шуда ба гӯши писар хонд падар.

— Маро фиреб надиҳед, додо, ӯ намурдааст!.. Ӯ набояд мурад!

— Рост, гапат рост, бачем, ӯ намурдааст, – маънии гапи писарро сарфаҳм рафт падар.

Амадчӣ дид, ки рӯз рафтан дорад, ба мардум муроҷиат кард:

— Соҳиби мурда кист?

Забур лом нагуфт. Азиз Тахмин барои он ки писари нокомаш ба балое гирифтор нагардад, худдорӣ кард.

— Ман вақт надорам, роҳам дур, соҳиби мурда кист?–боз пурсид марди обдон.

— Мо,– базӯр овоз баровард Забур.

— Бародар, шумо, ки соҳиб бошед, шарташ ҳамин: як гов, панҷ гӯсфанд, панчсад пул. Розӣ бошед, мурдаро барорам...

— Кӣ зулм кардааст, ки барои як мурда ин қадар хароҷот кунем?

— Ихтиёр шуморост, – гуфта амадчӣ амад баргардонда ба об андохт.

Азиз Тахмин назди писари Замонбой рафта хоҳиш кард, ки аспи сиёҳмушкинро ба ӯ диҳад. Писари Замонбой Даврон аз асп фаромада аспро ба ӯ супурд. Азиз Тахмин тангу пуштанги аспро канда, пуштлуч кард ва худ ҷуз эзор ҳама либос кашида лаҷоми аспро сӯи рӯд гардонд. Аз болотари лаби рӯд аспро ба об андохт ва бо равиши он инони аспро суст кард. Асп то гӯш ба об фурӯ рафт. Аз нав дар сари камару ҷар одамон чиғ шуданд.

Дили Ҳафиз ба тахтапушт ва ҳам ба сари синааш сахт-сахт мезад. Ӯ меларзид, «як бор халос хӯрд, ин дафъа чӣ мешуда бошад» – аз дил мегузаронд ӯ.

Азиз Тахмин аз гирдоб гузашта, ба камар наздик шуданӣ буд. Асп саркашӣ кард. Мардак аз рафтори асп хавферо пай бурд, ки арақи сард баровард ва лаҷоми онро сахттар ба тарафи камар тофт. Асп яке даҳан кушода аз об берун ҷастан хост, натавонист. Ба об фурӯ рафт ва зуд рӯи об баромад. Аз боло фарёд мезаданд. Азиз Тахмин гумон кард, ки ба гӯши асп об даромад; кори асп шуд. Инак навбати ӯст. Ҷонвар чизеро пай бурда ба камар наздик шуд ва пойҳо ба рӯи санге қарор гирифта, бозистод. Азиз Тахмин мӯи сиёҳи даруни обро дид. Ӯ хам шуда «Бисмиллоҳи раҳмони раҳим» хонда, ба қадди мӯй даст бурд, дасташ ба чизи нарме расид. Пас ӯ аз мӯй дошта кашид, дастаи мӯй канда шуда ба дасташ омад. Қабзаи мӯйро рӯи ёли асп монда аз нав даст андохт ва яқин кард, ки он ҷо ҷасад дар мондааст. То тавонист даст дароз кард ва даст аз таги шиками мурда андохта бардошт. Ҷасад рӯи об баромад. Камарчаи курта ба як чукка андармон шуда, ҳоло ҳам медошт. Азиз Тахмин аз камарча дошта онро аз санг раҳо кард ва дид, ки мурда бараҳна аст, либосҳояш пӯсида ва об бурдааст. Танҳо ҳамон камарчаи сахт боқӣ мондааст. Азиз Тахмин аз камарча дошта сари аспро гардонд ва ба мардум ишора кард, ки аз сари камару бора гурезанд, дур шаванд. Баъд ӯ сари аспро бар муқобили ҷараён тофт. Асп гардан ёзонда ва гӯшҳо аз об эҳтиёт карда, бо зӯрӣ обро чок карда, пеш рафт. Мурда мисоли моҳии азиме дар паҳлӯи асп кашола мерафт. Азиз Тахмин парешон буд, ки камарчаи гардани ӯ канда нашавад. Ӯ мурдаро ба соҳили муқобил баровард. Ва фарёд зад, ки ягон чиз партоянд, то ҷасадро печонад. Ҳафиз мисли барраи навзод, ки ба оби сард афтода бошад, дир-дир меларзид, пули хиштиро гузашта, ҷомаашро кашида, ба падарш партофт. Аз ин кор Забур ор карда, асп монда аз пайи Ҳафиз ба он тараф гузашт ва шолчаи болои зини аспашро гирифта ба пас ҳаво дод.

Азиз Тахмин шолчаро гирифтан нахост, вале дид, ки ҷомаи писар ҷасад напечонд, аз зарурат бо шолча ӯро печонд ва ҷомаи Ҳафизро пушти асп андохта, хам шуд, ки мурдаро бардорад. Ӯ зӯр зада онро бардошта пушти асп гузошт ва худ боэҳтиёт савор шуда, инон ба чап тофт. Асп обзада шуда ва ё бӯи шунида, хӯсид; пои гашт боздошт. Баъд чун савор бо ду зону паҳлӯҳои онро фишурда, ҷилав зад, худро ба об андохт ва ин дафъа асп чандон азоб накашида бо ёрии об зуд ба он соҳил гузашт. Боз мардум ҷамъ шуда буданд. Азиз Тахмин аз об баромад, вале аспро надошта ва ҳатто тангу пуштанги аспро ҳам накашида ва аз соҳибаш напурсида рост ба сӯи деҳа ронд.

Гоҳ ки ба миёндаштӣ расиданд, офтоб мисли чашми хунгирифта аз канори охирини уфуқ нигоҳ мекард. Вай тамошо мекард, ки мардум як мурдаи бесоҳиброа баранд ва касе аз паси он нолаю

шеван накунад. Гӯё ин хоб аст, ки Азиз Тахмин дар пушти аспи луч савор шуда, касеро бо худ барад. Ва пагоҳ рӯз шаваду мардум таъбири хоб бигӯянд: «аспи луч – тобут».

Онҳо ба деҳа дохил шуданд. Офтоб ҳам фурӯ рафт. Забур ба ӯ расида пурсид: «Мурдаро куҷо барӣ?» Азиз Тахмин ҷавоб дод: «Мурда мурдаи ӯ нест!»

Пас Забур пеш гузашта аз лаҷоми аспи ӯ дошт.

— Кордор нашав! – фармуд Азиз Тахмин.

— Чӣ хел кордор нашавам? Ман маҳрам ё ту?

— Ба назарам худат дидӣ, ки ту маҳрам ё ман?.. Ман тӯй карда натавонистам, мон, ки мурдаашро обрӯ кунам...

Забур мумсик, гӯӣ чунин хоҳишро нигарон бошад, баҳсро кашол надода, сари асп сӯи ҳавлиаш гардонд...

## 19

Деҳаро фарёду шевани зане аз хоб бедор кард. Ба фиғону нолаи зан як овози норасои писарбаччае хамроҳ шуд, ба дили мардуми хоболуд раҳму шафқат гуфтанӣ чизро ҷо кард. Ин нола аз поёни деҳа сар шуд ва то мардум аз хоб хестанд, ки то миёнаи деҳа омад. Ҳанӯз субҳ рӯшноӣ накарда буд. Ва навҳагарон ҳам надонистанд, ки шаб то куҷо расида. Мардуми деҳа ёфт шудани мурдаро донистанд, вале дар ин ғояти шаб, ин қадар бармаҳал овоз баровардани касеро ёд надоранд.

«Хоҳарам, хоҳарам, садбарги серобам, хоҳарам!...

Хоҳарам, во хоҳарам, номуродам, хоҳарам!!!»

Баробари занак нолаи ҷонхарош баровард писарбаччае. Деҳотиён аз ин овоз кӣ будани навҳагаронро шинохтанд: муайян карданд, ки ин овози Маҳбонуст. Ин овозҳо то ҳавлии Азиз Тахмин омаданд ва он ҷо овозҳои зиёде ҷӯр шуданд. Садоҳои зиёди мардону занон баромад, ки ҳар кадом дарди худро гуфта дил холӣ кардан мехост. Овозбарорӣ новақт сар шуд. Гӯяндаҳо як гапро такрор ба такрор гуфтанд... Ниҳоят як лаби осмони машриқ сафедӣ кард. Мардум Маҳбонуро парешонмӯй ва харошидарӯй диданд. Вале Шаҳбонуро касе надид. Фақат мурдашӯйҳо ӯро дида аз сару рӯи варамидааш нашинохтанд, ки ӯ кист. Шаҳбону аст ва ё Қурбонбибӣ. Ба ҳар ҳол ғуслаш доштанд, кафанаш пӯшонданд, баъд ба тобут андохта бурданд.

Занҳои деҳа боре дар мурдаи пири деҳа Калонхон ниҳоят сахт ҷаҳр андохта, садр рафта буданд. Имрӯз ҳам ҳамон чизро такрор карданд. Давра гирифтанд, ду зани гӯянда байни давра даромада рӯёрӯ истода ба гуфтор омаданд: «Бо-бо-калон-ҷо-нама но-машон, ҳэ!» ҳиҷоҳоро кашол дода ва пири деҳаро ёд оварда гуфтанд онҳо ва дастҳо сари сина зада, ҷой иваз мекарданд гӯяндаҳо ва

даврагирифтагон «Ҳа-ҳуууй, ҳа…ҳе!» гуфта муштҳо ба банди дил мезаданд ва баробар ним қадам ба паҳлу ниҳода садр мерафтанд. Ва ин давра соатҳои зиёд давом мекард, то даме ки монда шаванд; мегуфтанду муштҳо ба банди дил мезаданд:

*Ҳомид бирезонд хуни Мир,*
*То ки шавад шоҳу амир,*
*Неъмат, Қурбону Замон,*
*Якмарг аз тири камон.*
*Ҳа-ҳуууй-ҳа…ҳэ!*

*Офтобхони бенишон*
*Рафта зи пушти аскарон,*
*Ҷонаш ба азроил супурд,*
*Хуни бародар дар даҳон.*
*Ҳа-ҳуууй-ҳа…ҳэ!*

Мардони деҳа мурдаро хок карда омаданд, вале касе надонист, ки он ҷасад мурдаи кӣ буд…

***Соли 1974***

# САБО

***Ӯ ду афсона медонист. Яке бофтаи худаш, ки касе аз он огаҳ набуд. Ва дигаре афсонае, ки бобо ҳикоят карда буд. Баъд на ин монду на он. Сухан аз ин боб аст.***

*Чингиз Айтматов («Киштии сафед»)*

## 1

Назири сиёҳ баъди як соли фавти занаш ба маркази ноҳия кӯчид. Милиса шуд. Милиса шудан баҳона буд. Аслан барои занак шуда рафт. Вале ин тарафи кор барои дигарон торик. Ӯ – милиса.

Дар он солҳо милиса шудан дар байни омиён номи баланд, бообрӯ, боэътибор ва аз ҳама зиёд номи басиёсате ва босалобате буд. Ва ин кору ин ном барои Назири сиёҳ барин марди даҳонкалону забондароз ва шукӯҳманду савлатдор мувофиқ афтод. Ӯ аз маркази шаҳр Мастураро зан гирифт ва саройбон ҳам шуд. Сарой барои оилаи ӯ ҳам хона ва ҳам ҷои кор буд. Вале ҳар ду кори кардаи ӯ барои духтараш Сабо маъқул наафтод. Сарой барои он маъқул набуд, ки одами бисёр омада мерафт. Ва баъди рафтани бозоракиҳо рӯбучини таги пои хару аспҳо ва бардоштану бурда партофтани пору ба зиммаи духтарак афтод. Ва боз барои он, ки мардони даҳонбефаровез харҳоро «ҳар-ҳар» бозӣ доронда, ҳар хел гапҳои беҷо мегуфтанд. Зан гирифтани падараш барои он писанд наомад, ки чӣ кас будани модарандарро аз афсонаи модаркалон хуб медонист: «Моиндар духтарандарро ба ҷӯгӣ фурӯхт». «Моиндар писарандарро ошиқ шуд». «Моиндар ба гӯши духтар симоб рехта кушт»... Аз ин рӯ, духтандар аз рӯзи азал нисбат ба модарандар дар дил як кина дошт. Сабо ин афсонаро хуб дар ёд дорад, вале ба ягон кас даҳон намекушояд, то падари меҳрубон фаҳмида хафа нашавад. Вале ягон вақт шароит даст диҳад, ба худи падараш мегӯяд. Сабо ҳар вақт ба худ мегӯяд, ки аз модаркалонаш ҳамин кадар мерос мондааст, агар ӯ зинда мебуд, барои Сабо чӣ хуб буд: ба деҳа баргашта ҳамроҳаш зиндагӣ мекард. Биму ҳарос надошт ва ҳатто хаёли аз чашми мардум дур буданро ҳам намекард. Балки падар ҳам дар пеши назараш дигар намешуд: Назири сиёҳ дар умраш акнун зан дидагӣ барин ё зани мувофиқи табъаш ёфтагӣ барин ҳар чӣ ӯ гӯяд ва ҳар коре кунад, маъқул медонист. Ин зайл занмиҷозу занкалон шудани як марди ғаюр алам ва нафрати Сабоbooро овард. Пургӯии занак, берӯии ӯ,

беандешагӣ ва носипос буданаш ҷони Саборо ба лаб овард. Зани шаттоҳ милисаро ҳам муттаҳам кунад, гуфтанд. Ӯ шунид ва ҳар гоҳ афсона ёд оварда дилашро сабук мекард. «Аз моиндар ҷои гила не» дил тасалло медод. Дашном паси сар мекард ва шаллоқ ҳам. Ба падараш гап намезад, то хафа нашавад ва медонист, ки милиса занашро нағз мебинад ва гап суде надорад. «Муросо кунед, миёни дӯсту душман» мегуфт. Дили Сабо аз падараш низ монд. Вале чун падар ба аскарӣ гирифтанд, гуморид ҳама чизро гум кард. Инак барои худ роҳ ҷуст ва фикр карду пиндошт, ки ягона каси наздик модарандар бояд шавад. Занак саройбон шуд ва омаду рафти одамон ба сари зании ӯ вазнинӣ кард. Рӯз то рӯз модарандар дигаргуна мешуд ва дам ба дам алағда мегашт. Вале Сабо сабаби алағдагии ӯро намедонист ва пай намебурд. Ба ҳар ҳол «хафа нашавед, оча, додом баргашта меояд» гуфта занакро тасалло додан мехост. Аммо гапи ӯ ба гӯши занак чун садои хомӯшак ғашовар мерасид. Сабо бисёр мехост, ки моиндар ба суханони ӯ меҳрубонӣ кунад, вале баръакси кор мешуд. Сабо дарёфт, ки занак ӯро бад бинад. Дар ин ҷо буданашро нахоҳад. Вале сабаби асосиро намефаҳмид: намефаҳмид, ки зани падари ӯ аз шавҳари якум ранҷидааст ва марди дуюм ӯро ноумед кард. Фишори зиндагӣ ва боз ба болояш ду баччаи шавҳари дуюм ӯро ба танг хоҳад овард. Ва аз ҳама нохубаш духтари калон будани Сабо, ки шояд ба баъзе кирду корҳои рӯзгору одамӣ ақлаш давад. Шояд ба шину хези Мастура халал расонад. Ва шояд, ки Мастура бо мардон кушоду равшан гап задан хоҳаду аз Сабо бим кунад. Ба ҳар навъе алағдагиашро худаш донаду бас. Ӯ аввал ба Сабо ҷигот гиронд, баъд талху пичинг гуфт, таъна зад ва сонӣ ба шаттаю шаллоқ гузашт. Сабо тоқат мекард, хориаш омада дар буни девор навҳагарӣ мекард. «Додоҷон-додоҷон, биё, ки хорам кардӣ, биё, ки зорам кардӣ!» дилоб мешуд. Билохир тоқат накард. Дили оби ӯро чизе бардошта наметавонист. Чанд бор даҳан пур кард, ки афсонаи модаркалонашро ба модарандар гӯяд, вале худдорӣ кард. «Падарам баргардад, ҳикоят мекунам» гуфт. Баъд то карахш бастан захми рӯи биниаш сабр кард. Карахшро канд, вале паяш монд. Пайи кабудча.

Ҳамаи ин як тараф: Сабо гумон кунад, ки ягон чизи азизаш дар хонаашон мондааст. Чиз не, касе: падараш ҷанг меравам, гуфта онҳоро фирефта ба деҳа баргаштааст. Модараш низ онҳоро фиреб кардааст. Ӯ намурдааст, шӯхӣ карда, онҳоро фиреб додааст. Ҳар дуяшон баччаҳоро фиреб дода дар деҳа хушу хурсандона зиндагӣ доранду кӯдакҳо дар азоб. Гумоне, қиссаи «Модарандар»-ро намедонанд. Ана акнун ӯ рафта афсонаи модаркалонро ба онҳо ҳикоят мекунад. Сабо аз дасти модарандар нагурезад, балки ба хонаи худашон, назди падару модараш равад. Ҳамин хел хаёл карда, ҳамин хел ба кадом ояндаи дурахшон умед баста равад ӯ.

Ҳамроҳи бозоракиҳо равад. Аниқтараш, ҳамроҳи Наврӯзбибӣ, ки баъзе анҷомҳои рӯзгорро ба бозор бурда, фурӯхта, ба ивазаш рӯзии кӯдаконро муҳайё месохт ва мушкили чанд занаки бемардинаро низ осон мекард Наврӯзбибӣ савор ва Сабо пиёда се фарсанг роҳро тай карданд, вале дар ин тӯли роҳ Сабо аз оҳанги баргаштанаш ба занак лаб накушод. Ӯ аз пои хар намонам, гуфта гоҳ медавид ва гоҳе қадам мезад. Наврӯзбибӣ низ ба хаёли худ банд буд. Кадом кораш буд нашудагӣ барин зуъм карда мерафт ва ҳар гоҳ ки ғазабаш боло гирифт, «шартӣ» ба гардани хар халачӯб мезад: ҳам худ, ҳам маркаб ва ҳам Саборо ҳушёр карда мемонд. Вале хар ӯро аёл донista, нописандона гаштро суст мекард, занак пурғазаб шуда бар фарқи сари хар мезад. Хари аз зарбҳои зиёди халачӯб «обсар» шуда баробари боло шудани халачӯб, сар хамида ва қариб фӯк ба замин расонда, чашм нимпӯш, гӯё дар хоктӯда ғел задан хоҳад, дар ҷои худ ҷувозак мегашт. Вале Сабо аз ин «консерт» чизе намефаҳмид, сабаби ғазаби занакро намедонист, аммо ҳолату «рақс»-и маркабро медид. Гумон мекард, ки ҳамин хел бояд шавад.

— Ту худат куҷо рафта истодаӣ, Сабо? – тамоми гапи раҳо-раҳ ғун кардаашро чу захр пошид занак, ки гӯӣ дар роҳи тӯлонӣ духтаракро ҳоло дида бошад.

— Ба куҷо мешуд? Ба деҳа! – худро гум накарда ҷавоб дод Сабо, ки нафасаш якка шуда буд.

— Медонам, ба деҳа, лекин ба хонаи кӣ?

— Ба хонаи кӣ мешуд? Ба хонаи худамон!

— Чӣ, хонаи шумо ҳоло ҳам дар он ҷо?

— Магар шумо ягон бор аз назди он нагузаштаед? Хонаи мо дар рӯ ба рӯи осиёб...

— Не, ман дар ин солҳои наздик ба осиёб нарафтаам... Медонам, ки баъди кӯчида рафтани шумо он ҷо духтурзанак Зоя мешишт...

— Зоя мешишт, вале ӯ ҳам ба ҷанг рафт...

Наврӯзбибӣ сари харро ба тангкӯча гардонд ва ба Сабо «хайр» гуфту рафт. Сабо аз ӯ ҷудо шуда сӯи ҳавлиашон роҳсипар шуд. Ӯ аз занак хафа шуд, ки ақаллан «ба хонаи мо биё» нагуфт, чунки сабабашро намефаҳмид. Дарвозаашон қуфл ва ҳавлӣ хомӯш буд. Ва аз рӯ ба рӯ садои оби шовахонаи осиёб меомад. Об сап-сафед ҷорӣ буд, вале чарх ва санги осиёб хоби хирсона доштанд.

Сабо калид надошт, то қуфли дарвозаро кушода дарояд, аз сари девор гузашт ва баъди андаке фурсат ва мулоҳиза дарк кард, ки ҳавлӣ мисли мазор сокит аст. Ӯ дар ҳамин ҳавлӣ таваллуд ёфта, калон шудааст, вале бори аввал онро ба ин ранг ваҳмангез мебинад. Сабо худро дар ин ҳавлӣ соҳиби мутлақ не, балки ғариб ва танҳои зор дарёфт. Аз саҳни сӯхтаю бегиёҳи ҳавлӣ ба айвон баромад. Дилаш танги танг шуд. Хеле ҳайратзада истод, магар

барои худ манзили хуб меҷуст, ки дари ошхонаро кушод. Чизе аз гулӯяш гирифт, ки пас-пас рафт. Пеши чашмони аз бемадорӣ ва ваҳму ҳарос сиёҳизадааш сурате монанд ба модарандар аз ошхона баромада, аз гулӯяш сахт гирифт, то хафа карда кушад. Беихтиёр бо панҷа гулӯяшро дошт. Аз айвон фаромад ва то таги дарвозахона тохт. Боз дарвозаро қуфл дида, ҳаросид. Аз садои ба дарвоза бархӯрдани кафи дасташ ба худ омада пай бурд, ки ҳамаи ин фиреби хаёл аст. Аз чоки гиребони куртаи карбос барои рафъи ҳарос ба сари синааш туф-туф кард.

Сабо рӯи боми оғил баромад. Ба ҳавлии ҳамсоягон нигарист. Ягон чиз диққаташро набурд. Ҳама чиз ба назараш бетафриқа, якранг ва якнавохт намуд. Вале вақте ки пиразани нотавону долсуратро дид, ки муштаке бар дӯш аз осиёб баромад, чашму ҳушаш ба ӯ равона шуд. Пеши назараш нодории одамон, замони қаҳтӣ ҷилва кард. Ӯ боз марди пурраро дид, ки бо маркабаш ҷуволи гандум ба осиёб биовард. Инаш алам ва нафрати ӯро ангехт. Турфа касон, ки аз нодорон дошта пинҳон карда хӯранд. Ин мард ҳам гузашт. Пиразан ва мардак аз пеши назари духтарак мисли солҳои каҳтӣ ва монанди солҳои серию пуррӣ даргузатанд.

Чизи дигаре диққати ӯро ҷалб кард: ҳо-о он мард, ки тори харсанги танаи адир нишаста, ба духтар менигарад. Духтарак хаёл дорад, ки ӯро мепояд: «Ӯ маро дузд гумон кунад...»

Духтарак беихтиёр рӯи бом нишаст. Пойҳо зери худ ҷамъ кард ва зонувон бо домони курта пӯшида, чашм аз марди сари санг намеканд. Ба назараш мардак нафас накашида менишаст, гӯё болои санг санг бастааст. Ӯ доман аз рӯи пой бардошта, ба зону нишаст ва гардан ёзонд, то ӯро хубтар бинад. Нашуд. Бархост. Рӯи нӯкчӯбӣ омад. Боз ба он тараф нигарист ва онро ноҷунбон дида рӯяш нишаст. Пойҳояшро овезон кард. Шикам бар нӯкчӯбӣ партофт. Бо ду даст аз нӯкчӯбӣ дошта кашола шуд ва боре ба таг нигариста маймунвор худро ба замин партофт. Баъди ин сари девор ва нӯкчӯбӣ барои Сабо роҳ шуд.

Сабо ба хулосае омад, ки шояд дар рӯи санги азим одам не, балки уқобе нишаста, то мореро хӯрад. На, ноҷунбон. «Ба ту чӣ бадӣ кард, ки ин қадар меҳаросӣ?» ба худ савол кард Сабо ва пас-пас рафта пушти дарвозахона гузашт. Ва худ ба худ он касро фиребхӯрда пиндошта хандида ба тангкӯча даромад. Сангҳои сиёҳи девори дарози тангкӯчаро даст-даст карда рафтан гирифт. Аз пеш кампири Ойша баромад.

— Уҳӯ, духтари кӣ мешавӣ? – чашмонашро танг карда ва зеҳн монда пурсид пиразан.

— Духтари Иззат! – номи модарашро гуфт духтарак.

— Э-э, ту Сабо ҳастӣ?

— Ҳа.

— Э, ту калон шудаӣ, нашинохтам. Духтари худамро нишинохтам-а...

Гапи кампири Ойша дар даҳонаш, Сабо аз назди ӯ дур шуд. Сабо медонист, ки то бегоҳ истад, гапи ин кампири дароз тамом намешавад. Барои ҳамин зудтар аз ӯ халос шудан хост. Бинии дароз, рӯи хароб, абрӯвони ба болои чашмони фурӯрафта лапаршудаи кампирак дили каси ношиносро ваҳм меовард. Вале кӯдакон намедонанд, ки кампири Ойша ба ҳамаи онҳо ҳаққе дорад: ҳаққи момодоягӣ ва қариб ҳаққи модарӣ.

— Сабо, ту надонӣ, ман момодояат будам! – аз паси духтарак хитоб кард пиразан. Вале Сабо нашунида ангошта рафт. «Рафт, ки ту барин қоки мурданӣ нашудам» аз дил гузаронд.

Мазмун, Сабо ягон бор худро дар оина надида буд, вагарна пиразанро «қоки мурданӣ» намегуфт. Худи Сабо ҳам хушк – пӯсту устухон, хароб. Қомати навча дорад. Ангуштонаш ҳам чилбуғум барин. Биниаш теғдор, гӯшаш калон, даҳонаш ҳам калон, вале баръакси даҳонаш, дандонҳои сафед-сафеди резаи якқолаба дорад, ки мояндар «мордандон» гуфта таъна ҳам мекард. Дар ҳақиқат кучое аз узвҳои сару рӯяш ба мор монанд. Кас онро пай мебарад, вале аниқ гуфта наметавонад, ки чашмаш, биниаш, рӯяш, гардани хароби дарозаш ва ё каллаи хурдаш? Шояд каллаи хурдаш бошад, ки дар зери мӯи даққиаш наменамояд. Ё шояд беқарории духтарак ӯро ҳамин зайл нишон диҳад.

Сабо рафт-рафту ба пиразан не, балки аз сари девори боғи Раҷаб баргашта, ба ҳайкали болои санг нигарист. Нест. Аз афташ, омадани кампири Оишаро мепоидааст. Духтарак, ки дилаш аз ӯ ҳаросида буд, ба бари адир, гирду атрофи харсанг, болотари осиёб нигоҳ карда ӯро надид ва тозон ба ақиб гашта аз хамгашт тангкӯчаро ва баъд аз роғи дарвоза ҳавлиро аз назар гузаронд.

— Эй Эсабо! – овози аҷибе омад.

Сабо як қад парида ба он сӯ нигашт. Касеро надид, вале донист, ки овози кампири Оиша.

Духтарак ӯро дида ғазаб кард, ки чаро номи ӯро вайрон гирифта ва масхара карда «Эсабо» мегӯяд. Кампирак ҳам аз кори ӯ хафа шуда сахт гуфт:

— Як реза ҷон дорию гапро гӯш накарда меравӣ?!

— Чаро номи одамро вайрон мегиред?

— Ман момодояат...

— Момодоям шумо будаед, ки сияҳбахт шудам...

— Сияҳбахттар шав!... – ғазаболуд ва аламзада гуфт пиразан. – Қариб ба тамоми кӯдакони синну соли ту момо будам, вале ту баринашро надидаам.

— Ҳазор раҳмат гӯям, аз шумо халос мехӯрам?

— Раҳмати ту ба ман чӣ лозим? Ман баробари модарат ба ту ҳаққу ҳуқуқ дорам.

— Ҳаққу ҳуқуқ доред... Ҳоло ки ман дарбадарам, чаро зери қанот намегиред?

— Одамвор гап зан, ки ман туро ҳимо шавам.

— Ҳа, як модарам шумо ва яки дигар Мастура... Ба бинии ман нигаред!.. Чашматон намегузарад?

— Мегузарад... Ту духтари шӯх, гумонам, ки ба нӯги биниат ранг молидаӣ, – ба нӯги бинии ӯ даст расонида гуфт пиразан. – Набераи ман, духтари ман шуда намепурсӣ, ки аҳволат чун аст, аз писаронат хату хабар ҳаст ё не?...

— Падари ман ҳам дар ҷанг, ягон кас аҳволи маро намепурсад. Вақте ки маро намепурсанд, ман ҳам намепурсам...

— Напурсӣ, напурс...

— Он мардак ҳар рӯз сари санг мешинад? – гап дигар кард Сабо.

— Кадом мардак? Кадом сари санг?

— Мардаки ҳо-о он сари санги адир?

— Ҳа, вай – Табар. Кишти дашту адирҳоро бонӣ мекунад.

— Туф-туф, – ба сари дилаш туф кард духтарак. – Ман гумон кардам, кадом дузд ҳаст, ки маро пояд.

— Хавф накаш, вай марди занмурда аст, ҷои зисташ дашту саҳро. Ҳамту бошад ҳам, одами хуб.

— Агар шумо момои ман бошед, ба ман фотиҳа диҳед, ки мӯҳтоҷ ва дастнигари касе нашавам, – боз ба дигар тараф рафт ӯ.

— Магар ту ба ягон сафари дур меравӣ?

— Хо, момо, ба сафари дури бебозгашт...

— Гапҳои туро намефаҳмам...

— Мефаҳмед, ман барои худ бахт меҷӯям... ё... Кошкӣ писар мебудам, ки ҷанг мерафтам...

— Хайр, илоҳӣ, дар ду олам рӯи хорию зориро набинӣ, – ба роҳ даромадани ӯро дида даст ба дуо бардошт пиразан.

— Акнун бовар мекунам, ки шумо момодояи ман, ҳазор раҳмат, – гуфта духтарак зуд ба тангкӯча даромад.

— Ҳӯй, ҳу! Куҷо меравӣ?!

— Меравам, момо, меравам, – гуфта Сабо аз чашми пиразан ғайб зад.

«Инро бинеде, як реза ҷонаш дар танаш намеғунҷад» аз паси ӯ нигарон монд пиразан.

## 2

Сабо роҳро гум кард. Аз як тангкӯча ба дигаре гузашт. Ба ҳавлиҳои бекас, ба боғхонаҳо даромада баромад: дар ягон ҷо нагунҷид ва пай бурд, ки бо чунин роҳ ба мақсад намерасад. Худ ба худ хаёл кард, ки дар ягон дил ҷой гирифта наметавонад: беҳтараш, одамгурез шавад, то касе ӯро набинад. Агар рӯ ба рӯяш касе пайдо

гардад, ё паси дарвозае ҷо мешуд ва ё пушти деворе мегузашт. Чун офтоб аз чашми ӯ ғоиб шуда рӯи деҳаро як пардаи нимҳол фаро гирифт ва чодари нилуии осмон сиёҳтоб шуд, дили ӯро воҳима паҳш мекард. Мурғи тухмқавакарда барин ҷой мекофт...

Ӯ чапғалат зада бо тангкӯчаҳои дигар ба ҳавлӣ омад. То дами дарвоза расид, вале ҷуръати даромадан накарда баргашт. Ба дарвозаи ҳамсоя омада даричаи онро нимроғ кушода нигарист. Соҳибаи хона аз дег чизеро ба табақ мебардошт. Занак табақи чӯбро бардошта, бурда назди шавҳар гузошт. Мардак ба табақ чумча андохта кофт ва он ҷо чизи дилхоҳ наёфт, ки чумчаро ба лаби табақ партофт. Садои чумча иштиҳои Саборо овард. Ӯ лаб лесид. Боз даричаро калонтар кушод. Аз пас шарфаи пое баромад ва Сабо худро даруни дарвоза гирифт. Даричаро пӯшида, пушт бар он такя гузошт. Вале чашм аз соҳибаи хона наканд.

Шарфаи пой ба дарвоза наздик шуд. Сабо ҳаросида тахтапушт аз дарвоза баргирифт, то раҳгузар озод гузашта равад. Шарфаи пой гузаро шуд. Сабо оҳи сабук кашид. Вале ба назараш бадани лоғари ӯ вазнин шуд. Сабо, ки ҷои рафти муайяне надошт, пушт ба девор соида оҳиста-оҳиста сӯи саисхона рафт. Ногоҳ пояш ба мундаи холии бехи девор расид ва он ғелида ба сутун бархӯрд.

«Ҳӯ, кадомӣ?» аз зери айвон фарёд зад соҳибаи хона.

Сабо ҳаросида сурати девор шуд. Гумон кард, ки ҳозир омада ӯро дастгир мекунанд. Сӯи дарвоза нигарист, то гурезад. Вале нигарон истод, ки соҳибон боз чӣ нидое мекунанд. Паҳлӯтар рафта дар охури гов ҷо шуд. Баъд аз он ҷо чашм сӯи айвон дӯхт:

«— Хайр, чӣ кор кунам? Ба ғайр аз пиёзоба чизи дигар намешуд!» – қаҳру арози шавҳарро дида гуфт занак.

«— Ёфтӣ пиёзоба, ёфтӣ пиёзоба, даруни маро равған гирифтааст?» – ғазаб кард мардак.

«— Чӣ, овардию ман накардам? Аз рӯи будаш!».

«— Бардор, ғундор, намехӯрам!» – лаби дастархонро ба шаст чаппа гардонд мардак.

«— Нахӯрӣ, нахӯр! Ман гӯшти ронама бурида ба дег намеандозам, ки ту хӯрӣ... Додом селпо не, ки...».

Занак ба ошхона даромад.

Чашмони Сабо сари охур милт-милт мекард. Ӯ луоби даҳонашро базӯр фурӯ мебурд.

Сабо ин мардакро медонист. Пеш аз ҷанг ягон хӯроки пухтаи занаш ба вай нафорад, аз лаби табақ гирифта ҳаво медод ва зуъм карда шаби дароз гушна мехобид. Вале ҳоло андак аз ҷаҳл фаромада, лаби дастархонро чаппа карду монд.

Сабо то ин дам, шояд аз кӯфти роҳ бошад, гуруснагиро ҳис накарда буд. Вале ҳоло заъфи меъда рафъ карда наметавонист. Аммо пуршаст бархеста сӯи дарвоза омадани мардак заъфи ӯро бартараф кард. Дасту пои духтарак ба ларза даромад. «Маро

дида ояд» аз дил гузаронд ӯ ва нафаси дароз кашида, шуш пур аз ҳаво карда, тайёр шуда истод, то баробари наздик шудани мардак фарёд занад.

Мардак назди дарвоза истода рӯй сӯи духтарак гардонд. Сабо даст ба даҳон бурда пахш кард, ки дод назанад. Чашмонашро нимкоф кард: мабод, ки мисли чашми гурба барқ зада сирри ӯро фош кунад...

Мардак ғур-ғуркунон чизе гуфт. Даричаро сахт пӯшид ва сӯи духтарак қадам зад. Сабо дам ба дарун гирифт. Садои тапиши дилаш ба саисхона паҳн шуд. Ӯ нафас ба дарун гирифта тапиши дилашро боздоштанӣ шуд, вале натавонист. Мардак сурфид. Сурфаи ӯ садои дук-дуки дили ӯро пахш кард. «А-а-а?» дар дили духтарак ғулғула кард ин садо. Аммо ин ғулғуларо Сабо не, мардак боздошт: чизе ба хотираш омада бозистод ва баргашт. Даричаро кушода баромад. Ба занаш ситеза карда даричаро сахт пӯшид ва пушти девори саисхонаро қадам зада гузашт.

Сабо ҳар қадар ҳавое, ки дарун гирифта, дар шуш ва сари дил дошта меистод, берун пуф карда, оҳи сабук кашид. Баъд боҳаловат даруни охур дароз хобид. Андаке дуртар модагов ҳам хоб рафта фашшос зад. Духтарак парида хест. Сӯи айвон ва дарвоза нигоҳ кард. Кадбону аз рӯи сандалии дар гӯшаи рости айвон гузошта кӯрпа гирифта, ҷогаҳ андохт. Ӯ лаби ҷогаҳ нишаст. Шишт-шишту бархоста аз марза фаромада, ҷониби дарвоза омад. Даричаро кушода беруни дарвозаро хабар гирифт ва боз пӯшида ғур-ғуркунон ҷониби саисхона омад.

Духтарак даруни охур руст шуд. «Маро бинад, ҳеҷ гапе не, лекин аҷина гумон карда талхакаф нашавад» аз дил гузаронид ӯ ва худ ба худ гап задани занакро шунид: «Пеши киллааш рафт... Ҳамту, ки бошад, дигар набиё, рав, дафъ шуда рав! Вай, ки ширин бошад... Мур, мард нашуда мур, ки баҳона хӯрок шавад... Ҳамин худоноумедҳоро ба ҷанг мегирифтанд, ки чашмошон кушода мешуд...» Занак хам шуда аз паҳлӯи посутун як қабза алаф гирифта пеши гов партофт. Боз ғур-ғуркунон рафт. Ба назари Сабо ӯ сахт аламзада аст.

Модагов нозгунҷӣ кард ва вазни гаронашро бардошта хестан малол буд, ки наҷунбида фаш-фаш алафро хӯрдан гирифт...

Як пои Сабо ба чизи нарме расид. Дароз шуда хабар гирифт. Кӯҳнаполоне буд. Пеш кашида зери сар гузошт ва хоб рафт. Хобаш бурд... Бонги хурӯс ӯро бедор кард. Оҳиста сар бардошта ба айвон нигарист. Занак сар ба сари зону гузошта ва зонуҳояшро оғӯш карда менишаст. Духтарак ин ҳолати ӯро дида вақтро муайян карда натавонист. Осмон ҳам наменамуд, ки аз рӯи «Парвин» вақтро тахмин кунад. Дилаш заъф зада, сар ба дард омада буд.

Ҳама ҷо ором, хомӯш. Модагов ҳам алафро хӯрда тамом кардааст ва дароз-дароз нафас мегирад. Ва баъзан аламзадаҳо барин

оҳи сард мекашад. Ба назари Сабо, ки модагов ба ӯ ҳасратолуд ва меҳрубон нигоҳ мекунад. Ӯ пой аз охур кашол карда, фаромада назди гов рафтанӣ шуд. Хост қусури гуруснагӣ аз пистони гов барорад. Аз охур фаромад. Оҳиста-оҳиста назди гов рафт, то вай хӯсида, бонг зада, соҳибонашро хабардор накунад. Чун Сабо наздик омад, гов «ҳум-ҳум» карда аз ӯ чизеро дарталаб шуд. Духтарак зуд як қабза алаф гирифта наздаш андохт. Гов забон зада алафро фурӯ кашид. Вале Сабо ҳаросида ҷониби айвон нигарист. Занак сар аз сари зону бардошт ва боз баргузошта, хоб рафт. Пас, Сабо ҳама ҷоро ором дида паҳлӯи гов дароз кашид ва даст ба танаи вай расонда хорумол кард. Гов як майли хестан кард, вале боз хушаш наомад. Духтарак даст ба пистони гов бурда як-ду сардӯш кард. Баъд наздиктар лағҷида дораи онро ба даҳон гирифт. Ва саросема макид. Гов, аз афташ, даҳони бегона ва тарзи ноҷои макишро пай бурд, ки «ҳум» гуфта шох зад. Сабо зуд сар бардошта ба пас нигарист ва боз хам шуда дораи дигарро ҳам макид. Вале ду дораи дигар дар зери пистон монда буданд, ки даҳони Сабо ба онҳо намерасид. Ӯ сер шуд. Вале ҳавое, ки то ин дам дар меъдаи холиаш ҷо шуда буд, ғарора овард, дилаш беҷо шуд. Метарсид аз ғарора, то сирр фош накунад. Яке оруғ дода андаке дуруст шуд. Арақ кард. Шири гарм беморон барин лоҳазаш кард. Ба умеди рӯз оҳиста-оҳиста сӯи дарвоза рафт, даричаро бесадо кушода берун шуд. Бештар аз ҳама садои шовахонаи осиёб диққати ӯро ҷалб кард. Бегоҳ шова буд, ҳоло ҳам шова. «Наход ки осиёб бор надошта бошад?.. Вайрон будагист?» ба худ савол дод ӯ ва назди деворе омад, ки бегоҳ аз он ҷо ба ҳавлиашон даромада буд. Дасту пои ӯ меларзид. Ба назараш аз гирду атроф чашмҳои зиёде ба ӯ нигоҳ мекарданд: «Ана-ана, дузд ана» мегуфтанд. Ӯ даст боло карда, аз сари девор дошта гузаштанӣ буд, кафи пояш сих зада рафт ва дастонаш бемадор гаштанд. «Шири гарм маро лакот кард» бемадориашро чунин пиндошт ӯ, баъд буни девор нишаст, то ларзиши дасту пояш бозмонад. Дар ҳақиқат шири гарм ӯро лакот кард, хоб овард. Бархест, то илоҷе карда, худро аз девор дарун гирад. Боз ба девор рост шуд. Гӯё ин ҳама корҳо дар хоб бошанд, ин дафъа сабук ба девор часпида баромад ва ба ҳавлӣ гузашта базӯр то зери айвон рафт. Мастона, калавида-калавида рафт ва рӯи замини қоқ дароз кашид. Дароз кашиду хобаш бурд. Хоб дид: «Гови ҳамсоя ба ҳавлии онҳо даромада алафи юнучқаашонро хӯрд. Сабо ҷуръат накард, ки онро зада аз дарвоза барорад. Қарздор барин нигоҳ карда истод, ки хӯрад-хӯраду сер шуда баромада равад. Вале гӯсолаи он пеши назари ӯ шох бароварда ба сӯи Сабо ҳамлавар шуд ва миёни шоххояш гирифта ӯро ба девор пахш карда истод».

Ӯ ҳаросида бедор шуд. Баданаш вазнин буд, нафасаш мегашт. Парида хеста ба банди дилаш туф-туф кард ва гӯё косаи шир аз

дасташ меафтида бошад, бо эҳтиёт қадам монда сӯи дарвозахона рафт ва рӯи бом баромад. Хобаш парид. Сахт тарсид. Ҳай нишаст. Сапедае аз субҳ набуд. Садои оби шовахонаро боди сабо пасту баланд меовард...

Сабо ба понздаҳ қадам монда, чунин шабро бори аввал дид: шаб равшан, ҳаво соф, фазо пурситора. Моҳ дар миёнаи осмон, қади роҳи Каҳкашон пур аз коҳи пошхӯрда, деҳа ором, дар хоб, оби шовахона алла мегӯяд. Вале сари дили духтарак пур шуда омадааст. Кафам – кафам дорад...

## 3

«— Баччаи ман мурд, чаро ту намемурӣ?»

«— Очаи ман мурд, чаро ту намемурӣ?»

Сарманшаи модарандарро ёд овард Сабо ва кадом лаҳзаи ногувори рӯзгори модарандариро дар ин субҳи сабо пеши назар оварданӣ буд, ки ҳамсоя пешхезӣ карда, хотири ӯро пароканд:

«— Пеши киллаат рафтӣ, сер кард?»

«— Килла аз килла фарқ дорад, ту барин мулӯҳ не!» – садои мард омад ва ба сари занак ҳамла кард.

«— Худобехабар, мекушӣ-чӣ?! Куш, якбора куш, баъд рафта миёни чатани киллаат шин!».

«— Гап як бор мешавад, лаънатӣ! Як бор!»

...Сабо боз аз нӯкчӯбӣ ҳамоил шуда фаромад ва сӯи дарвозаи онҳо шитофт. Ӯ фаромӯш кард, ки аз чашми мардум худро дур доштанӣ буд. Аллакай дари дарвоза пур аз тамошобин. Сабо пинҳонӣ, ваҳму ҳаросро фаромӯш карда ба онҳо диққат дод, вале пеш нарафт.

«— Дар ин ҳавлӣ маймун наомадааст, равед!» - наъра зада дарвозаро пӯшид мардак. Вале одамон дур нашуда, дар тангкӯча истоданд ва байни худ гӯшакию фучукуч кардан гирифтанд. Сабо баргашта аз буни девор поид... Хеле поид. Ва чун субҳдам ҳамсояҳо аз назди дарвозаи Ёрбой дур шуданд, ӯ боз аз сари девор ба ҳавлиашон даромад. Дари хона қуфл буд, ошхона қуфл буд, дари анбори пушти ошхона ҳам қуфл буд. Дари оғил кушода ва ягона ҷое, ки бояд духтарак интихоб кунад, зери айвон ва ё дарвозахона буд. Ӯ аввал оғил даромад, як ҷуволи лах-лаха, як лаб намади коза ва як чакмани беостинро ёфта, бароварда рӯи саҳни ҳавлӣ афшонд ва зери айвон бурда ҷой ороcт, то қусури бехобии шабонаро бароварад. Чунон дуру дароз хоб рафт, ки пеш аз шом бедор шуд. Ба назараш, шаби дароз хоб рафта, баъди баромадани офтоб бедор шуда бошад, Боз каме дам гирифтанӣ шуда аз ҷой наҷунбид ва дид, ки фазо тира мешавад.

«Хонаи Зоя, – ба хоначаи ҷудои тарафи офтоббарои ҳавлӣ нигоҳ карда гуфт Сабо, – Зоя он ҷо менишаст. Он вақт духтарча

надошт. Маро аз марг наҷот дод, вале модарамро натавонист. Духтурзанак – Зоя... Чӣ мешуд, ки ӯро (модарамро) наҷот медодию ман... Он гоҳ на ба ман азоб буд ва на афсонаи модаркалонро зуд-зуд ба ёд меовардам... Чӣ қадар он афсона ҷон доштааст, акнун сарфаҳм меравам... Духтурзанак – Зоя, мешудию бори дигар маро наҷот медодӣ.. Ман намедонам, ки дар ҳаққи ту чӣ некие кунам... Мани гумроҳ ақаллан касбатро ёд нагирифтам. Баргардӣ, албатта ёд мегирам, ту очаи ман мешавӣ..»

Шабпарҳо рӯи деҳа давр мезаданд. Сабо ҳам мисли шабпарҳо рӯз хобида буд ва инак ба кӯча баромад. Ӯ банди дастонашро дошта «хароб шудаам» гуфт. Пӯсту устухон будани танашро акнун донист. Вале мисли ҳарвақта ҷисми лоғараш ланҷ, вазнин не, балки сабук, чолок менамуд. Фикраш ҳам равшан, тоза ва тез буд.

Харобию фарбеҳиро, ки барояш аҳамияте надошт, зуд фаромӯш карда, гурбавор ҷаҳида сари девор баромад ва парида даруни ҳавлӣ гузашт: «Ин ҳавлии Мавлон-амак. Ҷанг рафта буд, омада бошад ё не? Назди занаш равам. Гӯям, ки ман ба шумо ёрӣ медиҳам, ҳама коратонро мекунам, ҳамин ҷо гардам. Не, – пушти дарахти тут пинҳон шуда гуфт ба худ – не, набояд маро касе бинад. Маро ҷустуҷӯ мекунанд, ёбанд, боз назди вай (модарандар) мебаранд... Бигузор ман расвои олам шавам, вале назди ӯ барнамегардам, барнамегардам. Ҷанг бошад – ҷанг...»

Сабо шарфаи пое ва ё садоеро шунид, ки дам ба дарун гирифта гӯшбақимор шуд. Баъд барои он ки дамаш нагардад, нафаси дароз баровარда худро озод ҳис кард ва айнан мисли гурбаи саҳроӣ пояшро оҳиста бардошта як қадам пеш монд. Ҳоло фасли хазон нарасидааст, пояш шарфае набаровард, баъд ӯ қадами дигар гузошт ва ҳамин тавр то назди хонаи ин ҳавлӣ рафт. Дар хона чароғу оташе набуд, садое ҳам намеомад. Духтарак боз пештар рафт. Ҷуръат карда рӯи марза баромад, зери айвои рафт. Хона ором мисли мазор буд ва бесоҳиб мисли хонақо. Дари хона қуфл дошт, дари ошхона занҷир буд. Сабо токчаҳои айвонро аз назар гузаронд. Холӣ буданд. Шировезҳоро бар рави кафтаршини айвон баргардонда партофта буданд. Дар торикӣ он қадар сарфаҳм нарафт, ки ин ҷо чӣ дошт, лекин ба хонаю дари ҳавлии худашон монанд: бесоҳиб, бекас. Пас ӯ лонаҳои шоххҳои урёни дарахтонро пеши назар овард, ки тирамоҳон паррандаҳо рафта, андаруни он лонаҳо ду-се барг хазони ба худ печида ҷо шуда бошанд. «Ҳозир меоянд» гӯё касе оҳиста ба гӯши ӯ гуфт ва духтарак зуд аз айвон фаромада боз ба боғ гузашт. Вале дур нарафт, паси сангдевори гашта, ки саҳни хурди ҳавлиро аз боғ ҷудо мекард, пинҳон шуд. Чунон паси сангдевор ҷой шуда нигарон истод, ки дузди гузаро дастгир мекарда бошад... Вале дидбонӣ ба дилаш зад, гурусна ҳам монд. Гардан ёзонда ба пасу пеш нигарист. Касеро ё чизеро надида пайкари харобу адояшро бардошта хест. Аз дарвоза баромаданӣ

шуда, аз паҳлӯи хона гузашт. Дарвоза қуфл надошт, занҷир буд. Аз роғи дар даст дароварда зулфин аз ҳалқа бардошт ва берун омад. Ӯ гумон кард, ки дуздӣ карда истодааст. Дасту пояш ларзид. Ба тангкӯча нигарист. Пас дарвозаро занҷир карда боз қадам зада рафтан гирифт. Рафт-рафту пазди дарвозаи баланди сабз, ки бо ҳавсалаи тамом кандакорӣ шуда буд ва кунгураҳо дошт, қарор гирифт. Ҳамчунон ки наздик омадани поездро гӯш ба релс монда фаҳманд, ӯ ба тахтаи дарвоза гӯш монда ба дарун диққат дод. Ҳамин қадар донист, ки дар ин ҳавлӣ зиндагӣ ҳаст. Ду-се қадам пас-пас рафт, то касе аз будани ӯ огоҳ нашавад. Духтарак тез-тез қадам монда аз ин ҳавлӣ дур шуд ва дилаш хавф кашида, ба пас нигарист. Ба гӯшаш омад, ки турми дарвоза ғарчӣ садо баровард, вале касе набаромад. Саге «ҳаф!» гуфту нанамуд. Сабо ба ёд овард, ки ин ҳавлӣ ҳавлии Абдуллобой аст. Се-чор сол калонтар аз ӯ як писараш касеро аз ин роҳ гузаштан намемонд: сангкорӣ мекард. Ҳоло чӣ шуда бошад? Яке ӯ духтарро бинад, «гиркиш» гуфта сагро ангез медод. «Хайрият» аз дил гузаронид духтарак ва ба дари кампири Ойша ҳозир шуданашро пай набурда монд. «Дароям? Надароям?» суол кард ба худ. Даст ба ҳалқа бурд, вале ҷуръат накард, ки дарвозаро тела диҳад. Пас гашт. Ба хаёл рафт: «Ҳамаи дарҳои одамонро кӯфта пурсам, ки чӣ ҳол доранд? Кӣ ба ҷанг рафт? Кӣ баргашт? Аз кӣ чӣ хабар ҳаст? Ба кӣ чӣ ёрӣ диҳам?.. Дастиёри ҳама шавам? Магар бад аст?.. Не, инаш намешавад. Ин ҷо буданамро набояд касе донад...»

Аз даруни дарвоза шарфаи пой омад. Духтарак гурехт. Дуртар рафта истод. Ва дид, ки як қомати баланди занона аз дарвоза баромад. Кампири Ойша буд. «Гӯши касе хориш карда бошад, ба ин пиразани серҷоғ дучор меояд» гуфта духтарак бо роҳи дигар ба хонаашон рафтанӣ шуд. Пирзан рост сӯи ӯ омад. Духтарак гурехт.

— Кадомӣ? – аз пас садо кард пирзан. – Эй, Сабо нестӣ?! Нагурез!

Духтарак худро даруни рахнаи деворе гирифта дарун-даруни боғ боло рафт. Вале ҳар қадар, ки дур мешуд, овози кампирак ба гӯшаш баландтар садо медод: «Нагурез, ман момодояи ин деҳа... ҳамаи кӯдакони ин ҷо фарзандони ман... Ту ҳам, Сабо! Нагурез!» Ӯ боз аз боғ баромада назди дарвозаашон расид ва баргашта ба пас нигарист. Ҳӯ-ӯ он ҷо, сари кӯчаи калон, ҳайкали баланд ва мисли арвоҳ сиёҳи пиразан меистод. Аз ҷониби кӯҳ садое баромад: «Их-е, барака ёб!» Мазмун, касе аз кӯҳ ҳезум меоварад. Садо наздиктар шуд. Садои ба сангҳо бархӯрдани чӯб омад. Марде дар ду хар чаҳор болор бор карда буд. Кундаи ғафси чӯбҳо ба замин кашола буд ва нӯги онҳо мисли шотуи аробаи лак-лак аз болои гӯши харҳо гузашта ба фазо тир шуда буд. Харҳо гузаро шуда рафтанд: «Мардум аз зиндагӣ умед наканда будаанд» аз

дил гузаронд Сабо ва ба зиндагӣ умед баст: «Падараш баргардад, зиндагӣ ширинтар шавад...»

Ӯ то аз чашм ғоиб шудани харҳо аз пас нигоҳ кард. Дар роҳ кампири Ойша пеши роҳи мардакро гирифта, чизе гуфтанӣ шуд, вале ӯ нигоҳ накарда аз паси харҳо рафт.

Ягона умеди Сабо ҳавлии ҳамсоя ва шири гарми гови ӯ буд. Ӯ оҳиста-оҳиста ба он дарвоза наздик рафт ва даричаро тела дод. Дарвозаву дарича маҳкам буд. Байни дарича каме роғ шуд. Духтарак аввал аз он роғ нигарист. Баъд ангуштони харобу дарвозашро андохт, ки занҷирро бардорад. Нашуд. Дасташ дард кард. Боз ду-се бор зӯр зад. Яке занҷир кушода шуда, мисли дасти шал ба дарвоза бархӯрд.

«— Кадомӣ?!» Садои мардак баромад. Духтарак ақиб гурехт. То беруни девори ҳавлиашон гурехт ва паси девор ҷой шуда, поид, ки мардак аз дарвозааш мебарояд ё на?

Мардак даричаро кушода баромад. Аввал парешону саросема ба ду тарафи қади кӯча нигарист ва касеро надида худ ба худ ғурғур карда хеле вақт рост истод ва боз даромада даричаро сахт пӯшид ва аз ҷаҳлу ғазаб дасташ ларзид, ки садои бозғалтидани занҷир баромад. Сабо аз ин кор, гӯё ки табъи дили ӯ шуда бошад, хандид ва барои он ки касе нашунаваду нафаҳмад, даҳонашро бо кафи даст пӯшид...

— Ана ту дар кучо будаӣ! – садое омад аз пас. Духтарак як қад парида гурехтанӣ шуд. – Ист, Сабо, гап дорам.

«Ту ба кӣ гап надошта будӣ» аз дил гузаронд духтарак ва наистод.

— Ист, ба ҳурмати худо, гап дорам, гапи ҷиддӣ! – хоҳиш кард пиразан, – Натарс, ба касе намегӯям.

Духтарак андаке қадам боздошт ва ба гапи пиразан бовар карда, рӯй ба ӯ тофт:

— Ту бо ман ин хел муомила накун, Сабо, ман туро аз модарат пештар дидагӣ, нофатро аз нофи модарат ман ҷудо кардаам, туро худам аз замин бардоштаам, номатро худам мондаам...

— Хайр? – боз нописандона гуфт ӯ.

— Хайр! Магар модарат инро ба ту нагуфта буд?

— Гуфта буд.

— Пас, чаро аз ман мегурезӣ?

— Ман фақат аз шумо не, аз ҳама мегурезам.

— Барои чӣ?

— Барои он ки ҳар кас ба ман некӣ кунад, чени модарандарам мекунад.

— Не, Сабо, ту ин қадар бадгумон нашав, одамон тамоман дигаранд, на мисле ки ту гумон мекунӣ. Дар дунё одами хуб бисёр.

— Гумон не, ман мебинам ва дидаам. Бо модарандарам дар як хона зиндагӣ мекунем, бошад, ҳамроҳ мепазем, ҳамроҳ мехӯрем... Вале...

— Чӣ вале? Ту ягон бор ба ӯ гапи хуш задӣ, «модарҷон» гуфтӣ?

— Не, ҳеҷ забонам намегардад.

— Дидӣ?! Боз гила ҳам мекунӣ...

Гапҳои пиразан ба ӯ нафорид, ки боз роҳ пеш гирифт.

— Куҷо меравӣ, Сабо?

Духтарак гӯш накарда ва ҷавоб надода рафтан гирифт.

— Ман ҳоло гапамро ба ту нагуфтаам, Сабо.

Сабо пои рафт боздошт ва ба пиразан рӯ оварда гуфт:

— Чӣ гап доштед, холаи Ойша?

— Ман ба ту хола не, Сабо, ман ба ту модаркалон – момо.

— Хайр...

— Ту баччагӣ накун, гурез-гурез карда нагарду бо ман биё. Ба хонаи ман биё... Ту духтарбачча ном дорӣ, худо накарда гапат барояд...

— Чӣ гапам мебарояд? – маънии сухани пиразанро нафаҳмида пурсид Сабо...

— Зиндагӣ косаи давр аст, духтарам, яке ту ҳам модарандар шавӣ...

— О-о-о, холаи Ойша, гапатонро дониста занед! – садо кард духтарак ва қади тангкӯчаро тохт. Ӯ дигар ба «исто-исто!» гуфтанҳои пиразан гӯш накарда аз чашмаш ғайб зад. Сабо дуртар аз дарвозаи Абдулло бозистод. Зане дарвозаи ӯро мекӯфту фарёд мезад, мекӯфту фарёд мезад. Дар даркӯбӣ ва фарёди ӯ таҳдиду ташвиш на, балки як тарсу ҳарос ва бечуръатӣ ҳамроҳ буд. Ба ҷавоби ӯ садои фиғон карда ба дарвоза омадани саг баромад. Занак тарсид, ки дигар садо накард. Саг беист меҷакид, аз афташ, дарвозаро кушоданӣ шуда бар қади дарвоза рост мешуд, ки овозаш гоҳ гирифта, гоҳ баланд ва гоҳе паст меомад.

Фарёду фиғони саг басанда шуд ва касе дарвозаро кушод.

— Ассалому алайкум, апаи Бибимоҳ! – одоб кард занаки беруни дарвоза ва як-ду қадам қафо рафт.

— Ваалайкум ассалом! – соҳибаи хона сар аз дарича берун овард ва хомӯш монд. Аз афташ, ӯ ин зайл саломгӯйҳоро бисёр дида буд, вақту бевақт садои кӯбаи дарашро шунида буд ва сабаби дар ин бевақтӣ омадани занакро медонист, ки ду даст ба ду паҳлӯи дарича ором истод. Ба гумони Сабо, онҳо дергоҳ чашм ба чашм истоданд, ки овозашон набаромад. Саг истода-истода ак-ак мекард.

— Аком дар хонаанд? – аз соҳибаи хона пурсид занак.

— Ҳа, акотон дар хонаанд! – махсус калимаи «акотон»-ро талаффуз карда пичингомез ҷавоб дод занак.

— Апаҷон, баччаҳо нон гуфта... (овозаш гирифт). Агар бошад, чойрак, набошад, нимчойрак гандум ё ҷав қарз диҳанд.

— Намедонам, канӣ пурсам, – гуфта соҳибаи ҳавлӣ ба хона даромад.

Сабо донад, ки ин занак беҳуда ба ин дар наомадааст. Як вақтҳо ӯро Абдуллобой мегуфтанд, барои падари дорандааш шуда. Баъди сари падараш солҳои наздик номи ӯ Абдулло-селпо шуд. Абдулло дар селпои ҷамоати Наврӯз кор мекард. Моли селпоро моли худ донист, барои ғаниматдониаш ва «ҳиммати баландаш» аз он ҷо зада ронданд. Кору кирдори ӯро мардум афсона бофта, лақаби «селпо»-ро ба ӯ часпонданд. Аммо сарфакориро аз падар мерос гирифта, ҳар чизро ғиём кунад ва ниёзмандон гардан каҷ карда наздаш биёянд: баъзан ҳоҷат барорад. Шартҳое низ дорад, як намуди судхӯри хурд барин. Боз як гапи дигар, ки касони бадбин ӯро «Абдулло-дабба» ҳам гӯянд. Ва ин чиз дар соли ҷанг ба хислату нияти Абдулло-селпо мувофиқ ҳам омад. Ӯро аз ҷанг рафтан боздошт. Аммо духтарак ҳама хислату нияти ӯро намедонад. Фақат медонад, ки Абдулло-селпо гӯяндаш. Дар ин деҳа ин хел одамони лақабдор бисёр, аммо асоси лақабҳоро Сабо надонад. Ҳатто занаке, ки назди дарвозаи Абдулло-селпо истодааст, нашиносад. Шинохтан хоҳад... Нӯг-нӯги пой пеш равад, то рӯяшро бинад. Лекин ӯ наздик нашуда, саг шӯрид, занак ҳаросида пушт рафт. Саг ба дарвоза рост шуд, занак ҳаросида пушт рафт. Саг ба дарвоза рост шуда, чанг зад, харошид. «Гум шав, гурез, рав!» садои соҳиба баромад, ки сагро пеш мекард. Баъд ӯ дарвозаро кушода, «набудааст» гуфт ва аз зери бағалаш як нонро бароварда ба занак дароз кард. Занак аввал карахт шуда истод ва баъд дастонашро зайле ҳаракат дода андаке ба пушт майл кард, ки ана-ана аз ӯ мегурехта бошад. «Гиред, баччаҳо шодӣ мекунанд» боз гуфт соҳиба.

«Не, – сар ҷунбонд занак, – баччаҳои ман ба ин шодӣ намекунанд». Занак дигар чизе нагуфта баргашта рафт.

Соҳиба аз паси занак андаке зеҳн монда «Ҳум, боз ноз ҳам мекунад» гуфта бо як адое паси дарвоза шуд.

Сабо гапҳои зани Абдулло-селпоро шунид. Гӯё ин суханҳо ба ӯ равона шуда бошад, ғазабаш омада, дандон соид. Хост аз паси дарвоза ин мардуми «доро»-ро ҳақорат карда гузарад, вале натавонист, дурро андешид ва ба дилаш гиреҳ карда гузашт. Ӯ аз паси занак равон шуд, то кӣ будани ӯро донад. Занак рафт-рафту дар паси даре қарор гирифт. Ин дари кампири Ойша буд. Ӯ хеле истод. Даст ба ҳалқаи дар бурд, вале ба кӯфтан ҷуръат накарда гузашта рафт. Сабо аз паси ӯ рафтан гирифт. Занак дигар ба ягон дар наистода, кӯчаи миёнаро нишеб шуд. Фикру хаёли Сабо чунон ба ин занак банд шуд, ки сарлуч рафтанашро ҳам фаромӯш кард. Марде рӯ ба рӯ омад. Нигоҳ карда гузашт. Вале Сабо ба

ӯ аҳамият надод, надида биангошта гузашт. Дуртар рафта бо баҳонае андаке якпаҳлӯ гашта нигарист, ки мардак бозистода аз пасаш зеҳн мемонад. Духтарак ҳаросида тез гашт ва аз занак ҳам гузаро шуд. Гузаро шуду занак ҳам ба тангкӯчаи рост тоб хӯрд. Сабо қадам боздошта аввал ба мардак нигарист. Ӯ нанамуд, баъд аз паси занак шуд. Занак ба дарвозаи пастаки шалақ наздик шуда садои кӯдаконашро шунида, дергоҳ дарвозаро накушода истод ва баъд гӯё хоби кӯдаконаш бурда бошад, дарвозаро кушода даромад. Аммо Сабо куҷо рафтанашро надонист. Гумонаш, ки мардаки аз паси ӯ зеҳнмонда бозгашта ӯро поида истода бошад, бо роҳи дигар рафтан хост. Не, ӯ ҳоло занакро нашинохтааст, барои ҳамин барнамегардад. Ӯ ба дарвозаи занак рафта садои «фиқ-фиқ» гиристани касеро шунид. Дил кард, ки дарояд, аз раъяш гашт. Сонӣ аз даруни ҳавлӣ ғалоғула баромад, гӯё ҷӯҷаҳо чу-чу карда, сӯи очаашон омаданд. Ба гумони Сабо, ки модар ҳамаи онҳоро якбора ба оғӯш кашида бошад, даруни ҳавлӣ оромӣ шуд. Баъд саволу ҷавоб ба миён омад.

— Нон наовардӣ, оча?

— Наёфтам...

Мӯи сари Сабо рост шуд, ба назараш сарпӯши сараш низ бархест. Аввал ангу манг шуд. Мағзаш аз кор монда буд, чӣ андешиданро намедонист. Даст бурда сарашро хабар гирифт, мӯяшро пахш кард ва сар афшонда худро ҳушёр дошт ва чашмон калон кушод. Ва баргашт. Бо фикру хаёл банд буд, ба куҷо пой монда ва куҷо рафтанро намедонист. «Ман ба ин занак чӣ ёрӣ диҳам?» суол кард ба худ ва ҷавоб ҳам ёфт: «Ҳеҷ чиз... Агар ман ҳамаи одамони зодгоҳамро хуб медонистам ва хуб мешинохтам, ҳамиртуруш (хамирмоя) талабида рӯзи баччаҳои ӯро мегузарондам, сабӯс металабидам, гарди таги суфра таконда рӯзӣ меовардам... Эй марди доро, эй марди ноинсоф, барор ҳар чӣ дар бисот дорӣ!..»

Ӯ девонаавзоъ ҳаракат кард. Фармон дод. Гӯё амри ӯ воҷиб буд ва касе ҳад надошт, ки гуфтаи ӯро рад кунад. Мағзи сари Сабо ҷӯшиду шӯрид. Ҳазорон кас ба ӯ ёр шуда тамоми чизҳои Абдулло-селпо барин мумсикҳоро берун оварда, дар санглох – дар ҷое, ки ҳар баҳор рӯзи иди Наврӯз мардон ҷамъ шуда ҷуфтбаророн кунанд, фурӯ рехтанд...

Садои саг ӯро ба худ овард ва дид, ки ба дарвозаи Абдулло-селпо наздик шудааст. Хост дари ӯро кӯфта чизе биталабад, барои кӯдакони гирёни занак талабад, вале ба аҳдаш, ки набояд касе ӯро бинад, хилоф накард. Сабо саги лаққии ӯро дашном карда гузашт. Ва ба дарвозаи ҳамсоя наздик шуда чунон гушнагиашро ҳис кард, ки ғадудҳои зери забон луоб ҷудо карда, меъдааш заъф зад. Аз назди чанд дарвоза гузашта ҷуръат накард, ки ба даричаи онҳо сар халонад. Рафтан гирифт. Оқибат як дарвозаи шалақеро дид, ки нимбоз буда, сардариаш вазн андохта онро пахш мекард, ки

на кушода мешуд ва на пӯшида. Духтарак оҳиста сар аз дарвоза дарун карда ба саҳни ҳавлӣ нигарист. Касе нанамуд, садое набуд. Сабо гумон кард, ки ин ҳавлӣ ҳам бекас аст ва соҳибони он ба ҷое муҳоҷир шудаанд. Баъд нотарс даромад. Дар гӯшаи чапи ҳавлӣ гове мисли мор фаш-фаш карда алаф мехӯрд. Ӯ ба гов чун гурги гурусна ҳасратолуд нигоҳ кард ва баъд сӯи айвон рафт. Рӯи суфае чанд кас ҷогаҳ партофта хобида буданд. Зери айвон касе набуд. Сабо ба табақҳои шировези кафтарнишини зери айвон бодиққат зеҳн монд. Оҳиста-оҳиста қадам монда пеш рафт. Қади дарози духтарак ба табақҳои шировеш бемалол мерасид. Ӯ даст бурда табақеро хабар гирифт. Шир. Саршир. Ва дар табақи чаҳорум чизи сахттаре ба дасташ расид. Табақро баргирифт. Андаруни он як порча гӯшти қоқ буд, ки мазза ва бӯй мекард. Табақро ба шировез бозовехт ва табақи ширро гирифта росто даркашид. Сер нашуд. Табақи дигарро гирифта лаб дар лаби он гузошта фурӯ кашид. Нисфи ширро ошомида буд, ки дилаш гардонд. Шир шиками гуруснаи ӯро кофт. Базӯр табақро ба шировез овехта, ба лаби айвон омад, ки пушти хона гузарад, то садои ғарораашро соҳибони хона нашунаванд. Ғарора накард. Баъди ягон ним соат сахт оруғ дод, боз зери айвон омада хост то субҳдам он ҷо қарор гирифта, аз соҳибони хона пештар бархоста, баромада равад. Ӯ рӯи намади коза, ки дар тахтмони меҳробшакли айвон таҳ карда монда буданд, баромад ва соҳибони хонаро пушту паноҳ донista хирсбачча барии ғунча шуда хобид...

## 4

Гов ё хар сатили кӯҳнаро лагад зад, ки ғелида садо баровард. Сабо дуздиам фош шуд, гуфта ҷаҳида хест.

Занак – соҳибаи хона зери айвон сари ҷогаҳ менишаст.

Сабо оҳиста аз болои намад фаромад. Гӯштро ҳамроҳ гирифт ва нӯг-нӯги пой паҳлӯи хона гузашта ба хонаашон рафт.

Рӯзи калон шуда буд. Баногаҳ аз ҷониби осиёб фарёди зане баромад. Сабо он сӯ нигарист. Ва чашмаш ба марди осиёбон афтид, ки тахтаи сарбанд бардошта осиёбро шова мекард. Аз поёни осиёб садои занак меомад.

«— О-о, ман ин ҷавро хунбаҳо ёфта будам, мардак! Ту чӣ кор кардӣ? Башкони ман бе ин ҳам сер нестанд...» гуфта занак қад-қади об медавид. Сабо, ки кӯдакиаш дар наздикии осиёб гузаштааст, аз рафтори занак ва зуд осиёбро шова кардани осиёбон пай бурд, ки осиёб гулӯ рафтааст.

Оби моҳихона кам ва хушк шуд. Занак аз рӯи лою рег ва бехи сангҳо каф-каф ҷави тарро бардошта ба лаби доманаш ҷамъ кардан гирифт. Осиёбон ҳам омада ба ӯ ёрӣ медод.

«— Башкони бетолеи ман, башкони носери ман!» – овозашро баланд мекард занак.

Сабо ин занакро аз рӯи «башкон-башкон» гуфтанаш шинохт. Ӯ зани Мизроб-муаллим буд. Ва духтарак имшаб дар назди дарвозаи Абдулло-селпо «башкон» гуфтани ӯро шунида буд. «Камбағалро дар болои шутур ҳам саг мегазад» гуфта Сабо сӯи осиёб равон шуд. Гӯшти қоқ ҳамроҳаш набуд. Дар сари мехи посутун меистод. «Рафта ба ӯ ёрӣ медиҳам» ҳукм кард ӯ ва то рӯ ба рӯи осиёб рафту бозистод. «Не, набояд касе маро шиносад... Набояд... Лекин ман ба ин занак чӣ хел ёрӣ диҳам?.. Ман духтари милиса... Ба дари Абдулло-селпо рафта пӯписа кунам, ки... Не.»

— Эй занак! Биё мон, толеат ҳамин будааст!.. Аз байни сангу рег кадом як дони онро меёбӣ? – ба осиёб даромада ва боз баромада, сари марза омада гуфт пирамарди осиёбон.

— Шумо осон мегиред, – базӯр сар бардошта гуфт занак, вале эътиборе ҳам надод, ки рӯ ба рӯяш он тарафи об духтараке истодааст.

— Биё, ман аз орди камар ҳаққатро медиҳам! – боз гуфт мардак.

Занак чӣ гуфтан ва ё чӣ кор карданашро надонист. Сари зону менишаст. Доманашро медошт. Аз ҷои халташуда ва тари доманаш мисли ашки имшабаи ӯ, ки баъди аз дари Абдулло-селпо ноумед баргаштанаш рехта буд, қатраҳо мечакид.

— Хез биё занак, хаёлу фироқ карда нашин! – гуфта пирамард ба осиёб даромад. Он чи ҷаваш аз зери санг орд шуда, ба хамма рехта буд, бардошта ба халтаи ӯ андохт ва бо зағомача аз орди камар гирифта болои орди ҷав рехт ва ҳамчунон хомӯш халтаро бардошта ба соҳибаш дароз кард.

Занак ҳам лом нагуфта халтаро гирифт ва аз дари осиёб баромад..

Чашми занак ба Сабо афтод, ки аз он тарафи об ба ӯ ҳасратангез нигоҳ мекард. Занак ӯро нашинохта «Гушна мондӣ, духтарак?.. Духтари кӣ мешавӣ?» дар дил пурсид ва ҷавобе нагирифта, ба пасаш нигоҳ ҳам накарда рафт.

Сабо ҳайрон буд, ки куҷо равад...

## 5

Сабо барои чашми рӯзро кӯр кардан зери айвон хобида буд. Гашти пешин аз кӯчаи рост савори аспи сафеде омад. Дар чашмони хоболуди Сабо ёли он тиллоӣ намуд ва ҳамон орзуе, ки дар дил дошт, амалӣ мешуд. «Падарам, падари ман!» то гулӯ ғулғула карда омад ин гап ва мисли буғз дармонд. Касе пеши роҳи аспи ӯро гирифт. Кампири Ойша буд ӯ ва савор аз ӯ чизе дархост, ки кампири Ойша бо ангушт ҷониби Сабо ишорат кард. Дили

Сабо раг зад ва зуд аз зери айвон бархоста ҷониби дарвозахона рафт. Савор наздик омад. Сабо аз байни сархор дид, ки милиса падараш нест. Вай яқин кард, ки ба суроғи ӯ омадааст. Шояд ин кори падараш бошад. Шояд мактуб навишта аз ин милиса хоҳиш карда бошад, ки...

Сабо рӯи боми оғил баромад. Бар бом парч шуд. Мисли кабке ки ҳамранги замин гашта, аз сайёд худро пинҳон кунад, парчин шуд, ки ӯро набинад. Парчин шуд, ки наёбандаш. Милисионер, аспро ба девор наздик ронда ба рикоб нӯги пой тира карда, қоматашро рӯи зин бардошта ҳавлиро аз назар гузаронд ва баъд фарёд зад:

— Сабоҳат! Ӯ-ӯ-ӯ Сабоҳат!!!

Сабо ҳайрон шуд, зеро ӯро фақат падараш ҳамин хел «Сабоҳат» гуфта ҷеғ мезад. Ва ин марди бегона, ношинос номи аслии ӯро аз куҷо медонад? «Ин ҳам хизмати падарам», хаёл кард Сабо ва даст бар замини бом гузошта каме вазн андохт сар баланд карданӣ шуд, то бинад, ки мардак чӣ кор мекунад. Милиса шапка аз сар гирифта ба дасти чап мӯи навдамидаашро мемолид. Мазмун, мулоҳиза мекард.

Аз тангкӯчаи рост садои «их-их!» баромад. Милиса шапкаашро пӯшида, сари аспашро гардонд ва аз тагаки бом садои саломуалейки онҳо баромад. Ва харе ҷуволи алои пур бар дӯш роҳро нишеб шуда, рафтан гирифт. «Иш! Иш!» овоз дод мардак. Хар наистод ва мардак дартоз рафта сари онро ҷониби осиёб гардонд. Сабо ин мардро шинохт. Абдулло-селпо аз авлоди Забур. Марди чорпаҳлӯ, ришдор, вале қоматаш чандон баланд не. Одамони ҳолдон мегӯянд, ки айнан нусхаи Забур: дар ҷоҳилӣ ҳам, дар бадӣ ҳам.

Абдулло-селпо сари харро гардонда боз назди савор омад. Сабо дид, ки дар рӯи ӯ ранг намонда буд.

— Марҳабо! – ба роҳи омадааш ишорат кард Абдулло-селпо. Онҳо тақрибан панҷ қадам дуртар аз девори оғил меистоданд ва гуфтугӯяшон ба гӯш меомад. – Марҳабо, аз хонаи дӯсти беғараз як пиёла чой! – боз хоҳиш мекард ӯ.

— Шумо духтари Назир-милисаро надидаед? – мепурсид милисионер.

— Не! Онҳо аз ин ҷо кӯчида рафтагӣ, дар шаҳр, – ҷавоб мегуфт Абдулло-селпо.

— Медонам, вале духтарак гурехта омадааст.

— Ло ҳавла вало қуввата, – гуребон медошт Абдулло-селпо ва боз хоҳиш мекард: – Як пиёла чой... духтар ёфт мешавад.

Сабо боз ба бом парчинтар мешуд ва мехост, ки як қатра об шуда бар ин боми тафсон фурӯ равад... Аз боло ӯро офтоб месӯзонд...

Онҳо дуртар рафтанд ва Сабо гап-гапи онҳоро намешунид. Андаке бо гӯшаи чашм медид, ки савор сар меҷунбонд ва Абдулло-селпо даст ба синаи чап гузошта гардан каҷ мекард.

Оиҳо чӣ гуфта аз ҳам ҷудо шуданд, ба Сабо маълум набуд. Савор ба роҳи омадааш рафт. Хари Абдулло-селпо обро гузашта ба баландии осиёб баромад.

Сабо ҳамаро медид, вале онҳо ӯро намедиданд.. Зеро аз баландӣ пастиро дидан осонтар аст.

❂ ❂ ❂

Сабо ҳис кард, ки бом меларзад. Вале аз чӣ ларзидани онро намедонист. Гӯш ба бом ҷафс кард ва шунид, ки чизе гуп-гуп ба пушти бом мезанад. Вале нафаҳмид, ки ин зарби тапиши дили худаш аст. Зеро Сабо як духтараки шӯху бебок ва хонабезор намедонист, ки дил дар кадом гӯшаи тана ё қафаси синаи инсон ҷой мегирад. Шаби ба ҳавлии ҳамсоя даромада синаи говро макиданаш ҳамин аҳвол рӯй дода буд, ҳатто як чиз дар қафаси синааш тапида-тапида то гулӯ омада, ӯро зери арақ мононда, қариб ки беҳолаш карда буд, вале ин зайл «душман»-ро бо чашм дида, аз бом садои дил баромаданашро нашунида буд... Ӯ ба бозгашти Абдулло-селпо нигарон наистода, аз боло фаромад ва мисли шабпар, ки худо ба ғор андозад, ба охури оғил ҷой шуд. Ва боз шабпар барин баробари торик шудани фазо берун омад. Сару рӯй ва чашмонашро молида ҳушёр шуд ва атрофро аз назар гузаронида ба сари нови осиёб баромад. Пушти осиёб гузашт. Оҳиста-оҳиста ба дари бози он наздик омад. Чароғи сиёҳ базӯр сари дӯлро равшан мекард. Аз шамоли санги осиёб ва ё аз дари боз бошад, ки партави пилтаи чароғ дар деворҳо бозӣ мекард. Духтарак аз роғи байни дар ва паҳлӯдарӣ ба тарафи чап нигарист, ки пирамард аз хамма орд гирифта ба ҷувол меандозад. «Ин пирамард хона надорад, ки равад?» ба худ савол дод ӯ ва умедаш барбод мерафтагӣ барин як қадам ақиб гузошт ва нармаи гӯшашро, ки оташ гирифта буд, соида монд. Ӯ боз аз роғ нигарисг. Пирамард як ҷуволро бардошта вазн зада монд ва гарди остину бари домонашро афшонда як бор сурфида аз назди хамма ҷониби дар омад.

Сабо қафо гурехт. Паси осиёб гузашт. Яке ба гӯшаш расид, ки дар сахт пӯшида шуд. Духтарак аз буни девор нигарист.

Пирамард дарро қуфл карда, аз ҳалқаи калиди дароз миёнбанд гузаронида ба камар баст ва обро гузашта, куҷое ки рафт.

Сабо ба ҳаяҷон омад. Дилаш сахттар тапид. Вай ба дуздӣ икдом ниҳоданашро фаҳмид.

Пирамард рафту Сабо аз паси девор баромада ба дар омад. Дар қуфл буд. Аз роғи дар партави хирае ба чашм мерасид. Духтарак қуфлро кашид, тоб доду кашид, кушода нашуд. Пас ӯ зӯр зад, ки турми дарро барорад. Нашуд. Ӯ ба раҳу рӯ нигарист, ки яке ба даст наафтад. Касе ба чашм нанамуд. Баъд Сабо роҳи ба осиёб даромаданро ҷустуҷӯ кард. Мӯриро хабар гирифт, нашуд.

Равзанаи рӯ ба рӯи дӯлро хабар гирифт, ки даромада мешавад ё не. Он ҳам он қадар дилпур набуд. Ӯ каме рост истода ба андеша рафт. Аз дарун садои санги вазнин ва чак-чаки ба санг бархӯрдани сагаки сабук меомад. Аз байни ин садоҳо суханҳое ба гӯшаш мерасид, ки андаке пеш худаш гуфта буд: «Барои кӣ, барои чӣ ту дуздӣ мекунӣ?» Гӯё ин савол ӯро ба худ овард. Духтарак аз назди равзана дур шуд, вале дилаш тоқат накарда бори дигар дарро сахт тела дод. Ва баъд умед канда сари нови осиёб баромад. Осиёбон барин он ҷо нишаст... Пирамард баргашта омад. Сабо ӯро дида парчини замин шуд. Ва ҳамин ки ӯ ба осиёб даромад, Сабо бархоста, даромада сӯи дарвоза рафт:

«Назди осиёбон равам? Рафта дастёрӣ кунам? Лекин дар ин замон дастёр ба кӣ лозим? Дар хонаи падарам нағунҷидаму дар осиёби ӯ меғунҷам?..» Дервақт ба саволи худ ҷавоб наёфта ҳайрон монд ӯ ва баъд роҳи хонаи Абдулло-селпоро пеш гирифт. Ӯ то назди дарзозан Абдуло-селпо бо як азме омад, вале ҳамин ки пушти дарвоза шуд, ба андеша рафт: «Сагаш ҳам худаш барин бошад, ҳоҷати аз дарвозаи ӯ сар халондан нест», аз дил гузаронд духтарак ва тозон қафо рафт. То назди дарвозаашон тохт. Даромада гӯшти қоқро аз сари мехи посутун гирифт ва боз сӯи ҳавлии Абдулло-селпо шитофт. Гӯё ӯ аз тамошои аҷибе дер мемонда бошад, боз тохт. Ӯ назди дарвоза бозистода нафасашро дарун кашида, ба даруни ҳавлӣ гӯш дод. Вале фақат тапиши дили худро шунид. Ва ба назараш он дарвозахона девори қасри баланде намуд, ки кас дохили он гардад, ҳаргиз берун намеомада бошад. У хеле истод. Аз дарун садое намебаромад. Даричаро тела дод. Занҷир набудааст, шириққӣ кушода шуд. Садо ва ҷавоби касе набуд. Яке аз беруни дарвоза ғуррише ба гӯш расид. Сабо хавф бурда якбора баргашт ва саги хирсҷуссаи алоро дид. «Ало, ало, мур-е, ало, ошно-ку» гуфт худро шинос нишон дода, вале саг ошноӣ надода, пойҳояшро ба замин тир карда омодаи ҷаҳидан буд, ки Сабо «Ма, ало!» гӯён гӯштро ба саг дароз кард. Саг як гӯшҳои буридаашро боло бардошта дурусттар ба духтарак нигарт. Сабо бо дандон аз лаби гӯшт газида ба саг партофт. Саг як газ гӯштро баробари ба замин афтиданаш пахш кард ва ҳамин вақт духтарак худро паси дарича гирифта пушт ба дарича такя гузошт ва лабони аз намаки гӯшт шӯр шудаашро мелесид. Саг як бор бар қадди дарвоза рост шуда ханҷол кашид, «аф-аф» карда зуд ғайб зад ва фурсате нагузашта дар саҳни ҳавлӣ пайдо шуд. Духтарак дар тани дарвоза сурат гашт. Оби аз намаки гӯшт дар зери забонаш пайдошударо базӯр фурӯ бурд.

Баъд ба худ омада гӯё ки бурдаи нонро ба кӯдаки ранҷида медода бошад, гӯштро ба тарафи саг дароз кард ва ба тавалло даромад: «Ма, гир... ма, гир... ма, гир...» дигар гап намезад. Аз чашмони саг шарора мепарид. Саг садо намебаровард, гӯё на-

мехост, ки соҳибаш аз гӯштхӯрии ӯ огоҳ шавад. Саг сӯи духтарак кадам гузошт. Сабо пай бурд, ки саг на аз барои гӯшт, балки бар қасди худи ӯ меояд. Ӯ дасти чапашро қафо бурд, ки даричаро кушода ва як навъ карда якбора худро берун гирад: даричаро кушод. Як пояшро аз замин ковок карда аз дарвоза берун монданӣ буд, ки саг аз даст рафтани сайдро пай бурда якбора ҷаҳид ва «ҳаф» гуфта аз банди пои духтарак гирифт. Сабо фарёд зад ва беруни дар афтид. Саги ало гӯё ки ба муродаш расида бошад, ба гӯшти аз дасти духтарак афтида ҳам нигоҳ накарда дам ба дарун қафо рафт... Дарича худ аз худ пӯшида шуд..

Соҳибаи хона – зани Абдулло-селпо аз хона баромад.

— Гирифт? – духтаракро надида ва нашинохта аз дарун пурсид ӯ ва баъд даричаро кушода, духтаракро дида боз суол кард: – Газид?

Духтарак гӯё ки бо ин зан қаҳрӣ бошад, ҷавобе надода банди пояшро дудаста дошта меистод. – Ту духтари кистӣ, аз куҷо мешавӣ? – духтаракро нашинохта пурсид занак.

— Ту инсӣ, ё ҷинсӣ, чаро гап намезанӣ?

— Сахт газид?.. Мегӯм, ки дандони саг ба поят ғӯтид?

— Дар деҳамон якта урусдухтар ҳаст, ки ба ҳавай ҳам тоҷикӣ гап занӣ, ҷавоб медиҳад.

Аз ин гапи занак чашми Сабо ялаққӣ кушода шуд. Ва майли хестан кард. Аз дарди пой ҷонаш ба танг омада, баланд гирист ва боз фӯру нишаст.

— Ку, ман бинам! – паҳлӯи духтар нишаста гуфт занак.

Духтарак дудаста банди пои росташро медошт. Сарашро ҳам хам мегирифт, ки занак нашиносадаш.

— Ту духтари кӣ мешӣ, ки ин қадар зуъмӣ?

Сабо ба ҷои ҷавоб, азоб бошад ҳам, бархост ва сари зуъм лангида-лангида дур рафт. Ӯ ҳис мекард, вале намедид, ки панҷаҳояш хунолуд шудаад. Вай даст ба бинӣ наздик оварда бӯй кашид. Бӯи хун. Ҳаросид: «Боз сагаш ҷинӣ набошад, ки...» аз дил гузаронд духтарак ва ҷои рафт ҷустуҷӯ мекард, ки латтамуд карда ба ҷароҳаташ монад. «Ба куҷо равам? Назди момои Ойша? Назди осиёбон?.. Духтурзанак – Зоя, куҷоӣ?..»

«— Куҷо рафтӣ, ҳӯ, духтар? Кистӣ ту, ҳӯ, духтар? Инсӣ ё ҷинсӣ?» садои мардак баромад. Вале ӯ духтаракро дарёфт карда натавонист..

Сабо кӯчаи дигар гузашта боз нишаст. Сиёҳие худ ба худ ғурғуркунон омад: «Инсӣ ё ҷинсӣ?.. Духтарак аз овози димоғии ӯ кӣ будани сиёҳиро шинохт ва ҷавобе надода сар хам кард.

— Сабо? – ба сари духтарак омада гуфт ӯ.

Сабо ба ҷои ҷавоб сар бардошт. – Ба ту чӣ шуд? – тааҷҷуб карда пурсид кампири Ойша.

Ин дафъа Сабо аз ӯ гапашро руст накард. Балки пои домаҷрӯҳашро ба ӯ нишон дод: «Саг газид».

— Саги кӣ?

— Саги Абдулло-селпо.

— Шукр кун, ки нахӯрдааст, – гуфт кампири Ойша ва башитоб ба дари рӯ ба рӯ даромада як пора намаду лахча оварда латтамуд кард ва гармогарм ба ҷароҳати Сабо пахш карда гӯё ки то ин вақт давоми гапашро зери забон дошта истода бошад, ба гуфтор даромад: – Ба худо сад бор шукр кун, дар чилламазор чароғ мон, ки саги масти ӯ туро хомталош накардааст. Як ту не, ҳамаро тарсондааст ун саг. Бисёриҳоро гирифтааст ун саг... Дардаш монд?

— Сӯхт.

— Акнун нағз мешавад. Хунаш ист кард, нағз мешавад. Сагаш ҷиннӣ набошад, ки... Хез, хона равем, ман туро алас мекунам... Тарсидӣ?

— Натарсидаам, хориам омад, гиря кардам.

— Ҳеҷ гап не, ку, бихез, – аз китфи духтар бардошта гуфт кампири Ойша.

Сабо ҳис кард, ки дарди пояш меафзояд. Вале фикр накард, ки чаро ҳамроҳи пиразан меравад. Ӯ ба хулосае наомада буд, ки ҳамроҳи ӯ рафтанаш дуруст аст ё не. Кампири Ойша аз китфи ӯ дошта то саҳни ҳавлиаш бурд. «Шин ин ҷо!» гуфта рӯи ғӯлачӯбе ӯро нишонд ва аз бехи девор латтапораеро ёфта аз шохи бед навдае шикаста латтаро ба нӯгаш баст ва оташ гиронда ба гирди сари Сабо давр занондан гирифт: «Алас, ала-ас... Рав-рав, пушти кӯҳи Қоф рав, ҷои ту не, рав... Гум шав, гум шав... ала-ас...» гӯён алангаи оташро ба сари ӯ гирд гардонд ва баъд онро як тараф партофта ба дӯлчае об оварда ба сару рӯи духтар пошид. Ба чаккаи духтарак сар монда гӯшашро дошта кашид, «қирсӣ» садо дод...

— Хез акнун! – тарки сари ӯро аз чаҳор тараф бо кафҳояш пахш карда-пахш карда гуфт кампири Ойша ва баъд каф ба каф зад.

Сабо дарди пояшро писанд накарда пуршаст хест, вале гӯё ки ҷонашро аз банди пояш кашида бошанд, бознишаст.

— Ҳа, дард кард? – ҳоли ӯро дида пурсид кампир.

Сабо дандон ба дандон монда ба ӯ ҷавоб ҳам нагуфт.

— Сабо, биё хоб рав, ҳамин замон рӯз мешавад, – ба зери айвон баромада гуфт пирзан.

Сабо оҳиста бархоста ва мисли мурғи панҷааш бурида лангида-лангида то зери айвон омад. Ба рӯи кӯрпаи ӯбадаи занак, ки барои Сабо густурда буд, нишаст. Вале дароз накашид. Вай акнун донист, ки чаро кампир дар хонааш нишаста натавониста роҳбонон барин доим дар кӯчаҳо мегардад ва касе рӯ ба рӯяш ояд, хоҳад-нахоҳад дошта ба гап мегирад ва ҳеҷ кас, ки наёфт, худ ба худ гап мезапад. Вале ҳоло хомӯш. Ё монда шудаст, ё гап надорад. Ё духтаракро беақлак гумон карда гап намезанад. Пиразан рӯболо хобидааст.

Барои духтараки ноорому беқарор ин манзара ҳузнангез метобад. Гӯё ҳамаро селоби ҷанг шуста бурдааст ва танҳо як санги ин ҷо – кампири Ойша мондааст.

— Момо! – рӯболо дароз кашида гуфт Сабо.

— Чӣ мегӯӣ?

— Хешу табothon куҷо шуданд?

— Писаронам дар ҷанг, дигар ҳеҷ кас надорам, – ҷавоб дод пиразан ва хомӯш шуд. Хона низ торик ва хомӯш буд. Садои дандони муш меомад, ки сандуқро мехоид.

Сабо алами пиразанро тоза кард. Гӯё ӯ бо оворагиҳояш ва роҳбониҳояш худро машғул медошт ва алами ёди писаронашро дур меандохт. Вале ҳама гумон мекарданд, ки кампири Ойша аз бекорӣ ба кӯча баромада роҳи ҳар роҳгузарро бонӣ мекунад. Роҳгузаронро дошта даркору нодаркор ҳар чиз мегӯяд. Пиразан фақат дар як масъала баъзеҳоро фарқ карда метавонад. Агар донад, ки каси рӯ ба рӯ омада аз аҳволу вазъи мамлакат бохабар аст, «Дар зери ҳо-о он абрҳои сӯхта чӣ гапҳо бошад?» гуфта мепурсад. Пиразан бо ин гапаш аҳволи мамлакат ва рафту вазъи ҷангро фаҳмидан мехоҳад. Ва баъди ҷавоб шунидан хулоса мебарорад, ки писаронаш ҳоло дар амон будаанд. Пиразан радиоприёмник мекофт, ки ахбор гӯш кунад, вале ягона радиоприёмпики идораи колхозро ҳам гирифта бурданд. Барои ҳамин пиразанба ҳар каси дучоромада ягон чиз мегуфт, ки хабаре шунавад. Ҳамину ҳамин пиразан дар деҳа «бекорхӯҷа», «ҷалоҷин», «роҳбон» ва «лаққӣ» ном баровард. Лекин ҳеҷ гоҳ касе таги дили ӯро нафаҳмидааст.

— Ту ҳоло чӣ будани ҷангро намедонӣ, Сабо, – Саборо як духтараки бепарво, беғаму бедард пиндошта гуфт пиразан. – Солҳои босмачигарӣ фақат барои ҳимояи ин деҳаи хурдамон чӣ қадар йигитҳо нобуд шуданд. Ҷангро, ваҳшигарии одамро ман ҳамон вақт дида будам. Падари бачаҳои ман низ дар ҷанги босмачӣ нобуд шуда буд. Ман ҳамон вақт чӣ қадар шум будани ҷангро фаҳмидам. Ин аждарҳои гуруснаи одамхӯрро ман ҳамон вақт бад дидам. Ба кӣ лозим ин ҷанг? Намедонам. Аз афти кор, ба касе лозим, ки дасту пояшро гум накардааст, мурдани фарзанду падарро бо чашмонаш надидааст. Барои ин кӯру кар... мурда будан лозим...

Сабо акнун кию чӣ будани пиразанро фаҳмида истодааст. Ба ростӣ, дилаш ба вай сӯхт. Дастонашро харпанҷа андохта зери сар гузошт ва ба хаёл фурӯ рафт. Чунон вонамуд кард, ки хобаш бурдааст. Пиразан низ хомӯш буд. Баъди хеле вақт «хур-хур»-аш баромад. Сабо каме сар бардошта ба вай нигарист ва боз сар монд, ки хоб равад. Ҳеҷ хобаш намебурд. Бархоста рафтанӣ шуд, вале аз дарди пой тарсид. Ва некиҳои пиразанро помол кардан нахост. Дилаш ба момояш сӯхт. Ҳай паҳлӯ гашт духтар, ҳай фикру хаёл кард ӯ, вале ҳеҷ масъаларо ҳал карда натавонист.

Яке пиразан хеста сари ҷогаҳ нишаст. «Ё оллоҳ!» гуфта оҳ кашид ва паст-паст шеван кардан гирифт. Лафзҳои димоғии ӯро духтарак намефаҳмид. Фақат вақте ки номи писаронашро мегирифт, Сабо фарқ карда метавонист. Сабо хаёл мекард, ки бедардтарин одами рӯи олам кампири Ойша аст. Вале ин дам, ки қиссаи шавҳару писарони ӯро медонад, навҳагариашро мешунавад, раҳмаш меояд. Мехоҳад ҳамроҳи вай гиря кунад, вале... Ӯ чашм накушод, ки кампирак дида гап ҳамроҳ накунад. Вай боз як бор «Ё оллоҳ!» гуфта бархост ва дарвозаро кушода берун баромад. Духтаракро воҳима пахш кард. Ӯ гумон кард, ки кампирак баромада рафт. Аммо ӯ пас аз чанд дақиқа баргашта омада ба ошхона даромад ва дергоҳ аз он ҷо берун нашуд.

Дарвоза тақ-тақ шуд. Пиразан аз ошхона баромада сӯи дарвоза рафт. Духтарак хавотир шуда хест. Кампирак зуд баргашт.

— Сабо, келини Қосимро дард гирифтааст, ман бояд равам. Наметарсӣ?

— Не...

Баробари дамидани субҳ кампири Ойша баргашт. «Писар» гуфт ӯ ва гӯё қусури бедорхобиро баровардани шуда боз рӯи ҷогаҳ дароз кашид.

— Ту гушна? – пурсид аз духтар.

— Не.

— Чӣ хӯрдӣ?

— Ҳеҷ чиз...

Кампири Ойша, ки дар латтаи сафед чизеро баста оварда буд, назди Сабо гузошт. Сабо нонро шикаста як газ гирифт, саросема фурӯ бурд, ки ҳиқ-ҳиқ кардан гирифт.

«Дар токча об» гуфта кампирак хоб рафт.

Сабо метавонист ҳамаи нонро хӯрад, вале ибо кард. Як бурда гирифта таги сар гузошт ва латтаро ғундошта, ба токча монд. Дароз кашид.

## 6

Сабо аз посутуни айвони Ойша сӯзани чашмшикастаеро гирифта ва бурдаи нонро зери остин карда аз ҳавлии ӯ бадар рафт. Ва раҳораҳ фикри зиёде кард: агар лангида-лангида ба дари Абдулло-селпо равад, зани ӯ бинад, ӯро мешиносад. Он гаҳ чун ба ҳавлии онҳо даромада сагро ҷеғ зада пораи нонро диҳад?

Духтарак ба назди дарвозаи Абдулло-селпо ҳозир шуд. Аз роғи дарвоза ба дарун нигарист. Саг нанамуд. Оҳиста даричаро тела дод. Аз паси ошхона саг гӯшҳои буридаашро сих карда баромад. «Ма!» бурдаи нонро сӯи саг дароз кард Сабо. Саг ғуррид. «Ма!» такрор кард ӯ. Саг думи калтаашро ликконд ва пеш омад. «Ма, ошно, ма!» Як пора нонро аз дарвоза дарун партофт. Саг сар хам

карда нонро бӯй кашид ва базӯр ба даҳон гирифта фурӯ бурд. Сабо ба пораи нон як нигоҳ кард ва худро беруни дарвоза гирифта сӯзанро даруни пораи нон халонд, то саг набинад.

Саг ба дарвоза наздик омада бо пояш даричаро кушода сар берун овард.

— Ма, ошно, ма! – пораи нонро дароз кард духтар.

Саг гургона ба ӯ нигарист. Чашмонаш бозӣ карданд, ғазаб доштанд, вале гургошноӣ мекарданд:

— «Мо акнун якдигарро мешиносем, ма!» – духтарак нонро ба рӯи роҳ партофт.

Саг аз дарвоза берун омада, нонро бӯй кард, вале ба даҳон нагирифта, пурғазаб ба духтарак нигарист. Сабо гумон кард, ки саг сӯзан гузоштанашро пай бурд ва инак пурғазаб якбора ба ӯ дармеафтад. Ӯ як қадам пас рафт. Ба назараш мӯи бадани саг фахха шуд... Мӯи Сабо ҳам рост шуд ва барои он ки сагро аз ҳуҷум боздорад, ларзида-ларзида гуфт: «Гир хӯр, ҳа, медонам, ту сер...»

Саг забон баровarда кунҷи рости даҳон лесид. Ва духтарак ашки тези онро дид, пои маҷрӯҳаш дард кард. «Гир хӯр, охир, барои ту овардам, дар ин замон кӣ ба кас як газ нон медиҳад, гир хӯр, набошад худам гирифта мехӯрам».

Саг маънии гапи ӯро фаҳмид, ки сар ҳам карда бурдаи нонро ба даҳон гирифт ва ба ду тарафи лунҷҳояш гардонда, гӯё устухон мехоида бошад, фурӯ бурда наметавонист. Саг бурдаро гирд гардонду бо нӯги забон чизеро берун партофт. Сабо дид, ки саг сӯзанро ҷудо карда партофт. Даст бар рӯй кашида худ аз худ паспас рафтан гирифт. Ва чун аз чашми саг ғоиб шуд, пушт гардонда гурехтан хост, вале пояш аз дирӯза ҳам зиёдтар дард кард. Сараш ҳам дард кард. Пас буни девори тангкӯча нишаста оби дида кард. Ва зери оби дида андешаҳо дошт, то бо чӣ роҳ ин сагро нобуд кунад. «Саг бошад, надонад, ки одамӣ чӣ қасди сахт мекунад. Хаёлаш, одам мисли вай беақл аст: як бор «ҳаф» гуфта мегазаду бо ҳамин ором шуда меравад. Не-е... Ман ту барин не. Мебинӣ, ман чӣ кор мекунам...»

Сабо ба хаёл рафт, то чӣ чора кунад. Бархоста ба ҳавлиашон омад ва бо азобе аз девор гузашта, зери айвон дароз кашид. Дарди пояш авҷ гирифт ва тоқат накарда, пойро каме бардошта ба девор такя гузошт.

«— Сабо, ҳо Сабо!» – аз беруни дарвоза садо омад. Сабо овози кампирро шинохт, вале ба садояш ҷавобе надод. Кампирак хеле ҷеғ зад. Аммо ҷавоб нашунида рафт.

Сабоpo чӣ фикре ба сар омад, ки бархоста аз токчаи айвон як шишаи равғанолуди сиёҳро гирифта, аз марза фаромад ва ба санги сиёҳи паҳлӯи дарвозахона зада шикаст ва пораи онро гирифта рӯи тахтасанге ниҳода, бо санги дигар кӯфт. Майда кард

ва пораҳои борику реға-реға ва нешдорро чида гирифт, ба латта-порае баст. Ва пораҳои дигарро бо кашшакҷорӯб ба буни девор рӯфт. Пас гиреҳро пушти сутуни дарвозахона ниҳода, роҳи рафт гум, ҳайрон монд. Оҳиста-оҳиста дар қафаси сина ҳубобе пайдо шуд ва кам-кам боло омада гулӯяшро гирифт. Вай беихтиёр гулӯ молид. Магар дар хаёлаш воқеаеро дид, ки «ма, гир, хӯр» гуфта табассум кард. Ва худ ба худ ба гап даромад: «Ҳум... Ин ҷо будани маро кампири Ойша, ки донист, дигар ҳоҷати руст шудан нест... Садқаи сарам, гап кунанд, кардан гиранд. Лекин ҳозир ба ман як каф орд лозим».

Дили духтар ба танг омад. «Як каф орд, амак!» гӯё аз осиёбон пурсид Сабо. Аз об гузашта то назди дари осиёб рафт ва мисли ятимони гарданкаҷ дасти тамаъ пеш ёзид ва аз чунин ҳила завқ бурда, табассум кард. Боз ҷиддӣ гашта, пурсид: «Як каф орд, амак!» Ҷавоб нагирифт, балки садои дигар омад:

— Магар як ҷувол гандум як ҷувол орд мешавад?

— Ба хаёли ту чанд ҷувол мешавад?

— Майда, ки шуд, зиёд намешавад?

— Кам шуданаш мумкин.

— Чӣ хел?

— Чанг мешавад, ба камар мерезад...

— Ин хел бошад, орди камарро мегирем.

— Ҳоло ҳаққи осиёро ҳам намедиҳам гӯй...

Сабо пай бурд, ки бо осиёбон Абдулло-селпо баҳс мекунад. Вақте ки хомӯш монда майли хестан карданд, Сабо паси осиёб гузашта сари нов баромад. Истоду истод. Абдулло-селпо аз санг-пари назди осиёб гузашта ба тангкӯча дохил шуд. Сабо тозон фаромада ба дари осиёб омад.

## 7

— Ассалому алайкум! – даҳони дарро гирифта гуфт духтар.

— Ваалайкум! – кӯтоҳ ҷавоб гардонд осиёбон ва ба дар наздик омада гуфт: – Нашинохтамат, духтар.

— Шумо мана надидад, намешиносед, амак...

— Аз куҷоӣ? Духтари кӣ мешавӣ?

— Ба ман як каф орд лозим, амак. – Иддаояшро гуфт Сабо.

Осиёбон гапи аз дилаш гузашта: «Як каф орди бекор дар куҷост»-ро гуфта натавониста боз ӯро донистанӣ шуда пурсид:

— Туро кӣ фиристод?

— Ҳеҷ кас, худам омадам... Ба ман як каф орд лозим.

— Ман орд надорам, духтар, ин бору муштаққо аз они мардум, – аз дари осиёб берун омада гуфт пирамард.

— Хайр, як каф, амакҷон, баробари як қурут хамир шавад, бас, – зоринамо ба таги манаҳи серриши мардак наздик шуда гуфт

духтарак ва равшан дид, ки мардак ягон ҷозибае надорад, шафақи чашмонаш парида, риш, мижгон ва абрӯву торҳои мӯи аз зери саллаи ӯбада баромадааш аз гарду чанги орд наметобанд.

— Агар як каф орд диҳед, шуморо аз осиёбонӣ мегиранд, амак?

— Як каф орда чӣ кор мекунӣ, хамир нашавад, хӯрда...

— Мехӯрам, амак, ҳамту мехӯрам.

— Набошад, як бурда нон медиҳам, – сар даруни дар кард осиёбон.

— Не, амак, ба ман як каф орд лозим, зиёд ҳам не, – як-ду кадам пеш омада гуфт Сабо.

— Ҷӯгидухтар нестӣ?

— Ҷӯгидухтарам.

— Ҳамту гӯӣ, намешавад? – осиёбон рост ба сари хамма рафт ва хам шуда аз орди Абдулло-селпо як каф бардошта гуфт: – Канӣ, дар чӣ мегирӣ?

Духтарак лаби домани куртаи кӯҳна ва хеле чиркинашро дошт. Осиёбон ордро ба лаби домони ӯ рехту аз берун садои «Их!» гуфтани касе омад. Духтарак зуд аз дар баромад. «Боз биё, духтар!» садои пасти осиёбон ба гӯшаш расид ва хару Абдулло-селпоро шинохта, якрӯя шуда ва бари домони доштаашро паст карда гузашт.

— О, духтар! Туро саги мо нагазида буд? – пурсид Абдулло-селпо.

— Не, – туфта ба сангпарҳо наздик шуд духтар.

— Ҷӯгидухтар мегӯяд, – ба ӯ фаҳмонд осиёбон.

Сабо ба гапҳои онҳо аҳамият надода, сар-сари сангпар аз об гузашта бо роҳ нишеб шуда рафтан гирифт. Тез рафт, то кӣ будани ӯро нашиносанд.

Сабо вақте баргашт, ки дар назди осиёб касе набуд.

## 8

Ӯ шишарезаи дар латтапорае ҷамъ кардаашро аз токча гирифта дар зери равшании шафақи офтоби ғуруб, ки зардиаш дар қуллаи дури кӯҳи баланд боқӣ буд, аз назар гузаронда ба орд ҳамроҳ кардан хост, вале чӣ фикре ба сараш омад, ки даст боздошт ва баъд худ аз худ ба гап даромад: «Ҳозир саги ӯ сер аст, бӯй мекунаду намехӯрад. Беҳтараш, саҳари барвақт...»

Андешаҳояш Саборо калонсолтар нишон доданд. Ӯ гӯё душмани пуриқтидоре дошт ва барои нобудии вай нақшаҳои зиёде мекашид ва саъю кӯшиши бисёре мекард. Вале чӣ шуд, ки кори асосиро ба фардо гузошт ва ҳоло ғами шикамро хӯрданист: «Нафс – бало» гапи аз калонсолон ёдгирифтаашро такрор кард. Баъд андаке ором шуда биандешид, ки куҷо равад. «Чаро Абдулло-

селпо барин «буққаҳо»-ро ба ҷанг намегиранду акаи Рауф барин беҷонакҳоро мебаранд?». Худ аз худ фикраш ин тараф гашт... Пояш сих зад, ки рӯй турш кард ва латтаи бастаро хабар гирифт. Бархоста берун баромад ва дарк кард, ки худ як оворагардест: рӯзаш аз рӯзҳои хонаи модарандар хубтар нест. Аммо чунин оворагӣ, сарсонӣ ва бенавоиро аз ҷафои модарандар беҳ донист. Хаёле аз фикраш гузашт, ки шояд падар дар суроғи духтар оворатар бошад. Ӯ мисли касе, ки ҳуқуқи худро ба куллӣ дониста ва ҳимоя карда метавониста бошад, ин андешаро аз сар дур кард. Ҳатто бо як ғурур даст афшонд, ки одатан касони ҳамадон ва ҳамадида, ки аз фарҷоми корашон биме надошта бошанд, чунин рафтор кунанд. Ӯ сар баланд дошта ба роҳ даромад ва чун ба дари ҳамсоя омад, худро паррехта ва болшикаста дарёфта мисли дузди навкор баданаш ларзид. Ба димоғаш бӯи шири гарм расид...

Сабо пои дуздӣ боздошт ва аҳд кард, ки барои нафси худ дуздӣ накунад... Аз рою нияташ гашта, омада даруни намадпораҳо хоб рафт, азоб бошад, хобаш наояд ҳам, ноҷунбон хоб рафт... Бобобари мурғон хест. Ҳоло ситораҳои осмон аз рӯи пардаи нилӯӣ паси ҳарири шаффофранг нашуда буданд. Насим мевазид. Садои оби шовахонаро пасту баланд ва дуру наздик меовард.

Сабо гиреҳи ордбаста ва гиреҳи шишарезаро гирифта беруни ҳавлӣ шуд ва лаби об фаромад. Қади сангоб як санги комадорро ёфта бар он хамир кард ва хамири як каф ордро се қисм карда ва рӯи санг монда бо ангуштонаш баргсурат боз кард. Байнашон шишареза гузошта печонд. Байни кафҳо гирифта қурутосо лӯнда кард ва зуд бархеста ба роҳ даромад. Аз назди дарвозаи ҳамсоя ҳаросидаву ларзида гузашт. Чун ба дарвозаи Абдулло-селпо наздик шуд, суст гашта гӯш дод, ки сагаш бедор ё на. Садое нест. Ба дарвоза наздик шуда оҳиста тела дод. Маҳкам. Пас гашта, аз дуртар писарона ҳуштак кашида, сагро ҷеғ зад: «ҳушт-ҳушт-ҳушт». Саг наомад. Боз такрор кард. Боз саг ҷавобе нагардонд, на «ак» гуфт ва на омад. Боз ҷеғ зад... Баъди хеле вақт касе дарвозаро кушод, аз ӯ пештар саг зада баромад. Мардак аз дарвоза берун омада, боз зуд даромад.

Саг буни деворҳоро бӯй карда-бӯй карда ҷониби духтарак омад.

«Ҳушт-ҳушт ҳушт!» боз ҷеғ зад духтарак.

Саг як сар бардошт ва то наздиктари Сабо тохта бозистод ва худро ошно нишон дода дум ликконд.

«Ма!» як лӯнда хамирро партофтанӣ шуда даст пеш бурд, вале напартофт. Чашм, гӯш, сар ва думи саг бозӣ карданд. Лаб лесид. Духтарак пай бурд, ки саг гушна аст. Чанд қадам пеш омада як лӯнда хамирро ба болои сари вай ҳаво дод. Саг чашм ба осмон дӯхт, то аз ҳаво тӯъмаро дошта гирад, вале чӣ шуд, ки Сабо ҷаҳида кулӯлаи партофта аз ҳаво боздошт ва даст пушт бурда, ҳазломез

«Боб кардам?» гуфт, аммо рӯяш хандад ҳам, дилаш тап-тап мезад, то ин «саги гургошно» «ҳаф» зада аз банди пояш нагирад. Саг андаке гардан кач карда гоҳ ба дасти пушти бар ва гоҳ ба чашмони Сабо нигарист. Мазмун, «бидеҳ, бидеҳ ба ман, гушнаам» мегуфт. Аммо ба дили Сабо дигар ният омад, ки дастон пушт бурда ҳар се кулӯларо ба ҳам ҷафида якбора пушти бом партофт. Саг ҳайрон-ҳайрон ба духтарак нигарист ва аз хомӯшии ӯ чӣ хулосае баровард, ки қади хона тохта, ба боло нигоҳ карда, роҳ ҷуст. Сабо таҳлука ва ташвиши зиёди сагро дида: «Вай кулӯх буд, санг буд» гуфта вайро ором карданӣ шуд. «Ин ҷо биё, ма, ошно, аз ягон ҷой ҳамроҳ шикамамонро сер мекунем» гӯён даст ба болои сари саг бурд. Саг чашм ба дасти ӯ дӯхта дум ликконд. Баъд Сабо сар, гӯшҳои бурида ва гардану тахтапушти Алоро сила кард. «Ту агар «одамгарӣ» кунӣ, мо ошно мешавем. Ман ба ту ким-чиҳо ёфта меоям...» гӯён Сабо гардани сагро оғӯш карда, паҳлӯяш нишаст. Дар ин пагоҳи серун аз бадани саг гармӣ ҳис кард: «Рав акнун, ҳар вақте ки садои ҳуштаки маро шунидӣ, баро...» гӯён Сабо пас-пас рафт.

Саг ба ӯ нигоҳ карду дум ликконд. Фақат забон надошт, ки бозхостҳояшро ифода кунад...

## 9

«Сабоҳат-ҳо-оо, Сабоҳат!» – садое омад. Сабо ҳайрон шуд. Овози падарро монад. Ё ин рӯз ва ин садоро дербоз нигарон буд. Мисли духтароне, ки дар афсонаҳо шаборӯз роҳи омади падар ва маҳбуб бонӣ кунанд: рӯи харсанги адири болои нови осиёб баромада, чашм ба роҳи дашт дӯзад ва лаҳза ба лаҳза ба пайроҳаи тангно нигарад, ки падараш савори аспи сафеди зарринёл аз он ҷо меомада бошад. Ин як афсонае, ки ӯ медонад. Дигараш афсонаи «Модарандар», ки холо ба ягон кас ҳикоят накардааст... Ба ҳар ҳол гурезогурез ва мисли шабпар рӯз гузаронидан ба дили Сабо задааст: ҳолиё рӯшод гашта худро ба мардум нишон додан хоҳад ва дурусташ, ҷои он марди даштбонро, ки рӯзи аввали омаданаш ба дили духтар ҳамчун дузд ваҳм андохта буд, гирифта, роҳи падар бонӣ кунад. «Падарам меояд, падари аспсаворам меояд, падари ҷанговарам меояд» аз дил гузаронад ӯ, вале ба касе нагӯяд. «Беҳуда... ӯ занашро нағз бинад ва ҳазор гапи ман як пул. Беҳуда ман зани ӯро ганда кунам. Хайр... Як бор биёяд, бинам, дарди диламро гӯям, баъд ҳар чӣ шавад, шудан гирад...»

«— Сабоҳат... Ҳо-о-о Сабоҳат!»

«— Падари ман, падари аспсавори ман!» – фиғон кард дили ӯ ва ба сари девор ҷаҳид ва зуд худро ба паст партофт, ки бори дигар бо «модараш» Мастура рӯ ба рӯ накунандаш.

Вале чун садо дигарбора такрор нашуд, Сабо ташнаи шунидани ин овоз барқсифат ба ҳаракат омад, то падар бинад. Касе набуд. Ва ӯ ҳам нафаҳмид, ки ин хоб буд ё бедорӣ, садои падар буд ва ё гӯшҳояш ҷеғ заданд. Ба ҳар навъе ӯ сахт мехост падарашро бинад, ақаллан як бор, як дидор... Муддаои дил гуфта натавонад ҳам, як назар бинад... Боз ғамаш он ки дар бораи писарони Ойша-кампир аз падар пурсону ҷӯё шавад.

Сабо намедонист, ки чаро ин қадар пазмони дидори падар шудааст. Шояд ҳолати зани Мизроб-муаллим ва кирдори Абдулло-селпо ӯро ба ин ҳол оварда бошад? Ҳа, Сабоҳат ин чизро ҳам ба падар гуфтанист. Ӯ – милиса. Ин корро дида сомон карда тавонад.

Боз дили Сабо тапад, ба пушт ва сӯи сина занад. Мисли мурғе, ки нав ба дом афтода бошад, худро ба ҳар сӯ занаду тапад. Вай ё тапида-тапида аз синаи соҳиб бурун омаданӣ ва ё соҳиб аз ин вайронаҳо, аз охурҳо, аз торикиҳо байни мардум оварданӣ, ба олами равшан баровардани̇. Ва баъд чунин ҳаракати дили ӯ ба духтарак гузашт, мағзи сари ӯ кор кард. Худи ӯ низ талвосаи байни мардум кард. Вале боз ба андеша рафт: «Ба куҷо? Чӣ хел? Бо кӣ маслиҳат бояд кард?» Ва боз аз фикраш гашта сангпуштвор гардан фурӯ кашид. Фикрҳои мухталифе ба сараш омаданд. Майнааш гиҷ шуд. Гӯё байни кӯрдуде монда, нафасгирӣ душвор гашта, дарро во кард...

«Сабо, ҳо Сабо!» – яке аз байни дуди ғализ ин садо ба гӯш хӯрд. Мисли оҳуе, ки аз омадани сайёде хабар ёфта бошад, гардан ёзонда ба атроф гӯш дод. Зуд не, дертар фаҳмид, ки ин кори гӯшу майнааш будааст... Сар афшонд. Мӯйҳои даққиаш, ки намадча шуда ба сар часпида буданд, базӯр ҷунбиданд. Ӯ сар афшонда-сар афшонда худро ҳушёр кардан хост. Аз ин ҷо ба сӯи боғи Абдулло-селпо нигоҳ ҳам кард. Ба роҳи калон баромад. Ва дуру дароз сӯи осиёб нигарон истод. Ва якбора рӯ ба адир оварда башитоб сарболо шуд. Ба осиёб ҳам надаромад, ба рӯи харсанг ҳам нанишаст, рост болои теппаи баланди Лалм баромад. Аз ин баландӣ, ки тамоми ҳавлию хонаҳо, дашт, роҳи миёндаштӣ, рафтуомади одамон ва ҳатто аз кадом мӯрӣ баромадани дуд баръалония менамуд, рафтан ва бозомадани милисаро дидан мехост. Чун Сабо ба лаби теппа наздик шуд, қомат хам гирифт, то касе ӯро набинад ва нашиносад. Ӯ худро ғунча карда рӯ ба деҳа, аниқтараш, рӯ ба рӯи роҳи калон нишаст ва дид, ки ин водӣ чӣ зебост, махсусан морпеч рафтани шохобҳои Зарафшон, ки симоби гарм метобад. Чунин зебоиро монда, чу кӯршапарак дар оғилҳо ҷо шудани ӯ аз рӯи инсоф нест. Сабо боз бештар ба доманаи деҳа нигарист, ки марди ӯро ҷеғзада меравад ва бештар умедвори он буд, ки милиса – худи Назири сиёҳ аз ин роҳи дароз асп монда омада ӯро мебарад. Хаёлаш ба вуҷудаш чӣ таъсирие кард, ки мисли сангпушт гардан

фурӯ кашид. Ҳарчанд дар ин сари теппа паноҳгоҳе набуд, ӯ худро дар паноҳи зонуҳояш пинҳон кардан мехост. Дер гоҳ нигарист ӯ. Ва аз деҳа саворе берун омада хотири ӯро ҷамъ накард. Сабо хуб тамошо кард.. Ӯ аввалин бор ин водиро аз баландӣ дид ва донист, ки ин қадар зебоиҳо доштааст, вале ҳайрон мемонд, ки аз мӯрии ошхона ва ё ҳавлии касе дуд намебароянд. Ё дар деҳа касе намонда ҳама ба кори саҳро баромадаанд, ба ҷанг рафтаанд ва ё сабаби дигаре дорад. Баъд ӯ аз байни ҳавлиҳо ҳавлии Мизробмуаллимро ҷустуҷӯ кард. Дарахти чормағзи баландро дид. Яқин кард, ки дар зери он дарахти азим занаки аз дари Абдулло-селпо ноумед баргашта ва фарзандони ӯ зиндагӣ мекунанд. Боз чанд вақти дигар ин дарахтони азим кӯдаконро аз гуруснагӣ наҷот медиҳад. «Бош!» аз пас садое омада хаёли Сабоpo парешон кард. Сабо ба он тараф нигоҳ накарда гуреза барин дароз кашид, ки касе бошад, ӯро набинад. Ӯ ба замини тафсон ва сахт парчин шуд ва баъд оҳиста сар боло кард, ки ин кас кӣ бошад. Ӯ чаҳор барзагов ва як баччаякро дид. Говҳо аз роҳи борик нишеб мерафтанд, вале писарак ӯро дидааст, ки говронаи дарозро сари китф гузошта ва кӯза дар даст сӯи вай нигарон меистод. Духтарак боз сарашро хам кард, ки писарак гузашта равад, вале ҳеч ки равад. Гӯё дидаю дониста ӯро нигарон меистод. Сабо аз сари адир пас-пас лағжида худро паноҳ кард. Ва ҳамин ки сар бардошта ӯро надид, бархоста бар-бари адир ҷониби харсанг тохт. Паси харсанг шуда нигарон истод ва гумон кард, ки писарак ӯро ҷӯё шуда меояд. Ва баъд чанд муддат говҳо паҳлӯи осиёбро гузашта лаби об фаромаданд. Яккаш об хӯрда, қоматашонро рост карда, нафаси дароз баровaрда, хастагиро аз бадан рафъ карданд ва баъд гӯё ки баданашонро то ин вақт дар оташ тофта бошанд, даруни об шуда росто ба кафша даромаданд.

Вале писарак набуд. Сабо аз буни харсанг нигоҳ карда ӯро пайдо карданӣ шуд. Ва яке писарак пойҳояшро базӯр кашола карда ба лаби об фаромад. Рост то байни об зада рафт. Кӯзаро ҳам даруни об гузошт. Сабо дид, ки писарак бараҳнапост. Хам шуда дастонашро даруни об фӯрӯ дод ва муддате беҳаракат истод. «Оташи роҳ», ки пойҳояшро сӯхта буданд ва сабаби аз говҳо ақиб монда омаданаш ҳам ҳамин ки буд, якбора тафсои пойҳояшро рафъ карда дам гирифтан мехост. Писарак истоду истод ва яке нафаси дароз кашида ҳаловат бурд ва баъд каф-каф ба сару рӯяш об пошидан гирифт. Тоқии нимдошти пӯпакаш кайҳо рехта рафтаро аз сар гирифта рӯи санг гузошта, ба моломол даромад. Ҳай молид сару гарданашро ӯ ва баъд қоматашро рост карда атрофро аз назар гузаронд, куртаашро кашида, болои кӯза гузошт ва худро даруни об зад. Як қоматашро бардошта дубора ба об хоб кард ва дергоҳ наҷунбид: рӯболо гашт ва то даме, ки осиёбон баромада «Говҳоро аз ин ҷо гир, ҳамаро ҳаром мекунанд» нагуфт,

аз даруни об нахест. Писарак бархоста поҷомаашро ҷо-ҷо дошта ҷафид, куртаашро пӯшид, сари говҳоро ба адир рост кард ва баъд ба кӯза об гирифта аз паси говҳо сарболо шуд.

Сабо аз паси харсанг ҳамаи рафтори писаракро дид ва гумон кард, ки ӯ хеле роҳат кард. Ӯ ҳам беихтиёр баробари писарак аз ҷой хеста чӣ коре карданӣ шуд, вале худ надонист, ки чӣ кор аст ва ҳамин ки писарак аз хамгашти болои осиёб пинҳон шуд, Сабо ҳам бар-бари адир ӯро пай гирифт. Дида-дида мерафт ва чун писарак аз таваккал ҷониби ӯ нигоҳ кард, таппӣ ба замин менишаст.

Писарак рафт-рафту сари говҳоро ба гандумпая гардонд ва кӯзаро сари китф бардошта сари хирман рафт. Сабо паси буттаи гулхоре нишаст. Писарак даруни коза даромада аз кӯза ба дӯлча об гардонда нӯшид ва боз латтаи тарро ба даҳони кӯза хаста дар сояи каппа гузошт ва баъд даруни каппа даромада дигар набаромад. Сабо яқин кард, ки ӯ танҳост ва дам мегирад. «Равам ё наравам?» ба худ савол мекард духтарак. Дергоҳ фикр кард ва сонӣ аз паноҳи буттаи гулхор баромада пештар рафт.

Баландтар аз каппа ғарами бандҳои гандум меистод. Хирман ранги моҳ гирд ва сафед буд. Дар ин рӯзи равшан баландии Лалм хомӯшие дошт. Фақат зиллаҳо аз тафсои тамуз шикоятомез «зу-зу», мегуфтанд. Гӯё офтоб бо сӯзанҳои зарринаш ба танаи нозуки ин ҳашара мехалид ва онҳо тоб наоварда фарёд мезаданд. Дигар ҳама ором буд. Ва боз нафаси гарми офтоб ба адир зада баргашт ва баъд насими дара онро пеш андохта ба кучҷое бурд. Ростӣ, агар ҳамин насим набошад, гӯгирд занед, ҳаво дармегирифт.

«Равам ё наравам?»... Аз таваккал тамоми ғайрат якҷо карда дуздона қадам монда то назди каппа рафт ва писаракро дар хоб дида, нигарон истод. Ӯ метарсид, ки писарак бедор шавад, ба ӯ чӣ мегӯяд.

Говҳо ба хирман наздик шуданд. Духтарак рафта гардонданӣ шуд. Аммо ҷуръат накард. Ва инро баҳонаи хуб дониста аз паси каппа фарёд зад:

«— Эй!.. Эй бачча!»

Вале писаракро сахт хоб бурдааст, ки бедор нашуд.

«— Эй, – баландтар дод зад ӯ, – эй бачча!!»

Писарак парида хест.

— Натарс! – гуфт духтарак ва писарак ӯро нашинохта ва ҳоло чашми хоболуд дуруст накушода, Сабо баҳонаи нағз ёфт: – Говҳо хирманро хӯрданд,

Писарак ё хоболуд буд ва ё ин духтаракро аҷина пиндошта карахт шуда монд.

— Чӣ нигоҳ дорӣ? Говҳо хирманро хӯрданд.

Писарак боз ҷавоб надод ва духтарак «Бош! Бош, шохат шиканад, бош!» гӯён ҷониби хирман тохта говҳоро ронданӣ шуд, вале тираш хок хӯрд! Говҳо ӯро писанд накарданд, фӯк фурӯтар

дода, сар аз наҳорӣ набардоштанд. Писарак бархостаговронаи дарозро бардошта омад ва говҳоро аз хирман ронд ва ба духтарак нигарон истод.

«Ҳа!» ишораи сар кард Сабо.

«Ҳеҷ чиз!» китф дарҳам кашида хомӯш ҷавоб гардонд писарак ва баъд гунг барин боз ишора кард: «Кистӣ?»

Духтарак ба ду тараф сар ҷунбонд, вале писарак нафаҳмид.

— Чӣ мегӯӣ? – ба забон омада пурсид писарак.

— Ҳеҷ чиз.

— Ин ҷо чӣ кор мекунӣ? – ҳоло ба саволҳояш ҷавоб нагирифта боз пурсид писарак.

— Ҳеҷ кор, дидам, ки говҳо хирманро мехӯранд, омадам.

— Аз куҷо дидӣ, ки...

— Ана аз ҳамин ҷо, – гуфта ӯ хаскаппаро нишон дод ва зуд гапро дигар кард. – Ту худат танҳо кор мекунӣ?

— Танҳо не, ҳамроҳи амаки Амон.

Духтарак баъди ин ҷавоб хеле хомӯш монд ва чӣ гуфтанашро надониста интизор шуд, ки писарак ба ӯ чӣ мегуфта бошад.

— Росташро гӯй, ин ҷо кор мекунӣ?

— Роҳи падарамро мепоям.

— Падарат дар куҷо?

— Дар ҷанг.

Писарак хеле хомӯш монд ва баъди муддате пурсид:

— Падарат кӣ?

— Милиса.

— Ӯҳӯ-ӯ!

— Чӣ ӯҳӯ?

— Одами зӯр будаст.

— Ана барои ҳамин ман катӣ дониста гап зан... об дорӣ?

— Дорам... – гуфта писарак ҷониби каппа рафт, вале духтарак аз ҷой наҷунбида рост истод ва писарак ӯро ҳаросида пиндошта даъват кард: – Натарс, биё об хӯр!

— Ҳамин ҷо биёр!

Писарак ҳам сухани ӯро нашикаста ба дӯлча об гардонда овард.

Духтарак росто обро даркашида бепарво дӯлчаро ба писарак дароз кард. Вале миннатдорӣ фаромӯш шуд.

Писарак ҳайрон буд, ки ин чӣ хел духтарак бошад.

— Биё, бишин!

Сабо ин дафъа сухани ӯро нашикаст. Магар чунин даъватро нигарон буд, ки хомӯш ба каппа рафт ва баробари даруни хаскаппа шудан «Хайр, то омадани амакат» гуфт.

— Шиштан гир, амаки Амон одами нағз...

Писарак ҳар чӣ дошт, назди духтарак гузошт: ним нон ва як дӯлча об ва баъд ба афту сару рӯи духтарак нигарист ва аз карда

пушаймон шуд. «Ин духтарак як шаклу шамоили дуруст надорад, боз дағалӣ мекунад, – аз дил гузаронд ӯ, – қоқи мурданӣ, нӯки биниаш ҳам чок...»

— Дигар касе надорӣ? – яке пурсид писарак аз духтарак, ки зери забонаш луоб бароварда нонро хӯрам ё нахӯрам гуфта меистод, ба ҷои ҷавоб сар ҷунбонд. Ва писарак надонист, ки чӣ хел нонро аз пеши ӯ гирад.

— Меравӣ? – пурсид писарак.

— Не, – луоби даҳонашро фурӯ бурда гуфт ӯ, – ман мехоҳам ба ту ёрӣ диҳам.

— Туро гум намекунанд, намеҷӯянд?

— Кӣ?

— Модарат, хешовандонат!

— Не... Ман касе надорам.

Ба дили писарак раҳм омад ва ин дафъа нонро наздиктари духтарак тела дода боз меҳрубонӣ кард:

— Набошад, гир хӯр, гушна будагистӣ.

— Не, ман гушна нестам. Фақат як илтимос дорам, иҷро кунӣ, аз гапат намебароям.

— Ку, бигӯ!

— Ба ман ду-се кило гандум те...

Писарак ҳайрон монд ва чӣ ҷавоб гуфтанашро надонист.

— Барои худам не, барои кӯдакони Мизроб-муаллим, барои Наташа.

— Ин кори намешудагӣ, хиёнат...

— Барои чӣ? – худро хеле ҳайрон гирифта пурсид Сабо.

— Амаки Амон мегӯянд, ки ҳозир дар ҷаҳон аз гандум чизи қиматтар нест ва агар донанд, ки...

— Абдулло-селпо низ чунин гӯяд, вале зани Мизроб-муаллим мегӯяд, ки дар ҷаҳон аз одам чизи қиматтаре нест. Ба кадоми инҳо бовар мекунӣ?

Писарак китф дарҳам кашид, мазмун, ба ҳалли чунин масъалаҳо қувваташ намерасид. Аз каппа хасеро кашида чанд бор шиқ-шиқ шикаст ва ранги калонсолон, ки дар ҳалли муаммое монда бошад, «ҳум» гуфт.

— Намешавад-а? – ҳалли масъаларо тезонданӣ шуд Сабо.

— Не, намешавад. Агар амаки Амон фаҳмад, туро аз миллаат меовезад ва маро аз поям.

Дар ин миён раҳми дили писарак барҳам хӯрд ва пойҳои қоқу сиёҳу бараҳнаи духтарак ба назараш шумтар намуданд. «Хез, зудтар дафъ шав» дар дил гуфт писарак ва сари забон такрор кардан гирифт, то якбора гуфтанаш осонтар шавад. Вале баногоҳ аз даҳонаш дигар гап баромад:

— Ту ҷӯгидухтар нестӣ?

— Гуфтам-ку, ман Сабо ҳастам, духтари милиса. Лекин ту кистӣ?

— Ман Ҳусен.

— Донистам Ҳусен, лекин писари кӣ? Аз куҷо? Чаро ман туро намешиносам?

— Ман ҳам туро нашинохтам-ку!

— Барои он ки мо аз ин ҷо кӯчида рафта будем.

— Мо ҳам ба ин ҷо нав кӯчида омадем!

— Аз куҷо?

— Аз Работ.

— Падарат чикора?

— Полон медӯзад, – гуфта каме шарм кард ва баъд шарҳ дод, – барои харон полон медӯзад.

— Пуф, – баландназарӣ кард духтар ва аз ин рафтори ӯ қаҳри писарак омад.

— Чӣ «пуф»? Дигарон аз падари ман зиёд ҳастанд?

— Ҳозир полон ба кӣ лозим? Ҳама харҳоро фурӯхтаанд.

— Магар харро бе полон мефурӯшанд?.. Духтарак, ту маҳмаддоноӣ накун, хезу ба роҳи омадаат рав.

— Не, ман намеравам. Амаки Амон меояд, гандум мепурсам, баъд меравам.

— Гуфтам-ку, худатро овезӣ ҳам, амаки Амон як дона гандум намедиҳад.

— Медиҳад, вай ту барин не.

— Намедиҳад, худатро кушӣ ҳам, намедиҳад.

Болои ҳамин гап марде аз ҷониби деҳа адирро рост шуда омад.

— Ана амаки Амон меояд, – гуфта Ҳусен парида хест ва говронаро гирифта ҷониби говҳо тохт. Амаки Амон сари хирман нарасида Ҳусен говҳоро ҳай карда омад.

Ҳусен ба гӯши амаки Амон чизе гуфт, ки вай ҷониби хаскаппа нигарист ва сар ҷунбонд. Ва худи Ҳусен баҳонаи об карда тозон ба каппа омада кӯзаро каҷ карда ба дӯлча об гардонд ва дӯлчаро пеши даҳон бурда гуфт:

— Ман ба ӯ гуфтам, ки ту хоҳари ман мешавӣ. Фаҳмо?

— Ҳум, – оҳиста ҷавоб дод духтар ва баробари бархеста сари хирман рафтани Ҳусен Сабо низ бархеста рафт.

— Ҳоло ин хоҳарам мешад гӯй, – баъди саломи духтаракро алек гирифтан гуфт амаки Амон.

Ҳусен туфашро қулт бурда сар ҷунбонд.

— Нағз... – гуфт мардак ва шохаро гирифт, то гирди хирман занад.

Амаки Амон марди якдаста: дасти чапаш аз оринҷ поён нест. Куртаи хокиранги саллотиаш аз оринҷ қат гардонда бастагӣ. Вале худаш тануманд ва хеле боғайрат метобад. Сабо ҳайрон,

ки ин мардаки якдаста чӣ хел гирди хирман мезада бошад. Гӯё мардак гумони ӯро фаҳмида панҷшохаро гирифта гирди хирмани парешонро дарун заданӣ шуд. Сабо ба кори ӯ диққат дод. Амаки Амон нӯки дастаи шохаро аз зери каши чап ба пас гузаронида ва аз байни дастаи шоха бо панҷаҳои пурқуввати дасти рост дошта хеле сабук ва осон хӯша ва пояҳои нокӯфтаи гирди хирманро рӯи хирман – зери пои говон партофтан гирифт. Баробари дасти рост дасти мундаи ӯ кор мекард ва дастаи шохаро сахт медошт. Сабо ҳайрон менигарист. Ӯ истод-истоду якбора тохта рӯи хирман шуд ва баробари Ҳусен аз паси ҳӯб гирд гаштан гирифт.

— Ба пойҳоят хор мехалад, духтар, – дилсӯзона гуфт амаки Амон.

— Ба пойҳои ман хор таъсир намекунад, амак!

— А?! – ҳайрон шуда ба духтарак нигарист мардак ва баъд ба Ҳусен рӯ овард: – Ин чӣ хелин хоҳар?

— Чӣ хелин хоҳар? Хоҳар! – хандида гуфт Ҳусен.

— Чӣ хелин, ки ба пойҳояш хор намехалад?

— Аз рӯзе ки шудааст, пояш пойафзол надидааст.

— Ҳа-а, – гӯё акнун маъниашро фаҳмид мардак ва боз савол ёфтанӣ шуда хомӯш шоха задан гирифт.

— Набошад, ту ҳӯбро гардондан гир, ман банд мепартоям, – гуфта говронаро ба Сабо дод Ҳусен ва аз хирман баромад: – Банд партоям, амак? – пурсид аз амаки Амон ва иҷозат гирифта бандинаи бандеро кушода пеши пои говҳо андохт. Говҳо духтаракро писанд накарда гардан хам карда аз банди нав ба хирман партофта якдаҳонӣ гирифтанд ва бандро пахш карда гузаштанд, вале Сабо, ки ба ин корҳо одат накарда буд, пояш ба банди лағжонак надошта, лағжида ба даҳон зад, касе набинад, гуфта, парида хест. Ҳусен бандро пеши рӯяш дошта хандид. Сабо гумон кард, ки онҳо афтидани ӯро надиданд, говро сахт говрона зад.

— Шохаш-ба зан падарлаъната! – хитоб кард Ҳусен ва хандаашро дошта натавонист. Худи Сабо ҳам хандид, вале амаки Амон ба кори худ фурӯ рафтаст, ки аҳамияте надод.

«Шав-шув-шав» садо медод пойҳои говон ба пояю хӯшаҳо бархӯрда ва баъд аз паси онҳо садои шикастани пояҳо меомад. Хомӯшӣ шуда буд, ки Сабо ба ин чиз аҳамият медод ва зуд-зуд дар дил такрор мекард: «Акнун ҷоямро ёфтам, дигар duздӣ намекунам, ҳамин ҷо гандуми хушк хоида меҳнат мекунам...»

— Сабо, монда нашудӣ? – якбора хаёли ӯро гурезонд Ҳусен.

— Не! – ҷавоб дод Сабо ва говрона ба пушти говон зад.

❁ ❁ ❁

Хирманкӯбӣ ба Сабо маъқул шуд. Барои он ки рӯзаш беҳуда намегузарад, як пиёла оби ҷӯш мехӯрад ва бештар барои он ки

роҳи омади падараш аз ин ҷо равшантар метобад. Вале Ҳусен хуб накард, ки ӯро хоҳарам гуфт: акнун духтарак падарашро аз амаки Амон пурсида наметавонад, ки дар ҷанг дидааст ё на?

Офтоб ба сари кӯҳи сурхи Чилдухтарон расида, андаке нафаси гармо гашт. Насим вазида ва акнун аз зери суми говон чанги талхи коҳ бархоста, димоғи касро мехорид ва сурфа меовард. Сабо, ки ниҳоят ташна монда буд, ду-се бор «ҳӯб, хӯб!» гуфту аз хирман баромада ҷониби хаскаппа рафт, то об хӯрад. Гумонаш, говҳо баромадани ӯро надида, ба сари худ гаштан мегиранд. Лекин говон баробар бозистода фӯкҳо ба хирман халонда дон мехӯрданд. Сабо ба ин аҳамият надода аз кӯза ба дӯлча об гардонда нӯшид ва баробари дод задани Ҳусен об дар гулӯяш дармонд.

— Ту чӣ кор кардӣ?! – гуфта ҷониби хирман тохт ва гапи аз амаки Амон ёд гирифтаашро гуфт: «Ҳозир гандум аз тилло ҳам қимат меистад! Ту чӣ кор кардӣ?!» ва химчаро гирифта ба сағрию тахтапушти говҳо зада фарёд кашид: «Чу! Бош! Ҳӯб!» ва баъд фарёду дӯғи ба духтарак задааш аз ёд рафт, ки ду-се бор сахт-сахт «Бош-бош!» гуфта, ба сурудан даромад:

«Дар чаман най мекашидам, хирмани гул дар гирифт,
Ҳайфи рӯи баччагиям чанги хокистар гирифт!»

Сабо сари хирман рост истод, то писарак боз сарояд, вале ӯ магар фақат барои овозашро ба духтарак фаҳмондан буд ва ё дигар суруд намедонист, ки бас кард. Аммо духтарак баумед меистод. Хеле вақт гузашт: қариб ки офтоб ба паси кӯҳи сурх мeғелид, вай охирин гармияшро ҷамъ карда ба хирманҷо пошид, вале писарак хомӯш буд. Ӯ ба андеша рафта буд, бемадор барин аз думи гов дошта мерафт. Сараш хам буд, гӯё қадам мешумурд... Аммо Сабо намедонист, ки ӯ дар бораи чӣ фикр мекунад. Шояд аз ваҷҳи рӯзгарашон, шояд дар бораи амаки Амон ва ё бошад, ки дар бораи худи Сабо ва дар бораи ин ҷо мондану намондани ӯ? Агар инро худи Ҳусен надонад, Сабо ба фикр кардан ҳам наёбад.

— Сабо, дар он ҷо як миёнбанд ҳаст, ҳӯ дар чӯби каппа, ҳамонро гирифта биё! – гӯё давоми сурудашро гуфт Ҳусен.

Сабо гап назада ҷониби каппа рафт ва аз танаи чӯби каппа фӯтаи сурхеро гирифта, сари даст алвонҷ дода пурсид: «Ҳамин?».

— «Ҳа» – сар ҷунбонд писарак.

Сабо фӯтаро бурда вақти давр гаштани ҳӯбу писарак ба ӯ дароз кард.

— Не, ба ман лозим не, шину гандум тоза карда гир.

— О, қурбони ту мешам, Ҳусен! – аз шодӣ дилаш гуп-гуп зада гуфт духтарак. Аммо писарак, ки аз паси говон ҳӯб гашта, дур рафта буд, сухани ӯро нашунид. Сабо то даври дигар гаштани писарак гандум набардошта ба ӯ дида дӯхт, ки чӣ писараки хуб аст.

— Чӣ нигоҳ карда истодаӣ?! – хитоб кард Ҳусен.

Сабо ба ҷои ҷавоб ба амаки Амон, ки гирди хирман зада, бандҳоро наздиктари хирман оварда мемонд, нигарист.

— Гуфтам-ку бардоштан гир, – маънии нигоҳи ӯро дарёфта гуфт писарак.

— О, қурбони ту мешам, Ҳусен! – боз гуфт ӯ ва ба даруни хирман даст даровварда каф-каф гандум гирифта ва аз каф ба каф гардонда пуф ва нуқл карда рӯи фӯта мегузошт.

— Ин хел намешавад, Сабо! Дар пушти кӯза табақе ҳаст, рафта онро биёр, гандум гирифта элпӣ бикун. Шамол нест, бод карда наметавонӣ! – гуфта боз гузашта рафт.

Сабо тозон рафта табақро оварда тез-тез гандумро пуф-пуф ва элпӣ карда рӯи фӯта андохтан гирифт.

— Э, э, духтар! Ду пиёла гирӣ мешавад!

— Ман ду пиёларо чӣ кор мекунам? – дастонаш раг кашида гуфт Сабо.

— Чӣ кор мекардӣ? Ба офтоба меандозӣ, об пур мекунӣ, даҳони офтобаро лой зада ба оташ мегузорӣ, гунгина мешавад, мехӯрем... – муфассал шарҳ дод писарак ва дид, ки духтарак аз бемадорӣ рӯи замин фурӯ нишаст, боз гапашро давом дод: – Хоҳӣ, ки аз гушнагиву бемадорӣ намурем, ҳамин хел мекунем.

## 10

Имшаб чашми фалак кӯр буд. Торик, хӯб гардонда намешуд. Онҳо хӯроки шом хӯрданд. Гунгина дар даҳони Сабо мазза дод. Ӯ медонист, ки ин хӯрок андарунаш гӯшту нахӯд ва намаку пиёз дошта бошад, болаззаттар мешавад, вале ҳоло ин гандуми дар буғ пухта аз хуштаъмтарин хӯроки олам хуштар буд. Сабо башавқ хӯрд, аз амаки Амон изо ҳам накашида хӯрд ва баъд шикамаш ба дард даромад, хеста гирди хирман гашт. Ӯ ҳатто парвое надошт, ки имшаб чӣ хел ва дар куҷо хоб меравад. Амаки Амон чакманашро сари китф гирифта рӯи хирман рафт. Дароз кашида чакманро ба болояш чӯпонӣ гирифт. Ҳусен говҳоро аз хирман дуртар ронда сари хирман баргашт ва гӯё ки масъалаеро ҳал мекарда бошад, «хӯ-ӯш» гуфта монд. Баъд ба каппа рафта ҷомаи ҷандаашро овард. Ӯ дуртар аз амаки Амон дили хирманро кофт, дар паҳлӯяш боз як охурчаи дигар кофт ва ба Сабо фармуд, ки даромада хоб кунад. Сабо аз ин рафтори нодида ҳайрон буд, худи Ҳусен дар охурчае даромада хоб кард ва ҷомаи ҷандаашро ба ӯ дода «Ма, ба болоят гирифта хоб кун» гуфт. Сабо ба охурча даромад, даруни хирман гарм буд, ҷомаро ҳам ба рӯяш нагирифт. Ӯ духтарбачча бошад ҳам, дар дил ягон гумон ва ҳаросе надошт. Баръакс рӯболо хобида ситораҳои зиёди осмонро, ки гӯё бо атру пахта рӯи онҳоро беғубор карда бошанд, тамошо мекард. Бисёр буданд ситораҳо ва бо таҷаллӣ ва чашмакзаниҳо касро ба хаёл мебурданд. Чунон

хомӯшӣ буд, ки Сабо ҳам намехост ягон савол дода шишаи ин хомӯширо шиканад. «Уҳу» як бор сурфид амаки Амон ва ин сабаб шуд, ки Сабо ба гап дарояд.

— Ҳусен!

— Ҳа!

— Чаро амаки Амон як даҳан гап намезанад?

— Одаташ ҳамин.

— Не, Ҳусен, ягон гап дорад!

— Намедонам, хоб кун.

Сабо дигар ягон чиз напурсид, дар ҳақиқат аз нисфи рӯз то ними шаб Сабо аз даҳони ин мардак як сухан нашунид. Фақат боре пурсид, ки ин духтарак кист, вассалом. Маънии хомӯшии мардакро нафаҳмид, аз афташ, Ҳусен ҳам намедонист. Сабоҳро хоб набурд. Ба ҳазору як кӯчаи хаёл мерафт. Гунгина қувват шуда хуни ӯро ба ҳаракат оварда буд, ки кӯфти рӯзонаро ҳам фаромӯш карда, мехост, то имшаб ягон кор бикунад. Вале чӣ кор? Худаш намедонист. Сӯкмайдаи гандум баданашро ба хориш овард. Арақ карда зиёдтар баданашро хориш дод. Ӯ худро каме аз даруни охурчаи хирман берун кашида духтарона зонувонашро оғӯш карда нишаст. Баъд ҳама чизро фаромӯш карда, дар бораи кӯдакони Мизроб-муаллим ва Наташа андеша ронд. «Гушнаанд онҳо...» Ҳамин қадар гуфта тавонист. Дар бораи беҳолӣ ва нотобии онҳо чизе намедонист. Ӯ ба Ҳусен ва амаки Амон нигарист, ки хобашон бурдааст ё на. Амаки Амон, ки ба сар чакман кашида буд, хоб ё бедориаш маълум набуд ва Ҳусен ҳам дар охурча ғунча шуда хобида буд. Сабо ҳамёза кашид. Ба бадани арақкардааш насиме расид. Боз худро каме дарун кашид ва акнун фикр мекард, ки чӣ бояд кунад. Ягона чизе, ки дар ин чанд рӯз ёд гирифт ва аз дасташ меомад, дуздӣ буд. Ӯ тарҳи хомакӣ кашид, ки бояд аз гандуми хирман бардошта барои он кӯдаконе, ки надидаасту дилаш месӯхт, барад. Боз ба хирманкӯбон диққату гӯш дод. Онҳоро хоб рабуда буд... Ва баъд хост, ки ба некии онҳо (ҳамин тавр фикр мекард ӯ) носипосӣ кунад. Ӯ бархест, вале дилаш мадор накард: тапид, суст шуд ва ӯро бемадор кард. Ин аз тарс буд. Аз тарси ин марди ҷиддӣ, ки дар як рӯз як даҳан ҳам гап намезанад. Бо вуҷуди он барои имтиҳон Сабо бархеста аз хирман берун шуд. Баҳона карда дашт рафт. Гӯё говони наздик омадаро дуртар ҳай кард ва баъд даруни каппа рафта фӯтаро гирифта омад, ки гандум бардорад. Боз ба охурча омада нишаст.

— Ту хоб намекунӣ, Сабо? – ҳатто рӯяшро нагардонда пурсид Ҳусен.

— Хобам намеояд, – паст ҷавоб дод Сабо.

— Фӯтаро чӣ кор мекунӣ?

— Сарамро мебандам... – ба даст афтиданашро дониста дамаш фурӯ рафт ва баъди хеле вақт пурсид: – Чаро худат хоб намекунӣ?

— Хоби ман ҳам намебарад... Хайр, бихоб.

Сабо даруни коҳ даромада, фӯта ба рӯй кашид ва чунон вонамуд, ки сахт хоб рафтааст. Ба назараш, ки фазо оҳиста-оҳиста равшан мешуд. Вай оҳиста фӯта аз рӯй бардошта чашм кушод, ки қуллаҳои қаторкӯҳи рӯ ба рӯ сафед шуда истодааст. Фазо равшан, дашт равшан ва Лалм ҳам равшан мегардад. Гӯё акнун насим ба бадани ӯ не, ба дили ӯ расида фараҳе бахшид. Ва ба тамом хоби ӯ парид. Шаб зебо буд ва ором. Ин хел фазои кушод, барҳаво ва чунин осмони ситорабору ширмоҳтобро дар умраш аввалин бор медид. Аз маталҳо ин зайл тасвирҳоро шунида буд ва акнун бо чашм медид. Худи моҳ ҳам мисли ғилбори пур аз гандум, ки касе устокорона якёна медошта бошад, аз ҳамин наздикак, аз паси дарахтони азиму сафедорони баланди боғоти Ёрӣ сар бардошта истодааст. Онро офтоб гӯӣ, офтоб не, моҳтоб гӯӣ, моҳтоб не. Ба ҳар навъе бузург ва равшан аст. Ба назар ин моҳи мунир бошандагони деҳаро алла мегӯяд, дар амал саҳрохобидагонро бедор мекард: махсусан касоне, ки шаббош дар сари мазраъҳо хобида бошанд, чашмони хоболуди худро молида-молида ва ба моҳ нигоҳ карда мехезанд. Вале Сабо инро намедонист. Вай акнун хобиданӣ буд ва ҳамаро хобонда, агар тавонад, гандум медуздид...

Аммо кор ранги дигар гирифт. Аз ҷониби деҳа ғур-ғури одамӣ баромад. Сабо ҳаросида даруntари хирман даромаданӣ шуда боз бо панҷаҳояш коҳро кофтан гирифт. Баъд мисли чӯҷае, ки сайёдро дида дар ягон роғе, обкане ва ё зери буттае то ҷон дорад ҷо мешуда бошад, сахт-сахт бо пошнаи по коҳу нармаро тела дода фурӯтар мерафт.

«Уҳу-уҳу!» садои сурфа омад ва ҳар касе бошад, омаданашро мефаҳмонд.

Сабо гумон дошт, ки ҳозир амаки Амон бархеста «Ҳо, кӣ? Кӣ меояд?» гуфта онҳоро аз раҳашон бозмедорад, вале ҳарчанд ки гӯш андохт, садое наомад. Ҳусен ҳам чизе нагуфт. Сабо яқин кард, ки онҳоро хоб бурдааст. Бедор карданӣ шуда «Эй!..» гуфт, вале «Ҳусен»-ашро нагуфта, худи одамони наздикомада овоз бароварданд:

— Амонбой!.. Амонбой!.. Амонбой!..

Онҳо се бор чеғ заданд. Як номро ду овоз чеғ мезад. Аммо амаки Амон сахт монда гашта, ки бедор нашуд.

Сабо оҳиста даст дароз карда аз лаби домони Ҳусен кашид, вале ӯ бедор нашуд, даст пас гирифт.

— Амонбой!!! – қадам боздошта садо карданд онҳо. Дар ширмоҳтоб рӯи онҳо равшан буд ва кас баръало фарқ мекард. Сабо якеро шинохт, ки Абдулло-селпо, вале дигареро, ки марди сиёҳи паст метофт, нашинохт, як назар ба Неъмати девона монанд кард.

— Ҳӯ-ҳӯ-ҳӯ! – хоб дидагӣ барин як қад парида ва чакманро ба китф бардошта хест амаки Амон.

— Хобатон сахт будааст-дия, Амонбой, – гуфт Абдулло-селпо, вале Амон ҷавоб надода карахт шуд.

Сабо гапҳои онҳоро гӯш мекард, аз зери фӯта як гӯшаи чашмаш онҳоро медид. Марди пасти сиёҳ бар дӯш халтае ҳам дошт. Амаки Амон хоболуд аз рӯи хирман ба рӯи замин гузашта назди онҳо рафт ва ба каппа бурд. Ҳамагӣ панҷ-шаш қадам аз хирман дур.

Сабо ҳайрон буд, ки онҳо барои чӣ омада бошанд. «Находаз пайи ман омада бошанд... Наход амаки Амон маро фурӯшад?» аз дил гузаронд ӯ ва нафас дарун медошт, ки тапиши дилаш паст шавад, то сӯҳбати онҳоро шунавад. Амаки Амон ба назари Сабо марди ором ва вазнин метофт, шир барин дамида ва шӯриданӣ мешуд, вале онҳо ба дами он об зада, фурӯ нишонда мефармуданд, ки паст гап занад.

«Баччаҳо, ки аз гушнагӣ мемурда бошанд, қаламаро барои чӣ овардӣ?» садои амаки Амон омад. Абдулло-селпо даст дароз кард, то даҳони ӯро дорад. Машварат ва муомилаю мубодила дер давом кард ва яке овози амаки Амон баланд шуда ва дастархони қалама аз каппа берун парид: «Қаламаат пеш-пешу худат аз қафо!» – бадқаҳр шуд амаки Амон.

— Нонро напарто, кӯр мешавӣ, аз ин дастат ҳам ҷудо мегардӣ, – ӯро ҳақорат кард Абдулло-селпо.

— Кӯр шавам, шал шавам, лекин ту барин беномус нашавам, мумсик нашавам! – амаки Амон дигар ба онҳо нигоҳ ҳам накарда сари хирман омад ва Ҳусенро бедор кард.

— Ҳусен!.. Хез, говҳоро ҳай карда биёр!

Ҳусен парида хест ва ҷониби говҳо рафт.

Вале Сабо даруни охурчаи хирман шах шуда буд.

Ҳамин ки онҳо дастархони қалама бастаро гирифта, даруни халта андохта ва сари китф партофта нишеб шуда рафтанд, амаки Амон худ ба худ ғурридан гирифт: «Лаънатии беномус, хонааш пур-пури ғалла, боз аз ҳама пештар мемурад. Мур-е, баччаҳо аз гуруснагӣ мемуранд, мегӯяд. Худи ки Ҳаким барин панҷ бачаро партофта ба ҷанг рафта бошад, ё зани Мизроб барин бачабон бошад... Мард нашуда рав... Баччаҳо аз гушнагӣ мемурда бошанд, қаламаатро ба ҳамонҳо деҳ, на ки сари хирман биёрӣ, ба гандум иваз кунӣ. Пурхӯрда – пурармон...» – гуфта амаки Амон хам шуда ресмонро гирифт, ки то говҳоро ҳай карда омадани Ҳусейн тайёр шавад. Сабо акнун фаҳмид, ки амаки Амон ҳам гапро медонистааст, вале ҳама гапро дар дарун дошта, худ ба худ мулоҳизаю хулоса мекардааст, вале бо онҳо зуд тез шуд. Чун Ҳусен говҳоро ҳай карда омад, ба вай ҳам фаҳмонданӣ шуд: «Дидӣ? Шунидӣ ин мумсиконро? Боз кӣ? Писари Ҳикмати пашминро бардошта омадааст. Неъмат-девонаро меовардӣ, намешуд, ақлаш кам, зиёд-

тар мебардошт. Шон худашонро ҳоло ҳам таги хамма медонанд, аз бойҳо ҳамин қадар бой мондааст, мегӯянд. Баччаҳои ман аз гушнагӣ муранд, як бурда нон нате. Ва намедиҳӣ ҳам... Кӣ инро намедонад? Ки ту судхӯрро намедонад... Селпоя хӯрда, сер нашудӣ, як кило гандум диҳӣ, якуним кило карда гирӣ, сер не... Аз хирмани колхоз ҳам кавсанг металабӣ... Мур!...»

Амаки Амон дарғазаб шуда акнун гапашро зери забон не, балки баланд-баланд мегуфт.

— Амак, ман дина дидам, ки ҳамин мардак як ҷувол гандумро дар осиё орд карда бурд.

— Акнун ба ивази як қалама хамма пур карданӣ... Вай маро кӣ гумон карда бошад... ё мардум гумон кунанд, ки Амонбой шаби дароз хоб накарда гандум мефурӯшад ё ба хонааш гандум мекашонад?.. А? Ҳусен?!

— Одамон ҳамин хел гумон мекардаанд, амак.

— Гумон кардан гиранд, баччем. Сидқи мо дар назди парвардигор, дар назди колхоз соф аст.

— Худам шунидам, ки сари чош бошад, мехӯрад, мегуфтанд.

— Гуфтан гиранд... гуфтан гиранд, баччем...

Ҳамин қадар гуфт амаки Амон, мазмун, гапи тайёркардааш тамом шуд, ки мисли талабаи ба билети имтиҳон ҷавобгӯ давоми сухан надониста хомӯш монд... Говҳоро ҳӯб баст, «ҳӯб!» гуфта ба ҳаракат овард ва аламзада ҷониби каппа рафт.

Моҳ баланд баромада буд. Акнун якёна не, балки мисли як қандили азим дар сақфи баланди осмон меистод. Мардуми оламро аҳли як байт дониста ба сари онҳо баробар нур мепошид. Сабо як лаҳза фикр кард, ки агар ҳамон моҳро канда ба рӯи хирман гузоранд, сарпӯш барин онро мепӯшад. Ҳарду баробар, мудаввар, ҳамранг, вале хирман наздиктар ва заруртар. Барои бачаҳои Мизроб-муаллим моҳ чандон лозим не, фаразан, як шабу-ду шаб набарояд ё зери абр монад ҳам, боке не, вале пайи ҳам гушна шиштан ғайриимкон аст. Духтарак то ин дам фикр мекард, ки аз амаки Амон пурсида гандум мегирад ва ё хирманро мезанад, вале баъди муомилаи ӯ бо Абдулло-селпо умедашро канд.

Ӯ боз як рӯз сабр кард. Аз амаки Амон пурсид, ки барои ӯ чӣ хизмат кунад. Ӯ ягон хизмат нафармуд. Баробари Ҳусен говҳоро ба об бурда меовард, ҳӯб мегардонд. «Ту хоб кун, ман гардонам, рӯзона ин ҷо будани ман мумкин не», мегуфт, вале рӯз, ки шуд, ҳеҷ ҷо намерафт. Аммо бегоҳи дигар «Хайр, ман рафтам» гуфта бо амаки Амон хайрухуш кард, вале ба Ҳусен чизе нагуфта рафт. Рафту дилаш ба шаби маҳтобӣ кашол монд...

Гӯё духтарак бо як азми азим ва аламы алим аз сари хирман ҷониби деҳа рафт. Ӯ аз сари теппа, аз болои харсанг ва сари нов чанд бор ба ҳавлиашон нигарист, ки падараш омада бошад. Аммо асаре надида, ба ҳавлӣ надаромада мисли бум, ки шабонгаҳ ба

шикор барояд, ба боғҳои ҳамсоя гузашт. Поида-поида зери деворе рафт, ки аз тамоми деворҳои ҳавлиҳою боғоти деҳа баландтар буд. Сари девор баромад. Чашмонаш саги алоро меҷустанд. Ӯ чандон бовар надошт, ки Ало ошноӣ диҳад. Бештар бар ин ақида буд, ки Ало саги гургошност. «Мол ба соҳибаш наравад – ҳаром» мегӯянд...

Дарвоза кушода шуд. Сабо аз сари девор паст лағжид ва бо ду даст ба сари девор маймунвор кашол шуда, аз буни танаи ғафси дарахти чормағз он сӯй нигарист. Аввал хар аз дарвоза даромад ва баъд Абдулло-селпо. Ӯ аз пушти зин хӯрҷини вазнинро бардошта натавониста, занашро ба ёрӣ ҷеғ зад. Дукаса хӯрҷинро бардошта лаби марза гузоштанд. Сонӣ саросемавор онро ба хона даровstatic. 

Абдулло-селпо тахмин кард, ки аз куҷое касе ба вай нигоҳ мекунад. Беихтиёр бархоста, тозон назди дари анбор омад ва баъд сагро ҷеғ зад: «Ало, ало, баҳ!». Саг «ҳаф» гуфта ва думак зада омад. «Асил ту, асил ту, – гуфта сари сагро молид ва таъкид кард: – Ҳушёр бош, замона бад, дузд бисёр шудааст». Саг думак зада-думак зада пеши пои соҳибаш ғелид.

Сабо тамошо мекард. Зани Абдулло-селпо куртаи дигар пӯшида баромад. Дастархон карда буд.

«Ҳушт!» Баъди аз дарвоза баромада дур рафтани онҳо сагро ҷеғ зад Сабо. Саг як ба атроф нигарист, гӯш чур кард. «Ҳушт!» такрор кард ӯ ва Ало садоро нишон гирифта то зери девор тохта омад. «Ало, ин ман, шинохтӣ?» Саг думак зада чашм аз духтарак намеканд ва ба дасти ӯ менигарист. «Наздат фароям?» пурсид Сабо, аммо мӯи сараш рост шуд. Саг думак мезад, ошноӣ медод, аммо дили Сабо пур набуд. «Фароям?» боз пурсид Сабо. Саг каллаашро яктарафа карда, маънидор ба вай нигарист. «Ту чӣ хел зиракӣ, Ало! Ту чӣ хел бофаҳмӣ, Ало!» сагро таъриф кард духтарак ва бо ин гапҳояш гӯё вайро харида бошад, пойҳояшро аз сари девор нишеб кард, то фарояд. То ними девор фаромад, саг ором буд. Ӯ пой ба танаи дарахти чормағз гузошта, фаромад. Рӯ ба рӯи саг истод. Саги нонхӯрда думак мезаду ба дасти духтарак менигарист. «Ҳеҷ чиз надорам, – кафи дастони холиашро нишон дода гуфт Сабо, – мебинӣ, ҳеҷ чиз. Ман ҳам ту барин гурусна, – назди ӯ нишаста бо овози паст гуфт Сабо ва гарданашро оғӯш карда ба гӯшаш пичиррос зад: – Агар хоҳӣ, ки ҳар дуямон сер шавем, ба ман ёрӣ деҳ, ман анбор даромада нон гирифта ба ту медиҳам, шикамат сер мешавад, худат дидӣ, ки ба ту ош надода рафт».

Саг думак мезад ва дар оғӯши духтарак ором меистод. Аз ин рафтори саг дили вай пур шуд, ки «ҳозир, сабр бикун!» гуфта бархост сӯи анбор рафт.

Хар ҳанг зад. Ало ду-се бор ак-ак кард. Духтарак назди дари анбор рост шуд. Баъд дид, ки ба дари он як қуфли дароз задаанд, ки ин хел қуфлро бо калиди дароз тоб дода-тоб дода ва баъд калидро сахт кашида кушода мекунанд. Зулфини дар ҳам намебарояд. Ӯ як дастаи табар ёфта, аз роғи зери дар даровард ва боло бардошт, то турмаш барояд. Чанд бор зӯр зад ва яке дар дарун рафт. Духтарак даромад. Анбор торик буд, чизеро намедид. Даст-даст карда ба ҳар чиз бармехӯрд. «Орд» – ба ҷуволи нарме расида гуфт ӯ ва аз садои худ ҳаросида ба дар нигарист. Саг дами дарро гирифта гӯё ба вай ёрӣ медод. Хотирҷамъ боз ба ҷувол расида ва ҳамин вақт аз кӯдакӣ ва беқувватии худ норозӣ шуд, ки ҷуволи ордро бардошта бурда наметавонад. Ало ҳам ба вай ёрӣ дода наметавонад. Ӯ ҷогаҳе пайдо карданӣ шуда, ҳама ҷои анборро даст-даст кард. Ба дасташ як нони қоқ омад, ба назди Ало партофт. Ало онро гирифта ба кадом гӯшаи ҳавлӣ рафт. Сабо аз пушти ҷуволи орд халтаи хомсуфро кашола карда баровард. Бо паллаи торозу аз ҷувол орд гирифта ба халта андохт. Баъд бардошта, вазн зада дид. Ҳоло сабук, вале девори баланд дар пеш. Як пуд барин орд гирифт. Аз дар баровард. Баҳузур турми дарро ҷо ба ҷо карда, баъд ба таги девор рафт. «Баланд, хеле баланд» зери лаб гуфт ӯ ва халтаро ба дӯш гузошта даҳони онро ҷамъ карда зери дандон гирифт ва даст боло кард, то барояд. Халта вазнинӣ кард, дасташ ба сари девор нарасид. Халта гардани ӯро ба пушт тоб дод. Гумонаш, ки Ало аз пушт дошта кашида бошад, халта ба пушт афтид. Сабо хаёл кард, ки халта кафида, орд рехт. Халта, ки аввал ба танаи дарахти чормағз бархӯрда, баъд ба замин зада буд, осебе надид. Ӯ халтаро бехи дарахт монда сӯи саисхона рафта, полони харро бардошта овард, ки зери пояш монда барояд. Он ҳам пастӣ кард. Як сатили кӯҳнаро ҳам овард, нашуд. Аз кунҷи ҳавлӣ як дари кӯҳнаро оварда нардбон барин аз бехи дарахт то ними девор гузошт ва боз халтаро ба дӯш бардошт, бо дандону дасти чап дошта ва бо азобе сари девор баромад. Вақте ки халтаро сари девор гузошт, ларзиши бадан ва дасту пояшро пай бурд. Гӯё ӯ на, девор меларзид ва духтарак худро дар сари девор базӯр нигоҳ медошт. Ӯ ба сари девор савор шуда халтаро ба паст партофтанӣ шуд ва яқии кард, ки партояд, мекафад ё чаппа шуда, орд мерезад. Пас мисли бузкашҳо, ки ҳангоми аз замин бардоштани буз ба як тарафи асп кашол мешаванд, худро ба паҳлӯи рост хам карда, як бор бе халта озмуд ва баъд халтаро нишеб карда ба сари девор дароз ба шикам хобид ва кам-кам нишеб шуда бо дасти чап деворро сахт дошта, халтаро сар додан гирифт. Халта таппӣ ба замин зад ва якпаҳлӯ афтид. Ӯ қоматашро рост карда диққат дод, ки саг дар куҷо бошад. Хост «ҳушт» гӯяд, вале ба гӯшаш омад, ки саг паси дарвоза нони қоқ мехояд: «Хайр, Ало!» Духтарак зуд фуромада халтаро бардошт. Баъд нафаси дароз

кашида, тахтапушт ба девор такя дода тапиши дилашро ором карданӣ шуд. Хеле истод. Ба атроф диққат дод. Ҳама ҷоро ором ёфта, хам шуда халтаро ба дӯш бардошт ва боғ ба боғ то роҳи таги ғор, ки дар ин бевақтӣ одамон аз он ҷо кам мегузаштанд, рафт. Ӯ аз ҳавлии Абдулло-селпо дур шуд ва ҳаросаш гум шуда, қувваи нав гирифта, тез-тез қадам монда рафт. Чунон тез рафт, ки тарсу ҳаросро ҳам фаромӯш кард ва ба дарвозаи Мизроб-муаллим расиданашро ҳам надониста монд. Ӯ дар беруни дарвоза дудила нашуд: аввал аз дарвозаи беқуфлу маданг дарун даромад, халтаро пушти дар гузошт ва баъд тақ-тақ кард. Ҷавобе нашуд. Оҳиста-оҳиста ба хона наздик рафт ва тирезаро нохун зад.

«— Кӣ?» – шунида шуд аз дарун.

«— Ман».

«— Кӣ ту?»

«— Ман – Сабоҳат».

«— Кадом Сабоҳат?

«— Дарро кушоед, мебинед»

«— Чӣ мегӯӣ?»

«— Гап ҳаст, кушоед».

Занак бархоста занҷир аз дар бардошт ва дарро боз карда берун омад.

— Салому алейкум! – одобро фаромӯш накард духтар.

— Ваалайкум! – барои зудтар мақсадро фаҳмидан кӯтаҳ ҷавоб гардонд занак.

— Шумо зани Мизроб-муаллим?

— Ҳа.

— Духтарчаи Зоя-духтур дар хонаи шумо?

— Ҳа...

— А... а... медонед чӣ?

— Не. Ягон гап... – парешон шуд занак.

— Не, не. Аз район ба шумо, ба оилаи муаллим ва кӯдаки духтур ёрӣ фиристоданд.

— Чӣ хел ёрӣ? – ҳайрон шуда пурсид занак.

— Орд... Камтар орд, – гуфт Сабо ва тозон рафта аз пушти дар халтаро бардошта омад. – Марҳамат.

— Раҳмат, духтарам, дар ин бевақтӣ овора шудӣ...

— Не, овора не, апа.

— Ин қадар худро ба орд ҷӯлондаӣ? – дар равшании моҳтоб орди сару рӯю куртаи ӯро дида гуфт занак.

— Бардорумон кардам, чанг шуд.

— Хайр, даро!

— Не, меравам.

— Дар ин бевақтӣ ҳеҷ куҷо намеравӣ, духтар. Хоб мекунӣ, пагоҳ Наташаро мебинӣ, баъд меравӣ... Аввал ба ман гӯй, ки ту кӣ мешавӣ ва кӣ туро фиристод?

— Гуфтан катӣ намешиносед, орд орди ҳукумат, – гуфта Сабо чанд қадам пас-пас рафт.

— Хайр, майлаш, нашиносам ҳам, хоб кун, дар ин бевақтӣ куҷо меравӣ? – ба некии духтар чӣ хел ҷавоб гардонданро надониста, имшаб хобидани ӯро мехост занак.

— Не, апаҷон, ман бояд чанд ҷои дигар равам.

— Набошад, боз кай меоӣ?

— Ҳар вақте ки ҳукумат барои шумо чиз фиристад.

— Не, ҳамту омадан гир.

— Фақат, илтимос, ки орд овардани маро касе нафаҳмад.

— Барои чӣ? – ҳайрон монда пурсид занак.

— Даъвогарҳо бисёр, апа, вале орд кам, ба ҳама намерасад.

— Хуб! – рост бовар кард занак ва духтаракро то сари кӯча гуселонд.

Сабо дар сари кӯча гапро ғоз надода, зуд ба роҳ даромад. Чанд қадам рафта, боз ба пас нигарист, ки ҳоло ҳам занак аз паси ӯ нигарон аст. «Ман боз меоям, апа» гуфт духтар ва тез гашт. Ҳамин ки хамгашти кӯчаро гузашта аз назари занак дур шуд, хаёл лаҷоми гашти ӯро пас кашид. Қадамаш якка шуд ва бозистод: «Ба куҷо? – суол кард ба худ ва китф дарҳам кашид. – Ба ҳавлӣ рафта намешавад. Абдулло-селпо ба хонааш омада дуздро пай бурда бошад? Ман беҳуда худамро ба осиёбон, ба хирманкӯбон шинос кардам. Беҳуда аз осиёбон орд талабидам, беҳуда ба Ҳусен гуфтам, ки гандум лозим. Вагарна маро дар ин деҳа ҷуз кампири Ойша касе надида буд. Беҳуда кардам, аз худам гузашт...» Духтарак такя ба девори кӯча зада хеле истод ва ба хулосае омад, ки ба ҳеҷ куҷо наравад. На ба ҳавлиашон, на ба хонаи кампирн Ойша, на сари хирман ва на ба назди зани Мизроб-муаллим. Вале ҷое бояд пайдо кард, куртаи ордолуд кашида афшонад ва илоҷаш бошад, шӯяд, ки аз арақу орд тахтапушташ хамир бастааст. Духтарак хеле фикру хаёл кард ва тахмин дар деҳа каси бедор намонда буд. Фарёди аввали мурғон. Мурғони деҳа аз дуру наздик се бор-се бор бонг зада бо забони худ чизе гуфтанд. Духтарак забони онҳоро нафаҳмид. «Аз афташ, ба ман маслиҳат медиҳанд, ки оворагардӣ накунам, ҳов, шумо ба дасти моиндар наафтодаед, афсонаи момои маро нашунидаед, барои ҳамин шабу саҳар фарёд мезанед». Ба мурғон ситеза кард ӯ ва пушт аз такяи девор гирифта аз роҳаш баргашт. Тез-тез қадам монд, баъд тохт. То дарвозаи Мизроб-муаллим тохт ва дарвозаро кушода даромад.

Ошхонаи занак равшан буд. Чарс-чарси сӯхтани ҳезум меомад.

Сабо ба ошхона наздик омада аз тирезаи бешишаи он ба дарун нигарист. Занак хамир меошурд. Сараш хам буд. Хамир мушт мекард. Оташ аланга гирифта, яке ошхонаро равшан кард ва боз паст шуд, монанди чароғи мил-милак месӯхт. Занак бо дасти чап

ба таги дег як қабза шибоғ гузошт ва дар равшании алангаи он хамирро аз табақ канда ба рӯи суфра гузошт ва мушт кардан гирифт.

«Уҳу!» сурфид Сабо. Заиак даст бар хамир шах шуда монд. Чашмаш ба тиреза буд. «Кӣ?» гуфта пурсида ҳам натавонист.

— Натарсед, апа, ин ман! – аз дари ошхона гуфт Сабо.

— Э биё, биё! – аз сари суфра нимхез шуда гуфт занак.

— Ҳамроҳонамро наёфтам, боз омадам, – сабаби омаданашро чунин эзоҳ дод духтарак.

— Нағз кардӣ, ҷон, сабр бикун, як кӯрпача биёрам, – ӯро меҳмони азиз дониста ба хона гузаштанӣ шуд занак.

— Лозим не, апа, – пеши роҳи ӯро дошта гуфт духтарак, – ҳамин пӯстак мешавад.

Занак ба хоҳиши ӯ нигоҳ накарда ба хона гузашта кӯрпачаи қуроқие овард ва рӯи пӯстак густурда духтаракро «шин» гуфт. Духтарак аз омаданаш пушаймон, шиштан нахоста, чашм ба занак дӯхта мижа задан гирифт.

— Шин, шарм накун, хонаи худат барин...

Сабо каме худро қафо кашид ва сари зону нишаст.

— Баҳузур шин, – гуфт занак ва нонсозакро аз рӯи секучак гирифта бо латтае пок кард, рӯи суфра гузошт ва ба гап даромад:

— Э-э, агар донӣ, ки ту чӣ кор кардӣ...

— Чӣ кор кардам, апа?

— Сухан нест, ки гӯям. Ту ба мо ҷон бахшидӣ...

Сабо ба ин гапи занак сухане нагуфта сар хам карда истод. Ошхонаро сукунате фаро гирифт. Алангаи шибоғ ҳам паст шуд ва дар нӯги ҷорӯбакҳои он сурх-сурх оташ буд, пас аз лаҳзае оташи он сиёҳ гашта ва нӯги чингаҳо камонак шуда хокистар боқӣ мемонд. Сабо хомӯш шудани оташ ва торик гаштани ошхонаро дида ҷуръат накард, ки зери дег шибоғе гузорад. Ба занак нигарист. Ӯ беихтиёр хамир мушт мекард. Хамир аз вазни мушти занак ба рӯи суфра качу килеб паҳн гашта ба як нони калони ноҳамвор монанд мешуд. Духтарак ба занак диққат дод. Вале дар торикӣ надид, ки қиёфаи вай чун аст, аз бинӣ кашиданаш пай бурд, ки ӯ гиря мекунад.

— Апа! – шишаи хомӯширо шикаст духтар.

— Ҳа.

— Гиря мекунед?

— Н-не, – хандида гуфт ӯ, вале духтарак хандаи ӯро надид.

Занак бо пайванди даст ашки ба рухсорааш шоридаро пок карда ва хамири ба рӯи суфра паҳншударо лабгардон карда монд ва боз ба дегдон шибоғ гузошт. Шибоғ дуд кард. Чашмони Сабо сӯхт.

— Ман «пуф» мекунам, апа, – гуфта Сабо лаби оташдон омад ва як чӯбчаро гирифта, дили оташро каме кофт ва хам шуда пуф

кард, чӯбчаҳои сиёҳгаштаи даруни оташдон суп-сурх шуданд. Дар партави оташи аз дам сурхшуда якбора рӯй, мӯи даққӣ ва панҷаҳои хароби лоғари духтаракро занак равшан дид, вале аниқ накард, ки ӯ кист. «Чаро ин хел?» гуфт ӯ дар дил.

— Ту кӣ дорӣ, духтарҷон? – таваҷҷӯҳ фармуд занак.

— Ҳама: падар, модар, додару хоҳар...

— Дар куҷо?

— Дар Панҷакат...

Занак дигар савол надод ва хамири ҷамъкардаашро гӯё ки мерасонда бошад, аз нав мушт кардан гирифт. Баъд хамирро ба се зувола ҷудо карда якеро рӯи нонсозак гузошта бо нӯги ангуштон пахшу ҳамвор карда нон сохт ва нонпарро аз даруни боқимондаи орди суфра гирифта гирдогирд нонпар зад ва ба деги тафсон андохт.

Духтарак то алҳол бӯи дегро мешунид, акнун ҳис кард, ки бӯи нон меояд, зери забонаш луоб ҷудо шуд.

— Аз муаллим, аз духтурзанак – Зоя ягон хабар ҳаст? Менависанд? – хомӯшӣ ба дилаш зада ба гап даромад духтар.

— Ҳа, менависанд, – гуфта занак даст ба деги тафсон бурд ва фатирро аз ҷояш ҷунбонда монд, то насӯзад ва баъди андаке фурсат рӯгардон кард. Ба хонаи дигар гузашт.

Сабо ба ҳамаи рафторҳои ӯ менигарист ва худ эҳтиёт мешуд, ки занак кӣ будани ӯро надонад. Ӯ аз набудани занак истифода бурда берун баромад. Хавф бурда ва дилаш ваҳм карда баромад, мабодо, ки Абдулло-селпо дарак ёфта омада бошад.

— «Духтар, ҳо-о духтар!» – садои занак баромад, вале Сабо ба ӯ ҷавоб нагардонда худаш омад.

— Чаро хестӣ, духтар? – аз китфи ӯ дошта ба хона даровард занак ва ба саволи аввалааш ҷавоб нагирифта саволи дигар дод: – Рафтанӣ будӣ?

— Не, ҳамту баромадам.

Назди оташдон дастархоне буд ва ба рӯяш пораи равған, ки болояшро пардаи ишкамба гирифта буд.

Занак аз рӯи секучак як табақи сиёҳи лангариро гирифта лаби дастархон гузошт. Фатири тафсонро пора-пора карда, аз болояш равған гузошт ва чангол карда-чангол карда чанголу сохт.

— Канӣ, марҳамат, гир! – табақро сӯи духтарак тела дода гуфт занак.

Сабо мехост, ки зудтар аз ин хӯроки хушлаззат ба даҳон андохта луобҳои зери забонашро рафъ кунад, вале ибо кард.

— Гир, ҷонам, хонаи худат дон, Наташа бедор мешуд, хӯрданро ба ту ёд медод. – Иштиҳои кушоди ӯро қозгир карданӣ шуд занак.

— Адреси духтурзанак – Зояро доред? – як пора чанголу гирифта пурсид Сабо.

— Ҳа.

— Ба ман диҳед. Аз они муаллимро ҳам, ба онҳо ҳам як чиз-ним чиз фиристодан лозим, – гуфта духтарак дар рӯи табақ беҳаракат мондани дасташро фаромӯш кард.

Занак ба ӯ зеҳн монда истод, вале ба фикраш халал надод.

«Духтурзанак! Не... Холаи Зоя. Мо ин ҷо ҳама сиҳату саломат. Наташа нағз. Фақат ман барои худ ҷой намеёбам: на дар назди модарандар ва на дар ҳавлии падар... Холаи Зоя, шумо ба ман гӯед, ки аҳволатон чӣ тавр, муаллим Мизробро мебинед ё не?.. Ҳа, боз гӯед, ки чӣ зайл то назди шумо рафтан мумкин? Ман ба наздатон рафтанӣ...»

— Чаро намегирӣ, духтар?

Сабо як қад парид, ки касе аз қасди ӯ огоҳ шуда бошад.

— Ман акнун меравам, – бархеста гуфт Сабо.

— Дар ин бевақтӣ? – ҳайрон шуда пурсид занак.

— Барои ман фарқ надорад, – бепарво гуфт Сабо.

— Наметарсӣ?

— Аз кӣ, аз чӣ?

— Аз ҳар бурду бало.

— Бало маро бинад, мегурезад, – гуфта панҷаҳои дасташро пеш дароз кард ва чашм наканда гапашро давом дод. – Арвоҳ омад, мегӯяд.

— Инту нагӯ, ҷони ман. – Гиребонашро дошта гуфт занак ва аз ӯ пеш гузашта бо ду даст пеши роҳашро гирифт: – Ман намегузорам, ки дар ин бевақтӣ ту танҳо гардӣ, рӯз шавад, худам бароварда гусел мекунам. Ҳамроҳонатро ёфта медиҳам...

— Ҳоҷати ташвиш не.

— Ту намедонӣ, ки барои мо чӣ қадар хизмат кардӣ.

— Барои хизматам як шикам чанголу хӯрдам, бас нест?

— Не, бас нест, биё хоб мекунем...

— Ман хоб рафта монам, сангсор кунед ҳам, бедор намешавам...

— Ҳар қадар хоҳӣ, хоб рав, вале дар ин бевақтӣ нарав...

Сабо хеле мулоҳиза кард ва оқибат розӣ шуд, ки хоб равад. Занак барои ӯ дар хонае, ки кӯдакҳо хоб буданд, ҷой тахт кард. Сабо ба чогаҳ даромада хоб кард. Шикамаш сер буд. Тапиши дилаш ҳам монда буд, вале як чиз барояш ногувор расид: аз баданаш бӯи арақ омад. Дилаш ғаш кард. Ӯ гумон кард, ки занак ҳам ҳамин бӯйро ҳис мекунад, оҳиста сар бардошта соҳиби хонаро ҷӯё шуд ва ҳамаро хоб дида, боз сар ба болин гузошт. «Куртаамро шӯям, то пагоҳ хушк мешуда бошад?» худ ба худ мулоҳиза кард ӯ, вале ин муддаояшро ба занак нагуфт. Паҳлӯ гашт, рӯболо шуд, боз чанд бор ба паҳлӯҳо гашта оҳи вазнин кашид ва баъд сари ҷогаҳ нишаст.

— Чаро хобат намебарад?
— Намедонам.
— Ҷой бегона кардӣ?
— Не-йе, – барои хотири соҳибхона оҳангдор «не» гуфт ӯ ва аз паяш гапро ба дигар тараф гардонд. – Аз афташ, тез гашта будаам, ки арақу чанги орд хамир шуда ба куртаам часпидааст.
— Каш, шӯям, то пагоҳ хушк мешавад!
— Не-йе!
— Ҳеҷ гап не, каш!
Сабо хомӯш ва ором меистод ва ҳис мекард, ки занак хестанист.
— Ман худам шушта метавонам... Лекин то саҳар хушк нашавад, ман чӣ кор мекунам?
— Ҳавои тирамоҳ, як дам-ба хушк мешавад.
Духтарак бархеста ҳамроҳи занак ба ошхона гузашт. Занак тағора, як сатил об ва вомондаи собун – алқундӣ муҳайё сохта боз ҳамон гапашро такрор кард:
— Духтари ҷон, куртаатро ба ман деҳ ва худат зери кӯрпа шуда хоб рав.
Духтарак курта кашид ва боз бо он сарсинаи бараҳнаашро панаҳ карда, сари тағора нишаст ва «Равед, апа, худам мешӯям» гуфт, ки занак синаҳои навдамида ва пистонакҳои гулобиранги ӯро набинад. Занак якравии ӯро дида, оби гарми чойҷӯшро ба сатил гардонда худ ба хона гузашт.
Сабо дергоҳ андеша дошт, ки куртаашро тар кунад ё на. Беихтиёр куртааш ба тағора афтид. Баъд ӯ соидҳо аз рӯи синачаҳои бараҳнааш гирифта оҳиста ба рӯи курта даст гузошт ва хеле мулоим шуда бо дӯлча аз сатил об гирифта ба тағора андохт. Боз андохт, вомондаи собуни сиёҳ зада, шушт ва об гардонда, ҷафида, ба мулоҳиза рафт, ки чӣ зайл нимбараҳна баромада куртаро ба шохи дарахт паҳн кунад. Аввал берунро аз назар гузаронд ва гурба барин пой гузошта баромад. Куртаро як бор афшонда, баъд ба шохи дарахт паҳн кард ва дартоз ба ошхона даромада аз миён боло ва аз зону поёнро бо мағзоба шушт ва баъд об рехта бо рӯймолаш танашро пок кард. Мағзобаро аз дар берун пошид ва оҳиста-оҳиста қадам монда ба хона даромад.
— Шудӣ? – пурсид занак.
— Ҳа, – бо каф даҳонашро дошта ҷавоб дод Сабо.
— Хоб кун, духтар, ҳамин замон рӯз мешавад.
Сабо гап назада ба ҷогаҳ даромад. Баданаш роҳат кард. Дасти намнокаш ба бадани тафсонаш гуворо мерасид... Хеле вақт гузашт, хобаш бурд, вале мағзи сар ва дилаш бедор буд.

## 11

Чашми рӯз накафида Сабо бедор шуд ва нӯг-нӯги по берун баромад, ки куртаашро аз шохи дарахт гирад. Ӯ куртаро боэҳтиёт нагирифта аз як бараш дошта пуршаст кашид ва курта ба шохи дарахт андармон шуда ҷағӣ дарид. Духтарак гӯё аз сирраш касе огоҳ шуда бошад, ҳаросид ва ангушт ба даҳон бурда газид. Ва дар дами субҳ касеро дидагӣ барин сақфи синаи бараҳнаашро бо куртаи намнок панаҳ карда зуд аз дар даромад.

Соҳибаи хона рафтори ӯро дида сурфид, ки духтарак наҳаросад, бо вуҷуди он Сабо худро пас кашида сурати девор шуд.

— Ту чӣ ин қадар беқарор? – ба сари ҷогаҳ хеста гуфт занак.

— Куртаамро даррондам! – ҳафа шуда гуфт Сабо.

— Хоб кун, духтар, ман медӯзам, – хост занак.

— Худам дӯхта метавонам, риштаю сӯзан диҳед, мешавад.

Занак якравии духтаракро dониста, дар торикӣ даст-даст карда аз сӯзании девор сӯзан ва аз паҳлӯи сандуқ калобаи риштаро ёфта ба Сабо дод ва гӯё ки ӯ сӯзании ӯро медида бошад, ба гап даромад:

— Агар ту намешудӣ, пагоҳ ин сӯзаниро канда, бозор мебурдам.

— Барои чӣ? – пурсида ба сӯзании калони қолаби девор нигарист, вале дар торикии хона нақшу нигори онро чандон хуб надид.

— Фурӯхта, барои кӯдакон ҷав ё гандум харида меомадам.

Сабо сӯзану ришта дар даст, карахт шуд. Ва баъди чанд муддат мисли яхе ки аз гармӣ об шуда бошад, пурсид:

— Барои чӣ?

Аз саволи ӯ занак ҳайрон шуда дар зери пардаи сапедадам ба духтарак нигарон истод. Сабо аз нигоҳи ӯ чизеро дарк кардагӣ барин ду-се мижа зад ва ба саволаш ҷавоб ёфта боз ба занак рӯй овард:

— Бисёр хуб кардед, ки нафурӯхтед, апа. Сӯзании хушрӯй метобад, – дар торикӣ гӯё нақшҳои сӯзаниро медида бошад, таъриф кард Сабо.

— Зебо, нақши дасти модарам, – гуфт занак ва аз дар баромад.

Сабо дами дар нишаст, то дар равшании субҳ чашми сӯзану риштаро бинад. Ӯ китфи даридаи куртаашро дӯхта, куртаи намнокро пӯшид. Аввал нами курта ба баданаш форид, баъд аз насими саҳар танаш хунук хӯрд. Ӯ дид, ки соҳиба наменамояд, дар як они воҳид зими сиёҳ зад.

Сабо ба пасаш нигоҳ накарда рафт. Болои шонаашро курта таранг медорад, курта танг ва андаке кӯтоҳ ҳам шудааст, дар об даромадааст. Сабо ҳар лаҳза бозистода андаке домани куртаашро

мекашид, ки каме ёзад, вале аз дариданаш метарсид. Ба назараш, ки курта андаке нав, вале поҷомааш кӯҳна метобад, аммо дар бораи пои бараҳнааш хаёл ҳам намекунад. Ба пояш сангчаҳо мехаланд, шоху чӯбчаҳо онро мехарошанд, нӯги панҷаҳо ба сангу кӯрсангҳо бархӯрда озори зиёде медиҳанд, лекин духтараки бебоку бепарво ба ҳеҷ кадоме аҳамият намедиҳад, гӯё пояш аз фӯлод бошад. «Куҷо равам? Ба ҳавлӣ? Яке Абдулло-селпо бӯй бурда омада истода бошад?» аз дил гузаронд ӯ ва сӯи осиёб нигоҳ карда ларзону ҳаросон рафтан гирифт, то Лалм, назди хирманкӯбон барояд.

— Куҷо будӣ, Сабо? – аз пас садое омад.

Духтарак бозистод ва шах шуд. Ӯ шинохт, ки ин садои кампири Ойша аст. Баргашта ба ӯ нигарист.

— Куҷо будӣ? – боз пурсид пиразан, гӯё дидаю дониста.

— Ҳеҷ ҷо, – ҷавоб дод ӯ ва фикре ба сар омада суханашро давом дода, – ба район рафта будам, боз истода натавонистам, омадам.

— Шабошаб?

— Ҳа.

— Беақл!.. Ту духтар ном дорӣ... Ҳа, имшаб хонаи Абдулло-селпоро дузд задааст.

— Ҳаҳ?

— Ҳа, ман хавфам аз ту буд, шукр, ин ҷо набудаӣ.

— Ман хонаи Абдулло-селпоро duздида, дар сарам мезанам?

— Гумон-дия... Инро худам фикр кардам, хуб, ки ин ҷо набудаӣ.

— Хонаи ин хел одамро рӯфта раванд ҳам, кам... Дуздро ёфтаанд?

— Кофта гаштаанд.

Дили духтарак фурӯ лағжид.

— Биё, хона дароем, – хоҳиш кард пиразан.

— Не, момо, ман рафта хоб мекунам...

— Биё, ба хона гуфтам-ку, хавфаш камтар.

— Хавфи чӣ? – дилаш раг зада пурсид Сабо.

— Ту мана кӣ гумон кардӣ, дар таги ҳафт қабат замин мор ҷунбад, мефаҳмам.

Сабо ба сару рӯи пиразан илтиҷоомез нигарист. Он чунон нигарист, ки ғуломи ҳалқабаргӯш барои шунидани фармон ба хӯҷаин нигарад. Пиразан ба ишораи сар ӯро ба сӯи ҳавлиаш даъват кард. Духтарак гардани баста барин аз паси ӯ равон шуд.

— Мана нон, об, – гуфта пиразан дастархонро рӯи хона кушод, дӯлчаи обдорро ҳам паҳлӯи нон гузошта дар табақчае тутмавиз монд ва ба Сабо рӯ овард:

— Ман аз болоят дарро қуфл зада меравам...

— Не! – якбора ҳаросида дод зад духтар.

— Якравӣ накун... Ман баччаи Ҳотамро кӯчонданӣ меравам, то омаданам, хоб кун, дам гир... – гуфта дарро пӯшида рафт.

Пиразан аз дарвоза баромада ё набаромада дили духтаракро ваҳм пахш кард. Ба назараш равзанаи болои дар торик шуд. Гӯё касе аз он ҷо менигарист. Духтарак худро ба канор кашид. Ӯ он қадар шабҳои танҳоӣ натарсида ва наҳаросида буд, вале аз ин хона тарсид. Гуфтаҳои одамонро ба хотир оварда, тарсид, ки ин пиразан «бечиз» нест. Ӯ, ки одамонро кинаю алас карда мегардад, гумон мекунад, ки ҳама вақт деву париҳо бо ӯст.

Пиразан дер омад, дар ин миён кӯча як ғалоғула шуда рафт. Духтарак тахмин кард, ки ё гурезаи ҷангро доштанд ва ё касеро дузд пиндошта дастгир карданд. Ӯ бори дигар дари хонаро сахт кашид. Кушода нашуд. Зӯр зад, ки турми дарро барорад. Зӯраш нарасид. Пас пушт бар дар такя гузошту нишаст. Аввал бо як ҳарос ва хоҳиши зиёде дарро кушодан мехост, вале акнун дарро дорад, ки касе накушояд, аввал аз ҷину аҷина метарсид, акнун аз Абдулло-селпо тарсад... Ӯ аз карда пушаймон. «Наход аз барои ман дигареро азоб диҳанд?» Чунин суол кард ӯ ва якбора бархоста ба дар часпид. «Кушо! Хола, кушо! Момо, кушо!» Дарро кӯфт духтар ва боз хаёлаш ба куҷое рафт, ки мушти ба дар задааш, гӯё ки мисли равғани думба об мешуда бошад, дарро соида паст фуромад: «Маро ин ҷо қава кард, ки Абдулло-селпоро рафта биёрад? Наход, ки... Не, ӯ момои ман. Азоби ман – азоби ӯст... Боз кӣ медонад, одам-дия!..»

Беруни дар ғур-ғури гап баромад. Сабо хаёл кард, ки чанд кас рӯи ҳавлӣ ҳастанду баҳсе доранд: «Оҳ, ин пири ҷалоҷин касеро ёфта омад», аз дил гузаронд ӯ ва баъд бо диққат гӯш дод. «Одами бадро ҷазо ин аст... Дуздӣ мекунад, ҷавобашро диҳад...» шунида шуд.

Дили духтарак сахт-сахт тапид. Пушт ба девори паҳлӯдарӣ такя дода лабҳо ба ҳам ҷафс карда тапиши дилашро боздоштанӣ шуд.

«Ман туро нагуфтаам, ки дуздӣ кун... Хуб шавад, батар шавад... Як бор ҷастӣ, малахак, ду бор ҷастӣ, малахак, охир ба дастӣ, малахак».

Саҳл монд, ки духтарак фарёд занад. Лаб газид, забон газид, нохун хоид, то ҳаяҷонашро фурӯ нишонад. Ӯ ба дар наздик омадани пиразан ва ба қуфл калид андохтани ӯро пай бурд. Ва гумон кард, ки баробари тоб додани калид, дилаш мисли минаҳои зери роҳи оҳан метарканд: «Ана ҷангу мана ҷанг... Инак ба даст афтодам...»

Дарро тела дода кушодани пиразан хаёли ӯро бурид. Ӯ паси дар пинҳон шуд.

— Куҷоӣ ту, Сабо?! – чашмаш дар хонаи торик ба чизе нагузашта фармуд ӯ. – Канӣ ту?!

Сабо дид, ки пиразан танҳост ва ӯ то алвақт паси дар бо худ гуфтугӯ мекардааст. Дилаш сахттар зад ва тапишаш якка шуд. Ҳозир ё дилаш кафида меравад ва ё «ҳа-ҳа-ҳа» гуфта як нафаси дароз мегираду бо ҳамин ором мешавад. Ин хел нашуд, дилаш зад-заду ӯро суст кард, сару танашро арақ фаро гирифт ва паси дар афтид.

— Сабо! – садои дарро тела дода афтидани духтаракро шунида, пиразан наздаш омад ва ӯро беёд дида бардошт ва аз рӯи дастархон оби дӯлчаро гирифта ба сару рӯяш пошида-пошида гуфт: «Ҳа, бадбахт, рав, гум шав, пушти кӯҳи Қоф рав, рав, бадбахт, рав!» Кампири Ойша ҳар касро, ки алас мекард, дар охир ба рӯи ӯ об зада чунин гапҳояшро мегуфт ва ҳоло низ гумонаш, ки Сабо аз танҳоӣ тарсида ба ин аҳвол гирифтор шуд.

— Киро доштанд гуфтед, момо? – каме ба худ омада пурсид Сабо.

— Писари тӯқумдӯзро...

— Кӣ вай? Ман мешиносам? – худро ба нодонӣ зад Сабо.

— Не, ту ӯро намешиносӣ... Абдулло-селпо ончунон зад, ки базӯр бардошта ба хона бурданд.

— О! Наход?! – гуфт Сабо ва дилаш дард кард.

— Ба ту гуфтам-ку, вай ҷаббор аст. Аз авлоди Забур як ҳамин мондагӣ...

Сабо оҳиста бархост. Чашмони ӯ мисли чашмони модари аламзада, ки барои хуни фарзандаш сӯи ҷаллоде дӯхта мещуда бошанд, тангтар ва нимкоф шуданд. Қиёфаи ӯ ғазаболуд, дандонҳояш зиҳзада ва муштонаш гиреҳ буданд. Баъд ӯ якбора ҷӯшида рафт:

— Момо, дуздии Ҳусенро кӣ дидааст?

— Тахмин кардаанд.

— Хаёли шумо ҳам, ки ӯ дуздидааст?

— Не, вай ин корро намекунад.

— Пас, чаро аз ӯ донистаанд?

— Зеро бенавотар аз онҳо дар ин деҳа касе нест.

Сабоhelp арақ боз пахш кард. Арақе, ки баъзан беморон аз тан ҷудо карда беҳолу бемадор мешаванд.

## 12

Сабо ба нею нестони кампири Ойша нигоҳ накарда аз ҳавлии ӯ баромад. Дар санглохи доманаи деҳа одамон ҷамъ омада буданд. Ва овози ду мард ҳамдигарро бурида яке аз дигаре боло мегирифт. Духтарак тарсидаю ларзида ба тӯдаи одамон наздик шуд. Овози шинос ба гӯш расид.

— Барои чунин кор як замонҳо дасти дуздида ва пои бурдаро мебуриданд...

— Ту аввал аниқ кун, агар дузд ҳамин бошад, ман худам дасту пояшро мебурам! Ин хел писарро «оқ» мекунам!

— Ба ман гуфтанд, ки дузд писари ту, агар худам медидам, бо хунаш хамир мекардам.

— Кӣ гуфт ба ту?

— Ойша-кампир гуфт, ки шаб писари тӯқумдӯз ҳамин тараф гузашта буд.

— Баъди ин тӯқумдӯз барои Абдулло-селпою Ойша-кампир тӯқум медӯзад.

— Дӯзӣ, дӯхтан гир, лекин ман ин корро ҳамту намемонам. Аз ин деҳа то ин замон дузд набаромадааст. Санг гиред, мардум, сангсор мекунем! – наъра кашида ба замин хам шуд Абдулло-селпо ва сангро гирифта қоматашро рост кард, ки ҳама чун ҳайратзадагон рост истодаанд ва касе барои санг хам нашуда. – Чӣ, дуздии ӯ ба шумо маъқул?! – боз фарёд зад ӯ.

— Ба милиса одам рафт, ку биёяд, чӣ мегӯяд? – налогчини деҳа Малла, ки сумкаи чармини тасмадорашро ба гардан овехта буд, байни тӯда даромад.

Сабо забон мегазид, лаб мехоид, ангушт мушт карда мефишурд. Вай дид, ки писараки «гунаҳгор» дир-дир меларзад, ларзиши баданашро доштанӣ шуда рост меистод, вале боз меларзад. Дуртар аз ӯ падари қоматхамидааш кӯзапушт меистод. Пирамард қоматро боло гирифтан мехоҳад, наметавонад.

Андаке давра ором шуд. Нигоҳҳо зиёд буданд, ҳама тамошобин, ки кай намоише сар мешуда бошад.

— Гард, меравем, – пирамард пеш омада ва ба китфи писараш даст монда гуфт.

— Ба ҳеҷ куҷо намеравад, – аз китфи чапи ӯ дошта гуфт Абдулло-селпо, – ё сангсор мешавад, ё милиса омада мебарад.

— Охир, ту туздиашро доштӣ, ки сангсор мекунӣ?

— Надоштаам, лекин шоҳид ҳаст...

Сабо ба моҷарои онҳо нигарон нашуда, тозон ба хонаи кампири Ойша омаданӣ шуд ва ӯро дар сари кӯча дида нафасашро базӯр боздошта пурсид:

— Момо, рост аст, ки он писарак хонаи Абдулло-селпоро задааст?

— Намедонам...

— Набошад, чаро ба Абдулло-селпо гуфтаед, ки ман дидам?

Пиразан ба сару рӯй ва чашмони Сабо нигарон монд.

— Чаро ин хел гуфтед, момо? – тоқат накарда ва аз нигоҳи пиразан маъние нагирифта пурсид духтарак.

— Барои ту шуда...

Духтарак як қад парид. Ва зуд аз пиразан рӯ тофта то назди одамон тохт, то худаш сирро ошкор кунад... Дар назди тӯдаи мардум аспи барои ӯ шинос – сиёҳмушкини гӯши чапаш чок ме-

истод. Сабо баробари аспро дидан бозистод. Аз байни одамон як қомати баланди шапкаи милиса пӯшида менамуд. Гоҳ-гоҳе сараш хам мешуд. Сабо пештар рафта аз байни одамон нигарист, ки милиса дасти писаракро пушт мебандад.

— Охир, барои чӣ, милиса?! – наздик омада дод мезад марди қоматхамида. – Чӣ гуфта дасти ӯро пушт мебандӣ?

— Баъд ҳамааш маълум мешавад, – ба пирамарди хамидақомат нигоҳ ҳам накарда ҷавоб дод милиса.

— Хайр, ту пурс, ки ӯ чӣ дуздидааст ва дуздии ӯро кӣ дидааст? Медуздид, ба хона намеовард?..

— Ҳамаашро мепурсем. Ҳар кор ҳисоб дорад...

Сабо дандон месоид. Сухани ӯ ғулғула карда то нӯги забон меомад, то воқеаро ҳикоят кунад, вале дандонҳояш нӯги забонашро мегазиданд: «Не, ҳоло нагӯй, ҳоло ту даркор, ҳоло ту бояд онҳоро ғорат кунӣ... Дар деҳа ҳама баробар, ки шуд, он гоҳ рафта мегӯӣ» андеша мекард Сабо. Ӯ милисаро танҳо ёфта сирру савдоро гуфтанӣ буд...

Гӯйӣ муддаои дили ӯро касе фаҳмида аз байни мардум садо кард:

«Шояд дузд худи ту бошӣ?!»

Сабо ба сӯи овоз нигарист, ки амаки Амон бо дасти сиҳаташ аз байни мардум роҳ кушода ба мобайн медароянд.

«Шояд дуздиро аз ту ёд гирифта бошад?!» – рост ба Абдулло-селпо нигоҳ карда гап мезад ӯ.

Мардум ҳайрон ба ҳамдигар, ба амаки Амону Абдулло-селпо ва милиса менигаристанд. Сабо худро паси одамон гирифт, ки амаки Амон ӯро дида ба шоҳидӣ накашад.

Аммо Абдулло-селпо фақат мижа зада чизе гуфта наметавонист. Арзаш дар гулӯ печида буд. Зуд-зуд ба милиса менигарист, ки дами ӯро гирад.

— Чӣ гап? – аз нигоҳи Абдулло-селпо мазмун гирифта пурсид милиса.

— Аз худаш пурс! – ба милиса ҳам паст наомад ӯ.

— Хайр, ҳамааш маълум мешавад! – гуфта бепарво писаракро пеш андохта бурданӣ буд, ки амаки Амон аз дасти писарак дошта қафо кашид.

— Ин дузд не, ин коргар, ҳамроҳи ман кор мекунад. Шаб хирман мекӯфт. Гуфтам-ку, дузд вай, парершаб ба хирман барои дуздӣ омад. Ман одамгарӣ карда, «рав» гуфтам, ӯро сахт надоштам.

— Медоштӣ! – хитоб кард милиса.

— Оқибаташро надонистам.

— Барои ҳамин хап ист...

Амаки Амон ҷиддӣ будани милисаро пай бурда якбора хун ба сараш зад ва тохта лаҷоми аспи ӯро сахт дошт:

— Хап истам? Ман хап истам-а? Ту ҳар кор кунӣ, майлат-а? Барои ҳамин мо хун рехтем? Барои ҳамин мо мубориза бурдем? А? Гап зан! Барои ҳамин мо аз торикӣ ба равшанӣ баромадем, дунёи дигар сохтем? А? Барои ҳамин?.. Ту милиса, одами калон, чашми давлат... бояд ки мӯйро аз хамир ҷудо кунӣ...

— Аввал пурсишу баъд кушиш, мегӯед-ку!

— О-о, бар падарат раҳмат... пурс, пурс, ки ҳамин бачча дуздида метавонад ё не. Ин баччаро ман медонам, хасро беҷо намекунад...

— Гуфтам-ку, мепурсем, тафтиш мекунем... – лаҷоми аспро аз дасти амаки Амон раҳо карданӣ шуда кашид милиса.

— Ман лаҷоми аспи туро намехӯрам. Ана, – гӯён лаҷоми аспи милисаро раҳо кард ва тез-тез нафас кашидан гирифт.

— Ором шавед, бе шумо ӯро намепурсам, – гуфта милиса амаки Амонро ором кард ва Ҳусенро пеш андохта бурд. Ӯро ба коҳдони паҳлӯи говхонаи колхоз ҷо кард. Баъд дарро қуфл зада, ба аспаш савор шуда, сӯи тангӣ роҳ сипард. Амаки Амон ҳам аз пайӣ ӯ рафт. Абдулло-селпо аллакай аз байни издиҳом ғайб зада буд.

Сабо пай бурд, ки милиса аз пайи ҷустуҷӯи ӯ афтидааст, худро қафо кашида, ба саҳни говхона даромад. Атрофро аз назар гузаронида касеро надид ва аз нӯкчӯбӣ дошта маймунвор пушти боми коҳдон баромад. Дилғеҷ сари равзанаи коҳдон, ки коҳи қанорҳоро аз он ҷо ба коҳдон мерезанд, рафт. «Бачча, ҳо бачча!» оҳиста садо кард ӯ. Вале ҷавобе нашунида боз овоз дод: «Хобат бурд, Ҳусен?»

— Не! Чӣ мегӯӣ?

— Ресмон партоям, мебароӣ?

— Не. – Аз пас ба боло нигариста, Саборо дида, гуфт писарак.

Сабо як сар бардошта атрофро аз назар гузаронд ва боз сар фурӯ карда ба гап даромад:

— Ман медонам, ки ту дузд не, намехоҳам, ки беҳуда нобуд шавӣ...

— Ҳум, – заҳрханда кард Ҳусен.

— Охир, ту гуноҳ надорӣ!

— Тӯҳмати ногаҳон бадтар аз гуноҳ...

— Не, Ҳусен, гунаҳгор касоне, ки доранду намедиҳанд...

Сабо боз сар бардошта ба роҳи сӯи хонаашон нигашт ва ин дафъа саросема шуда ба ӯ гуфт:

— Ҳусен, не гуфтӣ, ана милиса ҳам омад, лекин ту хафа нашав, ман туро халос мекунам.

— Чӣ хел?!

— Ҷимм!!! – аигушт ба лаб гузошта гуфт ӯ. Духтарак дар умраш се бор арақ кард: он шабе, ки синаи говро макида буд, вақте, ки халтаи ордро бардошта мебурд ва ҳозир, ки омадани милисаро

дид. Ӯ мисли тимсоҳ худро ақиб кашида, аз даҳони равзана каме дур шуд ва гӯш ба дарун дод. Дергоҳ интизор шуд ва баъди беқарориҳо садои кушода шудани дарро шунид.

«— Канӣ, бачча, ҳамроҳи ман меравӣ ё не?» – овози милиса баромад.

«— Баред, меравам, лекин ман гуноҳ надорам», – ҷавоб дод Ҳусан.

«— Набошад, чаро туро дузд мегӯянд?»

«— Намедонам. Ман ба ҳабдаҳ даромада, ҳоло хаси касеро аз ҷо беҷо накардаам».

Сабо хеле интизорӣ кашид, вале дигар садое нашунид. Ӯ каме якрӯя шуда гӯши чап ба равзана дошт, то боз чӣ гапҳое шунавад, вале ӯ намедид, ки милиса чӣ зайл дастаи тозиёна ба кафи дасти чап зада ба хаёл рафтааст.

Ӯ садои тап-тапро мешунавад, аммо муайян карда наметавонад, ки кӣ ва ё чиро мезананд. Духтарак интизор, ки ҳозир милиса ягон чиз мегӯяд ва бо ҳамин масъала ҳал мешавад. Писарак ҳам гӯшбақимор аст, ки милиса аз ӯ мепурсад ва ӯ «Не, дузд ман не, ба ҳар чӣ қасам диҳед, майлатон, дузд ман не» мегӯяд. Ба ӯ бовар мекунанд.

Духтараки нотарс – Сабо чиро интизор аст, ки «дузд – ман» гуфта ҷони писаракро халос кардан намехоҳад. Аз афти кор, то танг омадани ҳалқа ӯ интизор мешавад ва ё ташвишҳои шаборӯзии ӯ ғайрат ва дилу гурдаи «ҷавонмардона»-ашро суст кардаанд, ки намеёрад гап занад, вагарна вай чашмони фурӯрафтаашро нимкоф карда ва лабони нафисашро ба ҳам нарасонда, дар як нафаскашӣ ҳамаашро гуфта, дигаронро аз хиҷолат мебаровард. Худи ӯ ҳоло мешунавад, ки дилаш пушти бом мекӯбад. Тапиши дил ба гӯшаш халал медодагӣ барин нафас ба дарун мекашад... Сақфи синаашро мебардорад, ки бори дил сабуктар шавад, вале нафаси ба дарун кашида зӯрӣ карда то гулӯ омад, то зада барояд ва ё дили беқарорашро тарконад. «Ҳа-ҳа-ҳа-ҳа» якбора нафас кашид ӯ ва дамаш баромада сари дилаш сабук шуд.

«— Маълум, ки ту ба нағзӣ ҳеҷ чиз намегӯӣ» – садои дурушти милиса омад, ки писаракро тарсондан мехост.

«— Гӯям, бовар макунед, чӣ кор кунам?» – овози ларзони писарак баромад.

«— Не, ту ҳоло росташро нагуфтаӣ, зӯр ояд, мегӯӣ, вақте ки ба ҷои ту дигаронро ба шиканҷа кашиданд, мегӯӣ ва ё ҳеҷ набошад, инсоф мекунӣ, инсоф касро ростгӯву ростқавл созад. Мегӯӣ, вассалом... Ҳамаро фанд кунӣ ҳам, маро фанд карда наметавонӣ...»

«— Не амак, ман шуморо фанд намекунам. Мо дар ин мулк ғариб. Ин борро ба гардани ман партофтанд, лекин ман дуздӣ накардаам».

«— Дар ин деҳа дигар каси ин корро мекардагӣ нест...»

Сӯҳбати рӯёрӯи онҳо тамом шуд, ки хомӯш монданд.

Сабо дар сари равзана чаҳор дасту пояшро тира карда мисли гурба ба ҷаҳидан омода меистод, ки рафту милиса сахт гирад ва писаракро азоб диҳад, худро аз равзана ба рӯи коҳтӯдаи паст партояд. Вале равзана аз коҳ баланд, зиёда аз панҷ метр. «Чашмонамро мепӯшаму мепартоям, ҳарчӣ бодо бод» – аз дил гузаронад Сабо.

«— Хайр, чӣ кор кунем?» – овози милиса омад.

Писарак бо ягон ишора ба ӯ ҷавоб гардонд, ки садояш набаромад.

«— Бурда қава кунам? Чӣ кор кунам?»

«— Ба каси бегуноҳ чӣ ҷазое раво бошад...»

Гапи Ҳусен тамом нашуда, милиса гӯё ки ба касе «нигоҳ кун, ӯ чӣ мегӯяд» мегуфта бошад, садояшро баланд кард: «Ҳо-ҳо, боз шон бегуноҳ ҳам будаанд... Ҳамин хел-а? Намегӯӣ-а?!» ва ӯ аз Ҳусен ҷавоб нагирифта, Сабо мисли варзишгарон, ки аз трамплин худро ба об меандохта бошанд, аз равзана рӯи коҳ парид. Аз рӯи тӯдаи коҳ ғелида пеши пои милиса рафт ва бархоста бе ягон биму ҳарос «мана ман!» гуфт.

— Кӣ ту? – пурсид милиса.

— Касе, ки шумо кофта гаштаед...

Милиса ҳайрон буд.

— Бандед, барбандед! – ҷуръат карда садо баровард Сабо.

Милиса ба ҷавон менигаристу ба духтар.

— Чӣ, ҳамроҳ дуздӣ кардед? – чӣ кор кардан ва чӣ гуфтанро надониста, фармуд милиса.

— Не, ман як худам, – ҷавоб дод Сабо.

— Чӣ-ӣ!!!

— Дузд ин не, ман!

— Номаъқул накун, баро аз ин ҷо! Гум шав! – беилоҷ монда дод зад милиса.

— Ман – дузд, дузд – ман!.. – иқрор кард духтар, вале милиса бовар надошт.

— Чӣ хел дузд-ту?.. Одамон дидаанд, ки ин бачча дуздидааст, ту ошнои падаратро милиса дида худро ба ҷои дузд мегузорӣ.

— Не, ман тамоман бепушту паноҳ ҳастам ва ин корро ман дидаю дониста кардам, ки...

— Бас!!! – гапи духтаракро бурид милиса. – Моиндарат ба ман гуфт, ки ту кайҳо мурдаӣ, – сахт гуфт милиса ва намедонист, ки ин гап чӣ кадар ба духтарак ва ҳатто ба Ҳусен сахт мерасад.

— Мурда будам, лекин барои он ки дигарон намуранд, зинда шуда ҳамин корро кардам.

— Кадом корро?

— Дуздиро...

Милиса ангу манг монд. Бо духтар чӣ муомила карданро намедонист. Ба ҳеҷ ваҷҳ намехост, ки дузд ӯ бошад, барои ҳамин гап задан намонд, то одамони паси дар нашунаванд. Ӯ ба танг омада буд. Гӯё касе ба дили ӯ сӯзан зада кашид ва риштаи пургиреҳи он мағзи дилашро харошида ва озурда гузашт. Милиса хаёле ларзид ва сару рӯяшро арақ пахш кард. Қиёфааш дигар шуд. Дар чашми Сабо пурҷиготи сип-сиёҳ намуд ва аранге ба падараш монанд шуд. Духтарак бо ӯ баробар шуда натавонист, ки рӯи коҳ нишаст. Ва милиса ӯро таслимшуда пиндошта, Ҳусенро аз дар баровард.

— Не, ӯро набар! Дузд манам! – фарёди талху тунд зад Сабо.

Милиса ба гапи ӯ гӯш надода аз болои Сабо дарро қуфл зад.

Сабо куҷо донад, ки мардум дар берун чӣ аҳвол доранд.

Коҳдон дам мезад. Бӯи коҳи намкашида меомад, димоғро хориш медод. Духтарак хеле интизор шуд. Касе дарро накушод. Баъд ӯ тахтапушт ба дар гузошта пойҳои осӯхта барин сиёҳу харобашро дароз карда нишаст. Аз равзана осмони софи моҳи август метофт... Духтарак ба равзана менигарад ва гумон дорад, ки ана ҳоло Ҳусен аз он ҷо барояш каманд партофта «баро!» мегӯяд. Вале ба ҷои Ҳусен як пора офтоб аз равзана дохил шуда, ба девори тарафи шарқии коҳдон афтидааст ва оҳиста-оҳиста мисли маҳ коста мешавад.

## 13

Гӯё рӯи пораи заррини офтоби деворро андуданд, ки баъди чанд муддат фазо тира шуд ва коҳдон ваҳмангез гашт. Ӯро дар ин ҷо «ҳабс» карда буданд, озод набуд. Аз дилтангӣ мисли мурғ бо нӯги пой коҳро тит кардан гирифт. Баъд аз роғи дар берун нигарист. Як сурати одамӣ омад-омаду аз назди дари коҳдон гузаро шуд. Сабо хост ӯро фарёд зада хоҳиш кунад, ки дарро кушояд, вале аз худ, аз овоза шудани ин гап тарсид. Ӯ гумон кард, ки милиса ин қиссаро ба касе намегӯяд ва бовар ҳам намекунад, ки дузд ин духтараки жӯлидамӯй аст.

«Сабр бикун!» – ба гӯшаш омад ин овоз. Вале ӯ гумон кард, ки садопардаҳои гӯшаш не, балки дилу ҷонаш ларзид. Ин сухан мисли захри шифобахш зери пӯсташ давид. Мӯи сараш сих шуд. Ва баъд гӯё ки мӯи даққӣ ва пурчигилаш ба ҳам омада, парешон шудани тораҳоро намемонда бошанд ва гӯё ки касе онҳоро зӯран аз ҳам ҷудо мекарда бошад, бехи тораҳо дардманд шуданд. Духтарак аз ин чиз ба ваҳм омад ва дигар тоқат надошт, ки дар ин коҳдони пурвоҳима истад. Ӯ дарро дошта пуршаст пешу қафо кашида, тела дод. Дар кушода нашуд ва ҳамин вақт аз берун садои сурфае омад. Шарфаи пое ба дар наздик шуд ва касе қуфлро кушод. Он кас гӯё дар чашмонаш чароғ дошта бошад, ба коҳдони

тираю тор нигарист. Духтар ҳам аз паси дар ӯро нашинохт. Пас як овози пасти гулӯӣ баромад:

«— Сабоҳат, ҳо Сабоҳат!».

Духтарак ҳайрон шуд, ин кас кист, ки ба ин хубӣ номи ӯро мегирад. Сабо ҷавобаш надода, аз пушти дар ҳиқ-ҳиқ гирист.

Милиса дарро нимпӯш карда, даст ёзонда аз банди дасти Сабо гирифт ва гуфт:

— Биё меравем, гиря макун, ҳамааш дуруст шуд.

— Чӣ ҳамааш дуруст шуд?

— Дузд ҳамун бачча будааст...

— Ӯ дузд не, худо маро занад, ки ӯ дузд не! Орди Абдулло-селпоро ман дуздидам...

— Ҷиммм!.. Беақлӣ накун! – даҳони духтаракро бо кафи даст пӯшиданӣ шуда даст дароз кард милиса.

— Ман худам ба Абдулло-селпо рафта мегӯям, ки ордатро ман дуздидам...

— Не, ту акнун ба Абдулло-селпо не, ба суд ҷавоб медиҳӣ?

— Абдулло-селпо чӣ?

— Чӣ, «Абдулло-селпо чӣ?»

— Ӯ ҳам дузд-ку... Баъд ман бояд гӯям, ки барои чӣ ман ин корро кардам...

— Ҳа, ҳамаашро мегӯӣ, парво накун.

Сабо ҳамроҳи милиса баромад. Вале намехост, ки ҳамроҳи ӯ ба асп савор шуда, ба ноҳия равад. «Ҳай кун, ман пиёда меравам» гуфт. Вале чӣ шуд, ки милиса дастаи тозиёна ба кафи чап ва қоши зин зада ба андеша рафт?.. Ва касе, ки аз пеш зери лабу димоғ ғур-ғур карда меомад, хаёли ӯро гурезонд. Сабо ӯро шинохт, вале гап назада истод. Ӯ наздик омад ва пурсид:

— Кадомӣ?

Онҳо ҷавоб надоданд.

— Раисӣ, бригадӣ?

— Корат чӣ, хола? – пурсид милиса.

— Корам не-ю дар ин бевақтӣ ин ҷо истодаӣ?

— Ҳамту.

— Э, милисаӣ? Назирбекӣ? – номи падари Саборо гирифта пурсид ӯ.

— Ҳа, – қасдан «ҳа» гуфт ӯ.

— Э, ёдат бахайр, Назирбек. Як одами даҳонкалон, духтари хонаро беруни дар кардаӣ...

— Аз пайи корат шав, хола, ба ҳар лой коҳ нашав! – маслиҳат дод милиса.

Сабо нӯги забон меовард, ки «ҳамин, ҳама балоро барангехтагӣ ҳамин» гуфта кампири Ойшаро ба ӯ шинос кунад, вале некиҳои ӯро фаромӯш кардан нахост, ба ҷои ин «амак, ин кас кампири Ойша, момои ман» гуфт. Аммо милиса ба ӯ дағалӣ кард.

— Барои чунин тарбия момоъро гирем?!

— Не, додо! Деҳа набояд бе момо бошад. Аз маро бурдан чӣ мегирӣ? Беҳтараш, Саборо ба ман тею аз паи корат шав. Ман каси танҳо, писаронам аскарӣ рафтанд. Ман танҳои зоғ, мефаҳмӣ, танҳои зоғ. Ту одами калон, аз онҳо ягон хабар дорӣ?

— Хабар дорам, писаронат сиҳат саломат, ҳамин ки ҷанг тамом шуд, баргашта меоянд, – фолбин барин гуфт милиса.

— Дар нафасат ҷонам...

— Хайр, биё савор шав, меравем! – ба гапи кампирак эътиборе надода ба Сабо мурочиат кард милиса.

— Ин ҳеҷ куҷо намеравад! – фарёд зада Саборо оғӯш кард пиразан, суханони худи ҳозир гуфтаи милисаро фаромӯш карда.

Садои кампири Ойша ҳама садою овозҳоро пахш кард, ки деҳа ором шуд, фақат садои нафасгирии асп ба гӯш мерасид ва баъд садои ба қоши зин бархӯрдани дастаи тозиёна, сонӣ садои шовахона. Ва (фақат ба гӯши Сабо) аз Лалм «ҳӯб, ҳӯб!» гуфтани Ҳусен шунида шуд. Сабо дар дил шод шуд, ки ӯ озод ва аз пайи кори худ аст...

— Ту хонаи Абдулло-селпо намеравӣ? – яке пурсид милиса.

— Не, – бепарво ҷавоб дод Сабо.

— Набошад, ман бояд туро ягон ҷо маҳкам карда равам.

— Бе ҳамин ҳам ман маҳкам. Аз ҳама гурехта мегардам. Равед, ман ҳамин ҷо меистам.

— Ту мегурезӣ.

— Намегурезам. Модом, ки ба ман бовар дорад, намегурезам.

— Хайр, бирав, кампир, – аввал ӯро аз Сабо ҷудо карданӣ шуд милиса.

Кампири Ойша гапи милисаро ду накарда рафт ва ҳамин ки милиса ба тангкӯчаи Абдулло-селпо даромад, ӯ баргашта омад.

— Равед, момо, шуморо бинад...

— Охир, ту чӣ кор мекунӣ?

— Равед, ӯ ҷӯраи падарам, зорӣ мекунам, ҷавоб медиҳад, – бо дили пур гуфт духтар.

— Ин хел бошад, вақти рафтан ба дари ман сар халон, – ба гапи ӯ бовар карда гуфт пиразан.

— Хуб! – гуфт Сабо ва момоъро ду-се қадам гусел кард ва боз омада назди дарвозаашон раҳпоӣ кард: «Яке аз милиса падарам пештар ояд?» дар дил савол кард ӯ ва ҷавобе наёфта ба фикру андеша рафт. «Хайр, милиса ҷӯрагиро фаромӯш карду маро ба маҳбас бурд? Ё ба назди Мастура? Не, рӯяшро Бӯалӣ бинад... Беҳтараш... беҳтараш гурезам... Ман қавл додам... Беҳтараш, маро бурда ба мактаб монад. Хонам, то омадани духтурзанак – Зоя хонам, ҳамин ки омад, шогирд истода кори ӯро ёд гирам... Он гоҳ, барқасд, Абдулло-селпо бемор шавад, табобат мекунам... Майлаш,

ба бадӣ – некӣ. Шояд он вақт фаҳмад, ки «гандуми хамма, орди ҷувол ба дарди ӯ дармон шуда наметавонад...»

Сабо сукут варзид. Садои шовахона ба ӯ бад расид. Бад расид, ки то кай ин об беҳуда шав-шав кунад ва мисли тифли сархӯр доимо даҳонаш яла ва пайваста «нон» гуфта ашк резад. Ин қадар рӯз эътибор намедод ва ҳоло ин садо ниҳоят сахт расид.

Сабо ҷаҳида хест ва дартоз сари шовахона рафт ва аз баландӣ ба атроф нигоҳ карда тахтаи сарбандро аз тарафи нов гирифта ба комаи паҳлӯчӯби ду тарафи шовахона фурӯ дод. Об сӯи нов гашт ва пас аз лаҳзае бояд ба парраҳо бархӯрда осиёбро гардон мекард. Духтарак ваҳм карда гурехт ва саросема аз адир фуромада, аз сари девор ба ҳавлӣ даромад ва поид: осиёбон саросема сари нов баромада обро боз ба шовахона гардонд ва қоматашро рост карда як дашноми дастабиринҷӣ дод ва боз соясурат аз сари нов фуромада рафт.

Сабо ҳама гапро фаромӯш карда базавқ хандид ва пас аз лаҳзае ба худ омад, ки нияташ аз ин кор масхарабозӣ набуд. Ӯ гумон мекард, ки ҳар балое ба сари мардуми деҳа ояд, гӯё аз ногардонии осиёб бошад. Барои ҳамин ӯ баромада обро сӯи осиёб гардонд, вагарна, сол аз дувоздаҳ моҳ садои оби шовахона гӯшу майнаашро хӯрад ҳам, парвое надошт. Ӯ рӯи боми дарвозахона баромад. Хориаш омада, лабонаш бозӣ карданд. Ба ҷои гиристан хандид. Худ ба худ хандиду хандид. Ва якбора гӯё ба сари ӯ касе мушт зада бошад, бозистод ва ба гап даромад: «Ман аз ҳамсоя қарздор, аз амаки Раҷаб гӯшти қоқ қарздор, аз кампири Ойша ва аз Абдулло-селпо, аз ҳама зиёд – аз Ҳусен... Аз Ҳусен... Ҳа, чаро милиса бовар намекунад, ки дузд ман ҳастам?.. Чаро?.. Не-е, ӯ фаҳмид. Лекин қасдан Ҳусенро қава кард. Баъди зиёфати Абдулло-селпо дар ду дунё ҳам Ҳусенро сар намедиҳад...»

Гӯё касе ба буни гӯши ӯ як торсакӣ фароварда, хез гуфта бошад, ҷаста хест ва аз нӯкчӯбӣ ба кӯча фуромада, бо чӣ мулоҳизае тез-тез гашта тангкӯчаро рост шуд. Вале шасти ӯро марде, ки қомат хам карда, пойҳояшро тира монда, чизи вазнинеро кашола карда меомад, гардонд. Сабо ин марди девонаавзоъро шинохт: Неъмат буд ӯ, вале хизматгори даргоҳи Абдулло-селпо будани ӯро намедонист. Наздик омад, бозистода бо остини чоку кашолаш араќи пешонӣ пок кард ва боз зӯр зад, то он чизро кашола кунад. Сабо худро канор кашид ва хуб зеҳн монда дид, ки мардак саги Алоро кашола карда меояд:

— Ҳа? – якбора аз буни девор баромада бо ҳамин як калимаи кӯтоҳ бисёр чиз пурсид ӯ.

— Ҳа? – маънии саволи Саборо нафаҳмида гуфт мардак.

— Чӣ шуд? – ба саг ишора карда пурсид духтарак.

— Кушт, – гуфт марди девонаавзоъ ва нишаста гиря кард. – Чӣ хел саги асил буд ин?

Сабо гумон кард, ки Ало рӯи бом баромада кулӯлаҳои аз хамиру шишапора сохтаашро хӯрда ба ин аҳвол расидааст. Вале бовар накарда бо овози гиряолуди ларзон пурсид.

— Кӣ? Кӣ кушт?

— Тағои Абдулло. Бо дос зада кушт. Ана, – мардак сари сагро бардошт ва ҷои фурӯрафтаю хунбастаи неши досро нишон дод.

— Барои чӣ, охир?

— Ту дар хона истода, анборро дузд задааст, гуфта, – як навъ карда фикри номураттабашро ифода кард мардак ва боз илова намуд, – ҳа, ду-се бор Алоро заданӣ шуд. Ало бар қадаш хез карда, саҳл монд, ки аз гулӯяш гирад. Дасташро газид... Сари ҷаҳл дос андохта...

Мардак аз пои Ало, ки бо латтапорае печонида буд, дошта кашола кард. Сабо аз роҳаш гашта ҳамроҳи ӯ мерафт.

— Куҷо мебарӣ? – пурсид Сабо.

— Санглох бурда мепартоям.

— Чаро Санглох?

— Тағои Абдулло гуфт.

— Биё мегӯронем... рав, бел ё каланд биёр...

— Не, ман дигар ба хонаи вай намеравам, бас...

Сабо ба андеша рафт: ҳам барои ин гап ва ҳам барои он ки аз куҷо каланд ё беле ёфта сагро гӯронанд.

— Ба марги дӯст кас месӯзад, а, амак? – Алоро дар назар дошта пурсид Сабо..

— Не, вай дӯстӣ надорад, – Абдулло-селпоро дар назар дошта гуфт мардак.

Ва сӯҳбату нақшаи онҳоро аз дарвоза баромадани аспи милиса вайрон кард.

Сабо тозон ба ҳавлиашон омад, то милиса набинадаш...

## 14

Сабо аз пушти бом дид, ки аспи милиса кӯчабоғро пуршаст гузашта, андаке назди дарвозаашон суст шуд ва боз башаст рафт ва аз паси он садои ғур-ғури мардҳо баромад, ки паёпаи асп рафтанӣ шуда тез мегаштанд. Сабо ҳам аз бом фуромада аз паси онҳо равон шуд.

Чандон вақти зиёд нагузашта милиса баргашта омад ва Сабо омадани ӯро дида, қасдан рӯи раҳ истод.

— Чаро дурӯғ гуфтӣ? – лаҷоми аспро кашида пурсид милиса. – Назди дарвоза меистам гуфта...

— Барои он ки шумо ба гапи ман бовар намекунед, – сархам ҷавоб дод духтар.

Милиса чӣ гуфтанро надониста ором ва ҳайрон монд. Сабо дар қиёфаи ӯ як навъ парешонӣ ва андешамандиро пай бурд. Бинобар

ин зуд-зуд мижа зада, интизори сухани ӯ шуд. Милиса сарашро хам кард. Оҳиста тозиёна ба қоши зин зад ва худ ба худ сар ҷунбонд. Ба гумони Сабо, ӯ бо Абдулло-селпо манша кардагӣ барин.

— Ха-айр! – мад кашид ӯ ва, – биё акнун ба район меравем, – гуфт.

— Дузд чӣ мешавад? – иддаояш нотамом мондагӣ барин пурсид духтар.

— Дуздро пага омада мебарад.

— Агар шумо ҷӯраи дадаи ман бошед, ӯро сар диҳед.

— Агар ба ҷои ман дадаат мешуд, дуздро сар медод?

— Не, дузд дузд аст, бояд ҷазояшро бинад...

— Ту кӯдак, гӯлу гумроҳ, ҳоло ба ин гапҳо сарфаҳм намеравӣ,– гуфта милиса шарфаеро шунидагӣ барин ба пас нигарист ва касеро надида гапашро идома дод, – ман чӣ хел ба рӯи мардум гӯям, ки дузд ин духтар будааст? Ту инро мефаҳмӣ?

— Шумо фаҳмонед, ки дуздӣ не!

— Чӣ хел дуздӣ не?

— Агар ҳамин хел намешуд, баччаҳои Мизроб-муаллим мемурд... аз гушнагӣ... духтари Зояи ба фронт рафта мемурд...

— Чӣ-ӣ?

— Ҳамин хел... ин дуздӣ не...

— Дуздӣ набуда, чӣ?! – ба ғазаб омад милиса.

— Гапи амаки Амонро шунидед? Дузд – вай. Боз шумо як одами каппа-калон ба хонаи ӯ меравед. Шаби дуздӣ рафтанаш ман ҳам сари хирман будам.

— Хайр, шуд? – гӯё таги дили духтаракро фаҳмид ӯ.

— Не... Бояд шумо ӯро баред.

— Гуфтам-ку, шуд! Ҳар кор вақт дорад... Рафтем!

— Не... Чӣ хел ман ҳамроҳи шумо?..

— Ман ба ҷои падарат...

Сабо маънии гапи ӯро аниқ нафаҳмид. Хаёл кард, ки ӯ модарандараш – Мастураро ба занӣ гирифтааст ва аз ин рӯ чунин гӯяд: «Ман ба ҷои падарат...» Чӣ маънӣ дошта бошад? Духтарак хуб намефаҳмад. Ба ҳар ҳол як қувваест ва бовариест, ки духтарак ақаллан метавонад ҳамроҳи ӯ равад.

— Пагоҳ рӯзона меравем, – таги дилашро гуфт Сабо.

— Чӣ, ман ту барин бекорам? – сахт омад милиса.

— О, пеши пот мурам, дар ин ғояти шаб ин духтари хонаро куҷо мебарӣ? – аз буни девор пайдо шуда пурсид кампири Ойша.

— Дар ин ғояти шаб ман духтари хонаро намехӯрам, ин вазифа аст... Ва ту, албастӣ, шарик нашав! – ба момо нигоҳ карда дӯғ зад ӯ.

— Чӣ хел?! Ман ба ӯ момо бошаму мулӯҳ шуда шинам ва ту аз пеши чашмам гургосо ин барраро гирӣ, барӣ?! А? Ин хел бошад, ман ҳам меравам! – ҳаракати роҳ кард ӯ.

— Аз пайи корат шав, кампир. Ҳоло ки замбӯри хоколуд нашудаам, баргард!..

— Агар ба ин духтар як гап шавад, линги ту барин милисая аз осмон меорам, – ба дӯғи ӯ дӯғ зад момо.

Асп дар дили шаб роҳ мепаймуд. Шаб, ки ҳама ҷо ором буд, садои ҳар қадами асп ва ба кӯрсангҳо бархӯрдани наъл шунида мешуд. Ҳатто нафасгирии Сиёҳмушкинро Сабо мешунид. Ӯ паси зини марди бегона нишаста буд. Базӯр аз ду бари камзӯли ӯ медошт. Вазнашро ақиб мепартофт, то нӯги синачаҳояш ба пушти мардак нарасад. Онҳо ҷангӣ барин мерафтанд. Ҳай роҳ тӯл кашид. Гӯё охир надошт. Садои якмароми суми асп ҳеҷ суст намешуд. Чун фарозҳоро якка-якка қадам монда мебаромад, Сабо мехост оҳиста аз сағрии асп шорида фарояд, вале милиса ҳар бор «Маҳкам дор, хобат набарад, наафтӣ!» гуфта, ӯро ҳушёр медошт. Хомӯш мераванд, вале дили духтарак ором нест. Ҳарчанд милиса «Ман ҷӯраи падарат, ман ба ҷои падарат» мегӯяд, дилу хотири Сабо ҷамъ нест. Ӯ дар бораи одаму одамгарӣ бисёр шунидааст, вале кам дидааст, барои ҳамин бо чунин ақли нокомилу кӯдаконаи худ ба одам бовар намекунад. Ва ҳамаи ин аз ҳамон афсона ва... аз дасти моиндари худ. Бад мебинад ӯро ва гумон мекунад, ки ҳама ҳамин зайланд. Моиндар – зани падар, соҳиби хонаи худ, ки чунон кард, аз дигарон чӣ гила? Хотири ӯ парешон. Роҳ тӯлонӣ аст: ҷару ҷӯ дорад, боғоти бекас дорад ва духтарак аз ин ҷойҳо метарсад. Чунки дар ин бора ҳам афсона зиёд. Хоса афсонаи Савсани ба рӯд рафта: «Гӯё дар миёнаи Зарафшон чашми ҷиян – Савсанро об бурда аз пушти зини таға ба ҷӯши об задааст ва таға ӯро наҷот дода натавонистааст... Лек Сабо шунида, ки тағои сархуш кушта...»

Чун милиса «маҳкам дор!» гуфта ӯро ҳушёр мекунад, духтарак аз банди хаёл раҳо шуда, андаке ба худ меояд, аз бари камзӯл ё кӯҳаи пушти зин медорад ва ҳис мекунад, ки ҳарорати тани мардак ба сари синаи ӯ мерасад ва ӯ худро пас кашида дастонашро сар медиҳад ва хомӯш меистад. Ва «ана-ана» милиса ба ӯ ягон чиз мегӯяд, ё сари аспро ба дигар тараф мегардонад ва ё аспро лаҷом мекашад: «ана-ана!» такрор мешавад дар сари ӯ. «Рост ист!» дод мезанад милиса, «Маҳкам дор!» мегӯяд ӯ ва андешаҳо аз сари духтарак парешон мешавад. Пас дурустакак нигоҳ мекунад, ки асп бо як маром роҳи тӯлониро рост мепаймояд...

— Он писарак чӣ шуд, амак? – аз банди андешаҳо раҳо ва маъно кашиданӣ шуд Сабо.

— Сар додам, рафт, – ором ҷавоб дод милиса ва бо ҳамин сӯҳбаташон анҷом пазируфт. Духтарак дар дил шодӣ кард. Сари дилаш пур шуда омад, ки ба мардак ягон чиз гуфта миннатдорӣ кунад, вале сухан наёфт. Не... Ба ҳар ҳол ҳазор мард ҷои як падарро намегирад. Ҳоло духтарак аз шодӣ хоҳад, ки мардакро сахт

оғӯш кунад, вале донад, ки бегона аст, худдорӣ мекунад. Ва ба ҷои чунин андешаҳо Сабо чизи дигар пурсид:

— Абдулло-селпо ҳамин хел мемонад, амак?.

— Гуфтам-ку, ҳар кор вақту соат дорад...

— Не-не, ҳамчун дузд.

— Ҳамон хирманкӯби беандеша қаҳрамро овард... дуру наздикро андеша кардам... Ресмони хақиқат дароз, духтарам, – «оҳ» мекашидагӣ барин нарм гуфт ӯ. Ва боз ягон гап, ваъда ва ё симои Абдулло-селпо ёдаш омад, ки Сабоўро бо оринҷ никӣ кард: – Маҳкам дор!

Сабо як қад парид ва ҳамон лаҳза милиса ӯро маъқул нашуд...

— Маро куҷо мебаред, амак? – ҳаросида пурсид ӯ.

— Куҷо мебарам? Ба хонаатон, назди очат!

— Ӯ ба ман оча не, амак...

— Аҳмақӣ накун! Ҳавай хоҳиш кард, ки ман туро ёфта орам... Ман аз луздии шумо хабар надоштам...

Сабо хомӯш монд. Ҳарфи мардакро таҳлил мекард. Вале намедонист ва бо фикр кардан ақлаш намедавид, ки чаро модарандар боз ӯро дидан хостааст.

— Шумо ӯро нағз мешиносед, амак?

— Киро?

— Моиндари маро.

— Лекин ӯ туро «духтарам» мегӯяд, – моиндар гуфтани Саборо хуш накард милиса.

— Шумо намедонед, амак, намешиносед ӯро. Ман дар бораи ӯ ба шумо ҳеҷ чиз намегӯям, амак. Лекин афсонаи модаркалонамро ҳикоят мекунам...

— Хӯш!...

«—...Як занмурда зан мегирад... Ӯ аз зани аввалааш писаре доштааст. Панҷсола. Ҳамин писарандар ба дили занак нағунҷидааст. Рӯзе моиндар-занак бо модари пири ҷалоҷинаш маслиҳат кардааст ва гуфтааст, ки бо ин писарак чӣ тадбире кунад, то аз ӯ халос шавад. Кушад, шавҳараш мефаҳмад, ба ягон ҷой бурда партояд ҳам, мефаҳмад. Чӣ кор кунад? Пиразан ваъда додааст, ки баъди се рӯз илоҷашро мегӯяд. Хулоса, баъди се рӯз кампири зол ба духтараш фармудааст, ки як пора гӯштро дар офтоб гузорад, то пашша пошад. Моиндар як пора гӯшт ба офтоб гузоштааст, пашша пошидааст. Кампири зол гуфтааст «сабр бикун, то пошида кирм шавад». Пошида кирм шудааст. Кампири зол фармудааст: «Ана акнун ҳар рӯз се кирм ба гӯши чапи писарак биандоз ва таъкид бикун, то ба падар нагӯяд». Моиндар ба писарак қанду қурс дода ӯро фан кардааст ва ҳар рӯз се кирм. ба гӯши ӯ андохтааст..

Аз ин кирдор падар бехабар. Вале мебинад, ки ранги рӯи бачча заъфарон мегардад. Писарак сар ба девор мезанад, ба замин

мемолад. Падар ҳайрон: сарашро хабар мегирад, ҳеҷ чиз нест. Аз писар мепурсад, вале ӯ ҷавоб намедиҳад. Падар парешон мешавад ва як рӯз «Ман ба кор рафтам» гуфта аз дар берун мешаваду болои бом мебарояд. Мебинад, ки занаш писарро даъват карда хона медарорад ва дарро маҳкам мекунад. Падар пушти дар омада гӯш меандозад, ки садои нолаи писарак меояд: «Андозӣ ҳам, майдаашро андоз, ки сарамро хӯрд».

Падар тоқат накарда, дарро шикаста медарояд ва сирру савдоро мебинад.

Мардак ду дасти моиндарро рӯи зеркунда гузошта, бо табар мебуррад ва рост ба қозихона рафта хабар медиҳад, ки ман чунин кардам...»

Афсона тамом шуд. Асп ба як маром мерафт. Милиса хомӯш буд: аз афти кор, афсонаро таҳлил мекард. Вале Сабо интизор, то ӯ чӣ гӯяд. Асп як пеши по хӯрда рост шуд ва милиса ҳушёр гашт, ки оҳиста оҳолуд гуфт:

— Не-е... модари ту ин хел не... Вай Назири сиёҳро дӯст медорад.

Вале Сабо ба сухани ӯ ҷавоб ёфта натавонист.

Онҳо, ки зиёда аз бист километр роҳ паймуда буданд, соатҳои дуи шаб ба дари сарой расидаид. Милиса бо дастаи тозиёна дари саройро кӯфт. Сабо зуд худро аз пушти аспи милиса ба замин партофт, то ҳолати ӯро моиндар набинад. Пойҳои ӯ шах шуда буданд, ки рагҳояш сих заданд. Сабо рӯи замин фурӯ нишаст ва пойҳояшро молидан гирифт.

«— Кӣ?» – аз дарун садои занона баромад.

«— Ман!» – ҳамин қадар гуфт милиса ва занак овози ӯро шинохт, ки дарвозаро кушод. Ва Сабо ба ин чизҳо аҳамият надода менишаст. Сӯи моиндар нигоҳ ҳам накард. Вале моиндар рӯи замин хурдакак шуда нишастани Сaборо дида пеш омад. «Ту куҷо мегардӣ, Сабоҳат?» Дилсӯзу нарм назди ӯ нишаст. Вале ба Сабо расид, ки ӯ бо забони мор гап мезанад, дар назди милиса ширингӯӣ мекунад: «Хез, духтарам, ҳона даро!» Баъди чунин гуфтору рафтор ба бадани Сабо мурғак давид. Ҳеҷ ба гапи ӯ, ба нияти ӯ бовар карда наметавонад. «Ин ҷо ягон гап ҳаст ё ягон макр» – андеша мекунад ӯ ва ба рӯи модарандар нигоҳ карда наметавонад.

«— Хез, Сабоҳат, хез!» Гумон дорад, ки Сабо набояд сухани ӯро ду кунад, дилпур ба хона даромад. Сабо хаёл дорад, ки ӯ гӯяду аз тахти дил ӯро нахоҳад.

«— Сабоҳат, хез, биё!» – овози милиса омад.

Сабо як ковок шуд, ки хезад, вале раги пояш кашида, боз нишаст.

Ва баъд милиса омада аз дасташ бардошт, то хезад. «Худам, амак, худам!» – гуфта Сабо хест ва лангон аз дарвоза даромад.

— Чаро меланги, Сабо? – ҳайрон монда пурсид Мастура.

— Пояш хоб рафтааст, – зуъми духтаракро пай бурда ҷавоб дод милиса.

Ва баъди ҳамин ӯ Саборо назди модарандар монда рафт.

«Шумо Ҳусенро озод накардаед, маро фан доде!» – хост аз паси ӯ дод занад Сабо, вале дар назди моиндар муносиб надид.

❂ ❂ ❂

Субҳ дамид ва Сабо хост ҳамроҳи торикӣ аз ин ҷо гурезад, ба дуродур равад, то ҳеҷ кас ӯро дарёфт карда натавонад. Вале зуд фазо равшан гашта пои равони ӯро аз фирор боздошт. Ӯ хуб сабр кард, ки милиса омада барадаш, вале аз ӯ дараке нашуд. Баъд Сабо оҳиста аз дарвоза баромад. Рӯзи дароз овора шуд, ки аз сарсонӣ ва оворагиҳои деҳа дилгиртар буд. Вале тамоми шаб хобаш набурд. Мазмун, ба бедории шабҳои гузашта одат карда буд. Шаби дароз дар сар нақша кашид ва фикру мулоҳиза кард, то пагоҳ бояд корро чӣ зайл анҷом диҳад. Ба таври худ, аз рӯи фикру нақшааш: бояд ба деҳа рафта, колхозчӣ шуда кор кард. Боз ба шаҳр баргашта чекчии дари бозор шуд. Вале яке ҳам мувофиқ наомад. Хулоса, ба Комиссариати ҳарбӣ рафта номи худро нависонд, ба ҷанг рафта, духтурзанак – Зояро ёфт, аз номи Наташа салом расонд, аҳволи ӯро гуфт ва ҳамроҳаш маҷрӯҳонро марҳам шуд.

Бо чунин фикру ният Сабо ба дари идораи Комиссариати ҳарбӣ ҳозир шуд. Роҳравҳои назди идораи Комиссариатро китф зада гузашта намешуд. Пирон ва пиразанон рӯи роҳҳо нишаста буданд. Ҷавонҳо чандон зиёд набошанд ҳам, паси сари нишастагон чо-ҷо рост меистоданд. Кӯдакон дар бағали пиразанҳо хобида буданд ва ягон-ягон паҳлӯи калонҳо ба по рост мешуданд. Дар сари роҳ чанд мошин қатор буд, вале касе ба мошин наменигарист. Ҳама ба дари даромади идораи Комиссариати ҳарбӣ нигарон буданд ва фақат ду фамилияро такрор мекарданд: Кайков, Қодиров.

Мардум чунон омода буданд, ки гӯё таркидани чизеро интизор бошанд.

Сабо аввал ба ин оромию хомӯшӣ боҳайрат нигарист ва якбора таркиш ба миён меовардагӣ барин аз байни одамон гузашта ва дари дуқабатаро кушода рост даромад. Нишастагон андоми хароб ва лоғари ӯро дида гумон карданд, ки ё падар ва ё бародарамро аз ҷанг гардонед, гуфта омадааст. Қодиров ҳам бо ҳамин ақида ӯро дар дами дар нигоҳ дошта пурсид.

— Не, ман худам, барои худам омадам, – мефаҳмонд духтар.

— Чӣ хел барои худат? – мепурсид Қодиров.

— Барои худам, худамро ба ҷанг фиристед.

— Ақлатро гум кардаӣ магар? – ҳайрон шуд Қодиров. – Ҷанг магар кори ту?! Аз даҳонат бӯи шир меояд...

— Синфи ҳафтумро тамом кардам. Шумо мегӯед, ки кӯдак... Агар мактабро намебастанд, боз мехондам... Ман хурд не, хароб. Азоби зиёде кашидагӣ...

— Боз се соли дигар сабр кун, – ба китфи ӯ даст зада, гӯё навозиш кард Қодиров.

— Ман сабр мекунам, лекин ҷанг сабр мекунад?

Аз ин саволи духтар Қодиров мот шуд. Ва барои ӯро ором кардан гуфт:

— Сабр накунад, боз беҳтар, ҳар қадар зудтар ғалаба кунем, бахти ту.

— Гапатон рост, лекин маро назди падарам, назди духтурзанак – Зоя фиристед.

— Зоя? Зоя ба наздикӣ меояд, падарат ҳам...

— Набошад, номи маро навишта монед, рафиқ комиссар. Назирова Сабо...

Берун шӯре ба миён омад. Аскарбаччаҳо аз дар баромада аввал бо гуселиҳо гардан гирифтанд ва баъд ба мошинаҳо савор шуданд. Худи Қодиров як ба як ному фамилияашонро хонда тафтиш кард.

Мошинҳо роҳӣ шуданд ва фиғонҳо баланд.

Сабо гумон кард, ки ғайр аз ӯ дигар ҳама рафтанд. Ӯ танҳо монд. Вале баъди то сари кӯчаи калон тохта, даст афшондани одамонро дидан яқин кард, ки дар ин ҷо ҳам як армияи калон одамон мондаанд. Чун онҳо ба роҳ даромада ба ҳар ҷониб парешон шуданд, Сабо пиндошт, ки ташвишашон акнун сар шуд.

— Амаки Қодиров, ман боз меоям! – вақти рафтан гуфт Сабо.

— Наё, лозим шавӣ, худамон ҷеғ мезанем.

Духтари дар азобҳои зиёд гиря накарда аз дари Комиссариати ҳарбӣ гирён баргашт...

## 15

Онҳое, ки пагоҳ дар бозор кор доштанд, як рӯз пеш омада ё барои молашон харидор мекофтанд ва ё чизи даркориашонро пештар суроғ карда меёфтанд. Бештар ба мардум ғалла ё орд лозим буд. Ва онҳо азоби ҷангро дар ҳамин чиз – дар набудани хӯрданӣ медиданд. Онҳо ҷангро надидаанд, шунидаанд, аз рафтану барнагаштани ҷавонмардон донистаанд. Ва бештар аз он, ки бозор ба бозори ҳарбӣ табдил ёфтааст. Дар ин ҷо ягон чизи ҳарбӣ, сару либоси аскарӣ фурӯхта намешавад, балки беҳтарин чизе, ки мардум доранд, ба ивази нон ба бозор мебароранд. Дар ин ҷо доду фарёд нест. Кам куну зам кун нест. Беҳтарин чизро ба камтарин хӯрданӣ иваз мекунанд. Қариб савдо намешавад. Дар ин бозор пул қурбе надорад. Лекин пирамардону зану духтарони зиёде ҳастанд, ки ё

либосҳои аз бародару писару шавҳар мондаро бозор овардаанд ва ягон чизе, ки аз ҳунарашон сохтаанд ва баъзеҳо кӯҳнафурӯшӣ низ кунанд. Одатан рӯзҳои ҷумъа бозор аз одам меҷӯшид. Сабо ҳам қатори бозорчиҳо ба бозор даромад, бештар барои он ки зани муаллим Мизроб рӯиҷо (сӯзанӣ)-ро чанд фурӯшад ва ба ивазаш чӣ гирад. Ӯ шаби орд бурданаш сӯзаниро дар рӯи рахти кӯрпаҳо дида буд, вале ҳеҷ гумон надошт, ки зани муаллим онро ба бозор андозад. Имрӯз занак онро чанд қат гардонда, гӯё ба қади худаш чен мекарда бошад, аз ду гӯшааш дошта чашми харидор меҷӯяд. Сабо чандон ба занак наздик намешавад, як меояду мебинад, ки ӯ ҳоло ҳам аз ду гӯшаи сӯзанӣ доштан дорад. Касе харидор намешавад, Сабо гузаро шуда меравад, ғамиву хафа меравад. Тамоми бозорро давр мегардад: аз бозори ғалла серодамтар ҷоро намебинад. Мардум бозорӣ арзон фурӯхта, ғалла қимат мехаранд. Дар бозори ғалла қанорҳои пур не, балки муштақ-муштақ ҷаву курмак, ҷуворӣ ва баъзан гандуме, ки сиёҳаку такбез аз сарбезаш зиёдтар бошад, ёфт мешавад. Харидорон дар даст халтаҳо гирди фурӯшгоронро давр мезананду давр. Хоҳанду гирифта натавонанд. Сабо бозори камбизоат ва серодаму каммағалро чандин бор давр зад ва оқибат ба занаки сӯзанифурӯш наздик омад. Занакро безобита дарёфт. Ӯ зуд-зуд ба атроф менигарист, гӯё ягон кас омада сӯзанӣ аз дасти ӯ зада мегирифта бошад. Сабо наздиктар омадан гирифт. То назди занак омад ва даст дароз кард, ки аз як лаби сӯзанӣ дорад. Занак як ба вай нигоҳ карду боз аҳамияте надода чашм ба одамон дӯхт.

— Чанд пул, хола? – лаби сӯзаниро каме кашида пурсид Сабо.

Занак як назар ба вай чашм давонд ва боз ногумон ба хаёли худ банд шуд.

— Сӯзанӣ чанд шуд, хола? – боз пурсид духтар..

— Нахарӣ, чӣ мепурсӣ? – боз аҳамияте надод занак.

— Ордатон тамом шуд-чӣ, хола?

Занак аз ин савол як қад парида сӯзаниро байни ду мушт пахш кард ва ба духтарак пурнафрат нигарист:

— Ин ту шайтон, ки маро шармсор кардӣ?

— Чӣ хел шармсор?..

— Ту орди duздиро ба хонаи ман овардӣ?

— Чӣ хел орди дуздӣ?

— Орди Абдулло-селпоро...

— Кӣ гуфт?! – тоқат накарда баланд пурсид Сабо.

— Худам... Худам донистам, ки орди дуздӣ будааст, бурда додам...

— Чаро ин хел кардед? – ларзида фарёд зад духтар.

— Орди ҳаром ба ман чӣ лозим?..

Дандонҳои Сабо газ-газ шуданд: хост баланд фарёд зада «Чаро додӣ, чаро додӣ, чаро додӣ?!» гуфта думушта ӯро хуб кӯбад, вале бефоида будани ин корро дида, лаб газид, дандон фишурд. Пайкари лоғари ӯ аз ҳаяҷони зиёд меларзид.

Онҳо дигар саволу ҷавоб накарданд, гарчӣ ба ҳамдигар саволи зиёде доштанд. Занак ҳоло ҳам харидор меҷуст, вале Сабо ба қиёфаи занак, ба дастони ларзон ва сӯзании сафед, ки мисли офтоб гулҳои мудаввари калон-калони ранга дошт, менигарист.

— Ҳамин сӯзаниро нафурӯшед-чӣ, хола?

Занак як теғ кашида ба ӯ нигарист ва боз сӯзаниро баландтар бардошт. Ва баъди андаке муддат Сабо дид, ки дасти занак боло шуда то чашмаш рафт. Ӯ бо гӯшаи сӯзанӣ ашкашро пок кард ва баъд хам шуда, аз гуруснагӣ бошад, ки шикамашро дошта сари по нишаст. Сабо аз китфи ӯ дошт ва:

— Ҳушёр истед, хола, – гуфта дар пушти ӯ зону ҷафс карда муттако шуд. – Хезед, ба сарой равем, хола, – аз зери бағали ӯ дошта мадади хестан кард, вале занак баҳузуртар нишаст.

— Бозор хунук шуд-а? – ноумедона пурсид занак.

— Не, хола, ҳоло мардум муомила доранд. – Мадори дил шуда гуфт Сабо.

— Як кас напурсиде-е, – ба фурӯш нарафтани сӯзаниро дар назар дошт занак.

— Лозим мешавад, хола, – гӯё ақл шуд Сабо.

Занак сару рӯяшро силаву дастмол кард ва гӯё ба худ омада чанд бор зуд-зуд мижа зада бархост. Сӯзаниро таҳ карда ба латтае барбаст. Гӯё то ин вақт ишораи Сабоexternal нигарон бошад, ҳамроҳаш қадам монда аз дарвозаи бозор берун шуд.

## 16

Сарой холӣ мешуд. Охирин бозорчиҳо барои хару аспашонро дар сарой бастан ба дасти Мастура танга дода ва чек гирифта, ё нагирифта бозгашт мекарданд. Ва Сабо ҳам ин ҳолро айни муддао дониста, ҳамроҳи зани Мизроб-муаллим ба деҳа баргаштанӣ шуд. Магар аз чунин қасди ӯ модарандар огоҳ шуд, ки «Сабоҳат, ин пулро гиру рафта аз бозор нон биёр» гуфта меҳрубонӣ кард. Дар айни ҳол ба ӯ бовар кард, ӯро наздик донист, ки хизмат фармуд. Сабо ба зани Мизроб-муаллим нигоҳ кард. Баъд ба модарандар рӯ овард: «Ман бозорӣ карда наметавонам».

— Ба растаи нонфурӯшон рав, нархи нон маълум, – гуфта Мастура ӯро шерак кард, – ба ин пул хурдтарин нонро доданашон мумкин.

Сабо бо гардани баста рафт. Вале зуд баргашта «Нон нест» гуфт.

— Нон ҳаст, Сабоҳат, вале ба ин пул нон надоданашон мумкин, – гуфта худи Мастура сӯи бозор шуд. Вале бозомадани ӯро Сабо нигоҳ накарда аз сарой баромада, аз пайи зани Мизроб-муаллим тохт. Роҳи тӯлонӣ барои онҳо вазнинӣ кард. Ба пои аспону харон гашта натавониста, ақиб монданд, шалпар шуданд. Хомӯш мерафтанд, гӯё мадору маҷоли гап надоштанд. Занак дар бораи фарзандонаш, беҳуда гузаштани рӯзаш андеша дошт ва Сабо маънии муомилаи модарандарро нафаҳмида раҳораҳ худ бо худ муҳокима мекард.

— Беҳуда овора шудам, – буғзи дил кафонд занак. Аммо Сабо ба ӯ чизе гуфта натавонист. Ӯ андеша мекард, ки як бори дигар анбори Абдулло-селпоро мезанад ва ё сари хирман рафта аз амаки Амони меҳрубон илтимос мекунад, ки каме гандум диҳад, барои баччаҳои Мизроб-муаллим ва Наташа.

— Хайр, хола, – ҷониби осиёб рост шуда гуфт Сабо.

— Ҳамроҳи ман намеравӣ?

— Не.

— Дар ин говгум куҷо меравӣ?

— Хонаамон.

— Ой духтар, биё, хонаи ман – хонаи худат...

Аммо Сабо нарафт. «Баъд меоям» гуфта аз ӯ ҷудо шуд ва рост адири пушти осиёбро баромада сари хирман рафт. «Амаки Амон!... Ҳусен!» чеғ зад духтар аз дур. Ҷавоб нагирифта пеш рафт: «Амаки Амон!.. Ҳусен!» тез-тез чеғ мезад ӯ. «Ҳӯ-ҳӯ-ҳӯ!» аз байни хирман хеста садо дод амаки Амон ва «кӣ?!» ҳам гуфта пурсид.

— Ман, амак ман! Сабоҳат!

— Чӣ мегӯӣ?

— Хусен нест?

— Не!

— Куҷо рафтааст? – парешон шуда пурсид Сабо.

— Хонаашон!

Сабо худ ба худ суол мекард, ки амаки Амон хоҳари Ҳусен набудани ӯро донистааст ё не.

— Магар ба хона нарафтааст? – боз пурсид мардак.

— Не! – таваккал ҷавоб дод Сабо.

— Набошад, ба куҷо? – ошуфт амаки Амон.

— Шояд ба хона рафта бошад, амак. Ман дар хона набудам, – гуфта худро аз вазъият халос карданӣ шуд ва бепарво рӯи хирман баромада нишаст ва охурча кофтан гирифт.

Амаки Амон чизе нагуфт. Ҳайрон ҳам набуд. Бепарво дароз кашид ва фақат ҳамин қадар гуфт: «Хобат бурда намонад, моҳ, ки баромад, ҳӯб мебандам».

Сабоҳат бемадор шуда бошад ҳам, хобаш набурд. Намедонист, ки Ҳусен дар куҷост. Ҳар лаҳза сари забон меовард, ки пурсад: «Ҳусенро ҳабс карданд ва ё сар доданд?» вале худдорӣ мекард.

Дам-дами баромади моҳ Сабо ғанаб кард, вале дурусттар чашм напӯшида амаки Амон сурфа карда хест. Сабо ҳам, ӯ хез нагуфта, химчаро гирифта рафта, говҳоро аз гандумпая ҳай карда овард.

Амаки Амон ҳӯб баст. Ва Сабо аз пеши худ ҳӯб гардонд. Хомӯшӣ буд. Сабо он рӯзи «дузддорӣ»-ро ба хотир оварда дар дил «ин қадар ин мардак хомӯш, ин қадар ин мардак пуршӯр» мегӯяд, вале хомӯшии шабро халалгор нашуда, гоҳ-гоҳе хеле эҳтиёт карда, бар тахтапушти гови канор химча мезанад.

Моҳ баланд баромад. Мисли офтоб равшанӣ додан мехост, вале қувваташ набуд. Дар ин шаб як чизи муҳим намерасид. Зарур буд он чиз, вале худи Сабо намефахмид, ки он чӣ чиз аст. Ҳамин қадар, ки Ҳусенро ёд карда ин шабро аз ҳама чиз пур медид...

Аз болодасти деҳа як садое омад. Овози баччагонае буд. Месуруд ва дар овозаш як навъ тарсу ваҳм ҳис карда мешуд. Садопардаҳо меларзиданд...

— Ана омад, – гуфт амаки Амон садоро шунида ва сараш ҳам гирди хирман мезад.

Сабо мехост ба пешвози ӯ тохта, пешакӣ ҳама гапро гӯяд, то амаки Амон ягон чиз нафаҳмад. Вале худдорӣ кард. Барои ӯ муҳимаш он, ки Ҳусенро мебинад.

Ҳусен наздик омад ва дар равшании моҳ сари хирман ду касро дида сурудаш дар гулӯ монд. Ӯ ҳоло каси дуюмро нашинохта буд, вале Сабо аз паси ҳӯб гашта гап мекофт, гап тайёр мекард. Аммо чӣ? Маълум не. Беҳтараш, хомӯш истад, то Ҳусен чӣ гӯяд. Лекин ин хел нашуд. Чун Ҳусен ба хирман наздик шуда, ҳайрон бозистод, Сабо лаби хирман омада ба гап даромад:

— Куҷо мегардӣ? На дар хона, на дар сари хирман!

Ҳусен ё рамузи гапи ӯро пай бурд ва ё дар дил чӣ гапе дошт, ки ногап рӯ тофта ба каппа рафт. Чунин рафтораш ба Сабо сахт расид. Гумони ӯ, ки Ҳусен омадани ӯро намехоста бошад. Духтарак фаромӯш кард, ки говҳо фӯк зада аз байни нармаю кафа гандумро ҷудо карда кафшер доранд. Ин чиз барои ӯ аҳамияте надошт. Фаромӯш ҳам карда буд. Ӯ хафа шуд, дилаш ба танг омада аз амаки Амон ҳам ибо накарда, сӯи каппа тохт: «Ҳусен!» Ҳусен ба ӯ нигоҳ ҳам накард.

— Маро ҳабс накарданд, ту барои ҳамин хафа?

— ...

— Барои омаданам?

— ...

— Он рӯз милиса чӣ гуфта туро ҷавоб дод, Ҳусен?

— Гуфт, ки дузд духтари Назири сиёҳ будааст!..

Дастони аз ду чӯби паҳлӯи даромадгаҳи каппа доштаи Сабо мисли резинкаи кандашуда ба баданаш бархӯрданд. Баъд ӯ аз чизе ҳаросида пас-пас рафт. Аз каппа дур шуд. Ба лаби теппа наздик

омад ва якбора рӯ гардонда ҷониби деҳа тохт. Чунон тохт, ки сояи худро зери пой монда гузашта мерафта бошад...

Ӯ ба ҳавлиашон даромада аввалин бор дар танҳоӣ ин қадар зиёд гирист. Ӯ мегирист, вале гаштаю баргашта ба лаби теппа менигарист, ки Ҳусен аз гуфта пушаймон, омада ӯро ҷеғ зада...

## 17

Рафтори Ҳусен аз муомилаю тундиҳои модарандар ҳам ба Сабо сахттар расид. Ва ӯ дар ин танҳоию хомӯшии субҳона бори дигар рафтори охирини модарандарро пеши назар оварда ҳайрон монд. Намефаҳмид, ки барои чӣ ӯ муомилаи хуш кард. Сарфаҳм нарафт. Пас реҷаи дигар кашид. Саҳари сабо ба кӯча баромад, ки бригадирро ёфта гапзанон кунад, то раиси ҷамоатро ёфта ӯро дар дафтари хоҷагӣ сархоҷагӣ нависанд ва ӯ озод баромада дар колхоз кор кунад. Ӯ рафт ва аз рӯ ба рӯи осиёб баргашт. Ва ба сараш зад, ки ҳозир Ҳусен говҳоро ба об мефарорад. Ӯ.бояд аз ин ҷо гурезад. Боз нишеб шуда ҷониби идораи колхоз рафт. Фақат табелчиро дучор омад.

— Акаи табелчӣ, кор ёфта те! – хоҳиш кард ӯ.

— Чӣ хел кор? Беҳтараш, мактаб рав.

— Ман мактабро кайҳо тамом кардаам...

— Ин хел ки бошад, ба ту кор ёфтан душвор.

— Ман бояд қарзҳоямро адо қунам...

— Ҳамин қадар тагу боло задӣ, баробар карда натавонистӣ? – ишора ба дуздиҳои духтар кард ӯ.

— Не, баробар нашуд, кадом вақте ки дар рӯи олам як тан доро намонд ва кадом вақте ки хаммаю суфраҳои пур холӣ шуданд, ҳамон вақт ман қарзҳоямро адо мекунам, вагарна рӯз то рӯз қарзам зиёд мешавад.

— Инаш кори ту, духтарак.

— Бале, кори ман, ба шумо зӯр намеояд.

— Калонҳо барин гап мезанӣ, а?

— Замона ба ҳама сабақ омӯхт, ака, набошад, вақти назди шумо омада кор талаб карданам не... Мадад пурсидам...

— Чӣ хел ба ту мадад карда метавонам?

— Агар кор ёфта надиҳед, боз корамро давом медиҳам.

— Чӣ коратро?

— Худам медонам.

Духтарак шайтон барин аз назди табелчӣ дур шуд. Ӯ ҳайрон монд ва надонист, ки ӯ куҷо рафт. Ба назар ӯ бепарво рафт, вале дар танҳоӣ хуни дил мехӯрд, махсусан, ки ҳаво сард мешуд, ғами ӯ зиёда мегашт. Акнун намади сиёҳи коза кор дод. Ӯ қати намадҳоро тамоман накушода, мисли дарзаи пул, ки баъзан қабати рахти кӯрпа гузоранд, ҷо шуд. Бекорӣ ва гуруснагию бекасӣ ба

дили духтарак зад. Чанд бор говҳоро ба об фаровардани Ҳусенро дид, аммо наздаш нарафт... Ду-се бор кампири Ойшаро дида аз ӯ ҳам гурехт. Ва як пагоҳӣ новақт аз дари дарвозаи ҳамсоя даромада ресмон пурсид. Аввал онҳо ресмон надоданд, ки ӯ фурӯхта пулашро мехӯрад. Ва чун ӯ фаҳмонд, ки барои адои қарз ин корро мекунад, мардак ба занаш зеҳн монда чунин ҷавоб дод:

— Мо як не, ҳазор розӣ, ту ин хел фикр накун, зарур буд, ки кардӣ, «зарур-ба раво», вагарна шираш он тараф, худи говро диҳанд, намегирӣ, – ӯро дилдорӣ кард мардак.

Сабо аз гапҳои нарми ӯ об шуда, сахтгӯиҳои зани ӯро беҳуда ҳисобид, вале аз раъяш нагашт:

— Хайр, то бегоҳ ресмонатонро оварда медиҳам.

— Не, не духтарам, – рад кард мардак.

— Қарз дар қиёмат намонад, гуфтаанд.

— Ман бахшидам...

Сабо карахт шуд, вале зуд ҳолати рӯҳиашро дигар сохта, ба маънии миннатдорӣ таъзим карда аз дарвоза баромад, вале дар дил гуфт: «То қарзамро адо накунам, устухонам дар ҷояш намешинад». Ӯ ба ҳавлиашон баргашт ва ба оғил даромада ҳар шохбанд ва пораи ресмонкӯҳнае, ки дар сутуну меххо баста буданд, гирифта ба ҳамдигар пайваста каманд сохт ва тешаи кундакро ҳам аз ошхона гирифта ба кӯҳ рост шуд... Духтарак мисли занон сарвора не, балки мардсифат як пуштора ҳезум овард. Ва ба ҳавлии ҳамсоя бурда аз дарвоза дарун карда ресмонро кушода мегирифт. Занак омад ва аз гапҳои баланд-баланди ӯ мардак ҳам баромад:

— Кӣ гуфт? Кӣ гуфт, ки ҳамин корро кунӣ? – мазаммат барин гуфт ӯ. Духтарак ҷавобе нагуфта ресмонро кушод, даста кард ва аз дарвоза баромаданӣ буд, ки мардак ба зан фармуд: «Ӯро ба хона дарор, гушна будагист».

— Не, амак, ман сер, – гуфта аз дарвоза баромад ва худ ба худ хулосае баровард: «Гумонаш, ман ин корро барои як бурда нон кардам... Ха-айр, ҳар кию ҳар чӣ...» Ӯ гушна буд, вале худро сер гирифт ва вақте ки хунук хӯрда худро даруни намади сиёҳ печонид, гушнагиашро ҳис кард.

Аз дари дарвоза садое омад.

Сабо бархеста берун шуд ва зани ҳамсояро паси дарвоза дид.

— Чаро наистодӣ, духтарам? – гуфта зағораеро аз зери каш баровaрда ба ӯ дароз кард.

— Не, хола...

— Амакат гуфт, ки «не» гӯяд, омада ҳезумашро барад...

Сабо дасту по хӯрд: «Шумо боз маро қарздор кардед».

— Қарз не, бигир.

Сабо даст дароз карда зағораро гирифт, дасташ ларзид. Занак ки баргашт, ӯ даруни дарвоза истоду истод. Баъд зағораро зери бағал зада роҳи хонаи Мизроб-муаллимро пеш гирифт.

«— Наташа, ҳо, Наташа!» – аз дарвоза фарёд зада даромад Сабо. Ба пешвози ӯ баччаҳо не, худи занак баромад. Вале дар дами дар ҳама ӯро пешвоз гирифтанд. «Наташа духтари калон» гуфта зағораи зери бағалро ба ӯ дароз кард.

— Не, – ҳаросида ақиб рафт духтараки малламӯй ва ба занак нигарист.

— Гир, Наташа, гир.. Холааш овардааст.

Наташа ҳайрон буд, ба занак менигарист, ба Сабо ва баъд як-як ба баччаҳо. Баччаҳо ба Наташа нигарон буданд, вале якеи онҳо «гир» гуфта луқма намедоданд. Чашмони шишаранги Наташа милтос мезад.

— Гир, Наташа, холааш барои шумо овардааст, – боз гуфт занак.

Наташа ба нон даст дароз накард, балки як-ду қадам пеш рафт, ки Сабо ӯро бағал гирад.

Сабо сари по нишаста Наташаро оғӯш кард ва баъд бардошта бӯсида зағораро ба бағалаш гузошт. Наташа акнун баррачаи ром барин бо ӯ муомила мекард. Ӯ ноз карда вазнашро ба пушт партофт ва зағораро ба баччаҳо дароз кард. «Ма, Маҳин» – духтари сарнахусти занакро ном бурда гуфт Наташа. Маҳин аз дасти ӯ зағораро гирифта дошта истод. Наташа ҳам аз бағали Сабо сер шуд, ки фуромад. Баъд Сабо ба хона назар давонд, чашмаш ба сӯзании болои тахмон афтида, ҳасратолуд ба занак нигарист, вале маънии нигоҳашро фош накарда, ба гап даромад:

— Аз муаллим ягон хату ҳабар ҳаст?

— Ҳа, аз Зоя ҳам, аз муаллим ҳам...

Оҳиста-оҳиста Сабо қарзҳояшро адо мекард, аз ҳар ҷое, ки як хас рабуда бошад, бар ивазаш, худ рафта, талабида, хизмате кард, аммо ҳеҷ гарданаш ёрӣ намедиҳад, ки ба хонаи Абдулло-селпо рафта, пурсида, хизмате кунад. Чандин бор аз назди дари ӯ гашт ва гуфт: «Он дуздӣ набуд, балки ҳамин тавр бояд мешуд». Сабо дуру дароз андешид ва оқибат онро ба гардани худ қарз дониста ба дарвозаи Абдулло-селпо рафта ҳалқа ба дарвоза кӯфт. Занак баромад.

— Ассалом, хола, – одоб кард Сабо.

— Алек бар салом, – ӯро шинохта ҷавоб гардонд занак.

— Агар бемалол бошад, харатон ва як ҷуволу ресмон медодед.

— Барои чӣ? – ҳайрон шуда пурсид занак.

— Ман ҳезум ё чалма меорам... Барои шумо.

— Дадешро пурсам-чӣ, – гӯён занак ба хона даромад ва баъди чанд муддат Абдулло-селпо сурфида ва риши муттаи тор-тор сафедӣ афтидаашро сила карда баромад.

— Хӯ-ӯш?

— Амак, барои як рӯз хару ҷуволатонро диҳед... як рӯз ҳам не, то пешин....

— Чаро?

— Ҳамин хел, – гуфта Сабо ба замин нигарист ва бо ангушти кабири пои росташ заминро соидан гирифт.

— Гушна мондӣ?

— Не, ман аз шумо қарздор...

— Чӣ хел қарздор?

— Қарздор, амак, напурсед.,.

— Гӯй, ки чӣ хел қарздор, баъд хар медиҳам.

— Ордатонро ман дузида будам...

— Чӣ-ӣ-ӣ?! – душмани ашаддиро ёфтагӣ барин шӯрид мардак.

— Назанед, амак, ман қаврунашро мегардонам!

— Толеат будааст, бахтат будааст... – тез-тез гуфта мардак ангушт фишурд ва манаҳ ҷунбонда дандон соидан гирифт.

Сабо пуршаст ба мардак нигарист ва чашмони ӯро пурғазаб дида, хост ба риши ӯ туф кунад ва ё даҳони ӯро пур карда баргардад. Ҳолати ӯ тағйир ёфт. Ӯ ҳам мисли Абдулло-селпо дандон фишурд. Занак авзои беҷои духтаракро дида ба шавҳар рӯ овард:

— Хайр, тед, барад, мардак, намехӯрад-ку!

Мардак ба гапи занаш эътибор надод, вале Сабо тоқат наоварда «Ман аз шумо қарздор не! Ман аз шумо қарздор не!» гӯён рӯ гардонда башитоб рафт...

## 18

Сабо хари бевазан – Наврӯзбибиро ба орият гирифта, аз пас тозонд ва дар ҳамвории Себак баччаҳоро расонд. Баччаҳо хартозӣ карда ҳамдигарро аз сари полон кашида ба пеши худ гирифтанӣ мешуданд. Аз харҳо меафтиданд. Ҳазлу бозикунон мерафтанд. Имрӯз Сабо дар байни онҳо ягона духтар аст. Ӯ ҳам маҳмез зада, хар метозонад, вале дар кашокашҳо иштирок намекунад. Дод мезанад, фиғон мебардорад, ханда мекунад, баробарашон меравад. Чандин рӯз аст, ки онҳо ба чалмаю ҳезум мераванд. Ба Сабо маъқул афтод, гӯё ӯ дунёи кӯдакиро акнун дарёфт: фақат як чиз ба ӯ маъқул набуд: ҳар касе, ки аз давра барояд, ба гардани хараш халачӯб зада ба духтарак наздик омада гап мепартофт. Сабо онҳоро сода гумон карда, то наранҷанд, ҷавобе надода, баланд механдид. Пас онҳо «дилаш-ба ҳаст» гӯён хулоса бароварда аз паси ӯ кашола мешуданд. Сабо баландтар механдид. Вале имрӯз ҳамроҳи онҳо Ҳомид ном як ҷавони нуздаҳсолаи паканаи назарногир ҳам ҳаст, ки гоҳо ҳамроҳонаш ӯро «кампирдаҳон» гуфта масхара мекунанд. Ӯ аз дигарон дида сипоҳтар, дарундор ва муғамбир метобад. Хомӯш меравад ва дуздида-дуздида ба Сабо нигоҳ мекунад.

— Чанд-ба даромадӣ, Сабо? – яке пойгаҳ хало карда пурсид Ҳомид.
— Понздаҳ.
— Мешад, – худ ба худ хулоса баровард Ҳомид.
— Чӣ мешад? – ҳайрон шуда пурсид Сабо.
— Қаду бастат ба синну солат мувофиқ... Сабо!
— Ҳо!
— Ман ба ту гап дорам.
— Чӣ гап?
— Ба девлох равем, баъд мегӯям.
— Гуфтан гир,
— Не, ин ҷо намешавад.

Онҳо ба девлох расиданд. Ҷои молхорав, ки зери камаре буд ва атрофашро сангдевор карда буданд, дар тирамоҳ ҳам гарм буд. Онҳо харҳоро даруни сангдевор ҷо карда белу каланд гирифтанд, то лар кананд. Чалмаро канда ба қанорҳо ҷо карданд. Ҳомид баҳона карда-баҳона карда ба Сабо наздик шуд ва оҳиста гуфт:

— Сабо, гапамро гӯям?
— Ҳа, гӯй.
— Биё, пушти кӯтан гузарем, баъд мегӯям.
— Ҳамин ҷо гуфтан гир, – сарфаҳм нарафта гуфг Сабо.
— Ин ҷо намешавад, баччаҳо ҳастанд. Хайр, биё, – гӯё зорӣ мекард ӯ.

Сабои сода ва ростдил гумон кард, ки ӯ ниҳоят гапи зарур дорад. Ҳамроҳи ӯ паси девлох гузашт. Баччаҳо аз ин кори онҳо ҳайрон буданд. Фурсате нагузашта фиғони Сабо баромад: «Ту маро кӣ гумон кардӣ? Ҳо дар даҳони отат... Бекас гуфта, хори мушак барик часпидан мегиред... ҳо, дар даҳони очат... Ҳо дар даҳони худат!».

— Дод нагӯ, ман ба ту чӣ гуфтам?
— Ҳолӣ ист, канда ба дастат медиҳам... Мур, пакана, мур фитна, мур-э, маст шуда бошӣ, очета гӯй, зан гирифта диҳад... Мур-э, мур. Мур-мур-мур!!! – аз алам тез-тез такрор кард ӯ ва баъд нишаста сар ба сари зону ниҳода гирист...
— Ӯй, пакана, ин чӣ корат? – гӯён ба Сабо тараф шуда гуфт писари ҳамсояи ҳавлидармиёни духтар – Соҳиб.
— Ба шумо чӣ, аз они шумо дард мекунад? – дигаронро хурд ва ночиз ҳисобида гуфт Ҳомид.
— Мо донем, туро ҳамроҳ намегирифтем, – гуфт дигаре.
— Бе шумо роҳро намедонам-а? – паст наомад Ҳомид, – Беҳтараш, биқ-биқ накунед.
— Худат биқ-биқ накун! – гуфт Соҳиб ва баччаҳо як ҷо шуда сӯи Ҳомид омаданд, ки адабашро диҳанд, вале Сабо пеши роҳашонро гирифт.

— Ман худам ӯро боб мекунам... чунон кунам, ки мисли саги Абдулло-селпо аз пояш кашола карда баранд.

Аз ҷониби деҳа боз харсаворе омад. Ӯ ё аз танҳоӣ, ё аз хурсандӣ сурудхонон меомад. Омад-омаду дар наздикии девлох сурудаш қатъ шуд. Бо омадаш моҷарои онҳоро хомӯш кард. Сабо ӯро шинохта, хост ба пешвозаш тозад, вале муомилаи дар сари хирман кардааш ӯро ранҷонда буд. Барои ҳамин Сабо аз Ҳусен хафа буд ва баробари дидани ӯ худро ба гӯшае кашид. Аммо надонист, ки ин дам бо дили Ҳусен чӣ шуд. Чӣ шӯре дили ӯро таркондан хост ва дуде аз димоғи ӯ баромад. Ҳусен сари харашро гардонд. Қадди дараро рост кард. Сабо андаке аз паси ӯ нигарист ва баъд хомӯшии девлохро шикаст. «Ана! Гир!» гӯён аз лаби ҷувол доштa чалмаашро ба замин рехт ва як пораашро гирифта ба тахтапушти Ҳомид зад: «Худоноумеди пакана, гир, сер шав!»

— Шишта-шишта алам кард? – масхара барин пурсид Ҳомид. Сабо ба ӯ ҷавобе надод. Ҷуволро афшонд. Таҳ карда пушти полони хар партофт ва ресмон аз пои хар кушода даста кард ва харро савор шуда, рӯи сой фаромад. Чун ба қади об фаромад, надонист куҷо равад: аз паи Ҳусен ё ба деҳа? Ӯ андак гардан каҷ карда ба девлохи зери шах нигарист, ки бачаҳо сари сангдевори кӯра омада куҷо рафтани ӯро нигаронанд. Баъд ба гардани хар халачӯб зад, то куҷое барад. Хар аз ҷон хуштар сӯи деҳа равон шуд, вале Саборо хуш наомад.

Ӯ боз ба девлох нигарист. Баччаҳо фарёд мезаданд ва даст мегардонданд, то Сабо баргардад, вале духтарак сари харро ба дигар тараф гардонд. Ва чун каме боло рафт, фарёди яковозаи ҷӯри баччагон баромад. Сабо гӯш ба карӣ дода сари шонаи харро, хала кард... Ӯ Ҳусенро дар байни латтахорҳои сари роҳ дарёфт. Ҳусён харро сар дода лаби чашма каҷпаҳлӯ зада буд ва гӯё аз омадани Сабо хабаре надошт, ки нигоҳ ҳам намекард. Духтарак рӯ ба рӯи ӯ харро боздошт. Хари Ҳусен омадани савораро дида гӯш сих кард ва бинӣ кашид, ҷониби хари Сабо «ҳиқ, ҳиқ» кард ва ҳанг заданӣ буд, ки Ҳусен ҷониби вай халачӯб андохт.

Духтарак аз хар фуромада назди Ҳусен омад. Ва сари чашма рост истод. Ҳусен сурати баланди ӯро даруни об дид. Ва об лапида сурати ӯро каҷу рост мекард ва гоҳо мешикаст. Малахе ҷаста даруни оби чашма зад ва сурати Сабо гум шуд. Ҳусен сар боло карда ба қомати баланду хароби духтарак нигарист ва дид, ки ситораи гарм дорад. Дилаш оҳиста фурӯ рафт.

«Бишин!» гуфт Ҳусен. Аммо Сабо нанишаст.

«Бишин!» боз такрор кард ӯ. Духтарак боз нанишаст. Ва ҳамин вақт дид, ки рухсораи хароби духтаракро қатраҳои ашк шустанд. Ҳусен ҷаста хест.

— Ба ту чӣ шуд, Сабо?

Сабо карахт буд. Лабон ба ҳам фишурд. Ӯ нахост, ки ашкашро Ҳусен бинад. Оби чашма боз ором шуд. Ҳусен надонист, ки бо ӯ чӣ муомилае кунад. Сару рӯяшро сила карда ба тавалло дарояд ё аз дасташ кашида зӯран шинонад ва ё ягон роҳи дигар ёбад. Ба ҳар ҳол ӯ мехост, ки Сабо гап занад.

— Ба ту чӣ шуд, Сабо? – боз пурсид Ҳусен.

Сабо ба саволи ӯ ҷавоб надода ҷониби хар рафт ва халачӯб зада сӯи деҳа ронд.

— Исто, Сабо! – тозон омад Ҳусен, – Барои чӣ ҳамроҳи писаракҳо омада будӣ? – пеши роҳи ӯро гирифт. Сабо ҷавоб надода китф зада гузашт.

— Ту намедонӣ, ки онҳо чӣ хел бад?.. Ман надониста омадам. Агар медонистам, ки ту ҳамроҳи онҳо,, намеомадам. – Баробари Сабо қадам зада туфт Ҳусен.

Духтарак пуршаст харро зада, тез гашт. Ва Ҳусен, ки ба ягон гапаш ҷавоб нагирифта буд, қадам боздошт.

Сабо рӯ ба рӯи девлох бозистод. Баччаҳо наменамуданд, Харҳояшон ҳам набуданд. Духтарак хар ҷониби девлох ронд ва ҷувол аз пушти зин гирифта ба кӯра даромад, ки чалмаи аз ҷувол холӣ кардааш истодааст.

Ӯ ҷониби латтахорҳо нигарист. Ҳусен наменамуд. Сабо чалма ба ҷувол бардошта зуд-зуд ҷониби латтахорҳо менигарист. Ӯ ҷувол пур аз чалма кард. Аз Ҳусен дарак набуд. Сабо медонист, ки хоҳ-ноxоҳ Ҳусен, дер бошад ҳам, аз ин роҳ мегузарад, бинобар он нигарон истод. Саворае пайдо шуд. Бегона буд. Сабо худро паси харсанг пинҳон кард, ки набинад. Ва баъд қариби бегаҳ як хари ҳезумдор омад. Ҳусен буд. Ба Сабо нигоҳ накарда гузаро шуд. Рафт. Сабо ба танг омад ва сари дилаш пур шуд:

— Ҳусе-е-е-н! – акси садоро аз шах шунид ӯ ва бозистода ҷониби девлох нигарист. «Ҳусе-е-е-н!» боз такрор кард духтарак, вале дигар чизе нагуфт. Ҳусен аз паси хар нигарист, ва дартоз сангпари обро гузашта ҷониби девлох рост шуд. Сабо шах шуда буд. Ҳайкал барин рост меистод. Намедонист ба Ҳусен чӣ гӯяд...

— Чӣ шуд, Сабо? – нафасгардон пурсид Ҳусен.

— Бор карда натавонистам, – ҷуволро нишон дод Сабо.

Ҳусен дигар гап назада харро назди бор овард. Ҷуволро рост кард ва Сабоpo «Даст деҳ» гуфт. Сабо ба ӯ даст дароз кард. Ҳусен аз банди дасти рости ӯ бо дасти чап сахт дошт ва вазни ҷуволро рӯи дастҳо гардонда аз ду кунҷи ҷувол доштанд. «Ҳа!» ба ишораи бардор садо кард Ҳусен. Вале Сабо, ки дасти писарак ба дасташ расида буд, суст шуд ва ҷуволи каме аз замин болошуда тарафи ӯ вазн андохта гашт...

## 19

Ба азми худ Сабо қарзҳоро баробар кард. Фақат қарзи кампири Ойшаро баробар карда наметавонад. Ва рӯирост гуфт, ки аз Абдулло-селпо қарздор нест. Вале чунин қарз адо карданҳои ӯ арзон наафтод. Дар деҳа як овозаи бад паҳн шуд: ҳамроҳи писарбаччаҳо ҳезуму саргинчинӣ рафтани Сабо гапи калон шуд: чунон калон шуд, ки гуфта-гуфта духтаракро бадном карданд. Чунин овоза ҳам шуд, ки Сабоpo ягон ҷавон зан кардан намехоҳад. Баъд яку якбора занмурдаҳои пир ва девонаи Неъмату каллу кӯрҳо ӯро талабгор шуданд. Вале Сабо ин ҳамаро ҳазл фаҳмид ва сарфаҳм нарафт, ки барои чӣ ин хел шуд. Зеро дили ӯ мисли ҳавои баҳор соф, беғаш, наолуда. Ва умеде дорад. Як умеди афсонавӣ, ки баъди азобу оворагиҳо: Хизр барин касе пайдо шуда, роҳи бахташро нишон медиҳад. Ӯ боз сари харсанги болои осиёб баромад ва ба роҳи дашт чашм дӯхт, Хизри ӯ, бахти ӯ бо ин роҳ меояд. Барои ҳамин ӯ ба гапу калочаҳо эътиборе намедиҳад. «Аз ин роҳ саворе меояд. Зериронҳояш аспи сафеди бодпост ва ёлу думаш заррин метобад, кишнакунон, ҷилвакунон мсояд...» хаёл дорад ӯ ва мебинад, ки ба ҷои савори аспи сафед аёле пиёда меояд. Ӯ чун поёни деҳа расид, сари ҷари Селрав бозистода нишаст. Сабо ҳам аз сари харсанг ба он зани ношинос нигарист. Занак бархост, ба деҳа ворид шуд ва баъди хеле вақт аз рӯ ба рӯи осиёб садое омад:

— Сабо! Ҳо-оо о Сабо!!!

Сабо гӯё аз сари харсанг ба зери пояш нигарист. Дид, ки кампири Ойша фарёд зада ба дарвозаи онҳо расид. Дар гашт ва фарёди ӯ як навъ тараддуд ва бесаранҷомӣ ҳувайдо буд. Аз чунин рафтори ӯ Сабо ҳайрон шуда бозистод ва лаб хоидан гирифт.

— Сабо! Ҳо-о-о Сабо! – пуртаҳдид чеғ зад кампири Ойша ва Сабо «Ҳа» гуфта натавониста, оҳувона ҷастухез карда аз сари нов фуромад ва танҳо вақти аз об гузаштан «Ҳа, момо!» гуфт.

— Э номат гум нашавад, Сабо!

— Чӣ шудааст, момо?

— Модарат омадааст...

— Барои чӣ омадааст? – парешон пурсид Сабо.

— Туро ёд кардааст, пазмон шудааст.

— Шояд ба ёди ман девона шуда бошад? – пичинг гуфт Сабо.

— Намедонам. Равӣ, мефаҳмӣ.

— Не, ман назди ӯ намеравам.

— Не, меравӣ, – аз китфи ӯ кашида таҳдид мекунад момо, – меравӣ, вассалом... Падарат...

— Чӣ падарам?

— Намедонам. Равӣ, мефаҳмӣ.

Сабо дигар ба қадами пиразан нигоҳ намекард. Ӯ дартоз сӯи ҳавлии кампири Ойша тохт. Дарвозаро пуршаст кушода даромад

ва рӯ ба рӯяш модарандарро дид, ки лаби марзаи айвон амонат менишаст. Ва баробари Сaборо дидан бархост ва дастонаш пеш ёзида, лабонаш пир-пир паридан гирифтанд.

— Ту чӣ маро ин қадар овора мекунӣ, Сабо?

— ...

— Барои чӣ ту маро бегона медонӣ, Сабо?

— ...

— Магар ман ба ту модар шуда наметавонам, Сабо?

— ...

— Мардум чӣ овозаҳо карданд, Сабо?

— ...

Сабо мисли ҳайкал беҷону берӯҳ ва беҳиссу бемадор меистод ва сабаби меҳрубониҳои модарандарро намефаҳмид. Мастура мисли модари зор дастонашро пеш ёзида омад... «Чаро ту дигар шудаӣ, чаро ин зайл рафтор мекунӣ? Магар... магар падари ман...» гӯё ба танаш равон омада, хаёл кард Сабо ва худро дошта натавониста якбора дод зад:

— Ба падарам чӣ шудааст?!

Мастура як қад парида дастони пеш ёзондаашро пас кашид ва оҳиста гуфт:

— Ту аз кучо медонӣ?

— Аз омадани ту, аз рафтори ту!

— Не, Сабо... Ту ҳеҷ чизро намедонӣ, ту ҳеч чизро намефаҳмӣ... Падарат дар хона...

Сабо якбора сӯи модарандар тохт ва худро дар оғӯши ӯ партофт ва боз савол дод:

— Чаро худи ӯ наомад?

— Ӯ хаста шудааст, духтарам, ҷанг бефарааш кардааст, Сабо, – гуфт модарандар, вале бе ду по... омадани Назир-милисаро нагуфт...

Сабо мехост аз модарандар ҷудо шуда, болу пар бароварда зудтар ба дидори падар расад. Вале касеро дидан мехост. Ба кӯча баромада ӯро ҷустуҷӯ кард..

Зани Мизроб-муаллим омад. Дар даст латтапече дошт. Рафтани Сaборо дониста латтапечро ба ӯ дароз карда гуфт:

— Ман дар тӯи муроди ту ҳастам ё не, гирифта мон, аз ман тӯёна. Ба қавли худат «лозим мешавад...»

Сабо онро гирифт ва аз гапи занак донист, ки он сӯзании дӯстдоштаи ӯст. Вале Сабо боз касеро меҷуст. Ҳо-о ана, дар парчи пул нишастааст ӯ. Ва тапидани дили Сaборо пай намебарад ва намедонад, ки падари духтарак ба чӣ аҳвол омадааст. Худи Сабо онро чеғ зада ҳамаашро мегӯяд:

— Ҳусен, о, Ҳусен! – Ҳусен тозон назди ӯ меояд. – Ма, Ҳусен! Ин чизро эҳтиёт бикун, ман баргашта меоям, – латтапечро ба ҷавонписар дароз карда мегӯяд Сабо...

# ШИНЕЛИ ПАДАР

## 1

Таомули тоҷикон, ки ягон хеши роҳдурашон ояд, пайкро муждагонӣ диҳанд. Махсусан солҳои ҷанг, ки падар, бародар ва фарзандонашон ба ҷанг рафта бошанд, аз рӯи буда ва ҳиммат ягон чиз ҷудо карда мемонданд. Ҳатто муждахоҳ хабари омадани ҷанговаронро дар шаҳр шунавад, то деҳа асп монда меомад. Ҷовид ҳам савори аз санглох ба деҳа рост шударо дида, каланд аз сари китф ба замин гузошт ва нигарони даррасидани савор шуд. Ӯ ҷавонписари паҳлавонҷусса на, балки коркӯфтаи химча тобад. Дар бар шинели аскарӣ дорад, ки риштаҳои нӯги остини дарозаш шилшила шудаанд. Шинел васеъ ва китфҳояш аз китфи ӯ кашол. Тахтапушташро шохчаҳои хорчаю шибоғ кандаанд. Суда ва ришта-ришта гаштааст. Домони онро ним метр ба дарун гардонда дӯхтаанд. Ҷавонписар андаруни он хӯса тобад, вале ҳар дам китф бардошта худро баркамол нишон диҳад. Телпакаш низ аз они аскарҳо: калон, гӯшҳояшро пахш кардааст, қариб ки чашмонашро ҳам пӯшад. «Беҳуда савор башитоб наояд» аз дил гузаронд ӯ ва андаке хам шуда телпак ба думи каланди такя карда истодааш расонд, ки каме аз пешонӣ пушт рафт.

— Хонаи Латифи Муродро намедонӣ, бачча? – баъди саломи Ҷовидро алейк гирифтан пурсид савор. Ҷовид ба ӯ хуб нигоҳ карда шинохт: аробакаши деҳаи Ҷари Сурх, ки рӯзи ба сари Абдулоқсақол довталаб омадани мардум бо падараш ҳамсухан шуда буд. Аввал Ҷовид ба ӯ ҷавоб надод, бо шубҳа нигарист, ки хонаи падари Ҳабиба ба ин марди бегона чӣ лозим бошад. Баъд, дар он хона мардинае нест. Ҳабиба, ки вай ҳам ҳамроҳи холааш. Ин чизро нагуфта, дигар хел ишора кард:

— Дар хонаи онҳо касе нест...

Аспи парраҳои биниаш аз гашти зиёд фарох-фарох нафас кашида, гӯё ин гапро шунида ором-ором ҳаво гирифт ва беқарориаш ҳам тамом шуд. Худи савор, ки пойҳояшро ба рикоб таранг карда андаке аз зин ковок шуда меистод, суст шуда фурӯ нишаст.

— Ҳеҷ кас – ҳеҷ кас? – аз тири хокхӯрда пушаймон шуда боз пурсид савор.

— Ҳеҷ кас, – аз гапи ёфтааш хурсанд шуда ҷавоб дод Ҷовид ва ноумед гаштани саворро дида пурсид: – Чӣ гап, амак?

— Латифи Мурод омадааст...

Ҷовид баробари шунидани ин хабар «ҳамин ҷо истед, амак!» гуфта каланд миёни кӯча гузошта рафт. Тез рафта ва ба ҳамон

шасти рафтааш ба дӯшаш як бузғолаи сафедаки навшохро бардошта омад.

Савор ба шинели ҷавонписар нигарист: қати аввалро канда боз қат карда буданд ва рахи қати аввал намуда меистод.

— Баччаи кӣ мешӣ? – бузғоларо ба пеши асп гирифта пурсид савор.

— Баччаи Шайдо.

Савор бузғоларо ба ӯ баргардонданӣ шуд, вале Ҷовид нагирифт:

— Не, амак... Раҳмат, амак! Барои хабари хуш раҳмат! – гуфта ӯро гуселонд ва ботамкин сӯи ҳавлии холаи Ҳабиба рафт.

Дарвозаро кӯфт. Худи Ҳабиба баромад. Аз Ҷовид нагурехт ӯ. Ӯ гумон дошт ҳама хобҳои дидаашро духтарак медонад.

— Ҳа-би-ба... Ҳабиба! – нафасаш гирифта-гирифта гуфт: – Амаки Латиф омадаанд!

— А! – нашунида ва ё ба гӯшҳояш бовар накарда садо дардод Ҳабиба.

— Амаки Латиф – падарат омадаанд!

— А? – гӯё ақлашро гум карда буд духтар.

— Биё, Ҳабиба! – аз дасти ӯ дошта кашид ҷавонписар.

Ҳабиба аз дарвоза берун баромад ва аз дасташ кашола кардани Ҷовидро ягон кас набинад гуфта ба пас нигарист, ҳамроҳи ӯ тохт ва якбора бозистод.

— Кӣ гуфт?

— Аробакаши деҳаи Ҷари Сурх.

— Ман ба хона гӯям, муждагонӣ диҳем...

— Ман додам, Ҳабиба...

Ҳабиба ба чашмони Ҷовид нигарист ва боз ҳамроҳи ӯ тохт.

Рӯймоли духтарак ба китфаш фаромад. Ӯ рӯймол ба сар накашид, оламу одамро фаромӯш карда тохт. Тохти духтаронаи ӯ, гӯё зонуҳояш ба ҳам часпида бошанд, чандон ҳайратовар набуд. Вале дар шинели кушод тохтани Ҷовид ва мисли пружини соат ба ду тараф гаштани домони халтаи шинел диққати касро мебурд. Ӯ телпаки кушодро, ки ҳар лаҳза лағжида пеши чашмонашро мегирифт, ба даст оварда давид. Вале ҳайрон буд, ки чаро духтарак аз ӯ рӯ напӯшид. Ҳатто вақти дарав рӯи ӯро дидан мумкин набуд. «Ё мисли Холбибӣ сарлуч шуданист?... – тозон аз дил гузаронд ҷавонписар. – Хобашро ёд дошта бошад? Ба қавлаш вафо мекарда бошад?...». Ӯ дар миёндаштӣ Ҳабибаро мондашуда гумон карда дасташро гирифт... Онҳо дастубадаст сӯи Дупулаи Зарафшон тохтанд. Тохтанду тохтанд. Гӯё ба пешвози бахт, ба истиқболи саодату ояндаи дурахшон тохтанд...

Аммо қиссаи мо дар бораи падари Ҳабиба не, дар бораи бисёр касони аз ҷанг баргаштаю барнагашта ҳам не... Қисса дар бораи шинел ва соҳибони он.

## 2

Ҷанг тамом нашуда Шайдо аз фронт баргашт. Ӯ аввалин ва охирин аскар набуд. Вале бенуқсон на: ё китфу бозуяшон, сару рӯяшон ҷароҳате дошт ва ё дасту пояшонро қурбон карда омада буданд. Касони мағзашон халал дида ҳам буд. Аммо Шайдо баракси ин ҳама: дасту пояш солим, сару рӯяш ҳам як қисм, ақлу ҳушаш дар ҷояш, гапаш бурро. Фақат рангаш коҳида. Барои ҳамин занаш Соро баробари ӯро дидан чӣ гуфтан ва чӣ хел ӯро пешвоз гирифтанро надониста, сурат шуд. Аз афташ, аз одамон шарм дошт: аз одамоне, ки шавҳарашро гирду пеш карда ва борхалтаашро бардошта омаданд. Шайдо аҳволи ӯро дида ба китфи зан кафи даст гузошт, ба тавраш навозиш карда гузашт, гузашту ба хотираш зад, ки шояд дар вақти набуданаш ҷой дигар шуда бошад. Аз остонаи хона касе ӯро боздоштагӣ барин қадам ба дарун наниҳода ба пас нигашт. Соро ба ӯ ҳоло ҳам шикастадил менигарист. Гӯё барои ҳамаи ин занак гунаҳгор бошад. «Дароед!» овоз баровард Соро, вале Шайдо афсунзада меистод. «Дароед, хонаи худатон» аз қарор истодани ӯ маънӣ гирифт, ки боз гуфт Соро ва ҳушаш ба ҷояш омада пеш гузашта ба рӯи намади хона кӯрпача андохт. Ва «Марҳамат, дароетон» гуфта ҳамаро даъват кард. Овозаш ларзон буд. Ҳар кас ҳам пай бурда метавонист, ки ашки шодии ӯ пур шуда то гулӯ омадааст. Соро барои он ки дар назди меҳмон гиря накунад, зуд аз хона баромада ба ошхона гузашт ва ба дилпурсии одамон, ки «Шайдо омад, хурсанд шудӣ, охир?» мегуфтаид, сар меҷунбонду бас. Чӣ хел хурсанд нашавад, саробонаш омад. Акнун касе ҳад надорад, ки ба сари ӯ дод занад. Дигар Ҷовидро ҳам барои саракчиниаш даштбон намезанад. Ва дигар шабона ба сари занак Неъмати девонаавзоъ намеояд. Шояд ваҷҳи гиристани Соро ҳамин аст? Шояд хории ӯро ҳамон саргузаштҳо овардаанд? Ҳа... вақте мешаваду Соро ҳамаи инро ба Шайдо ҳикоя мекунад. Шайдо ин чизро ҳамту намонад. Қасос гирад: ҳам аз даштбон, ҳам аз он марди девонаавзоъ. Хайр, бригадиру табелчӣ беҳуда гапи сахт нагуфтаанд, барои кори колхоз. Дар ин ҷо ҳам айби худи одамон, ки гапро дигар хел мефаҳманд. «Овози баланд»-и роҳбарон ба онҳо сахт расад, гӯё ки онҳо ба фоидаи худ кор фармуда бошанд. Ҳамаи ин як тараф, Сороро чизи дигар парешон кард: «Шайдо, боз аз ҷанг нагурехта бошӣ, ки сари ҳамаро ба замин занӣ?» пайи ҳам ба худ савол медод Соро. «Ҳушёр бош, ин ному нангро куҷо мебарем?» пешакӣ гап тайёр мекард Соро ва боз забон мехоид, ки рафту ин фикраш беҷо бошад ва Шайдо онро шунавад, хуб намешавад.

Паи пои мардуми хабаргирӣ омада канда шуда бошад ҳам, Соро аз ӯ чизе пурсида натавонист. Ба фикри худаш, агар ӯ чизе пурсад, хафа мешавад. Соро аз ӯ чизе напурсид. Вале Ҷовид де-

ргоҳ хобаш набурда бо ӯ саволу ҷавоб кард. Соро ба сӯҳбати онҳо гӯш дод, баъзан пурсишҳои писараш гапи калонсолонро монад ва баъзан содалавҳона аз ҳаёти деҳот сухан кунад, вале ҳамон саволе, ки дар дили модараш ҳаст: «Чӣ шуд, чӣ хел шуд, ки омадӣ?» гуфта натавонад.

Имшаб се тан – Шайдо, Соро ва Ҷовид хонаро пур карда хобиданд.

Се рӯз гузашт, Шайдо намедонист, ки дар деҳа кӣ ҳасту кӣ нест. Хешовандон, ҳамсояҳо ӯро ба хонаашон даъват карданд. Шайдо дар сӯҳбатҳо аз вазъи деҳа огоҳ шуд. Вале тааҷҷуб кард, ки чаро Абдул ва бародараш Аюб ӯро диданӣ наомадаанд. Ҳатто раис – Нусрат омаду онҳо не.

Шайдо ба кори колхоз баромаданӣ шуда белу каланд тайёр кард, ки ӯро ба идораи раиси ҷамоат ҷеғ заданд. «Кори колхоз» гумон карда, каланд сари китф рафт.

Шайдо каландро паси дар гузошта, дари идораи ҷамоатро кушода даромад. Набераи қозикалон – Абдул сари миз менишаст. Ӯ хуб медонист, ки аз тарафи падарӣ ба қозиён ва аз ҷиҳати модарӣ ба эшонҳо тааллуқ дорад. Вале барои чӣ ин қадар фарбеҳ ва ин қадар суп-сурх шудаст, ақли Шайдо нагирад. Ришу бурути зардаш дар ин се соли набудани Шайдо қайчиро надидааст. Шояд барои ҳамин хел корҳояш мардум гапу калоча карда бошанд, аммо Шайдо ҳоло аз ин тарафи масъала бехабар. Гап кардаанд, ки Зиёдуллоро барои занаш шуда ба аскарӣ фиристодааст... Гуфтанд, ки Шарофро барои авлодан нотифоқ буданашон ба ҷанг роҳӣ кардааст. Самадро барои гапашро гардонда тую ман карданаш. Писари подачӣ Ҳотамро барои оши ҳалол пурсиданаш ва ҳоказою ҳоказоҳо... Ҳа, боз барои он ки худаш наравад, дигаронро зуд-зуд фиристоданаш. Ҳатто ҷавонони ноболиғро. Одамон фақат гап мезананд: касе ба онҳо нафаҳмонад, ки повестка додан кори раиси ҷамоат нест, кори Комиссариати ҳарбист. «Не-дия, ин кори Абдул!» Ба онҳо чӣ мегӯӣ? Фақат Шайдо донад, ки Абдул ҳеҷ касро аз пеши худ ба ҷанг фиристода натавонад. Ягона кораш ҳамин, ки рӯихати ҷавонон ва мардонро бурда ба идораи Комиссариати ҳарбӣ медиҳад.

Абдул як бародар дорад. Номаш Аюб, ҷӯраи Шайдо. Вале надонад, ки ӯ дар куҷост. Шайдоро диданӣ наомадааст. Шайдо гумон дорад, ки ӯ ҳам ба ҷанг рафтааст.

— Аюб нағз ҳаст? – аз ӯ пурсид Шайдо, вале Абдул худро ба нодонӣ зада мад кашид:

— Хӯ-ӯш-ш?! – даст ба зери риши дароз бурда ва муттако зери ҷоғ гузошта ба гап даромад ӯ. – Хӯӯш-ш!... Чӣ хел шуд, ки аз ҷанг баргаштӣ?

— Ҳамин тавр, – кӯтоҳ ҷавоб дод Шайдо.

— Чӣ тавр?

— Ҷавоб доданд, омадам.

— Дасту поят бутун, ақлу ҳушат баҷо, чӣ хел ҷавоб?

— Дасту пои ту ҳам дуруст, ақлу ҳушат ҳам нимкора, дар ин ҷо шиштаӣ-ку?! – якбора сахт гуфт Шайдо.

— Ҳоло ту ба ман гап ёд медиҳӣ!

— Гап ёд надодаам, пурсидӣ, ҷавоб додам...

— Военкомат девона нашудааст, ки туро дар ин ҷӯши ҷанг ҷавоб диҳад Ту гурезаӣ...

Шайдо ба гапи ӯ чӣ ҷавоб доданро надонист. Фурсате хомӯш истод. Дарғазаб шуд. Ранги коҳидааш арғувонӣ гашт. Гӯшҳояш сурх шуданд. Гӯшаки телпак бар гӯшаш вазнинӣ кард, ки андаке бардошт. Ба тавраш, бо ин кораш ғазабашро андаке фурӯ нишонд. «Чӣ мехоҳӣ?» Ба ин маънӣ нигоҳ кард Шайдо. Абдул ҳам манаҳ бар каф, сари ангуштон бар лаб, бо ин гапаш худро музаффар шуморида рост ба чашмони Шайдо нигарист. «Шӯхӣ дорад?» савол кард дар дил Шайдо. Вале нигоҳи тез ва ҷиддии ӯро дида, кафид:

— Иддао чист?

— Иддао не, ман барои обрӯям гӯям. Ту ба мо, ба номи мо иснод овардӣ...

— Ба кадом номат? Ба номи қозинажод ё ба номи эшонзодагиат?

— Ба ин корат набошад, ту номи деҳаро паст задӣ!

— Агар дар дасти ту бошад, баргашта маро ба ҷанг фирист, агар ман кор наоям, писарамро фирист, вале ба ман ин хел гӯшонаҳоятро нагӯ.

— Не, ту акнун ба ҷанг лозим нестӣ, ту аз ҳимояи Ватан даст кашидӣ...

— Э-э, қозизода, ту дар ин ҷо шиштаӣ, чӣ донӣ, ки ҷанг чист ва майдони ҷанг чӣ гуна аст. «Ба каси хаста ва марди маст гап назан» гуфтаанд. Ту – маст, ман – хаста. Биё ба ҳамдигар гап назанем.

— Ягон макру ҳилаат ба кор намеравад.

— Ба назарам, ман мемураму чизе, ки мегӯӣ, ёд намегирам.

— Ҳм, – тунд хандид Абдул.

— Ҳум не... хоҳӣ, пеш даро, ман аз пасат, нагиранд ҳам, худамон ба ҷанг меравем! – гуфта Шайдо андаке сари синаашро боло кард. Вале Абдул як қад парида сар бардошт ва дасти росташ, ки то ин дам муттакои зери манаҳ буд, чу пояи ковок рӯи миз афтод. Ба худ омад: «Ту худат рафтан гир, ман дар ин ҷо одами даркорӣ!» Шайдо ҳам паст наомад: «Албатта ту ин ҷо даркорӣ, бе ту кори колхоз як пул, раис надорад, котиби ташкилоти партиявӣ надорад, фақат ту! Колхозчӣ ҳам ту, аробакаш ҳам ту, аскар ҳам ту, маслуху маҷрӯҳ ҳам ту...» якбора буғзи дилашро кафонданӣ шуд. Ва дид, ки оқсақол гаранг барин ба ӯ нигоҳ карда монд,

шерак шуда, вақтро ғанимат дониста боз ба гап даромад: «Исто, ки барои чӣ ман ба ту ҳисобот диҳам?»

— Охир, ман туро ба ҷанг фиристодаам, чӣ хел ҳисобот надиҳӣ?

— Не, ин гапи нодуруст. Ту маро ба ҷанг фиристода натавонӣ. Ман беватан, бесоҳиб, ки ту маро зӯран ба ҷанг фиристӣ? Шояд ин гапро барои халосии ҷони худ бароварда бошӣ!

— Ин гапро ман набаровардаам, ту баровардӣ, одамони ту бароварданд!

— Пас, одамони ман дар қасди ҷони туанд? Ҳамин хел?!

— Ҳамин хел?

— Роҳи дузду гуреза кӯтоҳ аст. Онҳо ба касе қасди ҷон карда натавонанд.

Ранги арғувонигаштаи Шайдо тамоман канд. Чашмонаш, авзоаш беҷо шуданд. Баъд ангуштони ларзонашро сӯи гулӯ бурда тугмаи шинелро кушод. Ва даст сӯи синаи чап бурд. Абдул гумон кард, ки идораи ӯ барои Шайдо гармӣ кард, аз ин рӯ тугма кушояд. Вале чун Шайдо аз бағал чизеро баровардanӣ шуд, қути ӯ аз ранги Шайдо ҳам кӯҳнатар гашт. Дастонаш ларзиданд. Пас-пас рафт ва тахтапушташ ба девор бархӯрд.

— Мана! – латтаи печидаро болои миз гузошта гуфт Шайдо.

— Чӣ вай? – ларзон ду-се мижа зада пурсид Абдул.

— Ҳуҷҷатбоз бошӣ, ҳуҷҷат.

Абдул оҳиста бар курсӣ бознишаста латтапечро пеш кашид.

— Ҳоло ист! – ба ҳуҷҷатҳо кӯрмуш нигариста гуфт Абдул.

Шайдо гӯӣ ҳама нерӯ ҷамъ оварда, як қадам пас рафта, ба хараки назди дар нишаст. Аз он ҷо ба гапи Абдул ҷавоб гардонд:

— Меистам, парво накун. Лекин дониста бош, ки касе туро мисли ман хуб надонад. Тагу тирези ту ба ман маълум.

— Не, ту маро надонӣ... Ту маро пеш медонистӣ... Ту маро ҳамчун қозиавлод медонистӣ, вале ҳамчун коргари ҳукумат надонӣ...

Шайдо китф дарҳам кашида бархост ва даст дароз кард, ки ҳуҷҷатҳояшро гирад.

— Не, баъд мегирӣ, – латтапечро каме пас кашида гуфт Абдул.

— Ҳуҷҷати ман набояд дар дасти ту истад. Лозим шавам, чеғ мезанӣ. Хондӣ, донистӣ? Шуд... – киноя кард Шайдо. Зеро медонист, ки Абдул ҳарчанд синча кунад ҳам, хонда натавонад.

Шайдо нафаҳмид, ки чаро касеро, ки ҳама бо як эҳтиром «шумо» гӯянд ва худи ӯ ҳам пеш аз ҷанг рафтан «шумо» мегуфт, якбора «ту-ту» кард. Барои чӣ? Ҷавоб ёфта натавонад. Пас хулоса кунад, ки айби худи ӯст: «Нокас! Гумон кунад, ки ман ҳам мисли ӯ беор ҳастам. Ноасил! Ҳуҷҷат ба ун кас дода монам, будааст. Донам, ту чӣ кор кунӣ. Сӯзонию баъд гӯӣ, ки Шайдо гуреза аст.

Ҳамаро даҳани амма гумон накун. Мурғе, ки ту пар меканӣ, дигарон куштаанд... Лекин ту чӣ ба ман чаққа шудӣ? Падаратро куштам? Бародаратро пеш андохта, ба ҷанг бурда, ба тири душман дода омадам? Чӣ кардам ман ба ту?.. Фарз кардем, ҳамин тавр ҳам шуд: ман туро, бародаратро ҳамроҳ ба ҷанг мебурдам, ту набояд аз ман хафа мешудӣ. Ин қарзи ҳамаи мо: қарзи ман, қарзи ту, қарзи бародарат. Барои ин набудагист. Ягон гапи дигар ҳаст... Аз худат, аз сирру асрорат, аз тагу тирезат тарсӣ. Натарс. Ман ту барин не...»

Шайдо роҳ мерафту аз наздаш кӣ мегузашт, намедид. Абдулро сарзанишкунон мерафт: «Ноасил, ту қадри одаму оламро чӣ донӣ? Аз остонаат берун набаромада бошӣ? Аз куҷо фаҳмӣ ин ҳамаро. Падарат нафаҳмид, амакат нафаҳмид, сарҳадҳоро давр гашта омад, тавба карда омад, пушаймон шуда омад, нафаҳмид. Магар ту дар гирди худ давр гашта ин чизро мефаҳмӣ?! Ту аз ҳамин тарсӣ. Не-е, ман ту барин нокас нестам. Онҳо мурдандy рафтанд. Аз гуфтану нагуфтани ман чӣ суд?... Падари ман барои ин сохт – сохти нав сар бохт, ман онро ҳимоя карда натавонам?.. Ҳоло ҳам одамон гӯянд, ки дар парчи пули Исматулло босмачиҳо падари Шайдоро буз кашида буданд... Магар он манзара аз ёди ман меравад? Магар мани ятиммонда ватани худро бад дида тавонам? Гӯё дар он фоҷиа амаки ту ҳам ширкат дошт. Инро ҳама донанд, лекин ту онро бояд паноҳ дорӣ... Муборизаи ту бо ман аз ҳамон ҷо...»

— Ба ту чӣ шуд, Шайдо? – аз рӯҳи парешони шавҳараш рамуз гиряфта пурсид Соро.

— Ҳеҷ чиз.

— Не-е, ягон гап шудагӣ барин.

— Гӯё ман аз ҷанг гурехтаам, – овозаш ларзида гуфт Шайдо.

— Ҳамин хел гап бисёр, ман ҳам пурсиданӣ шудам, вале меранҷӣ гуфта, напурсидам. Хафа нашав...

— Ту ҳам бовар дорӣ?... Албатта, кас бо дасту пои солим баргардад, кӣ бовар кунад? Ҳатто худам бовар мекунам...

— Пас чӣ хел туро ҷавоб доданд?

— Худам омадам. Барои Ҷовид шуда омадам, – инони гапро ба дигар тараф тофтанӣ шуд Шайдо.

— Беҳуда кардӣ, Шайдо, ман бо нони талабида ӯро калон мекардам... – даст ба китфи шавҳараш гузошта гуфт Соро.

— Ҳоло ҳам худат калон мекунӣ, – ба чашмони ӯ нигариста гуфт Шайдо.

— Ин чӣ гуфтагиат? – даст аз китфи ӯ баргирифта ва каме худро пас кашида пурсид Соро. – Магар баргашта меравӣ?

— Не, маро дигар ба ҷанг намебаранд...

Соро ҳайратангез аз таги манаҳи шавҳар нигарист. Гӯё ранги ӯ ранги худаш, пӯсти ӯ пӯсти худаш набуд. Дилаш хунук таҳ зад.

— Чаро як умр гапро дар дил мағор геронда мегардӣ? Оби ҳавз равон набошад, бӯй гирад, гӯянд, Шайдо. Чаро ба худат раҳм намекунӣ?

— Дигарон ба ман раҳм кунанд, ман ба худам чӣ раҳм карда метавонам? – рӯи ғӯлаи назди дари ошхона нишаста гуфт Шайдо, – Ман омаданӣ набудам, Соро. Маро фиристоданд... Ба чашмат бинӣ, баъд бовар мекунӣ. Хайр, одамҳои «баргашта равем» мегуфтагӣ бисёр. Дасту пояшонро парронда, маҷрӯҳ шуда баргардем, гуфтагиҳо ҳам ҳастанд... Ватан-а! Ватан месӯзад! Лекин сарбози ҳақиқӣ аз байни он дуду оташ баргардам намегӯяд... «Сӯзаму Ватан ҳимоя кунам» мегӯяд... Лекин ин нобакорон дар ин ҷойҳо чӣ корҳо карда гаштаанд... Боз ту мегӯӣ, ки гапро ба дилат мағор занонда мегардӣ... Ба кӣ мегӯӣ? Магар кӣ будани ӯро раис намедонад, одамони деҳа намедонанд? Дар район ҳам бояд донанд...

— Бало ба пасаш, ҷазои бадро худо диҳад, – ӯро ором карданӣ шуд Соро.

— Не-е, уҳу! – оқибат буғзи дар сари дилаш омадаро дошта натавониста сурфид Шайдо. Соро худдорӣ карда натавониста шикастадил пурсид:

— Чаро месулфӣ, Шайдо?

— Ҳамин хел, нафасам гирифт.

Соро пай бурд, ки ӯ чизеро пинҳон дошта, дурӯғ гӯяд, дигарбора напурсид. Ва шаб, вақте ки пои омаду рафт аз хонаашон канда шуд, қатраҳои ашки ҳасратро ба рухсорааш шоронда тахтапушт ва дасту пои шавҳарашро молид...

— Соро!

— Ҳа!

— Кӯфти солҳои зиёд аз танам рафт, – миннатдорӣ кард Шайдо.

— Кошкӣ! – кӯтоҳ ҷавоб дод Соро ва дигар гап наёфт, ки гӯяд. Баъд дергоҳ хомӯш истод.

Шайдо рӯболо гашта даст ба рӯи занаш бурда, зери чашмони ӯро палмосид, нами чашмони ӯро тоза кард.

— Барои омадани ман гиря мекунӣ, Соро?

Соро сар ҷунбонд, вале Шайдо надид ва гумон кард, ки ӯ ҷавобе нагардонд.

— Чаро гап намезанӣ?

— Чӣ гӯям?

— Наход ин қадар вақт дар деҳа ягон гап нашуда бошад?

— Гапи зиёд, вале нолозим.

— Чӣ хел? – паҳлӯ гашта пурсид Шайдо.

— Азоб.

— Ин чиз дар ҳама ҷо. Саросари Ватан дар ташвишу азоб... Лекин гӯй, ки ягон кас туро наранҷонд?

— Не, Шайдо, ҳеҷ кас.

— Дурӯғ нагӯ, ман ҳамаашро медонам.

— Дурӯғ не, Шайдо... Фақат оқсақол.

— Чӣ гуфт?

— Ту розӣ бошӣ... ман шавҳаратро аз ҷанг ҷеғ зада гирам...

Шайдо дам ба дарун шуд. Боз рӯболо гашт ва аз сақфи торики хона чизеро ҷустуҷӯ кард. Ба назараш дар кодокҳо заррачаҳо ҷило доданд, хонаро равшан карданӣ шуданд. Шабаҳҳо пайдо шуда гоҳ-гоҳе ба шакли Абдул гаштанд.

— Барои чӣ? – ба маънии гапи занаш сарфаҳм нарафта пурсид Шайдо.

— Намедонам...

Шайдо сари ҷогаҳ нишаст, дастонашро ба ҳам соидан гирифт ва ангуштонашро қирс-қирс садо дода, оҳи вазнин кашид.

— Ту хафа нашав, Шайдо. Гапи зиёд нашудааст.

Шайдо ба ҷои ҷавоб лаби поёнашро зери дандон оварда оҳис-та-оҳиста хоидан гирифт.

— Худат гап зан гуфтӣ. Акнун хафа мешавӣ.

— Не, хафа нашудаам.

— Қариб оламро гаштию ҳоло ҳам кӯдакҳо барин фикр мекунӣ.

— Хаёлам, фикр накунам, нони хӯрдаам ҳаром бошад.

— Ин чизро ҳаромхӯрон фикр кунанд...

— Ман дар бораи худам фикр мекунам...

— Хайр, биё мон, омаданат барои ман давлати калон. Ҷовидамон зинда бошад.

— Чӣ, оча? – аз пешгаҳи хона сар бардошта пурсид Ҷовид.

— Ту бедорӣ, писарам?

— Не, оча...

Соро аз китфи шавҳар кашид, то хоб кунад. Шайдо дароз кашид. Соро боз пушту паҳлӯи ӯро молид ва пас аз хеле фурсат «Шайдо, ту хеле дигар шудаӣ, хурд шудаӣ, борик шудаӣ...» гуфт, вале ҷавобе нагирифта, афзуд: «Ҷавонтар шудаӣ, Шайдо». Боз ҷавобе нагирифт ва гӯш пеши нафаси ӯ оварда донист, ки хоб рафтааст. Оҳиста кӯрпаро то зери манаҳи ӯ овард ва худ низ нафаси дароз кашида хоб рафт. Чашмаш хоб, вале фикраш бедор буд, ки Шайдо фарёд зад:

«А-а-а! Сергей, бародари азиз! Намур! Намур!.. Чашмонатро кушо!.. Аҳду паймон чӣ буд?.. Ман ба зану фарзандони ту чӣ мегӯям?»

Соро шавҳарашро бедор накард. Сари ҷогаҳ нишаст ва ба мардак нигарист. Ӯ кӯдаквор мегирист.

— Оча?

— Ҳа, писарам.

— Додом чаро гиря доранд?

— Хоб мебинад, баччем. Ту хоб кун, бевақт шудааст.

— Бедор кунед, оча ин қадар гиря накунанд, дилашон об мешавад, – гуфт Ҷовид бархоста ва сари болини ӯ омад.

«А-а, а-а-а!» – баланд фарёд зад ӯ ва бедор шуд.

— Додо, додо, чӣ шуд ба шумо?

— А? А?

— Чаро гиря мекунед?

— Ҳа, вай ноинсоф Сергейро кушт. Ӯ вақти омадани ман зинда буд, ноинсофи Абдул ӯро кушт.

— Абдули ҷамоат? – пурсид Соро.

— Ҳа. Хоб набошӣ, Сергей дар ҷанг, Абдул дар хонааш... Ба Сергей ягон гап шуд.

— Шаб фикру хаёл карда хоб рафтӣ, барои ҳамин, – дилдорӣ дод Соро.

— Кошкӣ ҳамин тавр бошад... Ту хоб кун, писарам, – ба Ҷовид муроҷиат кард ӯ. – Ба хаёлам, мисли Сергей дигар одам намерӯяд. Ба хизмати ҳама мерасид. Ҳама барои ӯ ёру бародар... Ваъда карда будем, ки баъди ҷанг ба хонаи ҳамдигар меравем...

## 3

Субҳ надамида Соро ба ошхона гузашт ва оташ гиронда, гардсӯз (атолаи ордбирён) пухт. Баъд ба сандалӣ як хокандоз лахча андохт. Кӯрпаи рӯяш аз таги кӯрпаи сандалӣ гузаронда шуда буд ва пои Шайдо то кодоки сандалӣ мерафт, баробари оташро ба сандалӣ андохтан пои мардак тафсид. Ӯ баробари аз ҷогаҳ берун шудани Соро бедор шуда буд, вале ба хестан хушаш наомад. Ҳоло ки ба танаш андаке гармӣ давид, кӯрпаро аз болояш дур андохта ва шинелро сари китф гирифта берун баромад. Дар оби равони ҷӯй дастурӯй шуста омад ва мӯи расидаи писарашро каме аз пешонӣ паҳлӯ гардонда, то омадани Соро ба рӯи ӯ нигарон истод ва баробари пӯшида шудани дари ошхона ба кунҷи сандалӣ гузашта нишаст. Атолаи косаи болои сандалиро ошомид. Ба назараш, андаке ҳаракати беҷо кунад, писараш бедор мешуда бошад, косаро бозгузошт. Оринҷҳо болои сандалӣ такя монда ба хаёл рафт: «То кай ҳамаи инро дар дил дорам? То ба кай азоб кашам?.. Магар ҷуз ман инро касе надонад? Нусрат раис шудааст, одами солхӯрда, инро надонад? Бояд донад, вале чаро рӯихотир кунад? Намедонам».

— Шайдо! – паридани мушакҳои рӯй ва лаҳза ба лаҳза гиреҳ задани байни абрӯвони шавҳарро дида ба ӯ муроҷиат кард Соро.

— Ҳ-ҳа!

— Ин қадар чӣ фикр мекунӣ?

— Ту ин ҷо хуб азоб кашидӣ гуфта, фикр мекунам.

— Ҳамааш фаромӯш шуд, Шайдо, – гуфта Соро сақфи синаашро ба сандалӣ чафс кард ва баъд аз ду тараф дастонашро аз зери сандалӣ боло бароварда, харпанҷа андохта истод. Шай-

до дароз шуда дастони ӯро миёни дастонаш гирифта андаке ба писараш нигоҳ кард ва сонӣ рост ба чашмони Соро нигарист. Табассум кард. Соро пай бурд, ки табассуми ӯ сохта аст, барои дили ӯ шуда табассум кунад. Маълум, ки дар дил гапе дорад, вале гуфта натавонад.

— Ту аз омаданат шод нестӣ, Шайдо? – сабаби нахандидани шӯро донистанӣ шуд Соро.

— Чаро шод набошам?

— Гап намезанӣ, шодӣ надорӣ?

— Аз ин хел омадан дар ҷанг қурбон шудан... беҳтар.

— Нагуфтам, ки ту аз омаданат шод нестӣ? – малӯлона гуфт Соро.

— Ту ба ин чиз дахл надорӣ, Соро. Ту гӯй, ки раис пеш ё оқсақол?

— Чӣ хел?

— Нусрат пеш раис шуд ё Абдул пеш оқсақол?

— Абдул... Абдулро раиси пештара саводи кӯҳна дорад гуфта, тавсия кардааст.

— Пас Нусрат аз кирдори Абдул хабар надорад... – ба худ гуфт Шайдо.

— Ту рафта кию чӣ будани Абдулро ба раис фаҳмонданӣ ҳастӣ?

— Не, Соро, гумон накун, ки ман ҷанг рафта–омада ақламро гум кардаам. Ман ҳеҷ вақт ин кори пастро накунам. «Ҳар кӣ бар душмании халқ равон аст чу баҳр, зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад», гуфтаанд. Ҳоҷат ба хабаркашии ман намонад.

— «Ҷовид, ҳо Ҷовид!» аз дарвоза садо омад. Соро баромада нигоҳ кард. Писараке сар аз дарвозаи нимроғ дароварда ҷеғ мезад. «Амаки Шайдо ба идораи ҷамоат мерафтаанд» гуфта зуд баргашт ва Соро нашинохт, ки ӯ кӣ буд. Соро парешон ба хона даромад ва «Ту барин имшаб хобаш набурдааст» гуфта хабарро расонд.

Шайдо дергоҳ дар кунҷи сандалӣ сукут варзид. Боз байни абрӯвонаш гиреҳ зад. Баъд ба сандалӣ такя карда хест ва остини шинелро пӯшида берун баромад.

— Телпакатро пӯш, ҳаво хунук. – Телпакро берун оварда гуфт Соро.

— Не, мон, Ҷовид пӯшад, ҳавас кардааст.

— Вай бачча, Шайдо, ҳар чӣ гуфтан мегирад, сари ту луч. Ақаллан то рӯзи бозор пӯш, рӯзи бозор ба ягон бозорчӣ тоқӣ таъин мекунем.

Шайдо телпаки хокиранг ба сар гузошта, тугмаҳои шинелро гузаронда аз дарвоза баромад.

— Ба назди оқсақол меравӣ, Шайдо? – аз пас садо кард Соро.

Шайдо ба ҷои ҷавоб қафо гашт ва оҳиста-оҳиста пеши ӯ омад. Ба сару рӯй ва чашмони занаш нигарист. Гирди чашмонаш

ҳалқаҳои сиёҳ пайдо шуда, дар гӯшаҳои чашм чанд оҷинг ҷӯя баста буданд. Чаккаҳояш сафед шудаанд. «Ин қадар барвақт?» дар дил пурсид мардак. Гӯё имрӯз аввалин бор ӯро дид. «Ин қадар бармаҳал?» такрор кард ӯ.

Ин вақт аз дарвоза: «Ҷовид, ҳо Ҷовид?! – гуфта боз ҷеғ зад касе.

— Ҳа-а?! – ҷавоб гардонд Шайдо.

— Амак, оқсақол шуморо ҷеғ доранд!

— Гӯй, ки корҳояшонро сомон кунанд, меоянд.

— Ҳа-а! – гуфта қосид дарвозаро пӯшида рафт.

— Шайдо, вай чӣ мегуфта бошад? – пурсид Соро.

— Чӣ мегуфт? Боз ҳуҷҷат мегуфтагист.

— Чӣ, ҳуҷҷат надорӣ магар?

— Дорам.

— Хайр, боз чӣ хоҳад?

— Хоҳад, ки ман зудтар аз ҳамин ҷойҳо дафъ шавам. Ба ӯ халал нарасонам.

— Ба ӯ чӣ халал мерасонӣ?

— Девори намкаш-дия, гумонаш, ки ман ба ҳама кӣ будани ӯро фош мекунам.

...Шайдо дар ҳавлӣ коре наёфт, ки кунад. Ба назараш, ҳама корро аз нав кардан лозим буд, ҳатто хонаҳоро аз нав бояд сохт. Ӯ хавозаҳои шикастаро ҳам аз назар гузаронд. Ҳавлӣ саҳл монда, ки вайрона шавад. Шайдо дар сар нақшаи обод кардани онро кашид ва аз сӯрохиҳои боми дарвозахона осмонро дида гумон кард, ки дилу ҷигараш инчунин сӯрохиҳо дорад. Баъд сархам ба идораи ҷамоат рафт.

— Ассалому алейкум! – одоб карда даромад ӯ.

— Ҳум... – гӯё алейк гирифт Абдул, вале сар набардошт.

— Ҷеғ задӣ?

— Шумо худатон кӣ? – фӯк ҷониби Шайдо теғ карда беэътиноёна пурсид ӯ.

— Ман? Магар намешиносӣ?

— Не, амалат, вазифаат?

— Амалу вазифа надорам.

— Ҳамин хел, ки бошад, ҷаро ба як даъват намеоӣ?..

— Корам буд.

— Корро мон. Ғаматро хӯр... Коғаз омад, ки ту аз ҷанг гурехтаӣ...

— ...

— Ҳуҷҷатҳоятро ба ман деҳ!

— ...

— Чӣ ин қадар нигоҳ мекунӣ? Ҳуҷҷат мепурсам!

— Ту ба ман ҳуҷҷат надодаӣ ва ҳуқуқи гирифтан ҳам надорӣ!

— Ту маро хоҷа гумон кардӣ!

— Ту ҳам маро гӯл гумон накун. Хаёлат, ки ман ҳам мисли омиён туро болобардор кунам! Повесткаи одамонро ту медиҳӣ, хостагиатро ба ҷанг мефиристӣ гӯям, тарсам? Не-е, ман решаҳои инро медонам ва ҳеҷ гоҳ дар ин бобат эътибори ту боло намешавад, Ночиз ҳастӣ ту дар ин кор. Мардумро натарсон... Чашми баъзеҳоро бастан мумкин, вале даҳону фикри ҳамаро баста натавонӣ. Инро ба гӯшат ҳалқа кун ва дигарбора маро сарсон карда ин ҷо набиёр. Мон, ман бо дарди худ овора шуда гардам...

— Гурезагӣ ҳам магар дард дорад?

— Нокас будаӣ ту, ноодам будаӣ ту... Кулӯхи баччашм, ман аз ту хӯрдаю шарманда нестам, худат ба чашмат дидӣ, ки маро аз госпитал ҷавоб додаанд, боз...

— Ха-айр, – ришашро каф зада таъкид кард Абдул ва баъд асабашро ором карданӣ шуда нӯги риш ба даҳон бурда хоидан гирифт.

Шайдо аз идораи ӯ пушаймон шуда баромад, ки чаро омад. Сархам рафт: «Чаро ман ҳамаи гапро кию чӣ будани ӯро дар рӯяш гуфта натавонам? А, чаро нагӯям? Барои он ки кӣ кас, чӣ зот буданашро надонад? Шайдо, ин чизро гуфтан ба шаъни ту назебад, – ба худ маслиҳат дод ӯ, – Зоту зурёташ ба худаш насиб кунад... Хайр, ман тагу тирези ӯро ба ҳама гуфтам. Баъд чӣ?... Не... Ҳар чӣ ҳаст, дар дилам монад, лекин оҳиста-оҳиста ман ин чизро ба ӯ мефаҳмонам... Аввал ба раис...».

— Салом, Шайдо! – хаёли ӯро пароканд Искандари ланг.

— Салом, амак! – баҳузур баргашта ӯро дида ҷавоб гардонд Шайдо. – Нағзед, амак?

— Шукур, додарам. Хайрияте, омадӣ, – гуфт ӯ ва ба Шайдо даст дароз кард. Кӯдак ҳам ба телпак ва шинели аскар ҳавасаш омад, ки сӯи ӯ майл кард. Шайдо ҳам даст дароз кард, ки ӯро гирад, вале падараш дигар хизмат фармуд: – Додарам, ту чашми хат дорӣ, – аз бағали писараш чизеро бароварда, – ҳаминро бин канӣ, чӣ навиштаанд?

— Шаҳодатнома...

— Медонам, шаҳодатнома. Лекин хон канӣ, чӣ навиштаанд.

— Шаҳодатномаи таваллуд...

«Ном ва номи падар – Искандаров Худодод.

Соли таваллуд – 1928.

Ҷои таваллуд – с/қ Гулпӯш...»

— Худодод кадом писаратон?

— Ана ҳамин, – кӯдаки сари дасташро нишон дод мардак... – Тӯғрӣ кардас, охир?

— Чиро?

— Гуфта будам, ки солашро калон андоз. Андохтас, охир?

— Ҳа, андохтас.

— Худо умраша диҳад, Абдулаш бисёр писари хуб-дия.

— Ин чӣ нағма, амак? – ҳайрон шуда пурсид Шайдо.

— Нағма не, додарам, ақлат бошад, шаҳодатномаи Ҷовидро ҳам ҳамин хел карда гир.

— Чӣ ҳоҷат?

— Ту намефаҳмӣ. Азоби ҷангро худат дидӣ ва аз рӯи шунидам... Ҳа, хурд андозӣ, то повистка меояд, ки писарат зану баччадор, ришу фишдор мешавад, калон андозӣ, повистка меояд, ки ӯ ҳоло кӯдак аст.

— Ин кори паст, аз хиёнат ҳам пасттар!..

— Додарам, ҳама гӯяд ҳам, ту нагӯ, худат азоб кашида, гурехта омадӣ...

— Кӣ гуфт ин гапро?! – ларзида рафт Шайдо.

— Ҳама...

— Шумо то кас намурад, бовар намекунед, ки... Ба ун Абдули нағзатон фаҳмонда намешавад, ба шумо ҳам. Гуреза – шумо, ӯ, наход, ки ман! Ба болои ба ҷанг нарафтанатон боз ин хел корҳои паст мекунед.

— Ту кофир шуда рафтӣ, қадри фарзандро чӣ донӣ!

— Ҳар қадар фарзанд ширин бошад, Ватан аз он ширинтар аст...

— Додо! – миёни сӯҳбати онҳоро садои писарак шикаст.

— Ҳа, Ҷовид? – як қад парида ба пас нигарист Шайдо.

— Очам гуфтанд, ки аз додот хабар гир.

— Аз ман чӣ хабар мегирӣ, баччем?

— Ёд кардагист-дия, – ба ҷои Ҷовид бепарво ҷавоб гардонд пирамард. Аз ин ҷавоби ӯ Ҷовид рамида каме қафо истод.

Хомӯшӣ ба миён омад. Пирамард аз ин сухани ноҷо ва беҷавобаш хиҷолат кашид, лангида-лангида рафт.

— Додо!

— Ҳа!

— Шумо гашта меравед?

— Не.

— Одамон мегӯянд, ки меравед,

— Не, Ҷовид, лозим шавам, меравам, лекин ман ҳоло лозим нестам.

— Набошад, ман равам, додо?

Шайдо, ки паҳлӯи писараш қадам зада мерафт, сар ҷунбонда гуфт:

— Ту ҳоло кӯдак, писарам.

— Чӣ хел кӯдак, ман калон, додо! – сари дилаш пур шуда гуфт Ҷовид.

— Рост, ту калон шудаӣ, писарам, – сари ӯро сила кард падар. – Вақташ расад, меравӣ, хизмат мекунӣ, шери додо...

Писарак чизе гуфтанӣ буд, вале чиро андеша кард, ки хомӯш шуд. Мардак саропои писарро аз назар гузаронд. Коркӯфта ва хеле хаста намуд. Қадаш ҳам наёзидааст. Вале нигоҳу андешааш дигар хел: аз они одами калон барин. Шайдо ҳам гумон кард, ки шояд аз ҳамин рӯ аз фикраш гашта хомӯш шуда бошад. Ӯ баробари падар гаштан хоҳад: қадам кушод гузошта, китфу бозу бардошта, лангар дода, сар баланд дошта... Мебинад, ки ба ӯ баробар шуда наметавонад, ба як қадами падар ду қадам занад.

— Чӣ гуфтанӣ будӣ, писарам?

— Ҳеҷ чӣ, додо... Очам ҳар рӯз мегирист. Омадед, гиряаш бас шуд... Додо!..

— Ҳа, баччем?

— Шумо зӯр ё даштбон?

— Надонам, баччем... Чӣ буд?

Ҷовид ба ҷои ҷавоб дар ҳавои хунук як остини ҷомаи алочаро бароварда ва куртаи карбос бардошта, тахтапушт ба падар нишон дод. Шайдо як назар дар тахтапушти ӯ ду рахи сиёҳро дида, дилаш таҳ зад ва зуд домони ӯро фароварда гуфт:

— Зудтар гард, баччем, хона равем.

Ҷовид қоматашро рост карда, роҳравон остин пӯшида, тез-тар гашт. То ба хона расидан дили Шайдоро гургони хаёл тала карданд. Ӯ напурсид, ки ин захми сиёҳ чист. Аз дарвоза даромад ва тоқати то хона рафтан накарда, дарвозаро пӯшид ва хунук бошад ҳам, зери дарвозахона домони ӯро то гардан бардошта, тахтапушташро хабар гирифт. Фурсати пурсидани падарро нигоҳ накарда – Даштбон зад додо, – гуфта гирист Ҷовид.

— Ҳ-ҳеҷ гап не... п-писарам. Мегӯянд, ки домулло Айнӣ дар тахтапушташон аз ҳамин хел рах 75-та доранд. Лекин бин, чӣ хел одам.

— Шумо ҳам тарафи Ҳосилот, додо, дилатон намесӯзад. Ман сарак начинам, очам аз гушнагӣ мемурд.

Шайдо садодор хандиду аз гардани ӯ оғӯш кард ва сараш ба паҳлӯи рост дошта, сӯи хона қадам зад: «Ҳеҷ гап не. Шаттаю шаллоқро мард бардорад, писарам».

Рӯ ба рӯ Соро баромад. Дар даст кӯзае дошт. Дар остонаи ошхона бозистод. Шайдо гӯё ӯро надида бошад, худро даруни оғил гирифт ва оби дида хушконда бо табассум баромад. Соро ҳоло ҳам кӯза ба даст дар остонаи ошхона меистод.

— Чӣ мегуфтааст, Шайдо? – гӯё ҳеҷ чизро пай набурда пурсид зан.

— Ҳамон гап, – маҷоли сухан надошт, ки кӯтоҳ ҷавоб дод ва ба кӯзаи дасти занак нигарон монд.

— Сараки Ҷовид ҷамъ кардагӣ. Ба ният руст карда будам, ки биёӣ, кушоям, – гуфта Соро мундаро ба замин гузошт ва лои даҳони онро канда, боз бардошта ба ошхона даровард. – Дег тас-

фидааст! – аз дарун садо дод ӯ ва як тоба гандумро ба деги тафсон андохт. Баъд кафлеси сиёҳро гирифта кофт. Донаҳои гандум аз тафси дег пиқ-пиқ садо дода, парида даруни дег бозӣ мекарданд, бирён мешуданд. Ӯ гандуми бирёнро бардошта, як тобаи[1] дигар андохт.

— Соро, даштбон барои чӣ Ҷовидро зад? – баногоҳ пурсид Шайдо.

Кафлеси дасти занак бозистод. Вале донаҳои гандум бозӣ доштанд.

— Аз кӣ шунидӣ?

— Ман тахтапушти баччаро дидам.

Соро кафлесро даруни дег монд, аз сари ошдон бархост. Донаҳои гандум парида аз дег берун мебаромаданд. Соро ба шавҳараш ҷавобе гуфта натавониста ба мунда нигарон монд.

— Гандум сӯхт, Соро! – дуди дегро дида гуфт Шайдо.

Соро бепарво гандуми сӯхтаро ба табақи дигар ҷудо бардошта, хеле фикр кард, то боз гандум бирён кунад ё на! Ба шавҳараш нигашт, баъд ба мунда ва онро бардошта боз як тоба гандум ба дег андохт ва оташро аз нав афрӯхта гандумро кофт. Бирён шуд. Тобаи аввалро андохт. Каме кофт, ҷамъ кард. Баъд аз болояш намакоб рехта кофтан гирифт. Гандум тар шуд, хушк шуд, сафед гашт. Гандуми бирёнро бардошт. Намакоб то ними дег сап-сафед шӯша (шӯра) гузошта буд.

Соро ба чойник пӯстлохи себ андохта чой дам кард ва табақу чойникро ба шавҳараш дод, ки хонаи калон барад ва худ як хокандоз лахча ба сандалӣ бурд...

— Гир, Шайдо, – чанд дона гандумро ба даҳон андохта хоҳиш кард Соро.

— Дилам намекашад.

Соро гандуми кафашро баргашта ба табақ рехт ва донаҳои даҳонаш ҳайрон монда нам кашиданд.

— Гуфтам-а, чаро ҳама маро диданӣ омаданду даштбон наомад... Барои ҳамин шуда? – гандумбирёнро нишон дода гуфт Шайдо.

Соро даст зери кӯрпаи сандалӣ кард. Баъд гӯё ки аз ин сухан ранҷида бошад:

— Ин хел нагӯ, Шайдо, мардум барои як дони ин ҷон диҳанд, – гуфта аз даруни сандалӣ чойники чойро берун овард ва як пиёла гардонда ба шавҳараш дароз кард.

Шайдо пиёлаи чойро гирифта наздаш гузошт ва ба андеша рафт. Соро ҳам гӯё ки ба фикри шӯ халал расондан нахоста бошад, донаҳоро зери дандон пахш карда истод.

---

1. Як тоба – нимча: нимхӯрд: ним кило: ду пиёла.

— Чӣ ин қадар хаёл мекунӣ, Шайдо? – тоқат накард ӯ.

— Ҳама ҳамин хел шудагӣ ё баъзе касон?

— Чӣ хел? – ҳайрон шуд Соро.

— Оқсақолу даштбон барин.

— Не, Шайдо. Ҳама онҳо барин не. Дар деҳаамон одамони хуб бисёр. Агар ҳама мисли онҳо мебуданд, худо донад, ки дар деҳа то имрӯз одам мемонд ё не? Як кас намонда кӯчида мерафт, – ба гап даромад Соро. Шавҳар миёни гапи ӯро нашикаста бодиққат гӯш дод. – Ҳама мегӯянд, ки онҳо бегона барин: хайр, даштбон – омада, вале Абдулро чӣ дев задааст?

— Вай ҳам омада, Соро, бегона.

— Чӣ хел?

— Зоту зурёташ барои мо, ба сохти мо бегона, гилаш дигар.

Соро дигар аз ӯ чизе напурсид. Ба фикр рафт, ки чаро то алҳол ин фикр ба сараш наомадааст.

— Лекин, Шайдо, – боз ба гап даромад ӯ, – лекин, Шайдо, мегӯянд, ки даштбон ду писар ба ҷанг фиристод ва азоби он ҷоро донад, барои ҳамин нахоҳад, ки як дона гандум беҷо шавад. Шартнома гуфтагеш, гуфтагӣ. Аммо надонам, барои чӣ ин қадар бо Абдул унс гирифтааст. Шабу рӯз дар хонаи шон...

— Шояд ҳамин хел ҳам бошад, Соро. Шояд ҳар ду ягон фикр дошта бошанд. Эҳтимол барои кори колхоз, барои ҳосил ин қадар ба мардум ганда шаванд, инро касе надонад, колхозчӣ инро нафаҳмад... Колхоз шартнома дорад, шояд дар ин миён ягон гап бошад. Ё аз район ягон супориш шудагист...

— Ҳамин хел-у, наход, ки аз район гӯянд, ки фалонӣ-фалониҳоро сахт гир, азоб деҳ, писари Шайдоро мурданивор зан... Баръакс бояд гӯянд, ки ба фарзандони ҷанговарон ёрӣ бидеҳ. Ҳамин хел не?

— Ҳа, бояд ҳамин хел бошад. Лекин ту ин чизҳоро фикр накун.

— Ту омадӣ, акнун дар бораи ягон чиз фикр намекунам... Ҳамту гуфтам, ки огоҳ бошӣ... Не-е, Шайдо, деҳа ким-чӣ шудагӣ. Ёдат ҳаст, ки амаки Амон тамоми деҳаро кӯча ба кӯча гашта ба тӯй хабар мекард? Акнун бригадир фарёд мезанад, ки зудтар ба кор баро... Нагӯяд ҳам, ҳама мебароянд-ку!

— Парво накун, амаки Амон боз ба тӯй хабар мекунад, агар овозаш нарасад, ҷавонтарҳо ёфт мешаванд...

— Ман ҳам ҳаминро мегӯям, Шайдо, лекин чаро оқсақол ҳамин чизро фикр намекунад?

— Ҳоло ба сараш назадааст. Баъзеҳо гумон доранд, ки мо ҷангро бой медиҳем, барои ҳамин, чӣ кор карданашонро надонанд, калаванд. Одам ақлашро гум кунад, доим калавад...

Чой хунук шуд. Гандумбирён ҳам истодааст, гӯё «Ҷовид хӯрад» гуфта қасдан нахӯрдаанд.

— Соро, дар ягон ҷо радио ҳаст? – яке дигар тараф рафт Шайдо.
— Дар идораи колхоз ҳаст мегӯянд. Чӣ кор мекунӣ?
— Рафта гӯш кунам, ки аскарҳои мо то куҷо рафтаанд...

## 4

Шайдо радио гӯш мекунам, гуфту нарафт. Дар идораи колхоз будааст, гуфта нарафт, балки каландашро гирифта баромад, вале куҷо рафтанашро надонист. Зеро корҳои саҳро тамом шуда буданд. Кишти тирамоҳӣ, ки дар он соҳили Зарафшон. Шайдо баргашта отанг ва говронаи дар гурбадави паҳлӯи хона гузошта ба ҷанг рафтаашро гирифта, кӯчаро сарнишеб шуд, то ҳамроҳи ҷуфтгарон равад. Вале дар даҳанаи тангкӯча ба як писарак дучор омад. Писарак ӯро дида ба шинел ва телпаки ӯ нигоҳ карда истод. Чизе гуфтанӣ буд, лек нафаси тезшудааш ба сухан роҳ намедод.
— Нағз ҳастӣ, баччаи Раҳмон? – пурсид Шайдо ва барои вохӯрӣ даст дароз кард.
Писарак шерак шуда вохӯрӣ кард ва ба гап даромад:
— Амак, ба идораи ҷамоат равед будааст, – гуфта як қадам ақиб истода ба Шайдо роҳ кушод: баъд ба баччаҳое, ки гурӯҳ шуда ба сару либоси Шайдо ҳар ранг нигоҳ мекарданд, ифтихорманд нигарист: «бинед, ман бо ӯ вохӯрӣ кардам».
Шайдо истод-истоду говрона ба санги сиёҳи девор зад: «Тоба-тоба-тоба...» ва дилу бедилон сӯи идораи ҷамоат рафт.
— Мумкин?
— Ҳум.
Шайдо даромаду ба димоғаш бӯи арақ зад.
Оқсақол ба ӯ рухсат дод, ки дарояд, вале эътибор надод. Бо як ҳавасу ҳавсалаи тамом ба писараш менигарист. Шайдо ҳам гап назада даруни дар рост истод ва ба рафтори падару писар диққат дод. Писарак ба ишораи тамаъ ҳар дам ба сӯи падар гардан каҷ дошта, мисли тойчаи маст кишна мекард. Ӯ даст боло кард ва «Ота, чумчу-уқ!» гӯён аз риши падар сахт гирифт.
— Ҳозир, писарам, ҳозир! Ту ин хел набудӣ-ку?
«Ота, чумчу-у-уқ!!!»
Мардаки тулум қомат рост карда хестанӣ шуд ва писар риши ӯро сар дода завқ кард.
Дар рӯи миз дар табақи сафол кабоби нимхӯрдаи шабмонда меистод ва дар назди писарак рӯи бурдаи нон як лӯнда лаҳми пухта, ки равғанаш ях баста буд. Устухонҳо нимхой буданд ва бо бурдаҳои нон омехта. Дар дасти писарак буҷул буд ва онро ҳар лаҳза ба даҳон бурда пайи часпидаро бо дандон тарошида суфта карданӣ буд.
— Отангу говрона дорӣ? – киноя кард Абдул.

— Кори колхоз...

— Ҳм, – заҳрханда кард Абдул.

Аз берун зулфин садо дод ва дар кушода шуда марде даромад.

— Э мулло Шайдо, омадаанд-дия! – худро ба нодонӣ зад он мард – даштбон.

— Ҳа-а! – таҳдор ҷавоб дод ӯ ва даст дароз кард.

«— Ота, чумчу-уқ!».

— Э гули амакаш, асали амакаш, шакари амакаш! – даштбон ӯро бардошт ва аз вазни писарак суп-сурх дам кард. – Чумчуқ лозим бошад, худам дошта медиҳам. – Даштбон ӯро ба замин гузошт.

— Не, мана ин саллотро (ба ин калима оҳанги махсус дода) барои ҳамин ҷеғ задам. Фикр кунам, дигар одами бекор нест. Ба ҳамин якта чумчуқ дошта те.

«— Ота, чумчу-уқ!»

— Ҳамроҳаш рав, дошта медиҳад, – Шайдоро дар назар дошт ӯ.

Шайдо гап назада аз дар баромад. Говрона ба отанг зад. Хост, ки рост ба хонааш равад. Вале андешид: «Канӣ бинам, чӣ кор мекунад?» Қасдан писаракро ҳамроҳ гирифта ба саҳни анбори колхоз рафт.

— Номат чӣ буд?

— Мӯсохон!

— Мӯсохон номи бобот?

— Ҳа.

— Чумчуқ хоҳӣ, рафта аз хонаатон як сабад биёр!

Писарак тозон ба хонаашон рафт ва зуд як сабад бардошта омад.

Шайдо сабадро гирифта, ба дари коҳдон рафт. Фикр кард, ки дар назди дари оғил сабад гузорад ё дар даҳони дари коҳдон. Нигоҳ кард, ки села-села гунҷишкон рӯи поруи паҳлӯи оғил нишаста хезанд. Як чангол коҳ гирифт ва бурда назди пору рехта тит кард ва он сабадро ковок дошта чӯберо поя гузошт ва ресмонеро ба чӯб баста, то дари оғил бурд ва даруни дари оғил даромада поида истод.

Шайдо дергоҳ аз дари оғил чашм ба сабад дӯхт. Ҳеҷ не, ки гунҷишке омада аз коҳи зери сабад дон кобад. Чунин нигоҳ майдони ҷангро ба хотир овард, ки ҷуз овози тиру садои тӯп чизе ба ёдаш намонда. Мудом бо марг дастугиребон буд. Имрӯз хидматгори як махлуқи худост, ки ба рӯшноӣ овардаасту чизе надодааст: на ақл, на фаросот ва на ҳусн: лек шодмониаш фаровон: хандаду завқ барад ва фиси пушти лаб шоридаро забон занад, баъзан бо пушти даст ё нӯги остин пок кунад... «Дар ҷанг намурӣ, хор на-

шавӣ, таҳқир нашунавӣ, вале дар хонаи худ маймун шавӣ, масхара шавӣ... Аҷаб...»

«Ҳӣ!»

— Чӣ «ҳӣ!»

— «Ҳӣ-ҳӣ!»

— Шумо чанд нафар?

— Яктеш бас.

— Отат чанд бачча дорад?

— Панҷ-та.

— Ҳамааш ту барин?

— Ҳӣ!

— Кадоматонро бештар нағз бинад?

— Мана.

— Барои чӣ?

— Аз ҳама баақл...

Шайдо якбора ресмонро кашид. Мӯсохон парида беруни дар баромад ва сӯи сабад тохт.

— Ист, нарас! – таъкид кард Шайдо ва тозон рафта сабадро ковок карда даст даровард. Зери сабад паррандае пар-пар мезад. Шайдо онро дошта берун гирифт. Мусича будааст. Ба писарак дароз кард. Ӯ мусичаро гирифта «Ҳӣ!» гуфт ва шартӣ гардан тофта, каллаашро ҷудо карду боло партофт: «Пар!»

— Барои ҳамин? – ҳайрон монда пурсид Шайдо.

— Не, чумчу-уқ!

— Хо-ок! – ҷаҳл карда сабадро бардошт: – Ма, бар!

Мӯсохон сабадро нагирифта, фиғон бардошта сӯи идораи падар тохт.

— Ота, чумчу-уқ! – аз дар даромада гуфт ӯ.

Шайдо ҳам сабад дар нӯги говрона расида омад, ки ҳоло ҳам даштбон дар идораи оқсақол.

— Як чумчуқ дошта натавонистӣ? – таъна зад Абдул.

— Мусича дошта додам, не мегӯяд.

— Мусича мумкин не. Мурғи ҳазрати Бибифотима.

«— Ота, чумчу-уқ!»

— Худам чумчуқ дошта медиҳам, гули амакаш! – аз харак ковок шуд даштбон.

— Сабр кун, худаш дошта медиҳад, – даштбонро боздошта гуфт оқсақол ва Шайдо сари хам аз дар баромад.

Бӯи кабоб меъдаи ӯро мекофт...

«Ҳӣ!» аз паси ӯ завқ кард писарак.

Шайдо ба ӯ эътиборе надода рафтан гирифт. Назди масҷид бозистод. Ба боми баланди он нигариста фикр кард, ки ба ин бачаи лоязқил гунҷишк дошта диҳад ё на: «Хайр, канӣ бинам, оқибаташ чӣ шавад?». Рафта-рафта ба ҷувозхона даромад. Баро-

бари ба дар ҳозир шудан ҷувозхонаи чуқур торик шуд. Худаш ҳам чизеро надид.

— О, аз дар яктарафа ист! – садо кард ҷувозкаш.

— Салому алейкум!

— Ваъалайкум ассалом! – шахси шинелпӯшро дида ҳайрон шуд ҷувозкаш ва дар торикӣ тахминӣ пурсид. – Шайдоӣ? Ку даро! Дуррр! – аспро боздошта мардак аз гирди кундаи ду-се метр аз сатҳи замин паст ҷойшуда давр гашта ба пешвози ӯ баромад. – Канӣ-канӣ, саломат ҳастӣ, хуб ҳастӣ, тану ҷонат сиҳат? – ба оғӯш кашид ӯро.

— Шукр.

— Хайр нағз! «Чу!» – аспро шиддат кард ӯ.

Тӯруқи якчашма вазни зеркундаю борсангро ба гардан бардошта, зӯр зада, пой шикаста гирди кунда гашт. Чашми чапи тӯруқро як лахт чарми сиёҳи тӯморшакл гирифта буд ва асп кунда, тир ва пайраҳаи гирди кундаро надида, мисли моҳӣ досшакл, дар қадамгоҳи худ мегашт. Сари тир дар каҷаккоса соиш хӯрда, дар расам-расами сақфи ҷувозхона нола дошт. Нолааш гоҳе гӯшхарош ва гоҳе ҳузновар буда, ҳасрату шевани пиразанеро мемонд. Касро хаёли дур мебурд. Ба назари Шайдо чунин. Ҷувозкаш одат карда ба ин оҳанг ва хаёлу андешааш кӯҳна гашта. Аммо ба чашми Шайдо аҷиб тофт. Чашмаш ба торикӣ одат кард: рӯшантар тофт. Аспи ба ин оҳанги табиӣ одаткарда ба як маром қадам мезад. Ҷувозкаш дастархон андохта, нимта фатир монд ва ду бурида лабакии кунҷора ҳам. Ва баъд ҳайрати Шайдоро дида шарҳ дод. – Аз чормағз. Чормағзи Таги Ғор. Насиби ту будааст...

Дари ҷувозхона ду-се бор торик шуд.

— Кадомӣ? – садо кард ҷувозкаш.

«Ҳӣ!»

— Ота, шумо? Ку, дароед!

— Додарзодаат, – шарҳ дод Шайдо.

«Ҳӣ» – сар аз дар намуд писарак.

— Гап зан, Шайдо!

— Чор-панҷ тор қил лозим шуд.

— Қил? – тааҷҷуб кард ҷувозкаш ва андешаманд бархеста аз паси асп гирди кунда гашта думи аспро дошт ва чанд тора гирди ангушт гардонда якбора канд. Ва бароварда ба Шайдо дароз кард. Аз ларзиши дасти ӯ торҳо ҷон даровардა буданд. Шайдо қилро гирифта бархост. Ҷувозкаш нисфи фатир ва лабакиҳои кунҷораро ба ӯ дароз карда гуфт:

— Шайдо, насиба нагирифтӣ, ҳаминро барои бачаҳо бар.

— Не, миннатдор, ман дигар ҷо меравам.

— Не, нагӯ, Шайдо, медонам, ту аз ман хафа, лекин ҳаминро гирифта бар.

«Ҳӣ!»

— Дароед, ота, масхарабозӣ накунед!

— Ун кас ҳамроҳи ман. Қил барои ҳамун кас.

— Чӣ хел?

— Фармон шуд, ки чумчуқ дошта диҳам.

Ҷувозкаш нону кунҷораро рӯи дастархон бозгузошт. Хост қилро аз дасти Шайдо кашида гирад. Вале худдорӣ кард. Асабӣ шуда ларзидан гирифт.

— Чумчуқро чӣ кор мекунед, ота?

«Ҳӣ!»

— Бар падаратон лаънат, ота! – худдорӣ карда натавониста гуфт ҷувозкаш.

Шайдо аз ин муомилаи ногаҳонии ҷувозкаш дар шигифт шуд. Баромад. Раҳорaҳ тораҳоро бо панҷаҳояш шона зада, андешаманд мерафт. Дар бораи бародарон фикр мекард:

«Писарони Мӯсо-дароз. Чаро ба ҳам монанд нестанд? Ё магар инаш сипоҳӣ дорад?.. Аз пайи асп гашта, дар ин гӯрхонаи тира ба худ омадааст. Гуреза барин. Шинелпӯш. Маро дида дар ҳарос монд. Гумон кард, ки барояш омадам... Оқсақолаш бим мекунад. Тагаш тар, гумонаш, ки боз ман об мерезам... Хайр... Бад ҷазояшро бинад... Ман ба ин гаранг чумчуқ дошта надиҳам чӣ?.. Мепарронад? Ба дораш кашад. Баландтар... Хайр, канӣ бинам, чӣ кор мекунад!»

Шайдо аз қил ба шакли нимноскаду тӯр бофт. Баъд дар айвони чойхона нигарон истод, ки гунҷишке ба лонааш дарояд: ба ковокии байни вассаҳо. Ӯро бачаҳо гирд гирифта буданд. Онҳо лоғар, рангзард, нимбараҳна буданд ва қариб бонавбат месурфиданд.

«Ин ҳунарро аз ҷанг ёд гирифтааст?» – пурсид яке.

«Ҳӣ!»

«Иқа «ҳӣ-ҳӣ» накун. Забоната ғунда газидааст-чӣ?»

Гунҷишке байни вассаҳо даромад. Шайдо домро бо нӯги говрона бар сӯрохӣ ниҳода, нигарон шуд, ки кай гунҷишк бароял. Рафтори марди калон бачаҳоро аҷиб намуд.

«Ҳӣ!» – хандид бачае.

«Ҷим, лаққӣ, Мӯсохон хафа мешаванд. А, Мӯсохон?»

«Ҳӣ!»

«Дидед? – гуфт Қобили кабуд ба ҷӯраҳо. – Ин беодам не».

«Мӯсохон, ту шиноси наздик?» – ба Шайдо ишора карда гуфт Зариф, ки бо як камзӯли селони сиёҳи занона худро печонда буд.

«Ҳӣ?»

«Пурс, ки отаи маро дидааст?»

«Қобил, худат пурс, вай хока намефаҳмад» – луқма дод бачае, ки аз хунукӣ пашмаки рӯяш дамида буд.

— Амак!

— Ҳа!

— Шумо отаи Зарифа дидаед?

— Кадом Зариф?

— Мана ҳамин.

— Шарифро мегӯӣ? – саропои баччаро аз назар гузаронида ва аз зери камзӯли дарози занона пойҳои бараҳнаи ӯро дида гапашро давом дод: – Ҳоло ӯ наомадааст?

— Не! – сар ҷунбонд Зариф ва ба рухсорааш ашк шорид.

— Ба ман «меравам» гуфта буд, – сари баччаро сила карда гуфт Шайдо, – дар роҳ будагист, – гуфта телпакашро ба сари лучи ӯ пӯшонд. – Ана саллот шудӣ, отат дода фиристода буд.

Бачаҳо ҳамдигарро тела дода ба Зариф нигоҳ карданд. Завқ бурданд. Худи Зариф ҳам хандид.

«Чумчу-уқ!» – завқи бачаҳоро кушт Мӯсохон.

— Амак, чумчуқ аз пушти болор парида рафт, – хабар дод як бачаи резапайкари хандонрӯ.

«Э ҳамин мана парронад ҳам, рафтам!» масхара шуданашро ҳис карда аз дил гузаронд Шайдо ва роҳӣ шуд.

— Амак, телпакатон монд!

— Пӯшида гард, баччем! – гуфта рафтанӣ буд, ки доми бар сӯрохӣ ниҳодааш таппӣ ба замин афтид.

Қобил худро ба болои он партофта чумчуқро гирифт ва ба мардак дароз кард.

Шайдо гунҷишкро бо ғазаб ва нафрату заҳра ба Мӯсохон дод. Ӯ аввал гунҷишкро дудаста сахт дошт ва якбора ба ҳаво сар дод.

— Чӣ кор кардӣ, девона, мардак хафа мешавад! – гуфт Қобил.

...«Чумчу-уқ!» – гирён назди падар даромад ӯ.

— Амак, чумчуқи ин кас мегуфтагӣ – кабк! – фаҳмонд писари ҳамсояи оқсақол.

## 5

Шайдо кору кирдори Абдул-оқсақолро таҳлил карда мерафт. Ба хонааш нарасида, кӯча мағал шуд. Гумон кард, ки бачаҳо аз барои телпак занозанӣ карданд. Баргаштан хост. Вале сараш, ки луч буд, муносиб надида аз рӯи ҳавлӣ фарёд зад, ки Соро барояш фӯта барорад. Соро як фӯтаи бунафшранги обинусха баровард. Шайдо фӯтаро гирди сар печонда ба кӯча баргашт. Ҳар қадар, ки деҳа мӯсафеду бачча дошт, дар кӯча ғун шуда буданд. Мӯйсафеде «Айб-айб!» гӯён ҷувозкашро сахт оғӯш карда медошт. Дар рӯи ҷувозкаш ранг намонда буд. Ӯ зӯр мезад ва ҳамла мекард, ки аз дасти мӯйсафед раҳо шуда ба касе дарафтад. Дар ҳар ҳамлааш мӯйсафедро як-ду қадам мебурд. «Аюб, ин шармандагӣ, макун ин корро!» гӯён харпанҷа маҳкамтар мефишурд.

Шайдо наздик омад. Пеши чашмаш оқсақолро дид. Суп-сурх шуда буд. Базӯр нафас мекашид. Ва гоҳ-гоҳ лабашро медошт.

— Барои як нокас шуда... барои як гуреза шуда... ту бо ман даст ба гиребон мешавӣ?.. Му – ур! Аз ин рӯзат батар шав! Аҳмақ худи ман. Ҷону ҷигар гуфта, туро боздоштам. Кӯрнамак, боз аз гиребони ман мегирӣ!.. Кӯр шав, махов шав!..

— Ман туя тавалло накардаам, хонасӯз. Гумон мекунӣ, ки хонасӯзиҳои туро касе намедонад? Не-е-е, дуздию ғаррӣ таги саргини хар...

— Дуздию тозӣ карда бошам, барои ту кардам: барои баччу каччи ту кардам... Худоноумед!..

— Худоноумед худат. Ман ба чашми касе хок назадаам. Моли касеро нахӯрдаам, ҳааа...

Одамон – тамошобин, иштиёқи шунидан доштанд, хомӯш буданд: аҷаб, ки худро қафо кашиданд. Даштбон пайдо шуда, хомӯш аз бозуи оқсақол гирифта ба идора даровардани шуд. Ӯ ор карда аз давра берун нарафт.

Даштбон якраҳагӣ карда ӯро тела дода-тела дода бурданӣ шуд. Абдул «ист унту!» гӯён китф зада аз дасти даштбон халос шуд ва сӯи Аюб наъра кашид: «дилсӯзҳоро хомохом мехӯрам».

— Мехӯрӣ-а, мехӯрӣ. Кӣ будани туя ҳоло намедонанд. Фаҳманд, хӯрдаат аз биниат ояд...

«Гӯед, гуфтан гиред, тагу тирезаатонро бунёд кунед, ормон дар дилатон намонад!» – мӯйсафеди асобадаст аз кирдори бародарон ор карда аз байни тӯдаи одамон худро ақибтар кашид.

Тӯда ба ҷунбиш омад...

— Ту домони ин даштбонро дор, ки гум накунӣ, дигар ҳама қир шаванд ҳам, боке нест, – аламаш аз ҳад зиёд шудагӣ барин бо овози баланд гуфт Аюб. Ва баъди ин гап дар таги пӯсташ заҳри каждум давидагӣ барин баданашро фарошо гирифт.Чун бузғолаи ба об афтида худро афшонд.

Пирамард пай бурд, ки ӯ гуфта, дилашро холӣ кард. Акнун сар диҳад ҳам, ҳамла намекунад. Ӯ харпанҷаашро кушод. Аюб аз банд раҳо шудагӣ барин як-ду қадам канор рафт.

«—Рав, додо, рав. Аз ноодамӣ касе ба ҷое нарасидааст» – гуфт Искандари ланг. Ин ҳарф Аюбро аз роҳаш боздошт.

— Кӣ? Ман ноодам?! Ноодам шуда моли киро хӯрдам? – аз нав ҷӯшид ӯ, – Хонаи киро пахш кардам? Ба сари зану духтари кӣ рафтам? Канӣ гӯй!

— Ман туро нагуфтаам, рав, додо, рав!

— Шумо аз сар шона мезанеду аз так фона! Додо мегӯеду мезанед, додархонду хоҳархонд мегӯеду мезанед, хеши худам мегӯеду мезанед!..

— Додо, ба ман чӣ арбада мекунӣ, моли падарат ҳис нокарда?

— Ноодам нагӯ буд, ана ҳо-о онҳоро гӯй! – бо ишораи сар оқсақолу даштбонро нишон дода, – Тақали онҳоро худат нағз медонӣ, – гуфт.

Муйсафед мисли хурӯси аз ҷанг гурехта паногоҳ хоста лангон худро ба тӯда зад. Даштбону оқсақол ҳам аз ин маърака дурӣ ҷуста ба тангкӯча даромаданд. «Гӯштигирӣ» ба охир расидагӣ барин давра хунук шуд.

Ба ёди Аюб зад, ки Тӯрук ҳоло ҳам дар гардан вазни борсангро бардошта меистад. Тахтапулро гузашта сӯи ҷувозхона рафт. Шайдо аз паси ӯ равона шуд. Акнун ба аввалин тахтаи пул пой монда буд, ки садои писарашро шунид.

— Додо!

Шайдо баргашта ба писар нигарист. Ранги рӯи ӯ канда буд ва нафасаш мегашт.

— Ҳа? – ба маънии ба ту чӣ шуд садо баровард падар.

— Очам гуфт, ки ба шумо дарафтидаанд. Ҳӯ-ӯ, ана худаш дар даҳани тангкӯча!

— Не, баччем, ҳеҷ гап нашудааст. Ба Мӯсохон чумчуқ дошта додам.

Аз ин гапи падар Ҷовид завқ кард ва тозон баргашт.

— Ба очаат гӯй, ки ҳозир меоям, – аз паси писар фарёд зад Шайдо ва сӯи ҷувозхона роҳӣ шуд.

Ӯ ин дафъа дергоҳ дари ҷувозхонаро гирифта наистод, зуд даромад. Ва дид, ки ҷувозкаш бо қаҳру ғазаб кучанро аз гардани асп гирифта болои борсанг гузошт ва сари онро ба охурчаи гӯшаи чапи ҷувозхона, ки дарунаш як қабза беда меистод, сар дод. Каҷаккосаро аз сари тир бардошта ба девор такя гузошт. Дореро, ки ба сақфи баланди ҷувозхона насб карда буданд, ба тир баст ва баъд китфи рост ба тир такя гузошта ва харпанҷа андохта, зӯр зада тирро аз тирхона баровардан хост. Ӯ як бор зӯр зад, ду, се бор зӯр зад ва дафъаи чаҳорум тиру кунҷораро бардошт. Аввал тирро ба лаби кунда монд. Баъд ба китфаш бардошта, озод дошта кунҷораро баровард ва боз тирро дар тирхона ҷой карда, кунҷораро аз так ба боло ҳаво дод. Кунҷора рост рафта мисли кулоҳи масхарабози сирк бар тори рахти кунҷораҳо қарор гирифт. Ҳоло ҳам Аюб бо Шайдо гап намезад. Гӯё қаҳрӣ буд.

— Нағз накардӣ, Аюб, – тоқаташ тоқ шуд. Вале ҷувозкаш боз гап назад. – Ҳама гумон кунанд, ки аз барои ман ин корро кардӣ.

— Набошад, аз барои кӣ?

— Ту гумон накун, ки ман ба ҷои ту ҷанг рафта бошам. Не-е! Ба ҷои худам рафтам. Ман ҳам гражданин, ман ҳам одам, бояд Ватани худро ҳимоя кунам.

— Ман одам не, ман граждон не? Ман ҳам одам, ман ҳам граждон, ман ҳам дасту пои солим дорам. Маро аз ҷанг наме-

тарсонӣ. Ман ҳеҷ касро тавалло накардаам, ки аз ҷанг боздорад. Қисмат ҳамин будааст... – докаеро ба тирхонаи кунда андохта ва равғанҳои боқиро бардошта ба чоба афшурд ва боз ба гап даромад: – Ҳеҷ гап набуд, қатори мардон: ё мемурдам, ё маҷрӯҳ мешудам, ё бармегаштам. Ана ту: сиҳат саломат баргаштӣ-ку. Холмурод бе ду даст омад, хайр, қисмат. Ман ҳам мерафтам, ё қатори унҳо будам, ё қатори шумо.

— Ба худо, Аюб бовар кун, ман шинелатро дида гумон кардам, ки ту ҳам...

— Ҳавай ёфта овард. Ба ҷону ҳолам намонд, ки пӯшам. – Бародарашро дар назар дошта гуфт Аюб.

— Дидӣ, чӣ хел дилаш ба ту месӯзад, вале ту...

— Ман чӣ кор кунам? Аз гапаш набаромадаам, лекин ба инаш тоқат карда натавонистам...

Ҷувозхона якбора торик шуд.

— Ако, рӯған доред? – шунида шуд овози занона. Ҷувозкаш ҷавобе нагуфта бо докапораи равғанин дастонашро пок кард.

— Лаббай? – ба занак суол кард ӯ.

— Рӯған доред? – боз пурсид занак.

Ҷувозкаш хеле беҷавоб истод. Пас дар дил «Макка чӣ меравӣ? Дилеро дарёб» гуфта овоз баровард:

— Ҳаст, хоҳарак, ҳаст... Даро!

Занак аз дар даромад. Ва дар дасти чап пеши оташдон марди шинелпӯшро дида бозистод. Ӯ бо қарси докагии ранги сиёҳдода худро печида буд. Фақат чашмонаш менамуданд. Вале дар торикӣ Шайдо надид, ки ин зан кист. Ӯ дар дасти рост косаи сафол ва дар дасти чап рӯймолчаи кабуд дошт. Дар рӯймолча чизе буд. Занак аввал рӯй ба тарафи дар тофта истод, баъд duздида-duздида шубҳаомез ба мардҳо нигарист, ки чаро ҳар ду шинелпӯшанд. Дар зери куртаи нимдошти карбоси кабуд пайкари ӯ меларзид.

Ҷувозкаш чобаро бардошта бо пайраҳа рӯи марза баромад. Занак омадани ӯро дида ба дами дар рафт. Ҷувозкаш чобаро паҳлӯи чалаки сиёҳи дароз гузошта «Канӣ!» гӯён ҷониби занак нигарист.

Занак аз ҳамон ҷо рӯймолчаро дароз кард.

— Наздиктар биё, туро касе намехӯрад! – ғазаболуд гуфт ҷувозкаш.

Занак як-ду қадами хурд пеш омада боз рӯймолчаро дароз кард: «Мана!»

— Чӣ вай?

— Зағир.

Шайдо мушоҳида дошт. Ин дафъа бархоста руймолчаю косаро аз дасти занак гирифта назди ҷувозкаш овард ва занак кӣ будани ин мардро шинохта пурсид:

— Акои Шайдо, нағз ҳастед?

— Зағират чӣ қадар? – пурсид ҷувозкаш пеш аз он ки Шайдо ба саволи занак ҷавобе гӯяд.

— Намедонам, ако!

Ҷувозкаш тарозуро гирифта дар як паллаи сатилии он зағирро андохт ва дар паллаи латтагии он санг гузошта аз шоҳини тарозу дошта бардошт.

— Зағират як милою се сирак.[1] Як қадоқ зиёдтар рӯған мешад.

Ҷувозкаш аз чалак ба андоза равған гардонд. Аз қолабаш гузаштааст, ки боз аз андоза ба чалак гардонд ва баъд ба қолаби дилхоҳаш баробар карда ба косаи занак холӣ карда гуфт: «Мана».

Занак дар ҷояш меистод. Шайдо боз рӯймоли холӣ ва косаи ӯро дароз кард.

— Худоё, худовандо, аз баччу каччатон бинед! – гуфта занак баромад.

Шайдо ба маънои «ин занак кист?» ба ҷувозкаш нигарист.

— Зани Мурод, – маънии нигоҳи ӯро пай бурда гуфт Аюб. – Соли дуюм аст, ки кабудашро намепартояд. – Нигоҳ кун, зағири нуқл, писараш сарак кардагист...

— Ба ҳамаи инҳо дилат месӯзад-а, Аюб?

— Баъзан дилам месӯзад, баъзан хито мешавам... Агар ту намебудӣ, худо донад, ки ба ин занак рӯған медодам...

Шайдо феълу атвори мардумро хуб медонист, вале дар замони ҷанг онҳо чӣ хел шудаанд, намедонист.

— Рӯған бошаду феълат гирад, намедиҳӣ-а?

— Намедиҳам, – ҷавоб дод Аюб ва бо шилдир (оташгирак) қӯри оташдонро кофт. Шарорае намоён шуду даруни хокистар нопадид гашт. «Сабил» гуфта ӯ боз даруntар кофт. Лухе пайдо шуд ва дар як лаҳза мисли абре, ки рӯи офтобро гирад, пардаи хокистарӣ рӯи онро фаро гирифт... ҷувозкаш бо оташгирак онро пештар кашид. Баъд ба кисааш даст бурд. Чойхалта бароварда даҳони онро кушода аз дарунаш як пора талқони кабудчаи сахтшударо баровард ва аз лабаш бо дандон ба андозаи ними нахӯд ҷудо кард, ба рӯи лахча гузошт ва дароз шуда аз роғи сутун найчаеро гирифта ба Шайдо дароз кард: «Марҳамат!»

— Не, Аюб. Раҳмат.

— Тез гир, худам хафа.

— Медонам, айби ман.

— Намегирӣ?

— Не, – гуфта сурфид.

— Додо, очам гуфт, ки тез биёед! – худро аз дар канор дошта гуфт Ҷовид.

1. Се сирак – 750 грамм.

— Ҳозир меравам, – ҷавоб гардонд Шайдо ва ба ҷувозкаш дида дӯхт, ки иҷозат диҳед.

— Як дам шин, Шайдо, як кас намеёбӣ, ки гуфта-гуфта, дилатро холӣ кунӣ, – ҳасратолуд гуфт ӯ ва бори дигар аз лаби найча газида ва лахчаи сиёҳгаштаро бо оташгирак дукафон карда, пораро бар он гузошт ва найчаро ба лаб гирифта интизор шуд, то дуд кунад. Дар фазои тираи ҷувозхона дудро надид. Бори дигар бӯи нашша баромад ва бӯи равғану кунҷораро пахш кард. Аюб донист, ки нашша дуд кард. Ӯ як нӯги найчаро ба рӯи лахча бурда, дудро фурӯ кашид. Дароз-дароз фурӯ кашид. Даҳонашро пур аз дуд карда, аз димоғ баровард. Ва найчаро аз лаб гирифта «пуҳу-пуҳу-пуҳу» сурфид. Ва баъд сурфаи кабудаки кӯдакона гирифташ. Дар қатори сурфаҳои ӯ Шайдо ҳам як бор сурфид. Кӯтоҳ сурфид, Ҳамин зайл сурфид, ки ба сурфаҳои Аюб халал нарасонад.

Аз чашмони ҷувозкаш об баромад, ду-се бор бинӣ кашид. Ва боз найчаро ба лаб гирифта ҳар қадар дуд монда буд, фурӯ кашид... Қонеъ нашуд, ки боз порае нашша газида рӯи лахча гузошт ва ин дафъа фурӯ кашиду сар дод, фурӯ кашиду сар дод. Ва дер гоҳ сар набардошт. Шайдо аранге шунид, ки ӯ гиря дорад. «Маст шуд» аз дил гузаронд ӯ.

— Аюб! – ӯро ба худ оварданӣ шуд Шайдо, – Аюб, гиря дорӣ?

«Не» сар ҷунбонд ҷувозкаш. Баъд ҳу-ҳу гирист.

— Охир, ин хел ки будааст, чаро кашидӣ?

— Не-е, ту намефаҳмӣ. Вай худоноумед, нагӯм, ҷонам мебарояд, бисёр корҳо кард.

— Бародарат?

«Ҳа» ба ишораи сар ҷавоб дод ӯ. Ва ҳар ду дергоҳ хомӯш монданд.

«До-до! Очам гуфт, ки тез биёед!» – боз аз берун садо дод Ҷовид.

«Ҳозир, баччем, ҳозир!».

«— Ҳӯӯӯ, очат чия медонад, – гӯё ба писарак ҷавоб дод ҷувозкаш. – Вай чӣ донад, ки дар дунё чӣ корҳо шавад, аз дили мард чӣ гузарад? Хун гузарад, хун. Медонӣ? Хун... Вай чӣ донад, ки ана вай, нагӯм, ҷонам бурояд, худоноумед, чӣ хел одам аст? Бад. Бисёр бад. Аз ҳад бад. Ту намедонӣ... Ту чия медонӣ? Дар ин ҷо набудӣ, аз куҷо медонӣ. Ду-се рӯз гардӣ, мефаҳмӣ... Ман ин хел намемонам. Ман ҳам ҷон дорам. Ор дорам, номус дорам. Ба худо, монам, ки сум кашад...

— Ин хел нагӯ, Аюб, ба ҳар ҳол ҷону ҷигари ту.

— Не... Вай ҷону ҷигар не. Вай дигар, – гиря кард ӯ. – Вай... вай... Хар – вай! Падарлаънат! Нагӯм, ҷонам мебурод... Дар дунё одам қаҳт буд, зан қаҳт буд, ки ба сари зани ман омад?

— Чӣ-ӣ?!..

Аюб баланд хандид, чунон хандид, ки ҷувозхонаи хомӯш садоро акс гардонд.

Ҷовид ҳайрон шуда, якбора худро даруни дар гирифт. Аюб даромадани баччаро надида, ба хаёли худ банд, суханашро давом дод:

— Ӯ-ӯ-у, дар дори баландат мурам! – гуфта ба дори сақфи ҷувозхона, ки тирро уреб медошт, нигарист. – Бин, ки ин дори баланд як болори калону вазнинро медорад. Бардор-е, зораша об барад.

Араҳи асп хушк шуда, хунук хӯрд, ки худро афшонд. Даҳонаю ҳалқаҳои лаҷомаш садо баровარданд. Гӯшҳояшро сих карда паёпай ба дар менигарист. Баъд атсааш омад, ки бинӣ афшонд.

«Дурр!» – ба асп нигашта садо дод Аюб. Ва боз оташгиракро бардошта қӯрро кофтан гирифт. Гуле ҳам набуд. «Сабил, ҳама кор барқасд мешавад. Ина бин акнун. Як чуғ ҳам нест...»

— Бас не? – пурсид Шайдо.

— Бас... Бас-е. Лекин боз дилам хоҳад.

— Не, бас.

— Ҳа, бас, – ӯ лабонашро ба лаби шутур монанд карда ба гиря даромад. Сар ҷунбондан гирифт. Баъд сарашро ба сутуни лаби марза зад.

— Сарата назан, Аюб! – ӯро боз дошта хоҳиш кард Шайдо.

— Не, мезанам!... Мон, занам!... Мон, занам, мон, кафад, ғубораш барояд...

**6**

Баъди як ҳафта Шайдо боз ба роҳи омадааш баргашт. Ин дафъа ҳамроҳаш ҷавонмардони деҳа не, балки Аюб буд. Онҳо ба ҷанг рафтанӣ буданд: ҳарду ихтиёрӣ ва бештар барои гапи Абдул. Гуфтанд, ки ба номашон повестка омадааст. Вале касе даъватномаи онҳоро надидааст. Ба гуселашон одами зиёд набаромадааст. Соро, Ҷовид, чанд мӯйсафеде, ки дар кӯча нишаста буданд ва як занаки камзӯли ғиҷиммахмали сиёҳпӯшида, ки паси дарахти тут истода гиря мекард.

Аюб як бор баргашта ба он зан нигарист ва пурғазаб рӯй гардонд. Ӯ мӯи сарашро тарошида ва бараксі он ришашро дароз гузошта буд; шонанакарда. Чашмони ӯ варамида ва фикраш фурӯ хобида буд; гӯё аз андешаи зиёд монда шуда, инак дам гирифтан мехост. Ва баракси фикри оромаш мушакҳои рӯяш бозӣ мекарданд. Ягон-ягон кунҷи чапи лабаш ҳам мепарид. Ӯ мисли бародараш гарданкӯтоҳи ғӯлаи сурх не, балки расоқомат, гардандароз ва синапеши сарбаланд буд. Ҳар каси бори аввал дида ӯро як одами ҳавобаланд мегуфт. Дар асл ин тавр не: гарданшах, якрав ва якқавла аст. Касеро дӯст дорад, ҷон дареғ надорад. Бад бинад, ба

рӯяш нигоҳ ҳам накунад. Ҳоло сурати Абдул ва занаш – Саврӣ пеши ғазаби ӯ сӯзад. Дандон сояд ӯ. Вале надонад, ки аз содагии худаш. Хайр, бад будани бародарро донад, аммо наход ки бе ягон далел занашро ин қадар ба танг орад.

— Чӣ мегӯӣ? – ба гӯшаш гапи Шайдо даромад. Рӯ овард ба Шайдо суолашро фаҳмида ва ҳозирҷавобӣ кард:

— Мегӯм, ки то омадани табар кунда осояд.

— Яъне чӣ?

— Яъне, то аз фронт баргаштани ҷавонмардон инҳо аспашонро хуб тозиёна зананд.

Аюб ба гапи Шайдо ҷавоби мувофиқ наёфт, ки сукут варзид ва хотирашро чизе парешон кард, ки бо гӯшаи чашм ба паси дарахти тут нигарист. Занак аз зери остини камзӯл остини курта бароварда зери чашмон медошт.

«— Гиря накун» – дар дил гуфт ӯ, вале назди занак нарафт.

— Додо, боз меравед? – падарро оғӯш карданӣ шуда пурсид Ҷовид.

— Не, писарам, ман намеравам. Ба амакаш ҳамроҳӣ мекунам.

— Шайдо... ба писарат гӯй, ки тохта рафта як хокандоз л-лахча биёрад, – канда-канда гуфт Аюб...

— Дер шуд, Аюб. Дар ин ҳавои кушод дуди нашшаро ҳам дошта наметавонӣ... Мо киро интизор?

— О, ба мо намегӯянд, ки куҷо равем? – дар дилаш гап мондагӣ барин гуфт Аюб.

— Инаш маълум.

Ду марди шинелпӯш ба роҳи калони дашти васеъ нишеб шуданд. Дар сари Шайдо фӯта чанбар буд, фарқи сараш метофт. Ва дар сари тозатарошидаи Аюб тоқии иимдошти чоргул. Баробари қадам монданашон ба гӯши Аюб аз паси дарахти тут як фиғони талху тунде бозомад. Ба назари Аюб пӯсти сар тоқиашро бардошт, бо вуҷуди он нигоҳ накарда рафт.

Ҷовид ба занак нигарист, баъд ҷониби Аюб зеҳн монда, қадамашро ба онҳо баробар кард.

— Баргард, писарам, очаат танҳо.

— Ман ҳам ҳамроҳи шумо меравам.

— Вақту соаташ ояд, меравӣ, баччем, ҳолӣ баргард...

— Шумо мехоҳед, ки боз ману модарам раҳбонӣ кунем?

Шайдо бозистода маънидор ба писар нигарист ва «не, дигар роҳбонӣ намекунед» гуфта аз китфи ӯ дошт, то баргардад. Шайдо ҳамин гапро ба писараш кифоя дониста ба роҳ даромад. Ҷовид аз онҳо қафо мондан нахост.

Абдул ба сари марзаи идорааш баромад. Сафедии чашмонаш суп-сурх гашта буданд. Ҷиготи ӯ мисли хамири туршида дамида буд. Ӯ ба кӣ чӣ гуфтан ва ба куҷо нигоҳ карданро намедонист.

Ва аз паси се нафаре, ки ба сӯи дашт нишеб шуда мерафтанд, аз таваккул нигарист ва он «аскар»-и хурдро, ки гӯё солаш дар дафтари хоҷагӣ калон афтида бошад, дида ҳайрон монд ва ба ҷои он ки аз паси ӯ рафта баргардонад, рӯ тофта ба идора даромад.

— Гард, писарам, баччагӣ накун, – то миёндаштӣ омадани Ҷовидро басанда донист Шайдо. Ҷовид ҳам истод, Аюб ҳам. Вақте ки падару писар баҳс карда яке «баргард»-у дигаре «не» мегуфт, Аюб аз он дурӣ дар паси пардаи уфуқ, дар пушти дарахти тут касеро ҷуст. Ё роҳ дур буд ва ё зӯри чашмаш нарасид, ки касеро надид.

— Шери амакаш, гард акнун... То ҳамин ҷо омадӣ, бас, – овозаш ларзида-ларзида гуфт Аюб.

Ҷовид сар хам карда бо нохуни нарангушти по ба рӯи роҳ хат кашидан гирифт. Пойҳои ӯ сиёҳ ва қарқ баста буданд. Эзори тики рах-рах дошт. Дар сараш арақчин барин каллапӯши латтагин буд.

— Додо, чаро телпакро ба Зариф додед? – гӯё иддаояшро гуфт Ҷовид.

— Падараш фиристода буд. Баъд, дидӣ, ки дар хунукӣ чӣ хел меларзид.

— Ман чӣ?

— Ту – йигит, паҳлавон... Ин дафъа ба ту навашро меорам.

— Ҳозир гуфтед, ки ман дигар намеравам. Боз мегӯед, ки навашро меорам.

— Меорам, баччем, меорам. Ҳоло баргард. Ба ҷои ман очаатро бонӣ кун, намон, ки ягон кас гапи сахт занад. Ту сардори оила, писарам.

Ҷовид сар ҷунбонд.

— Шери амакаш, аз хонаи мо ҳам хабар гир, Нозимро касе назанад...

— Ӯро касе намезанад, амак. Ҳамроҳи Мӯсохон ҳамаро мекӯбанд.

— Шери амакаш, то ин вақт сояи ман буд. Акнун ту ёр шав. Ба янгаат ҳезум лозим шавад, оварда деҳ... Сиҳату саломат баргардам, қусурашро мебарорам.

Ҷовид хез карда аз гардани падараш дошт ва башаст аз рӯи ӯ бӯсид ва фурсати бӯсидани падар нашуда ӯ худро ба замин партофта сӯи деҳа тохт.

— Ҷовид, исто! Бо амакаш хайрухуш накардӣ!

Мазмун, бори дигар симои писарро ба хотир гирифтан хост. Вале Ҷовид ба гапи ӯ гӯш накарда сӯи деҳа давид. Шайдо парешон шуда ба Аюб нигарист, ки чаро бачча ин хел кард. Вай ба ҷои ҷавоб китф дарҳам кашид. Писарак дар дуродур метохт. Баъд ӯ мисли охуе, ки аз сайёд дур рафта бошад, осуда ба пас нигарист ва оҳиста-оҳиста рафт. Сипас саворае пеши роҳи ӯро гирифт.

Писарак онҳоро ба ишораи даст нишон дода чизе гуфта гузаро шуд. Савор сӯи дашт омад. Аз думболи онҳо меомад. Онҳо хеле дур рафтанд, ба рӯд наздик шуданд. Аз пас садои наъли асп баромад. Шайдо баргашта нигарист ва саворро шинохта, гашташро давом дод. Аюб гӯё медонист, ки ин савор кист. Барои ҳамин ба пас нанигарист. Дили ӯ низ худ аз худ таридан гирифт ва интизор буд, ки Шайдо кӣ будани ӯро мегӯяд.

«Абдул» оҳиста гуфт Шайдо. Дили Аюб мисли он ки ӯро касе нохост тарсонда бошад, сахт-сахт зад. Шайдо гумон кард, ки Аюб сухани ӯро нашунид, такрор кард: «Абдул... Бародарат!».

Аюб ба ӯ сахт нигоҳ кард. Ва сари асп аз паҳлӯи чап ба онҳо баробар шуд ва зуд гузашта ба пеши роҳашон кӯндаланг истод. Онҳо наистода аз пушти асп гузаштанд. Абдул аспро нимдоира гардонда бори дигар пеши роҳи онҳоро гирифт. Онҳо пои равон боздоштанд. Савор хомӯш буд ва пиёдагардон низ. Ӯ аз асп нафуромада ба онҳо нигоҳ кард, то чӣ гӯянд. Фақат аспи ӯ гап мезад: кишна мекард, оҳанакҳои лаҷом ва даҳонаи вай садо доштанд. Аюб ба чашми чапи калони асп, ки гӯё аз мижгонаш ҳам берунтар ҷаста буд, нигарист. Чашми асп мисли фикри тез бозӣ мекард, чунин намуд, ки дар ин чашм ҳама чиз гунҷад: ҳам замину осмон, ҳам абри сари қулла, ҳам кӯҳҳо, ҳам деҳа ва боғоти паҳлӯи он, аробараҳа ва ҳатто худи Аюбу Шайдо ҳам. Вале савори болои асп баланд бошад ҳам, дар чашми ӯ натобад. Чашми зиндаи асп ба онҳо чизе гӯяд, ҳатто мижа назада чизеро такрор ба такрор гӯяд, вале онҳо нафаҳманд. Дар ин айём, ки ҳама ҷо урён гашта, хомӯш ҳам ҳаст, ҳайвони безабон ором истода натавонад. Дасту пой банавбат бардорумон кунад, сар ҷунбонад. Беқарор. Пеш аз он ки замин ҷунбад, баъзе ҳайвонҳо ва паррандаҳо зилзиларо дарк кунанд. Асп тӯфонеро пешакӣ ҳис карда, ишораҳо кунад, вале онҳо пай набаранд.

Шайдо дуздида ба савор нигарист, ки чашм аз бародар намеканад. Вале ду чашми Аюб ба чашми асп аст.

— Куҷо меравед? – ниҳоят тоқат накарда пурсид Абдул, вале ҷавобе нагирифт.

— Куҷо меравед, мегӯям! – сахт гуфт ӯ.

— Худат гуфтӣ, ки равед, боз пурсӣ, ки куҷо равем! – ҷавоб гардонд Шайдо.

— Ту рав!.. Лекин ман бо ӯ шӯхӣ кардам!

Аюб ба ҷои ҷавоб аз зери гардани асп гузашта ба роҳ даромад.

— Хук барин гарданата шах накун! – сари аспро ба роҳ тофта гуфт ӯ, – Ман шӯхӣ кардам, ки наздам омада, мадад пурсӣ.

— Ман аз ту мадад-падад намепурсам, – роҳравон гуфт Аюб.

— Гумроҳ, гард!

— Намегардам! Меравам! Ин хел намешавад! Ё ту бояд биравӣ ё ман!

— Биё гашта равем, баъд ман меравам.

— Не, ба военкомат равем, кадомамонро, ки фиристанд.

— Охир, номи ту дар рӯихати онҳо нест, куҷо меравӣ?

— Корат набошад! – хитоб кард Аюб ва боз аз аспи ӯ пеш гузашта рафтан гирифт. Аз паси ӯ асп ва баъд Шайдо мерафт.

Абдул маҳмез зада, аспро ба Аюб баробар кард ва хам шуда мисли бузкашҳо аз гиребони шинели Аюб дошт ва дандон ба дандон монда гуфт:

— Ман маймун не, ки ту маймунбозӣ кунӣ?.. Нагардӣ, чилбур андохта мебарам...

Абдул ӯро кашида ба паҳлӯи асп ҷафс кард, ки ба пеши зин бардошта, рост ба хонааш барад. Вале Аюб вазн андохт ва силтав дода фарёд задан гирифт:

— Сар те, гуфтам, сар те! Ба ман кордор нашав, сар те!

Шайдо омада гиребони ӯро аз дасти Абдул халос карданӣ шуда, аз ҷафси панҷаҳои ӯ даст андохта гиребони шинелро сахт кашид. Абдул каме ба паҳлӯи чап майл кард ва алами Эсо аз Мӯсо, гиребони Шайдо гирифт:

— Ту чаро ҳамроҳ мешавӣ? Мурад, ба гӯраш ту намедарой. Барои ҳамин... наздик нашав, шарик нашав! Аз роҳ баровarданат бас!– гуфта ду-се афшонда дур андохт.

— Ҳамаро мисли худат роҳзану ҳаром мадон... Ту ҳам ба гӯри ӯ даромада натавонӣ. Бародари бегона ҳастӣ.

— Бародар надошта бошӣ, қадри бародарро чӣ донӣ?! – каме ба рӯи зин рост шуда дод зад ӯ.

— Ман, ки бародар надорам, ба қадраш мерасам, вале ту...

Абдул ба сухани ӯ эътиборе надода аспро маҳмезу лаҷом зад, то Аюбро дарёбад. Вақте ки аспаш бори дигар пеши роҳи Аюбро гирифт, ӯ каме хам шуда кӯлвори даст ба замин гузошт ва гӯё ба ҷанги тан ба тан омода гашт:

— Ту чӣ хоҳӣ аз ман?

— Ман аз ту? – тааҷҷуб кард Абдул, – Ҳеҷ чиз! Ту чӣ дорӣ, ки чашм ало кунам?.. Фақат нахоҳам, ки ҳар касу нокас ба ман таъна занад.

— Таъна занад ҳам, ба ман занад, ба ту не. Канӣ ун хел марди ба дилу гурда, ки ба ту таъна занад?

— Ту-дия, марди ба дилу гурда!.. Ҷӯраи нағз ёфтӣ, – ба Шайдо ишора кард ӯ. – Хуб таълим дод. Чанд рӯзи дигар хонадат, падару модарношинос ҳам мешавӣ.

— Падарношинос ту, на, ки ман, – таънаашро Шайдо нашунавад гуфта, як ба пас нигоҳ кард ва дур будани ӯро дида боз гапашро давом дод: – Ёдат ҳаст, ки барои ҷони худ шуда аз па-

дарамон рӯ гардонда будӣ? «Ман писари Мӯсодароз не» гуфта будӣ. Ёдат ҳаст!

— Гум шав, нобакор! – ба рӯи зин нимхез шуда фарёд зад ӯ.

— Пас чӣ хел ман ба ту бародар шавам? Ман писари Мӯсодароз-ку?.. Ту бепадар. Фамилияат ҳам ба номи модарат. Маълум, ки барои ту хуни падар эътибор набудааст. Ту аз дигар шикам ва ман аз дигар шикам. Пас мову ту бародар нестем. Барои ҳамин дилат ба ман насӯзад.

— Аҳмақ ту, аблаҳ ту! Ту ба фиреби ун гурезаи беватан афтида аз ман – бародарат рӯ мегардонӣ?

— Аз бародар рӯ гардондан осонтар нисбат ба он ки аз падар рӯ гардонӣ... Ману ту бародар нестем...

— Ана бародарат, – Шайдои наздик омадаро нишон дод ӯ, – ҳамин хел не?!

— Ҳамин хел...

— Мурӣ беҳтар. Нофата аз нофи ӯ ҷудо накун, оқибаташро бинӣ...

— Оқсақол бошӣ, ба худат, ман мех задам, ки ин қадар часпидӣ? – паҳлӯи аспи ӯ истода гуфт Шайдо ва тезтар қадам монд, то Аюбро дарёбад. Абдул ҳам то назди Дупула асп ронду дигар ҷуръати пеш рафтан накард.

Дупулаи Зарафшон онҳоро аз ҳам ҷудо кард.

## 7

Шайдо пас аз ду рӯз баргашт. Рӯзи аз ҷанг баргаштан ин қадар хаста ва заҳир набуд. Имрӯз парешон ва димоғсӯхта намуд. Барои ба Аюб ҳамроҳ шуда, то район рафта, танҳо баргаштан худро маломат кард. Аввал ба назди раиси колхоз – Нусрат даромад. Нусрат марди хароби ажрикичашм буд ва чунин чашм дар тамоми колхоз якто: равшан, зинда ва ҷозибадор. Вале дар паси он чашмҳо ҳамеша як хаёли хуфта ва рози нуҳуфта буд. Ҳеҷ гоҳ ба чашми кас нигоҳ карда гап намезад. Лабаш ҷунбад, чашмаш ба дигар тараф банд мешуд.

— Ягон ёрӣ лозим, Шайдо? – баъди пурсупос гуфт раис.

— Не, раис... – Шайдо дергоҳ хомӯш монд, сухани асосиро гуфта натавонист, сонӣ инони фикрро ба дигар тараф кашид: – Ягон кори сабук ёфта диҳед.

— Масалан?

— Худам намедонам... Дар бригадаи якум кор карданӣ нестам. Дур бошад ҳам, ба бригадаи Холбибӣ меравам. – Парешон баромад суханонаш.

— Хайр, ин он қадар масъалаи мушкил не-ку. Гумон кардам, ки ягон мансаб мехоҳӣ.

— Барои деҳқонзода мансаб чӣ лозим? Коре бошад, ки аз меҳнати ҳалол... Не, раис, коре бошад, ки ба фронт ёрӣ расонда тавонам...

— Ҳама ба фронт ёрӣ мекунем. Фронти мо ҳам беодам шуда истодааст. Хабар омад, ки аз фронт муаллимону тракторчиҳоро гардонда мефиристанд.

— Лекин ман на муаллимам ва на тракторчӣ. Ароба кашида тавонам, каланд зада метавонистагистам...

— Барои чӣ «метавонистагистам?»

— Раис, ман ба касе нагуфта будам, ҳатто ба хона, лекин ба шумо мегӯям. Ман касал...

Раис ба рангу рӯи ӯ нигарист. Рӯи хароби худро молид ва барои дилдории Шайдо гуфт:

— Ту касал нестӣ...

— Шумо ҳам гапи ҷамоатро мезанед?

— Чӣ хел гапи ҷамоатро?

— Ту аз ҷанг гурехтаӣ, гуфта қариб аст, ки маро хӯрад.

— Не, ман ин хел гуфтанӣ нестам. Ман гуфтанӣ, ки ту касал нестӣ, ғусса хӯрдаӣ.

— Шумо раиси ҷамоатро мешиносед?

— Магар не?

— Чӣ кас буданашро? Тасодуфӣ оқсақол шуданашро, бадзот, каҷдил буданашро?

— Ҳамаашро...

— Не, ҳамаашро намедонед.

— Чӣ, ман аз ин мулк нестам? Намедонам, ки ӯ аз барои нафсаш оламро фурӯшад?

— Кӣ намедонист, ки ӯ колхозро намехост? Ба ҳамин ният молашро Ӯсмат бурда фурӯхта омад. Хайр, инаш маълум, моли худаш. Лекин шумо медонед, ки барои чӣ дар Лаби Бӯз – замини бригадаи Ҷари Сурх гандум нарӯид?

— Шунидам, лекин ба чашмам надидаам.

— Гӯё як пешдоман гандумро ба замин пошида ҷуволи алоро гардонда бурдаанд. Аз рӯи шунидам, ба хонаи Абдул-оқсақол.

Раис ба маънои «кӣ медонад?» китф дарҳам кашид. Шайдо ҳам қатъӣ ба раис нагуфт, ки ин гап рост аст. Бобои аробакаш худаш гандумро шабона оварда дар ҳавлии Абдул фуровардааст.

— Раис, ман ин корро ҳамту намемонам... ба район меравам, – дил холӣ карданӣ шуд Шайдо.

— Ҳоло не... ман аввал решаи гапро фаҳмам, агар рост бошад, ҳоҷати тафтиш ҳам не, як рӯз не, як рӯз худаш ба забон омада мегӯяд.

— Дер намешавад?

— Не...

Аз ин ҷавоби раис Шайдо ҳайрон шуда баромада рафт: «Барои чӣ ин хел ҷавоб дод? Ё масъаларо медонисту аз ман гап гирифт ё худаш бо кору бори Абдул машғул ҳасту ба ман намегӯяд? Ё худаш ҳам ҳамроҳ? Не. Набояд... Ва ман барои чӣ ин гапро ба ӯ гуфтам? Беҳуда кардам магар?.. Не... Дуруст кардам. Агар раис ҳам ба ин кор саҳлангорӣ кунад, ман ҳамту намемонам... Раис беҳуда «не» гуфтӣ, дер мешавад...»

Шайдо дар назди идораи ҷамоат дер вақт нигарон шуд. Абдул наомад. Ӯ аз касони дучоромада пурсид, ки ӯро дидаанд, ҷавоб гуфтанд, ки аз шаҳр барнагаштааст. Баъд гаранг-гаранг чизеро ҷуста ба дари ҷувозхона рафт. Дари сиёҳ ва равғанолуди ҷувозхона қуфл буд. Садои ғижаки тиру каҷаккоса намеомад. Ба хаёлаш: ҷӯраи даврони кӯдакӣ – Аюбро диданӣ омаду наёфт. Таъкиди Соро ба ёдаш расида баргашт. Чун ба кӯчаи калон баромад, писарашро дид. Завқаш омад, вале хотири парешон нагузошт, ки ӯ аз таҳти дил завқ кунад.

— Додо! Очам гуфт, ки зуд биёед, – боз ҳамон гапро такрор кард ӯ.

— Рафта истодаам, баччем, – гуфта Шайдо сар писар сила кард ва ӯ мисли гурбаччаи гарму нарм сар ба оғӯши падар андохт... Онҳо чанд кадам ҳамон зайл роҳ рафтанд. Шайдо шодӣ дошт. Ҳама орзуе, ки солҳои ҷанг ба дил мепарварид, ҳамин буд: ширинтараш, гуворотараш ва аз ҳама хубтараш ҳамин буд. Вале чунин намуд, ки ӯ барои аз ҷанг бармаҳал баргаштан хафа аст.

Шайдо банди хаёл чӣ зайл сари писар аз паҳлӯи синааш дур шуд, нафаҳмида монд.

— Ҳоло фатират напухтаасту ин қадар одамро саросема мекунӣ, – аз дари ошхона сар халонда гуфт Шайдо.

— Шайдо, ту мисли занҳо дарди интизориро накашидаӣ, барои ҳамин ба назарат ҳеҷ тобад.

— Ҳа, Соро, табиат ба мардҳо фармудааст, ки баъдтар аз занҳо дард кашанд: хеле дуру дароз ва сахт. Навбати дардкашии ман акнун меояд.

— Ин чӣ гуфтагиат, Шайдо?

— Охир, ман намеомадам, байни бародарон ҷанг намешуд. Аюб ба ҷанг намерафт.

— Ҷангу ҷидоли онҳо нав не. Ҳоло ҷанг сар нашуда буд, ки байни онҳо ҷанг мерафт...

## 8

Шайдо дар паси дари идораи ҷамоат истод: дарояд ё на? Пас ӯ даст ба дастаи дар бурда ва суоли «мумкин?»-ро ҳам тайёр кард. Вале тираш хок хӯрд. Дар ҳоло ҳам қуфл буд. Пас ӯ ба атроф нигарист ва касеро надида баргашт. Баргашту ба фикру хаёл рафт.

Ба роҳи дашт нигарист, ба роҳи ҷувозхона, ба роҳи хона ва баъд ба роҳи хонаи Абдул. Фӯта гирди сарашро мепечонд, тори сар хунук мехӯрд.

Шайдо фикру хаёл карда бо тангкӯчае, ки ба хонаи раиси ҷамоат мебурд, равон шуд. Ӯ ҳалқа ба дарвоза кӯфт.

— Кӣ вай? – пурсид овози шиносе.

— Ман, амаки Шайдо!

— Кӣ? – боз пурсид ба дар наздик шуда ва дарвозаро боз кард. – Ҳӣ! Амаки Шайдо! Чумчуқ овардед?

— Отат дар хона?

— Ман ота надорам.

— Хайр, дадат?

— Дар хонаи дарун.

— Ҷеғ зан.

— Чумчуқ мешад?

— Ҷеғ зан, мешад... уҳу!

Писарак паси дарвоза пиқӣ хандид ва додгӯён рафт:

«Дада, ҳо дада, чумчуқ, дада!» Ва баъд ҳавлӣ тамоман ором шуда пас аз хеле вақт садои сурфаи мардона баромад.

— Ҳа? – дарвозаро кушода бе салому алейк пурсид ӯ.

— Салому алейкум!

— Ҳа? – боз такрор кард ӯ.

— Ман аз Комиссариати ҳарбӣ коғаз овардам...

— Ман идора дорам, ҳамон ҷо меорӣ...

Шайдо лом нагуфта баргашт. Хеле роҳ рафта, ба гӯшаш садои кушода шудани дар расид ва ҳис кард, ки дари ба рӯи ӯ пӯшидаи Абдул бори дигар кушода шуд. Шайдо марди дарунпухта ва дарундоре буд. Ӯ баланд ва сахт гап намезад, тез ҳаракат намекард: мабод, ки таноби дилаш канда шавад. Аз ин чиз ҳарос дошт ва бештар маънию фаҳмишро ба фаросати одамон ҳавола мекард, то худашон дарк кунанд. Аз ин рӯ, ғоз додани гапро беҳуда медонист... «Бефаросат, гумон мекунад, ки ман барои ҷои ӯро гирифтан омада бошам... Ангишт сиёҳ, вале оташаш сурх, гарм. Аммо ин даруни сиёҳ дораду рӯи сурх...»

— Шукри худо, ки нарафтаӣ! – аз сари тангкӯча садое омад.

Шайдо баргашта Искандари лангро дид ва аҳамият надода рафтан гирифт.

— Ба худо шукр, ки баргаштаӣ. – боз садо кард мардак.

— Чӣ ҷои шукр дорад? – худро ба нодонӣ зада пурсид Шайдо.

— Чӣ хел ҷои шукр не? Яке дар ҷанг мурда равӣ, зану баччаҳот...

— Хайр, чӣ? Аз ин хел ҳел-ҳел гаштан ва касонро озурдан дар ҷанг мурдан авлотар нест?

Мардак аз ин ҳуҷуми Шайдо ҳайрон шуда каме ба рӯи ӯ нигарон истод ва баъд ба худ омада сар ҷунбонд: «Рост, аз беҳуда гаштан мурдан авлотар ва беҳуда мурдан баробар аст ба ҳаром мурдан».

— Ҷони гап ҳам дар ҳамин, ки амаки ҷон, дар ҷанг беҳуда мурдан нест.

— Э-э-э! – бепарвоёна даст афшонд мардак. – Мон, гап назан, ту ҳоло ҳам беақл будаӣ.

— Ақли ҳар кас баробари ришаш, – гуфта Шайдо аз назди ӯ дур рафт, вале мардак аз паси ӯ навохтан гирифт: «Беақл будаӣ ту. Гапи Абдул оқсақол дуруст будааст... Аз хоки ҳамин маҳал рӯида, ниҳоли кӯчатӣ барин ким-куҷоҳо рафтан хоҳӣ... Агар ҳамин хел фарзанд калон кунам, худам бо дастонам хафа карда мекушам... Беақл!..»

Шайдо қасдан аз ӯ дур рафт, то суханони беҳушонаи ӯро нашунавад. Ӯ донад, ки ин қабил одамон Ватан гуфта аз бурҷи сандалӣ то поёни деҳаро фаҳманд, чунон ки ниёгонашон Ватанро хона ва як пора замини дар дашт дошта медонистанд. «Чӣ хел фаҳмонам ба шумо, чӣ хел?.. Инаш ин хел гӯяд, онаш донистан нахоҳад, ақаллан ҳурмати вазифааш муғамбириашро ҳам ба кор набарад. Гӯё ки сидқаш оинасон бошад... мефаҳмӣ, ҳоло мефаҳмӣ. Чаро оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ?..» Ӯ хеле дур рафта, то поёни деҳа расид ва баргашта омад, ки Искандари ланг дари идораи ҷамоатро кушода боло рафт ва Шайдо омада саволи пагоҳӣ дар назди ин дар тайёр кардаашро нӯки забон оварда дарро кушод:

«Мумкин?»

— Ҳум! – ҳоло ҳам гарданаш ба гап задан ёрӣ намедод.

Шайдо ҳам бо ӯ даҳан ба даҳан нашуда, тугмаи шинелашро кушод ва коғазро бароварда дароз кард:

— Чӣ кор кунам? – пурсид Абдул.

— Лозим гуфтед, овардам.

— Ту рафта арз кардӣ, ки ман ба ҷонат расондам?

— Не.

— Не, ба раис.

— Натарс, ба раис гапи дигар доштам... Худи раис туро нағз шиносад.

— Нашиносад...

— Ман туро нашинохтам, Абдул. Раис шиносонд. Хуб ҳам шиносонд... Наход ту надонӣ, ки ин ташвишҳо муваққатӣ, шаб ё саҳар ҷанг тамом мешавад...

Абдул ба ӯ бад нигоҳ кард. Хунаш ҷӯшид. Вале чизе гуфта натавонист...

— Рост гӯям, ҷанг тамом шавад, дови ту ҳам намонад.

— Бас кун!

— Дод назан, Абдул... Ту намедонӣ, дар идораат радио бошад ҳам...

— Батарӣ надорад.

— Радиоят кор накунад, дониста бош, ки мо ҷангро бурдем... Оташро бо об кушанд... Оташ бо равған хомӯш нагардад...

Ӯ Абдули пешин набуд. Сархам меистод. Ҳукмраво наменамуд ва манаҳ бар такяи каф гузошта, ҳавобаландӣ намекард. Балки мисли як балвогаре, ки такуболо зада мулкеро ба ҷунбиш оварда, оқибат шикаст хӯрда, ба гӯшае фирорӣ шуда бошад, сӯгворӣ дошт. Аз он дӯғу дағдаға чунин анҷом чашм доштан аз эҳтимол дур буд. Шайдо хаёл намекард, ки Абдул ба ин зудӣ ин қадар тағйир меёбад. «Мор пӯст партояд ҳам, дигар нашавад». Лекин аз ранги рӯи ӯ, аз гапи ӯ, аз чашму нигоҳи ӯ чизе фаҳмида нашавад.

Зулфин садо кард, дар кушода шуд. Даштбон даромад. Ӯ интизор набуд, ки Шайдо дар идораи ҷамоат мешавад. Ҳайрон монд. Вале пас гашта натавонист. Халтаи китфашро ба замин гузошт. Нӯги устухони сони гӯсфанд халтаро дарронда андаке берун баромада буд...

Шайдо бархоста баромад. Чунон баромад, ки онҳо «шин» гуфта ҳам натавонистанд. Вале Шайдо вақти баромадан овози Абдулро шунид: «Беҳуда кардӣ...»

❂ ❂ ❂

Шайдо ба кор баромад. Ҳамроҳи ҷуфтгарон дар сои Раҳрави он тарафи Зарафшон ҷуфт мекард. Саҳар рафта, бегоҳ меомаданд. Дигарон харсавор, ӯ пиёда: барзаговҳоро пеш андохта рафта меомаданд. Узви бригадаи чаҳорум. Худи бригадир Наврӯзи якдаста ҳам ҳамроҳи онҳо ҷуфт мекард. Шайдо медид, ки ӯ ҳангоми «бо-о, парч!» гуфта аз сари огард гардонидани ҷуфт чӣ навъ бо сари дил омочро дошта ба пеш майл карда, ба юғи гардани говҳо говрона мезанад.

— Пагоҳ Ҷовидро меорам, Наврӯз, – дилсӯзӣ кард Шайдо.

— Барои чӣ?

— Говронаатро бардорад...

— Не-е – хандид бригадир. – Қадри меҳнат дар ҳамин...

— Чаро дигар калонҳо нею фақат ту?

— Магар командиратон намегуфт, ки ҳама ҷанговарон қаҳрамон нашаванд?

Шайдо хеле фикр кард, ки чӣ гӯяд ва оқибат:

— Ба ҳар ҳол, – гуфта монд.

— Магар ҷуфтронии Холбибиро надидаӣ?..

Адири Роҳрав тоба-тоба шудгор шуда, замин сиёҳ мегашт. Кабӯтарон чунон гушна буданд, ки аз фарёди ҷуфтгарон ҳам нахӯсида, села-села нишаста дони рӯи хок мондаро чида мепариданд. Ба ҷуфтгарон бад мерасид.

Шайдо мушоҳида мекард, ки ҷуфти барзаговҳо мисли танкҳо адирро рост шуда ба пушт хам хӯрда мерафтанд. Ӯ кӯшиш мекард,

ки ҳангоми «бо-о парч!» гуфта ҷуфтро гардондани Наврӯз ба ӯ нанигарад, ҳолати ӯро набинад. Остини холии шинели Наврӯз аз зери тасма баромада дар паҳлӯи рости ӯ алвонҷ мехӯрад. Говрона аз зери каш рӯи соиди чапашро гузашта мисли сарнайза ба сӯи фазо тир аст. Ӯ омочро дорад. Ва говрона ҳар лаҳза пас лағжад. Ӯ омочро сар надода китф занад, то говрона пеш равад, вале намешавад ва бригадир боз омочро миёни ду синааш дошта ва дасташро хам карда говронаро пеш барад.

«Пагоҳ Ҷовидро ҳамроҳ меорам, Наврӯз» дар дил ҳукм баровард Шайдо.

Вале рӯзи дигар гуфтаи ӯ амалӣ нашуд.

Ӯ Ҷовидро ҳамроҳ гирифта буд. Вале дар сари кӯча Абдулоқсақол пеши роҳи ӯро гирифт.

— Ин роҳи дароз ба ту зӯрӣ мекунад, кори сабук ёфта медиҳам, Шайдо... Ту бояд ҷувозро гардон кунӣ...

— Не... Худи Аюб омада гардон мекунад.

— То омадани ӯ...

Чунон ки рӯзи рафтани Аюб дар миёндаштӣ гапи ӯро писанд накарда аз зери гардани аспаш гузашта пеш рафтанд, Шайдо ҳоло чунон кунад: Аз паҳлӯи Абдул гузаштанӣ, эътиборе надиҳад.

— Гапи ман не, раис гуфт, – ӯро боздоштанӣ шуда гуфт Абдул.

Шайдо бозистод. Мулоҳиза кард. Баъди хеле вақт ба ҷуфтгарон, ки як-як нишеб шуда назди говхона рафта меистоданд, нигарист. Ҷовидро наздиктар хонда говронаро ба ӯ дароз карда гуфт:

— Ма, Ҷовид, ту ҳамроҳи ҷуфтгарон рав, Наврӯз ҳамон ҷо...

## 9

Баччаҳои пеш аз ҷанг таваллудшуда байнашон се-чор сол фарқ бошад ҳам, имрӯз ҳаво хуб гуфта баъди дарс рӯи теппа ҷамъ омаданд. Рӯи теппа баҳорон ҷои сабзаю шукуфаҳо ва тобистону тирамоҳ дили офтоб, гармтарин ҷой. Чун бороне ё барфе борида заминро андаке нарм кард, баччаҳо рӯи теппа бароянд. Бозиҳо кунанд: «чилаку лоф», «бодбаракбозӣ», «дунги лагад», «тоқапуртанак». Вале ҳоло баччаҳо фикр карда «байрақбозӣ»-ро баровардаанд. Рӯи теппа мисли қартаест, ки касе онро якёна медошта бошад. Дар миёнаи ин теппа ғӯте ҳаст, ки гӯё заминро ба ду қисмати баробар ҷудо кунад: Нофи Замин. Баччаҳо аз ҳамин санг ба ду тараф бо нигоҳ рах кашанд ва онро сарҳад номанд. Баъд ба ду тараф баробар тақсим шуда, дар ду канор байрақ бардоранд ва яктоӣ байрақбон гузошта ба хати сарҳад наздик оянд ва гӯё Ватанро муҳофизат карданӣ шуда, чашми ҳамдигарро поянд, то ғофилгир карда ба хоки бегона даромада, байрақаш бирабоянд... Имрӯз ҳам аҳвол чунин. Вале кӯдакони хурдсол, ки дар атрофу

болои ғӯт ҷамъ шуда бозии баччаҳои калонтарро тамошо кунанд, каманд. Аз баччаҳои бозигар ҳам чанд нафар нестанд. Бозӣ низ чандон шавқовар нест. Шашнафарӣ тақсим шудаанд. Соҳибони байрақи сафед аз тарафи Ғарб байрақи сурхро зудтар бурданӣ шуда, як ҷосус фиристоданд. Ӯ аз байни ҳама пуршаст гузашта сӯи дирафш тохт ва хост, ки байрақбонро фиреб дода ливо гирифта ба торафи худ гузаронад ва бо ҳамин ҷангбозиро барад. Вале байрақдор фиреб нахӯрда аз дунболи ӯ тохт ва худро дароз партофта ба пояш даст расонд ва бо чунин қаҳрамонӣ ӯро асир гирифт. Акнун ба командаи байрақи сафед душвортар шуд: онҳо бояд асирро халос кунанд ва байрақи сурхро оваранд. Аз байрақи сурх доштагон Ҷовид баландтар рафт ва ҳамла карда аз хати миёна гузашт. Дид, ки ҳама чаққонии ӯро дониста аз пасаш тозанд, боз дуртар давра гирифт, барои гузаштани ёрони дигар имкон пайдо шавад. Ӯ якбора пуршаст сӯи байрақ тохт ва ба байрақ расида натавониста атрофи майдонро давр гашта аз паст ба «хоки худ» гузашт. Ӯ нафаси дароз гирифт. Сари синааш шину хез дошт, аз ин «разведка»-и шитобкорона чизе фаҳмида натавонист. Ҳамин вақт касе чашми онҳоро хато карда ба сӯи байрақи сурх тохт ва ҳамон лаҳза каси дигар ҳуҷум овард. Аскари ба сӯи байрақ тохта якбора реб дода ба тарафи асир гашт ва даст ба дасти ӯ расонда озодаш кард. Якбора се кас ба сӯи байрақ тохтанд: яке гузашт, дигаре гузашт ва сеюмӣ хам шуда байрақи ду ваҷаб аз замин болоро бурданӣ буд, ки касе ба тахтапушти ӯ бо кафи даст фуровард. Ӯ дар паҳлӯи байрақ асир шуд. Асири аввал дубора ба асирӣ афтод, вале оне, ки якеро зинда карда буд, боло гурехта ба «хоки худ» гузашт. Ёрони Ҷовид онҳоро кам дида аз ду канор рафтанд ва Ҷовид дар миёна истод, ки агар фронт рахна шавад, зада дарояд. Онҳо давр гашта ба ақиби фронт гузаштанд. Ҷовид оҳиста аз хати миёна гузашт ва ба хотираш телпаки аз фронт овардаи падараш расид: «Ҳамин вақт телпак мешуд, ситораи сурхро ба пешониаш пахш карда, байрақи инҳоро мебурдам», аз дил гузаронд ӯ ва байрақбонро аз байрақ дур дида, мисли бод расида, онро бардошт ва тоб хӯрда пас гаштанӣ буд, ки касе ба дасташ зада ӯро асир кард.

Ҷовид асир шуд. Ва аз ҳамон ҷо истода фарёд зад: «Ҳо, рафиқон! Ҳушёр бошед! Тақдири ҷанг ба бозии шумо вобаста, қурбон шавед, вале байрақро аз даст надиҳед! Рафиқон, солдатҳо! Фурсат ғанимат!...» Ин гап ба соҳибони байрақи сафед сахт расид. Онҳо лагери дигарро камқувват дида ҳуҷумро сар карданд. Ҳамроҳони Ҷовид ақиб нишаста байрақро бонӣ мекарданд, ки аз даст наравад. Кам монда бошанд ҳам, ду нафар байрақ бонӣ мекарданд. Се нафари дигар барои баргардонидани дами душман ҷонбозӣ доштанд. Аз паси шаш тан метохтанд, вале онҳоро асир кардан осон набуд. Лагери душман беодам монд. Ҳама аз сарҳад ин тараф

гузашта буданд. Фақат Ҷовиди асир он тараф буд: бе посбон. Ӯ ишора мекард, то ягон ёри бозӣ пуршаст тохта ӯро зинда кунад. Ҳомид тани Ҷовид, нафаре аз душманро то ҷон дошт сур карда, ӯро ба ҳоли худ гузошта якбора ба тарафи Ҷовид тохт. Ба ӯ даст расонда зинда кард. Ҷовид, ки дам гирифта буд, ҳукм сӯи байрақи душман тохта, онро рабуд ва рост боло давид. Ҳама аз пайи ӯ тохтанд. Пешгир карданӣ шуданд, вале Ҷовид бақувваттар баромад. Байрақро рабуд...

Баччаҳо аз хурсандӣ фарёд заданд. «Ҷангбозиро бурдем! Армияи Советӣ ғалаба кард! Урра-аа!!!» Ҷастухез мекарданд...

Баччаҳои солҳои ҷанг пакар бошанд ҳам, ҳушёр метофтанд: зери бори рӯзгор монда, коркӯфта шуда буданд. Ҷовид ҳам ба навҷавононе, ки тамоми гарониро ба гардан гирифта ба ҷои мардони ба ҷанг рафта ва пирони оҷизу нотавон кор мекарданд, ҳамроҳ буд. Баъзан чунон хунаш ҷӯшида мерафт, ки дар они воҳид кореро анҷом додан мехост, ба худаш, ба зӯраш чунон бовар дошт, ки кори аз дасташ намеомада набошад. Ва гоҳе баракс: чунон ҳақир менамуд, ки чизеро аз замин бардорад, зери бор мемонда бошад. Ӯ ҳоло ҳамроҳи ҷӯраҳо равад ва дар дил андеша дорад, ки қусури ҳама ноумедиҳоро барорад. Чун падар мулоҳизакор нест, балки аз гиребони Абдул баринҳо мегирифтагӣ... Ӯ ҳама кирдор ва рафторҳои Абдулро шунидааст, вале он қадар сарфаҳм наравад, ҳатто ба падар дар ин бора савол ҳам надиҳад. Ва напурсад, ки барои чӣ оқсақол бо ӯ чунон муомила кунад... Шайдо ҳам аз ин хусус гап назанад...

— Ҷовид! – хаёли ӯро парешон кард садое.

Ҷовид баргашта нигоҳ кард ва ҳама рафиқонаш ҳам. Раис сӯи ӯ нигарон меистод ва Ҷовид пай бурд, ки раис ӯро садо кардааст.

— Лаббай, амак! – ҷавоб гардонд Ҷовид.

— Додотро гӯй, ки як назди ман биёяд.

Ҷовид «хуб» гуфт ва одами нағз – раис хоҳиш кард, гуфта то хона давида падарро аз назди дарвозаашон гардонд. Шайдо хабарро шунида ба идораи колхоз омад. Раис дар зери айвони идора бо раиси ҷамоат чизе мегуфт. Абдул аз ҳарвақта ҳам зиёдтар сурх шуда буд. Вале сар боло карда наметавонист. Шайдо ба сӯҳбати онҳо халал надода сари роҳ бозистод, ки гапаш бошад, раис ҷеғ мезанад. Ӯ як назар дид, ки Абдул аз зери абрӯ ба ӯ бад-бад нигоҳ дорад: нигоҳаш ба суханони дирӯзааш мувофиқ нест, балки мисли рӯзҳои аввал нигарад. «Боз чӣ бало расида бошад?» ба худ савол кард ӯ ва дид, ки оқсақол андаке паҳлӯ гашта пушт гардонд. Баъд раис ба ӯ чизе гуфт, ки ҳамон зайл сархам ба идора даромад. «Шайдо, биё ин ҷо!» даъват кард раис. Ӯ аз кӯдакӣ Шайдоро туту мегуфт, ҳоло ҳамон хел ҷеғ зад, вале Шайдо ҳурмати раисии ӯро дошта «шумо» мегӯяд.

— Маро ҷеғ задед, раис? – боз аниқ карданӣ шуд Шайдо.

— Ҳа... – кӯтоҳ ҷавоб дод раис ва хаёл карда монд. Чашмони раис хеле беҳаракат буданд ва баъд якбора мижа зада ба Шайдо дӯхта шуданд: «Оқсақол нафаҳмидааст» – гуфт ӯ. Шайдо ба маънии «Чиро нафаҳмидааст?» ба чашмони раис нигарист. «Нафаҳмидааст, ки туро аз ҷанг озод кардаанд. Ман ӯро коҳиш кардам ва гуфтам, ки ҷувозро ба ту диҳанд...»

— Ӯ ба ман гуфт, раис. Лекин ман рад кардам... Хайр, ба хотири шумо. Ҳарчанд ба ман мувофиқ нест, ба хотири шумо...

— Дигар чӣ кор ҳаст? – гуфта боз ба фикр фурӯ рафт ва танҳо ҳамин гапро ёфт, ки аз ӯ пурсид:

— Ягон ёрдам лозим нест?

— Не, раис, ҳеҷ чиз лозим нест! – ҷавоб гардонд Шайдо, гӯё чаҳор ишкели рӯзгораш буд бошад. – Камро диҳаду ғамро не, гуфтаанд. Қаноат мекунем.

— Ҳа-а, қаноат мекунем... Шояд ту қаноат кунӣ, Шайдо, лекин ҳама қаноат карда натавонанд. Агар ҳама қаноат мекарданд, на касеро дузд мегуфтанд ва на касеро гуреза...

— Инаш ҳаст, раис... Магар ин дер мепояд?

— Не, Шайдо. Ин кори буздилон аст. Гӯянд, ки буздил аз атсаи худ талхакаф шуда мурдааст.

— Раис, ман дар ҷанг надидаам, ки ягон фирорӣ ё ягон каси бо қасди бад ба ҷанг даромада рӯз дида бошад. Магар писари асил ба модар хиёнат кунад? Ҳар кас, ки бад бошад, ҷазояшро бинад.

— Ҳар кас аз ҷанг гурехта бошад ва ё баҳона ҷуста омада бошад, албатта, ба балое печидааст.

— Раис, наход шумо ҳам гумон кунед, ки ман аз ҷанг гурехтаам?

— Ман ин хел нагуфтаам, Шайдо... Ман гуфтаниам, ки чаро баъзеҳо каси лаби ҷарро таги ҷар тела додан хоҳанд?

— Дунё ҳамин тавр сохта шудааст...

— Рост. Лекин одам бояд ҳамаи ин монеаҳоро шиканад.

— Як радио нест, ки фаҳмем, вазъияти фронт чӣ хел аст, – боз хотираш ба майдони ҷанг рафта гуфт ӯ.

— Вазъияти фронт хуб, Шайдо. Украинаро озод карданд...

Шайдо оҳиста сурфид.

## 10

Ҳалқаи дарвозаи ҳавлии Шайдоро кӯфтанд. Соро дарвозаро кушода Шаҳодатро дид. Саломуалейкро фаромӯш карда «Биё, Шаҳодат, даро!» гуфта ба ӯ роҳ кушод.

— Не, апаҷон, духтарчаам дар хона танҳо, – духтарчаи баъди ба ҷанг рафтани шавҳар таваллуд шударо дар назар дошт ӯ ва латтапечро ба Соро дароз кард.

— Ин чист? – ҳайрон шуда пурсид Соро.

Шаҳодат чизе нагуфта парраҳои бинӣ ва лабонаш ба ҷунбиш омаданд.

Соро латтаро кушод ва телпаки шиноси шавҳарашро дида, ҳайрон шуд ва саволомез ба ӯ нигарист.

— Раҳмат, апаҷон, дигар одами мепӯшидагӣ нест... Ба ҳар ҳол дар хонаи шумо мардина ҳаст. – Як назъ узр хост Шаҳодат ва баргашта рафтанӣ шуд.

— Телпакро беҳуда овардӣ, Шаҳодат.

— Охир, мебинам, ки аком дар сар фӯта баста мегарданд.

— Тори сарашонро маҳкам пӯшидан мумкин набудааст, барои ҳамин... – сафед карданӣ шуд зан.

— Ҳар чӣ бошад ҳам... Хайр.

— Хайр, омада ист.

Шаҳодат сар ҷунбонда рафт.

Соро ҳайрон буд, ки чаро Шаҳодат телпакро баргардонд. Чун Ҷовид аз кӯча омад, пурсид: «Чаро Шаҳодат телпакро овард, мабодо ягон...» Ҷовид иқрор кард: «Не, оча. Ягон чиз нашудааст: аз мурдани худ хабар дораму аз ин кор не». Пас Ҷовид телпакро гирифта дар пештоқи хона овехт ва ситорачаи онро гирифта ба ҳезумхона даромада чӯбу тахта кофт. Тахтаеро ёфта қолаби ситораро нақш канд. Бо зӯрӣ ситорaро ҷо кард ва як тешаи кунд гирифта ба сӯи гӯристон рафт. Ҷовид паҳлӯи хоки тӯдаи гӯри Зарифро бо теша кофта, тахтачаро се-чаҳор ваҷаб гӯр кард. Ситора ба гӯри ӯ менигарист. Ҷовид сари қабр нишаста дергоҳ сукут варзид. Пас сабзаи пеши пояшро панҷа зада-панҷа зада, хост воқеаҳои рӯзро ба ӯ ҳикоят кунад, вале чизе ба ӯ халал расонд: номашро гирифта, ҷеғ зад. Ба садои Зариф хеле монанд. Мӯи сараш рост шуд. Аз ҷой хест. Гардан дароз карда атроф ва гӯрҳои пасту баландро аз назар гузаронд. Пас мисле ки ӯро аз ин ҷо меронда бошанд, тозон аз қабристон берун баромад. Ӯ ба Зариф ҳеҷ чиз гуфта натавонист. На дар бораи байрақбозӣ, на дар бораи ҷувозкаш шудани падараш ва на дар бораи телпакро баргардондани модари ӯ. Ҳа, пеш аз ҳама Ҷовид ба Зариф гуфтанӣ буд, ки ғам нахӯрад: модараш нағз. Хоҳараш ҳам сиҳату саломат... Боз гуфтанӣ буд, ки худи ӯ ҳам акнун рафта аз паси падараш гирди кундаи ҷувоз мегардад ва дам ба дам мепурсад, ки чашми аспро кушояд, то олами рӯшанро бинад: дар ин зерхонаи торик дили кас заҳр мегирад: дили асп ҳам. Падар фаҳмонад, ки чармро гирифтан мумкин не. Аспи сӯр аз кунда хӯсида бандҳоро пора карданаш мумкин аст...

Ҷовид баъзан ба ваҷд омада сурудҳои аз даҳони падар ёд гирифтаашро хонад:

*Жола, жолае, миёни дарё жола,*  
*Шохат шиканад, чинори панҷосола.*  
*Шохои шикастаат маро абгор кард,*  
*Шаҳрои мусофирӣ маро бемор кард.*

*Як бори дигар Гирмон ба ҷанг мерафтам,*
*Хуни сараша чойник-ба дам мекардам.*

...Ҷовид ба корҳои падараш бодиққат менигарист. Баъзан ҳайрон мемонд, ки чӣ хел зағири лағжон, ки дар каф дорӣ, шорида меравад, дар зери ин тир итоат карда, хамир гашта ва ин кадар сахт шуда равған ҷудо мекунад. Ин асп чӣ сеҳре дорад, ки ин қадар боркунда ва борсанги вазнинро бардошта рӯзи дароз давр занад, вале монда нашавад. Падараш ҳам бо чунин пайкари лоғар, ки рӯз то рӯз логартар шавад, як тири дарозу вазнинро ба китф бардошта, муаллақ дорад ва кунҷораро аз сари тир ҷудо кунад, ба назари ӯ ҳамаи ин корҳо сирре дорад, вале ҳоло ӯ ин сирро нафаҳмидааст. Истода-истода гумон кунад, ки ин корҳо эъҷози нерӯст, ин корҳоро марде анҷом дода тавонад, ки қувваи зиёде дорад: аз ин рӯ ӯ ангушт мушт карда, сахттар фишорад, то пурзӯртар шавад.

Дари ҷувозхона торик шуд ва ҳамон лаҳза садое баромад:

— Салому алейкум, акои Шайдо!

— Ваалайкум ассалом! Биё, Мирзомурод! – ӯро аз овозаш шинохта гуфт Шайдо. – Аҳволат чӣ тавр? Баччаҳо сиҳату саломат?

— Худоро шукр! – гуфт ӯ ва чамида назди оташдон гузашт. – Барои кунҷора омадам, ако.

— Кунҷора кунҷораи колхоз, додарам.

— Медонам, ако, барои говҳои ҷуфтӣ.

— Иҷозат ҳаст?

— Ҳаст, ако!

— Ана, шумурда гир! – рахти каллаҳои кунҷораро, ки мисли сутун ба тани девор рост шуда буд, нишон дода гуфт ва пас аз фурсате боз ба гап даромад. – Худат медонӣ, ҳозир кунҷора ба ҷои нон.

— Медонам ако, медонам, – гуфта ӯ ду калла кунҷора бардошт ва аз дар берун баровард.

— Чанд калла мегирӣ, Мирзо?

— Сита! – ҷавоб дод ӯ ва ба Ҷовид мурочиат кард.

— Шери амакаш, камтар ёрӣ деҳ! Берун бароварда монем, ароба омада мебарад.

— Се сутунашро гир! – гуфт Шайдо ва дастонашро бо латтаи равғанолуд пок кард. Баъд аспи аз бори вазнини ҷувоз раҳо кардаро ҷилав кашида, берун бароварда, нӯхтааш дар шохи тут баст ва баргашта равғани чобаро ба чалак гардонд. Дар таги чоба равған нигоҳ дошт ва чун говбон кунҷораҳоро берун баровард, дари ҷувозхонаро қуфл зада ҳамроҳи писараш ба роҳ даромад.

— Ҷовид!

— Лаббай!

— Амаки Аюбат дар миёндаштӣ ба ту чӣ гуфта буд?

— Аз аҳволи Нозим хабар гир, намон, ки касе ба ӯ расад, гуфта буд.

— Ягон бор хабар гирифтӣ?

— Не.

— Ма, ин чобаро гиру рафта бин, ки чӣ ҳол доранд. Чобаро холӣ карда биёр!

Шайдо аз дарвоза надаромада Ҷовид, гӯё ки касе ӯро таъқиб карда бошад, бо ҳалми сӯхта расида омад.

— Холӣ карда омадӣ?

— Не... Оқсақол ҳамон ҷо будааст, надаромадам.

Шайдо як по даруни остона ва пои дигар берун бозистод. Баргашта ба писараш нигарист. Ба маънии савол нигарист, ки Абдул он ҷо чӣ кор мекунад. Вале фикри баччаро парешон накарда, гапро ба дигар тараф бурд:

— Хуб кардӣ, ки надаромадӣ, пагоҳ мебарӣ, – гуфт ӯ ва каллааш банди хаёл пои дигарашро ҳам даруни дарвоза гирифт. Аюб пеши назараш омад. Гуфтаҳои ӯ дар ҳаққи оқсақол ба хотираш расид. Ҷангҷол ва рӯзи аскарӣ рафтани Аюб ҳам аз лавҳаи хотираш гузашт ва ду чашмаш ду Абдулро дид: Абдули бародар ва Абдули оқсақолро. Ӯ бори дигар гардан тофта ба Ҷовид нигарист, то пурсад, оқсақол дар куҷо буд ва чӣ кор мекард, вале ба ҷои ин аз даҳонаш гапи дигар баромад: – Хайрият, ки надаромадӣ... Бинад, мегуфт, ки равғани колхозро медузданд.

«Он рӯз мегуфт, ки ман акнун бояд ғами ду рӯзгорро хӯрам, – сӯҳбати пеш аз ҷувозкаш шуданашро ба хотир овард ӯ. – Гумони ман, ки ӯ ғами додарзодаҳоро хӯрда чунин гӯяд. Шояд... Пеш аз соли нав онҳоро хабаргирӣ омадагист. Аҳвол пурсидагист, камбудиашонро донистан хостагист. Наход, ки... Занаки бечора итоаткораш бошад?! Дил надорад? Ёди шавҳар, меҳри фарзанд намегӯяд? Наход ҳама занҳои ҷанговарон помол шуда бошанд?... Ҳумм... – Шайдо аз бемадорӣ қадам зада натавониста, рӯи ғулачӯби чормағзи паҳлӯи оғил нишаст ва боз банди хаёл шуд: – Пас сабаби ин қадар ҷонкоҳонию аз ҷанг боздоштани бародар чист?.. Барои даҳони халқро пӯшидан? Назарфиребӣ? – Худ аз худ дили Шайдо беҷо шуд. Аз шинел ва аз баданаш бӯи кунҷора меомад. Ӯ то ин вақт чунин хел бӯйҳоро чандон фарқ намекард: ё аз бӯй дилбеҷо намешуд. Тугмаҳои шинелро кушод, аз тан кашид. Ба банди дилаш ҳавои тоза расид, вале ранги рӯяш канд.

— Ба ту чӣ шуд, Шайдо? – аз ошхона баромада пурсид Соро. Ҷовид дар паҳлӯяш буд. – Чаро ин ҷо шишта мондӣ?

— Монда шудаам, ки дамам гашт.

— Гушна будагистӣ?

— Шояд... – кӯтоҳ ҷавоб дод ӯ ва каме ҷунбид, ки қоматашро рост кунад. Дилаш сих зад. Аз нав фурӯ нишаст, чашмонашро ба дарвоза тофт.

— Хез, дар хона дам мегирӣ, – аз китфи рости ӯ бардошт Соро ва аз китфи чапаш Ҷовид гирифт.

Шайдо табассум карда хест. Соро пай бурд, ки табассумаш сохта... Ҷонбаромад... Шайдо ба хона надаромада, хоҳиш кард, ки Соро зери айвон шоле партояд, то ӯ дар ҳавои кушод дам гирад.

— Ту бояд хоб кунӣ, Шайдо.

— Баъд хоб меравам, Соро. Ҳаво дигар шуда истодааст, шояд борад. Аз ин рӯ баданам ланҷ. Тарбод барин... – зану фарзанд осуда карданӣ шуд Шайдо.

— Ҷовид, ҳо Ҷовид! – аз паси дарвоза касе фарёд кард.

— Ҳӯ-ӯ! – ҷавоб гардонд Ҷовид.

— Додотро гӯй, рафта ҷувозхонаро мекушодаанд! – дарвозаро нимроғ карда гуфт баччае.

— Додом бетоб, рафта наметавонанд!

— Ман надонам, оқсақол гуфт! – бачча дарвозаро пӯшида рафт.

Шайдо ба ҳамин аҳвол ҳам хеста рафтанӣ буд, вале занаш намонд. Баъд Шайдо калидро ба писараш дароз карда гуфт:

— Ма, бар канӣ, чӣ кор дорад.

Ҷовид калидро гирифта яктоз аз дарвоза баромад...

Бо шасте, ки рафта буд, баргашта омад.

— Чӣ гап, писарам? – ба ҷои шавҳараш пурсид ӯ.

— Оқсақол мегӯяд, ки ба баччаҳои Аюб нимхӯрд[1] равған бурда деҳ.

— Бурдӣ? – каме сарашро боло карда пурсид Шайдо.

— Не.

— Ана ҳамин равғани чобаро бурда деҳ, – гуфт ӯ ва сарашро боз ба лӯла гузошт.

— Ин дунёро нафаҳмидем, Шайдо, – пурдард гуфт Соро.

— Ин дунёро кӣ фаҳмидааст, ки мо фаҳмем?

— Охир, худаш повестка дода, додарашро ба ҷанг фиристоду акнун...

— Мон ин гапҳоро, Соро. Аюбро касе нафиристодааст, худаш рафт.

— Ту ин ҷо набудӣ, Шайдо, намедонӣ, қариб хунрезиҳо шуда буд.

— Ман аз ту ҳоҳиш карда будам, ки ба баду неки як кас кордор набош, надонистаю нафаҳмида ҳар гапро нагӯ!

— Ман гапи бад нагуфтаам, Шайдо. Фақат хостам, ки ту аз ин сирру савдо огоҳ бошӣ.

— Огоҳ набуданам хубтар...

---

1. 500 гр.

Соро ҷим шуд. Оҳиста-оҳиста дастонаш суст шуданд. Чун дар хоб дастонаш дар миёни Шайдо бозмонданд.

Шайдо ҳам хомӯш. Андеша дорад, вале Соро гумон кунад, ки аз гапи ӯ хафа шуд. Шайдо як нафаси дароз кашида пас аз хеле вақт ба гап даромад:

— Чаро одамон замонаро ганда кунанд, бад гӯянд? Гапи рост гӯӣ, ҳақро гӯӣ, ганда шавӣ... Мо як полковник доштем, Соро. Як зайл гапаш ҳамин буд, ки «ҷӯраҳо, хиёнат дар сухан намешавад: худо гӯед, ки дилу мафкураи одам вайрон набошад»... Инро фақат ба ту мегӯям, Соро... Дилу ният, ки вайрон шуд, ҳоҷати гап нест. Ин дар ҳама бобат, Соро: хоҳ дар кор, хоҳ дар рӯзгор. Дилу ният эътибор, забон як лахт гӯшт. Саҳл оташаш тезтар шавад, месӯзад.

Ҷовид аз дарвоза ҳофизӣ карда даромад. Баробари лангари гашташ чоба албонҷ хӯрда «ғиҷ-ғиҷ» садо мебаровард. Соро хам шуда шинелро ба болои Шайдо кашид ва баҳузур шуд, ки боз ба ошхона даромад. Ва пой аз остона дарун монда ангушти ҳайрат газид: «Агар ӯ аз гушнагӣ бемадор шуда бошад, ман чӣ кор карда тавонам?» Вале ҳушу ёди Шайдо ба дигар тараф банд буд ва баробари расидани Ҷовид пурсид:

— Гирифт?

— Гирифт.

— Чӣ гуфт?

— Ба коса гардонду «очат нағз, додот нағз?» гуфта пурсид.

Шайдо гапро кашол надода, «Ҳа-а...» гуфт ва гӯё ки имшаб барвақт хоб рафтанаш лозим бошад, сар ба болин гузошт...

## 11

Шайдо мурғфарёд аз хоб бедор шуд. Чашм кушод, ки хона торик, моҳтоб пушти кӯҳ гузаштааст, равшанӣ надорад. Хеле ба тиреза нигарист, чизе нанамуд. Ба дари бози хонааш ҳам нигарист, чизеро надид. Фақат бонги хурӯсе ба гӯш расид ва аз дурие хурӯси дигаре ҷавоб гардонд, ки аранге шунид. Ӯ майдони ҷангро пеши назар овард. Аз сад аҷал халос хӯрда амон монданаш аз лавҳи хотир гузашт ва баданаш ларзид. Аз чунин ҳолат завҷааш бедор шуда «Ҳу?» гуфт, вале Шайдо худро ба хоб андохт. Соро хотирҷамъ шуда боз хоб рафт. Шайдо боз чашм кушода, ба шифти хона назар кард, ки шояд васса ва ё болореро бинад. Пеши назараш дар фазои торики хона ҳалқачаҳои зарду сафед гузаштанд. Шабаҳҳо зиёд буданд, аз тор меафтиданд, дар кодокҳо мечаспиданд, ба ҳамдигар бархӯрда нобуд мешуданд, ба ҳаво бадал мегаштанд. Ва боз гӯӣ ӯ ба касалии домана гирифтор шуда бошад, устухонҳои зиёде, косахонаи сар, дандонҳои дароз-дароз ӯро парешон мекарданд. Устухонҳо низ ордакӣ, сахт, зағора ва ковок буданд. Раиги

шалғамӣ, хокистарӣ, қаҳрабоӣ ва ҷигарӣ доштанд. Гӯё ин ҳама дар устухонҳои бадани ӯ ҷо шуда танашро ланҷ карда буданд. Ӯ охирин бор аз Киев то Житомир рафта, худро сармо занонда, дар госпитал бистарӣ карданашро хаёле пеши назар овард. Боз дигарон: оқсақол, Аюб, оилаи ӯ ва бечораи модари Зариф хаёлашро парешон карданд. Вале ҳама чизҳои пеш аз устухон дидааш фаромӯш шуданд, зуд фаромӯш шуданд. Акнун дар бораи Соро ва Ҷовид фикр кунад. Одамони хуби дар фронт дидаро ёд оварад. Раисро бо онҳо муқоиса бикунад... Хаёли ӯ дар хоби писараш даромад магар, ки паҳлӯ гашта дандон соидан гирифт. «Асабӣ шудааст, баччаи бечора», пичиррос зад ӯ ва ҳамин садои пасти ӯ тамоми шабаҳҳо ва устухонҳоро, ки мисли шабпаракҳои ранга сақфи хонаро тор метаниданд, аз назар дур кард. Шайдо низ паҳлӯ гашта ва андаке сар бардошта аз болои сари зан ба писар назар андохт. Ӯро дида натавонист ва боз оҳиста сар ба болин гузошта ба андеша рафт: «Пагоҳ чӣ мешавад, пагоҳ?... Дигар аз пайи асп гашта натавонам, чӣ мешавад? Мардум ба умед, ки... Не, мадор шавад, боз ҷувозро гардон хоҳам кард, вагарна калидашро бурда медиҳам, то ҷувоз хоб наравад».

Дили Шайдо сахт фишор ёфт, ки боз рӯболо шуд. Якбора мисли тифле, ки гириста-гириста, хап шуда, оқибат беихтиёр як нафаси кашишдор гирифта бошад, сари сина пур аз ҳаво карда, то зан бедор нашавад, нарм-нарм сар дод...

— Чаро хоб намекунӣ, Шайдо? – пурсид Соро.

— Ту чаро бедорӣ?

— Маро парешон кардӣ, Шайдо. Ин чӣ гап аст?

— Аюб маро аз хоб бедор кард.

— Ту ҳоло ҳам зану бачаҳои ӯро фикр мекунӣ?..

— Не, Соро. Ман фикр мекунам, ки агар ман набошам...

— Шайдо?! – сар аз болин бардошт Соро.

— Не, ман гуфтанӣ, ки агар аз ҷанг барнамегаштам...

— Ту ягон гапро медонӣ, Шайдо!

Шайдо ба ин сухани занаш ҷавобе надода даст бурда, сару рӯи ӯро сила кард ва баъд тарафаш кашида ба банди дилаш гирифт. Соро рӯй ба рӯи шавҳар монда, бароҳаттар хоб карданӣ шуд, вале ҳис кард, ки аз байни торҳои риши ӯ бӯи равғани зағир меояд. Бештар онро шамидан гирифт, чунон аз бехи гӯши ӯ бӯй кашид, ки гӯё ҳаргиз серӣ надошта бошад: баъд даст ба гирди сари ӯ ҳалқа гардонда, сахт дошт. Чунон намуд, ки касе шавҳари гумкарда аз нав ёфтаи ӯро рабуданист: аз ин рӯ ӯ сахт доштааст, то аз даст надиҳад. Соро рӯй аз рӯи шавҳар бардошта, қаъри чашмони ӯро дарёфтан хост. Вале дар хонаи торик на танҳо қаъри чашмони ӯ, балки сару рӯяшро ҳам дуруст надид. Соро бо лабонаш рӯю пешонӣ ва гардани шавҳарро сила кард, торҳои мӯйлаби ӯро ҷудо карда як-як зери дандон гирифт. Шайдо гӯё ҳамин чизро ҳам ҳис

накард. Ҳеҷ завқе надошт. Тани тафсони Соро ва навозишҳои ӯ низ шавқу ҳаваси ӯро бедор карда натавонист.

— Чӣ ин қадар хаёл мекунӣ, Шайдо? Аз ҳамин ҷо истода ҷангро яктарафа карданӣ ҳастӣ?

— Фикр намекунам, Соро. Худ аз худ ҳамин хел шавад. Ин порсол пайдо шуд. Як зайл дар бораи Ҷовид, дар бораи... (Ӯ ту гуфта натавонист) дар бораи шумо фикр мекардам, оқибат хаёлӣ шудам. Барои ҳамин баъзан ба хаёл рафта монам ва ягон гапро зуд сарфаҳм наравам, наранҷ.

— Ту маро фиреб мекунӣ, Шайдо, фикрат дигар аст.

Имрӯз худи Шайдо хоҳиш кард, ки Ҷовид ҳамроҳаш равад. Вай як сари қадам ба идораи раиси ҷамоат даромаданӣ шуд, вале ӯ набуд. Онҳо ҷувозхона рафтанд. Аввал ба саисхона даромада аспро овардан̄ӣ шуданд. Саиси пирсол Мирзоҳасан аспро қашав ва хорумол мекард.

— Ин қадар барвақт? – баъди салому алейк пурсид пирамард. – Ба ягон кас равған лозим шуд?

— Не, амак! Худам ҳам нафаҳмидам, – худро халос карданӣ шуда осон ҷавоб дод ӯ ва рафта ресмони сарафзори аспро аз сутун кушода берун овард. Аспро аз ҷӯй об дод ва ҷувозхона даровара ба гардани он кӯчан андохта ба ҷувоз баст ва фармуд, ки ин пагоҳ ҷувозро Ҷовид гардонад.

— Чу! – аспро тозиёна зад ӯ ва асп пойҳояшро тир карда боркундаи вазнинро пеш кашид. Шайдо зеркундаи ба таги боркунда мондаашро аз пайраҳа бардошта ба бехи девори ҷувозхона такя гузошт ва аз паси писараш гаштан гирифт. Тир зағири лағжонро ба суфаи рӯи кунда парешон карда буд. Тораҳои пахоли зағир намоён шуд. «Ҷамъ кун, писарам!» гуфт Шайдо. «Дастам намерасад», ҷавоб дод Ҷовид. «Остинатро боло кун, мерасад, ту калон-ку!» гуфта худ бо дасти чап, ки ҳаргиз рӯи офтобро надида, қаҳработранг метофт, зағирро ба зери тири гардон кашида, баъд дароз шуда аз лаби марза чойҷӯшро гирифт ва ба зағир як панҷа об зада омехт.

Гӯё оҳангсозе танҳо се ҳиҷои оҳангро ба нота гирифта, дигар вақт наёфтааст, ки навозанда ҳам нахоҳад, ки ин асари эҷодкорро такмил диҳад. Ба такрор навозаду навозад: «Ғӣ-ға-ғу, ғӣ-ға-ғу».

Зағир лабакӣ дод. Ҷовид мисли падараш лабакиҳоро шикаста зери тир гузошт, вале дар пеши тир фишор хӯрда таровидани равғани сиёҳрангро намедид....

— Монда шудӣ, писарам? – по ба по печидани ӯро пай бурда пурсид Шайдо.

— Не! – як қад парида ҷавоб дод писар ва ҳушёр гашта аспро тозиёна зад. Як бор ба тарафи падараш нигарист ва бардам-бардам қадам гузошт. Баъд хост суруд хонад. Чанд бор даҳон пур кард, вале оҳанги ҷувоз аз хаёли ӯ авлотар буд. Бо вуҷуди дарунӣ

замзама карда, оҳиста-оҳиста баланд гирифта буд, ки падар аз сари марза фуромада, зеркундаро аз такяи девор гирифта ба рӯи пайраҳа партофт ва чун боркунда бар он бархӯрда каме ба пеш лағжонд, «дурр» гӯён аспро боздошт... Равған гирифт ва боз аспро тозиёна зад. Ӯ ду-се гирди кунда гашт ва ба писар гуфт: «Ҷувозро гардондан гир, як берун баромада оям».

Шайдо аз ҳавои намноки ҷувозхона, ки рӯзе чанд дақиқа чашми офтоб аз дар ба дарун нигоҳ мекунад, берун баромад. Дилаш ба танг омад. Бори нахуст пай бурд, ки шинел баданашро хӯрад. Гиребони шинелро ба сари китф ба тахтаи пушт тела дод ва мисли паҳлавонон сақфи сина боз карда рафтан гирифт. Аз пеш пайдо шудани касеро дида китф зада гиребони шинелро боло кард ва ҳамон лаҳза ҳис кард, ки мӯяҳои он гарданашро озор диҳанд. Гумонаш, ба гиребон ахгул рехтааст. Гардан пок кард, нашуд. Дар лаби ҷӯй даст тар карда гардан шуст, каме осуда шуд: аз нав ба хориш даромад, бетоқат шуд. Лаҳза ба лаҳза гарданак зада, гиребони шинелро ба қафо тела медод, вале ҳис накард, ки ахгул дар гиребонаш на, балки дар асабҳои ӯ пайдо шудаанд...

— Мумкин? – оқибат ба дари ҷамоат расида пурсид ӯ.

— Ҳа!

Шайдо ҳама гап ва ҳатто саломро фаромӯш карда дар дами дар рост монд. Ҳайрон, ки чаро ин марди пурраро, ки рӯзҳои аввал Шайдо бепарвотарин одами ҷаҳон дониста, ба сурхии рӯи ӯ тааҷҷуб дошт, имрӯз чунин лоғар мебинад: лунҷҳояш овезон, аз рӯяш тарҳ мондаасту бас. Чашмони барҷастааш фурӯ рафтаанд. Дар ришаш сафедӣ афтидааст. Ва ҳатто сурхии ришаш акси сурхии рӯяш будааст, ки имрӯз бӯрранг тобад. Каллааш ҳам, ҷуссааш ҳам хурд шудаанд.

— Ба бачаҳои Аюб равған фирист, гуфта будам!

— Фиристодам, – ҷавоб дод Шайдо ва илова кард: – Саҳар як сари қадам даромадам, набудед.

— Гап буд?

— Гап ҳамин, ки ман дигар мадори гирди ҷувоз гаштан надорам...

— Ту чӣ хелин одамӣ? – шӯрид Абдул. – Дар майдони ҷанг барои ту ҷой набошад, мувофиқи хоҳишат кор ёфта диҳам, маъқул нашавад, боз чӣ кор кунам? Ё барои таги пои мана кофтан аз ҷанг гурехта омадӣ?! – рост бархест ӯ.

— Чӣ?! – Шайдои гӯё тамоман аз ин гапҳо бепарвою оромгашта мисли шири дег дамид. – Чӣ?! Чӣ гуфтӣ? Як бори дигар гӯй! Ман таги пои туя кофтам? Магар то ин вақт поятро мустаҳкам монда будӣ? Хато кардӣ, пойро ба замин ширеш кардан лозим не, балки онро устувортар мондан лозим, қозизода! Ҳар ҳукме, ки то ин вақт баровардед, бекор!

— Не, ҳоло не! То ту гум нашавӣ, бекор нагардад.

— Гардад... шавад. Агар зӯри ҳеҷ кас нарасад, худам туро аз миён бардорам. Бо ҳамин дастонам. Мебинӣ! – панҷаҳояшро чанг карда сӯи ӯ майл овард Шайдо. – Мебинӣ?! Дар ақибгоҳ низ душман будааст, барои ҳамин ман гашта омадам, гургзода! – Шайдо тамоман аз худ рафта буд. Ӯ пай набурд чӣ кор карданро. Дар сараш ҳамин хаёл буд, ки ба гулӯи Абдул панҷа занад, хафа кунад, аз пой афканад ва берун рафта ба мардум бо овози баланд гӯяд, ки...

— Мурданат гирифтааст, – гуфта Абдул каме худро қафо кашид ва аз рӯи чаҳорпоя санги сиёҳи чормағзшиканиро гирифт, то баробари чанг андохтани Шайдо ба фарқи сараш фурорад.

Чашми Шайдо ба қайроқи дасти Абдул афтид ва ҳама кардаҳои ӯ пеши назар омад: рӯ ба рӯяш як одами манфуру қаллобро дид ва суханони ба Соро гуфтаи ӯ дар гӯшаш садо дод: «Ту розӣ бошӣ, шавҳаратро аз ҷанг чеғ зада меорам». Шайдо аз худ бурун рафта буд, худдорӣ карда намешуд. Курсиеро, ки навакак Абдул аз рӯяш хеста буд, бардошт, вале ба фарқи сари ӯ зада натавонист: курсӣ ва дасти болошудаи ӯ дар фазои хона, болои сари Абдул муаллақ монд. Баъд курсӣ аз дасти ӯ афтид ва дасти ӯ беихтиёр ба сари синаи чап рафта, дилашро доштанӣ шуд. Шайдо ҳис кард, ки тори мӯй барин чизе андаруни дилаш канда шуд, мадори ӯро суст кард ва барои ҳамин курсӣ аз дасташ афтид, вагарна сари Абдул солим намемонд.

Дари идора кушода шуд ва Абдул тарсида, қайроқи дасташро ба замини хона партофт. Баробари қайроқ Шайдо низ ба замин афтид.

— Ба ту чӣ шуд, Шайдо!? – Холбибӣ – бригадири участкаи сеюмро дами дар дида фарёд зад Абдул.

— Чӣ гап, оқсақол? – Холбибӣ низ ҳайрон монда пурсид ва мунтазири ҷавоб нашуда барои бардоштани Шайдо хам шуд. Ӯ дид, ки Шайдо дудаста дилашро сахт медорад. «Чӣ шуд, Шайдо?» саволи оқсақолро такрор кард Холбибӣ.

Шайдо чашм кушода Холбибии овозадорро болои сараш дид ва ба аломати «ҳеҷ гап нашудааст» сар ҷунбонд. Вале Холбибӣ ба гапи ӯ бовар накард, дар пушти миз, пеши пои Абдул курсӣ ва қайроқи афтидаро дид ва чашми ғазаболудашро ба сару рӯй ва чашмони оқсақол дӯхт. Оқсақол аз нигоҳи ӯ ҳеҷ чиз нафаҳмид магар, ки «ҳеҷ гап не, ҳозир бардошта ба хонааш мебарем» гуфт ва озими аз берун чеғ задани ёваре шуд.

— Лозим не! – ӯро боздошт Холбибӣ. – Ба худ ояд, худаш меравад.

Абдул аз ин гапи занак ҷон гирифт. Гумон кард, ки ӯ низ ба чунин ҳол афтидани ӯро хоҳад: Шайдо азоб кашад ҳам парвое надорад.

— Ба ман ягон кор доштӣ, Холбибӣ? – «Мурдаро монда, тутхӯрӣ» пурсид Абдул.

— Не, садои мағали шуморо шунида даромадам, – бепарво ҷавоб дод Холбибӣ.

Дасту пои Абдул суст шуд. Холбибии зирак ин ҳолати ӯро пай бурд ва ба ӯ рӯй овард:

— Ана акнун ту ист, ман рафта одамонро ҷеғ занам, ки ин мардакро ба чӣ ҳол овардӣ.

— Холбибии ҷон, пеши пот мурам, ман ба ин даст нарасондаам, – ӯро боздоштанӣ шуд Абдул.

— Ин чӣ аҳвол? – ишора ба Шайдо кард Холбибӣ.

Шайдо нахост, ки маншаи онҳо давом кунад, дасти росташро аз рӯи сина бардошта канда-канда гуфт:

— Монед, апаи Холбибӣ, ҷа... ҷазои инро ҳукумат.... давлат... ди-диҳад. – Ва азми хестан кард. Холбибӣ аз зери бағали ӯ бардошт, зӯраш нарасид. Абдул низ ёрӣ кард.

Шайдоро хезонданд, вале ӯ қадам монда натавонист. Дукаса аз зери бағалаш гирифта, аз дар берун бароварданд. Дар кӯча касе набуд, ки ба онҳо ёрӣ диҳад. Ӯро бар санги сари кӯча нишонданд. Холбибӣ ба Абдул чизе нагуфта ба роҳ нигарист, то ягон саворае ояд, улавашро гирифта, Шайдоро савор карда то хонааш барад.

— Бачча дар ҷувозхона танҳо, – оҳиста ба Холбибӣ гуфт Шайдо.

— Ана худаш меояд, – ба Ҷовиди тозон омадаистода ишора карда гуфт Холбибӣ ва ҳамин ки Ҷовид ба онҳо наздик шуд, ранги рӯи падарашро дида, ба чӣ мақсад омаданашро ҳам фаромӯш карда, ҳайрон гоҳ ба Холбибӣ менигарист ва гоҳ ба падараш. – Аз ун тарафаш гир, мебарем. – Аз зери бағали рости Шайдо бардошта гуфт Холбибӣ, вале қасдан ба Абдул чизе нагуфт.

— Пуштора гирам, додо? – мадори гаштан накардани падарро дида пурсид Ҷовид.

— «Не», – сар ҷунбонд падар.

— Зӯрат мерасад? – аз ӯ пурсид Холбибӣ.

— Мерасад.

— Не-не! – рад кард Шайдо.

— Хайр, ҳамту секаса меравем, – кӯдакро ба роҳ меандохтагӣ барин гуфт Холбибӣ.

— Апаи Холбибӣ, ман нағз, саллот аз пой афтад ҳам, дилғеҷ меравад, – каме бозистода гуфт Шайдо. – Ҳазор раҳмат, апаҷон, ташвиш накашед.

— Ту ба ман корат набошад, қадам зан! – қатъӣ гуфт Холбибӣ ва майли Шайдоро ба пеш тела додан кард ва истодаю қадам зада Шайдоро то хонааш бурд. То дар ҷогаҳ хобондани ӯ нигоҳ карда истод ва аз Соро ҳазор ташаккуру таманно шунида баргашт...

Шайдо дах рӯз начунбида хобид... Ҳоло ҳам тири ҷувоз дар тирдони рӯғанхонаи кундаи ҷувоз аст. Зӯри Ҷовид нарасидааст, ки онро канад. Дар ин дах рӯз Холбибӣ чанд бор ӯро хабар гирифт ва ин занаки аз кору бор сиёҳгашта ҳамчун муҷассамаи некӣ пеши назари ӯ буд. Ва шояд барои ҳамин ӯ писарашро аввалин бор имтиҳон карданӣ шуд, ки одамшинос аст ё на:

— Ҷовид!

— Лаббай, додо!

— Ту медонӣ, ки одамон чӣ хел мешаванд?

— Медонам, додо: ганда ва нағз.

Шайдо аз ҷавоби писар қаноат накард, ки боз пурсид:

— Донӣ, ки бад чун шаваду нек чигуна?

— Донам, додо. Бад бадӣ бикунад, нек – некӣ.

— Ва донӣ, ки одами бад нағзӣ ҳам карда тавонад ва одами нағз – бадӣ?

— Не... Ба ғайри модарам касеро надидаам, ки дар набудани шумо ба ман нағзӣ карда бошад.

Шайдо имтиҳони баровардааш пушаймон шуд, ки боз хомӯш монд. Дертар барои фикри писарро ба мардум дигар кардан афзуд:

— Писарам, дар зиндагӣ одамони бад каманд. Ҳамаи онҳое, ки касро ҷанг карда «ин корро накун, ин хел нашав, рост ист, рост шин, рост гард, рост гӯ, рост шунав, duздӣ накун, беҳудагардӣ накун, роҳи зиндагиро ёд гир, аз калон пеш нагузар, ба калон пешхезӣ макун, гапи калонро нагардон, миёнарав нашав, рафиқатро нафурӯш...» мегӯянд, ганда нестанд ва ҳар касе, ки ноҷокории туро дида чашм пӯшид ва ба ту сухани хуб гуфт, як пора қанд дода даҳонатро ширин кард, нағз нест. Ҳамин чизро мулоҳиза бикун, писарам...

— Магар дар бораи ман ягон гап шунидед?

— Не... Ту акнун калон шудаӣ, аз дастат кор меояд. Дар майдони ҷанг ту баринҳо партизанӣ мекунанд, – гуфта як нафаси дароз кашид ва боз гапашро давом дод: – Аз ман ба ту ҳамин монад, писарам...

❂ ❂ ❂

Шайдо, ки ҳамроҳи писараш сӯи ҷувозхона мерафт, дар назди идораи колхоз ин қадар одам ҷамъ омаданашро дида ҳайрон монд. Аҷиб, ки мардони пиру миёнсол на: занҳое, ки чодару рӯймол ба сар кашида чизеро интизоранд. Ба назар, аз ягон ҷо муҳоҷир омада, дар назди идора ҷою манзил ҷӯянд. Вале Шайдо аробакаши парешонро дида ҳайрон монд, ки чаро мардуми Ҷари Сурх хонахез ба ин ҷо омадаанд.

— Чӣ гап, Бобо? – ба аробакаш салому алейк карда пурсид Шайдо.

— Ҳамту? – гуфта чизеро паноҳ дошт ва боз ба гапаш давом дод: – Одамӣ, аз они худ гуфта, рӯю риё кунад. Як деҳи калон ҷилави як касро кашида наметавонед. Маҷбур, ки дигарон ин корро кунанд.

— Кӣ? Чӣ? – масъаларо равшан карданӣ шуд Шайдо.

— Кӣ мешуд? Абдул.

— Барои ҳамон гандум?

— Не, гап дигар, – Шайдоро ба як тараф кашид ӯ. Шайдо пай бурд, ки дастони мардак меларзанд.

— Бобо! – раиси колхози «Байрақи сурх» аз дари идораи раиси колхози «Жданов», ки ҳар ду ба ҷамоаи А. дохил буданд, баромада ӯро ҷеғ зад ва Шайдо таги гапро нафаҳмида, Бобо рафт. Шайдо то баромадани ӯ нигарон истод. Бригадир баромада халқро бархезонда сӯи деҳаи Ҷари Сурх нишеб карданӣ шуд, вале халқ рамаи хуфта барин наҷунбид. Шайдо пай бурд, ки ягон масъалаи аз гандум ҳам муҳимтар рӯй додааст. Ва боз фикр кард, ки дар ин шароити вазнини соли ҷанг аз гандум вазнинтар чӣ масъалае шуда тавонад. «Чӣ гап, додо?» сад бор нӯги забон меовард Ҷовид, ки аз падар пурсад, лекин худдорӣ мекард. Ба рангу рӯи падар нигарист, ки чаро барқсифат тағйир ёфт: одаме, ки он қадар ҷаҳли зиёд надорад, абрӯ гиреҳ кунад ва дандон сояд. «Оқибат фаҳмиданд, кӣ будани ӯро донистанд» аз дил гузаронд Шайдо, аммо писар фикри ӯро нафаҳмида, ҳайрон, ки чаро падар ин қадар асабӣ.

Шайдо боз баромадани Бобои аробакашро нигарон истод. Аробакаш дер баромад. Ҳамроҳи раисашон чеҳракушода баромаданд. Раис чизеро фаромӯш кардааст, ки боз даромад. Бобо назди халқ истода чизеро фаҳмонд. Шайдо ба ӯ наздик нашуд. Вале худи ӯ, арз доштагӣ барин, назди Шайдо омад. «Одам набудааст, ин ҷамоатат» гуфт ва Шайдо ҳайрон монд, ки чаро «ҷамоатат» гӯяд. «Падари ӯро Абдукарим гӯянд, – боз ба гап даромад ӯ, – мемонад, ки сум кашӣ...»

— Чӣ гап? – оқибат тоқат накард Шайдо.

— Дина деҳаи мо рафта будааст. Як арӯсро дида пурсупос кардааст, шавҳарашро пурсидааст. Арӯсак оқсақол будани ӯро дониста «шӯям дар ҷанг» гуфтааст. Баъд беимон ӯро ба гап гирифта ваъдаҳо додааст, ки шавҳаратро аз ҷанг мегардонам. Арӯсак омада ба падараш гӯяд, ӯ хито гашта, деҳаро кӯчонда овардааст.

— Абдул ҳам дар назди раис?

— Не... Абдукарим ҳамту намемонад. Ту мардуми моро медонӣ, як даҳан гап бас, олама чаппа кунанд.

Шайдо ҳеҷ чиз нафаҳмид: «гап дигар будагист...Барои ин гап оташ гирифтан... кӣ медонад...»

Абдукарим аз дар баромад, риши мошубиринҷи муғулӣ дошт. Он қадар фарбеҳ не. Қоматаш рост. Ҳоло ҳам аз ҷаҳл нафаромада буд. Пилки чашмонаш аз ғазаб сурх шуда буданд. «Аз кор ги-

рифтан ё нагирифтанат алами маро паст накунад: адабашро деҳ, адабашро... Ба ҷанг фирист, ҷарима андоз, ана баъд мефаҳмад.. Ин чӣ гап? Канӣ ман рафта ба аёлу фарзанди ӯ ягон чиз гӯям, ҳамту мемонад? Ҳ-еее!» – аламаш тозатар мешуд. Аз зина фуромад. Гӯӣ танҳо омада бошад, ба ҳамроҳон чизе нагуфта сӯи дашт нишеб шуд. Дигарон ҳам аз паи ӯ нишеб шуданд. Раисашон ҳам баромад. Раис – Нусрат ӯро гусел кард...

Шайдо ҳамроҳи чанд нафар мардони кӯҳансол дар кӯча истод, ба гапу муҳокимаҳои онҳо гӯш дода, шарик нашуда истод. Як нияти назди раис даромадан кард, аммо дар чунин лаҳза муносиб надида ба Ҷовид ишора кард, ки ба ҷувозхона не, балки ба хона равад. Худ низ аз паси писар оҳиста-оҳиста қадам зада рафтан гирифт. «Боз Абдул аз ман надонад?» аз содагӣ чунин фикр кард ӯ ва ғамӣ гашт...

## 12

«— Ҷовид-у, Ҷовид!» аз беруни дарвоза садои зане баромад. Соро бели оҳан дар даст аз оғил баромада ба садо гӯш дод: «Ҷовид-у, Ҷовид!».

— Ҳуу! – ҷавоб гардонд Соро ва сӯи дарвоза рафт. Занаки аз дарвоза сар даровардаро дида, – Биё, очаи Нозим, биё! – гуфта ба дарун хонд. – Сиҳат саломат?.. Аз акаи Аюб ягон хабар нест?

— Хабар нест, апаҷон... Ба кор?

— Ҳа, побел будааст, – белро каме бардошта гуфт Соро.

— Ман ҳам бояд равам, локин наметавонам... – гапаш дар гулӯяш монд ва баъди чашм ба чашм шуда ҳасратолуд ба ҳамдигар нигаристанашон Саврӣ муддаояшро гуфт: – Апаи Соро, агар Ҷовид бекор бошад, ҳамроҳи Нозими мо ба кор мерафт...

— Намедонам, додош ҳам нотоб, ба ҷои он кас ҷувоз мегардонад...

Шайдо, ки аз мақсад огоҳ шуда буд, Ҷовидро ҷеғ зада пурсид:

— Амаки Аюбат дар миёндаштӣ аз ту ягон хоҳиш карда буд?

— Ҳа, – сар ҷунбонд Ҷовид.

— Ин хел бошад, ҳамроҳи Нозим ба побел меравӣ.

— Шумо? – ноҷӯрии аҳволи падарро дар назар дошта пурсид Ҷовид.

— Ман нағз, писарам, Нозимро гиру ҳамроҳи модарат рав. Белро гир.

Модари Нозим дар таги дарвозахона аз Шайдо рӯй пӯшида меистод. Вақте ки розигии онҳоро гирифт, «Ман рафта гӯям, Нозим бароядь» гуфта аз дарвоза берун шуд.

Соро, ки як пора зағораро дар остини саргирак андохта тори сар ниҳода буд, барои ду кас кам гуфта, аз хона як пораи дигар гирифт.

Нозиму Ҷовид се рӯз ба ҷои Саврӣ ба побел рафтанд. Баъд худи Саврӣ беҳӣ ёфта ба побел баромад.

Дар ин миён дар колхоз навиҳо шуд. Шайдо гумон надошт, ки ба ин зудӣ Абдулро аз кор мегиранд. Абдулро гирифта ба ҷояш Холбибиро раиси ҷамоат таъйин карданд. Холбибӣ занакест, ки нахӯрад. Баланд-баланд гӯяд: чунон баланд, ки дар як тарафи деҳа бо касе манша кунад, дар канори дигари деҳа овози ӯро шунаванд. Ӯро фарқ надорад, ки зан ё мард, ҳар касе бошад, гапашро гӯяд. Якбора се писараш ба ҷанг рафтааст... Раис Нусрат ҳам одамашро ёфта ба ҳукумати ноҳия тавсия кард. Замоне, ки Нусрат директори мактаб буд, Холбибӣ ба талабаҳо алифбо меомӯхт. Баъдтар аз мактаб баромад. Ба колхоз гузашт, қатори мӯйсафедон дастаи омочро байни синаҳои дӯлаш (ба қавли мардум) дошта, ҷуфт ронд, баробари хурду калон дарав кард, бригадир шуд ва ниҳоят деҳхудо. Акнун бо овози баландаш деҳоти чанд вақт ба хоб рафтаро бедор мекунад. «Зан ҳамин қадар шавад, бало бошад, ҳамин қадар будагист. Табиат хато карда Холбибиро зан офаридааст, агар мард меофарид, як мамлакатро сарварӣ мекард». Халқ – бало. Ҳама чизро зуд фарқ карда тавонад. Холбибӣ дар як гузар, ки бригадаи сеюмро ташкил мекард, сардор буд, акнун ба як ҷамоаи калон – раис. Қанд зану ба гапи ӯ гӯш накун. Ҳама итоаташ кунанд: бисёриҳо аз ҳурмат, баъзе гарданкашҳо аз тарс. Ҳадди касе нест, ки гапи Холбибиро ду кунад. Ҳама ӯро шиносанд ва иҷиқу биҷиқи хурду калонро ӯ хуб донад. Аз бало – як газ боло. Фақат маълум нест, ки Абдул дар ин хусус чӣ фикр дорад? Холбибӣ ҳоло ҷим, ба ӯ кордор нест, лекин ӯ занаки ҳамту мемондагӣ не. Вай оҳиста-оҳиста ҳама корро идора мекунад. Чуноне ки овозаи бригадаашро дар колхозу район баровард, ҷамоаю колхозро чунин карданист. Холбибӣ дид, ки кор ба «ҳой-ҳой!» намешавад, як позаи плуги шикастаро ёфта, оварда дар пеши айвони чойхона овехт. Акнун ба воситаи он мардумро ба кор даъват кунад. Саҳари баланд як сангро гирифта се бор ба поза занад ва мардум садои занги ӯро шунида ба роҳ бароянд. Дирӯз эълон шуда буд, ки мардум имрӯз барои кандан ва тоза кардани ҷӯи Боғи Гарон мераванд.

Мардум – пирамардон, занону кӯдакони аз дасташон корой назди чойхонаро гузашта ба саҳро мерафтанд. Холбибӣ миёни кӯча истода, ҳар нафарро салому алейк карда, ба кор мегуселонд. Як сари қадам ба идора даромад ва Нусрат-раисро диду бо ҳамин вазифаи идоравиаш тамом шуда ба сари кор рафт. Мардум қадди ҷӯй мисли симчӯбҳои телефон, ки аз фронт гап оварда ва аз ақибгоҳ ба фронт хабари некиҳои мардумро мебурда бошанд, қатор кашида буданд, вале онҳо мисли симчӯбҳо наистода, ҳаму

рост шуда каланд мезаданд. Холбибӣ аз як сар назорат карда мерафт, сар-сари ҷӯй мерафт. Мӯзаҳои сиёҳи ӯ, ки банди пои фарбеҳашро таранг медошт, рӯи хоки нав аз ҷӯй канда берун партофта садо намекарданд. Бригадирҳо низ кор мекарданд. Наврӯзи якдаста ҳамаро дар ҳайрат мегузошт: аз ягон кор қафо намемонд. Холбибӣ бо ӯ хеле гапзанон кард ва баъд назди бобои Ниёз ва Саврию Ҷовид, ки дар канортар буданд, рафта, ҳолпурсӣ кард, «ҳай-боракалло» гуфт ва гузашта сӯи Боғи Гарон, ки боғоташ ва заминаш ба чаҳор бригада тақсим шуда буд, уреб шуд. Ӯ нақшаи кори рӯзи ояндаро мекашад.

Ҷовид дергоҳ аз паси ӯ нигарист ва бо ҳама занҳое, ки мешинохт, Холбибиро муқоиса кард. Афти ӯро, кори ӯро, рафтори ӯро, баъд дар дилаш «мард барин» гуфт. Фақат ҳайрониаш ҳамин, ки чаро ин занак ишқор зада, мисли Чинӣ-ҷӯгӣ дандонҳояшро сипсиёҳ кардааст. Вале ҳайронии дигарон дар ин, ки чаро Холбибӣ бел ё каланди ягон касро гирифта кор накарда, гузашта рафт.Ӯ чунин одат надошт. Шояд аз бозгашт ин корро кунад?

Сабаби Боғи Гаронро давр зада омадани Холбибиро касе надонист. Аз рӯи гуфтаҳо Боғи Гарон, ки боғҳои одамон буд, баъди ба колхоз гузаштанаш «аз бобоямон мондагӣ» гӯён дарахтонашро решаков карда мебурданд. Холбибӣ ҳамин чизро донистанӣ шуда хапу дам ҳамон тараф рафта омад ва рост назди Наврӯз рафта каланди дасти ӯро гирифт:

— Ман худам, оқсақол, – гуфт Наврӯз ва ранги рӯяш канд, ки гӯё гуноҳе карда ба даст афтида бошад.

— Ҳеҷ гап не, як дам шин. Каланди бобои Ниёзро мегирифтамуу... – Холбибӣ «у»-ро кашол талаффуз кард, тахмин ҳамон вақт андеша дошт, ки ягон гапи беҷо гуфта Наврӯзро хафа накунад. Ба ҷои ин мардона каланд ба осмон бардошта, ҷӯйро лабшон кард ва белдорҳоро фармуд, то чиму хокро тез-тез берун партоянд.

— Ассалом! – садои кӯдаконае омад. Ҳама ба саломи ӯ алейк гирифтанд ва диданд, ки писараки резапайкари пойлуч рост ба Холбибӣ нигоҳ карда истод. Холбибӣ низ ин ҳолро дид ва каландро даруни ҷӯй монда назди ӯ рафт: «Гап дорӣ?» пурсид Холбибӣ.

— Ҳа, – сар ҷунбонд писарак.

— Чӣ гап?

— Справка лозим.

— Чӣ хел справка?

— Справка, ки ман писари Нарзулло. Падарам ҷанг рафтагӣ, дигар... – чизе гулӯи писаракро гирифт ва ӯ суханашро гуфта натавонист.

— Справкаро куҷо мебарӣ?

— Детдом.

Холбибӣ сукут карда монд ва баъди хеле вақт боз пурсид.

— Ман туро хонаамон барам-чӣ?

— Не... Кас дар детдом хонад, одами зӯр мешудааст.

— Ин гапро ба ту кӣ гуфт?

— Ҳама мегӯянд.

— Ниятат қатъӣ?

— Ҳа.

— Хайр, барои писари хуб буданат меравам, вагарна ҳама донанд, ки идораи ҷамоат аз соати шаши пагоҳ то нӯҳа кор мекунад.

Гӯё писарак ҳамаро лаҳзае дам дод ва онҳоро ба андеша андохта рафт.

Пирамард ба кафи дастонаш туф карда ба ҳам соид ва баъд дастаи каландро дошта ва ҳамчунон қоматаш дол каланд зад. Ҳама баробар каланд мезаданд. Ҷовид озмуд кард, ки дар як каланди пирамард ду каланд мезанад, вале чӣ хел, ки пирамард хокро зиёд партояд: кори ӯ баччагона, ҳавои корро надонад, зӯри беҳудааш бисёр...

Ба нонхӯрак баромаданд. Рӯи сабзаҳои канори ҷӯй нишастанд. Пирамард дар ҷои кандааш якпаҳлӯ зада, такя бар девори ҷӯй дод. Аз афти кор, ӯ чизи хӯрданӣ надошт, ки рӯй аз офтоб гардонда, китфи чап дар чашми он дошта буд. Ҷовид ин ҳолати ӯро дида ба Саврӣ нигарист. Саврӣ саргираки ба сари ҷӯй гузаштаашро гирифта, аз остини он як порча нон баровард. Ҷовид низ миёнбандашро кушода ним зағораро паҳлӯи он гузошт ва пирамардро ҷеғ зад:

— Бобо, оо бобо! Биёед, нон хӯред!

— Дилам намекашад, баччем! – андаке сар бардошта ҷавоб дод пирамард.

— Бечора, монда шудааст, – изҳори дилсӯзӣ кард Саврӣ.

Саврию Ҷовид низ рӯи сабза нишастанд. Ҷовид ба дашти фарох, ки лолахасакҳо пӯшонда буданд, зеҳн монда, завқ бурд. Ва беихтиёр ба осмон нигарист. Осмон ба назараш он қадар дур наметобад. Ба қуллаи қаторкӯҳ барой, мисле ки сақфи хона бошад, онро дастмол бикунӣ. Офтоб ҳам наздик ва равшану гарм. Дар наздику дур сабзаҳо аз насими сабуксайр мурғак меравaнд. Ва ҳамин ки онҳо ба як тараф майл оварданд, рангашон аз ранги сабзаҳои наздик фарқ мекунад. Онҳо офтобро акс гардонданӣ шуда бештар ба ранги оина монанд мешаванд. Саврӣ ҳам ҳамин манзараҳоро дид ва имрӯз ба назараш он қадар табиат зебо ва хуш намуд, ки дили ноумедгаштаи ӯ андаке гарм шуд.

Ҷовид як назар дид, ки дар кунҷи лаби Саврӣ хаёле табассум пайдо шуд. Ва ӯ нонхоиашро боздошт, то табассуми зебои лабони ӯро нашиканад. Саврӣ зеҳн монда ба ӯ нигаристани Ҷовидро чандон пайхас нарафт. Ҷовид ҳам ҳамин ки занак ба сӯяш рӯ тофтанӣ

шуд, чашм ба дастархон дӯхта нон хоидан гирифт. Ҷавонзан ба пирамард, ки ҳоло ҳам якпаҳлӯ зада мехобид, нигарист.

— Ташна намондӣ, Ҷовид?

— Мондам.

Пирамард сар бардошта ба онҳо нигарист ва «Писарам, хӯ дар таги яктаки ман об ҳаст» гуфта паҳлӯи буттаро ишора кард.

Ҷовид ба занак нигарист, ки рафта биёрад, ё не. Саврӣ ба ӯ ишора кард, ки барои об равад ва Ҷовид аз ҳеҷ чиз нахӯрдани пирамард хафа будагӣ барин «Бобо, ҳамроҳи мо нон намехӯред, мо ҳам аз обатон намехӯрем» гуфт. Пирамард ноилоҷ бархеста, аз зери яктак кӯза ва аз қабати он зағораи курмак бароварда рӯи фӯта гузошт ва гӯё, ки дар ин солҳо танҳо ӯ зағора мехӯрда бошад, чунин изҳор кард:

— Ду сол боз баҳор вазнин меояд. Дар ин вақт ҳаммаҳо холӣ мешаванд... Лекин мегузарад. Ҷангро тамом кунем...

Пирамард боз чизе гуфтанӣ буд, вале суханаш дар даҳонаш монд: чанд нафар зан дастархон бардошта назди Саврӣ омаданд. Боз омаданд. Мӯйсафедон омаданд. Давра калон шуд. Бобои Ниёз даст пеш ёзонда ба дастархон ишорат кард, ки нон гиранд. Ҳама хомӯш буданд, як-як ба Саврӣ чашм дӯхта, мегирифтанд. Вале чизе намегуфтанд. Ҷовид нигоҳи ҳамаро мушоҳида мекард, ки кадомӣ ба Саврӣ чӣ зайл менигарад. Нигоҳи ӯ баробари нигоҳи дигарон ба сӯи Саврӣ рафта меомад.

Чошт тамом шуда бархеста бошанд ҳам, то каланд ба кор задан Ҷовид аз Саврӣ чашм намеканд. Ӯ фикр кунад, ки занак акнун чӣ мекарда бошад? «Рафту шавҳараш дер ояд? Рафту омадани шавҳарашро интизор нашуда, ба ягон кас расад? Баъд фиреб хӯрад... Чанд вақт гузашта шавҳараш ояд, бе по, бе даст, маҷрӯҳ шуда... Он гоҳ?...»

— Холаи Саврӣ?

— Ҳа.

— Акнун чӣ кор мекунед? – ба андешаҳояш ҷавоб гирифтанӣ шуда пурсид Ҷовид.

— Кор, ҷони хола, кор. Мардум чӣ коре кунанд, мо ҳам...

Ҷовид хаёл дорад, ки Саврӣ ба кӣ ва ба кадоме аз занҳои шиноси ӯ монанд бошад? Вале наёбад. Дар чеҳрааш чизе ҳаст, ки ба Соро монанд, вале Ҷовид намедонад, ки чӣ монандиест. Дурусташ, Саврӣ ба ягон кас монанд не, ин хел занакро Ҷовид надидааст, фақат дар афсонаҳо шунидааст... Баҳодурон ва шоҳзодагон барои ин гуна занон сар бохтаанд. Вале чаро барои Саврӣ касе ин корро накунад? Савриро шавҳараш намемонд, ки кор кунад. Ҳама корро худам мекунам, мегуфт. Рашк мекард, ки рӯи ӯро касе набинад. Намехост, ки чашми бегона ба баёзи гардан ва холи сиёҳи аз нармии гӯши чап як ангушт поёни ӯ афтад. Ҳоло ӯ куҷо донад, ки занаш баробари мардон ҷӯй меканад, кори саҳро мекунад, бори рӯзгор

мекашад ва хизматаш аз хизмати ҳар саллоти майдони ҷанг кам нест. Мардуме, ки дар ин ҷо кор мекунанд, ҳарбу зарби майдони ҷангро надидаанд, вале худашон он қадар меҳнат мекунанд, ки ғалабаи Ҷанги Ватанӣ ба кору меҳнати онҳо вобаста бошад. Кори онҳо вақт ва соати муайян надорад.

## 13

Зери айвон ҷогаҳ густариданд. Ҷогаҳи Ҷовид аз ҷогаҳи падару модар ягон се-чор ваҷаб дуртар буд, Баччаи калон, дуртар хоб равад, беҳтар. Модараш ҷогаҳи ӯро ҳарчи шафаттар андохтан хоҳад, вале ӯ шарм карда, аз лаби пӯстаки чаппагардонда дошта, дуртар кашад. «Ситораҳоро бинам» гӯяд. Ва ҳаққо, ки ӯ он хел баччае нест, ки баробари ба ҷогаҳ даромадан хобаш барад. Тамоми ситораҳои гӯшаи осмонро, ки аз боми айвон берун мондаанд, як-як мешуморад, баъд ки ба назари худаш, ситораҳо тамом шуданд, аз байни онҳо, аз қаъри пардаи тирафоми осмон кадом ситорачаеро пайдо кунад, ки яке намояду гум шавад, намояду гум шавад. Ҳоло дилаш танг шуд, ки бо китфаш лӯларо тела дода ба марзаи айвон наздиктар бурд, то осмонро кушодтар ва ситораҳоро зиёдтар бинад. Баъд аз ин кораш хиҷолат кашида, дам ба дарун дошта, гӯш дод, ки падару модараш хоб рафтаанд ва ё чӣ кор кардани ӯро тамошо доранд. Баргашта ба онҳо нигарист. Равшании ситораҳо чашми ӯро бурда буданд, ки рӯи онҳоро ба зудӣ надид.

— Оча? –бедор ё хоб будани онҳоро донистанӣ шуд.

— Ҳа!

— Дар осмон чанд ситора бошад?

— Чӣ қадаре, ки дар рӯи замин одам ҳаст.

— Одамон мемуранд-ку?

— Ситораҳояшон ҳам мемуранд, ҳӯ канда шуда аз осмон меафтад-ку!

— Ана ун ситораҳои калон-калон, ситораи Шом, Корвонкуш, ситораи Субҳ ҳеҷ гоҳ канда намешавад?

— Не.

— Соҳибони онҳо намемуранд?

— Не. Онҳо ситораҳои бузургон.

— Ситораи аз ҳама калон ситораи кӣ?

— Хап хоб рав, писарам! Одам шаккок намешавад.

Ҷовид рӯй тофта андаке ором истод, вале хуни тез ба ҳаракат омадааш ӯро ором нагузошт.

— Додо!

— Ҳа!

— Дар ҷанг ҳам ситораҳо бисёр мепарранд?

— Дар он ҷо фурсати ба ситораҳо нигоҳ кардан нест, писарам.

— Агар одам ситораи худро шиносад, мемурад?

— Чӣ-ба имшаб ин қадар сергап шудӣ? – ба ҷои ҷавоб тез шуда гуфт Соро.

Ҷовид ба саволи модар ҷавоб нагуфта якпаҳлӯ гашт ва боз ба ситораҳо рӯ овард: «Ана ҳу вайяш ситораи ман. Ҳамун равшанаш, инаш, калонаш... Не, нашинохтам... Ана ин пурҷилояш... боз нашинохтам. Ситораи ман ин ҷо набудааст.. Ана, ҳӯ-ӯ вай ситораи дури танҳо – ситораи Саврӣ: танҳо як худаш, ҳатто намеҷунбад, намехандад, ба худ гирифтор, хафа. Аниқ, ситораи Саврӣ буданаш аниқ...»

— Ҷовид!

— Ҷовид!

Ҷовид гӯё нашунид, ҷавоб надод. Ӯ чашмони худро ба ҳар навъе ки хоҳад, хурду калон, тангу кушод карда, ситораҳоро ба ҳазор ранг дидан хоҳад...

Баъди фурсатҳо, даруни чашми ӯ пур аз ситора ва симои зебои Саврӣ, хобаш бурд.

## 14

Онҳое, ки аз Абдул некӣ дида бошанд, гӯянд, ки «оқсақол» ҳайф шуд ва онҳое, ки аз ӯ бадӣ дида бошанд, гӯянд, ки дар ҳаққи ӯ кам аст. Вале касе нафаҳмад, ки Абдул аз чӣ рӯ ба писараш Мӯсохон монанд нудааст? Чашм ба чашм шаванду «ота, чумчуқ!» гуфта баробар завқ кунанд. Ва баъзан хумори чизе гирифта Абдул бархоста баромада равад. Рост рафта дари идораро кушояд, ки Холбибӣ шиштааст, оҳиста дарро пӯшида баргардад. Баъд ба паноҳгоҳе рафта сӯгворӣ кунад, вале сабаби гиряву хароб шудани ӯро касе нафаҳмад. Рухсораҳои тарангу сурхи ӯ заъфаронӣ шуда, пӯсти гарданаш мисли пӯсти гардани фили пир пурчин тобад. Риши аввалааш нест. Пири деҳа бобои Мушфиқ ин ҳамаро аз танпарварии ӯ донад. Вале Холбибӣ (ба қавли баъзе касон) ба ин чизҳо кор надорад. Дар вақташ кард, акнун бояд кашад, гуфта ӯро ба кори колхоз даъват кард. Вале ӯ гардан кашид. «Магар ту надонӣ, ки ман ту барин мардҳоро хӯрда, қай мекунам? Шӯхиатро бо ман накун!» гуфта байни мардум кашола кард. Абдул ноилоҷ монд. Зеро ӯ аз ин зан тарсад.

— Ӯ, писари Мӯсодароз! – хитоб кард Холбибӣ аз паси ӯ, вале Абдул ношунида ангошта, нигоҳ накарда рафт. – Ӯ, ба ту гӯям, худата ба карӣ назан! Пагоҳ занатро гирифта ба кор баро!

— Чӣ-чӣ?! – якбора бозистода пурсид Абдул.

— Занатро гирифта ба кор баро! – овозашро баландтар кард ӯ.

— Худам бароям ҳам, ҷон гӯй! Зани ман ту барин...

— Чӣ, зани ту сарнукраи пойтиллост?

— Не, вай кор намекунад...

— Аз давраи азои Оимхон маро буз кашида бароварданат аз ёдат рафт? Худи пагоҳ ҳар ду ба кор бароед, агар не, кӯчатро бардор!

— Ман омада нестам, ки кӯчамро бардорам...

— Омада набошӣ ҳам, меравӣ! Дар ин деҳа набояд касе бекор монад... Чӣ, фақат занҳое ба кор бароянд, ки шавҳар ба ҷанг фиристодаанд? – сахт гӯяд Холбибӣ.

— Ман намедонам!

— Надонӣ, бидон, ки пагоҳ бояд ҳамроҳи занат ба кор бароӣ, вассалом! – пушт гардонда рафт Холбибӣ.

Абдул рӯзи дигар ҳам ба кори колхоз набаромад. Холбибӣ боз сабр кард, ки шояд рӯзи дигар барояд ва баъд аз интизорӣ бригадирро гирифта ба хонааш рафт. Абдул ҷанҷол бардошт. Холбибӣ аз гиребонаш гирифта ба кӯча баровард. Одамон ҷамъ шуданд.

— Чӣ, магар ӯ ҳам гуреза шудааст? – садо омад аз байни издиҳом.

Абдул як назар Шайдоро дид ва гумон кард, ки ин гапи ӯст. Вале раиси ҷамоат ба каси дигар нигоҳ карда ҷавоб дод.

— Ин гурезаи ду олам – ҳам фронту ҳам ақибгоҳ.

Абдул якбора такон дода худро аз дасти Холбибӣ раҳо кардан хост.

— Туро радди маъракаэълон мекунам, баъд ҷазоятро халқ диҳад, – гуфт Холбибӣ.

Абдул як ба чашми Холбибӣ нигарист ва тамоми дӯғу пӯписае, ки вақти раиси ҷамоат буданаш ба мардум мезад, ба ёдаш омада ҷуссааш ларзид, китфонаш бардошта шуданд, пуршаст худро аз дасти ӯ раҳо кард ва ба атроф нигарист. Ва худро дар иҳотаи мардум ҳамчу мурғи ба об афтида дид. Ногаҳ чизе ба хотираш зада, сӯи Холбибӣ хитоб кард:

— Ман ба падарам кор накарда ба ту кор кунам?!

— Ба ман кор накун, барои худат кор кун. Гуфти Шайдо: кӣ туро раиси ҷамоат таъин карда буд?

Абдул дамбадарун роҳи хонаашро пеш гирифт...

❂ ❂ ❂

То дарав вақти зиёд буд. Шайдо писарашро ҳамроҳ ҷувозкашӣ бурд. Ӯ аҳд карда буд, ки дигар ҷувоз накашад. Модари гирди кунда гаштан ва тири ҷувоз кандан надорад, вале аз хоб хеста худро каме бардам ва сабукрӯҳ дид, сипас аз аҳдаш гашта, назди касе нарафт: зеро хоҳиши раисро рад кардан нахост. Ба назди ӯ рафта «ҷувозатро гир, дар заҳи ҷувозхона бемадортар шудам» нагӯяд. Ба назди оқсаҳоли нав ҳам наравад. Ӯ – занак, баъд Абдул димоғашро сӯзонда, рафту ягон гапи беҷо гуфта монад, як умр

аз дили Шайдо наравад. Хубаш, пои дарозкардаашро накашад. Канӣ, гирди кунда гаштан гирад, оқибаташ чӣ шавад? Ё кунда кафад ё тир!

Шайдо тири ҷувози якумро канд, дуюмро бо ёрии Ҷовид канд, вале ба сеюмаш зӯраш нарасид. Пеш аз тирро ба сари китфи рост монда, бардошта, ба сақфи ҷувозхона тир кардан дилаш таҳ зад, баъд, вақте ки тирро харпанҷа карда, зӯр зад, ки барканад, пойҳояш ларзиданд, дар дилаш ҳам як дардро ҳис кард. Сару баданашро арақ фаро гирифт. Ӯ оҳиста худро қафо кашида тирро уреб гузошт ва ба дори сақф нигарист, ки тирро чӣ зайл дорад.

— Ҷовид, ҳӯӯ Ҷовид! – базӯр ба гӯши писарак расид ин овоз.

Ӯ тохта даромад ва дар ҳавои тираи ҷувозхона пай бурд, ки дар рӯи падараш ранг намондааст.

— Ҳа?! – ба маънои «ба шумо чӣ шуд» садо баровард Ҷовид.

— Тирро канда наметавонам.

Ҷовиди шонздаҳсола чӣ кор карданро надониста, «ман ёрӣ медиҳам» гуфтагӣ барин ба суфаи рӯи кунда баромад ва пойҳояшро ба ду канор кушод гузошта, бо мадади падар тири уребро ба сақфи баланди ҷувозхона рост кард. Баъд болотар аз дасти падар рӯ ба рӯ истода, тирро оғӯш карда, харпанҷа андохт ва нигарон шуд, ки падар садо барораду баробар зӯр зада тирро кананд:

— Як, ду, се! – паст-паст садо баровард Шайдо ва ҳарду ба як маром зӯр заданд. Тир бардошта нашуд. – Як, ду, се! – боз нашуд. Шайдо зӯр надошт. Ҷовид пойҳояшро ба рӯи кунда тиргак гузошта зӯр занад ҳам, бе зӯри падар ҳеҷ канда нашуд. Шайдо бо остини куртаи хокиранги аскариаш арақи пешонӣ пок карда баъд оҳи пурдард кашид. Оҳи ӯ ба гӯши Ҷовид сахт расид. Дар дили ӯ хорӣ овард. Мадораш рафт ва харпанҷаро кушода, қомат рост кард. Сипас худро ба нодонӣ зада, ҳалқаи дорро, ки вазни тирро бардошта меистод, молидан гирифт. Худ ба худ ба хулосае омад, ки дар кандани тири дуввум зӯр зӯри падараш будааст.

Шайдо охирин қувваашро ҷамъ карда тирро аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар такон дода, кунҷораро ковок кардан хост. Вале тир бо кунҷора баромад. Ба назараш сари кунҷора мисли мискулоҳи душман, ки ба даруни хандак рӯболо афтида бошад, ба ҷунбиш омад. Ва баъди ин ба кунҷора нигоҳ карда наметавонистагӣ шуд. Ӯ як лаби кунҷораро, ки каме ковок шуда буд, бо нӯки тези мисрон зада, шикаста гирифт ва ними дигарро ковок карда, ба писар фармуд, то аспро кушода бурда ба саис супорад.

Баъди рафтани писар Шайдо дари ҷувозхонаро қуфл зад...

Шайдо ду-се рӯз дардро ба гардан нагирифта бошад ҳам, оқибат бистарӣ шуд ва дуру дароз хоб рафт. Пӯсту устухон гашт. Вале ҷуз худаш дарди ӯро касе намедонист. Сиёҳ шудани пардаи

шуши ӯро дар госпитал муайян карда, ноилоҷ ӯро ҷавоб доданд, ки шояд дар зодгоҳаш бахри дилаш кушояду саломат шуда равад. Дили ӯ бештар офтобу ҳавои тоза мехост, вале ӯ ба андешаҳои зиёд ҷувозро гардон кард, ки оши мардум явғон намонад, ана акнун ба ин ҳол афтод. Соро барои ӯ шуда аз шабдарави он тарафи Зарафшон монд. Ба ҷои ӯ Ҷовид рафт. Ҳама шаббош буданд, ҷуз чаҳор-панҷ занаке, ки тифлони ширмак доштанд. Онҳо саҳари барвақт як санг роҳро пиёдаю хараки тай карда ба дарав мерафтанд ва танҳо пеш аз ғуруби офтоб бозгашт мекарданд. Саврӣ шаббош буд. Баробари ҷавонону пирон меҳнату ғайрат мекард. Ягона каси наздики ӯ Ҷовид буд. Ҷовид, ки шинели падарашро ба ҷои кӯрпа ҳамроҳ гирифта буд, вақти хоб як лаби онро ба рӯи кӯрпаи Саврӣ мепартофт, то хунук нахӯрад. Баъд чанд бедаҳан ӯро масхара карда изо доданд. Ҷовид худро дур кашид, вале Саврӣ ба ӯ фаҳмонд, ки мардакҳо ҳазл мекунанд, то ту гиря кунию онҳо ханданд.

Ҷовидро ба об фиристоданӣ шуданд, вале Саврӣ намонд: «Зарафшон хунталаб аст, бачча об гирифта наметавонад» гуфт. Ҷовид мисли даравгарони пуртаҷриба ба як маром дарав намекард, то қувваашро барои бегоҳ ва шабдарав сарфа кунад. Ӯ тез-тез даравида, як қомат рост мекард ва ё дарди миёнашро рафъ карданӣ шуда аз миён болоро ба пушт майл медод: баъзан нишаста дарав кардан мехост, вале аз масхараи мардум канора ҷуста дандон ба дандон монда, ҳар қадар зӯр дошт, сарф мекард.

Ҷовид аз паҳлӯи чапи Саврӣ дарав мекард. Аз паси онҳо Нозим дарзаҳоро ҷамъ карда рӯи бандина мегузошт. Ҷовид низ дарзаро болои бандина гузоштанӣ шуда як ба Саврӣ нигарист. Вай абрӯгирифта буд. Мӯи сарашро сахт печида, то гарду ғубор нашинад. Вале ба назари Ҷовид дигар намояд: гӯё ӯ нахоҳад, ки дар чунин ҳусну латофат касе мӯи бармаҳал сафедшудаи ӯро бинад. Рӯзҳои пеш рухаш заъфаронӣ шуда ва зери пӯсташ заҳир гашта буд, акнун ба вуҷуди абрӯгирифта буданаш суп-сурх тобад ва чунин намояд, ки тамоми ҳарорати офтоб ва нури заррини он дар зери пӯсти ӯ ҷо шудааст. Саврӣ гандумро қабза-қабза дошта, дос кашад. Вале дар ҳар доси кашидааш касе ё чизеро нафрат кунад. Ҷовид бинад, ки баъзан манаҳ ва баъзан лабу абрӯи ӯ ҷунбанд. Ӯ дар дил чиҳое гӯяд, вале исрор накунад: касе нафаҳмад, ки ӯ чӣ гӯяд. Ҷовид ҳар боре дарзаро рӯи бандина гузоштанӣ шавад, як-як ба одамон нигарад. Ягон кас чизе нагӯяд, гӯё гап зананд, монда мешуда бошанд ва ё ҳама гапашонро гуфтаю шунидаанду акнун дамзанон кардаанд.

— Холаи Саврӣ? Чаро ҳама дам?

— Надонам, – лабонашро каме дӯр карда, дасти чапро пушт майл дода ва неши досро баробари ҳаракати лабу даст ба осмон рост карда гуфт Саврӣ. Ва диққат дод, ки ҷуз садои пояҳои гандум ва соида шудани хӯшаҳо садои дигаре ба гӯш нарасад. Ба назари

Ҷовид, ҳама бо як нафас пуфакеро дам андохта истодаанд ва ҳамин замон аз дами зиёд пуфак дошт надода торс кафад. Ҳозир, ана ҳозир, неши доси кадоме ба он пуфак мерасаду кафида садояш гӯши оламро кар кунад. Эҳтимол неши доси ҳӯ-ӯ пирамарди канор. Не, ӯ ниҳоят эҳтиёткор, неши доси ӯ нарасад. Ҷавони аз се кас чап ниҳоят беқарор, шояд неши доси ӯ ин хомӯширо вайрон кунад. Аз афти кор, касе ин чизро нахоҳад: нахоҳад, ки як чизи дупа-дурусти даркориро бо неши дос зада кафонад. Ҷовид ҳеҷ чиз нафаҳмид, дар кучои ин замини лалм ин хел пуфаки азим истода бошад. Ва онро кӣ дам карда ба ин баландӣ оварда бошад? Ниҳоят ӯ дарёфт, ки пуфак дар ӯ, дар гулӯи ӯ пайдо шуда буд. Ӯ забонашро ба коми хушк часпонда макид, ки ба даҳонаш луоб пайдо шавад, то ба воситаи он пуфаки дар гулӯяш дармондаро фурӯ барад. Вале забони ӯ ба коми хушк часпид. Ӯ як ба Саврӣ нигоҳ кард, ки ин чизро гӯяд, вале худдорӣ кард. Неши досро ба замин зада, сӯи ғарами бандҳо рафт ва об хӯрданӣ шуда кӯзаро бардошт. Ба гӯшаш аз даруни кӯза садои Зарафшони шӯх омад. Ӯ ҳайрон шуда гӯш наздиктар бурд. Дар ҳақиқат садои рӯд меомад. Ҷовид сирри ин чизро нафаҳмида, ба зер нигарист. Ӯ на садои рӯдро шунид ва на худи онро дид. Ногоҳ аз ҳамӣ саворае боло омад. Яқин кард, ки ӯ обкашон аст. Дур, ки буд, нигарон нашуда, бо ҳалқи хушк сӯи дарав рафт.

— Чӣ ҷӯӣ, Ҷовид? – парешонии ӯро пай бурда пурсид Саврӣ.

— Ташна мондам, об набудааст.

— Об набудааст?

— Не, кӯза холӣ, шояд, ҳӯӯ, ана он савор об биёрад?

— Ҳа, боз каме тоқат кун, ҷони ман.

Ҷовид хам шуд, ки досро гирад, вале дар пеши гандуми нодарав доси ӯ набуд. Баъд дид, ки досаш хеле қафо монда Саврӣ тобаи ӯро ҳам даравидааст. Ҷавон ба сӯи занак чунон нигоҳе афканд, ки аз он ҳазору як маъниро хондан мумкин буд.

Саврӣ ба нигоҳи ӯ эътиборе надода, калон-калон қабза гирифт.

— Миннатдор, холаи Саврӣ!

— Ин кори якҷоя, ҷони ман, як кас, ки рафт, каси дигар аз тани ӯ бояд даравад.

Ҷовид ба сӯи савор нигарист. Хари ӯ лаванду лоғар мегашт. Савор бо тамоми овоз суруд мехонд, вале чӣ мехонд, намефаҳмид: «Ҳой-ҳой». Ҷовид як назар ӯро ба Мӯсохон монанд кард. Дигар нигоҳ накарду хам шуда як қабза гандум гирифт, вале тоқат накарда боз рост шуда сӯи савор нигарист. «Худаш» зери лаб пичиррос зад ӯ ва баъд киноямез ба Саврӣ гуфт:

— Хешатон меояд!

— Кадом хешам! – қоматашро рост карда пурсид Саврӣ.

— Нигоҳ кунед, мешиносед.

Саврӣ ба савор нигарист ва баъд ба Ҷовид рӯ гардонд.

— Ҷовидҷон, рафта фаҳм, ки барои чӣ омадааст? – худдорӣ карда натавониста, хоҳиш кард Саврӣ.

— Ман пеши он ҷинӣ намеравам. Нозим равад.

Саврӣ қатъӣ будани сухани Ҷовидро дониста неши дос ба замин зад ва тарафи савор рафт. Ҷовид хам шуда аввал тобаи Савриро даравид, то доси ӯ ҳам қафо монад. Вале феъли баччагиаш гирифта, чунон девкорӣ кард, ки ҳатто фарёди Савриро нашунид, дигарон ба ӯ гуфтанд, ки ӯро чеғ мезанад.

Ҷовид қоматашро рост карда ба он сӯй зеҳн монд ва дид, ки Саврӣ даст гардонда, ӯро ба наздаш мехонад.

«— Рав канӣ, чӣ мегӯяд!» – ӯро ба роҳ андохтанӣ шуданд: – «Шояд додот ягон гап таъин карда бошад».

Ҷовид бемории падарро ёд оварда, ҳамаро фаромӯш кард ва тохта рафт, то саломатии падарро пурсад, вале ӯро диду боз зуъмаш гирифт. Пурсида натавонист.

«— Ҳӣ!» – нағма кард Мӯсохон ва ба хати секунҷаи дасти Саврӣ ишора кард.

Савриро дил тапид, мактуб дар дасташ ларзид. Хандаи ноҷои Мӯсохон ӯро ба худ овард, ки мактубро ба Ҷовид дароз кард.

Ҷовид мактубро зуд кушода ба хондан даромад.

— Аз кӣ? – пурсид Саврӣ.

— Омадани додом кай буду мактубаш акнун омад, – гуфт мактубро баргашта қат карда зери дандон дошт ва ёрӣ дод, ки бори харро фуроранд. Кӯрпаҳо ва хӯрҷинро аз пушти полон баргирифтанд.

Саврӣ аз хӯрҷин ду дона себ гирифт ва якеро ба Ҷовид дод. Сонӣ аз Мӯсохон пурсид:

— Кӯрпаҳоро барои чӣ овардӣ?

— Ҳо-о ана, дар лаби об дадем меоянд, – сӯи Зарафшон даст ёзонд, вале дар он ҷо касе нанамуд. Ҷовид оҳиста себро ба хӯрҷин гузошт. Саврӣ инро дид, вале вонамуд накард...

Ҷовид ба обканде фуромада ба хондани мактуб сар кард.

«Додари азиз, Ҷовид! Ман аз ту илтимос карда будам, ки калону гарон ҳастӣ, аз Нозими мо бохабар шав, намон, ки касе озор диҳад. Ягон кас гумон накунад, кн онҳо бекасанд. Нозим боақл аст, вале дили нозук дорад, аз як даҳан чаттии беҷо ранҷиданаш мумкнн...

Ҷовидҷон, фаҳм, агар камбудие дошта бошад, ба додот гӯй, ёрӣ диҳад. Худо хоҳад, гашта равам, қаврунашро мегардонам... Нозими маро бибӯс, вале аз номи ман гап назан, ки дилаш об мешавад... Хандаю бозӣ кунед...»

Ӯ ба Саврӣ нигарист, ки аз ин сирр огоҳ нашуда бошад. Саврӣ дар сари дарав буд. Ҷовид мактубро зери тобасанг карда сари

дарав рафт. Ӯ хаёлолуд досро гирифта ба дарав хам шуданӣ буд, ки Искандари ланг аз ӯ пурсид:

— Ҷовид, ӯ барои чӣ омадааст?

— Хамроҳи падараш... Дарав мекардаанд.

— Чӣ-ӣ? Абдул?

— Ҳа, – ҷавоб дод Ҷовид ва каси аз лаби рӯд боло омадаро нишон дода гуфт: – Нигоҳ кунед, ӯ нест?

— Худаш, – тасдиқ кард мардак ва нигарон истод.

Ӯ ба тарафи даравгарон не, балки ба ҷое, ки писараш меистод, нигоҳ карда рафт. Бозистод. Нишаст. Рӯ ба сӯи деҳа овард. Аз рафтораш пайдост, ки сари дарав омадан нахоҳад. Хеле нишаст. Мӯсохон ҳам гардани харро оғӯш карда истод. На сар медод ва на мегузошт, ки ҷонвар наҳорӣ кунад. Омадани падарро нигарон буд. Абдул нишасту нишаст. Шояд ӯ аз одамон шарм дорад. «Савора пиёда нашавад ва фарбеҳ аз гӯшт наафтад» гӯянд.

Рӯз гашт кард, ӯ ҳоло ҳам менишаст ва касе пайдо нашуд, ки назди ӯ рафта ҳол пурсад. Кӣ гумон мекард, ки Абдул ба чунин ҳол меафтад?

Искандари ланг, шояд хотири некиҳояш бошад, лангон-лангон назди ӯ рафт. Абдул аз омадани Искандар магар шод набуд, ки на ҷунбид, на даст дароз кард. Искандари ланг назди ӯ нишаст ва чиҳое гуфт. Баъди хеле вақт онҳо бархостанд ва Абдул то назди писар омада ба ӯ чизе гуфта ва досро гирифта дуртар аз ҷои даравi мардум сари гандуми нодарав рафт.

Ӯ тобаи ҷудо гирифт. Шояд аз рӯ ба рӯ омадан бо даравгарон рӯяш дуд мекард.

Мӯсохон бо ишораи падар харро ба буттае баста, назди ӯ рафт.

Абдул хам шуду рост, хам шуду рост. Дасту дилаш ба қабза гирифтан нарафт. Ӯ миёнашро дошта истод. Аз миш-миши дигарон бобои Ниёз рамуз гирифта, чашм танг карда, зӯр зада ба он тараф нигарист, вале сояи Абдул ва як нафар одами хурдро диду бас. Вале Искандари ланг гаштаю баргашта ба ӯ менигарист. Ба куртааш кайк даромадагӣ барин бетоқат буд.

Абдул то фурӯрафти офтоб сарам-дилам кор кард ва баробари даравгарон сари марзаи гандум баромада нишаст.

Ҳаво торик шуд. Ба луқмаи Искандари ланг бобои Ниёз луқма партофт, ки ганда бошад ҳам, аз они худамон, бароварда партофта нашавад, даъват кунед, ки Абдул назди мо биёяд. Искандари ланг боз ҷониби ӯ рафт. Вале зуд баргашт: «Нест, рафтааст!»

— Ӯ наметавонад, хунаш хобида, кор карда наметавонад, – ба такрор гуфт бобои Ниёз. – Лекин боз меояд, худаш меояд...

## 15

Ҷовид хоб, вале фикраш бедор буд ва фикри бедораш ӯро ҳам бедор кард. Ӯ ҳанӯз чашм накушода ба гӯшаш садои суруде даромад. Касе хунёгарӣ мекард. Гумонаш, хоб мебинад. Дар ин замон кӣ бедард, ки суруд хонад? Кист, ки алами дигарон аз дилҳо рабудан хоҳад?.. Не-е, кадоме радиоприёмники идораи колхозро бардошта овардагист. Вале суруд суруди радио не, халқӣ:

*Ҳар саҳар мехезаму як доси кац бар гарданам,*
*Сӯи гандум меравам, ҳар ҷо ба зону мезанам...*
*Гандуми пурхор бошад, доси худ санг мезанам...*

Ҷовид чашмонашро нимроғ кард. Фазо ба назараш равшан намуд.

Адири рӯ ба рӯ ҳам чунон тобад, ки хуршед шафақи субҳонаашро афканда, ҳоло рух нанамуда бошад. Ӯ дидаашро калонтар кушод, ситораҳо намуданд, дар осмони соф чунон муҷалло буданд, ки касе ангуштариҳои зиёди гавҳарнигинро рӯ ба рӯи офтоб дошта, ба чашм равона карда бошад. Ӯ чанд бор мижа зада худро санҷид, ки бедор аст ё хоб. Пас фаҳмид, ки офтоб набаромадааст, балки ширмаҳтоб аст. Ӯ сар набардошта, каллаашро ба ду тараф ғел гардонд: касе набуд. Ҷогаҳҳо холӣ, ҷо-ҷо ҷомаю чакманҳо бетартиб, таҳ нокарда. Донист, ки ҳама ба шабдарав хестаанд, вале сабаб чӣ бошад, ки ӯро бедор накардаанд. Хестанӣ шуд: «ҳозир-ҳозир». Аммо хоб ширинӣ кард. Агар бархезад, ҳама ҳаловате, ки ҳоло, дар ин нимашабон дар зери шинели падар дорад, гум шавад, махсусан оҳанги суруде, ки зане хонад ва кӣ будани ӯро Ҷовид надонад, ношунида монад. Дар гумонаш сароянда Саврӣ аст, зеро дар байни даравгарон фақат ӯ чунин овози форам дорад. Барои чӣ суруд мехонад? Магар худро шарманда карданист? Ҳама донанд, ки ҳоло сароидани ӯ барвақт аст. Боз дар байни мардум. Танҳо ба танҳо, барои таскини дил бошад, гапи дигар, вале ин зайл баланд хондани зани шавҳарҷудо ғайри қабули ақл. Набошад, кӣ?.. Шояд Шаҳбону бошад, ки пеш аз ҷанг ҳам ягонягон дар тӯйҳои хосаи занона суруд мехонд, вале ӯ ин зайл овози форам надошт. Ҷовид хоболуд аст. Шояд барои ҳамин ба гӯшаш форам расад? Шояд дар ин солҳои наздик, ҳатто баъди аз ҷанг баргаштани падар ҳам, ки ҳофизиро нашунидааст ва ҳоло дар ҳолати хуш ва шаби зебо, ки дар афсонаҳо ҳам кам дида шавад, шунидани чунин овози форами зан барои ҷавонписаре, ки акнун ба зебоии зан ва оҳанги сухану гуфтори онҳо сарфаҳм мерафтагӣ шудааст, аз тамоми ашёю матои рӯзгор қиматтар ва пурқадртар бошад. Бошад, ки ӯ ин овоз овози Саврӣ гуфта ин қадар ҳаловат барад, вале худаш надонад, ки барои чӣ? Шояд барои он бошад,

ки (ба фикри худаш) табиат ӯро ниҳоят мулоҳиза карда, санҷида, баъд сохтааст. Вале дар паҳлӯи тарозуи ҳусн гузоштани ҳузнро ҳам фаромӯш накардааст. Агар ин хел аст, хубтар буд, ки ҳусни ӯро кам мекарду саодаташро зиёд. Наход? Наход, ки ҳамон вақт ҳам ягон гап мебаромад? Наход, ки дар чунин ҳолат ҳам... Кӣ медонад? Шояд он вақт забони мардум ба ҳар гап намегашт ва Аюб ногап намерафт.

Фикрҳои Ҷовид аз сар канда-канда гузаштанд. Ва худаш ҳам дигар тоқат накард, ки дар зери шинел бароҳат хоб раваду дигарон кор кунанд. Ҳис кард, ки мӯяҳои шинел сари синаашро ба хориш оваранд. Пас ӯ якбора рӯпӯшро ба нӯги пой ҳаво дода, ҷаҳида хест ва хам шуда доси зери болин мондаро гирифта, сӯи дарав рафт. Суруд қатъ шуда буд. Фақат садои пояҳоро шикастани досҳо меомад.

Маҳтоб мисли нурполое, ки ба равзанаи гунбади азими руҳандуди минои гузошта бошанд, ба миёни осмон омада буд. Зебо менамуд ба назари Ҷовид.

— Холаи Саврӣ?

— А? – як қад парида ба паҳлӯ нигарист Саврӣ.

— Чаро маро бедор накардед?

— Дилам нашуд, Ҷовидҷон... Дидам, ки ширин хобидӣ. Ҳамроҳи Нозим хоб кунед, гуфтам.

Ҷовид аз байни Саврию Искандари ланг ҷой гирифт ва чанд бор духдида ба мардак нигарист, ки барои ин ҷо даромада дарав карданаш чӣ мегуфта бошад. Мардак нигоҳи маънидори ӯро пай набурд, ки чизе нагуфта, бо шаст дарав кардан гирифт. Аз ин кори мардак Ҷовид гумон кард, ки ба миён даромадани ӯро дида қасдан ин хел дарав мекунад. Хуни ӯ ҳам ҷӯшид, ки мусобиқа барин зуд-зуд дос кашид.

— Дуруст-ку! – дарзаро ба паҳлӯ гузошта гуфт Искандари ланг ва пои ба тарафи Ҷовид дароз рафтаро андаке пеш лағжонда, – Шери амак, ҳушёр шав, ки неши досат ба поям нарасад, – гуфт.

— Не-е! – гуфта Ҷовид аз ин гапи шӯхиомези мардак рӯҳ гирифт ва нафасашро рост кард. Ӯ интизор буд, ки боз суруд мехонанд. Аммо дигар касе овоз набаровард. Аз афти кор, суруди сароянда хотима ёфт, ё худ монда шуд. Ва ё аз такроран хондани суруд шарм кард.

— Холаи Саврӣ?

— Ҳа!

— Шумо суруд хондед?

Ҷовид аз ин саволаш пушаймон шуда, лаб газид, забон хоид, дандон соид. Дараваш суст шуд. Арақ пахш кардаш. Саврӣ хомӯш шудани ӯро дида, ногувории ҳолати ӯро пай бурд, ки:

— Не, ман не... – гуфт ва интизор шуд, то Ҷовид «кӣ» гӯён пурсад, чунин ҷавоб нагирифт, худ илова кард: – Ҳабиба...

Хаёле раги дасти Ҷовид кашид. Досаш пояҳоро набурид.

— Чӣ мегӯед, холаи Саврӣ? – мазмун, занак номи ӯро баланд гирифтааст, ки Ҳабиба шунида, пурсид.

— Не, ҳамту, номата гирифтам.

«Ҳабиба, Ҳабиба!.. Хурд асту ин хел хушхон. Булбул ҳам мурғаки хурд, вале овози хуш дорад...» аз дил гузаронд Ҷовид ва дуздида аз болои қомати хамидаи Саврӣ ба тарафи рост зеҳн монд, ки ӯро мебинад ё не. Рости гап, то алвақт вай таваҷҷӯҳ накарда буд, ки Ҳабиба дар кучо ва ҳамроҳи кӣ дарав мекунад, дар сари қӯш ҳам ба ӯ эътиборе надод, ҳоло гапи Саврӣ як даста оташ барин дар дили ӯ ҷо шуд. Ӯ ба он тараф нигаристу духтаракро надид ва боз як сатил оби сард алангаи дили ӯро хомӯш кард. Ин ҳам айби нигоҳи ӯст, ки Ҳабибаро кофта-кофта наёфта, боз ба Саврӣ бархӯрд. «Холаи Саврӣ дурӯғ мегӯяд: ин овози Ҳабиба набуд ва баъд вай изо кашида, ин хел хонда наметавонад...»

— Чӣ мегӯӣ, Ҷовид? – гӯё аз таги дили ӯ бохабар бошад, пурсид Саврӣ.

— Ҳеҷ... Мегӯм, ки вай хонда наметавонад.

— Не, бешӯхӣ ҳавай.

Ҷовид ба гапи Саврӣ бовар кард ва дигар худро бепарво вонамуд. Як бор ба маҳтоб нигарист, ки аз тори сарашон гузаштааст. Ва ҳамин хел рафтан гирад, то дуродур расида ба шиносони аз чашмҳо дур салом бурданаш мумкин. «Ман ба амаки Аюб хат менависам... Навишта чӣ ҳам мегӯям? Ба ту, моҳтоби роҳгузар, мегӯям, ки аз дидаҳоят ба ӯ ҳикоят кун, бигӯй, ки худам дидам, ҳама сиҳату саломат, дарав карда гаштанд...»

— Чӣ мегӯӣ, Ҷовид? – саволашро такрор кард Саврӣ.

— Мегӯм, ки ман ин зайл шаби шир барин сафедро ҳеҷ вақт надида будам, – гапро дигар тараф гардонд Ҷовид. – Моҳтобро бинед.

— Ҷовидҷон!

— Лаббай.

— Ҳабиба бисёр духтари нағз, баодоб...

— Ба ман чӣ? – фикр накарда гуфт Ҷовид. Баъд дид, ки Саврӣ аз гапи зада пушаймон, суханашро қувват дод: – Духтари баодоб ҳамин зайл дар байни мардон ҳофизӣ мекунад?

— Вай нахондааст, ман ҳамту гуфтам.

— Барои чӣ?

— Барои он ки Ҳабиба духтари қобил...

Ҷовид дигар гапро кашол надода, «Тоба тамом шуда истодааст» гуфт. Саврӣ ҳам ба гандуми нодарави пеш нигарист, гапро бас карда, тамоми фикру зикрашро ба дарав монд. Ӯ пай бурд, ки имрӯз вақтро беҳуда гузаронд: чандин бор сари қӯш рафт, гапзанон кард, боз имшаб бедораш накарданд, хоб рафт. Акнун тез-тез дос мекашад, то пештар ба сари замин расад.

Боди серун вазид. Ниҳоят форам расид. Хоб овард. Ҳар кас, ки монда шуда буд, ба сари замин нишаст ва ба истиқболи бод сари сина кушода ва даҳон боз кард. Занҳо ва духтарон аз гиребони куртаҳо дошта, афшонда, худро бод доданд.

Ҷовид се бор ба сари замин баромад: аввал тобаи худро баровард, тобаи Савриро ҳам баробараш даравид, баъд ба бобои Ниёз ёрӣ дод. Ҳоло ба духтарон наздик шуда ёрӣ диҳад ва ё сари замин баромада шинад? Намедонад. Хаёлаш парешон шуд, мисли мардак дар бораи рӯзгор фикр кард, падари беморро пеши назар овард: ҳӯ он ҷо деҳа, дар ҳавлии онҳо ҳам ширмаҳтоб, падараш зери пардаи равшани моҳ хобидааст ё бедор бошад? Ба модараш хотираҳои ҷангиашро мегӯяд. Охир, дар чунин шаб кӣ хоб мекунад?

— Холаи Саврӣ!

— Ҳа!

— Ман як дав катӣ ба деҳа рафта оям.

— Барои чӣ?

— Додомро дида меоям. Дилам алоб гирифта истодааст. Будагӣ гап, то саҳар шумо ғанав мекунед, ман дигар хоб надорам.

— Дар ин ғояти шаб?

— Ғояти шаб ҳам бошад, равшан, бинед, деҳа метобад... Холаи Саврӣ!

Саврӣ ба рӯи писарак нигарист. Ва дил кард, ки ман ҳам ҳамроҳат меравам гӯяд, вале худдорӣ кард. Ӯ донист, ки Ҷовид чиро дар назар дошта чунин гӯяд, барои ҳамин забони сухан боздошта ӯро ба оромӣ даъват кард:

— Ҳозир ҳама дам мегирем...

Ҷовид то субҳдам хоб накард. Ба моҳ нигаристу ба ситораҳо: ба Саврӣ гӯш медоду ба як садои номаълуми дуре, ки дар хаёлаш ӯро алла гуфта, бедор медошт. Ҳамин шаб худ ба худ фикр кард, ки калон шуда истодааст. Шаб ё саҳар падару модараш маслиҳат мекунанд, ки ба ягон дар рафта духтареро нон шикананд. Албатта, он духтарак кист, касе надонад, вале чӣ гап аст, ки Саврӣ Ҳабибаро пеш меорад. Ҳабиба духтараки резапайкари пурра, сиёҳчурда, ҳама вақт хомӯш, вале ягон гап ба ӯ маъқул шуда монад, хандаро боздошта натавонад. Шикамашро дудаста дошта ба замин шинад. Хандида-хандида холӣ шаваду баъд аз ҷой хезад. Ашки аз зӯри ханда шоридаро пок кунад. Ин ҳолат аҳён-аҳён шавад. Инро Ҷовид дар мактаб дидааст, вале ҳоло ӯ ҳеҷ намехандад. Аз бозе, ки модараш аз олам гузаштааст ва падараш ба ҷанг рафтааст, касе лабхандаи ӯро надидааст. Ба назари писарак расад, ки ӯ дар дил гапе дорад, аммо гуфта натавонад. Чун гуфта натавонӣ, дамбадарун, хомӯш ва пакар мешавӣ.

— Ҷовид!

— Лаббай!

— Ҳабиба духтари нағз-а?

— Нағзу шумо барин не, – Ҷовид дербоз ин гапро гуфтан мехост, акнун маврид ёфт.

— Чӣ хел ман барин не?..

Ҷовид сухан наёфт, то ба Саврӣ ҷавоб гӯяд. Як сар бардошта ба дигарон нигарист, ки ҳама хобанд. Чашмаш ба Саврӣ ҳам афтид: тез-тез мижа мезад...

— Хоб надоред?

— Не, хобам парид.

— Бисёр фикр мекунед, барои ҳамин.

— Ман фикр намекунам, Ҷовид.

— Ҳа-а, фикр намекунед-а, медонам, дар бораи чӣ фикр мекунед...

— Дар бораи чӣ?

— Амаки Аюб биёянд...

Як ситора парид, ду-се, чор ва бешумор... Ҷовид фикр мекунад, ки ин зайл паридан гирад, дар осмон ситора намемонад ва дар рӯи олам – одам. «Албатта инҳо ситораҳои қурбониёни ҷанганд... Не-е он қадар ин ситораҳо зиёданд, ки ба чидан кам намешаванд».

— Хоб рав, Ҷовид, пагоҳ мадори кор намемонад, – мижа заданҳои ӯро дида гуфт Саврӣ.

— Худатон ҳам хоб кунед.

— Ту чашм пӯшӣ, хоби ман мебарад.

Аз хамгашти даҳони Роҳрав савороне пайдо шуданд. Аз ҳама пеш Ҷовид дид. Зеро чанд шаб аст, ки падарашро хоб мебинад, парешон буд ва зуд-зуд сӯи деҳа менигарист. Аз деҳа баромадани саворонеро дида буд ва гумон дошт, ки онҳо даравгаронанд ва хабари аҳволи падарашро меоранд.

Саворон наздик омаданд. Харро аёле ва аспро ду мард савор буданд. «Холбибӣ» гуфтанд аспи ӯро дида. «Соро» гуфтанд харсаворро шинохта. Аммо намедонистанд, ки дар паси зини асп кӣ савор аст...

Ҷовид неши дос ба замин зад, то ба пешвози модар тозад, вале фикре ба сараш омада раги пояш кашид. Карахт шуд. «Падарам куҷост? Чаро ӯро танҳо гузошта омадӣ, оча?» дар дил пурсид ӯ. «Магар сиҳат шуда ба ҷанг рафт? Ё боз ҷувозро...»

Асп сари қӯш расид, вале хари Соро ақиб буд.

Аз паси зини аспи Холбибӣ як кас оҳиста лағжида ба замин фуромад. «Додоҷон, додоҷони ширинам, сиҳат шудед!» фарёд зада сӯи ӯ давид Ҷовид. Ҳама хаёлҳои парешони ӯ бартараф шуда, фақат як чизро хост, ки дар ҳамин масофаи наздик ҳам пару бол бароварда зудтар худро ба оғӯши падар занад. Ҷовид аз гуфтаҳои ҷӯраҳояш, аз қисмати Нозиму Ҳабиба ва пеш аз ҳама, шаттаю шаллоқи даштбон медонист, ки падар доштан чӣ давлатест...

Ҷовид башаст омад, вале аз чӣ истиҳола кард, ки наздаш бозистод ва баъд гиря карда худро ба оғӯши ӯ партофт.

— Ҳамаи ғайратат ҳамин, писарам? – ӯро ба банди дилаш пахш карда ва ду каф ба ду бари рӯяш гузошта, ба рӯю абрӯяш нигоҳ карда гуфт Шайдо.

Ҷовид сар боло накард, то падараш чашмони гирёни ӯро набинад. Кӯшиш мекард, ки боз ҳам дар оғӯши ӯ ҷо шавад.

— Баччагӣ накун, Ҷовид, аммааш нигарон, ки бо ту пурсупос кунанд, – ишора ба Холбибӣ кард ӯ.

Ҷовид аз оғӯши падар дур шуд ва сар боло накарда ду дасташро баробар сӯи ӯ дароз кард.

— Писари калон шудаӣ, даравгар шудаӣ, боз гиря мекунӣ. – Холбибӣ вохӯрдӣ кард ва дасти Ҷовидро сар надода ба Шайдо рӯ овард: – Ту хафа нашав, бачча хурсандиашро дошта натавонист.

Ҷовид бо модар ҳам гирён вохӯрӣ кард. Соро дергоҳ сари ӯро ба банди дилаш пахш кард ва баъд ба гап даромад:

— Чӣ, монда шудӣ, ки ин қадар гиря мекунӣ?

— Не, – сар ҷунбонд Ҷовид ва аламаш тоза шуд, ки ҳиқчоқ гирифт.

— Нагуфта будӣ, ки додом омад, дигар ҳеҷ гоҳ гиря намекунам?

— Ин гиря не, оча...

Ҳама мардону писарон бо Шайдову Холбибӣ вохӯрдӣ карданд ва бо Соро пурсупос.

Ҳашар сар шуд. Саврӣ дар миёнаҷо монд. Саврӣ, Ҷовид, Соро, Шайдо, Холбибию Наврӯз. Наврӯз якдаста дарав карда наметавонист. Банд бастанӣ шуд. Ҳамин ҷоро Наврӯз ҳамроҳи Шайдо ҷуфт карда буданд, акнун худашон медараванд.

Шайдо аввал худро бардам ҳис карда ҳамроҳи даравгарон баробар мерафт ва баъд дид, ки нафасаш тангӣ карда мадораш намерасад, ҳамроҳи Наврӯз бандбандӣ баромад. Шайдо бандина мепартофт. Наврӯз дарзаҳоро якдаста ба рӯи бандина ҷамъ меовард ва Шайдо мебаст.

Ҳашар то бегоҳ давом кард. Пеш аз ғуруби офтоб Холбибию Наврӯз ба деҳа баргаштанд. Шайдову Соро шаббош монданд.

Ба назари Ҷовид, имшаб тамоман шаби афсонавӣ. Аз ҳамон шабҳое, ки одамон бисёр орзу кунанду баъди азобу машаққати зиёде ба муродашон расанд. Имшаб барои Ҷовид ҳамин хел шаб аст, вале боз як чиз намерасад. Аниқаш, як кас намерасад: падари Ҳабиба.

«Чӣ давлати бузургест падар доштан» дар дил такрор кард ӯ ва оҳиста сар бардошта сӯи Ҳабиба нигарист.

Моҳ нопадид гашт. Ҳама қатор хобидаанд. Орому хомӯш. Ҷовид аз шодӣ хоб надорад. Ӯ шунавад, ки падараш чӣ хел дароз-дароз нафас мегирад. Мазмун, ғанимат мегирад. Ӯ андаке сар

бардошта ба сӯи падараш нигашт, Шайдо ҳам бедор будаст, ки «Хобат нест, Ҷовид?» гуфта пурсид.

— Парид, – ҷавоб гардонд Ҷовид.

— Бихоб!

Ҷовид ранҷид, ки падар маънии паридани хоби ӯро намефаҳмад. Ӯ сухани падарашро шикаста рӯболо шуд ва он қадар ситора тамошо кард, ки дар тамоми умраш надида буд. Роҳи Каҳкашон ҳам равшан: мисли роҳи Сафедхок аз байни сабзазорон гузарад.

Ҷовид муддати дар ҷанг будани падар ба модар сахт одат карда буд, дилу ҷонаш барои ӯ месӯхт, вале ҳоло дил ба падар зиёдтар сӯзад. Ӯ пиндорад, ки падарро ҳамчу дурдона аз қаъри дарё кашида гирифтааст: шаб ё саҳар ин дурри гаронбаҳоро гум кунад, вале модараш давлату дунёи решагист, ӯро гум нахоҳад кард. Дилаш пур.

Соро ҳам зиёдтар аз Ҷовид эҳтиёткорӣ кунад: хотири ӯ ҳам ноҷӯр аст. Хаёлаш, ки як коса обро рӯи каф дошта гардад ва аз пеши по хӯрда резонданаш тарсад. Тарсад, ки ҳам об резаду ҳам коса шиканад.

Шайдо ҳамаро фиреб карда будааст. Хона равшан карда будааст...

Рӯзи сеюми бемориаш канда шуд. Ӯ савораю Соро пиёда ба деҳа баргаштанд.

## 16

Аспсаворе омад. Касе сар аз дарав намебардошт. Савор лаҷом кашида салом гуфтанӣ буд, ки аспаш бинӣ афшонд, ҳама сар бардошта сӯи ӯ нигаристанд.

Гӯё рассоми хушкилке бар муқобили як савор як гузар одамро рӯ ба рӯ тасвир карда бошад, онҳо сокиту ноҷунбон буданд. Досҳо, дарзаю хӯшаҳои гандум, дастаҳои нобаста, бандҳои ғарамзада, гандуми нодарав ва истоди даравгаронро рассом бо ҳавсала кашидааст. Арӯсон ва духтарҳо, ки як лаби рӯй, нӯки бинӣ ва ё гӯшаи абрӯяшон хаёле метобад, ҷойҳоп рангаи ин мусаввараанд. Вале бар муқобили ин сурати зебою андаке риққатовар гардани баланди асп рӯҳбаландӣ ва музаффарияти мардумро намоиш диҳад. Махсусан вақтҳое, ки худи Холбибӣ аз ин аспи дарозгардан пиёда шуда, ҳамроҳи даравгарон дос кашад. Ин бор ӯ аз асп нафуромада гӯяд:

— Монда нашавед! Шаҳбозҳо!

— Саломат бошед! Чӣ хабарҳои нав? – пусрид Искандари лапг.

— Ҳмм... нест! – сирреро пинҳон дошта, базӯр овоз баровард ӯ ва ба Ҷовид рӯ овард: – Читу, писар?

— Нағз! – гуфт ӯ ва ба назараш зери пӯсташ заҳр давид.

— Монда нашудӣ?

— Не. Ман ним ҳис кор мекунам, монда намешавам.

— Барои чӣ ним ҳис?

— Барои он ки ним рӯзи меҳнат медиҳанд.

— Не-е, зер карда кор кардан гир!

Ба назари Саврӣ Холбибӣ ба Ҷовид чизе гуфтанӣ буд, вале гап дигар шуда нагуфта монд.

— Кӣ омаду кӣ рафт? – боз пурсид Искандари ланг.

— Ҳеҷ кас, аскарони мо ба «урра» гузаштанд, дигар бе мо ҳам мешавад, – ҷавоб дод ӯ, вале овозаш ларзид ва боз ба Ҷовид duздида нигарист. Писарбачча чашм аз Холбибӣ канда, ба Саврӣ нигарист. Холбибӣ ӯро бепарво дида, нахост, ки хаёлашро парешон кунад. Гӯё худро дар назди ӯ қарздор ҳисобид: – Ҷовид!

— Лаббай!

— Додот таъин кард, ки як сари қадам биёяд.

Ин хабар барқвор ба сари Ҷовид зад, дили Саврӣ ҳам таҳ рафт. Дид, ки дигарон ҳам бо як нигоҳи меҳрубон ба Ҷовид менигаранд.

— Оқсақол, ба ман ҳам иҷозат диҳед. – Худро дар назди Ҷовид қарздор пиндошта, рухсат пурсид Саврӣ.

Холбибӣ чизе нагуфту сари аспро сӯи деҳа тофт.

Ҷовид ҳайрон монд, намедонист, ки чӣ кор кунад, равад ё на. Саврӣ ҳам аз паси аспи ӯ нигарист. Ӯ дур рафта, дар пастии канори Зарафшон хам хӯрд. «Наход ки барои ҳамин гап омада бошад?» аз дил гузаронд Саврӣ ва ба Ҷовид рӯ овард:

— Рафтем!

Онҳо се нафар аз миёнаи деҳа гузашта ба даҳонаи кӯчаи танг расиданд. Касе рӯ ба рӯ наомад. Гӯё дар деҳа касе набуд. Бобои Ниёзу Саврӣ ба кадом садои номаълум гӯш дода, роҳ мерафтанд. «Чӣ гап, холаи Саврӣ?» савол кард Ҷовид. Ба ҷои ҷавоб садое омад: «Во хонем, во хонем!» Ин садо чандон ба писарак сахт нарасид. Гӯё ӯ санг шуда буд, ки ин мусибатро филфавр дарк накард. Пирамард бозистод. Ҷовид як қад парид. Танҳо вақте ки Саврӣ сари ӯро ба банди дилаш пахш кард: «Дилатро бақувват дор!» Ҷовид мисли мум об шуд.

— Чӣ шудааст, холаи Саврӣ? – чӣ будани масъаларо донистанӣ шуд ӯ.

— Ҳеҷ чиз, ҷонакам, ҳеҷ чиз!...

Бобои Ниёз ба дарвозаи боз расида, ба саҳни ҳавлӣ нигарист, ки аз миёнбандон киҳо бошанд, касеро надид ва баъд фӯтаи гирди сарашро гирифта миёнро аз рӯ баста «Ҷигарам, во ҷигарам!» гӯён аз дарвоза даромад.

Аз буни хона марде миёнбаста баромада, хомӯш омада гардани Бобои Ниёзро гирифт. Ин мард Абдул буд. Пирамард фарёд зад, вале Абдул садое набаровард. Фарёди худро дар дил нигаҳ дошт...

Саврӣ аз бозуи чапи Ҷовид дошта меомад, гӯё ӯро маҷбуран ба ин ҷо кашола карда оварданд ва агар сар диҳанд, гурехта равад. «Пеши очаат рафта гарданашро гир!» хам шуда ба гӯши ӯ гуфт Саврӣ ва хаёле ӯро ба пеш тела дод, ки бо ҳамин мадад то назди модар равад. Ҷовид ду-се қадам рафта, карахт шуд. Истод. Саврӣ боз рафта суханҳои гуфтаашро такрор кард. Ҷовид гӯё нав ба гапҳои ӯ сарфаҳм рафт, худро ба оғӯши модар партофт. Соро нишаста монд, гӯё тамоман бемадор шуда буд. Баъд гӯӣ тифли ширхора мемаконда бошад, баччаи калонро уреб бағал гирифта шеван кардан гирифт: «Кош додот аз ҷанг барнамегашт, писаракам! Кош намеомад, ки як умр умедвор шуда мегаштем, писаракам! Даравравиаш хонаравшанкунӣ будааст, Ҷовидам... Додот фиребгар будааст, писаракам! Нагуфт, ки дарди сахт дорад, писаракам! Ба Холбибӣ таъин кард, ки писарамро фиристон, як бор бинам, писаракам! Ту дер омадӣ, ҷони оча! Чашмони додот боз, рав, туро як бор бинад...»

Саврӣ омада Ҷовидро аз бағали модар бардошт. Соро низ бархест. Онҳо гардан ба гардан шуда гӯё ки тамоми дарду алам ба якдигар мегуфта бошанд, бонавбат гӯяндагӣ карданд.

Бобои Ниёз барои он ки Ҷовид аз мурдаи падар натарсад, дасти росташро ба китфи ӯ гузошта ба хона даровард. Ҷовид аввалин бор падарашро ин қадар харобу лоғар, дароз ва андаке «бегона» дид. Биниаш теғ кашида буд. Чашмонаш сокиту бенур ба сақфи хона дӯхта буданд. Ҷовид фарёд зада, худро ба оғӯши модар партофт.

— Дигар не, ҳамон додои худат... – ӯро дилдориву ором карданӣ шуд модар.

— Чашмаш кушода...

— Чашмонаш ба роҳи ту чор буд, туро дидан хост, барои ҳамин боз монданд. Ту бояд онҳоро молида пӯшонӣ, писарам.

Соро аз дасти писараш дошта назди мурдаи падар бурд. Худ аз тарафи рост нишаста ва писарро аз тарафи чап шинонда, бо меҳру муҳаббати зиёд, чунон ки дар зиндагиаш мекард, ба сару рӯи ӯ нигарист.

— Мол, писарам, мол! – зери абрӯи Шайдоро молида-молида гуфт ба Ҷовид Соро.

Ҷовид дастони шахшӯлашро сӯи рӯи падар дароз кард.

— Мол, писарам, падарат роҳати туро диданӣ буд. Ақаллан ҳамин қадар хизмат бикун, ки ӯ дилкашол наравад, – рамидани дили писарро пай бурда гуфт модар.

Ҳамин вақт ғассолҳо даромаданд. Соро бархеста, фарёди талху тунде зада берун баромад. Ҷовид ҳам баромада ба ӯ сахт часпид.

— Гиря накун, оча, худатро адо накун, оча! – тавре гап мезад, ки тамоми пастию баландиҳо ва ғаму ғуссаи ҷаҳонро бештар аз ӯ

касе начашида бошад. Вале баъде ки мурдаро шуста ва бароварда ба тобут гузоштанд, баландтар аз ӯ касе фарёд назадааст:

«Додоме-додоме, моро бекас кардед, додоме! Моро сағир карда рафтед, додоме! Моро гапшунав кардед, беписанд кардед, додоме!!!».

Касе намонда буд, ки аз гиряи ӯ гирён нашавад.

Ҷовид ҳаракат дошт, то дар тобут паҳлӯи падараш хоб кунад, вале ӯро боздоштанд: «Моро ҳам баред, додо! Моро партофта наравед, додо! Хору зорамон накунед, додо!» худро ба тобут зада фиғон кард ӯ. Чун тобутро бардошта аз дарвоза баров863анд, ӯ фарёдкунон асобадаст пеш-пеши тобут равон шуд...

## 17

Азбаски либосҳои Шайдо кирои ба мурдашӯйҳо додан надошт, Соро таъйин кард, ки Ҷовид шинелро аз сари дарав фиристад. Соро чаҳор касро гуфта, либосҳои раҳматиро дар фӯтае баста ба мурдашӯйҳо дод. Ва аз дар бароварда гусел кард... Вале чун бегоҳирӯзӣ омада дарвозаро маҳкам карданӣ шуд, чашмаш ба шинел афтод, ки таҳ карда дар байни ду сутуни дарвозахона гузошта буданд. Соро ҳайрон шуда аз дарвоза берун омада нигоҳ кард, ки шояд касе онро ҳоло гузошта бошад. Ӯро дарёфт карда аз нав шинелро супурдан хост. Ӯ шинелро кушода афшонд, ба сари дасти чап гирифт ва хаёлаш ба ҳазор кӯчаю тангкӯча рафт: «Чаро оварда бошад? Ҳазар кард? Ё раҳмаш омад? Агар раҳмаш меомад, ҷеғ зада мегуфт, ки инро гирифта монед, як рӯз даркор мешавад ё «писарашро ёдгорӣ» мегуфт. Маълум, ки ҳазар кардааст. Ҳазар кардааст, ҳазар! – ҷонаш сӯхта, такрор мекард ӯ, – Аз нодории ӯ, аз бемории ӯ ҳазар кардааст. Чашми ҳақ рост бошад. Дигар ҳамааш гузарон...»

Соро шинелро ба сари синаи чап пахш кард, гумонаш, ки Шайдоро навозиш мекунад. Шинели шахшӯли мӯякдор ва ба хоку хасҳо чӯлида ба банди дили ӯ нарму форам расид. Ва ӯ ба зери айвон баромада ҳамон зайле, ки шинелро дар банди дил медошт, ба фарш афтида ва шинелро пахш карда хобид.

Офтоб фурӯ рафта буд. Соро фикр кард, ки ҳамин зайл каме дам мегирад, чун аз аламу хастагиҳо фориғ шуд, хеста, андешаи рӯзгорро мекунад. Мазмун, рӯзгори ӯ ҳоҷати андешаи зиёде надошт: дар бадали як ҳафта чунон лакот шуда буд, ки симоҳо байни мижгонҳои тараш ва фикрҳо андар сараш ӯро хоб рабуд. Ӯ паҳлӯ нагашта хоб рафт ва хоб дид:

«— Салом, Соро!» – ба гӯши ӯ овози шиносе ғур-ғур кард.

— Салом, Шайдо! Омадӣ?

«— Ҳа» – сар ҷунбонд Шайдо, вале майле надошт, ки занашро оғӯш кунад, ё бӯсад.

— Ҷанг тамом шуд?

«— Ҳа!»

— Чаро гап намезанӣ, фақат сар меҷунбонӣ?

«— Ана!» – забонашро бароварда ва бо ангушт ба он ишора кард Шайдо.

— Боке не, Шайдо, омадӣ, шуд. Ҷанг анҷом ёфта бошад, шуд. Ту гапназанӣ ҳам, ман ҳамаашро мефаҳмам. Ман умедвор будам, ки меоӣ.

Шайдо табассум кард.

— Чаро рост истодаӣ. Шайдо? Гузар, бишин!

«— Не!» – сар ҷунбонд Шайдо.

— Барои чӣ? Ҷавоб гирифта омадӣ? Диданӣ?

«— Ҳа!»

— Маълум мешавад, ки ҳоло ҷанг тамом нашудааст?

— Тамом шуд, барои ман», – якбора ба забон омад Шайдо.

— Дигар намеравӣ?

— «Ман дигар дар ҷанг кор намеоям».

— Боке не, Шайдо, дар ин ҷо ҳам кор ёфт мешавад.

«— Ҷовид мардак барин шуда бошад, ӯро ҳам...»

— Не, ман ӯро намемонам. Туро бурданд, бас.

«— Не, Соро, ин кор ба дасти ману ту не. Ӯ фарзанди Ватан. Дар ин хел мавридҳо онро бояд ҳимоя кунад».

— Лекин аҳволи ман чӣ мешавад?... Хайр, ту омадӣ, Ҷовид равад, мешавад. Қаҳрамон шуда ояд.

«— Ман ҳам меравам, Соро».

— Куҷо меравӣ? Барои чӣ омадӣ?

«— Туро диданӣ».

— Диданӣ омада бошӣ, бишин!

«— Не, меравам!»

— Маро намебарӣ?

«— Не».

— Ҷовидро мебарӣ? Ба ҷанг?

«— Не, Ҷовид ба пои худ».

Соро шинелро ба пушти пояш руст кард. Онро Шайдо дид.

«— Соро, ин шинелро Ҷовид дарав бурда буд-ку?»

— Ҳа, ман таъин кардам, овард.

«— Соро, агар Ҷовидро ба ҷанг даъват кунанд, инро пӯшида, равад, он ҷо хунук... Хайр».

— Меравӣ?

«— Ҳа!»

— Боз кай меоӣ?

«— Ҳар вақте, ки ёд кунӣ...»

Соро хест, то шавҳарро гусел кунад. Баробари бархостанаш бедор шуд. Дилаш тап-тап мезад. Воҳима гирифт. Ҳама ҷо торик буд. Махсусан зери дарахтони парешоншохи чормағз ва тути қаҷ

ториктар буд. Ба гӯши Соро расид, ки хазонрез шудаасту чизе рӯ-рӯи хазони зери дарахтон дуздона мегардад, хазонҳо хиширрос мезананд. Ин садоҳо дар асаби ӯ пайдо шуда буданд. Ҳаросид. Чанд шаб пиразанҳо ӯро ҳамхоба буданд, имшаб ӯ танҳо монд. Якбора хобаш бурд, вагарна ягон чорае меандешид: ё ягон касро ҳамхоба меовард ва ё ба ягон ҷои дилобхӯр рафта, шабро рӯз мекард, баъд он тарафашро меандепшд. Ӯ хаёл ҳам накарда буд, ки боз Шайдоро мебинад, ҳамсӯҳбат мешавад. Аз чунин вохӯрӣ ҳаросид. Баданаш ларзид. Баъд фиреби назар будани ин чизҳоро фаҳмида худро каме ғаюртар гирифт: «Бале ба ҷонат, Саврӣ» – аз дил гузаронд ӯ ва шинелро аз худ дуртар тела дода, бархост ва хаёлаш, ки ба хонаи Саврӣ меравад, сӯи дарвоза равон шуд. Баъд ба ёдаш зад, ки Саврӣ даравгар аст. Назди дарвоза истод. Истоду истод. Ба куҷо рафтанро надонист. Намедонист, ки шаб чӣ вақтест, истод. Поси аввали шаб, ними шаб ё хурӯсбонги аввал, дуюм ва ё сеюм. Хурӯсҳо фарёд заданд, вале надонист, ки бонги чандум аст. Буду набуд, худро ғаюр ва далер гирифт. Бонги хурӯс фарёди сеюм будааст, ки пас аз чанд муддат осмон сафед шудан гирифт.

Соро ҳанӯз рӯзи равшан нашуда, ҳозирӣ дид, то ба дари хонааш қуфл занаду мисли бевазанҳо калидро ба нӯки мӯяш андохта, ба дарав равад. Ӯ аз дарахти паҳлӯи хона себ чид. Аз войичи пеши хона ангури кишмиши сиёҳ канда, ба сабаддаста ҷо кард. Шинелро таҳ карда бар фӯтае гузошт, ба болояш ду фатири барои Ҷовид тайёркардаашро монда баст ва аз гурбадави хона досро гирифта, офтобзард ба роҳ даромад. Ба миёндаштӣ рафта буд, ки баргашта ба пас нигарист. Саворе аз деҳа баромад. Соро дил кард, ки истад ва ҳамроҳи ӯ равад. Гашташро каме суст кард. Баъд бефараҳ будан ва аз гиряи зиёд бемадор шуданашро ба ҳисоб гирифта тез гашт, ки савор мерасонад. Роҳ дароз аст. Ин роҳ аз умри ҳамаи онҳое, ки дар деҳаи ӯ зиндагӣ мекунанд, дарозтар ва бардавомтар аст. Ин роҳ бисёр касонро бурд, аммо ҳамаро барнагардонд. Хабари зиёд овард ин роҳ. Ҳамин роҳи камбари дароз, ки рафта-рафта якбора хам мехӯрад. Гӯё касе то ҳӯ он ҷо рағза мондаасту риштаи калобааш нарасида, аз он ҷо гаштааст. Вале чун ба он ҷои гӯё як табар зада бурида расидед, роҳ хам хӯрда, касро ба лаби Зарафшон обхӯрӣ мебарад. Соро ҳам ба ҳамин ҷо расида дам гирифт, то савор ояд: ҳар кӣ ҳам бошад, ҳамдеҳааш, мадори дил мешавад.

— Салом, Соро! – наздик омад савор.

— Салом, Зулайхо! Ман гумон кардам, ки ягон мардина, дилам ваҳм кард.

— Хайр, мардина будан катӣ туро мехӯрд? – Зулайхо шӯхӣ карданӣ буд, вале куртаи сиёҳи ӯро дида, ҳамин хел нарм гуфта монд ва сарбории сари ӯро пеши зин гирифт.

— Не-ю, дил-дия!... Аз овозаи дузди Дашти Қозӣ, гум шудани духтари Ҷанобил дилам меларзад...

— Ман парво ҳам надорам... дузди Дашти Қозӣ аз ману ту чӣ мегирад? Мегӯянд, ки пурсандаҳо мурдаи харобу лоғарро бинанд, ин мурдаи кӯҳна гуфта, напурсида бармегарданд, дузд ҳам моро дида мегурезад. Хайр, духтари Ҷанобил ягон чиз доштагист, – халачӯбро ба гардани хар уреб дошта гуфт Зулайхо.

Соро медонист, ки занаки чеҳракушоди базлагӯй ғами ӯро ба назар гирифта қофияҳояшро ҳамвор карда гӯяд, вагарна мепартофт, ба ҳар ҳол мурдаи қоқ гуфта дили ӯро таҳ нишонд. Вале Соро наранҷид: «Зулайхо барин зан дар ин обрав кам». Чунон вонамояд, ки дар оилаи ӯ касе кам нашудааст. Шавҳараш ҳам, дунё ба умед, меояд. Шавҳари ӯ Раҳим аз ҳама пеш ба ҷанг рафта буд. Зулайхо як писару як духтар дорад. Хабаргирӣ омадааст. Модари пираш Зулхумор онҳоро нигаҳбонӣ мекунад. Аз ин ваҷҳ ташвиши ӯ кам аст, бинобар он мешунаваду механдад, мегӯяду механдонад. Вале худо нишон надиҳад, ки касе оби чашми дар танҳоӣ резондаи ӯро бинад. Ин чизро ҳеҷ кас надонад, ҳатто модар ва фарзандонаш ҳам.

— Ту чӣ хел дар пушти хар озод мешинӣ, Зулайхо, – ҳавас омад Сороро.

— Ронҳои ман дандон дорад, дугона.

— Намурӣ ту, аз ҳазлу шӯхиат намемонӣ.

— Худо ба ҳазлу шӯхӣ фармояд, ҳазлу шӯхиам намебуд, кайҳо сил шуда, мурда мерафтам.

— Дарундорӣ ва ҳама гапро ба дил гирифтан бад будааст.

— Аз нагуфта кафидан, кафида гуфтан беҳтар. Гӯӣ, дилат холӣ мешавад... Савор мешавӣ?

— Не, меғалтам.

— Бедандон гӯй!

Соро хандаашро фурӯ бурд ва хеле роҳ хомӯш рафт. Пули калониро гузашта ба пули хурдӣ омаданд. Хар аз роғҳои байни тахтапул ҳаросида ва сарашро хам карда, бӯй кашида гузашт.

— Иш-ш-ш!!! – харро назди харсанг дошта, ба Соро хитоб кард Зулайхо: – Биё савор шав, роҳ дур.

— Не. – чизеро дар назар дошта, якравӣ мекард Соро.

Зулайхо ба гардани хар як халачӯб фароварда, лингак зад, то хари сиёҳи фӯксафед ба роҳ дарояд. Хар занро писанд накарда, базӯр ҷунбид ва баъд тезтар гашт.

Даравгарон дуртар кӯчида буданд.

Сари харро ба он тараф гардонд Зулайхо. Ва аз хар фаромада шинел ва сабаддастаи Сороро болои зин гузошта сахт кард ва онро пеш андохт.

— Ба ту осон, Зулайхо, – якбора гуфт Соро.

— Чӣ?

— Базлагӯӣ мекунӣ, механдӣ, механдонӣ, то одамон гумон накунанд, ки ту бекас мондаӣ, ба навозиши касе зор ҳастӣ.

— Хайр, чӣ кор кунам? Гиря кунам, ӯ наояд, ба ягон ҷо арз кунам, наояд, чӣ кор кунам? Ман худфиребӣ мекунам, Соро.

Ду кас аз пеш намоён шуд. Яке гардани харро медошт ва дигаре дар канори роҳ каҷпаҳлӯ зада буд. «Мӯсохон барин. Фақат ӯ гардани харро дошта меистад» гуфт Зулайхо ва наздик рафтанд, ки дар ҳақиқат Мӯсохон будааст ва падараш. Абдул барнахест. Соро рӯ пӯшида гузашт, вале Зулайхо гапашро гуфт.

— Зӯр омадагӣ барин-а?

Вале Абдул нафаҳмид, ки ӯ чиро зӯр омадааст мегӯяд: корро ё сиёсати Холбибиро.

Холбибӣ дар сари дарав будааст.

Ҷовид пешвози модараш тозон омад. Сар ба сари дили модар гузошта, ба гап даромад:

— Чаро омадӣ, оча?

— Туро ёд кардам, баччем. Баъд, ҳама дар дашту саҳро... ҷанг писарам, ҷанг...

— Ҷанг! Лекин ту бояд дам мегирифтӣ, ман-ку ба ҷоят дарав мекунам.

— Ҳеҷ гап не, баччем, дукаса кор кунем, беҳтар.

— Акнун ба ман ним рӯзи меҳнат намедиҳанд. Ту калонҳо барин кор мекунӣ, мегӯянд.

— Рост мегӯянд. Ту калон шудӣ. Ман ба котиби ҷамоат гуфтам, ки туро ба сархоҷагӣ гузаронад.

— Ин чӣ маънӣ дорад, оча?

— Маъниаш ҳамин, ки ту сардори хоҷагӣ мешавӣ, марди рӯзгор, ба ҷои падарат.

Ҷовид сар хам кард.

Саврӣ, ки то ин вақт ба сӯҳбати онҳо халал нашавад гуфта дар пушт рост меистод, даст бар китфи Соро гузошт:

— Салом, апаҷон!

— Салом, Савриҷон! Мондаҳои кору бор!

— Саломат бошед! Аҳволатон?

Соро ба ҷои он ки ба ӯ ҷавоб диҳад, ба чашмони ӯ, ба сару рӯи ӯ нигарист ва ранги коҳидаи Савриро дида, ӯро ба оғӯш кашид:

— Худро гирондаӣ, Саврӣ. Ман ба ту чӣ гуфта будам? Худро эҳтиёт бикун, нагуфта будам?

— Эҳтиёт карда истодаам, апа. Ҷовиду Нозим мадори дилам.

Ин гапро Ҷовид шунид. Ва боз ҳамон ғаши дилаш ёд омад, ки мактуби Аюбро ба Саврӣ нагуфт ва ба Аюб ҳам ҷавоб нагардонд.

— Холаи Саврӣ! – ба онҳо нигоҳ кардани дигаронро дида, онҳоро аз оғӯши ҳамдигар ҷудо карданӣ шуда, хитоб кард Ҷовид, вале Саврӣ нашунид, ки сар аз китфи Соро набардошта меистод.

— Холаи Саврӣ!

Ин дафъа Соро сари ӯро аз китфаш бардошт.

Чанд нафар дар сояи хаскаппа ва дигарон дар офтоби тамуз менишастанд. Дуртар аз бандҳо гандуми нодарав менамуд, ки аз ёнаи тарафи офтобнишин гузашта, ҳамранги шафақ ба пушти теппа хам мехӯрд.

Абдулу писараш наомаданд.

## 18

— Падарат мурд, дилат ганда шуд, Ҷовид?

— Не, Ҳабиба, ту ҳастӣ, дилпурии ман.

— Чӣ хел ту бало!

— Бало не, Ҳабиба, ман фаҳмидам, ки дар ин дунё одам зинда намемондааст. Баъди он ки падарам аз ҷанг баргашт, гумон кардам, ки ӯ дигар ҳеҷ гоҳ намемурад. Лекин мурд.

— Барои ҳамин ба ман нигоҳ намекунӣ, салом намедиҳӣ...

— Ту шабе, ки падари ман дар он ҷо сахт бемор буд, бисёр суруд хонда будӣ...

— Ман?

— Ҳа, ту.

— Ман суруд хонда наметавонам.

— Ман пурсидам, ки ин хел суруди шеворо кӣ хонд, холаи Саврӣ гуфт, ки Ҳабиба.

— Не, Ҷовид, холаи Зулайхо ин хел мехонад. Мехонад, ёд мекунад, ки шавҳараш аз ҷанг биёяд.

— Фиребгар ту, Ҳабиба. Майлаш барои ман нахон, ба дилам суруд намеғунҷад, ба дили очам ҳам. Не! Ту хонӣ, хуб. Агар очам фаҳмад, ки барои кӣ мехонӣ, гап намезанад...

— Барои кӣ гумон мекунӣ?

— Барои касе, ки дӯст медорӣ.

— Ман ҳеҷ касро дӯст намедорам.

— Ҳеҷ касро?

— Фақат падарам...

— Ба ғайри падарат боз киро?

— Дигар каси нағз медидагӣ надорам.

— Не, росташро гӯй, боз киро дӯст медорӣ?

— Очаамро дӯст медоштам, ки...

Ҷовид аз саволаш пушаймон шуд, сар хам кард ва авзои Ҳабибаро диданӣ шуда ба ӯ нигарист, ки механдад.

— Росташро гӯй, Ҳабиба, боз киро дӯст медорӣ?

— Касе ки ба дилам ғунчад... Холаи Саврӣ одами нағз, Ҷовид, очаи ту одами нағз, Ҷовид.

— Отаи ту ҳам, Ҳабиба. Худо донад, ки деҳаамон дигар ин хел муаллимро бинад ё не... Чаро одамони нағзро ҳам ба ҷанг мегиранд-а?

— Надонам, Ҷовид, аз афташ, одами хуб дар ҳама ҷо лозим. Худо ҳам дӯст дорад одами хубро.

Ҳабиба нишаст, сари ду по нишаст ва бо неши дос заминро кандан гирифт. Ҷовид ба атроф, ба даравгарон нигарист, ки ягон кас онҳоро набинад, то пагоҳ боиси гапу калочаи мардум шавад. Ҳабиба парешонии ӯро дида бархост ва пурсид:

— Ягон кас омад?

— Не, Ҳабиба... Ҳабиба?!

— Ҳа!

— Ту акнун паҳлӯи ман истода дарав бикун...

— Барои чӣ?

— Ман намегузорам, ки ту монда шавӣ, ёрӣ медиҳам.

— Ту ба холаи Саврӣ, ба очаат ёрӣ доданӣ ҳастӣ-ку?

— Ман ба ҳама – ба ту, ба холаи Саврӣ, ба очаам, ба Бобои Ниёз, ба ҳама ёрӣ додан хоҳам.

— Ба холаи Зулайхо-чӣ? – ҳазл кард Ҳабиба.

— Ӯ занаки бало, ҳама корашро худаш саришта карда метавонад. Барои чӣ ҳама мисли ӯ нестанд? Мард барин, гапи касеро намехӯрад, аз касе наметарсад, мегӯяду механдад! Боз шавҳараш дар аскарию суруд мехонад. Бало, бало... Ту ҳам мисли вай шудан мехоҳӣ, Ҳабиба?

— Не, Ҷовид, ман Холбибӣ шудан хоҳам.

— О Ҳабиба, ту чӣ хел боақлӣ!...

Ба гӯши Ҷовид ғалоғулаи шинос даромад, вале ӯ хоболуд ҳамаи ин чизҳоро фарқ карда натавонист. Ҳабиба аз пеши назараш дур рафт ва ӯ бедор шуд. Ба осмони равшани ситорабор нигарист, чашмони хоболудаш чандон ситораҳоро нағз надиданд, ба назараш онҳо ба чашмаш халиданд.

«Монед, бедор накунед, апа... Монед, роҳат кунад» овози Савриро шунид Ҷовид.

«— Не, қатори мардум, баччаи ҷавон, ҳеҷ кор намекунад», гуфта Соро пешонии Ҷовидро сила кард.

Ҷовид хушёр шуд. Дар паҳлӯи чап Саврию Нозим сари ҷогаҳ нишастаанд. Ҷовид шинелро як сӯ тела дода, хеста низ сари ҷогаҳ нишаст. Бо пушти дасти росташ чашмонашро молида, ба модараш нигарист, ба Саврӣ, баъд ба Ҳабиба. Аз гапҳои лаҳзае пеш шуда гузашта шарм кард, ки дуздида ба ӯ нигарист. Ба назараш чунин расид, ки Ҳабиба ба ӯ як зеҳн монду шарм дошта рӯймоли фаранги кӯҳнаашро то сари абрӯ кашид. Ва баъд ба одамон пушт гардонда, бо оби офтоба дасту рӯ шуст: аз афташ, барои обкашон малол меомад, ки Ҳабиба рӯяшро пишакшӯ карда, бо як лаби рӯймолаш пок карда ва аз зери таксарӣ досро гирифта ба тарафи гандумзор рафт.

Авзои Ҷовид парешон: гумон дорад, ки Ҳабиба ҳама гапи имшабаро донад, аз ин рӯ дуздида-дуздида сӯи ӯ нигарад. Вале

Ҳабиба бепарво: на ба Ҷовид нигарад, на доскашиаш суст шавад. Буд, ки ҳаст. Вале дили Ҷовид истода-истода тапад. Ин чизро фақат Саврӣ пай барад, зеро ӯ дар бораи Ҳабиба гап зада буд. Ҷовид ҳаминро дониста, бо эҳтиёт сӯи Ҳабиба менигарад.

— Ҷовид! – яке овози Саврӣ баромад.

— Ҳа!

— Чаро ту карахт, доскашиат суст?

— Нағз, холаи Саврӣ.

— Ё очам омад гуфта дилат пур шуд?

— Не, холаи Саврӣ, – ҷавоб дод ӯ ва гумон кард, ки Саврӣ қасдан хаёли ӯро дуздида, аз Ҳабиба гардонд.

Боз хомӯш шуданд. Агар шумо боре ба осиёб муштақ бурда ва онро ба дӯл андохта, аз зери санг каф-каф орд парида ба ҳамма рехтанашро дида бошед ва орд шудани охирин донаҳоро интизорӣ кашида бошед, донед, ки дар он лаҳза хомӯшие шавад. Хомӯшие, ки садои сагаку санги осиёб зӯрӣ карда дигар ҳама овозҳоро хобонад. Ва ҳоло дар байни даравгарон чунин як хомӯшӣ рух зад. Дар ин шаби моҳтобӣ кас чуз садои шикастани пояи гандум ва гоҳ-гоҳ ба санг бархӯрдани дами дос чизи дигареро нашунавад. Гӯё ҳама дам ба дарун гирифта интизоранд, ки «ана-ана», Зулайхо суруд хонад ва ё ягон гапи шӯх гӯяд. Ва ё Искандари ланг ба Зулайхо ягон чиз гуфта забонашро хоронад ва баъд то даме, ки чашмонашон мебинад, валвалаю ғалоғула карда дарав кунанд, вале аз пояҳо ва досҳо садо баромаду аз Зулайхову Искандари ланг на. Ҳар кас андешае дошт, вале ба касе гуфта наметавонист. Дуртар, такрибан ду километр дуртар аз роҳи калон ғалоғулаи одамон баромад. Дар ин шаби хомӯши маҳтобӣ ҳар чӣ садое барояд, ба дуриҳо равад. Ғалоғулаи чӣ бошад? Пагоҳ рӯзи бозор не, ки бозорчиҳо ин қадар барвақт сафар кунанд. Ба ҳар ҳол овозу гуфта рафтанҳояшон рӯзи ғазоро монад. Ин ғалоғула даравгаронро безобита кард ва онҳо миёнҳои дарддидаашонро рост карда, ба он тараф гӯш андохтанд, вале чизеро сарфаҳм нарафтанд...

Баъди чанд муддат аз обкандҳои Роҳрав садои суми асп шунида шуд. Ба бадани даравгарон мурғак давид: кӣ меояд, барои чӣ меояд?

Ҳамин вақт шахси оянда сурфид, баъд:

— Амаки Ниёзбой! – як бор садо кард ӯ, ҷавоб надоданд. – Амаки Ниёзбой!!! – боз садо кард ӯ.

— Ҳӯ-ҳӯ-ҳӯ! – овозашро шинохта ва андаке дилпур ҷавоб гардонд пирамард, вале дилаш ба пушташ зад, ки ӯ беҳуда дар ин нимашабон наояд. Пирамард ҳанги пояш рафта, ғайри ихтиёру ирода нишаста монд.

— Амаки Ниёзбой! – наздиктар омада овоз баровард раис. Вале касе ҷавоб нагардонд.

Соро писар дар паҳлӯ дошта сарашро оғӯш мекард. Саврӣ ҳам сари Нозимро ба оғӯш гирифт.

— Чӣ гап, раис? – салому алейк ва мондаҳою боракаллоро ҳам фаромӯш карда, пеш баромада пурсид Искандари ланг. Вале ҳеҷ кас аз ҳоли Зулайхои шӯх хабар надошт. Ӯ танаи дарахти туте буд, ки шоху баргашро баҳри кирмак бурида, каллак карда бошанд. – Чӣ гап, раис? – ба таҳаммули ӯ тоқат накарда боз пурсид Искандари ланг.

— Ҳеҷ гап не, – нарм ва оҳиста ҷавоб дод раис. – Хуносоро дошта бурданд, Ин ғалоғулаи ҳамон.

— Кадом хуносоро? – пештар аз дигарон пурсид Искандари ланг.

— Хуносои Дашти Қозиро.

Ҳама баробар нафаси чуқур кашиданд.

— Писарам, дигар ин хел новақт набиё, – ларзаи баданаш монда ба гап даромад Бобои Ниёз.

— Барои чӣ, амак?

— Мо дилгазон шудагӣ, баччем.

— Чӣ кор кунам, амак? Шумо ин ҷо шабу рӯз миён шиканеду ман хоб кунам... Ҳозир дар саросари олам ҷанг, амак...

— Ҳа, баччем, мефаҳмам, инро ҳама медонанд...

Ҷовид як зайл ба асп нигоҳ мекард. Аз вақти омадани раис то ҳоло касе нафаҳмад, ки чаро ӯ ин қадар ба асп нигарад. Ҷовид аввал чӯгурро дида чандон аҳамият надод, баъд худ аз худ аз дидааш ашк ҷорӣ шуд. Чӯгур ҳам ӯро шинохта, ду-се кишна кард. Баъд ба назари писарак расид, ки аз чашми асп ҳам ашк рехт. Вале ин чизро касе надид. Ҷовид ашки чашмашро аз чашми ҳама пинҳон дошт, ҳатто худро каме дар паноҳи Саврӣ кашид, то чашми Ҳабиба ба чашмаш наафтад. Чун раис ба асп савор шуда шабгир ба деҳа рафтанӣ шуд, Ҷовид аз байни ҳама ҷудо шуда, ҷониби ӯ тохт:

— Амак! Амак!

Раис лаҷоми аспашро кашид. Соро ҳайрон буд, ки писараш ба раис чӣ гап дошта бошад.

Ҷовид мисли марди калон, лаҷоми аспи раисро дошта, хомӯш истод.

— Чӣ мегӯӣ, Ҷовид? – каме майл карда пурсид раис.

— Ҳеҷ чиз не, амак... агар ягон кас ёфт нашавад, иҷозат диҳед, ман рафта ҷувозро гардон кунам...

## 19

— Ту чаро дар назди мардум бо ман гап зада наметавонӣ, Ҳабиба?

— Гӯё ки ту ин чизро намедонӣ.

— Ман нигоҳ мекунаму нигоҳ мекунам, ҳеҷ не, ки ягон бор нигоҳи чашмони туро дарёбам.

— Баракс, Ҷовид, ман ки нигоҳ кардам, ту чашматро бигурезонӣ. Қариб дарав накарда, ба ту менигарам.

— Ин гапат нодуруст, Ҳабиба, аз нигоҳ кардан дар чашмам кӯк намонд...

— Нигоҳ накуну зинда бош... Ҷовид!

— Ҳа!

— Дина ба раис чӣ гуфтӣ, ки сарашро хам карда рафт?

— Ҳез чиз, Ҳабиба. Гуфтам, ки агар падарам намемурд...

— Чаро хомӯш шудӣ? Агар падарат намемурд...

— Падарам намемурд, ба хонаи шумо мерафт...

— Ба хонаи раис?

— Не, ба хонаи шумо?

Ҳабиба ҳайрон монда, китф дарҳам кашид.

— Хайр... Баъд чӣ мешуд?

— Ту кӯдак, намефаҳмӣ, а?

— Ба ростӣ, нафаҳмидам, Ҷовид.

— Нафаҳмидӣ... Падари ман ба хонаи шумо мерафт, худаш танҳо не, бо чанд кас, албатта, баъд падари ту ягои ҷавоб медод, ё хурсанд бармегашт ва ё хафа...

— Хайр, падарам биёяд, худат омадан гир. Ҷовид, ту медонӣку, ӯ чӣ хел одами нағз... Агар падарам биёяд, ман ба ту дигар хел гап мезанам... тамоман дигар хел.

— Чӣ хел – дигар хел?

— Ҳоло ин гапро гуфтан мумкин не, Ҷовид, вагарна мегуфтам... Падарам биёяд, модари ту сиёҳашро партояд, баъд мегӯям...

— Модари ман дигар сиёҳашро намепартояд, ту медонӣ, ки модарам чӣ хел падарамро дӯст медошт, не, намедонӣ, Ҳабиба... Ба назарам, дигар дар олам ҳеҷ кас ба зайли ӯ шавҳарашро дӯст дошта натавонад...

— Не, Ҷовид, дӯст медоштагиҳо бисёру мо намедонем.

— Шояд, – гуфт ва мисли одамони калон ба андеша рафт.

Дар ин миён Ҳабиба гирду атрофро аз назар гузаронд, ки ҳамроҳон ба онҳо чӣ мегуфта бошанд. Ба онҳо нигоҳ карду аз дил гузаронд, ки албатта мазаммат кунанд: зеро ин ду ҷавони кӯтоҳақл давру замонро нафаҳмида ва шарм накарда дар паси бандҳо руст шуда ишқварзӣ доранд. «Агар фақат ҳамин қадар гӯянд, дарди бахайр, – аз дил гузаронд Ҳабиба ва ба Ҷовид нигариста боз мулоҳиза кард: – онҳо дигар фикр кунанд: фикр кунанд, ки ману Ҷовид...»

— Чӣ? – магар духтар андешаашро баландтар гуфт, ки Ҷовид фаҳмида парешон шуд. – Чӣ гуфтӣ, Ҳабиба?

— Падарам сиҳату саломат аз ҷанг баргардад, мегӯям, ки холаи Сороро гир, то на Ҷовид хор шаваду на ман...

Ҷовид тапиши дилашро ҳис карда, бедор шуд. Як-як ҳама хобидагонро аз назар гузаронд. Ба Ҳабиба бисёртар нигарист. Гумонаш, Ҳабиба айнан мисли ӯ хоб дида, ин қиссаро донад ва ҳоло аз шарм сар бардошта натавонад. Ҳабиба масти хоб. Ҷовид баргашта хоб нарафт. Балки сар хам карда ба андеша рафт: «Чаро ин савдо ба сари ман омад, аз куҷо? Ҳа, айби холаи Саврӣ» гуфт ӯ ва баргашта ба Саврии дар паҳлӯи чапаш хобида нигарист...

— Ҳа, Ҷовид, чӣ шуд? Чаро хестӣ? – Саврӣ парида бедор шудани ӯро дида буд, вале гап назад, ки ӯ хоболуд аст.

— Ташна мондам, – ҷавоб дод Ҷовид ва бархост, то аз кӯза об хӯрад.

Ҷовид об хӯрда омада боз сари ҷогаҳ нишаст.

«— Холаи Саврӣ, ин сарбориро ба сари ман аз куҷо овардӣ? Кӯфти рӯзона бас набуд, ки боз шабҳо бедорхобӣ мекашам?» – Дар ин масъала аз Саврӣ домангир шуда чунин гуфтанӣ буд, вале боз забон хоид. Забон хоид, ки ин занакро ранҷондан ба ҳеҷ ваҷҳ мумкин нест, зеро ягона касе, ки ӯ дӯст дорад, ҳамин кас аст, вале надонад, ки барои чӣ? Ва нахоҳад, ки ба ҷои ин зан дар дилаш Ҳабиба ҷой гирад. Ҳатто вақте, ки шабҳо ӯ миёни модарашу Саврӣ хоб кунад, нахоҳад, ки пушташро ба якеи онҳо гардонад: рӯболо хоб кунад, барои ҳамин хобҳои зиёд бинад.

## 20

Имрӯз Ҷовид Ҳабибаро дид: гӯё ӯ дидаю диниста аз Ҷовид нагурехт. Баръакс, саргираки сурхро нимбар зада, пушти сар андохта буд ва бари рӯи чапаш ба Ҷовид намуд, лекин дуртар буд: дар байн модараш, бобои Ниёз, ду занак, боз як каси дигар, баъд Ҳабиба, дарав мекарданд. Ҷовид хаёле бари рӯи ӯро дид, ки сафеди камхун тофт. Барои он ки хубтар бинад, тез-тез дарав карда пеш гузашт ва қоматашро рост карда сӯяш нигарист. Ӯ дарзаашро болои бандина гузошт ва пай набурд, ки Ҷовид нигоҳ дорад. Ба назари Ҷовид Ҳабиба хеле шикастадил тофт. «Барои он ки ман ӯро ранҷондам, – аз дил гузаронд Ҷовид, – не, ӯ падарашро ёд кардааст».

— Саврӣ! Соро! – хаёли Ҷовидро пароканда кард Зулайхо.

— Ҳа! – баробар овоз бароварда рӯ ба занак оварданд.

— Бегоҳ ба деҳа намеравед?

— Не. – Боз баробар ҷавоб доданд онҳо, баъд Саврӣ илова кард. – Як рӯз, ду рӯзи дигар монд.

Ва ин гап ба Ҷовид аламангез расид. Беихтиёр ҷониби Ҳабиба нигарист, ки рӯзҳои башумор мондааст ва ҳамин ки дарав тамом шуд, дигар онҳо ҳамдигарро намебинанд. Ва ӯ бояд бисёртар ба духтарак нигарад. «Саргиракатро тамоман гирифта партой-чӣ,

Ҳабиба? Ман аз дидори ту сер шудан хоҳам...» дар майна такрор кунад ӯ, вале гуфта натавонад. Тамоми рӯз ӯ фикр кунад, худ ба худ гап занад: дар нонхӯрак ҳам, вақти дамгирӣ ҳам, гоҳи хоб ҳам: «Ҳабиба, Ҳабиба, Ҳабиба!».

Соро баъзан рамуз гирифта ба писараш нигарад, ӯ мисли марди рӯзгордор андешаманд намояд. Гӯё бори гарони рӯзгор ба дӯши ӯ афтида ва фикри зиёди ӯ аз ҳамин ваҷҳ аст. Ҷовид ҳамин сол қад кашидааст. Ба рӯяш доначаҳо пайдо шуда, худ аз худ боз зери пӯст ғайб зананд. «Мизоҷи писарак гарм, гармо нафорад» гӯянд. Аз ин гап Ҷовид шарм кунад ва боз дуздида ба Ҳабиба нигарад, ки ба ин гап аҳамият диҳад ё на? Ҳабиба бепарво, ҳама гапҳои дар хоб гуфтааш дурӯғ барин ва ин рафтораш дуд аз димоғи Ҷовид барорад. Баъзан ӯ чунон дарғазаб шавад, ки дандон соида чӣ гуфтанро надонад. Мехоҳад фарёд занад, то Ҳабиба ба ӯ нигоҳ кунад ва баъд гапашро гӯяд, лек аз мардум шарм кунад. Ҷовид хоҳад, ки аз дарави Роҳрав нарафта, матлабро ба Ҳабиба фаҳмонад, зеро баъде ки ба хонаҳо ҷо шуданд, худо донад, ки боре ӯро бинад ё на.

— Холаи Саврӣ! – якбора ба ин тараф рӯ овард ӯ, вале занак ҷавоб надод. – Холаи Саврӣ!

— Чӣ мегӯӣ, Ҷовид?

— Дарав тамом мешавад-а?

— Тамом мешавад.

— Боз чӣ кор мемонад?

— Бекор намемонӣ, Ҷовид, кор ёфт мешавад.

— Мегӯям, ки кор набошад, ҳамаамон досҳоямонро тез карда ба ҷанг равем.

— Ҷанг кори ману ту не, Ҷовид.

— Рафтан даркор, холаи Саврӣ, ҳеҷ набошад, амаки Аюбро мебинем, ана вай духтарак падарашро мебинад...

— Кадом духтарак? – гӯлпурсӣ кард Саврӣ.

— Ҳабиба.

Саврӣ як ба ӯ нигарист, вале ҳеҷ чиз нагуфта боз ба дарав хам шуд.

Аз ин рафтори Саврӣ Ҷовид хиҷолат кашид. Хост ба Саврӣ фаҳмонад, ки ин гапро аз дили соф гуфт. Вале Саврӣ ба гапи ӯ эътиборе надода ба дарав хам шуд. Ҷовид ҳам ноилоҷ ба дарав даромад. Банди фикру хаёл буд, ки чаро ин гапро ба Саврӣ гуфт. Намегуфт, беҳтар буд. Намегуфт, ки Ҳабиба ҳамроҳ равад, беҳтар буд. «Саврӣ барои ҳамин хафа шуд» аз дил гузаронд Ҷовид. Вале воқеае, ки ин бегоҳ ба вуқӯъ омад, тамоми фикру зикри ӯро парешон кард...

Офтоб парида, танҳо дар теғаи баланди кӯҳи Гаҳвора зардиаш боқӣ монда буд. Зулайхо ба хараш савор шуд, ки деҳа рафта, па-

гоҳ сари субҳ баргардад. Чун ӯ бо пайраҳаи Роҳрав нишеб шуд, аз пеш аспсавор баромада ӯро боздошт. Зулайхо аз хар фаромад. Савори ношинос низ аз аспаш фаромада, чашми хӯрҷинро хабар гирифт. Аз афти кор, чизи хостаашро наёфт, ки ба худи занак наздик шуда, бадани ӯро хабар гирифтан хост. Маълум буд, ки Зулайхо аз он мард ҳаросида худро ақиб кашид.

«Ҳӯ-ҳӯ-ҳӯй!» дастро ба пешонӣ соябон карда ҷониби онҳо овоз баровард Бобои Ниёз. «Нарас! О-о-о, нарас, кадомӣ? Нарас!»

Зулайхо мардакро ба худ наздик намонда, ба замин нишаст. Он мардак болои сари занак рост истода, даст афшонда дӯғ мезад.

— Ҷовид, ку дартоз рафта бин, он мардак кист ва аз ӯ чӣ хоҳад? – фармуд Бобои Ниёз.

— Мардак кӣ мешуд? Ё табелчӣ ва ё бригадир, – ба пирамард ҷавоб дод касе.

— Амак, фарёд кунед, ки даст нарасонад! – аз Бобои Ниёз хоҳиш кард Саврӣ.

Вале ҳамин вақт байни Зулайхою он мард моҷарое шуд. Мардак аввал хеле гуфт: аз афташ, гап таъсир накард, ки бо зӯрӣ аз миёни Зулайхо чизеро дошта кашид. Зулайхо ӯро тела дода бархост ва бо ҷаҳлу ғазаб аз миёнаш як рӯймоли мисли остинча дӯхтаро кушода ҷониби мардак ҳаво дод. Мардак бо тамоми овоз ба ӯ гапҳои сахт мегуфт. Садои ӯро бод меовард, вале суханҳояш бурро ва шунаво набуданд. Зулайхо хеле дастак зада, чандин бор ба замин шишта хест ва ба мардак чиҳое ки гуфт. Мардакро даравгарон шинохта «Ин кори ҳавай-бригадир» гуфтанд,

Мардак ба асп савор шуда, бо ҷаҳлу ғазаб деҳаро нишон дода ба Зулайхо чизе гуфт.

Савор як чизи сурхро кашол дошта сӯи даравгарон лаҷом тофт. Табелчӣ будааст. Ӯ омад-омаду латтаи сурхи алочаро, ки мисли остинча кашол дошта буд, сӯи даравгарон ҳаво дод.

— Чӣ истеза мекунӣ? – аламангез аз хашмолуд гуфт Бобои Ниёз.

— Худатон бинед! – халтаи остинчашакли дар замин кафида ва гандумаш рехтаро нишон дода гуфт ӯ.

— Бе нимхӯрд гандум колхоз афтида намемонад.

— Ҳар кадом нимхӯрдӣ баранд...

— Либоси ҳамаро бо як олчин набур, – боз аз номи ҳама ҷавоб дод Бобои Ниёз. – Пурсидӣ, ки барои чӣ ин корро кардааст?

— Пурсидам... Ҳозир баччаи кӣ гушна не. Кӣ нахоҳад, ки як каф гандум пасандоз дошта бошад.

— Яке пасандозро фикр кунад, дигаре бурдае нонро, – гуфт Бобои Ниёз, вале дигарон аз ин рафтори табелчӣ ҳайрон, рост-рост меистоданд.

Магар табелчӣ ба нигоҳҳои тунду тези онҳо тоб оварда натавонист, ки лаҷоми аспашро гардонд...

## 21

Фардо дарав тамом шавад. Вале барои Ҷовид ногувор тобад. Ӯ хоҳад, ки тамоми рӯи олам гандумзор бошад, то ӯ дарав кунаду дарав кунад ва ҳеҷ тамом нашавад. Ҷовид барои он чунин ният кунад, ки агар дарав тамом шавад, Ҳабибаро дигар набинад. Ҳарчанд ӯ касе надорад, бо вуҷуди он диданаш... Шояд, танҳо гуфта, ӯро холааш ҳамроҳ гирад. Ӯ низ дардманд. Агар бори гарон нагӯяд, мегирад. «Беҳтараш, ки ба хонаи Саврӣ ояд» – аз фикр гузаронад Ҷовид. Вале ин нияташро ба касе гуфта натавонад... Ҷовид бисёр фикр кард ва сараш ба дард омад. Ҳатто ҳамон зайл хобаш бурд. Дар хобаш Ҳабибаро надид, ки ба ӯ маслиҳат диҳад. Сорою Саврӣ гумон карданд, ки Ҷовидро офтоб задааст, барои ҳамин сараш дард кунад. Аммо Ҷовид гумонаш, ки дард кардани сараш ба фоидаи ӯст: Ҳабиба омада ӯро мепурсад ва «сарат дард накунад» мегӯяд. Вале Ҳабиба ҳатто дар хобаш ҳам наомад. Пагоҳи дигар Ҷовид бедор шуда ситораҳоро тамошо кард ва ситораҳои зебо, равшан, муҷалло ва чашмрабо паймонаи орзуҳои ӯро шикастанд. «Ҳабиба ҳам мисли ҳамин ситораҳо тоза ва дастнорас» боз аз хаёл гузаронд ӯ ва ба хулосае омад, ки ин ҳама хобу хоббиниҳо ба об гӯяд...

Даравӣ охирин сар шуд. Ҷовид кӯшиш кард, ки Ҳабибаро як бор бинад. Хилват карда дарди дилашро гӯяд. Муяссар нашуд.

Тобаи охирини гандуми нодарав монд. Дили Ҷовид гуп-гуп зад, ки ана-ана қабзаи охиринро рӯи бандинаҳо гузоранд ва «Ур-р-а-а! Ҷанг тамом шуд, ғалаба!» гӯянд. Агар суханҳои Ҳабиба рост бошад, назди ӯ омада гӯяд, ки ҷанг тамом шуд, падарам меояд, мо ба хонаи шумо меравем...

«Урра» ҳам гуфтанд, бандҳоро ғарам карданд. Вале Ҳабиба ба ӯ нигоҳе ҳам накард. Дили Ҷовид таҳ зад. Илтиҷоомез ба Саврӣ нигарист, вале Саврии меҳрубон ҳам маънии нигоҳи ӯро нафаҳмид. Аз афти кор, садои «Урра»-и даравгарон ӯро парешон кард. Тамоми заҳматҳо поён ёфт. Ин садо нидои ғалаба буд. Акнун шавҳараш аз ҷанг баргашта меояд: шаб ё саҳар, вале надонад, ки оқибат чӣ шавад...

«Саракчинӣ!» фарёд зад бригадир Наврӯз ва садои ӯ мисли фармони ҳарбӣ расид: «Ба пеш!» Аранге хаёли Саврӣ парешон шуд. Чунон ки дигар яроқ лозим набошад, ҳама неши досҳо ба замин заданд. Ҷовид кӯзаи обро ба сар бардошт. Саврӣ обхӯрии ӯро дида ташнагиаш ба ёд омад: «Кӯзаро ба ман деҳ, Ҷовид!» Ҷовид кӯзаро ба ӯ дода як нигоҳ кард.

— Чӣ шудааст, Ҷовид? – аз нигоҳи ӯ маънӣ гирифта пурсид Саврӣ.

— Тамом, холаи Саврӣ!

— Чӣ? – кӯзаи ба лаб бурдаро пас оварда пурсид Саврӣ.

— Дарав, ҷанг. Боз...

— Боз чӣ?

— Боз... – Ҷовид гап наёфта ба ҷониби Ҳабиба нигарист. Ҳабиба сарак мечид...

— Ҷовид чӣ мегӯяд, Саврӣ? – аз он тарафи бандҳо фарёд зад Соро.

— Ҷавон-дия, тафсидааст, ҳалқаш қоқ шудааст.

— Ҳа-а, – гуфт Соро, вале ба ишораи Саврӣ сарфаҳм нарафта, ба замин хам шуд, то саракҳоро бардорад.

Ҳама ба саракчинӣ даромаданд. Онҳо сатил, сабад, табақ ва халтачаҳо доштанд, хӯшаҳои афтидаро ҷамъ меоварданд, вале Ҷовид саракҳоро дар кафи дасти чапаш ҷамъ мекард. Кафаш ки пур шуд, ба сатили Саврӣ меандохт, ба сабади дасти модар мепартофт ва бисёр мехост, ки як бор кафашро пур-пури сарак карда ба халтаи Ҳабиба андозад: «Ҳабиба, имрӯз – охирин рӯз, а? Мо дигар ҳамдигарро намебинем, а?» Дар дил такрор мекунад Ҷовид, то ба Ҳабиба гӯяд, вале натавонад. Қоматашро рост карда, вақти хам шудан ба ӯ нигарад. Вале Ҳабиба ба худ гирифтор аст. Ҷовид тез-тез сарак чида пеш равад, ба паҳлӯҳо гузарад, то ба Ҳабиба наздик шавад, фурсат ёфта, ягон даҳон гап занад. Гапаш ҳама вақт дар нӯги забон гардад, вале гуфта натавонад. Ба назараш, дар даст як зарфи зебои чинӣ дорад: чун забони сухан кушояд, аз даст афтида шиканад. Кафи дасти чапи ӯ пур аз сарак шудааст, дона-дона шорида афтад, вале ӯ ба зарфи ягон кас наандозад. Ҷовид дасти чапашро ба банди дилаш пахш кард, то нарезондаю нашоронда то назди Ҳабиба равад. Гашта-гашта рафт. Наздик шуд. Ду-се ба ӯ нигарист. Гап задан хост, вале натавонад. Дилаш тапида гӯё то гулӯяш омад. Баъд худро гум карда ба кулӯхе пешпо хӯрд ва саракҳо ба замин рехтанд.

Ҳабиба ба ӯ нигарист.

— Айби шумо, – ба нигоҳи Ҳабиба ҷавоб гуфт ӯ.

— Чӣ хел айби ман?

— Халтаатонро надоштед, ки...

— Ҳа, Ҷовид? – фарёд зад Саврӣ.

— Рехт! – ҷавоб дод Ҷовид ва дар ҳамин лаҳза барои халал расонданаш Саврӣ ба назари ӯ шум намуд. Ҳабиба худро қафотар кашид.

— Нагурезед акнун, – боз ба Ҳабиба рӯ овард Ҷовид.

Ҳабиба як ба Соро ва баъд ба Саврӣ нигариста то саракҳои рехтаро чидани Ҷовид ба ӯ наздик шуд.

— Наход, ки дарав тамом шуда бошад? – маънидор пурсид Ҷовид.

— Ҳа, тамом шуд, – гуфт духтар, вале нафаҳмид, ки бо ин гапаш ба Ҷовид сахт гуфт.

Ҷовид хост ба ӯ гапи бисёр гӯяд, вале натавонист. Ҷуръати ба кор нарафтаи ӯ имкон надод, то муддао арз кунад. Мисли касе, ки аввалин бор ба боғи бегонае барои дуздӣ даромада бошад, дилаш бозӣ кард ва дасту пояш ларзид. Ҷовид аз муҳаббат гап кушоданро раво надид ва якбора ба сараш чунин гап омад:

— Мегӯянд, ки ҷанг тамом шудааст.

— Кӣ мегӯяд?

— Калонҳо.

Ҳабиба ба чашмони Ҷовид нигоҳ карда монд. Бадани Ҷовид ларзид. Ӯ ба ғуруби офтоб нигарист, чашми офтоб хунин буд.

## 22

Агар имрӯз роҳгузаре миёни деҳро мегузашт, медид, ки тамоми занҳои деҳа барои ҷомашӯӣ сари Нови Осиёб баромадаанд. Дуру наздик болои оташдонҳои сангӣ дег гузошта либос меҷӯшонданд. Дуди чалмаю саргин каҷу рост тоб хӯрда ба фазо мебаромад. Касе, ки аз лаби теппаи баланди канори деҳа мушоҳида мекард, меангошт, ки моҳигирон ҷо-ҷо лаби обе, ки осиёбро мегардонд, моҳӣ бирён кунанд. Занҳо, занҳое, ки дирӯз аз дарав баргашта буданд, либос мешустанд. Соро аз об парида он тараф дар буни харсанг оташдон сохта, аз канори он дур намерафт. Ӯ худро эҳтиёт карда, печида менишаст. Дурусташ, шинели Шайдоро пӯшида буд. Мӯякҳои он бадани лучи ӯро мехӯрд. Вале ӯ тоқат карда, либосҳо болои санг монда, бо кӯба мекӯфт ва ба об кашида боз ба дег меандохт. Шояд аз сабаби набудани собун чунин рафтор мекард. Соро дар лаби об нишаста дам ба дам бо барҳои шинел худро мепечид, вале барҳои шинел ба атроф шорида ронҳои ӯро пинҳон дошта наметавонистанд. Ӯ бари шинелро гардонда ба хами зону пахш мекард, то соқу ронҳои бараҳнааш пӯшида шавад. Чун хестанӣ ва ё либосҳои шустаро сари гулхорҳо офтоб карданӣ шуд, аввал атрофро аз назар мегузаронд, то ягон кас набошад. Соро аввал куртаю поҷомаи худро шуста ба офтоб паҳн кард ва чун намаш парид, пӯшида, шинелро таҳ карда сари санг гузошт ва қоматашро рост карда ҳама ҷоро бадиққат аз назар гузаронд. Ба ҷуз духтарон ва занҳои ҷомашӯй касе нанамуд. Баъд боз ба оташи таги дег саргин гузошта, андаке ба сукут рафт. Чанд қадам поён садои оби шовахона меомад. «Осиёб бебор мондааст» аз дил гузаронд ӯ ва фикр кард, ки саракҳои дирӯза чидаашон, ки

раису оқсақол барои гирифтанаш иҷозат доданд, пагоҳ осиёбро гардон хоҳад кард...

Болотар духтараке фарёд зада ба ҷояш нишаст ва бо бари ҷомаи мардона худро печида пойҳои бараҳнаашро панаҳ кардан хост. Баъд ба сӯи адир нигариста «Ӯро бинед, ӯро бинед, апаи Соро!» гуфтан гирифт. Соро ба бари адир нигарист, ки Мӯсохон... сари санг нишаста дандон гиз карда сӯи онҳо менигарад.

— Гум шав аз ин ҷо, девона! – фарёд зад духтар.

Писарак гӯё ки бо дандонҳояш гапи ӯро мешунида бошад, лабонашро аз ҳам дур карда, дандон намуд.

— Айбро намедонӣ, мардак шуда истодаӣ... – гап наёфта чунин гуфт Соро.

Ҳамин вақт осиёбон ба сари шовахона ҳозир шуд.

— Ҳӣ-ҳӣ! – боз хандид Мӯсохон.

— Гум мешавӣ, ё ҳамон ҷо баромада лингатро аз осмон биёрам? – дӯғ зад Зулайхо.

— Чулулунг-чулулунг-чулулунг!

— Исто! Ин падарлаънати адабчӯбнадидаро чӯб занам! – як ба сӯи адир майли баромадан кард Соро.

Мӯсохон боз ҳам аз ҷояш наҷунбид.

— Мӯсохон, шумо бисёр баччаи нағз, канӣ аз ин ҷо зудтар дафъ шавед! – ҳазлро ин зайл гардонд Зулайхо, – Ҳо, шери холеш.

— Ҳӣ-ҳӣ!

— Ҳӣ-ҳӣ нагуфта зудтар равед-чӣ?

— Ҳӣ-ҳӣ!

— Ҳа, ҳӣ-ҳӣ. Канӣ!

Мӯсохон гаранг шуда монд. Нафаҳмид, ки занҳо чӣ мегӯянд.

Осиёбон ба сари шовахона ҳозир шуд, ки обро ба сӯи осиёб гардонад. Ӯ сари хамашро боло накарда обро гардонда рафт. Вале Мӯсохон ҳоло ҳам сари санг менишаст. Соро дид, ки ба гап намешавад, як осӯхтаро аз таги дег кашида сӯи ӯ рафт. Ӯ бархоста болотар баромад ва боз нишаст.

— Мон, Соро, чашми вай чиро кам мекунад! – гуфт Зулайхо.

Саврӣ набуд, ки Мӯсохонро гап зада аз он ҷо ронад. Ба дуою таҳқири Соро ӯ эътиборе надод. Занҳо баробар «рафта падаратро меорем» гуфта, ӯро аз бари адир ронданд.

Соро либосҳоро аз офтоб гирифта, таҳ карда-таҳ карда болои шинел гузошт ва дегро аз сари оташдон фароварда парӯ кард. Баъд либосҳоро ба сар бардошта сӯи хона рафт.

Ҷовид ҳам дар ҷомаи ҷанда печида буд. Модараш куртаю эзори ӯро дода «Андактар рафта дегро биёр» гуфт.

Ҷовид ба хона даромада либосашро пӯшид ва як дил кард, ки назди Ҳабиба равад. Ҳатто як рӯяшро ба ҷониби модараш

гардонд, ки пурсад: Ҳабиба ҳам Сари Нов рафта буд ё не? Раво надид. Дигар чиз пурсид:

— Холаи Саврӣ ҳам буд? Вай ҳам буд?

— Кӣ?

— Вай... Холаи Саврӣ, – Ҳабибаро дар назар дошта буд, вале гуфта натавонист.

— Не...

Соро шинелро таҳ кард, ки зери сараш монда андаке бароҳат дам гирад ва ба хаёлаш чӣ ва ё кӣ омад, ки аз лаби шинел дошта қоматашро рост кард.

— Ҷовид!

— А?

— Ин ҷо биё!

Ҷовид ба модараш наздик шуд. Соро гап назада шинелро ба китфи писараш партофт ва остину бари ҷомаашро қат карда гуфт: «Ҳамин қадараш бас».

— Не, оча, шинелро кӯтоҳ накун, ман калон мешавам.

Шинел аз дасти Соро афтид ва ӯ «Ба қаду бастат очат мурад!» гуфта сари ӯро оғӯш кард.

## 23

Соро шинелро кӯтоҳ накард, балки остини онро бар зад ва лаби доманашро дарун қат карда дӯхт. Ва ба худ гуфт, ки зимистони писарашро мебарорад. Ҷовид ба қату лабҳои халтаи шинел кор надошт. Танаш пӯшида шавад, шуд. Замонаро ҳама донанд. Касе нахандад, ки шумо чӣ мепӯшед. Ҳар кас ёфтаашро пӯшад. Ҳар кас доштаашро хӯрад. Ҳоло ҳаво гарм, хуни Ҷовид меҷӯшад, бе шинел ҳам мешавад. Кори зиёд надорад. Дар бораи Ҳабиба бисёр фикр мекунад, вале худи ӯро дучор намеояд, ҳатто дар хобаш ҳам намебинад. Саврӣ ҳам наменамояд, ки аз ӯ маслиҳат гирад. Аз хонаи ӯ рафтан ибо мекунад. Аз гапи мардум тарсад. Пештара барин ба Саврӣ печон мебуд, ҳоло худи занак чандин бор хабар мегирифт. Чӣ шуд, ки одами он қадар ҳурмату эҳтиром карда якбора худро дур гирифт. Вале имрӯз гуноҳашро ёд овард, боз Савриро пазмон шуд. Охир, ягона касе, ки хатро гирифта хонда, аз Аюб огоҳ шуда буд, ҳамин Ҷовид аст.

— Чаро хоб намекунӣ, Ҷовид? – паҳлӯ гашта пичир-пичир кардани писарашро пай бурда пурсид Соро.

— Оча! – ба ҷои ҷавоб садо баровард Ҷовид.

— Ҳа!

— Яке амаки Аюб наояд, баъд холаи Саврӣ чӣ кор мекунад?

Соро надонист ба ӯ чӣ ҷавоб диҳад. Хомӯш монд ва пас аз муддатҳо гуфт:

— Меояд, писарам, ғам нахӯр.

— Яке наояд?..

— Саврӣ нигоҳ карда мешинад, то омаданаш нигоҳ карда мешинад.

Ҷовид надонист, ки ба гапи ӯ чӣ ҷавоб диҳад. Гапро ба дигар тараф гардонд:

— Падари Ҳабиба чӣ, оча?

— Чӣ хел падари Ҳабиба?

— Агар аз ҷанг биёяд, ӯ ҳам нигоҳ карда мешинад?

— Не, баччем, мардҳо чени занҳо пурбардор нестанд. Падари Ҳабиба биёяд, ягон касро ба занӣ мегирад.

— Ман ҳеҷ гоҳ зан намегирам, оча, фақат туро бонӣ мекунам.

Соро гап назад. Ҷовид умедвор буд, ки модараш ба ин гапи ӯ ягон чиз мегӯяд, вале Соро ба хаёл рафт.

— Оча!

— Ҳа!

— Чаро ягон бор Ҳабибаро ба хона биё намегӯӣ?

— Охир, ӯ бегона гуфта, ба хонаи мо намеояд.

— Чӣ хел бегона? Бегона не... баъд ӯ танҳо?

— Ба хонаи холааш меравад.

— Кадом холааш?

— Зани Абдул чӣ, очаи Мӯсохон.

Ҷовид андаке хомӯш монд. Соро гумон кард, ки хоби ӯ бурд. Як оҳи вазнин кашид.

— Оча!

— Ҳа!

— Чаро ҳама ба хонаи онҳо мераванд?

— Кӣ ҳама?

— Холаи Саврӣ ҳам, Ҳабиба ҳам...

— Хешутаборӣ, баччем. Акнун хоб рав.

Ҷовид дам ба дарун кашид, лекин хобаш набурд. Паҳлӯ зад, нафаси дароз баровард, пойҳояшро ҷамъ кард. Соро ҳам худро ба хоб андохта рафтори писарашро мушоҳида кард. Ва пас аз хеле вақт садои дароз-дароз нафас кашидани Ҷовид баромад ва модар баҳузур хоб кард.

— «Оча!

«— Ҳа!»

«— Ҳабибаро ба хона биё нагуфтӣ?»

«— Гуфтам, наёмад».

«— Чӣ хел наёмад?»

«— Ҳамин хел, зани Абдул намемонад. Худаш келин карданист».

«— Ба кӣ?»

«— Ба писараш».

«— Ба Мӯсохон?»

«— Ҳа!»

«— Худи Ҳабиба мехостааст?»

«— Ҳабиба дастнигар, баччем. Ҳозир холааш бароварда пеш кунад, куҷо меравад?».

«— Гӯй, ба хонаи мо биёяд, оча!»

«— Намебиёяд, баччем».

«— Хайр, ба хонаи холаи Саврӣ».

«— Ба он ҷо рафтанаш мумкин...»

«— Оча, ту маро фиреб медиҳӣ».

«— Барои чӣ баччаи худамро фиреб кунам?»

«— Ту намехоҳӣ, ки Ҳабиба ба хонаи мо биёяд?»

«— Ту хоҳӣ, ҳозир меравам, лекин ӯ намеояд».

«— Як бор рав, ҳамроҳи холаи Саврӣ рав, Наояд, гила не».

Соро аз дар баромад.

Ҷовид ин қадар зуд баргаштани ӯро чашмдор набуд. Ҷовид ҳанӯз барнахеста ӯ баргашт.

«— Ҳа, оча? Ин қадар зуд баргаштӣ?».

«— Нагуфтам, ки ӯ ба хонаи мо намеояд!»

«— Ту нарафтаӣ, оча».

«— Рафтам, баччем, Савриро ҳам дидам. Гуфт, ки имшаб тӯй мешавад. Дидӣ, одамҳо чӣ кор мекунанд. Ғами ҷаҳон надоранд».

«— Дурӯғ нагӯ, оча. Ҳабиба ба ун девона намерасад!».

«— Расидааст, баччем. Агар ҳамин шаб тӯй нашавад, маълум ки дурӯғ будааст».

«— Илоҳӣ, оташаш дар нагирад!».

Садои «ёр-ёр» омад. Ҷовид ба кӯчаи калон баромад. Марде ҷилави асп мекашид. Ҷавоне бар зин буд ва Ҳабиба дар пушти ӯ савори асп. Ҷовид ҳарчанд бадиққат нигарист, ҷавонро нашинохт. «Охир, Ҳабиба бародар надорад, ӯ кӣ бошад, ки ӯро дар пушти аспаш гирифта мебарад?» аз дил гузаронд Ҷовид. «Рост будааст, гапи модарам рост будааст» гуфт ӯ ба худ ва дид, ки ҷилавкаш ҷилави аспро ба тангкӯчаи Абдул гардонд. Кӯдакон аспро гирд гирифта, суруди «ёр-ёр» хонда то назди дарвозаи Абдул рафтанд. Дарвозаи Абдул пастӣ кард. Арӯсро фаровbooarданд. Арӯсро худи Абдул аз болои асп фаровард. Баъд пиразане аз дасти ӯ дошта гирди оташ бурд. Ҷовид ҳам аз паси онҳо кашола шуда рафт. Ва дид. ки оташ забона мезанад. Ҳабиба дар партави оташ мисли арғувон тобад. Пиразан ду бор гирди оташ гардонд. Дар даври сеюм Ҳабиба пуршаст даст аз дасти пиразан кашида худро ба оташ зад. Ва баробари худро партофтан равған барин аланга гирифт. Ҳама давра гирифта рост меистоданд. Касе ҷуръат наме-

кард, ки ӯро аз оташ кашад, аз афташ, беилоҷ будани ин корро медонистанд.

Ҷовид тоб наоварда одамонро ба ду тараф тела дода ба мобайн даромад ва шинелро ба тан печонда, фарёд зад: «Ҳабиба! Ҳабиба! Ҳабиба-аа!!!» ва худро ба оташ андохт... Мисли он ки дар об ғарқ мешуда бошад, нафасгардон шуд: «Ҳа, ҳа, ҳа-ҳа, ҳам...» гуфт.

— Ҷовид! – фарёд зад Соро ва ӯ парида хест, – Чӣ шуд, писарам?

— Ҳеҷ чиз, оча,

— Хоб дидӣ?

— Не.

— Чаро фарёд задӣ?

— Фарёд назадаам, сӯхтам.

— Чӣ?!

— Дар оташ сӯхтам.

— Оташ чӣ ранг дошт?

— Лоларанг буд, оча.

— Худо хоҳад, ба муродат мерасӣ, писарам...

# МУНДАРИЧА

Ровии Амондара ........................................ 3

Аз муаллиф ........................................ 18

Занги аввал ........................................ 21

Санги сипар ........................................ 93

Буд, набуд ........................................ 201

Сабо ........................................ 301

Шинели падар ........................................ 387

**СОРБОН**

# КУЛЛИЁТ

Ҷилди I


Ғалатгир: ***Бӯрии Сармад***

Муҳаррири техникӣ: ***А. Мираҳмадов***

Тарроҳ: ***Ф. Раҳимов***

Ҳуруфчинон: ***Комёр ва Ардашед***

Ба матбаа 01.10.2009 супорида шуд. Ба чоп 09.12.2009 имзо шуд. Коғази офсетии №1. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Андозаи 84x108$^{1}/_{32}$. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 30,5. Адади нашр 200 нусха. Супориши №128/09.

Нашриёти «ЭҶОД».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: ejodfir@mail.ru.

**ISBN 978-99947-39-83-7**

9 789994 739837